**Саидмурод Самад Фаттоҳзода**
**Бахтиёр Ҳамдамов**
**Саидумрон Саидов**

***Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ДАВЛАТ, СИЁСАТ, ҶОМЕА

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд – 2018**

ББК 66.7
Ф – 65

**Саидмурод Самад Фаттоҳзода, Бахтиёр Ҳамдамов, Саидумрон Саидов. ДАВЛАТ, СИЁСАТ, ҶОМЕА.** – Хуҷанд: Ношир, 2018 – 616 саҳ.

Муҳаррирон:

**Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло,**
*доктори илмҳои таърих, профессор*

**Давлатзода Рухсора,**
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

Муқарриз:
**Бобоҷониён Раъно Маҳмудзода,**
*доктори илмҳои филология,профессор*

Мақолаҳои китоби мазкур ба масоили мубрами замон, аз ҷумла сиёсат, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт бахшида шудааст. Муаллифон дар нигоштаҳои худ кӯшиш кардаанд оид ба вазъи кунунии олам, фазои сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон, масъалаҳои мухталифи марбут ба зиндагии ҷомеаи муосир ибрози назар намоянд. Китоб барои сиёсатшиносон, муаррихон, хидматчиёни давлатӣ ва доираи васеи хонандагон муфид мебошад.

ISBN 978-99975-70-13-0

© Фаттоҳзода Саидмурод Самад,
Бахтиёр Ҳамдамов, Саидумрон Саидов, 2018

# КИТОБИ ХУДШИНОСӢ ВА ВАТАНДОРӢ

Китобе, ки алъон дар дасти Шумо қарор дорад, ба як маънӣ таърихномаи мухтасари даврони Истиқлолияти кишвари азизамон Тоҷикистон мебошад. Зеро он шомили мақолотест, ки муаллифонаш ба паҳлӯҳои мухталифи рӯзгори ҷомеа, воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, падидаҳои фарҳангиву ҳунарӣ эътибор дода аз дастовардҳои даврони Истиқлол, ҷонбозиву заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории навин, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар сухан кардаанд. Муаллифон кӯшиш кардаанд, ба масоили мубрами замон, равандҳои гуногуни ҷомеа дар заминаи таҳлилу таҳқиқи илмӣ холисона баҳо диҳанд ва дар баъзе мавórид фикру андеша ва пешниҳоду дархости хешро дар беҳдошти вазъ ё ҳалли масоили мубрам баён намоянд.

Дар қисми аввали китоб сию се мақолаи файласуф ва сиёсатшиноси маъруфи тоҷик Фаттоҳзода Саидмурод Самад ҷой дода шудааст, ки онҳо дар солҳои гуногун иншо шуда, аксари онҳо бо гузашти замон арзиши бештари илмӣ ва таърихӣ пайдо кардаанд. Нахустин бардошт аз мақолоти ин бахш он аст, ки муаллифи он аз оғози фаъолият то имрӯз дар мавриди баҳодиҳӣ ба равандҳои ҷомеа, таҳаввулоту тағйиротҳо мавқеаи мустаҳками ягона дорад ва назару андешааш ба масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равшану возеҳ ифода меёбад. Дар китоб мақолаҳое ҷой дода шудааст, ки ҳанӯз дар соли 1991 таълиф гардида, фикру

ақидаҳои ҷолибро фаро гирифтааст. Аз ҷумла, мақолаи "Демократия ё охлократия, ё худ чӣ гуна необлшевизм дар либоси демократҳо ҷилва дорад" фикру ақидаи муаллифро оид ба демократия, ислом ва необолшевизм равшан ифода менамояд. Муаллиф манзараи сиёсии ҷумҳуриро ба риштаи таҳқиқ кашида, воқеаву ҳодисаҳоро мӯшикофона таҳлил менамояд. Иқтибоси зерин дар мақолаи муаллиф аз назари фарох ва дурбинии сиёсии муаллиф дарак медиҳад: "Аристотели бузург дар китоби машҳураш бо номи Политиян (Сиёсат) овардааст, ки демократия бояд бо қонунҳо маҳдуд карда шавад, вагарна ба охлократия табдил меёбад. Агар демократия мазмуни ҳукмронии халқро дошта бошад, охлократия маънии ҳукмронии издиҳомро дорад. Қувваҳои сиёсии ҷумҳурӣ ва парлумон бояд ҳаминро дар назар дошта бошанд. Агар ҳар як қувваи сиёсӣ издиҳомро ба майдон барораду фикрашро гузаронад, дар он сурат охлократия мутлақ, яке аз шаклҳои хатарноктарини ҳокимият ҳукмрон хоҳад шуд. (с.18)

Як силсила мақолоти Фаттоҳзода Саидмурод ба фаъолияти пурсамари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст. Муаллиф бо тақозои вазифаи хеш бо ҷаҳони ботиниву афкору андешаҳои созандаи Сарвари давлат аз наздик ошност ва ин низ боис гардааст,ки муаллиф дар таҳлилу баррасии ин мавзӯъ ба таври шоиста дастёб гардад. Баъди зикри муҳимтарин дастовардҳои даврони Истиқлол, ки бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад, муаллиф ба хулосаи саҳеҳ мерасад: "Дар ҳақиқат Эмомалӣ Раҳмон қаҳрамон аст. Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеан барои халқ ва миллати мо хизматҳои бузурги таърихӣ карда, халқро аз парокандагӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз фурӯпошӣ наҷот додааст. Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ пояҳои давлатдорӣ,

заминаҳои низоми ҳуқуқӣ, нахустин Конститутсияи халқӣ қабул шуданд. Эҳёи арзишҳои динӣ ва миллӣ оғоз гардида, кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, истиқлолияти озуқаворӣ таъмин гашта, роҳи давлатдории Тоҷикистон ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ-дунявӣ ва ягона шурӯъ гардидааст (с.53)

Дар мақолаҳои дигари муаллиф масъалаҳои гуногуни ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ ва кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муаллиф аз нақшаву кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан карда, идомаи ислоҳот, таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ, дастгирии давлатии соҳа, таҷдиди инфаструктураи хоҷагиҳо, тавассути ворид намудани технологияҳои ҳозиразамони парваришу нигоҳубини зироатҳо, афзун намудани маҳсулот, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ мусоидат кардан ба рушди хоҷагиҳои деҳқониро аз иқдомҳои созандаи Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб медонад. Як силсила мақолаҳои дигари муаллиф ба проблемаҳои таъмини амнияти миллӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия, тиҷорати одамон ва монанди инҳо бахшида шуда,барои беҳдошти вазъият пешниҳодҳои ҷолиби ӯ баён шудааст.

Муаллиф ҳамчун муовини аввали Раиси ҲХДТ оид ба фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, мақому манзалат ва нақши он дар пешрафти ҷомеа силсилаи мақолаҳои ҷолиб иншо кардааст. Аз ҷумла, барномаи нави ҳизб: «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!»-ро шарҳу тавзеҳ дода, пешниҳодҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар самти сиёсати дохилӣ, ки аз нӯҳ самти афзалиятнок иборат аст баён месозад. Ин мақолаҳо роҳи пуршарафонаи ҳизбро, ки барои расидан ба ормонҳову ҳадафҳои олии

халқ тай кардааст, инъикос мекунад. Аз ҷумла муаллиф менависад, ки " Ҳадафҳои мо аз сиёсати бобарор ва хирадмандонаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд ва ҳизб тавассути ширкат дар рушди кишвар ба ҳар як сокини мамлакат шароити созгори зиндагӣ фароҳам меорад." Боиси зикр аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давоми мавҷудияти худ ба ин рисолати худ вафодор мондааст.

Ҳамин тариқ, мақолаҳои Фаттоҳзода Саидмурод Самад, маҷмуи афкору андеша бо таҳлилу таҳқиқи падидаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар буда, барои хонанда дар баробари манзури маълумотҳои таърихиву илмӣ, дар шинохти ҳақиқати таърихӣ роҳнамоӣ мекунад, эҳсоси худшиносии миллӣ ва ватандориро дар ниҳоди хонанда такон мебахшад.

Мақолаҳои бахши дуввуми китоб ба қалами адабиётшинос ва рӯзноманигори тоҷик, сардабири ҳафтавори "Минбари халқ" Бахтиёр Ҳамдамов тааллуқ дорад. Муаллиф дар нигоштаҳояш бештар ба таҳлилу баррасии авзои сиёсии ҷаҳон, сиёсати хориҷии кишвар, муносибатҳои байналхалқии Тоҷикистон, ҳамчунин масоили доғи ҷомеа, ки ислоҳи онҳо ногузир аст эътибор додааст. Бахтиёр Ҳамдамов ба воқеаву ҳодисаҳо, қазияву проблемаҳои мавҷуда назари хоси худро дорад ва хонандаро водор мекунад, ки сари он тафаккур намояд. Масоили ҳифзи марзу буми кишвар, тарбияи инсони ватандӯст ва дорои эҳсоси баланди худшиносии миллӣ ва давлатӣ, шинохти ҳақиқати зиндагӣ аз хасоиси умдаи мақолоти муаллиф ба ҳисоб меравад. Махсусан андешаҳои Бахтиёр Ҳамдамов дар мавриди падидаи номатлуби замон, паҳн ёфтани вабои аср-терроризм ва экстремизм дар қаламрави олам ҷолиб буда, барои пешгирии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ

пешниҳодҳои мушаххаси худро баён мекунанд.

Гоҳо ба хотири фош намудани ҳақиқат фаротар аз марзҳои муқарраршудаи рӯзноманигорӣ меравад, ки худ низ иқрор мешавад: "Банда сари навиштани ин мақола хеле андеша кардам. Агар бо рамзу ишораву маҷоз чизе бинависам шояд навиштаҳо боз норӯшан монанд. Агар ошкоро ҳарф занам мабод, ки ба сард кардани муносибатҳои дипломатӣ бо баъзе кишварҳо муттаҳам кунанд. Вале чи илоҷ, ки имрӯз дар сиёсати бузург забони дипломатия аз забони воқеъият ва ҳақиқат фарсаххо дур аст. Пас дуруст ин аст, ки аз ҳақиқат ҳарф занем… "

Мавсуф дар мақолаҳояш бо мисолҳои мушаххас дар мавриди шинохти қадри кишвар, обу хоки диёр дар дили хонанда тухми муҳаббати Ватанро мекорад. Чунончи дар мақолаи "Об агар садпора гардад..." баъди тасвири воқеаҳои сафар навиштаҳояшро ба тариқи зайл ҷамъбаст мекунад, ки ниҳоят муассир аст:

"Имрӯз вазъи иҷтимоии тоҷикони муҳоҷир хеле тағйир ёфтааст. Онҳо дигар Одинаву Дохунда ва ё Равшану Ҷамшуд нестанд. Дар ҷомеаи кишварҳои хориҷӣ соҳиби мақому мавқеи устувор шудаанд. Агарчи то ҳанӯз дар васоити ахбори оммаи Русия аз рӯи одати дерин онҳоро аробакашу кӯчарӯб меноманд, (Дар ВАО-и Русия як одат ҳокӣ аст, ки агар як образ дар сархати ахбори онҳо қарор гирад, ба осонӣ аз он даст намекашанд. Аз ин рӯ ақоиде мисли ин, ки тамоми укроиниҳо пайравони бандера, тамоми тоҷикон аробакаш ва тамоми аврупоиҳо бадхоҳи русҳоанд, пайваста ба зеҳни мардуми рус талқин мешавад. ) бахши азими тоҷикон шаҳрвандии Русияро гирифта, соҳиби мағозаву тарабхонаҳо шудаанд ва ҳатто дар сохторҳои гуногуни давлатии Федератсияи Русия фаъолият доранд. Теъдоде аз онҳо аз корҷӯ ба корфармо табдил ёфтаанд ва на танҳо тоҷикон, ҳатто муҳоҷирони миллатҳои дигар ва мардуми

бумиро низ бо кор таъмин мекунанд» (с. 350).

Ошноӣ бо мақолоти ин бахш ба хонанда дар баробари иттилооти муҳим ва мушаххас усули таҳқиқ ва таҳлили воқеоти сиёсиро меомӯзонад ва он дар ташаккули тафаккури нав замина мегузорад.

Дар бахши сеюми китоб мақолаҳои номзади илмҳои филология, адабиётшинос ва журналист Саидумрон Саидов ҷой дода шудааст. Як силсила мақолаҳои ин муаллиф ба таҳлилу баррасии китобҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла "Тоҷикон дар оини таърих . Аз ориён то Сомониён", "Чеҳраи мондагор" бахшида шудааст. Махсусан аз ҷониби муаллиф китоби "Чеҳраҳои мондагор" мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта арзиши ин китоб мушаххас баён мешавад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки китоби мазкур "Хонандаи тоҷикро бо таърихии воқеии миллати тоҷик, корномаву корнамоиҳо, шебу фарози таърих, мардонагӣ ва пойдории миллати мо ошно месозад. Нигоштаҳои Пешвои миллат, тасвири воқеаҳои тақдирсози таърихӣ, муқоисаву муқобалаҳо ва хулосаҳо ҳамчун сабақи пандомези таърихӣ барои имрӯзиён ва ояндагон арзиши баланд дорад. "

Муаллиф дар мақолоти дигараш оид ба мосоили мубрами рӯз аз ҷумла амнияти миллату кишвар, мақоми зиёиён дар ҷомеа, мавқеъ ва манзалати баъзе аз афроди фарҳехтаи кишвар, адабиёт ва фарҳанг бахшида шудааст.

Дар маҷмӯъ нашри китоби "Давлат, сиёсат ва ҷомеа" саривақтӣ буда,он метавонад нақши боризе дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандориву меҳанпарастӣ гузорад.

**Кароматулло Олимов,**
*академик*

# ФАТТОҲЗОДА САИДМУРОД САМАД

## ТАРҶУМАИ ҲОЛИ МУАЛЛИФ



Фаттоҳзода Саидмурод Самад, рӯзноманигор ва файласуф, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, доктори илмҳои фалсафа, муовини якуми раиси ҲХДТ.

Саидмурод Фаттоҳзода, 15-уми ноябри соли 1958 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Соли 1981 Донишгоҳи давлатии ба номи Ломоносови шаҳри Маскав ва соли 1991 Донишкадаи сиёсатшиносӣ ва идораи иҷтимоии Минскро бо ихтисосҳои журналист, ходими адабии рӯзнома, сиёсатшинос бо дипломи аъло хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиаш аз соли 1981 дар нашрияи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») ба ҳайси мухбир оғоз шудааст. Баъдан, ба хизмати ҳарбӣ даъват гардида, аз соли 1984 то соли 1986 дар сафҳои Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон хидмат кардааст. Солҳои 1987–1989 дар вазифаи мухбири калони рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони советӣ» кор кардааст.

Дар давоми солҳои 1991 то 1993 дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ (машваратчии маркази матбуоти КМ ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ёрдамчии ноиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии муовини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон) фаъолият дошт.

Солҳои 1993–1994 дар вазифаи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 1994–2007 дар вазифаи мудири котиботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намудааст.

26 июли соли 2007 Мушовири давлатии Президенти

Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа ва 22 январи соли 2014 бинобар таҷдиди сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёрдамчии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа фаъолият намудааст.

Аз моҳи декабри соли 2014 инҷониб муовини якуми раиси ҲХДТ мебошад.

Бо ордени «Ситораи сурх», Грамотаи фахрии Президиуми Шӯрои Олии СССР, унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» ва медали ҷашнии «10-солагии иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», медали «Собиқадори амалиётҳои ҳарбӣ», медали «Ба размандаи интернатсионалист аз мардуми сипосгузори Афғонистон», медали «20-солагии баровардани қӯшунҳои Шӯравӣ аз Афғонистон» ва медали тиллоии «Ниҳоли дӯстӣ»-и Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи силсилаи мақолаҳо ва китобҳои илмиву публисистӣ мебошад.

## ДЕМОКРАТИЯ, ИСЛОМ ВА НЕОБОЛШЕВИЗМ

Чаро маҳз ҳамин се мафҳумро ба унвони сарлавҳа интихоб кардаем?! Сарнавишти ҷумҳурӣ ҳамин гуна будааст, ки маҳз дар ҷумҳурии мо ба таври гӯшношунид иттиҳоди демократҳову исломиҳо пайдо шуд. Ҳарчанд онҳо обу равғанро мемонанд. Иттиҳоди муваққатии неруҳои исломӣ ва демократӣ (муваққатӣ буданаш, ба назарам, барои ҳама рӯзи равшан барин маълум буд) дар давраи маъракаи интихоботии раисҷумҳур ба вуқӯъ пайваст.

Ҳамон шабу рӯз, аниқтараш дар таърихи 16-18 ноябри соли 1991 мақолаеро дар бораи рафти маъракаи интихобот ва мавқеи қувваҳои сиёсии ҷумҳурӣ иншо карда будам. Онро ба чанд рӯзномае, ки мавқеи ҳукуматро ҳифз мекарданд, пешниҳод намудам. Аммо ба ҳар баҳона аз чопи он худдорӣ мекарданд. Зери мақола унвони мустаор монда будам, ки ин ҳам як нишони ноороміию авзои мубҳами ҷомеа буд.

Бегуфтугӯ, аз нуқтаи назари имрӯза дар мақола ислоҳ даровардан мумкин буд. Вале ин корро накардам. Қимати мақоларо дар он мебинам, ки маҳз ҳамон вақт рафти воқеотро ҳамчун рӯзноманигор чӣ гуна дарк мекардам. Боқӣ, хонанда худ қазоват кунад.

**Саидмурод Фаттоев,**
*рӯзноманигор*

## ДЕМОКРАТИЯ Ё ОХЛОКРАТИЯ, Ё ХУД ЧӢ ГУНА НЕОБОЛШЕВИЗМ ДАР ЛИБОСИ ДЕМОКРАТҲО ҶИЛВА ДОРАД!

Ривоятҳо ҳаст, ки агар Парвардигор ягон халқро ба ҷазо гирифтор карданӣ мешуд, ӯро аз ақлаш мегирифт. Он

гоҳ на ҷанги хонумонсӯз зарур асту на ягон офати азими табиат.

Гоҳе гумон мекунам, воқеан дунё аз ақл бегона гаштааст. Киштии мурод ғарқ мешавад, ҳар кадом ҷонҳавлона халосии хешро меҷӯянд. Беибо сафедро сиёҳу шабро рӯз мегӯянд. Ҳофизи машҳур, ки ӯро бениҳоят эҳтиром доштам шаб аз оинаи нилгун гиря мекунаду фардо дар гирдиҳамоӣ худро сафед месозад. Нависандаи бузург, ки ҳамеша ӯро тимсоли қавииродагӣ медонистам, паиҳам ду мурочиатномаро имзо мегузорад. Рассоми маъруф аз рӯзномаҳо ҷор мезанад, ки «ҳой мардум, аз номи ман ба воситаи телефон дигар кас ҳарф задааст» ва ғайраву ҳоказо. Номзад ба ноиби Президент назди садҳо одамон як гапро мегӯяду вақте гуфтаҳояш дар рӯзнома дарҷ мегарданд, филфавр ба он раддия медиҳад. Ин чӣ шӯр аст? Чӣ чиз одамони машҳурро маҷбур медорад, ки мисли бӯқаламун тағйири ранг кунанд?! Ба назарам, ҷавоб яктост: муборизаи сиёсӣ. Ва аз дунё бино омадааст, ки дар сиёсат ҳаромбозӣ бештар роиҷ аст.

Ва акнун биёед, ба манзараи сиёсии ҷумҳурӣ дар арафаи рӯзи интихоби Раиси ҷумҳур назар андозем (яъне 24 ноябри соли 1991, муаллиф).

Замоне ҳизби коммунист дар саросари қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва минҷумла кишвари Тоҷикистон яккаҳукмрон буд, монанди варзишгаре буд, ки ба масофаи дур медавад, вале аз пушташ касе нест ва рафта – рафта гашташ суст мегардад. Ҳар касе ғаюрӣ карда, камбудиҳои ҳизбро ба забон орад, фавран нафратзада мегардад. Ва он замон ҷазои сахттарин, ки онро одамон ба душманонашон ҳам раво намедиданд, маҳрум кардан аз билети сурх буд.

Бо мурури замон ҳизб ба ҷавҳари сохтори давлатӣ табдил ёфт. Моддаи шашуми конститутсияи брежневӣ чунин ҳолатро расман ба ҳукми қонун даровард. Касе гумон надошт, ки пояҳои ин давлати худком пӯсида асту ба ин наз-

дикиҳо футур меравад.

Ва аз ҷониби дигар тамоми қувваҳои беҳтарини ҷамъият дар ҳамин ҳизб ҷамъ омада буданд. Агар ҳизбро ба маънии иттиҳоди ҳамақидаҳо фаҳмем, пас ба ин мазмун бисёриҳо дар ҳизб расман аъзо буданд. Илоҷи дигари имкониятҳои хешро амалӣ кардан набуд. Бубинед, ки Горбачев, Яковлев, Шеварднадзе, Волский барин сарварони ҳизб дар саргаҳи ҳизб истода, бо он мубориза бурданд. Танҳо баъди шикасти ҳизб онро тарк гуфтанд.

Табиист, ки ҳизб дар чунин шаклаш ба ғайрандешӣ таҳаммул надошт, аз ҷараёнҳои демократии ҷамъият торафт қафо мемонд. Ё баръакс, роҳбарияташ дидаю дониста онро қафо мекашид. Воситаҳои ахбори умум дар баробари касодшавии иқтисодиёт чунин фикрро ба мардум талқин мекарданд, ки ба ҳамаи ин Сталин ва баъдтар Ленину Октябр ва умуман, коммунистҳо гунаҳгоранд.

Ва ниҳоят моҳи августи соли 1991 инқилоби буржуазӣ дар Маскав комилан пирӯз шуд. Мантиқи муборизаи сиёсиро баҳона карда, роҳбарияти имрӯзаи Русия чанд қарори ғайриқонунӣ қабул кард, аз ҷумла, оид ба манъи фаъолияти ҳизби коммунисти Русия, сиёсатмадорони Ғарб аз чунин ранг гирифтани аҳвол ба ҳайрат монданд. Дар ҷамъияти воқеан демократӣ маҳкама (суд) дарҳол онҳоро бекор мекард, зеро поймол шудани ҳуқуқи инсон баръало маълум аст. Аммо чи тавре ки болшевикҳо соли 1917 тамоми амалиёташонро бо зарурати ҳимояи манфиатҳои инқилоб асоснок мекарданд, демократҳо низ ба мисли эшон рафтор доранд. Аслан гирем, ин демократҳо ҳамон болшевикони дирӯзаанд.

Муддате нагузашту парлумони Тоҷикистон ҳам зери фишори гирдиҳамомадагон фаъолияти ҳизби коммунистро боздошт. Оппозитсия дар симои Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби демократ ва ҷунбиши мардумии Растохез

ба мақсадаш расид. Порлумони коммунистӣ фаъолияти ҳизби коммунистиро боздошт. Шояд ин латифаи навтарини сиёсӣ бошад. Дар дунёи мутамаддин кадом ҳизбе, ки дар парлумон мандатҳои бештари депутатиро ба даст оварад, сиёсати давлатро муайян месозад, ҳукуматро созмон медиҳад. Акнун ҳизби бонуфузтарини ҷумҳурӣ (дар ин байн ҷумҳурӣ комилан соҳибихтиёр гашт) аз маъракаи интихоби умумихалқии Президент дур карда шуд. Зоҳиран гӯё оппозитсия ғалаба кард, аммо чанд амали охирини онҳо ҷамоати ҷумҳуриро ба ваҳшат овард ва эътибори онҳоро хеле паст гардонид.

## ОППОЗИТСИЯ ҶОНИБДОРИ ДАВЛАТ ХУДОНАЗАРОВ

Шояд одамон суол кунанд, ки чаро сарварони Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби демократ, Растохез ва идораи Қозиёт номзадиашонро ба вазифаи Раиси ҷумҳур пешниҳод накарданд?

Мӯҳтарам Хоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, Шодмон Юсуф, Тоҳири Абдуҷаббор ба хубӣ медонистанд, ки имконияти пирӯзиашон дар интихобот хеле кам аст. Ба онҳо номзаде лозим буд, ки оппозитсия ӯро эътироф кунаду байни мардум то андозае шӯҳрат дошта бошад. Инчунин, баъди пирӯзӣ шартҳои оппозитсияро ба ҷо орад. Ва ба хулоса омаданд, ки аз Давлати Худоназар дида, номзади беҳтар барояшон нест. Собиқ аъзои КМ ҲКИШ зуд тағйири ранг карда, «якбора ҷомаи» Демократ-ро ба бар кард. Қозӣ Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода бо як оҳанги калонгирона дар мусоҳибааш бо рӯзноманигори «Мегаполис экспресс» мегӯяд, ки ҳеҷ гоҳ коммунистро дар арсаи сиёсӣ дастгирӣ намекунад. Як сабаби асосие, ки қозиро аз Раҳмон Набиев

дур кард, ҳамин будааст. Пас ҳадс зада мешавад, ки Давлат Худоназаров бо ном коммунист буданашро эътироф кардааст, чунин даъвое, ки гӯё собиқ партократҳо аз Давлат Худоназаров ҷонибдорӣ намекунанд, як дурӯғи маҳз аст. Масалан, Котиби якуми кумитаи ҳизбии ноҳияи Фрунзеи Душанбешаҳр Далер Шораҳматуллоев яке аз роҳбарони ситоди (штаб) интихоботии ӯст.

Тадқиқотҳои социологӣ маълум карданд, ки номзадии Давлат Худоназаровро аз гурӯҳ зиёиён, аҳли адаб, қисми донишҷӯён ва сокинони як қатор ноҳияҳои Бадахшони Кӯҳӣ дастгирӣ мекунанд. Албатта, ин барои пирӯзӣ дар интихобот хеле кам аст. Илова бар ин, барқия оид ба блокадаи иқтисодӣ, ки ба он Давлат Худоназаров ҳам имзо монда буд, рейтингашро хеле паст кард. Далели овардан дар бораи он, ки ин як навъ механизми муборизаи сиёсӣ аст, боварибахш нест. То имрӯз ягон сиёсатмадори андаке машҳур ба давлати ҳамсоя муроҷиат накардааст, ки халқи маро ба блокада гирифтор кунед. Ҳатто вақте бо қарори Созмони Милали Муттаҳид Ироқ ба блокадаи иқтисодӣ дучор шуд, як қатор давлатҳо онро дастгирӣ накарданд. Ин бисёр чораи сахт аст ва аз матбуот бохабар шудем, ки чӣ қадар пиронсолону кӯдакон аз гуруснагию нарасидани доруворҳалок шуданд.

Яъне, номзад ба вазифаи Раиси ҷумҳур Давлат Худоназаров бо кадом роҳу василае набошад, тайёр аст, ки ба сари ҳокимият ояд. Шахсан ман ба чунин номзад ҳеҷ гоҳ овозамро намедиҳам.

Оппозитсия ҳис мекунад, ки дар интихобот ба нокомӣ дучор меояд. Боздошти фаъолияти ҳизби коммунист бар хилофи чашмдошт аъзои он ва тарафдоронашонро муттаҳид кард. Аксари аҳолии Тоҷикистон, ҳам коргару ҳам деҳқон, ҳам зиёию ҳам донишҷӯ ва дигарон ҷонибдори номзад ба вазифаи Раиси ҷумҳур Раҳмон Набиев гаштанд.

Оппозитсия инро ба хубӣ дарк намуда, роҳи эҳтиётӣ тайёр мекунад ва як фикрро гаштаю баргашта ба воситаи матбуот талқин дорад, агар Давлати Худоназар пирӯзӣ наёбад, дар ҷумҳурӣ оромӣ ҳукмфармо намегардад. Қувваҳои сиёсии ҷумҳурӣ – Ҳизби демократ, Созмони мардумии «Растохез», Ҳизби наҳзати ислом на дар атрофи ӯ, балки дар атрофи Давлат Худоназаров муттаҳид шуданд. Маълум нест, ки дар сурати ба сари қудрат омадани Р.Набиев онҳо чӣ гуна рафтор хоҳанд кард, – менависад корманди ҳафтаномаи «Чароғи рӯз» Салими Аюбзод. Ва С.Аюбзод аз Мирзои Салимпур дифоъ карда, таассуф мехӯрад, ки аксарияти халқи тоҷикро «тёмный народ» ташкил медиҳад ва ин оммаҳои торик қодир нестанд, ки номзади сазоворро интихоб намоянд.

Ҷиҳати ахлоқии чунин баҳодиҳиро як сӯ мегузорем. Халқи тоҷикро аз ин ҳам таҳқирҳои зиёд карданд, вале танҳо дар тангкӯчаи паскӯча. Акнун шукри ошкорбаёнӣ, ки намояндаҳои худаш низ чунин имконият доранд ва ҳатто аз минбарҳои баланд.

Дигар нуқта боиси ташвиш аст. Маълум нест, ки баъди интихобот оппозитсия Раиси ҷумҳур интихобшударо эътироф мекунад ё не? Бо ин гуфтаҳояшон онҳо ба он замина тайёр мекунанд, ки халқи бештараш аз оммаҳои торик иборатбуда, президенташро дуруст интихоб карда наметавонад. Ва бояд қисми бошуури он бо ҳар роҳу восита номзадашро ба сари маснад орад. Ин фикри нав нест. Нечаев, ки «Напаевщина» марбути номи ӯст, ҳанӯз солҳои ҳафтодуми асри гузашта «Катехезиси инқилобчӣ»-ро тартиб дода буд. Ӯ навишта буд, ки аксарияти омма аз дунё бехабаранд ва танҳо як гурӯҳи хурди инқилобчиён қодиранд ҳокимиятро тавассути террор ба даст гирифта, оммаҳоро хушбахт созад. Ҳатто онархист Бакунии аз навиштаҳои Нечаев ба даҳшат омада, аз ӯ даст кашид. Нечаев худро

шогирди Бакуния эълом дошт. Ва «нечаевщина» дар мамлакатамон чӣ оқибатҳо овард, ба ҳама маълум аст.

Метавон гуфт, ки необолшевизм дар ҷумҳуриамон дар либоси демократҳо ҷилва дорад. Агар мо раъйдиҳии халқро эҳтиром надорем, пас чӣ ҳоҷат буд ба интихобот? Яке аз суннатҳои демократия бар он аст, ки ақаллият фикри аксариятро эҳтиром дорад. Охир, ин якумин интихоботи умумихалқист. Оё оппозитсия таҳаммулкор буданашро собит карда метавониста бошад? Як чиз аниқ аст. Ҷумҳурии мо ба як «катаклизм» -и дигар тоб оварда наметавонад. Оқибатҳои он даҳшатбор хоҳад шуд.

Аристотели бузург дар китоби машҳураш бо номи Политиия (Сиёсат) овардааст, ки демократия бояд бо қонунҳо маҳдуд карда шавад. Вагарна ба охлократия табдил меёбад. Агар демократия мазмуни ҳукмронии халқро дошта бошад, охлократия маънии ҳукмронии издиҳомро дорад. Қувваҳои сиёсии ҷумҳурӣ ва парлумон бояд ҳаминро дар назар дошта бошанд. Агар ҳар як қувваи сиёсӣ издиҳомро ба майдон барораду фикрашро гузаронад, дар он сурат охлократия мутлақ яке аз шаклҳои хатарноктарини ҳокимият ҳукмрон хоҳад шуд.

*Душанбе, феврали с.1991*

## СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТӢ ВА ОЗОДИҲОИ ДИНӢ

Ҷаҳон дар остонаи ҳазораи се бо роҳҳои мураккабу печида инсониятро ба сӯи ояндаи пурасрор ҳидоят менамояд, ки шинохту пешбинии ҳодисоти он ба баргузидатарин ашхоси илмии даврони нав ба осонӣ ба даст намеояд. Ҳодисоти оламгири охири қарни гузашта бо силсилаи пошхӯриҳои низоми кишварҳои сотсиалистию истиқлолияти

давлатҳои миллӣ зояндаи як сиёсату як мафкура буда, пошхӯрию парокандашавиро барои қисмате аз кишварҳо ва муттаҳидию ваҳдатро ба иддаи дигари давлатҳо чун ҳодисоти тазод рӯи харитаи ҷаҳон овард.

Барҳамхӯрии Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, иттиҳоди миллати олмон, пошхӯрии давлатҳои мураккаби Аврупои Шарқию иттиҳоди давлатҳои Аврупои Ғарбӣ, гарчанде саҳнаҳои ҷудогонаи харитаи сиёсии ҷаҳон бошанд ҳам, умумияти аломатҳо ва хусусиятҳои тавъами онҳо аз ҳалқаҳои мантиқии як сиёсати ҷаҳонӣ буданашон гувоҳӣ медиҳанд. Як сиёсате, ки оқибатҳои мухталифро ба дурнамои халқу миллатҳо инъом карда, тобеъ будани онҳоро зери парчами манфиатҳои нави ҷаҳонӣ собит сохт. Азбайнравии тазоди мафкуравӣ ва тавлиди ихтилофи усулӣ ба зоҳирёбии манфиати кишварҳо таъсир расонида, тарроҳониояндаи авзои сиёсии оламро ба мушкилиҳои рӯ ба рӯ кард. Назарияи интиҳои таъриху одами ниҳоӣ (Ф.Фукуяма) ба мушкилиҳои таърихие рӯ ба рӯ шуд, ки нишона аз интиҳои таърих надошта, хабар аз ибтидои даврони нав менамуд. Андешаи машҳуру дилфиребй ҷаҳони сармоядории мунoқишаи тамаддунҳо (С.Хатингтон) бо мафкураи гуфтугӯи тамаддунҳо (Ҳотамӣ), консепсияи тахтаи бузурги шоҳмоти ҷаҳонӣ (З. Бзежинский) воситаи паҳнгардии ғояҳои инқилобҳои рангоранг гашт.

Шинохти таърих аз даричаи форматсионӣ (марксизм), дарки инкишоф аз назари фавворавии (флуктуатсионии П.Сорокин), биниши ҷомеаи инсонҳо аз назари тамаддунӣ (А.Тойинби) бо асрору мушкилиҳои нав ба нав рӯ ба рӯ шуд, ки назири онро ҷомеаи инсонӣ ёд надошт. Мушкилӣ ва ихтилофи назарияҳои табиӣ, таърихӣ, синфӣ, органикӣ, илоҳӣ ва зӯроварии ҳуқукро андешаи интегратсионӣ ва назари **либеритарӣ** – ҳуқуқӣ хотима надода, вобаста ба шароит ва доираҳои мухталиф зери асрори имконият,

манфиат ва қудрат дар ҷустуҷӯи адолат ва инсоф боз ҳам шадидтару пурихтилофтар гардонид. Ин ҳама дар назари мо, асирони воқеии муаммоҳои имрӯз чун қонунияти зиндагӣ ногузир ва муътадил менамояд. Ҳар нафаре, ки аз рӯзгори гузаштагон хуб огоҳӣ, дорад, ба осонӣ пай мебарад, ки таърих нисбат ба ин даврон хеле баланд ва ҷиддӣ ҳарф хоҳад зад. Ин давронест, ки бо ҳама мушкилиҳояш чунин муносибатро арзандааст, зеро маҷмӯи ҳодисоту лаппишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодию ҳуқуқии он то он дараҷа тақдирсозу тағйирпазиранд, ки мавҷи садоҳои он ба умқи садсолаҳои оянда, ба ҳайси як даврони гардиши куллӣ бидуни мушкилӣ хоҳад расид. Ин даврон бо вуҷуди он, ки бисёре аз равандҳои пошхӯрию бархӯрд ва маҳрумкуниҳоро дорост, ба ҳар халқ ва ҳар кишваре имконе, ҳаққе ва ё инъоме бахшида.

Барои мо тоҷикон **соҳибистиқлол шудану роҳбари хирадмандро** интихоб кардан бузургтарин неъмат буд. Ҳеҷ неъмате, ҳеҷ арзише дар зиндагии инсон бидуни ҳикмат ва заҳмате муяссар нахоҳад шуд. **Соҳибихтиёрии зери таъсири равандҳои ҷаҳонӣ насибгардида, ки ба андешаи иддае осон ба даст омадааст, дар асл имтиҳонҳои вазнини сохтани низоми иқтисодӣ, бунёди шакли идораи давлатӣ, таъмини амнияти ҷамъиятию давлатӣ ва ҳифзи истиқлолиятро ҳамчун масъалаҳои муҳими бақо ва фано вазифагузорӣ карда буд. Ҳалли чунин вазифаҳои мабдавии ҳастии давлат бидуни Роҳбари хирадманд, дурандеш ва адлпарвару тавоно ба мисли Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номумкин буд.**

Барои тарроҳони дохилию хориҷӣ миллати Тоҷикро пас аз ҳазор соли бедавлатӣ ҳамчун миллати соҳибдавлат дидан мушкилиҳо дошт. Тоҷикистони тозаистиқлол дар ҷустуҷӯи хушбахтии мардуми хеш ба шинохту эътибори арзишҳои миллию динӣ дар шароити вазнини ҷаҳониша-

вии манфиатҳо даст зада, ба бунёди давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд иқдом намуд. Дар ин самт душворию монеаҳои назаррас моро чӣ аз дохил ва чӣ аз хориҷ думболагир буд. Мушкилиҳо дар бештари мавридҳо омехта буда, аз мардуми Тоҷикистон ҳамеша ҳушёриро талаб мекард. Тоҷикистон таҳти сарварии роҳбари хирадманд Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба даъватҳои бузурги таърихӣ, ки аз ҷавоби он ҳастии миллат ва давлати тозаистиқлол вобастагӣ дошт, сари вақт ҷавоби дақиқ медод. Буданд онҳое, ки аз дохил ва хориҷ ба дурнамои кишвар ба шубҳа менигаристанд, вале тинати пок, дили соф ва нияти неки Роҳбари давлат зина ба зина мушкилиҳои миллату давлат ва имтиҳонҳои таърихию сунъиро паси сар мекард.

Нахустин ва асоситариин даъвати таърихӣ, ки мебоист ба он ҷавоб медодем, ин суоли барномавии мардуми кишвар ва ҷаҳониён доир ба муаррифии хеш ва мақсаду мароми имрӯзуояндаи мо буд.

Мо кӣ будем ва чӣ мехостем – саволи асосие буд, ки ҳам сарнавишти миллат ва ҳам ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавоби онро аз мо интизорӣ доштанд. Аз ҷавоб ба ин савол будан ва ё набудани мо низ аз бисёр ҷиҳат вобастагӣ дошт.

Дар назар чунин менамояд, ки муаррифии миллат ва давлат кори саҳл буда, инъикоси мақсаду ормони он низ душворие надорад. Аммо ин ҳаргиз чунин нест. Муаррифӣ барои миллате, ки қариб ҳазор сол ба вартаи бедавлатӣ гирифтор буда, таҷрибаи идоракунии мустақилро доро набуда, фарзандони асилу шӯҳратмандаш дар устуворгардии қавмҳои мухталиф нақш дошта, дар бунёди давлати мустақили хеш ба ҳайси як узви томи сиёсӣ ва иҷтимоӣ боре ҳам накӯшидаанд, кори саҳл набуд.

Гузашта аз ин, мо дар даст аз дастовардҳои таърихию фарҳангӣ қариб чизе надошта, ёдгориҳои аслии таърихию фарҳангии мо намоишгоҳҳои кишварҳои хориҷро зеб ме-

дод. Дар зери мафҳуми «чӣ мехоҳем» муайян намудани роҳи ояндаи кишвар ва вазифаҳои нахустини давлати тозаистиқлол зарур буд. Сухан роҷеъ ба муайянкунии шакли идоракунӣ, сохтори давлатӣ, низоми сиёсӣ, низоми ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои асосӣ мерафт. Ин масъалаҳо аз назари мавқеи ҷуғрофию сиёсии кишварамон мушкилиҳои зиёдеро доро буд. Мушкилии фарҳангӣ (асосан забонӣ), сиёсӣ (дунявият ва динӣ), ҳуқуқӣ (интихоби низоми ҳуқуқӣ – римӣ, амрикоӣ, исломӣ ва ғ.) ва ғ.

Баъди эъломи истиқлолияти миллӣ ҳаёти ҷомеа ба маҷрои нав ворид шуд. Яке аз нишонаҳои барҷастаи он ташаккули андешаи миллӣ ҳамчун бозгашт ба асолати таърихӣ, эҳёи арзишҳои анъанавии миллӣ ва дар ин асос қувват гирифтани раванди ҳудшиносии миллии тоҷикон мебошад. Роҳбари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори дилсӯз аз пайи муҳаққиқи шинохта ва қаҳрамони халқ Бобоҷон Ғафуров дар баробари бунёд ба эъмори решаҳои таърихии миллат камар баст ва ҳамчун муҳаққиқи шинохта ба даъватҳои бузурги таърихӣ: «Мо кистем ва чӣ мехоҳем» дар доираи силсилаи таҳқиқоти илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳайси як давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона бо ҳисси масъулият дар назди наслҳои гузаштаю имрӯза ҷавобҳои амиқу дақиқ дод. Агар устодони бузург С.Айнӣ ва Б.Ғафуров тоҷиконро ҳамчун халқи мустақили Иттиҳоди Шӯравӣ муаррифӣ карда, ҳаққи ин миллатро дар ҳудуди як давлати бузург дифоъ карда бошанд, вазифаи Эмомалӣ Раҳмон аз лиҳози назариявӣ ва амалан аз дидгоҳи сиёсию илмӣ ба маротиб вазнинтару сангинтар буд. Зеро ӯ бояд истиқлоли миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатиро аз назари таърихӣ, сиёсӣ, иктисодӣ ва ҳуқуқӣ дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ ва дифоъ мекард. Имрӯз бо гузашти 26 сол мо хуб эҳсос мекунем, ки Роҳбари давлати мо аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ ба-

ромадаанд.

Бо ҷашнвораҳои бузурги 3000 солагии тамаддуни ориёӣ, 2500 солагии Истаравшан, 2700 солагии шаҳри Кӯлоб, 1100 солагии давлати Сомониён ва дигар ҷашнвораҳои таърихӣ мо ба эҳёи решаҳои таърихии миллат ноил гаштем. Хоҳишу ормони миллати хешро дар Қонуни асосии кишвар ба гунаи як давлати иҷтимоию адлпарвар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тарҳрезӣ намуда, роҳи таърихии инкишофи давлатро барои ояндаи наздику дур муайян сохтем.

Худшиносии миллии мо ҳамчун заминаи бунёди мафкураи миллӣ ва давлати миллӣ аз ибтидо бо беморихои мухталифи шаклҳои ҳамзистии иҷтимоӣ мубтало гашта, тадриҷан ба худшиносии динии мардуми кишвар бархӯрд. Айни замон худшиносии динӣ дар кишвари мо дуруст ташаккул ёфта истодааст, зеро худшиносии миллӣ ва динӣ ду омили муҳими фарҳанги миллат ва халқ аст, ки ба истиқлолияти сиёсӣ, соҳибихтиёрии давлат ва ваҳдати шаҳрвандони кишвар мусоидат менамоянд. Худшиносии миллӣ ва динӣ танҳо дар сурате метавонанд чунин вазифаи муҳимро иҷро кунанд, ки агар дар атрофи арзишҳои олии манфиатҳои умумии давлат ва мардуми Тоҷикистон тавлид гардида муттаҳид шаванд. Боиси таассуф аст, ки дар баъзе мавридҳо худшиносии динии мо ҷанбаҳои манфӣ пайдо карда, ба ҷараёни бозсозии ҳувияти миллӣ таъсири манфӣ расонида истодааст. Аз ин хотир Президенти мамлакат борҳо таъкид карданд, ки ҳеҷ кас ҳаққи ба масъалаи муносибати дину миллат яктарафа баҳо доданро надорад. Манфиати мутақобилаи миллат ва дин бояд шинохта шавад. Бархӯрдҳо бояд бо роҳи мусолаҳат дар доираи манфиати мардум ва сохибихтиёрии кишвар ҳалли худро ёбанд. Эҳёи арзишҳои динӣ бо тамоми шаклҳои ба миллати мо хос, ҳамчун қисми таркибии масъалаи эҳёи фарҳанг ва андешаи миллӣ бояд дар ҳамбастагӣ арзёбӣ гардад. Ба

ифроту тафрит дар ин масъалаи нозук гаравидан оқибатиислоҳнопазир дорад.

Консепсияи сиёсати Роҳбари давлат дар масъалаи муносибат бо дин ба он асос ёфтааст, ки мо ба ҳайси миллати куҳанбунёди соҳибтамаддун ва ба сифати пайравони дини таҳаммулпазири исломӣ ҳаққи маънавӣ надорем, ки бо роҳи сунъӣ ба бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва динӣ мусоидат намоем. Роҳи мо роҳи ба ҳам омадани арзишҳои миллӣ ва динист. Дар ҳолатҳои ҷудогонае, ки чунин муқобилият ҳамчун силсилаи муносибатҳо тавлид мегардад, мо бояд манфиати мардуми кишварро тибқи Қонуни асосӣ аз ҳама болотар гузорем, зеро таърихи аҷдодони мо ҳолатҳоеро медонанд, ки бо инсонпарастию миллатдӯстдорӣ мо натавонистем, ҷанбаи истиқлолияти сиёсии кишвар ва халқро таъмин намоем. Бино ба таҳлили воқеияти рӯзгори гузаштагон дар гардишҳои таърихӣ, ки масъалаи интихоби роҳ ва ояндабинии халқу миллатҳо тарҳрезӣ мегардид, арзишҳои олии адлпарварӣ, баробарӣ, башардӯстӣ, озодипарастӣ ва дигар ғояҳои олӣ натавонистанд он қадар ба наслҳои оянда хизмат намоянд, ба он дараҷае ки **худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ анҷом додааст.**

Зарур аст, ки халқу миллатҳо дар айёми гардишҳои куллӣ ва таҳаввулоти таърихӣ дар интихоби арзишҳо хато накунанд. Бино ба маълумоти муаррих Ҳилол ас-Сабӣ амирони сомонӣ барои дастгирӣ ба мардуми Бухоро муроҷиат намуданд ва онҳо ба муҳтарам фақеҳони исломӣ: **«...он замон ба муроҷиати мардуми Бухоро муҳтарам «фақеҳони» замон фатво доданд, ки Сомониён ва Қарахониён байни худ на барои дин, балки барои ҳокимият мубориза мебаранд, аз ин лиҳоз, мусулмонон набояд ба ин низоъ дахолат кунанд...».** Онҳо дар доираи «уммат - ул -исломия» ҳарф зада, ҳуқуқ ба сиёсату идораи мустақилонаро дар сарҳади аҷдодии мардуми тоҷик аз назар дур монданд. Касе он

замон гуфта наметавонист, ки ин буғикунии давлатдории халқи тоҷик чароғи идораи миллиро ба муҳлати қариб ҳазор сол ба олами хомӯшӣ хоҳад партофт. Воқеан, ҳамин тавр ҳам шуд. Ин на шикасти Сомониён, балки шикасти таърихи сеҳазорсолаи давлатдории форсҳо дар Тӯронзамин буд... Хомӯшии мардуми Бухоро, бетарафии сокинони тоҷикзабони Мовароуннаҳр ки аз худшиносию ватандӯстӣ маҳрум шуда буданд, сазои ин амалро дар муҳлати қариб ҳазор соли оянда бо тамоми вазнинию нобасомониҳояш ба фарзандону наслҳоиояндаи ин минтақа ба мерос гузошт. Хатогии асосӣ - сари интихоби роҳ ва арзишҳо буд. **Албатта, бедодгарии Сомониён он замон, бори вазнин шуда буд, вале ин ҳама дар назди бедодгариҳои баъдӣ ҳеҷ буд, ки касе инро дарк карда ҳам наметавонист...**

Кӯшишҳои беназиру каҳрамононаи Муҳаммад Исмоили Бухорой дар ҳифзи тамаддуни исломӣ, идеяҳои олии башардӯстии Мавлонои Балхӣ, ақидаҳои волои назарияи идоракунии инсондӯстонаи Низомулмулки Тӯсӣ, ташвиқи табақаҳои меҳнатии Носири Хисрав, тарбияи илмомӯзӣ, ҷавонмардӣ ва муҳаббатварзии Низомии Ганҷавӣ, маърифати ирфонии Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ғазалиёти ишқӣ ва панду насиҳатҳои одамгаронаи Шайх Саъдӣ, нолаҳои ҷонгудози дар ғурбат афтодаи Хоҷа Камол ва дигар дастовардҳои абарқудратони форсигӯй, ки ба тарғиб, ташвиқ ва ҳифзи арзишҳои олии инсонӣ машғул буданд, ба осиёби илми ҷаҳонӣ, маърифати ҷаҳонӣ ва инкишофи таърихи умум об рехта, имконияти ҳифзи манфиатҳои миллати форсигӯй - тоҷиконро аз мадди назар дур монда буданд. Онҳо он қадар дар паҳноҳои васеи инсоншиносӣ парвоз мекарданд, ки ҳатто ба кушудани маънии васеи ҳадиси паёмбари ислом (с): «мардумро дӯст доштан осон аст, ҳамсояро дӯст доштанро ёд гирифтан лозим» вақт надоштанд. Садои Фирдавсии бузургвор, ки аз гӯшу хаёли ҳокимо-

ни маҳаллӣ дур буд, таҳлили хоссаро талаб менамояд. Ҷаҳонбинии онҳо то он дараҷа аз сатҳи одии худшиносӣ ва миллатшиносӣ (ба истисноӣ Фирдавсӣ) дур рафта буд, ки дар саргаҳи арзишҳои васеътари умматшиносӣ - «уммат ул исломия», одамшиносӣ - «бани одам аъзои якдигаранд», қарор гирифта, ҳама гуна баробарӣ, озодӣ ва адолатро дар ин сарҳадҳои биниши олами моддӣ ва маънавӣ тарҳрезӣ мекарданд. Ин, албатта, аз нигоҳи таърихи умуми инсонӣ хуб буд, зеро онҳо бори фарзандони фарзонаи Одамро берун аз сарҳади миллат ва халқият мекашиданд. **Онҳо аз воқеият хеле пеш рафта буданд.** Бо вуҷуди он забони онҳо, муоширати илмии онҳо, сайругашти хаёлоти илмии онҳо ва баъзе аз таъкидоти ватанпарастонаи онҳо забону халқияти маҳрум аз давлатро аз нестӣ то ҳадде нигоҳ дошт. Вале ин амал бо чунин равшанфикрони оламшумул, ки бедавлатону чодарнишинонро давлатдорӣ омӯхта, саҳронишинонро савод дода, тамаддуни исломиро аз бӯҳрони вазнини сиёсӣ ва динӣ раҳоӣ бахшид, дар муносибат бо маҳдудаи сиёсии давлатӣ халқӣ ва баъдан миллӣ хеле ночиз буд.

**Таҳлили ин ва дигар нукоти раванди сиёсӣ ва инкишофи афкору интихоби арзишҳои ҳуқуқӣ равшан менамояд, ки дар масири таърих ва фазои ҳуқуқии олам гарчанде арзиши ватандӯстӣ, миллатгароӣ ва хештанпарастӣ табиатан дар муқобили одамгароӣ, инсондӯстӣ баробарию озодӣ маҳдуд ҳам бошад, нақши он дар бунёду асолати давлати соҳибихтиёр, ояндаи фарзандони миллат ва дурнамои халқ аз ҳар ҷиҳат қимматтар ва бузургтар аст.** Бинобар ин халқ ва миллате, ки соҳибихтиёрии худро эълон намудааст, қабл аз ҳама бояд сари усулҳои ҳуқуқии дифои манфиати миллӣ ва худшиносии миллӣ андеша намуда решаҳои бедории Миллӣ ва худшиносии Миллатро дар қалби мардумонаш кишт намояд. Сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон дар муно-

сибат бо арзишҳои миллӣ ва динӣ маҳз дар ҳамин қолаб тарҳрезӣ мегардад.

Албатта, дар баробари ин Давлати Тоҷикистон ба дин хамчун арзиши фарҳангӣ ва таърихӣ арҷгузорӣ менамояд. Мо аз таҷрибаи гузаштагон хуб медонем, ки халқу миллатҳое, ки дар масири таърих ба арзишҳои динӣ дуруст ва мутобиқи мақсаду мароми ҷомеа арҷгузорӣ намудаанд ба муваффақиятҳои бузургу нодир ноил шудаанд. Номи волои Куруши бузургу Анушервони одил ва дигар сиёсатмадорони шинохтаи гузаштаи мо гувоҳи ин гуфтаҳост. Роҳбари давлати Тоҷикистон низ дар пайравӣ бо шоҳони одилу дӯстдори миллат як низоми мувозинати одилонаи муносибати давлат ва динро дар партави Конститутсияи кишвар роҳандозӣ намуданд. Дар партави ин сиёсат таъмини озодиҳои васеи динӣ, қадр намудани арзишҳои динӣ ва арҷгузорӣ аз онҳо аз самтҳои муҳими сиёсати имрӯзаи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон гашт.

Дар 72 соли замони Шӯравӣ агар дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҳамагӣ 17 масҷид воқеъ бошад, имрӯз тақрибан чаҳор ҳазор масҷид, 74 иттиҳодияи динии ғайриисломӣ, як донишкадаи исломӣ, шаш мадрасаи мутавассита, як гимназияи исломӣ ва ҷамоатхонаи исмоилия озодона дар кишвар фаъолият менамоянд. Дар замони шӯравӣ тақрибан 30 нафар шаҳрвандони мо ба зиёрати хонаи Худо мушарраф шуда бошанд, пас дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 200 ҳазор шаҳрвандони мо озодона ба адои ин рукни ислом мушарраф шуданд. Албатта, ин ҳама гувоҳӣ аз озодии эътиқод дар Тоҷикистони сохибихтиёр аст.

Ҳуқуқ ва озодиҳои динӣ аз арзишҳои бузург ва олии ҷомеаи мутамаддини башарӣ мебошанд. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои динии инсонро таъмин ва ҳифз менамояд. Аммо ин ҳуқуқ ва озодиҳо ба дигар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон набояд зид бошанд,

бахусус ба ҳуқуқи халқ ва миллат дар худмуайянкунии сиёсӣ, ба тартиботи ҷамъиятӣ ба принсипҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ зарар расонанд. Дар ҳолати чунин муқобилат ҳар ҷомеаи мутамаддин ва давлати иҷтимоию ҳуқуқӣ, ки кафили тартибот, амният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандонаш баромад мекунад, масъул аст, ки садди роҳи онро гирад. Тоҷикистон низ ҳамчун давлати иҷтимоию ҳуқуқӣ, ки мақсади бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро дорад мутобиқ бар Қонуни асосии кишвар ва арзишҳои эътирофшудаи башарӣ дар ҳолатҳои зарурӣ на танҳо ҳуқуқ дорад, балки масъул аст, маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиро дар мизони қонун ба хотири манфиати умум, амният ва нигоҳдошти раванди демократӣ татбиқ намояд.

Дар бештари мавридҳо зарурати эътирофи бартарии арзишҳои миллӣ ва манфиати истиқлолияти кишвар аз сарчашмаҳои динӣ мабдаъ мегирад. Зеро дар шинохти манфиат ва бартарӣ дар он ислом дар ҳолати бархӯрди манфиатҳои динию умумиинсонӣ ва ё минтақавӣ бештар ба он арзише такя мекунад, ки вай ба адли зиндагӣ, оромии ҷамъият, ободии аъзои он мувофиқат карда, ифодаи тантанаи адл, инсоф, баробарӣ ва озодист. Мутобиқи таълимоти исломӣ ҷаҳон, осмону замин ва он чӣ миёни ин ҳарду аст ба ҳақ пойдор аст (46-3), якрӯза адли подшоҳи одил (роҳбари одил) аз ҳафтодсола тоати мусулмони золим афзалтар аст, мулк бо куфр мепояду бо зулм не, инсонҳо чун дандонаҳои шона баробаранд (ҳадисҳои паёмбари ислом), ва ҳар кас барои амали хеш ҷавоб мегӯяд (35-18) як низоми мувозинати иҷтимоиро рӯи кор овардаанд, ки дар он қабл аз арзишҳои сирф тоатӣ ва эътиқодии динӣ оромию ободии қавму миллатҳо, амнияти давлат ва шароити мӯътадили инкишофи миллат ҳифз мегардад. Зеро бе амну сулҳ ва ваҳдат ба ҷо овардани эътиқоди динӣ

ва инкишофи муътадили ҷаҳонбинии динӣ номумкин аст. Ин заруратро сарчашмаҳои асосии исломӣ ҳамчун қонунгузори олӣ хеле хуб дарк намудаанд. Ин нуктаро роҳбарони давлатҳои исломӣ ба хубӣ дарк намудаанд, ҳатто бунёдгузори Ҷумҳурии исломии Эрон Оятулло Хумайнӣ ба ин маъно таъкид дошта буд: «Ман сахт эътиқодманд ҳастам ба он нукта, ки арзиши идора намудани давлат бояд аз тамоми манфиатҳои дигар, ҳатто манфиатҳои динӣ, чун намоз, рӯза ва ҳаҷ ҳам авлотар дониста шаванд. Давлат метавонад тамоми зуҳуротро манъ эълон намояд, агар ин зуҳурот ҷавобгӯи манфиатҳои давлат набошанд, ҳатто агар ин манъкарданҳо дар зиддият бо манфиатҳои исломӣ ҳам бошанд. Зеро манфиатҳои хокимияти давлатӣ бузургтар аз қонуниятҳои исломӣ ҳастанд». (Ин ибораи О.Хумайни аст, ки дар китоби «Саҳифаи нур» навишта шудааст.) Сазовори қадр аст, ки дар ин гуфта на танҳо авлавияти арзишҳои сиёсии кишвар аз манфиатҳои динӣ, инчунин комилан ҷудо будани манфиатҳои давлат аз дин дар кори идораи кишвар равшан собит гардидааст. Бале давлат, низоми сиёсӣ ва идорӣ як қатор корҳо ва фаъолиятҳое дорад, ки дин дар он дахолат карда наметавонад. Бинобар он адл он нест, ки тавассути дин соҳиби қудрат гардида, динро воситаи ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ қарор дода, пас аз дарки мушкилиҳои оштинопазир онро аз сари идора дар ҳолатҳои ҷудогона дур намуд, балки адл он аст, ки қабл аз ба восита табдил додани дин таъиноти иҷтимоии онро дуруст дарк намуда, инкишофи озодонаи онро берун аз махлутгардонии беҷо таъмин сохт. Бинобар ин роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандию давлати ҳуқуқӣ ва дунявӣ бартарии худро бори дигар аз таҷрибаи давлатҳои исломӣ собит менамояд. Тоҷикистон дар мавриди манфиатҳои гуруҳӣ истифодаи беҷои динро манъ намуда, муносибат бо эътиқод ва озодии виҷдонро дар доираи ман-

фиати умумимиллӣ ва дин қоил аст. Динро на воситаи ба дастовардани қудрат, балки воситаи баланд бардоштани маънавиёт, ахлоқ ва озодии руҳии мардум қабул дошта, тарафдори ҳамбастагии озодии шаҳрвандон бо озодии руҳии онҳо ҳаст.

Дин дар қатори дигар омилҳои асосии пешбарандаи ҷомеаи инсонӣ воситаи муҳими инкишофи ҳар ҷомеа чӣ дар таърих ва чӣ дар замони муосир маҳсуб мешуд. Давлат ва ҷамъиятҳое, ки ба зинаҳои арзандаи инкишоф расида буданд, муносибати дурусти эҷодкорона ва мусолиҳатомезро бо дин дошта, атбоъи онҳо диндории хирадмандонаю созандаро таҳмил намуда буданд. Зеро дин ба замми он, ки талаботи эътиқодии моро қонеъ мекунад, вай ҳамчун воситаи муҳимми дарёфти ҳақиқат, адолат ва инсоф мардумро ба роҳи рост, ҳамгирой, амали хайр ҳидоят намуда, дар нигоҳ доштани ҳолати эътидоли руҳӣ ва низому тартибот дар ҷомеа аз ҳар ҷиҳат мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, ба зинаи воло рафтани қудрат ва нерӯи давлатдории давлатҳои муосир гувоҳи он аст, қабл аз расидан ба қуллаҳои баланди ташаккули назарӣ ва амалӣ дар ҷомеа ва давлат таҳаввули диндорию эътиқоди динии мардум рух медиҳад.

Мисол, Амрикое, ки дар зинаи олии ислоҳоти ҳуқуқию иҷтимоӣ қарор дорад, ба қавли муҳаққиқон то расидан ба ин зинаи олии инкишоф чор зинаи бедории (ташаккул ва таҳаввули) протестантизмро паси сар намуд. Аҷиб он аст, ки чунин зинаҳои тағйирпазирии диндории онҳо ҳар дафъа бо ислоҳоти муҳими сиёсӣ тавъам буда, барои миллати Амрико, барои давлати онҳо ва истиқлолияти кишвар хидмат менамуд. Дар нахустин ислоҳоти бузурги диндории мардуми Амрико дар солҳои 1730-1740 «таконни таълимоти евангелӣ, - менависад муҳаққиқ аз Гарвард Алан Хаймерт, - воситаи ниҳоии миллатгароии амрикоӣ

буд. Дар калисоҳои евангелӣ иттиҳоди трибунҳо ва халқ дар заминаи демократияи амрикоӣ тавлид мешуд». Силсилаи ин ислоҳоти бузурги диндорӣ ба муттаҳидии миллати амрикоӣ онҳоро ба ваҳдати миллии онҳо оварда расонд. Зеро дин масъулияти мардумро дар назди миллати воҳид ва истиқлолияти кишвар тарбия намуда, мардумро ба худшиносии миллӣ оварда расондааст.

Эҳёи дуюми бузурги диндории амрикоиҳо дар солҳои 1820-1830 ба вуқуъ пайваст, ки шиори саркардагони он «ба он дараҷае, ки имон ва эътиқод дорем, ба он дараҷа заҳмат кашидан лозим», зеро танҳо бо заҳмати созанда ва амалия бартарии имон ва эътикодро собит намудааст. Дар ин зина диндории амрикоиҳо ба дарки арзишҳои мусолиҳакорӣ, ба тарбияи рӯҳии мардум, беҳтар кардани шароити озуқаи меҳнаткашон, мубориза барои сулҳ, манъи танфурӯшӣ, инкори ғуломӣ ва ғ. расид. Ҳамин тавр ду давраи дигари ислоҳоти ҷаҳонбинии амрикоиҳо пайдарҳам ба манфиатҳои умумии миллат ва давлат хизмат намуда, ба тарбияи насли наврас ва инсони замони муосир нақши бориз гузошт.

Чунин таъсири мусбии динро ба инкишоф ва ваҳдати аъзои ҷомеа мо дар таърих зиёд медонем. Дини Зардушт ба тавлиди империяҳои бузурги форс Ҳахоманишинҳо, Портҳо ва Сосониҳо мусоидат кард. Оини озодипарастии Куруш ба тавлиди Эъломияи Куруш ҳамчун нахустин санад оид ба ҳуқуқу озодии инсон мувофиқат кард. Дини насронӣ ба мазмуни ҳуқуқи римиҳо дар замони элиниҳо ахлоқ, инсоф ва хирадро ворид намуд. Паёмбари ислом ба низоми ғайриадолатноки салтанатҳои ҷаҳон зарба зада, ба нуфузи давлати бодиянишини араб мадад кард. Исломи замони асрҳои миёна ба тарбияю баланд бардоштани маърифат ва савияи дониши қабоили саҳронишин ва кӯчманчӣ мусоидат намуд. Назариёти ирфонии Мавлонои

Румӣ ба таҳаввулоти тамаддуни ғарбию шарқӣ ва фарҳанги туркию тоҷикӣ мусоидат намуд. Аммо, дар мо иддае мутаассифона, исломро танҳо ба воситаи ҳимояи манфиати гурӯҳе табдил дода, истифодаи дигар ҷабҳаҳои арзишманди онро мамнуъ карданианд.

Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва сабақи талхи начандон дури таърихӣ, ҷудо будани созмонҳои динӣ аз давлатро дар Конститутсия (қ.4. м.8) таъйид намудааст, вале ин ҳаргиз маънои мутлақан ҷудо будани дин аз давлатро надорад. Дин ва ҷомеа унсурҳои муҳимми такмили якдигаранд. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки байни ҷомеа ва дин, дин ва давлат деворе бунёд кунад. Ин танҳо як хатест, ки сарҳади самти фаъолияти динро аз давлат муайян мекунад. Дин воситаи муҳимми тарбия, баланд бардоштани ахлоқ, таҳаввули рӯҳии мардум буд ва хоҳад монд. Давлат ва дин ҳамеша ба ҳамдигар эҳтиёҷ доранд. Давлат шароити озоди тарғибу ташвиқ, риояи маросимҳои эътиқодӣ, анҷоми тоат ва ғайраро барои дин муҳайё намуда, дар ташаккули озоди он мусоидат мекунад.

Давлат ба иттиҳодияи динӣ замин ҷудо мекунад, навъҳои онро эътироф мекунад, мақоми ҳуқуқии ташкилоти диниро муқаррар намуда, паҳнои онро чун мақоми амалишавии ҳуқуқ ба озодии эътиқод муаррифӣ менамояд. Давлат озодии виҷдон ва эътиқодро эълон намуда, ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки мутобиқ ба салоҳдиди худ ҷиҳати риояи озодии виҷдон ва мазҳаби динии худ муттаҳид шаванд, дастаҷамъона ибодат намоянд ва ба шакли фаъолияти иттиҳодияи динӣ асос гузоранд. Аз ин хотир, ибораи конститутсионии ҷудо будани ташкилоти динӣ аз давлат, ин ифодаи ҷудоии мутлақи ин ду ҳодисаи ҳуқуқӣ набуда, балки халалдор накардани фаъолияти якдигар аст. Бинобар ин ҷудо намудани ташкилоти динӣ аз давлат ба ташкилоти динӣ, ки бо мақсади риояи талаби

эътиқоди динӣ таъсис ёфтааст, кӯмак намуда, имконияти озоди мавҷудияти динҳоро дар ҷомеа таъмин менамояд. Зеро мақсади чунин ҷудонамоӣ низ дар зинаи аввал ба андешаи муҳаққиқ Уилям Маклафлин «на озод намудани инсон аз эътиқод, балки озод намудани дин аз таъсирҳои беруна буд».

Ҳамзамон набояд фаромӯш кард, ки арзишҳои исломӣ ва ислом, ки муддати тӯлонӣ бо таърих ва фарҳанги мо зич алоқаманд аст, як восита ва як ниқоби ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва динии мо аз - ҷаҳонишавии беҷо (ҷараёни ғарбгароии масоили иҷтимоӣ) дар замони муосир маҳсуб мешавад.

Мо метавонем тадриҷан арзишҳои исломиро ҳифз карда мазмуну моҳияти зиндагии худро дар доираи талаботи ҷомеаи шаҳрвандию талаботи инсони нав, ки аз даъватҳои таърихӣ маншаъ мегиранд, истиқлолияти давлати демократии худро бо назардошти манфиатҳои миллӣ ҳифз намоем. Рушд, озодӣ ва саодати миллати мо дар роҳи таърихие нуҳуфта шудааст, ки мардуми Тоҷикистон баҳри он овоз додааст. Давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ бо эътироф ва риояи арзишҳои исломӣ роҳи дурахшони ояндаи миллати мост.

Дар фарҷом бори дигар хотирнишон сохтанием, ки ба шарофати истиқлолият дар кишвари мо арзишҳои динӣ ҳамчун арзишҳои олии умумиинсонӣ мақому манзалат касб намуданд ва аз бисёр ҷиҳат ҳаёти ҷомеаро адолатнок танзим менамоянд. Дар ин самт дастгирӣ ва таъкидҳои Роҳбари давлати Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ҳидоятгар ва раҳнамо буд. Президенти мамлакат ҷиҳати рушди муътадили фазои андешаи динӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ва динӣ бо роҳи зинда намудани номи бузургони фарҳанги исломӣ, чопи асарҳои илмӣ ва динии тамаддуни исломӣ хизмати арзанда намуда, дар шинохти исломи асил ва муътадил дар Тоҷикистони муосир саҳми

беандоза бузург гузоштанд. Бавижа, эҳёи дубораи таълимоти Имоми Аъзам ҳамчун роҳи мадоро ва оини аҳлонӣ, бузургдошти 1310 - умин солгарди ин шахсияти бузурги таърихӣ худ як саҳифаи дурахшони рушди фарҳанги динӣ ва миллии халқи Тоҷикистон буд. Тарҷума ва чопи тоҷикии Қуръони карим бо забони фасеҳи тоҷикӣ ва дигар асарҳои бузургони форсу тоҷик як сипари боэътимоди ҳимояи исломи муосир аз ҷараёнҳои ифротӣ ва номатлуби динӣ буд.

Хизматҳои беназири Роҳбари давлати тоҷиконро ҷомеаи ҷаҳонӣ қадршиносӣ намуда, номи ӯро дар қатори 500 нафар фарзанди барӯманди уммати исломӣ, ки ба ислом хизмати арзанда кардаанд, ворид намуд. Албатта, кору пайкори ислоҳотгаронаи Роҳбари давлати Тоҷикистон, ки тайи солҳои вазнини бунёди давлати миллӣ дар муносибат ба дин ва эҳёи арзишҳои миллӣ ва динӣ тарҳрезӣ шуда, дар ҳифзи асолату тозагии мазҳаби Имоми Аъзам хизмат кардаанд, зарурат ба таҳқиқи илмӣ ва китобҳои ҷудогонаро дорад. Имрӯз мо вобаста ба имкон ва фурсат, ҷиҳати осон намудани кор дар шинохти сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ва эҳёи арзишҳои миллӣ чанд гузориш ва суханрониҳои бунёдгузори давлати миллии тоҷиконро дар ин маҷмӯа гирд овардем. Мо ин арзишҳоро ҳамчун сарчашмаи мусаффои ахлоқи ҳамида ва василаи муассири тарбияи инсони комил мепазирем, ва умед дорем, ки онҳо ҳама дар роҳи худшиносию худошиносӣ ба мардум чун чароғи роҳнамо хизмат намуда, ҳамчун гулчини андешаҳои пурғановат дар шинохти дурусти сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ба мардуми рӯшанфикри Тоҷикистони навин хидматгузор хоҳад буд.

*Душанбе, с.2001*
*Мақола дар ҳамкорӣ бо*
*олимони варзида* **Холиқов А.Ғ.**
*ва* **Саидов С.А.** *омода шудааст*

# ПРЕЗИДЕНТИ МАРДУМӢ

Маҷрои зиндагӣ ҳамвора равон аст, вале даргузар осоре аз худ мемонад… Аз умқи қарнҳо байти зебои Одамушшуаро, поягузори адабиёти ҳазорсолаи тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чун панд ва ҳушдор ба гӯш мерасад:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Барои дарки фарох ва комили он, ки роҳи пешгирифтаи ин ё он фард ё миллат то чӣ андоза пойдор ва рост аст, аз манфиат холӣ нест, ки кас ба гузаштаи хеш назар афканад, то сабақ омӯзаду дар таҳияи дурнамо ба саҳву хатоҳо роҳ надиҳад. Таърих, чунон ки маълум аст, фақат сабақомӯз нест, вай онҳоеро, ки қонуниятҳояшро сарфи назар мекунанд, ба ҷазо мерасонад.

Бани одам борҳо яқин карда, ки соҳибистеъдодони бузург ҳамеша дар он ҷо зуҳур мекунанд, ки барои пайдоиш ва нумуи онҳо заминаи мусоиди иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошад. Борҳо чунин шудааст, ки гоҳи таҳаввулоти ҷиддии таърих, дар вақти рӯйдодҳои мураккаб шахсоне ба майдон меоянд, ки қаблан маъруфияти зиёд надоштанд, вале дар рафти ҳодисот гуё ба як бор арбоби намоёни сиёсӣ мегарданд. Дарвоқеъ, агар кулли мардум дар оташи кину адоват нисбат ба яғмогарони муғул намесӯхтанду даст ба муборизаи озодихоҳона намезаданд, оё Темурмалик ба пояи сарлашкари бузурги халқи тоҷик мерасид ва номи хешро зиндаю ҷовид месохт? Ва ё агар инқилоби бузурги Фаронса ба амал намеомад, оё адвокати музофотӣ Максимилиан Робеспер ба шӯҳрати ҷаҳонӣ соҳиб мешуд?

Баъд аз пош хӯрдани давлати абарқудрати шӯравӣ Тоҷикистон дар ҷодаи тараққиёти мустақил қадам ниҳод, вале дафъатан гирифтори тӯфони ҳаводиси замон гардид. Ва ин айёми пурпечутоб ба арсаи сиёсӣ як зумра ходимони

то он вақт ноозмуда ва на чандон машҳур, аз ҷумла Эмомалӣ Раҳмонро ба майдон овард, ки ӯ рамзи Тоҷикистони соҳибистиқлол гардид. Эмомалӣ Раҳмони дар хориҷи кишвар ҳанӯз ношинос, аввали солҳои 90-ум дар сиёсати дохилии кишвар ва сипас дар муносибатҳои байналмилалӣ мақоми баланд пайдо кард.

Бешак, худи ӯ ба хубӣ дарк менамояд, ки маҳз он вазъияти фавқулодаро ба ӯҳда гирад, ҳанӯз моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар Хуҷанд (дар ҳоли идомаи ҷанги шаҳрвандӣ барпо кардани он дар пойтахти ҷумҳурӣ илоҷ надошт) Эмомалӣ Раҳмон баъд аз он ки дар ин ҷо ӯро Раиси Шӯрои Олӣ, Сардори давлат интихоб намуданд, ба таври муҷаз, аммо хеле возеҳ барномаи сиёсии худро иброз дошт: «Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти ҳамаи гурезаҳо ман тайёрам, ҷони худро нисор кунам».

Шаҳрвандони Тоҷикистон баъд аз он на як бору ду бор яқин карданд, ки ӯ ин суханонро на барои изҳори фазл ва ба худ кашидани таваҷҷуҳи доираҳои баланди сиёсӣ гуфтааст.

Барои мисол кофист, ёдовар шавем, ки охири соли 1996 дар арафаи ба имзорасии Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон, вақте ки зарурат пеш омада буд, Президент Эмомалӣ Раҳмон барои вохӯрӣ бо роҳбари мухолифини яроқнок бе ҳеҷ дудилагӣ ба яке аз нуқтаҳои доғи Афғонистон - Хосдеҳ парвоз намуданд. Бечунучаро, ин амал аз Президент ба ғайр аз нияти ҷазм дар роҳи истиқрори сулҳ ҷасорату мардонагии беназири шахсиро низ тақозо мекард.

Шахсияти Президент Эмомалӣ Раҳмон, қисмати ӯ аз бисёр ҷиҳат беҳамто ва нотакрор аст, вале ҳамзамон худи айёме, ки мо ба сар мебарем, низ ба худ назир надорад ва пур аз ҳаводиси ногаҳонист. Оё ҳанӯз панҷ-шаш сол

муқаддам касе тасаввур карда метавонист, ки дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, ки ҳатто баъд аз оғози бозсозии шӯравӣ истеҳкоми фатҳнопазири сотсиализми тоталитарӣ (ҳамаро фарогиранда) маҳсуб мешуданд, тартибот шикаст мехӯраду ҳизби коммунист бо усулҳои номенклатурии тақсими вазифаҳо мавқеи худро аз даст медиҳад, ба сари қудрат бошад, фарзанди чилсолаи деҳқони хокпош, ки қаблан сарвари як хоҷагии начандон калон дар Данғараи навкорам буд, меояд.

Мартабаи баланди сиёсӣ, ки барои Эмомалӣ Раҳмон аз қазову қадар арзонӣ шудааст, барои чунин хулосаи ҷасурона асос буда метавонад: касе аз модар президент таваллуд намешавад, президентон дар рафти муборизаҳои тезутунди сиёсӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Бо мурури замон ҳатто ашаддитарин мухолифони Эмомалӣ Раҳмон, ки сарнагуншавии бармаҳали ӯро пешгӯӣ менамуданд, лоҷарам иқрор хоҳанд кард: Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки дар худ як ҷасорати сиёсӣ пайдо кард, то дар айёми мубҳам ва печ дар печ сарварии кишварро ба ӯҳда гирад, чун сиёсатмадори дурандеш ташаккул ёфту ба таври назаррас касби камол кард ва соҳиби фазилатҳои хоси сарварони миқёси ҷаҳонӣ гардид, ки ин таҷассуми пурбардоштӣ ва хиради халқ аст. Яке аз рӯзномаҳои оппозитсионӣ, ки дар хориҷи кишвар интишор мешавад ва дар таваҷҷуҳ ба Президент Эмомалӣ Раҳмон аз он гумонбар шудан душвор аст, дар замони худ навишта буд: «Агар гап сари масъалаҳои дуюминдараҷа равад, Эмомалӣ Раҳмон гузашт карда метавонад, вале чун кор ба вазифаҳои ҳаётан муҳим оид гардад, ӯ чун кӯҳ пойдору маҳкам аст».

Вақте ки ин навиштаҷотро манзури Эмомалӣ Раҳмон гардонданд, ӯ бо лабханд гуфт: - Аҷаб не, шояд ҳамин тавр ҳам бошад… Фаромӯш накунед, ман дар Флоти ҳарбии баҳрӣ хизмат кардаам. Се соли расо, аз соли 1971 то

1974 дар киштии ҷангӣ арзу тӯли Баҳри Сиёҳ ва Уқёнуси Оромро чен кардам. Хулласи калом, ҳар кас, ки ба баҳри кушод баромада бошад, хуб медонад: агар лангар ба об андохта шавад, ҳеҷ шамоле киштиро бурда наметавонад. Ман ҳам як чунин лангаре дорам, ки ба ҳеҷ ваҷҳ аз он канда шуда наметавонам: он ҳисси масъулият аст дар пеши мардуми Тоҷикистон, ки маро Президенти худ интихоб намудааст.

Ин андешаҳо Президентро дар лаҳзаҳои ҳассостарини ҳаёташ низ тарк намекунанд. Чунончи, ҳангоми амали террористӣ дар маркази вилоят воқеъ дар шимоли ҷумҳурӣ, ки сӯиқасд ба Роҳбари давлат ба ҳисоб мерафт аввалин ҳарфи Президент, ки тасодуфан ҷон ба саломат бурд, дар он лаҳза ин буд: «Халқ гуноҳ надорад… Ин кори қотилони зархарид аст».

Он лаҳза чунин суханонро фақат касе бар забон оварда метавонист, ки барояш манфиатҳои олии мамлакат ва осоиштагии мардум аз ҳама чиз волост, касе ки беш аз дигарон воқиф аст, ки муқобилгузорӣ ва ҷудоиандозӣ дар миёни мардуми маҳалҳои гуногун чӣ хавфу хатаре дорад. Дар замони худ маҳз мавқеъҳои якдигарро бакуллӣ истиснокунандаи тарафҳои муқобил, ки дар он байн тоифаҳои маҳалгаро нуфузи хосса доштанд, ҷомеаро тақсим карданд ва боиси ҷанги бародаркуш шуданд.

Агар хоҳӣ, ки шоирро то ба охир кашф намоӣ, ба ватанаш рав, навиштааст Ҳӯте. Барои шинохти ҳарчӣ бештари Эмомалӣ Раҳмон чун сиёсатмадор ва инсон низ мебояд ба замон ва маконе, ки маншаи умру кору аъмоли ӯст, чашм андозем.

…Тоҷикон ба яке аз шохаҳои қадимтарини оилаи халқҳои ориёӣ мутааллиқ ҳастанд, ки ҳазорсолаҳо дар воҳаҳои ҳосилхези Осиёи Марказӣ, дар сари Роҳи абрешим зиндагонӣ мекарданд, вале аз қазову қадар борҳо дар

миёни оташи ҷангҳои офатбор низ афтода буданд. Марзу буми Осиёи Марказӣ, ки дар он ва даштҳои ҳамҷавор аз қадимулайём халқҳои эронитабори забону урфу одатҳояшон ба ҳам наздик маскан доштанд, аз хуни рехтаи истилогарон ва «наҷотдиҳандагон»-и бешумори аҷнабӣ лолагун гардида буд. Дар баробари ин, аз ҳамон давраҳо заминаи маънавии ин куҳандиёр ба меодгоҳи таърихӣ ва пурғановати тамаддуни Шарқ ва Ғарб табдил ёфт. Аз паси пардаи дуду оташ, ки майдонҳои ҳарбу зарбро фаро гирифта буданд, табодули байналмилалии фарҳангӣ ҷараён дошт.

…Алҳақ, садаи даҳум барои миллати мо асри тиллоӣ маҳсуб мегашт. Барои мо, тоҷикон аҳамияти фарҳангиву таърихии он давра ба андозаест, ки асри понздаҳум барои итолиёиҳо, шонздаҳум барои инглисҳо, ҳабдаҳум барои франсавиҳо, ҳаждаҳум дигараш барои олмониҳо, нуздаҳум - барои русҳо ва бистум, эҳтимол аз рӯи бисёр нишонаҳо - барои америкоиён дорад. Тазаккури фақат ҳамин чиз кофист, ки худи ғояи гуманизм (одамият) дар муҳити фарҳангиву таърихии Аҷам, сарзамини аҷдодии мо бархостааст.

Ягон тасодуф нест, ки баъд аз он, ки истиқрори сулҳ ба даст омаду раванди дигари боз ҳам душвору мадид – мустаҳкамкунии давлатдории миллӣ ва ба ҳайси як воҳиди мустақил ботадриҷ пайвастани кишвар ба ҷомиаи кунунии ҷаҳонӣ шуруъ шуд, Президент Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи зиёиёни тоҷикро дар роҳи худогоҳии давлатдории миллӣ ба асри даҳ – замони шукуфоии давлати Сомониён кашид.

Маҳз дар ҳамин давра шакл гирифтани давлатдории халқи тоҷик, принсипи ҳамзистии осоишта ва ҳамсоягии нек рукни асосии сиёсати давлатӣ гашт, ки ба рӯҳу анъаноти мардуми сулҳпарвари фарҳангдӯст ва барои табодул ҳамеша омода пурра ҷавобгӯ буд.

Аз таҷрибаи таърихии халқи тоҷик, ки борҳо аз та-

рафи истилогарони аҷнабӣ ранҷу озор дидааст, вале ҳаргиз ба рисолати миллии худ хиёнат накардааст, сабақҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии нек бармеояд. Тоҷиконро ба ин чиз қабл аз ҳама мероси ғании маънавӣ, фарҳанг, муттасилии анъанаҳо ҳидоят менамояд. Онҳо ҳаргиз шаъну шараф ва ифтихори миллии худро доғдор накардаанд.

Туркҳо дар асри XI кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, то ки давлати тоҷиконро ба худ мутеъ созанд, аммо дар айни замон принсипҳои идораи давлат, анъанаҳо ва расму оини тоҷиконро пурра қабул намуданд, забони давлатӣ низ ҳамоно тоҷикӣ буд. Ба қавли шарқшиноси шинохтаи маҷор Герман Вамбери, тоҷикон баъд аз гирифтории асорат низ нисбати истилогарони худ мақоми мутамаддинсозиро ишғол менамуданд.

Ғояи ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён дар соли 1999 аз ибтидо барои ба даст овардани ваҳдати миллӣ равона шудааст ва ягон даъвои дигаре дар Осиёи Марказӣ надорад. Беҳуда нест, ки ҳангоми матраҳи ин ғоя дар вохӯриҳо бо зиёиён, занон, ҷавонон ва ғайра Президент Эмомалӣ Раҳмон гаштаю баргашта таъкид мекунад, ки ҷуғрофияи сиёсии гузашта ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба воқеияти ҳаёти кунунӣ таъсир расонад.

Баъди муваффақ шудан ба истиқлолияти давлатӣ, вақте ки имкони ташаккули шаклҳои нави идоракунии сиёсӣ ва иқтисодӣ даст дод, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президент бо мамониатҳои зиёди объективӣ рӯ ба рӯ шуд, ки хоси давраи гузариш аз ҷомеаи тоталитарӣ ба демократӣ мебошанд ва ҳар касе, ки дар худ ҷасорат пайдо кардаву зимоми киштии раҳнаёфтаро ба даст мегирад, бояд онҳоро аз сари роҳи худ дур кунад.

Ҳоҷати гап ҳам нест, ки ба Эмомалӣ Раҳмони аз бозиҳои сиёсӣ бохабар ҳангоми ба сари қудрат омадану ба гирдоби муборизаҳои сиёсӣ ворид шуданаш чӣ мероси га-

роне монда буд. Вазъияти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ аз касофати бӯҳрони шадиди давлат боз ҳам мураккаб гардида, сохторҳои конститутсионӣ қариб, ки амал намекарданд, ҳокимият фалаҷ гашта буд.

Барои ин давраи мубҳам ҳамчунин авҷ гирифтани фаъолияти унсурҳои ҷинояткор ва дар ҳоле, ки мухолифони Эмомалӣ Раҳмон шикасти ӯро нигарон буданд, талоши сиёсатмадорони худхоҳ барои ҳокимият хос буд.

Вале пешгӯиҳои сиёсатмадорони кӯтоҳназар пуч баромад, зеро онҳо як чизи муҳимро сарфи назар карданд: Эмомалӣ Раҳмонро халқ дастгирӣ мекунад, халқе, ки вай аз байни он баромадааст. Ин чиз, алалхусус, дар вақти интихоботи Президент, ки аксари кулли овозҳоро гирифта буд, хеле возеҳу равшан аён гардид. Дар Анҷумани тоҷикони ҷаҳон дар шаҳри Душанбе бошад (дар панҷ сол чунин анҷуман се маротиба барпо шуд), аз ҷониби як нафар меҳмони хориҷӣ сухане рафт, ки аҳли толор бо мавҷи қарсак истиқбол намуданд. Он сухан ин буд: «Эмомалӣ Раҳмон - Президенти ҳамаи тоҷикони ҷаҳон аст».

Вақт бо шасту ҷадал пеш меравад, аммо роҳу равише, ки Конститутсия муқаррар намудааст, бетағйир мемонад. Тоҷикистон бо роҳи бунёди давлати демократӣ, ки ба иқтисоди бозаргонии тавъам бо адолати иҷтимоӣ асос ёфтааст, устуворона пеш меравад.

Ислоҳоти куллии иқтисодӣ ривоҷ ёфта, муҳимтарин соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифтааст. Хусусигардонии моликияти давлатӣ бомуваффақият идома дорад. Шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ пайдо шуданд.

Сарзамини Тоҷикистон аз канданиҳои фоиданок ниҳоят ғанӣ мебошад. Дар натиҷаи тадқиқи мунтазами геологии ҳудуди ҷумҳурӣ захираҳои фаровони маводи сӯзишворӣ ва конҳои сангҳои қиматбаҳо, маводи сохтмонӣ, фулузоти ранга ва нодир кашф гардидаанд. Ҳоли ҳозир бештар

аз 400 кони канданиҳои фоиданок кашф шуда, тақрибан 100-тои он мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст, ки аз онҳо 40 навъи маводи конӣ ва сӯзишворӣ истихроҷ мешавад. Аз ҷиҳати захираи мис, нуқра, тилло, қӯрғошим, руҳ, висмут, стронсий, сурма, волфрам, гази табиӣ, ангиштсанг, обҳои минералӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Ҳамчунин, захираҳои бузурги намак ва сангҳои қиматбаҳо мавҷуданд.

Канданиҳои фоиданоки мамлакат ганҷи бебаҳоянд, аммо фақат истифодаи оқилона, пурсамар ва сарфакоронаи онҳо, чунон ки Эмомалӣ Раҳмон мудом таъкид менамояд, заминаи ободонии кишвар шуда метавонад. Муҳити мувофиқ, ки тайи солҳои охир ба вуҷуд оварда шудааст, ба маблағгузориҳои хориҷӣ дар кори азхудкунии васеи канданиҳои фоиданоки кишвар мусоидат хоҳад кард. Боиси қаноатмандист, ки дар муддати кӯтоҳ беш аз 240 корхонаи гуногуни муштарак арзи вуҷуд намуд. Онҳо асосан бо дастгирии ширкатҳои хориҷӣ пайдо шуданд. Чунончи корхонаи муштараки британиягиву тоҷикии «Зарафшон» барои истеҳсоли даҳ тонна тилло пешбинӣ шудааст. Корхонаи амрикоиву тоҷикӣ, ки ба истеҳсоли молҳои чармин махсус гардонида шудааст, ҳамчунин фабрикаи кешбофии Кореяи Ҷанубиву тоҷикии «Кабоол Тоҷиктекстайлз» ва ғайра низ ба ин мисол шуда метавонанд.

Мувофиқи Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ то солҳои наздиктарин кишвар бояд дар соҳаи муҳим - хоҷагии кишлоқ ва энергетика соҳибистиқлол гардад.

Ба деҳқонон тақсим карда додани 75 ҳазор гектар замин (дар мамлакате, ки 93 фоизи қаламраваш аз кӯҳ иборат аст, ин иқдом воқеъан инқилоб буд) низ аҳамияти бузург дорад, зеро баъд аз ин истеҳсоли ғалла ва дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ чандин карат афзуд. Ин таҷриба собит менамояд, ки дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва оқибатҳои

он, тақсими замин ба деҳқонон дар боздоштани пастравии истеҳсолот, авҷ гирифтани ташаббускорӣ аз поён нақши муҳим гузошта метавонад.

Пешравии босуръати минбаъдаи ҷумҳурӣ бе тараққиёти энергетика амри маҳол аст. Маҳз барои ҳамин Президент ташаббускори тезонидани бунёди истгоҳи барқи обии Сангтӯда дар рӯди Вахш гардид, ки барои тараққиёти Тоҷикистон уфуқҳои тоза мекушояд ва ҳоло неруи арзони он бар манфиати кишвар истифода мешавад.

Арзи вуҷуд намудани аҳзобу ҳаракатҳои нави сиёсӣ, миқдори зиёди ташкилоти ғайридавлатӣ қосиди ҷомиаи ояндаи шаҳрвандӣ мебошанд. Озодии виҷдон мазмуни воқеӣ гирифт ва ба ҳуқуқи демократии тамоми аҳолӣ табдил гардид.

Вале бешак, комбёии бузургтарини он давра пешрафти музокираи байни тоҷикон ба сӯи сулҳу салоҳ мебошад, ки баъд аз се сол ба он Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳусни хотима бахшид. Ин ҳуҷҷат аз анҷоми муқовимат дар миёни тоҷикон башорат дод…

Барои касе пӯшида нест, ки музокироти байни тоҷикон пеш аз ҳама бо саъю талоши Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи истиқрори сулҳи пойдор дар ҷумҳурӣ, қатъ шудани амалиёти ҳарбӣ дар сарҳади тоҷику афғон, ҳалли масъалаи гурезаҳо ва ризоияти миллӣ шуруъ гардида буд. Дар натиҷаи вохӯрии нахустин ҳайати ҳукуматӣ бо намояндагони оппозитсия бо миёнҷигарии Созмони Милали Муттаҳид ва Вазорати умури хориҷаи Россия барпо гардид, ки аз 5-ум то 19-уми апрели соли 1994 идома ёфт. Аслан, ин қадами аввалин ба сӯи мақсади дерина, ба сӯи сулҳу салоҳ ва якдигарфаҳмӣ буд.

Аз рӯи инсоф бояд бигӯем, ки Эмомалӣ Раҳмон хеле барвақт аз оғози музокирот ҳанӯз вақте ки вакили қато-

рии парлумон буд, барои пешгирии ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон чанд қадами ҷиддӣ бардошт. Ҳанӯз соли 1992 ӯ ду маротиба ба ҷумҳурии ҳамсоя, ба шаҳри Бишкек сафар намуда, бо собиқ президенти Қирғизистон А.Акаев вохӯрда буд, то вазъияти ба амаломадаро фаҳмонад ва бо дастгирии ӯ диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба фоҷиаи дар Тоҷикистон рухдода ҷалб намояд.

Эмомалӣ Раҳмон на як бору ду бор таъкид сохта буд: «Мо барои музокирот бо ҳамаи нерӯҳое, ки умеди раҳонидани Тоҷикистонро аз бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ доранд, омода ҳастем».

Ӯ ба қавли худ ҳаргиз хиёнат накард, балки бо аъмоли ҳамарӯзааш азму иродаи қавии худро собит менамуд.

Ба ин зуҳуроти аҷоиб таваҷҷӯҳ кунед. 16 ноябри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон Сардори давлат интихоб мешаванд. Баъд аз чаҳор сол, боз дар моҳи ноябр бо афзалияти зиёд дар интихоботи президентӣ ғалаба мекунанд, ҳамзамон Конститутсияи пешниҳоднамудаи ӯ аз ҷониби халқ пазируфта мешавад. Панҷ сол пас моҳи ноябр ва боз дар таърихи рӯзи 16-ум гурезаи охирин ба Ватан баргашт… Инро чӣ гуна метавон шарҳ дод? Тасодуф? Мувофиқ омадани ҳодисаҳо? Шояд. Вале дар ин муназзамӣ як рамзе низ ба назар мерасад, ки гувоҳи сарнавишти олист ва аз матонату устуворие, ки мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати хешро ба амал мебарорад, шаҳодат медиҳад.

Зери чархи кабуд ҳеҷ чиз абадӣ нест. Ҳар як сиёсатмадор ба қадри ҳиммати худ ба рафти воқеаҳо таъсир мерасонад ва дар таърихи кишвар нақше аз худ мегузорад. Чунин нақшро, ки дар ёди пасояндагон ҷовидон мемонад, Эмомалӣ Раҳмон аллакай ба таври хеле устувор гузоштаанд. Ӯ ба он муваффақ шуд, ки аз сари нангу номус ҳамватанони гурезаи худро, ки бар асари ҷанги бародаркуш дар ғарибӣ афтода буданд, ба Ватан бозгардонад. Ин пеш

аз ҳама он мардуме буданд, ки дар хоки Афғонистон дар хаймаҳо умр ба сар мебурданд, вале тоҷикони ғарибгашта дар ақсои дигари ҷаҳон низ кам набуданд.

Дар таърихи бисёр кишварҳое, ки ҷанги ҳамватаниро аз сар гузарониданд, гурезаҳо ва муҳоҷирон зиёд буданд. Ҳеҷ кадом аз ин кишварҳо пас аз басанда шудани ихтилофу низоъҳои миллӣ гурезагони худро баргардонда натавонист. Президент Эмомалӣ Раҳмон ба ин муваффақ шуданд.

Ба мисли Президент Авраам Линколн, ки дар замони худ барои ягонагии ҷомеаи амрикоӣ талошҳо варзида буд, Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки суннатҳои давлатдорӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистонро маҳфуз доранд. Ин бузургтарин хизмати ӯ дар назди халқи хеш, наслҳои оянда мебошад.

Баъд аз соҳибихтиёр шудан Тоҷикистони маҳбубро беш аз 150 мамлакати ҷаҳон ба расмият шинохтанд ва миёни онҳо алоқаи зичи дипломатӣ барқарор гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид, дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад. Тоҷикистон тараққиёти минбаъдаи худро ба инкишофи робитаҳои ҳаматарафа бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва кулли мамлакатҳое, ки омодаи ҳамкории судманди тарафайн мебошанд, марбут медонад.

Ҳамаи ин тамоюлҳо аз ҷониби чандин ҳайати Тоҷикистон дар иҷлосияҳои Созмони Милали Муттаҳид, ки аз минбари баланди он суханронии Президент Эмомалӣ Раҳмон борҳо садо додааст, тақвият ёфтанд. «- Оламу оламиён, - таъкид мекунанд Президент Эмомалӣ Раҳмон, - огоҳӣ ёфтанд, ки ҷаҳду ҷадали кишвари кӯҳсори мо на аз рӯи хешпарастӣ ва суди яклаҳзаина аст, балки ба хотири осоиштагӣ, ҳамсоягии нек ва бунёдкорист, қасди ишғол намудани мақоми сазовор дар радифи мамлакатҳои мутамадин аст».

Шаҳрвандони Тоҷикистон имони комил доранд, ки кулли орзу ва омоли фархунда ва пуршаъну шарафи Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳатмаи ҷомаи амал хоҳанд пӯшид. Зеро қадами қатъӣ дар ин роҳ аллакай ниҳода шудааст.

Баъди атои Худо гардидани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбуб бунёди нақби Анзоб (баъдан бо пешниҳоди Роҳбари давлат нақби Истиқлол номида шуд) нахустин сохтмоне буд, ки бо ҷаҳду талош ва кӯшишҳои шахсии Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон оғоз шуд. Сардори давдат дар рӯзи ибтидо ёфтани иншои мазкур, яъне 20 майи соли 1999 чунин гуфта буданд:

“Ба нохун бошад ҳам, бояд аз дили санги хоро роҳ кушоем, то дарвозаи вилояти Суғд, ки дар байни Душанбею Хуҷанд қарор дорад, дар чор фасли сол ба рӯи мардум кушода бошад. Бигузор падарону модарон ва бародарону хоҳарони мо аз азоби баста шудани роҳ дар давоми шаш моҳи барфрезию тармаҳо раҳоӣ ёбанд. Бигузор дарвозаи Зарафшон ва роҳи мошингарди туннели Анзоб кӯпруки заррине гардад, ки чун давоми силсилаи “Шоҳроҳи абрешим” қисмати шимоли мамлакатро бо пойтахти он бипайвандад. Бигузор рафтуои мардум аз шарофати ин роҳ ба чаҳор самти олам ва саросари Тоҷикистон осону бемонеа гардад”.

Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вақте ки дар иҷлосияи XVI-и таърихии Хуҷанд Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон, Сардори давлат интихоб шуданд, ба халқи азияткашидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхорӣ карданро бо амри дили пок ҳадафи асосӣ, шоҳроҳи ягонаи сиёсии худ қарор доданд. Биноан аз ҳамон минбаре, ки бори аввал ҳамчун Роҳбар суханронӣ доштанд, бо сари баланд изҳор намуданд:

“Ман ба шумо сулҳ меорам! Оташи ҷангро хомӯш месозам! То он даме ки як нафар гурезаи маҷбурӣ дур аз Ватан бошад, худро ором намегузорам.”

Роҳбари ҷавони кишвари тоҷикон ин суханонро аз магз-мағзи ҷисму ҷони худ гуфта буданд. Дар ин Барномаи давлатсозии ӯ эҳсоси ҷасорату ғайрати бузург, ғамхории бепоёнаш нисбат ба мардумони Ватан ифода меёфтанд. Метавон гуфтан, ки минбаъд кулли лоиҳаҳои созандагӣ ва бунёдкории ин Родмарди Бузург дар ду шаҳсутуни пуркудрат устувор гардиданд: ҷасорат ва ғамхорӣ.

Сохтмони нақби Анзоб солҳои ҳаштодуми қарни гузашта шурӯъ гардида буд. Умуман ин сохтмони муҳимро дар замони шӯравӣ барвақт анҷом додан имкон дошт, зеро дар ҳамон давра аҳамияти сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва ғайраро молик буд. Лекин бо кадом иллате оғози сохтмони онро ба дарозо кашиданд ва оқибат бо шурӯъ гардидани нобасомониҳо тамоман қатъ намуданд.

Сарвари давлат бо ғаюрӣ ва ҷасорати хоси худашон сохтмони нақби Анзобро ҳамагӣ ду сол баъди ба имзо расидани Созишномаи умумӣ оид ба сулҳи тоҷикон шурӯъ карданд. Дар ин айём ҳанӯз иқтисоди ҷумҳурӣ ҳоли заъфе дошт. Васоити техникии аз замони шӯравӣ мерос монда, чандон муқтадир набуд, нақбканон маошашонро мунтазам намегирифтанд. Вале онҳо аз самти шимол ва ҳам аз самти ҷануби нақб Президенти шуҷоъ ва ҷасури мамлакатро дар паҳлуяшон дида, бо ҷӯшу ғайрати бесобиқа, талошу заҳмати зиёд мекарданд, то Ватани азизамон обод бошад. Нақбканон ҳар замон бо дидани Сардори давлат ба ояндаи нек дилпур буданд.

Дар ҳамон даврон ба ин сохтмон ба ёрӣ омадани бародарони эронӣ низ ба ваҷҳи соҳибтадбирию мудаббирии Роҳбари давлат амалӣ гардид.

Боре яке аз мо, муаллифони ҳамин мақола ба назди бинокорони ин сохтмони муҳташам сафари хидматӣ намудем. Пас аз ошноӣ бо кори пурзаҳмати нақбканон, шомгоҳ дар ошхонаи меҳмонсарои бағали кӯҳи Анзоб ҳамроҳи

мутахассисин ва муҳандисини тоҷику эронӣ чой нӯшида, сӯҳбати тӯлонӣ доштем.

Яке аз муҳандисини эронӣ дар ҳамон сӯҳбат чунин гуфт:

- Мо ба кулли ҷамоҳири Осиёи Миёна - Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон сафар намудем ва дидем, ки дар он кишварҳо корхонаҷот, роҳу пулҳо, фабрику заводҳо хеле зиёданд. Маълум мешавад, ки онҳо дар замони ҳукмронии шӯравӣ барои ободонии мамолики худ кӯшиши бисёр кардаанд. Вале роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ободии Ватанашон камтар сайъ намудаанд. Яъне шумо нисбат ба ин ҷумҳуриҳо хеле қафо мондаед.

Мо, тоҷикон, ки дар маҳфил ҳузур доштем, аз ин гуфтаҳои барҳақ мутаассир гардидем.

Сипас ба ин суханони бародари эронӣ яке аз муҳандисини тоҷик чунин посух дод:

- Акнун ин ақибмониро Роҳбари донишманд, дурандешу ғаюри мо, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бартараф хоҳанд кард.

- Худо кунад, ки чунин шавад,- ҳамовозӣ намуд бародари эронӣ.

Имрӯз шукрона мегӯем, ки он пешгӯии муҳандиси тоҷик ба воқеъият табдил шудан дорад.

Дар кишвари мо ағбаи Анзоб (эрониён гарданаи Анзоб мегӯянд) ва гирду атрофи он хосатан дар фасли зимистон хатарноктарин роҳи убуру мурур аст. Ягон соле набуд, ки аз ин роҳ хабари фоҷиавӣ нашунавем. Ҳазорон афсӯс, ки ҳангоми сафар кардан одамон нобуд мешуданд. Хусусан дар наздикии минтақаи Майхура, саҳеҳтараш, аз гардиши васли рӯди Сиёма ба рӯди Варзоб то Майхӯра ҳар сол то даҳ-дувоздаҳ нафар мусофирон зери тарма монда, ҷон ба ҷонофарин месупориданд. Барои ҳамин даҳшат мардум ин қитъаи ваҳим ва пуртаҳлукаро аз замонҳои пешин “Новаи

мурдаҳо” номидаанд. Ҳар кас агар фасли зимистону вақти барфрезӣ аз ин ҷо мегузашт, яқинан аз тармаю шамоли сарди шадид ба ҳалокат мерасид. Зеро кӯҳҳои баланд аз ду тараф дараро танг карда буданд, бинобар ин тарма аз ду самт бо даҳшат фурӯ мерехту ба роҳгузар ҳеҷ ҷои халосӣ намемонд.

Ба тӯли ҳафтод соли шӯравӣ ҳамин роҳи махуфро хурду калон - ҳамагон медонистанд ва аз фоҷиаҳо воқиф буданд, аммо афсӯс мегуфтанду мемонданд. Мутаассифона, аз роҳбарони ҳафтод соли ҳукмрони шӯравӣ касе ҷуръат намуда, ин хавфу хатари даҳшатангезро бартараф накард.

Вале Роҳбари кишварамон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин кори шарофатмандонаро дар солҳои аввали давлатдориашон ба некӣ анҷом доданд. Алҳол мусофирон дар байни Дашти Кабудаи рӯди Сиёмаю Майхӯра аз якчанд туннелҳо мегузаранд. Маҳз ҳамин туннелҳо роҳгузаронро аз тармаҳои бо лою сангҳои бисёрҳазортоннагии аз қуллаҳои кӯҳ фурӯрез ҳифз менамоянду наҷот мебахшанд.

Лоиҳаи нақби Анзоб дар замони шӯравӣ тарҳрезӣ шуда, аммо сохтмони туннелҳои алайҳи тарма дар он зикр наёфта буд. Ин туннелҳои наҷотбахш маҳз бо ташаббуси Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардидаанд. Зеро Барномаи давлатсозии Президенти мамлакат тавре ки гуфтем, бар ду шаҳсутуни пурқудрат устувор аст: ҷасорат ва ғамхорӣ!

Чунин қиссаҳоро мо дар бораи нақбҳои Шаҳристон, Хатлон, Озодӣ ҳикоят карда метавонем, ки бо рисолату шуҷоати беназири Пешвои миллат эъмор гардидаанд. Аслан ба шарофати сиёсати созандагии Сарвари давлат саросари Тоҷикистон обод гардида, роҳҳо, пулҳо, мактабҳо, майдонҳои варзишӣ, корхонаҳо қасрҳои фарҳангӣ, манзилгоҳҳо сохта шудаанд

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмо-

малӣ Раҳмон воқеан ҳам Роҳбари ҷасур, далер, шуҷоатманд ва ғамхори халқ, парастори ятимон, барҷомондагон, пиронсолон мебошанд.

Тавре ки сокинони солхӯрдаи ноҳияи Мурғоб ҳикоят мекунанд, дар замони ҳокимияти шӯравӣ аз ашхоси рутбааввали ҷумҳурӣ фақат як кас, роҳбари фидокори тоҷикон, котиби якуми кумитаи марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистон, шодравон Турсун Ӯлҷабоев тобистони соли 1960 ба Мурғоб омада, ба ҳаллу фасли муаммоҳои ноҳия иқдом варзида будааст.

Дар давраи фақат даҳ соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Мурғоб се маротиба сафар намудаанд. Ҳар як сафари Сарвари давлат ба ноҳияи дурдасттарини ҷумҳурӣ Мурғоб хеле муҳим, таърихӣ ва фаромӯшнашаванда ҳисобида мешавад.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба амал омадани нобасомониҳо дар ҷумҳуриамон шароити зиндагии сокинони ин ноҳияи дурдаст ва баландкӯҳ боз ҳам душвор гардида буд. Зеро ҳамон вақт аз маркази кишвар ба мардуми ноҳия ҳеҷ ёрию мадад намерасид. Лекин сокинони ноҳия душвориҳоро пушти сар карда, ҳаргиз ноумед намешуданд ва бовар доштанд, ки оқибат сулҳу оромӣ баркарор мегардаду ҳукумати марказӣ ба ёрӣ меояд.

Дар ҳақиқат бо ташрифи Сарвари доно, ғаюр, далер, олиҳиммат ва хирадманди давлатамон, хушбахтона, чунин рӯз фаро расид. Ҷаноби Олӣ зарурат ва муҳимии тараққиёти хоҷагии халқи ин минтақаро афзалтар шумурда, бо вуҷуди пуркориашон бори аввал соли 1995 ба ноҳияи Мурғоб сафар намуданд. Пеши назари худамон бояд тасаввур бикунем, ки он сол чӣ гуна замоне буд, ҳанӯз садои машъуми тирандозӣ дар қаламрави кишвари азизамон ба гӯш мерасид. Ҳамон вақт дар дашти Аличур бо сабаби бад

шудани вазъияти обу ҳаво чархболи Сардори давлат ногузир ба замин фуруд меояд. Ва Президент тавассути мошинҳои шахсӣ минтақаи душворгузарро тай намуда, ба маркази ноҳияи Мурғоб, ба назди мардум, ки интизораш буданд, ташриф фармуданд. Сокинони ноҳия Сарвари давлат, фарзанди барӯманди миллатро бо рӯҳбаландӣ ва эҳтироми бузург пешвоз гирифтанд.

Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари аввалинашон заруртарин муамморо ҳал карданд, ки ин гарм намудани бемористонҳо, боғчаю мактабҳо, хонаҳои мардум ва идораҳои давлатӣ буд. Бо супориши Сардори давлат барои ҳалли ин масъала маблағ гузаронида шуд ва бо ҳамон маблағ ангишт ва дигар маводи сӯхт харидорӣ гардида, одамон аз мушкилот раҳоӣ ёфтанд. Воқеан, зимистони минтақаи Мурғоб баробари манотиқи шимоли дури Русия буда, сардии ҳаво ба манфӣ 50 мефарояду аз он ҳам сардтар мегардад ва зарур аст, ки тақрибан соле даҳ моҳ утоқҳои истиқоматӣ гарм карда шаванд.

Ҷаноби Олӣ ҳангоми сафари дуюмашон аз шароити душвори пиронсолони ноҳия огоҳ гардида, бо амри худ ҳаҷми нафақаи солхӯрдагони Мурғобро 2,5 баробар афзун намуданд.

Сарвари давлат бори сеюм ба ноҳияи Мурғоб сафар карда, вобаста ба сохтмони шоҳроҳи Мурғоб-Қулма-Сиёҳсангон ва рӯ ба тараққӣ ниҳодани минтақа бо квотаи президентӣ масъалаи тайёрии кадрҳои маҳаллиро ҳал намуданд. Акнун аз ин ноҳияи дурдаст духтарону писарони зиёд дар мактабҳои олии Тоҷикистон таҳсил доранд. Як иддае аз онҳо таҳсилотро хатм намуда, дар хизмати халқу Ватан омода ҳастанд ва заҳмат мекунанд. Гурӯҳи калони фарзандони ноҳия дар таълимгоҳҳои Ҷумҳурии Қирғизистони бародар мехонанд, ки онҳо низ бо квотаи президентӣ ба ин шараф сазовор шудаанд.

Духтари сарбаланди диёри Мурғоб Овагул Ислаева, ки бо квотаи президентӣ дар Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон таҳсилро ба анҷом расонид, бо табобати беморони ноҳияи худ машғул аст.

Сокинони ноҳияи Мурғоб донистанд, ки ваъдаҳои Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сухан не, балки дар амал буда, воқеияту ҳаққонияти онро бо чашмони худ диданд. Биноан онҳо аз ғамхориҳои Сарвари давлатамон хеле сипосгузор буда, Пешвои миллатро ҳамчун роҳбари содиқ, хирадманд, дурандеш, бузургмарди каёнифитрат самимона эҳтиром менамоянд...

Боз ҳам суханони муҳандиси эронӣ ба ёд меоянд, ки аз имконоту иқтидори даврони шӯравӣ барои ободонии ҷумҳуриамон нисбат ба кишварҳои ҳамсоя камтар истифода бурданамонро бо таассуф мушоҳида кардааст.

- Акнун ин ақибмониро Роҳбари донишманди мо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бартараф хоҳанд кард,- муҳандиси тоҷик ба бародари эронӣ ҳамин тавр посух гуфта буд.

Имрӯз шукрона мегӯем, ки он ақибмонии замони шӯравӣ дар ҷумҳурии мо босуръат бартараф шуда истодаанд.

Аз замони таъсисёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба арсаи роҳбарии Ватан зуҳур намудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шахсиятҳои зайл зимомдорони кишвар буданд: Абдуқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Бобоҷон Ғафуров, Турсун Ӯлҷабоев, Ҷаббор Расулов, Раҳмон Набиев, Қаҳҳор Маҳкамов.

Албатта, дар солҳои роҳбарии чор нафари аввал имконияти сохтмону ободонӣ хеле ночиз буд, ин фаҳмост. Лекин замони панҷ нафари охирро бо даврони бисту сеюмин соли ҳукуматдорию давлатсозии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муқоиса намоем, тафовут аз замин то осмон аст!

Воқеан ҳам, саҳми Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар ободонии кишвар беназир аст!

Аз ин рӯ, посухи муҳандиси тоҷик комилан саҳеҳ мебошад. Дар ҳақиқат Роҳбари донишманд, ҷасур ва ғамхори тоҷикон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ақибмонии ҳафтодсолаи шӯравиро дар Тоҷикистони азиз бартараф карданд.

Ва табиист, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат"-ро қабул кард. Интихоби Пешвои миллат зарурати давлатдории навини тоҷикон буда, ин талабу хоҳиши умуми халқ аст.

Дар ҳақиқат Эмомалӣ Раҳмон қаҳрамон аст. Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеан барои халқ ва миллати мо хизматҳои бузурги таърихӣ карда, халқро аз парокандагӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз фурӯпошӣ наҷот додааст. Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ пояҳои давлатдорӣ, заминаҳои низоми ҳуқуқӣ, нахустин Конститутсияи халқӣ қабул шуданд. Эҳёи арзишҳои динӣ ва миллӣ оғоз гардида, кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, истиқлолияти озуқаворӣ таъмин гашта, роҳи давлатдории Тоҷикистон ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ-дунявӣ ва ягона шурӯъ гардидааст.

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳақиқатан ҳам Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат аст.

*Душанбе, январи с.2012*
*Очерки мазкур дар ҳаммуалифӣ*
*бо* **Мансури Суруш** *навишта шудааст*

## ИНТИХОБИ МО ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

**Барои кишвари тозаистиқлоламон давраи нав фаро мерасад. Он дар ҳаёти ҳар яки мову шумо, ҳам дар ҳаёти**

**ҷомеа марҳилаи нав мекушояд. Баъди чанди дигар, рӯзи 1 марти соли равон мо ба назди қуттиҳои овоздиҳӣ омада, вакилони худро ба яке аз муҳимтарин пояҳои ҳокимияти давлатиамон, ба мақоми олии қонунгузори мамлакат Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳою шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот барои панҷ соли оянда интихоб мекунем.**

Ин чӣ маънӣ дорад? Оё ҳамагон ба хубӣ сарфаҳм меравем, ки иштироки мо дар интихобот, дидаю санҷида ва бо риояи инсофу адолат, воқеъбинона овоз доданамон барои ин ё он номзад, барои намояндаи ин ё он ҳизб, қувваи сиёсӣ чӣ иқдоми муҳим ва масъулонаест?

Шаҳрвандони азизи кишвар медонанд, инро мо дар рӯзгори ҳамарӯзаи хеш даҳҳо бор шоҳид будаем, ки давлатдории навини мо бар пояи қонун устувор аст, тамоми ҷомеа пойбанди қонун аст. Муносибатҳои гуногунпаҳлуи давлат, фард ва ҷомеа тавассути қонун танзим гардида, иҷрои он, муқаддам гузоштани он барои ҳамагон, аз хурд то бузург ҳатмист. Қонун рушди моро таъмин месозад, ояндаи моро рӯшан мекунад. Волоияти қонун яке аз бахшҳои умда ва ба чашм намоёни низоми демократӣ дар кишварамон аст.

Мо ин роҳро ҳанӯз аз қадамҳои нахустини ба истиқлолияти давлатӣ расидан, бо қабули Сарқонунамон, ки воқеан он ҳам бо раъйдиҳии ҳамаи мову шумо сурат гирифт, интихоб карда будему имрӯз бо ҳидоятҳои хирадмандонаи Сарвари муаззами кишварамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти номбурда собитқадамона пеш рафта, онро зина ба зина таҳкиму тақвият дода истодаем. Сарқонун Тоҷикистонро давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муқаррар кардааст.

Дар таърихи башарият он имрӯз беҳтарин роҳи таъмини ҳокимияти мардумӣ мебошад. Ҷаҳон ягон амсилаи дигари давлатдориро намедонад, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон беҳтар аз роҳи номбурда таъмин мешуда бошанд.

Ба ҷуз ин, аз муҳимтарин нишонаҳои табиати демократӣ доштани давлатдории мо, ки тавассути Сарқонунамон муқаррар шудааст, таҷзия ё тақсими қудрати давлатӣ бо ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад. Ба ин васила тавозун дар идораи давлат таъмин мегардад.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳамон се шохаи ҳокимият аст, ки салоҳияти қонунгузориро ба зимма дорад. Қонун бошад, тавре гуфтем, усул, тартиби зиндагии мову шумо, имрӯзу ояндаи мову шумо, муносибатҳои мо бо давлату ҷомеа мебошад. Қонунҳо тавассути намояндагони мардумӣ пешниҳоду таҳия ва баррасиву қабул шуданашон баъдан ба туфайли иҷрои ҳамагониашон ба истиқрори адолати иҷтимоӣ замина фароҳам меоваранд.

Ҳамин тариқ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияту масъулияти бузургеро бар дӯш дорад. Ҳамаи он дастовардду пешравиҳое, ки то имрӯз, давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ дар ҳаёти мо воқеъ шудаанд, рафъи ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, таҳкими қонуният, рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар, пайваста боло рафтани сатҳи зиндагии мардумамон аз бисёр ҷиҳат натиҷаи фаъолияти огоҳона ва пурсамари ин мақоми олии намояндагиамон мебошад.

Оё мо мехоҳем, ки ин дигаргуниҳо идома пайдо бикунанд? Оё мехоҳем он корҳои бузурге, ки то имрӯз оғоз шудаву ҳоло давом доранд, муваффақона ба итмом бирасанду зиндагии шоиставу осудаҳолонаи мову наслҳои баъдиамон таъмин бишавад? Пас хеле муҳим аст, ки ин

бор ҳам, вақте назди қуттиҳои овоздиҳӣ меравем, мисли ҳамеша ба парламентамон беҳтарин намояндагони хеш, афроди ватандӯсту ватанпараст, донишманду босалоҳият, дорои мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, соҳибнуфуз ва бо симои неку писандидаи маънавию ахлоқиро пешбарӣ ва интихоб кунем.

Сифатҳои мазкур на фақат ба намояндагони мо дар мақоми олии қонунгузорамон муҳим ҳастанд, балки дар интихоби вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот низ мо бояд сифатҳои мазкурро дар симои ин ё он номзад шарти муҳимтарини аз ӯ ҷонибдорӣ кардан ё накардан, ба тарафдориаш овоз додан ё надодани хеш қарор бидиҳем. Чунки маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҳам зинаҳои муҳими ҳокимияти давлатианд. Онҳо мақомотеанд, ки бо мардум аз ҳама зичтар робита доранд.

Татбиқи амалии қонунҳои қабулшуда, барномаҳои пешрафт, дигар иқдомҳои муҳими давлат маҳз ба уҳдаи онҳост. Аз ин рӯ, бурду бохти ҳамаи ибтикороти пешгирифтаи давлатро ҳам дар ниҳояти кор онҳо муайян мекунанд. Агар ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, заковату ҷаҳонбинии васеъ набошад, бе одобу рафтори нек ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ иҷрои ин рисолати бузург аз ҷониби ҳайатҳои намояндагию иҷроияи мақомоти маҳаллии мо душвор хоҳад буд.

### *ҲХДТ - ҲИЗБИ МАРДУМӢ*

Баъзан дар васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ҳизби ҳоким ё худ ҳизби аксарияти парлумонӣ ном мебаранд. Табиист, ки мардум нисбати ташкилоти сиёсии дар ҷомеа нуфуз пайдокарда ва татбиққунандаи ормонҳояшонро ҳа-

мин гуна муносибат ва муомила мекунанд. Ҳизби мо дар давоми 20 соли гузашта аз имтиҳонҳои зиёде гузашта, обрӯ ва манзалаташро дар миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа таҳким бахшидааст. Ҳамин аст, ки дар маъракаҳои сиёсӣ ва сабқатҳои интихоботӣ пайваста ба пирӯзӣ мерасад.

Ташкилотҳои ҳизби мо пайваста дар ҷараёни ҳаллу фасли мушкилоту проблемаҳои мардум мебошанд. Одамон бо эътимоду боварӣ ҷиҳати баррасии масъалаҳои рӯзмарра ба қабулгоҳҳои ҷамъиятии ҳизб муроҷиат мекунанд. Ягон таклифу дархост ва арзу пешниҳодоти онҳо бенатиҷа ва эътибор намемонад. Ҳамин аст, ки ба он аъзо мешаванд ва тақдирашонро ба он мепайванданд. Бинобар ин ҳизби моро на ҳизби ҳоким ё ҳукмрон, балки ҳизби хизматгори халқ гуфтан беҳтару хубтар аст. Зеро ки мо мудом бо халқ ва дар хизмати халқ ҳастем.

Дар айни замон ақидае роиҷ ҳаст, ки гӯё мо Истиқлолияти давлатиро ба осонӣ ба даст овардем. Дар нигоҳи аввал шартан ин дуруст менамояд. Аммо баъди барҳам хӯрдани давлати абарқудрати шӯравӣ мо шоҳид будем, ки чӣ гуна ба муқовиматҳои сиёсию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гаштем. Ҷанги ҳамватанӣ ҳазорон нафарро қурбону фирорӣ ва хонахароб намуд. Ба иқтисоди мамлакат миллиардҳо доллар зиён ворид кард. Хисороти маънавии он низ беандоза буд. Барои чӣ мо ба чунин ҳол гирифтор шудем? Фикр мекунам мансабталошию манфиатхоҳии баъзе гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида омили бесарусомониҳо гардид.

Сабаби дигар, фаъол гаштани исломи сиёсӣ буд, ки бо идеологияи коммунистӣ ихтилофоти зиёде дошт. Ҳарчанд ки низоми коммунистӣ барои ҷомеа паҳлуҳои хуб ҳам дошту зарарнок ҳам. Бинобар ин муқовимати онҳо авзои сиёсию иҷтимоии ҷумҳуриро муташанниҷ гардонд. Гузашта аз ин аён буд, ки дар пушти муътақидони исломи сиёсӣ баъзе доираҳои ғаразҷӯи хориҷӣ қарор доштанд ва мехо-

станд дар Тоҷикистон давлати исломӣ бунёд намоянд. Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурии нав ба истиқлолият соҳибгаштаи мо як фазои ноороми сиёсию иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ки оқибатҳои ногувори онро дар солҳои минбаъда дидем.

### *ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҲИЗБИ СИЁСӢ*

Агар ба воқеияти инкишофи ҳодисаҳои Тоҷикистони солҳои 90-уми асри гузашта аз диди имрӯз назар кунем, мебинем, ки дар ҷумҳурии мо аввал Роҳбару пешвои халқ интихоб шуда, ҳукуматро ташкил кард ва сипас ҳизби сиёсии худро таъсис дод. Яъне Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи ҳукумат аст. Агар дигар ҳизбҳо барои соҳиби қудрат шудан ташкил шуда бошанд, пас ҳизби мо аллакай соҳиби ҳукумат шуда буд. Аз ҷониби дигар дар ҳамон шароит ташкил намудани ҳизби сиёсӣ кори осон набуд. Зеро ки аҳзоби мавҷуда бо мусаллаҳ шудану талоши ҳукумат кардан обрӯи худро дар ҷомеа резонда буданд. Бинобар ин ташкил намудани ҳизб кори осон набуд.

Муваффақият, дастовард ё худ маҳбубияту бурди Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он буд, ки ӯ ҷумҳуриро аз нав сохт. Нахуст мардуми фирориро баргардонд, бо мухолифон Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ба имзо расонд, иқтисодро аз буҳрон наҷот дода, корҳои созандагию бунёдкориро вусъат бахшид. Яъне, тақдири Президент ва мамлакат ба ҳам тавъам омад. Ин ду мафҳум як маъниро гирифтанд. Барои ҳамин ҳам таҳлилгарон иқдомҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо Шарл де Голи фаронсавӣ, Камол Отатурк, Конфутсийи хитойӣ ва дигар пешвоёни халқу миллатҳои ҷаҳон монанд мекунанд.

Масъалаи дигар ин татбиқи меъёрҳои демократӣ дар ҷумҳурии тозаистиқлоламон мебошад, ки ин масъулият пеш аз ҳама бар дӯши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷики-

стон вогузор мебошад. Ё ҳадди аққал ҳизби мо ин рисолатро ба зиммаи хеш мегирад.

Мафҳуми демократия ва бунёди давлати демократӣ барои мо вожаҳои нав мебошанд. Президенти кишвар дар ин бора борҳо таъкид намудаанд, ки мо бояд қолаби демократии кишварҳои пешрафтаро айнан нусхабардорӣ накунем, балки бояд дар Тоҷикистон демократияе созем, ки дар пояи арзишу унсурҳои миллӣ ва фарҳанги сиёсии худамон устувор гашта бошад. Танҳо дар ҳамон сурат мо ба ҷонибдории оммаи васеи мардум, пешрафту шукуфоӣ ва зиндагии шоистаи сокинон ноил мегардем.

Асоси интихоби давлати демократии моро интихоботи озодонаи мардум ва ифодаи соҳибихтиёрии иродаи халқ ташкил медиҳад.

Хушбахтона, имрӯз мову шумо барои озодона раъй додан ва мусоидат кардан ба пешбарии ашхоси варзидаи ҷомеаамон ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии намояндагӣ тамоми шароитҳоро дорем. Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии маҳаллии шаҳраку деҳот» барои баргузории як интихоботи озод ва шаффофу демократӣ фазои созгори ҳуқуқиро фароҳам овардаанд.

Тағйиру иловаҳои солҳои охир ба қонунгузории марбути интихобот бошанд, имкониятҳои ширкати аҳзоби сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии кишварро дар ин маъракаи муҳим ва ҳамчунин, зимни баҳисобгирии овозҳои интихобкунандагон боз ҳам васеътар сохтанд.

Ҳамаи ҳизбҳои сиёсии мо ҷиҳати ширкат дар интихобот, таблиғи ҳадафҳои усулӣ ва барномаҳои пешазинтихоботии хеш, муаррифии номзадҳои пешбарикардаашон ба

вакилӣ аз шароиту имкониятҳои баробар истифода мекунанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки ҳоло дар Маҷлиси намояндагонамон аз ҷумлаи ҳашт ҳизби сиёсии дар кишвар расман сабтиномшуда панҷ ҳизб вакил доранд. Иштироки умумии интихобкунандагон дар овоздиҳӣ бошад, соли 2010, ҳангоми охирин интихобот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ 90,3 дарсадро ташкил дода буд. Ин шаҳодати он аст, ки мардумамон ба интихобот эътиқоду эътимоди хеле зиёд доранд ва умеду орзуҳои хешро ба натиҷаҳои он марбут сохтаанд. Сазовори ин боварӣ кору амал кардан масъулияти бузургест.

Мо аз он ифтихор дорем, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, чун неруи тавонои сиёсии кишвар, дар эҷоди фазои бовару эътимоди зикршуда миёни давлату ҷомеа, ба вуҷуд овардани муҳити рақобати солиму созандаи миёниаҳзоб давоми солҳои истиқлолият нақши бузургеро ба ҷо овардааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолияти кишвар мебошад. Ақидаи таъсиси ин гуна ҳизб нахустин маротиба аз ҷониби Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миён омад ва таҳти роҳбарии Ҷаноби Олӣ соли 1994 омодагиҳо ба бунёди ҳизб шуруъ шуда буданд. Вай аъзои худро дар заминаи ҳадафу мақсадҳое муттаҳид гардондааст, ки ҳоло зербинои пешрафтро дар мамолики мутамаддини ҷаҳон ташаккул додаанд. Онҳо барои мардуми мо бегона нестанд, наздику фаҳмоянд, ки қисман аллакай ба воқеияти имрӯзи Тоҷикистон табдил ёфтаву қисми дигарашон марҳалаи иҷрову такмилу тақвиятро сипарӣ мекунанд: тақсими давлатдорӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, интихоботи шаффофу демократӣ ва беғаразона, гуногунӣ ва озодии афкори сиёсӣ, бисёрҳизбият, волоияти қонун, озодии баён ва матбуоти озод, озодӣ дар диндорӣ.

Озодиҳои иқтисодӣ, аз қабили имкони мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият ва рақобати озоди онҳо, рушди иқтисоди бозорӣ ва соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна ва дигар тадбирҳое, ки дахолати давлатро ба ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон, ба фаъолияти иқтисодии онҳо хеле коҳиш дода, заминаро барои рушди босубот фароҳам меоваранд. Мақсади ниҳоии мо бунёди ҷомеаи шаҳрвандиест, ки дар асоси худидоракунӣ ва иқдомҳои инфиродии шаҳрвандон пеш хоҳад рафт.

Ин ҳама ҳадафу мақсадҳои мушаххас, ки аз умқи ҷомеаи Тоҷикистон реша гирифта, хостаҳои дили аксари мардуми кишварро ифода мекунанд, дар барномаи ҳизби мо ҷой гирифта, миёни аксари шаҳрвандон ҷонибдории дилгармона пайдо намуданд. Мақсаду маром ва ҳадафҳое, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пеши худ қарор дода барои амалӣ гардонидани онҳо талош мекунад, бо дарназардошти манфиатҳои кулли ҷомеаи кишвар, ҳамаи қишрҳои гуногунранги мардум ба миён омадаанд. Онҳо нуқтаи эътидол ва муросову мадороанд, ки ваҳдату ягонагиро дар ҷомеа таъмин гардонда, кишварро ба сӯи пешрафт ва рифоҳу хушбахтӣ равона месозанд.

Сабаби маҳбубияти ҳизби мо низ миёни мардум дар ҳамин аст. Ҳамин аст, ки сафҳои он аз ҳисоби наслҳои нав ба нави ҷавонон афзун мешавад. Ҳамин аст, ки дар ҳар даври интихобот аксари кулли шаҳрвандон ба ҷонибдорӣ аз сиёсати он ва барномаи пешазинтихоботию номзадҳои он ба президентию вакилии зинаҳои гуногун овоз медиҳанд.

Ҳизби мо имрӯз бо 250 ҳазор нафар аъзою 4 ҳазор ташкилоти ибтидоӣ мерасад ва аз бузургтарин, муассиртарин ва писандидатарин нерӯҳои сиёсии кишвар аст. Он дар тамоми қаламрави мамлакат, то дурдасттарин маҳалҳои маскунӣ фаъолият дорад. Ба ҷуз ин, мо садҳо ҳазор, балки миллионҳо нафар ҷонибдорон дорем, ки гарчанд аъзои

мо нестанд, вале мақсаду маромамонро дар роҳи бунёди Тоҷикистони пешрафта ҳамеша дастгирӣ мекунанд ва барои амалӣ шуданашон талош меварзанд.

Тамоми давраи фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳайати мақомоти намояндагию иҷроияи кишвар гувоҳ аст, ки ҳизби мо ҳамеша пойбанди ҳадафҳои барномавии хеш барои бунёди фазои озоди сиёсӣ ва ба вуҷуд овардани рақобати солиму созандаи миёни аҳзоб ба хотири пешрафтҳои бештари Тоҷикистони азиз будааст.

Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз қонунҳои кишвар барои фаъолияти озодонаи ҳизбҳо заминаи мусоид фароҳам овардаанд ва онҳо барои касби нуфуз дар ҷомеа, барои дастёбӣ ба овозҳои бештари шаҳрвандон ҳангоми интихобот ягон монеае надоранд. Гузашта аз ин давраҳои охир мо ба сӯи ҳарифони сиёсиамон қадами боз ҳам фарохтар гузоштем. Бо иқдоми Раиси муаззами ҳизби мо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи гузашта на фақат Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, балки пешниҳодҳои барномавии аҳзоби дигар низ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, ба сифати нақшаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҷумлаи ҳадафҳои умумимиллӣ пазируфта шудаанд.

Имрӯз, дар пешорӯи интихоботи навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон садоқати худро ба ҳадафҳои усулии хеш, интихоботи шаффофу демократӣ, рақобати солиму созанда ва ҳамкорӣ бо тамоми аҳзоб дар роҳи бунёди Тоҷикистони навин боз як бори дигар таъкид мекунад.

Ин даъвати мо аз тамоми аъзои ҳизбамон, ҷонибдоронамон ва мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад, ки рӯзи 13-уми декабри соли гузашта, ҳангоми суханронии Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмо-

малӣ Раҳмон аз сари нав садо дод. Роҳбари муаззами мо назди созмонҳои ҳизбӣ вазифа гузоштанд, ки минбаъд низ зиёдаравӣ накарда, усулҳои наву муосири рақобати солим ва муборизаро дар маъракаҳои сиёсӣ аз кишварҳои пешрафта омӯзанд, зеро бурду бохти ҳар як ҳизби сиёсӣ дар интихоботи оянда аз он вобаста аст, ки имрӯз дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ чӣ мақому мавқеъ дорад ва мардум ба ҳадафҳои сиёсӣ ва барномаҳои пешазинтихоботии вай то чӣ андоза таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Ҷаноби Олӣ, ҳамчун Роҳбари давлат, таъкидан гуфтанд, ки дар раванди маъракаҳои пешазинтихоботӣ ба ягон ҳизб, аз ҷумла Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон берун аз муқарраароти қонун имтиёзе дода намешавад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҷомеа мақоми устувор дорад ва он бояд таҳким бахшида шавад, ки имкониятҳои онро дар интихобот бештар месозад. Ҳизб фақат ба неру ва имкониятҳои воқеии худ такя карда, бояд зимни рақобат, аз доираи қонун берун набарояд, дар баргузории интихоботи озоду шаффоф барои дигар ҳизбҳо намунаи ибрат бошад. Фаъолияти таблиғотӣ чунон ба роҳ монда шавад, ки он мактаби тақвияти фарҳанги сиёсии мардум, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сарҷамъии ҷомеа гардад.

Ҳамин тавр, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар даври навбатӣ ҳам бо дасту дили пок, бо таҳкурсии қавии ғоявию сиёсӣ, бо таҳкими ҳарчи бештари қатори аъзову ҷонибдоронаш дар атрофи ҳадафҳои созандаи хеш вориди рақобатҳои интихоботӣ шудааст ва омода аст, ки ҷиҳати дар доираи қонун, озод ва ошкору демократӣ баргузор сохтани ин маъракаи муҳиму сарнавиштсоз бо ҳамаи нерӯҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар ҳамкорӣ дошта бошад.

Мо аз корҳои то имрӯз, давоми панҷ соли охир анҷомдодаи хеш розиву қаноатмандем ва метавонем перомуни

онҳо ба мардумамон бо сари баланд ҳисобот диҳем. Вале дар айни замон нуқсонҳою мушкилоти мавҷуда низ аз чашмамон пинҳон нест, ки рафъи онҳо ва таҳкиму тақвияти минбаъдаи дастовардҳои кишвар дар барномаи навбатии пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои панҷ соли оянда инъикос шудаанд.

Мо ба касе ваъдаҳои хушку холӣ доданӣ нестем, касеро ташвиқ карданӣ ҳам нестем, ки кӯркӯрона аз паи мо рафта, ба тарафдориамон овоз бидиҳанд. Ташвиқи мо иқдомҳои мушаххаси мо давоми ду даҳсолаи охиранд, ки Тоҷикистони азизамонро тавассути таъмини суботи сиёсию иқтисодӣ ба як кишвари рӯ ба пешрафт табдил сохтаанд. Ташвиқи мо барномаи навбатии пешазинтихоботиамон аст, ки бо нақшаву ниятҳои мушаххас барои оянда, рушди устувори мавҷуда дар мамлакат бебозгашт ва зиндагии мардумамонро фаровонтару осудатар мегардонанд.

## *ПАНҶ СОЛЕ, КИ ОРМОНҲОИ МИЛЛИРО НАЗДИКТАР СОХТАНД*

Панҷ соле, ки мегузарад, мо чун давраҳои қаблӣ амонатдори мардуми Тоҷикистон будем. Кӯшиш кардем ин амонати бузургро, ки қудрати давлатӣ ном дорад ва интихобкунандаҳои азиз онро такроран ба дасти мо супурда буданд, дар ҳамкорӣ бо иддаи зиёди ҳамсафонамон, ашхоси дигари дилсӯзи Ватану ҷомеа, чун амонатдорҳои воқеӣ, бо эҳтиёти тамом нигоҳ бидорем, онро ҳар қадаре метавонем, ҳифз бикунем, рушду камол, такмилу тақвияташ бубахшем.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон то чӣ ҳад ба иҷрои ин вазифаҳои бузург муваффақ шуда, нақшаву ниятҳояшро, ки дар интихобот якдилона ҷонибдориаш карда буданд, ба ҷо овардааст? Биёед, натиҷаҳои ин давраро иҷмолан, бо як нигоҳи сатҳӣ ёдоварӣ кунем.

Солҳои 2010-2015 дар ҳаёти малакат давраи минбаъдаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, рушди демократия, тақвият ёфтани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ гардид. Омодагиҳою баргузории ҷашнҳои бузурги 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ, 20-солагии Иҷлосияи таърихии 15-уми Шӯрои Олӣ, 20-солагии Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20-солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба муттаҳидии ҷомеа дар атрофи ҳадафҳои умумимиллӣ ва баҳри пешрафту шукуфоии Ватани азизамон такони ҷиддие бахшиданд.

Соли 2013 шаҳрвандони мамлакат дар ҷараёни интихоботи озод ва шаффофу демократӣ Раиси муаззами мо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз нав ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфтанд. Ин чунин маъно дорад, ки ормонҳои олӣ ва роҳи пешгирифтаи ҳизби мо, Роҳбари муаззами мо чун пешина ҷавобгӯи орзую омол ва хостаҳои дили аксари кулли мардуми кишварамон мебошанд. Соли 2010 мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии маҳаллии шаҳраку деҳот» аввалин маротиба ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳот пешбарӣ шудани вакилон бошад, тавассути интихобӣ гардонидани боз як зинаи ҳокимияти давлатӣ пояҳои демократии ҷомеаамонро маҳкамтару устувортар намуд.

Барномаи пешазинтихоботие, ки барои давраи мазкур аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба мардуми мамлакат манзур гардидаву ҷонибдорӣ ёфт, «Барои созандагӣ ва рушди босуботи Тоҷикистон» унвон дошт. Имрӯз, бо гузашти панҷ сол аз давраи қабули он мо мебинем, ки иҷрои ҳадафу вазифаҳои муайянкардаи ҳизб воқеан ҳам ба таҳкиму навсозии тавлидот, густариши бахши воқеии иқтисодиёт, ба рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ ва раванди созандагиҳои кишвар роҳ кушода, ба ҳамин васила болоравии сатҳи зиндагии шаҳрвандонамонро

таъмин гардондаанд.

Самти асосии сиёсати иқтисодии давлат ба бунёди шароит барои рушди устувори кишвар равона гардида, се ҳадафи муҳими стратегӣ – истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти ғизоӣ мисли пешина дар меҳвари ҳамаи тадбирҳо ва нақшаву барномаҳои таҳиянамудаву амалишавандаи ҳукуматамон қарор доштанд.

Дар натиҷаи ҳамин таъсири манфии бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, ки то соли 2010 дар аксари мамолики олам доман паҳн карда, ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ латмаи шадид ворид сохта буд, дар кишвари мо то ҳадде пешгирӣ гардид ва бо вуҷуди бӯҳрон афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нигоҳ дошта шуда, давлат ӯҳдадориҳои иҷтимоии нисбати шаҳрвандон ба зимма гирифтаашро муваффақона ба ҷо меовард.

Соли 2010 қисми хароҷоти буҷети давлатӣ нахустин маротиба ба буҷети иҷтимоӣ ва буҷети рушд ҷудо карда шуд. Боло рафтани имконоти иқтисодии давлат барои рушд, бешубҳа, падидаи некест, ки аз самарабахшии сиёсати иқтисодӣ башорат медиҳад.

Татбиқи Стратегияи миллии рушд, ки давраи то соли 2015-ро дар бар мегирад, заминаҳоро барои пешрафти устувори иқтисоди миллӣ таҳким бахшиданд. Тараққиёти устувори макроиқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, танзим ва навсозии тавлидот, таҳкими иқтидорҳои содиротии кишвар, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва махсусан, соҳибкории хурду миёна, тақвияти неруи инсонӣ, рушди бозори меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумлаи бахшҳое мебошанд, ки дар доираи стратегияи мазкур ва ислоҳоти иқтисодӣ самтҳои фаъолияти Ҳукумати мамлакатро муайян намуданд.

Дар натиҷаи суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ки дар давраи бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ то андозае суст шуда буд, барқарор гардид ва соли 2013, масалан, 7,4 ва соли 2014 6,7 дарсадро ташкил дод. Даромадҳои пулии аҳолӣ соли 2013 16,5 ва ҳаҷми маош 20 дарсад афзоиш ёфтанд. Болоравии маош соли 2014 - 12 дарсад буд.

Торафт боло бурдани иқтидори содиротии кишвар, коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ, истеҳсоли маҳсулоти ба рақобат тобовар, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, амалӣ сохтани ҳадафҳои иҷтимоии давлат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаҳоро барои рушди устувори иқтисодӣ таҳким бахшиданд.

Аз он ҷумла, дар саноат ба содирот, ба пуркунии ҷои воридот равона сохтани раванди тавлиди маҳсулот ва бо ҳамин тағйир додани таркиби содирот, даст кашидан аз амалияи содироти ашёи хом ва то ба маҳсулоти ниҳоӣ расондани коркарди он дар дохили мамлакат, ба вуҷуд овардани низоми умумидавлатии дастгирии содирот ва бо ин максад тахсис додани қарзҳои имтиёзнок самтҳои афзалиятноки рушд қарор гирифтанд. Номгӯи маҳсулоти саноатии ватанӣ дар бозори дохилӣ васеътар шуд. Давоми солҳои 2012 - 2013 324 ва соли 2014 150 корхонаи нави хурду миёна, бо ҳазорон ҷойи кор ба фаъолият пардохтанд.

Дар доираи татбиқи барномаҳои давлатии рушди саноати сабук барои солҳои 2006 - 2015, коркарди пурраи нахи пахта барои давраи то соли 2015, рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои солҳои 2007-2015 як силсила икдомҳои мушаххас ба миён омаданд. Баробари ин, имкониятҳои рушд дар соҳаҳои истихроҷу коркарди маъдан, аз ҷумла оҳан, азхудкунии захираҳои табиии кишвар, саноати металлургияи ранга, саноати сабук, истеҳсоли хӯрокворӣ, мошинсозӣ ва бахшҳои дигар мавриди омӯзишу истифода

қарор доранд. Саноати масолеҳи бинокорӣ, истеҳсоли семент дар мамлакат босуръат пеш мераванд.

Ҳамаи ин пешрафтҳо дар давраи сипаришуда ва ҳамчунин, заминаҳое, ки барои оянда гузошта шудаанд, имконият доданд, то мо акнун дар бораи аз як кишвари аграрию саноатӣ ба кишвари саноатию аграрӣ мубаддал сохтани Тоҷикистони азизамон сухан ба миён оварем. Яъне, аз рушди саноату энергетика барномаҳои иқтисодии давлати мо мақоми торафт баландтарро касб карда, ин соҳаҳо дар Тоҷикистони фардо афзалиятро соҳиб хоҳанд шуд. Мавзӯи мазкурро нахустин бор Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми соли гузаштаашон ба Маҷлиси Олӣ матраҳ намуданд.

### *ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ: ИҚДОМОТИ НАВ ДАР ТАҲКИМИ ЗАМИНАҲО*

Чун дар бораи саноат ҳарф задем, бамаврид аст, ки акнун дастовардҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар рушди энергетика мухтасар ёдовар шавем, зеро саноат ва умуман, ягон соҳаи ҳаёти имрӯза бе энергетика пеш намераванд ва ба ҳамин хотир аст, ки таъмини истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлатамон шуморида мешавад.

Бояд гуфт, ки давраи гузашта дар ин бобат ҳам дигаргуниҳо хеле зиёд буданд. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар ин миён неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» дар дарёи Вахш ва навбати аввали маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2» мавриди истифода қарор гирифтанд. Вазифаи навбатӣ бунёди навбати дуюм ва то 400 мегаватт расондани иқтидори маркази зикршуда аст. Ҳоло корҳо дар ин самт идома доранд. Манбаъҳои нави энергетикӣ имкон доданд, ки истеҳсоли неруи барқ дар кишвар афзоиш пайдо бикунад.

Вобаста ба ҳалли мушкилоти энергетикӣ ва оянда ба

яке аз мамлакатҳои содиркунандаи энергияи барқи арзон табдил додани Тоҷикистон дар кишвар лоиҳаҳои зиёде доир ба бунёди нерӯгоҳҳои барқии обӣ, кашидани хатҳои нави интиқоли он мавриди татбиқ қарор гирифтаанд ва ё қисмеашон ҳоло татбиқ шуда истодаанд. Ҳамзамон, ҷиҳати коҳиш додани талафот ва инчунин кам кардани масрафи он тавассути истифодаи технологияҳои нави сарфакунандаи неру тадбирҳо андешида мешаванд.

Соли 2010 дар доираи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ 12 лоиҳаи энергетикӣ мавриди татбиқ қарор дошт, ки ҷалби маблағи умумӣ қариб 3 миллиард сомониро дар бар мегирифт. Дар доираи консепсияи рушди энергетикаи Тоҷикистон маблағгузории пайвастаи соҳа ба роҳ монда шуда, соли 2011 бо ин мақсад 1,8 миллиард сомонӣ ҷудо гардидааст. Ба хотири рафъи танқисии нерӯи барқ ва таъмини мунтазами аҳолӣ бо он дар маҳаллаҳои дурдасти кӯҳистон давоми солҳои истиқлолият, то охири соли 2013, 310 неругоҳи хурди обӣ бо иқтидори умумии 29 ҳазор кВ/с сохта, ба истифода дода шудааст ва мутобиқи барномаи махсуси марбути ин соҳа барои солҳои 2009 - 2020 бунёди боз 190 нерӯгоҳи хурди барқии дигар дар назар дошта шуда, сохтмони 10-тои он ҳоло давом дорад.

Дар айни ҳол лоиҳаи сохтмони неругоҳи азими барқи обии Роғун баъди омӯзиши тӯлонӣ аз ҷониби ташхисгарони Бонки ҷаҳонӣ баҳои мусбат гирифт ва кор дар ин ҷо суръат гирифта истодааст. Ҷиҳати кашидани хатти баландшиддати барқи «КАСА-1000» аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон барои содироти нерӯи барқи изофии кишварҳои номбурда созишномаи байналмилалӣ ба имзо расида, татбиқи лоиҳаи мазкур соли равон оғоз мешавад. Ин имкон медиҳад, ки мо барқи барзиёди фасли тобистонамонро ба фурӯш гузошта, воридоти маблағро ба буҷа афзунтар гардонем.

Баробари ин дар панҷ соли гузашта тадбирҳо ҷиҳати мавриди истифода қарор додани манбаъҳои дигари энергия, аз қабили ангишт ва нафту газ, рӯ овардан ба манбаъҳои алтернативии он - офтобу бод ва пасмондаҳои биологӣ, бунёди зербинои «Иқтисоди сабз»-и аз ҷиҳати экологӣ безарар идома доштанд. Ҳоло чандин сол аст, ки дар 87 кони ояндадори нафту гази қаламрави ҷумҳурӣ 21 ширкати ватанию хориҷӣ ба корҳои ҷустуҷӯию иктишофӣ машғуланд, ки ширкатҳои азими байналмилалии «Тотал», «Газпром», «Тетус-Петролиум» ва ширкати миллии нафту гази Чин аз ҳамон ҷумлаанд. Таваҷҷуҳи ин ширкатҳои овозадори ҷаҳонӣ ба захираҳои табиии Тоҷикистон башорат медиҳад, ки моро дар соҳаи нафту газ низояндаи умедбахше интизор аст.

Яке аз ҳадафҳои дигари стратегии давлатамон, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон давраи сипаришуда дар роҳи он талош варзид, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад. Роҳҳо на фақат пайвандгарони шаҳру минтақаҳо, сарҳадҳою миллатҳо мебошанд, балки онҳо ҷойҳои нави корӣ, воридоти сармоя, марказҳои нақлиётию логистикии хизматрасониҳои байналмилалӣ, пардохтҳои транзитӣ ба буҷет, фаровонию арзонии бозорҳо низ ҳастанд.

Аз ҳамин лиҳоз, ба имзо расидани қарордод ва оғози корҳо доир ба бунёди роҳи оҳани байналмилалии Тоҷикистон–Афғонистон–Туркманистон, идомаи корҳо дар хатти роҳи оҳани Ваҳдат–Ёвон–Қӯрғонтеппа, роҳҳои мошингарди байналмилалии Душанбе–Кӯлоб–Хоруғ–Кулма, Душанбе–Турсунзода, Айнӣ–Панҷакент, Восеъ–Ховалинг ҳамасола мавриди таваҷҷуҳи хоси Ҳукумати мамлакат буданд. Дар ин давра нақбҳои Чормағзак ва Шаҳристон сохтаю мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Танҳо соли 2011 доир ба ҳалли мушкилоти нақлиётӣ татбиқи се

лоиҳаи нав шурӯъ шудааст.

Ҳоло 46 дарсади аҳолии мамлакат дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунад. Соҳа 21 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилиро медиҳад ва бинобар ҳамин, ҳолати кор дар бахши кишоварзӣ ба рушди босуботи иқтисодӣ таъсири калон дорад. Гузашта аз ин, таъмини амнияти ғизоӣ севумин ҳадафи стратегии давлатамон аст, ки мо ба ин нуқтаи мурод торафт наздиктар мешавему тадбирҳои андешидаи ҳукуматамон, ки дар қатори дигар масъалаҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пешбинӣ гардида буданд, ба амалисозии мақсади мазкур равона гардиданд.

Идомаи ислоҳот, таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ, дастгирии давлатии соҳа, таҷдиди инфаструктураи хоҷагиҳо, тавассути ворид намудани технологияҳои ҳозиразамони парваришу нигоҳубини зироатҳо афзун намудани маҳсулот, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ мусоидат кардан ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ номгӯи нопурраи иқдомҳое ҳастанд, ки дар давраи номбурда аз ҷониби ҳукумати малакат рӯи кор гирифта шудаанд.

Ҳамчунин ба масъалаҳои обёрию азхудкунии заминҳои нав, бозгардондани заминҳои бекорхобида ба истеҳсолоти кишоварзӣ, таҳияи барномаи дарозмуддати давлатии марбути соҳаи мазкур бо ҷалби манбаъҳои гуногуни сармоягузорӣ, истифодаи самараноки замин ва тавсеа бахшидани майдони кишти тирамоҳӣ, таъмини рушди устувори соҳаи пахтакорӣ, ривоҷи боғдорию ангурпарварӣ, тақвияти ҷанбаи содиротии тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он дар дохили кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид. Дар соҳа соли 2011- 2014 лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мавриди татбиқ қарор доштанд.

Фаъолияти ҳукумат дар самти сиёсати минтақавӣ вусъати тоза пайдо карда, ба рушди ҳамаҷониба ва ободо-

нии шаҳру ноҳияҳои кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва таҳкими имкониятҳои дохилии онҳо эътибори ҷиддӣ дода шуда истодааст. Дар ин давра барои рушд ва иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ сармояҳои гуногун равона гардида, таҳияву қабул ва амалисозии барномаҳои алоҳидаи рушди шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шуд.

Албатта, заминаи ҳама гуна рушд, чи дар соҳаҳои иқтисодӣ ва чи дар бахши иҷтимоӣ, сармоя аст. Давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар тӯли солҳои гузашта барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва муҳайё намудани шароити созгори ҳуқуқии ҷалби сармояи дохилӣ, маблағҳои соҳибкорони ватанӣ ва сармояи хориҷӣ ба рушди соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ як силсила иқдомоти муассирро роҳандозӣ намуд.

Натиҷаи ҳамин аст, ки сармоягузорӣ ба соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодиёт сол ба сол зиёд мешавад. Фақат соли 2010 оид ба татбиқи 27 лоиҳаи нави сармоягузорӣ созишнома ба имзо расида, ба татбиқи онҳо 2,5 миллиард сомонӣ ҷалб гардидааст. Давоми солҳои 2012-2014 бошад, беш аз 100 лоиҳаи муштараки сармоягузорӣ бо маблағи умумии 13 миллиард сомонӣ мавриди амал қарор дошт.

Дар нақшаи кории Ҳукумати мамлакат таҳияи Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоя қарор дорад, ки дар он ба бахши иқтисодиёт аз қабили гидроэнергетика, саноати маъдан, саноати сабук, соҳаҳои истеҳсоли маводи ғизоӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи захираҳои қаъри замин, туризм ва монанди инҳо эътибори махсус дода мешавад.

Бахши соҳибкории мамлакат яке аз манбаъҳои умдаи сармоягузорӣ ба рушди иқтисодамон, воситаи муҳайё гардондани ҷойҳои нави корӣ, сарчашмаи ғановати буҷет ва боло рафтани сатҳи зиндагии мардумамон ба шумор меравад. Ба ҳамин хотир аст, ки Ҳизби Халқии Демократии

Тоҷикистон дар давраи гузашта тавассути намояндагонаш дар парламент ва ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои ба миёнгузоштаи хешро ҷиҳати тақвияти мавқеи ин соҳаи муҳими иқтисоди миллӣ дар ҳаёти кишвар собитқадамона амалӣ гардонд.

Танҳо соли 2011 соҳибкорон 1000 иншооти иқтисодию иҷтимоӣ бунёд кардаанд, ки 100-тои онҳо корхонаҳои саноатӣ бо 12 ҳазор ҷои нави кор мебошанд. Солҳои 2010 ва 2014 мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон баргузор гардида буданд, ки натиҷаҳои онҳо ба рафъи бисёр мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа мусоидат карда, роҳро ба фаъолияти озодонаи бахши хусусӣ доир ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар боз ҳам фарохтар сохтанд.

Мораторийҳои чандинбораи аз ҷониби Президенти малакат муқаррар гардида доир ба манъи сесолаи санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони хурду миёна ва соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷониби мақомоти назоратии давлат ба иҷрои ҳамин ҳадафҳо равона гардида буданд. Сиёсати пешгирифта ва амалкарди Ҳукумати малакат дар беҳбудӣ бахшидан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби созмонҳои муътабари байналмилалӣ баҳои баланд гирифта, Тоҷикистон ду сол паи ҳам ба қатори беҳтарин давлатҳои ислоҳотгар шомил карда шуд.

Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ» қабул гардид, масъалаи қабули қонунҳо «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳрири нав» ба миён гузошта шуд, ки онҳо заминаҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро таҳким бахшида, тавассути фароҳам овардани имтиёзу сабукиҳо онҳоро ба рушди бахши воқеии иқтисоди кишвар ташвиқ ва раҳнамун месозанд.

Дар давраи гузашта, ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ сурат гирифта, теъдоди иҷозатҳо чандин баробар кам гардид. Низоми электронии ҳуҷҷатгузорӣ ҷорӣ карда шуд. Бо мақсади таъмини шаффофият, пешгирии амалҳои коррупсионӣ ва озод сохтани соҳибкорон аз монеаҳои маъмурию бюрократӣ, муросилоту муомилоти электронӣ бо корафтодагон, бо соҳибкорон дар ҳама бахшҳои хизматрасониҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Давлат соҳибкории хусусиро тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок низ дастгирӣ мекунад, ки он ба ривоҷи истеҳсолот ва муҳайё сохтани ҷойҳои нави корӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, давоми солҳои охир садҳо миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ба соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ дода шудааст. Фонди дастгирии соҳибкорӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат таъсис шудааст, беш аз ҳама ба соҳибкорони истеҳсолӣ дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон қарзҳои имтиёзнок пешниҳод мекунад.

Солҳои 2014 - 2020 дар кишварамон давраи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди бахши коркарди ашёи хоми маҳаллӣ муқаррар шудааст, ки он бояд ба ворид сохтани технологияҳои нави истеҳсолӣ, афзоиши содирот ва роҳандозии истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ безарар мусоидат намояд.

Ба ҳамин тариқа, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, рушди иқтисодиёт ва пайваста баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаҳое ба вуҷуд оварданд, ки мо боз як қадам болотар пой гузошта, ба тақвият додани табақаи миёнаҳоли аҳолӣ, густариш додани он ва бештар сохтани саҳми соҳибкоронамон дар ин равандҳои сарнавиштсоз камар бубандем.

## *АНДОЗУ БУҶЕТ: ТАҚВИЯТИ ТАВОНМАНДИҲОИ ДАВЛАТ*

Яке аз фишангҳои хеле муҳим, ки давлатро бо соҳибкорон пайванд месозад, андоз аст. Соҳибкорӣ, бахши хусусӣ барои давлат дар ҷумлаи манбаъҳои асосии андозбандист. Буҷети давлат бошад, асосан аз андоз ташаккул меёбад. Бинобар ҳамин, ба он хотир, ки ин манбаъ ҳаргиз коҳиш наёбад, балки рушд кунаду афзунтар шавад, сиёсати давлат дар бахши андоз бояд ҳассосона бошад, то ҳам ғановати буҷет таъмин гардад ва ҳам раванди рушди иқтисодиёт нигоҳ дошта шавад.

Кодекси андоз дар таҳрири нав соли 2012 бо ҳамин мақсад қабул гардид. Он тавассути ба иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоиашон ҳавасманд сохтани андозсупорон, васеъ намудани заминаҳои андоз шароиту имкониятҳои воридоти маблағро ба буҷет таҳким бахшид. Низоми андозбандӣ соддатар, номгӯи андоз кам, теъдоди санадҳои нолозим дар расмиёти андозсупорӣ ихтисор карда ва маъмурикунонии андоз такмил дода шуд. Ҳамаи ин имкониятҳои нави рушди иқтисодиётро фароҳам овард.

Дар кодекси нави андоз ҷамъулҷамъ 240 номгӯи имтиёзу сабукиҳо ба соҳибкорон пешбинӣ шудаанд, ки махсусан ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, соҳибкории хурду миёна равона гардидаанд ва ҳавасмандии соҳибкоронро ба ворид сохтани технологияҳои нав, бунёди иншооти муҳими иҷтимоӣ зиёд мегардонанд.

Сиёсати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар самти молияву бонкдорӣ давраи сипаришудаи фаъолияташ ба ҳифзи қурби пули миллӣ ва дар сатҳи пешбинигардида нигоҳ доштани андозаи таваррум, таҳкими имкониятҳои пардохтпазирӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ дар ҳифзи пасандозҳои шаҳрвандону ашхоси ҳуқуқӣ, афзун сохтани ҳаҷми пешниҳоди қарз, махсусан қарзҳои хурд барои ру-

шди бахши воқеии иқтисодиёту соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон равона гардида буд. Ин тадбирҳо ба беҳбуди вазъи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисоди миллӣ мусоидат карданд.

Самарабахшии ҳама гуна сиёсати иқтисодӣ дар буҷети давлатӣ таҷассум меёбад. Афзоиши босуръати буҷети давлатӣ тайи солҳои охир баёнгари он аст, ки роҳи пешгирифтаи мо, роҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Раиси муаззами он, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти номбурда дурусту оқилона будааст. Аз соли 2000-ум сар карда, то соли 2012 дар маҷмуъ он ҳамасола 37 дарсад боло рафтааст.

Афзоиши бахши даромади буҷет имкон додааст, ки маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар кишвар, маорифу тандурустӣ ва фарҳанг, маошу нафақа, дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони ниёзманд, ки ҳамеша аз ҷумлаи афзалиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, зиёд карда шавад, имкониятҳои рушд, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ ва пешниҳоди ҷойҳои нави корӣ бештар гарданд. Ин тамоюл дар панҷсолаи гузашта низ нигоҳ дошта шудааст. Ҳаҷми буҷети иҷтимоӣ, масалан соли 2011-52,4, соли 2012-50, соли 2014 54,2 дарсади андозаи умумии хароҷоти буҷетро ташкил додааст.

Ин имкон дод, ки давоми солҳои 2010-2015 ҳадди маоши кормандони соҳаҳои буҷет, нафақаву стипендия ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ то 2,5 - 3 баробар зиёд карда шавад. Дар давраи номбурда, ҳамчунин, таваҷҷуҳ ба истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷетӣ, пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ афзун гардида, бо мақсади пурзӯр намудани назорат дар ҳайати Ҳукумат Палатаи ҳисоб таъсис ёфт ва ба хотири таъмини шаффофият кор дар самти ҷорӣ намудани низоми электронии харидҳои давлатӣ, мубодилаи электронии маълумот миёни мақомот вусъат гирифт.

Ба манзури баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ воҳидҳои кории мавҷудаи онҳо то 15 дарсад кам карда шуданд.

### *БЕҲБУДИ РӮЗГОРИ МАРДУМ-МУҲТАВОИ СИЁСАТИ МО*

Панҷ соли гузашта ҳам Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи тақвияти хусусияти иҷтимоии давлатдориамон, ки дар Сарқонуни кишвар муқаррар шудааст, маҷмуи тадбирҳоро амалӣ гардонд. Ин на фақат маошу нафақа аст, ки болотар дар бораашон сухан гуфтем. Ҷавҳари аслии ҳамаи иқдомҳои пешгирифтаи Ҳукумат боло бурдани сатҳи зиндагии мардум аст, ки яке аз натиҷаҳои ин иқдомот дар поён овардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ зоҳир мегардад. Сатҳи камбизоатӣ дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат сол ба сол ва зина ба зина коҳиш меёбад.

Ёдовар мешавем, ки соли 1999 81 дарсади аҳолиамон гирифтори камбизоатӣ буданд. Соли 2010 он 45 дарсад, соли 2011 42 дарсад, соли 2012 38,3 дарсад, соли 2013 35,6 дарсад, соли 2014 бошад, 32 дарсадро ташкил додааст. То охири соли 2015-ум ба 30 ва то соли 2020-ум ба 20 дарсад расондани он аз нуктаҳои барномаи пешгузоштаи Ҳукумат ва ҳизбамон мебошад. Давраҳои аввал тадбирҳои мазкур дар доираи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 сурат мегирифтанд, баъд дар заминаи он стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 таҳия гардилаву мавриди амал қарор дошт.

Хонанда тавофутро, албатта, пай мебарад. Дар ҳуҷҷати аввал ҷиҳати сатҳи камбизоатӣ сухан меравад, дар ҳуҷҷати дуюм перомуни сатҳи некуаҳволӣ, яъне, мо дигар он остонаи хатарноки камбизоатиро пушти сар гузоштем ва акнун метавонем пеши худ вазифаҳои бузургтарро би-

гузорем. Соли 2010 мувофиқи ҳисобҳо 84 дарсади хароҷоти хонаводагиро дар мо хариди ғизо ташкил медод, яъне, фақат 16 дарсад барои пардохтҳои ғайриозуқавӣ, соли 2014 ин нишондод ним ба ним - яъне, 50 ба 50 шудааст ва имконияти мардум барои хариди молҳои рӯзгор, пардохти хизматрасониҳою истироҳат ва пасандоз кардан бештар шудааст.

Пасандозҳои бонкӣ дар 5 сол 3,2 баробар зиёд гардида, соли 2013 қариб 4 миллиард сомониро ташкил додааст. Дар ин муддат 870 ҳазор, аз ҷумла соли 2013 185 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда шудааст. Соли 2014 он 252 ҳазорро ташкил дод. Марказҳои шуғли калонсолон аз рӯи 48 касбу ҳунар коргар омода мекарданд ва барои пеша кардани кор аз ҷониби давлат қарзҳои имтиёзнок дода мешаванд.

Бист соли охир ҷиҳати бунёди манзил ба аҳолӣ 127 ҳазор гектар (49 ҳазор гектараш обӣ) қитъаҳои наздиҳавлигии замин (ба 1 миллиону 300 ҳазор оила) дода шудааст.

Дар соҳаи маориф, ки яке аз бахшҳои муҳими ҳаёти иҷтимоии кишварамон мебошад, намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парламент қонун «Дар бораи маориф»-ро дар таҳрири нав қабул карданд ва дар он мақому манзалати омӯзгор, ҳамчун симои асосии мактаб, ҷойгоҳи шойистаи хешро пайдо намуд. Барои омӯзгорон як силсила имтиёзҳо муқаррар гардиданд, ки ҳавасмандии онҳоро ба пешаи пурифтихорашон зиёд мекунад. Соли 2010-ум Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон гардида, дар доираи он таваҷҷуҳи мардум, аҳли ҷомеаи кишвар ба донишомӯзӣ ва пайвастан ба олами техникаву технология ҷалб гардид.

Ҳамзамон, бунёди таълимгоҳҳои нав, азнавсозӣ ва таъмири макотиби мавҷуда, татбиқи минбаъдаи барномаҳои давлатии қабулшудаи компютерикунонии мак-

табҳо, таҳкими омӯзиши забонҳои хориҷӣ идома пайдо кард. Рушди шабакаи муассисаҳои тарбияи томактабии атфол, кӯдакистонҳо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, афзун сохтани маблағгузорӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҷалби маблағҳои иловагӣ ба соҳа аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки давраи номбурда Ҳукумати мамлакат талошҳои худро ба ҳалли онҳо равона намуда буд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ ба ин бахши зиндагии мо такони ҷиддӣ бахшид.

Таъсиси Маркази миллии тестӣ бошад, тавассути ба роҳ мондани низоми ягонаи қабули довталабон ба мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ бояд сатҳи омодасозии мутахассисони ҷавонро дар кишварамон таҳким бахшида, шаффофият ва рафъи омилҳои коррупсиониро дар зимни қабули афроди арзандаи таҳсил дар ин таълимгоҳҳо таъмин гардонад.

Дар кишвар баробари дигар соҳаҳо, ҳамчунин, маблағгузории соҳаи илм сол ба сол зиёд гардида, фаъолияти кормандони соҳа ба татбиқи «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2010-2015», «Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоту саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» рушди инноватсионии илм, таҳияи технологияҳои барои иқтисоди ҷумҳурӣ зарурӣ, таҳқиқоти нав дар самтҳои мураккаби улуми бунёдӣ, тайёр намудани кадрҳои ҷавони соҳа равона гардида буд.

Фаъолияти соҳаи тандурустии кишвар бошад, татбиқи нақшаву стратегияҳои қабулшуда дар мавриди ҳифзи саломатии аҳолӣ, таҷдиди кори муассисаҳои тандурустӣ, беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ, тадбирҷӯиҳо ҷиҳати ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, махсусан аҳолии кам-

бизоат дастрас кардани он, ворид намудани техникаву технологияҳои муосири ташхису табобат, кӯшишҳо доир ба рафъи танқисии кадрҳои тиббӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирифт.

Фарҳанг, ҳамчун яке аз василаҳои муассири ташаккули худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва худогоҳию ваҳдати миллӣ, дар рушди маънавии ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мақоми бештарро касб карда истодааст, ки натиҷаи сиёсати пайгиронаи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба пешрафти ҳамаҷонибаи ин соҳаи муҳим, таҳия ва амалигардонии барномаҳои рушди бахшҳои ҷудогонаи он дар давраи зикршуда мебошад.

Аз ҷониби СММ мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни бостонии Наврӯзи Аҷам дар соли 2010 яке аз рӯйдодҳои намоёни фарҳангии ин давра маҳсуб мешавад, ки он ҷиҳати ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани таъриху фарҳанги тоҷикон нақши бузурге хоҳад бозид.

## *ИСЛОҲОТ ДАР НИЗОМИ СУДӢ, ТАДБИРҲОИ ИЛОВАГИИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ*

Тамоми фаъолияти Ҳукумати мамлакат давоми солҳои соҳибистиқлолӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки барои давлати мо арзиши олӣ доранд, бахшида шудааст. Суд, прокуратура, милитсия, дигар сохторҳои қудратӣ мақомотеанд, ки ин ҳуқуқу озодиҳоро ҳар яке дар ҷанбаи хеш таъмин ва муҳофизат мекунанд. Бинобар ҳамин Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон давраи зикршуда ҳам тавассути намояндагонаш дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба тақвияти кор, баланд бардоштани сатҳи касбӣ, сифатҳои маънавию ахлоқии ходимони ниҳодҳои мазкур ва пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ дар ин сохторҳо эътибори ҷиддӣ медод. Аз ҷумла дар ин миён чанд дафъа мутобиқи барномаҳои давра ба давраи

ислоҳоти судию ҳуқуқӣ мақомоти мазкур такмили сохтор карда, мустақилияту масъулияташон барои баровардани ҳукмҳои қонунию одилона таҳким ёфт.

Таъмини амнияти миллӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия, тиҷорати одамон мисли пешина самтҳои афзалиятноки фаъолияти кишвар буданд. Соли 2010 фармони Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия» ба имзо расид ва ҳамон сол назди Президенти кишвар Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия таъсис ёфт, ки ба пешбурди фаъолияти зиддикорупсионӣ хеле мусоидат намуданд.

Тадбирҳо, минҷумла, дар доираи татбиқи барномаи мубориза бар зидди коррупсия барои солҳои 2013-2020 вусъати тоза пайдо карданд. Ҳамзамон, давраи мазкур корҳо дар роҳи амалӣ сохтани стратегияи миллии мубориза бо маводи мухаддир барои солҳои 2013-2020 оғоз гардиданд. Зимни қабули қонуни дахлдор ҳамкории мақомоти милитсия бо аҳолӣ ҷиҳати пешгирии ҷиноятҳо ва таҳкими фазои ҳуқуқӣ дар ҷомеа аҳамияту эътибори махсус касб намуд.

## *ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ–САМТИ МЕҲВАРИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ*

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар панҷ соли гузашта хусусиятҳои фаъол, мутавозин ва воқеъбинонаи хешро нигоҳ дошта, ҳифзи манфиатҳои олии кишварро дар сатҳи байналмилалӣ таъмин мегардонид. Сиёсати «дарҳои кушода» самараҳои нав ба бор овард, ки дурустии роҳи пешгирифтаи роҳбарияти кишварро собит месохтанд.

Муносибати кишвари мо ба масъалаи таҳкими равобит бо мамолики ҳамсояи Осиёи Марказӣ хайрхоҳонаю

беғаразона буда, аз ҷониби он хоҳиши миёни давлатҳои мазкур ба роҳ мондани чунин сатҳи ҳамкорӣ, ки ҳаракати озодонаи одамон, сармоя, бору коло ва хизматрасониҳоро дар тамоми қаламрави минтақа таъмин сохта тавонанд, борҳо ба миён гузошта шуда буд, Тоҷикистон, ҳамчунин, ташаббускори арзаи пешниҳод ҷиҳати эҷоди камарбанди эътимоду субот ва амният дар тӯли сарҳади кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Ба ҳамин манзур таҳкими муносибатҳои гуногунҷанбаъ бо давлатҳои минтақа дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми хос дорад ва табиист, ки раванди мазкур тӯли давраи сипаришуда идома пайдо карда, тақвияти бештар ёфт. Равобити зичи пойдоршудаи миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар заминаҳои сиёсию амниятӣ, иқтисодию гуманитарӣ ва ғайра акнун хусусияти стратегӣ касб мекунанд. Давраи мазкур, инчунин, ҳамкориҳо бо шарики анъанавии стратегии мо-Федератсияи Русия, давлатҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон, бо дигар кишварҳои ИДМ, бо Ҳиндустону Покистону Туркия, бо мамолики арабӣ, бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупою ИМА дар самтҳои мухталиф таҳкиму густариш пайдо карданд.

Мавқеи Тоҷикистон дар созмонҳои муътабари байналмилалие, ки мамлакати мо узви онҳо ба шумор меравад, фаъолона буд. Душанбе чандин бор маркази баргузории форумҳои бошукуҳи байналмилалӣ, аз ҷумла нишасти навбатии сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар соли 2014 қарор гирифт.

Тоҷикистон чун кишваре, ки дар самти пеши бархӯрд бо зуҳуроти терроризму ифротгароӣ қарор дорад, аз густариши фаъолияти ин дастаҳои харобкор дар давлатҳои ҷаҳон амиқан изҳори нигаронӣ карда, борҳо ҷонибдории хешро аз муборизаи муштарак алайҳи ин равандҳои хатарноки аср баён доштааст.

Таҳаввулотҳое, ки ҳоло дар ҷаҳони ислом, хусусан дар кишварҳои мусулмоннишин ба амал омада, доман паҳн карда истодаанд, боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад. Мо чандин гурӯҳҳои ифротӣ, террористӣ ва ғайриқонуниро чун ҳизби таҳрир, ҳаракати толибон, давлати ба ном исломии нав ба зуҳур омада ва дигар гурӯҳҳои мазҳабиро медонем, ки бо мақсади ноил гаштан ба ҳадафҳои ниҳонӣ ва ғаразҷӯёнаашон даст ба куштору ғорату террори мардуми осоишта зада, авзои сиёсию иҷтимоии кишварҳоро нооробм мекунанд.

Қариб бист сол мешавад, ки ҳаракати Толибон дар кишвари ҳамсояи мо – Афғонистон ва давлати ба ном исломии Шому Ироқ дар мамлакатҳои арабӣ барои бунёди давлати исломӣ мубориза бурда истодаанд. Дар ин ҷо саволе пайдо мешавад, ки магар мардуми кишварҳои мусулмоннишин эътиқодмандони дини мубини ислом нестанд? Ё ки мехоҳанд, ин мардуми ҳазорсола мусулмонро дубора мусулмон кунанд?

Мусаллам аст, ки зери ин шиорҳо мақсадҳои дигар ниҳон аст. Бо куштори мусулмон аз ҷониби мусулмон, даҳшатафканӣ ва террор мардумро иҷборан ба зиндагии асримиёнагӣ бурданианд ё худ зери парчами ислом ҳадафҳои ғаразнок ва қудратталабии баъзе доираҳои муайянро амалӣ кардан мехоҳанд.

Мо дар асри пешрафту инкишофи илму технологияҳои нав қарор дорем. Насли ҷавонро бояд бо дастовардҳои навини он шинос кунем ва омӯзонем, меъёрҳои демократии бунёди ҷомеаро амалӣ гардонем, анъанаҳои миллиамонро рушди тоза бахшем. Барои таъмини зиндагии шоистаи мардум талош намоем, анъана ва арзишҳои миллиамонро такмил диҳем ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазовор дошта бошем.

Дар бораи ташаббусҳои Тоҷикистон ва Сарвари му-

аззами он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ мардуми кишвар хуб медонанд. Ҳамаи ин ҷаҳду талошҳо табиист, ки барои муаррифии Тоҷикистон, тамаддуни баланди миллати тоҷик хиради азалии он, обрӯ ва мақому манзалати он равона гардидааст. Дар ҳамин доира СММ ташаббуси навбатии Тоҷикистонро маъқул дониста, соли 2013-ро соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон кард, ки ба таҳкими мавқеи байналмилалии кишвари мо мусоидат карда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро боз як бори дигар ба ҳалли таъхирнопазири мушкилоти марбути об ҷалб сохт.

Ҳамин аст мухтасари он бунёдкориҳо, иқдомоту ибтикороти бузург, ки дар кишварамон давоми панҷ соли охир, тавассути татбиқи барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба анҷом расиданд.

Аммо ин дастовардҳо фақат маҳсули заҳмати мо, аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон нестанд. Онҳо фақат маҳсули заҳмати ҳизбиёни мо ҳам нестанд, ки давоми ин панҷ сол шарафи вакилии шумо, интихобкунандагони азизро дар мақомоти намояндагии кишвар ба зимма доштанд. Балки ин дастовардҳо натиҷаи заҳмати тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳар як пиру ҷавони мамлакат мебошанд. Мо ҳамватанони азизро барои ин ҷонибдорӣ ба хотири ободии ватани азизамон аз сидқи дил ташаккур мегӯем.

Барномаи нав: «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!»

Акнун дар бораи Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки барои давраи нави рушди мамлакат, барои панҷ соли оянда пешбинӣ шудааст, ба таври мухтасар маълумот медиҳем. Он ниятҳое, ки дар ин барнома оварда шудаанд, он нақшаҳое, ки пешниҳод

мешаванд, гапҳои ҳавоӣ нестанд. Ҳар яке бар заминаи имрӯз, ба он имконоте, ки мардуми мо, сарзамини муқаддаси мо дар ниҳодашон доранд, такя мекунанд. Ва албатта, мисли барномаҳои пешинаи мо иҷро мешаванд. Агар ин барнома ба мардум писанд биояд, агар онҳо ин бор ҳам дар рӯзи интихобот ба ҷонибдорӣ аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва номзадҳои он барои вакилӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ овоз диҳанд, он бечунучаро амалӣ карда мешавад.

Барнома «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!» унвон дорад. Ин шиори мо, мағзи ҳамаи кору тадбирҳои нияткардаи мо дар панҷ соли оянда мешавад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон садоқати худро ба арзишҳои соҳибихтиёрӣ, демократия, баробарҳуқуқӣ ва ошкорбаёнӣ минбаъд ҳам нигоҳ хоҳад дошт ва барои тараққиёти ҳамаҷонибаи кишвар тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ хоҳад кард.

Барномаи пешазинтихоботии мазкур аз он мақсадҳое сарчашма мегирад, ки дар барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Он вазифаи ҳар як узви ҳизби моро барои таъмини рушди иқтисодиёт ва беҳбуди ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакат муайян мекунад.

Ҳадафҳои мо аз сиёсати бобарор ва хирадмандонаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд ва ҳизб тавассути ширкат дар рушди кишвар ба ҳар як сокини мамлакат шароити созгори зиндагӣ фароҳам меорад.

Мо ҷиҳатҳои мусбати таҷрибаи пешинаро ба роҳбарӣ гирифта, бо дарназардошти натиҷаҳои ислоҳоти иқти-

содӣ, татбиқи стратегияи миллии рушд то соли 2015 ва истифодаи дигар имкониятҳои бузурги захиравӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ тамоми неруи худро равона месозем.

Барои ба ин ҳадафҳои олӣ расидан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар сиёсати иқтисодӣ ҳафт самти афзалиятнокро муайян кардааст:

**Якум**. Такмили сохтори иқтисодиёт, ки он бояд рушди пайвастаи бахши воқеии иқтисодиёт ва афзоиши устувори маҷмуи маҳсулоти дохилиро таъмин карда тавонад. Бо ин мақсад ҳизб беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ, иштироки васеи шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ, таҳия ва татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, таъмини микроиқтисодӣ ва сиёсати рушди соҳавии иқтисодиёт, пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна, ҷорӣ намудани механизми гузариши иқтисодиёт аз зинаи аграриву индустриалӣ ба зинаи индустриалию аграрӣ, ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, замин ва дигар василаҳои амсоли инҳоро зарур мешуморад.

**Дуюм.** Рушди комплекси энергетикӣ ҳамчун омили бунёдии рушди устувори иқтисодӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ тавассути бунёди неругоҳҳои барқи обии хурду миёна, таҷдиди иқтидорҳои мавҷудаи энергетикаи обӣ, зиёд кардани сармоягузории соҳа, амалӣ кардани лоиҳаҳои бунёди хатҳои интиқоли нерӯи барқ, таъмини рушди комплекси энергетикию сӯзишворӣ тавассути афзун намудан ва ба роҳ мондани истифодаи манбаъҳои дигари энергия-ангишт ва нафту гази ватанӣ, бунёди марказҳои барқу гармидиҳӣ дар шаҳру навоҳии мамлакат.

**Сеюм.** Таъмини рушди босуботи минтақаҳои кишвар, таҳияи барномаҳои пешрафти шаҳру ноҳияҳо, таҳкими фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои нави ташаккули буҷети ҷамоатҳо, таъмини худкифоии буҷети шаҳру ноҳияҳо, фароҳам овардани шароит ба рушди иқтисодиёти деҳот зимни тавсеаи корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар онҳо.

**Чорум.** Сиёсати самараноки молиявӣ, истифодаи буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи муҳими танзими нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, назорати истифодаи мақсадноки хароҷоти давлатӣ, афзун намудани даромади буҷет тавассути такмили низоми андозбандӣ, таъмини устувории қурби асъори миллӣ, тақвияти фаъолияти низоми бонкӣ, ҳавасмандгардонии аҳолӣ барои нигоҳдории пасандозҳояшон дар бонкҳо, рушди бозори молиявӣ.

**Панҷум.** Рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, идомаи тадбирҷӯиҳо барои таҳкими фазои сармоягузорӣ, чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорие, ки истифодаи технологияҳои замонавӣ ва тавлиди маҳсулоти рақобатпазирро пешбинӣ кардаанд, рушди бахши хусусӣ ва ташаккули табақаи миёнаҳол, соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ, тақвияти ҳимоя аз ҳуқуқҳои соҳибкорон, ислоҳот дар низоми санҷишу иҷозатдиҳиҳо, таъмини шаффофият ва самарабахшӣ дар ҷудокунии маблағ тавассути фонди дастгирии соҳибкорӣ, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

**Шашум.** Пешрафти минбаъдаи инфрасохтори нақлиётӣ, бунёди хатҳои нави роҳи оҳан, таҷдиду барқарорсозии саривақтии роҳҳои мошингарди байналмилалӣ, суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳое, ки имконоти транзитии кишварро зиёд мекунанд, ташкилу рушди

марказҳои нақлиётию хизматрасонӣ, идомаи ислоҳот дар соҳаи нақлиёт.

**Ҳафтум.** Беҳбудӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, тақвияти низоми ҳамоҳангсозии сиёсати рушд, таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва мукаммалсозии коргузории давлатӣ, суръат бахшидан ба раванди татбиқи барномаи «Ҳукумати электронӣ», таъмини идораи самараноки амволи давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ба хизмати давлатӣ.

### *ПЕШНИҲОДҲО ДАР БАХШИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ*

Пешниҳодҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар самти сиёсати дохилӣ нӯҳ бахши асосиро дарбар гирифтаанд.

**Бахши якум.** Ҳимояи истиқлолияти давлатӣ. Шароити имрӯза аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тақозо мекунад, то ҳимояи манфиатҳои миллии кишварро бахши афзалиятноки фаъолияташ муқаррар кунад. Бо ин мақсад ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва устувории сиёсӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар, пойдорӣ ва рушди арзишҳои моддию маънавии ҷомеа, тағйирнопазирии сохти конститутсионии мамлакат, фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, иқтисодиёт, пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткорӣ, терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва амалҳои коррупсионӣ эътибори махсус дода мешавад.

**Дуюм.** Идораи давлатӣ ва таҳкими равандҳои демократӣ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати симои ҷаҳони муосир таҳкими асосҳои конститутсионии давлату ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллию соҳибихтиёрӣ, тақвияти пояҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявияту

иҷтимоияти давлатдориамон аз нигоҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар панҷ соли минбаъда ҳам аҳамияти хосаи худро гум намекунанд.

Беҳтар ба роҳ мондани муносибатҳои байни шахс, давлат ва ҷомеа, идомаи ислоҳот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сулҳу суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, интихоботи шаффофу демократӣ, рақобати озоди аҳзоби сиёсӣ, таъмини шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ислоҳоти мунтазами низоми ҳокимияти давлатӣ, таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар, дунявият ва эҳтироми муқаддасоти динии мардуми гуногунмиллатамон мисли пешина дар ҷумлаи афзалиятҳои фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қарор хоҳанд дошт.

**Сеюм.** Ислоҳоти кадрӣ ва сохторӣ дар ҳокимияти иҷроия. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зимни ислоҳот дар сиёсати кадрӣ эътибори қатъӣ додан ба хислатҳои шахсии боло гузоштани Ватан ва манфиатҳои умумимиллӣ, касбият, қобилияти ташкилотчигӣ ва зеҳниву таҳлилӣ, ҳисси масъулият, фарҳанги баланди маънавию сиёсӣ ва ахлоқи ҳамида, инсондӯстию оштинопазирӣ ба зуҳуроти коррупсиониро ҳангоми интихоби хизматчиёни давлатӣ муҳим мешуморад.

**Чорум.** Ҳуқуқу озодиҳои зотии инсон, мисли ҳаёт, қадр, номус, шараф, озодии баён ва амсоли ин барои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муқаддасанд ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон минбаъд ҳам таъмини ҳуқуқи пурраи ин арзишҳои олии инсониро дар ҷомеа вазифаи худ ҳисоб мекунад.

**Панҷум.** Муколама ва ҳамдигарфаҳмии миёни ҳизбҳо, гурӯҳҳо ва табақаҳои ҷомеа, ҳифзи гуногунандешӣ мавриди пуштибонии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қарор доранд.

**Шашум.** Таҳкими ваҳдат ва ягонагии Тоҷикистон рисолати ҳамешагии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аст.

**Ҳафтум.** Амнияти миллӣ. Мубориза ба ифротгароӣ, терроризм, радикализм, қочоқи маводи мухаддир, вуруди идеологияҳои харобкор ва ҷараёну равияҳои тафриқаангез. Таъмини амнияти шахсӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд. Таасуботи динӣ таҳдид ба амнияти миллист. Ҳамкорӣ бо ҳизбу ҳаракатҳои дохилию хориҷӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба хотири густариши арзишҳои умумиинсонӣ дар ҷомеа.

Муқовимати ҳизб бо зуҳуроти бегонашавӣ ва бегонапарастӣ дар афкору рафтори аъзои алоҳидаи ҷомеаи кишвар. Давлат ҳомии озодиҳои динӣ буду мемонад ва ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои динӣ ба хотири таъмини муҳити солими диндорӣ, таҳкими ваҳдати миллию суботи сиёсӣ амри зарурӣ ба шумор меравад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қудратҳои зеҳнӣ ва ташкили хешро ба таҳкими мафкураи миллӣ бар пояи илм бунёдёфта ва пешгирии равияҳои хатарнок дар ин ҷомеа равона месозад.

**Ҳаштум.** Омили инсон. Барои тақвиятӣ неруи инсонӣ, ба камол расондани шахсияти донишманду бомаърифат, соҳибҳунар, ватандӯсту дорои хислатҳои неки инсонӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон татбиқи барномаҳои қабулшуда ва таҳияи барномаҳои махсуси мақсаднокро зарур мешуморад.

**Нуҳум.** Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои ҳамкории ҳамешагии давлат ва созмонҳои ҷамъиятӣ кӯшиш мекунад, ба хотири ҳифзи манфиатҳои олии давлатӣ муколамаҳои сиёсиро тавсеа мебахшад, фарҳанги сиёсиро тақвият медиҳад.

Дар самти татбиқи сиёсати хориҷӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷонибдори идомаи «сиёсати дарҳои

кушода» ва стратегияи бисёрсамтаи равобити хориҷӣ мебошад, ки онҳо ҳифзи манфиатҳои олии миллӣ, шароити мусоиди берунаро барои татбиқи стратегияҳои рушди кишвар таъмин мегардонанд.

Ҳизб таҳкими сиёсати хориҷиро дар бахши ҳимоят аз амнияти миллӣ ва амну суботи дохилӣ муҳим арзёбӣ мекунад. Бинобар ҳамин вазифаи аввалиндараҷаи мо таҳкими ҳамгироӣ бо шарикони боэътимоди деринамон ва иштироки фаъол дар равандҳои таъмини амнияти дастаҷамъӣ мебошад.

Ҷанбаи дигар ҳамкориҳои иқтисодӣ ба хотири рушди босуботи кишвар аст. Дар маҷмуъ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон бояд минбаъд чун таҷассумгари ормонҳои ҷомеаи кишвар ва табиати сулҳҷӯёнаи мардуми тоҷик хусусияти фаъоли хешро нигоҳ дорад.

### *ВАЗИФАҲОИ НАВБАТИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ*

Татбиқи сиёсати иҷтимоӣ самти дигари муҳим дар барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад. Мо дар давраи минбаъда таҷдид ва навсозии инфрасохтори шаҳраку деҳот, ташаккули раванди ҳамкории байни кордиҳандагон ва муассисаҳои ибтидоии касбӣ, ҷалби аҳолӣ ба барномаҳои омӯзишии касбӣ, таъмини ҳамгироӣ дар барномаҳои таҳсилоти касбӣ, зиёд кардани курсҳои кӯтоҳмуддати касбиро вазифаи давлатиамон мешуморем. Занону ҷавонон дар сиёсати давлатӣ бояд дастгирии ҳамаҷониба дошта бошанд.

Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами ҷомеаамон ҳастанд. Бинобар ҳамин Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тақвияти корро дар самти муҳайё кардани ҷойҳои корию паст намудани ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатӣ, тайёр кардани мутахассисони

соҳибҳунар барои бозори кори давлатҳои хориҷа, мутобиқсозии қонунҳои амалкунандаи мо доир ба муҳоҷирати меҳнатӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷа, ба роҳ мондани суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирон зарур мешуморад.

Дар соҳаи тандурустӣ мо такмили низоми идоракунии соҳа, рақобати солими бахшҳои давлатию хусусии ҳифзи саломатии аҳолӣ, беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои нави соҳа ва тақвияти низоми омодасозии кадрҳои тиббиро муҳим арзёбӣ мекунем. Дар ҳалли мушкилоти соҳа бунёди муассисаҳои нави тандурустӣ ва таҷдиди иншооти мавҷуда, ба меъёрҳои ҳозиразамон мутобиқ сохтани онҳо, тибби оилавӣ ва тадбирҳои дигари ба талабот ҷавобгӯ аҳамияти хос доранд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар барномаи пешазинтихоботӣ ба рушди илм, маориф ва фарҳанг боби алоҳида ҷудо кардааст. Ин аз ниёзмандиҳои давлат ва ҷомеаамон бармеояд, ки рушди ин соҳаҳои афзалиятнок ояндаи ободу осудаи моро таъмин месозад.

Татбиқи давра ба давраи дастовардҳои илмӣ, омода намудани заминаҳои моддиву техникии таҳқиқоти илмӣ, тарбияи кадрҳои болаёқати соҳаҳои гуногуни таҳқиқот, ҳамкории бахшҳои илму маориф ба иҷрои ҳадафҳои пешгузоштаи ҳизб нисбати рушди илми мо мусоидат мекунанд. Ҳизб дар барномаи пешазинтихоботии хеш вобаста ба ин ҳамоҳанг сохтани фаъолияти пажуҳишгоҳҳои гуногуни илмӣ, ба роҳ мондани фармоишҳои давлатӣ ва ҳамкорӣ бо корхонаҳои азим, таъсиси шабакаи ягонаи иртиботию иттилоотӣ дар бахши илму инноватсия, ҷудо кардани грантҳои давлатӣ ба олимони ҷавон барои таҳқиқоти инноватсионӣ, вусъати таҳқиқоти проблемаҳои муосири ҷомеашиносӣ барин вазифаҳои мушаххасро ба миён гузоштааст.

Маорифро Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон,

таври маълум, самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлат ҳисоб мекунад. Дар ин ҷода мо барои намояндагони ҳамаи гурӯҳҳои ҷомеа таъмин намудани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, аз ҷумла, олӣ, тақвияти минбаъдаи мақоми омӯзгор ва мунтазам баланд бардоштани маошу таъминоти иҷтимоии онҳо, рушди муассисаҳои гуногуни томактабӣ, ҷалби бахши хусусӣ ба ин соҳаи кор, таҳкими таъминоти моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҷдиди барномаҳои таълимӣ, таъсиси марказҳои таълимию истеҳсолӣ, таъмини дастрасии мактабҳо ба интернет, таҳкими фаъолияти литсейу колеҷҳои касбӣ ва амсоли инҳоро вазифаҳои муҳими ҳизб ва давлатамон мешуморем.

Таҷдиду бозсозии муассисаҳои фарҳангӣ, баланд бардоштани ҷойгоҳи онҳо дар рӯзгори мардум, мутобиқсозии фаъолияташон ба талаботи замони нав, такмили сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг ва гузариши тадриҷии муассисаҳои соҳа ба низоми худтаъминкунӣ, ташаккули муҳити сифатан нави маънавӣ дар ҷомеа, таҳкими низоми тарбияи зебоипарастии ҷавонону наврасон, омодасозӣ ва боло бурдани сатҳи касбии мутахассисони фарҳанг, танзими масъалаҳои ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ дар китобдорӣ аз ҷумлаи иқдомоти пешбиникардаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар бахши фарҳангии ҳаёти ҷомеаамон барои давраи оянда мебошанд.

Ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ҳизби мо ҳамаи иқдомоти неки пешгирифтаи солҳои охирро давом дода, таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби хонандагони болаёқат ба таълимгоҳҳои махсусонида, дастрасии ҷавонон ба грантҳо барои марказҳои ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, таъсиси махзани захираҳои

кадрии ҷавонони болаёқат дар назди мақомоти ваколатдори давлатии ҷавонон, дастгирии соҳибкории истеҳсолии ҷавонон тавассути ҳавасмандсозию грантҳо барин мақсадҳои мушаххасро барои давраи минбаъда пешбинӣ кардааст.

Соҳаҳои варзишу сайёҳӣ аз самтҳоиояндадори кишварамон буда, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи онҳо ниятҳои зиёдеро амалӣ карданист.

Ҳамчунин, таҳкими мақоми зан дар ҷомеа, мустаҳкам сохтани пояҳои оиладорӣ, ҳифзи саломатии модару кӯдак, пешгирии хушунати оилавӣ мисли пешина дар ҷумлаи иқдомҳои умдаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон боқӣ хоҳанд монд.

Дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд қонун асоси ҳама гуна низом ва рушди давлат ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузорирро минбаъд низ давом дода, ба он талош меварзад, то маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон густариш ёфта, қонун ба меъёри зиндагии ҳар як сокини мамлакат табдил гардад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои он кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки рушди низоми қонунгузории кишвар дар доираи талаботи барои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ пешбинишуда, бо назардошти манфиатҳои шаҳрвандон, арзишҳои миллию байналмилалӣ, ки маҳаки онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил медиҳад, пеш равад. Дар ҷараёни қабули қонунҳо ба ҳимояи манфиати табақахои ниёзманд, нафақахӯрон, маъюбон ва мактаббачагону донишҷӯён эътибори аввалиндараҷа медиҳад. Ҷанбаъҳои адолат ва башардӯстиро дар мадди аввал мегузорад. Инъикоси фаъолияти парламентро тавассути воситаҳои ахбори омма амри муҳим мешуморад.

Ба хотири таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва пайванди он бо иқтисоди ҷаҳонӣ, таъмини шароити озодонаи фаъолияти иқтисодӣ қонунгузории марбутро мунтазам такмил медиҳад. Қабули қонунҳоро вобаста ба тақвияти мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, коррупсия ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир вусъат бахшида, амнияту суботи кишварро таъмин месозад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, инчунин, дар робита бо ин масъала боз як силсила иқдомҳои муҳиму мушаххаси хешро дар амал татбиқ карданист.

Ҳамин аст муҳтавои барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки мо мехоҳем онро дар панҷ соли оянда, дар сурати сазовор шудан ба бовари шумо ва оғози фаъолиятамон дар парламенту дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ гардонем.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тавассути руйхати ягонаи ҳизбӣ барои интихобот дар доираи ҳавзаи ягонаи умумҷумҳуриявӣ 27 намояндаи хешро ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст. Ҳамчунин ҳазорҳо нафар номзадҳои мо барои вакилӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ба воситаи ҳавзаҳои якмандатаи интихоботӣ ва барои вакили маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, вакилии ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти кишвар пешбарӣ шудаанд. Ҳамаи онҳо шахсони дар ҷомеа соҳибобру, дар пешаашон босалоҳият, ватандӯст мебошанд ва рафтору ахлоқи писандида доранд.

Фақат ҳаминро мегӯем, ки дар миёни 27 нафар номзадҳои ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешниҳодшудаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 11 нафарашон зан ҳастанд, ҳамаашон маълумоти олӣ доранд. Дар байнашон 5 нафар унвони доктор ва 6 нафар номзади илмро доранд. Аксар таҷрибаи зиёди сарварӣ, донишҳои ҳозира-

замон доранд. Дар ин рӯйхат касоне низ ҳастанд, ки дар донишгоҳҳои муътабари хориҷ аз кишвар маълумоту ихтисос гирифтаанд.

Мо азм дорем, ки нияту мақсадҳои дар барномаи пешазинтитхоботӣ ба нақшагирифтаамонро бо сарпарастию ҳидояти Раиси ҳизбамон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо такя ба вакилони интихобшудаамон ва бо истифода аз ҷонибдории дилгармонаи тамоми мардуми шарифи кишвар амалӣ гардонем.

Боқӣ, интихоб аз ҳамватанони азиз аст ва мо ба онҳо эътимоду боварии комил дорем, ки ба ҷонибдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон овоз медиҳанд.

Фаъолияти ҳукумат дар самти сиёсати минтақавӣ вусъати тоза пайдо карда, ба рушди ҳамаҷониба ва ободонии шаҳру ноҳияҳои кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва таҳкими имкониятҳои дохилии онҳо эътибори ҷиддӣ дода шуда истодааст. Дар ин давра барои рушд ва иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ сармояҳои гуногун равона гардида, таҳияву қабул ва амалисозии барномаҳои алоҳидаи рушди шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шуд.

Албатта, заминаи ҳама гуна рушд, чи дар соҳаҳои иқтисодӣ ва чи дар бахши иҷтимоӣ, сармоя аст. Давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар тӯли солҳои гузашта барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва муҳайё намудани шароити созгори ҳуқуқии ҷалби сармояи дохилӣ, маблағҳои соҳибкорони ватанӣ ва сармояи хориҷӣ ба рушди соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ як силсила иқдомоти муассирро роҳандозӣ намуд.

Натиҷаи ҳамин аст, ки сармоягузорӣ ба соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодиёт сол ба сол зиёд мешавад. Фақат соли 2010 оид ба татбиқи 27 лоиҳаи нави сармоягузорӣ созишнома ба имзо расида, ба татбиқи онҳо 2,5 миллиард сомонӣ ҷалб гардидааст. Давоми солҳои 2012-2014 бошад,

беш аз 100 лоиҳаи муштараки сармоягузорӣ бо маблағи умумии 13 миллиард сомонӣ мавриди амал қарор дошт.

Дар нақшаи кории Ҳукумати мамлакат таҳияи Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоя қарор дорад, ки дар он ба бахши иқтисодиёт аз қабили гидроэнергетика, саноати маъдан, саноати сабук, соҳаҳои истеҳсоли маводи ғизоӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи захираҳои қаъри замин, туризм ва монанди инҳо эътибори махсус дода мешавад.

Бахши соҳибкории мамлакат яке аз манбаъҳои умдаи сармоягузорӣ ба рушди иқтисодамон, воситаи муҳайё гардондани ҷойҳои нави корӣ, сарчашмаи ғановати буҷет ва боло рафтани сатҳи зиндагии мардумамон ба шумор меравад. Ба ҳамин хотир аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи гузашта тавассути намояндагонаш дар парламент ва ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои ба миёнгузоштаи хешро ҷиҳати тақвияти мавқеи ин соҳаи муҳими иқтисоди миллӣ дар ҳаёти кишвар собитқадамона амалӣ гардонд.

Танҳо соли 2011 соҳибкорон 1000 иншооти иқтисодию иҷтимоӣ бунёд кардаанд, ки 100-тои онҳо корхонаҳои саноатӣ бо 12 ҳазор ҷои нави кор мебошанд. Солҳои 2010 ва 2014 мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон баргузор гардида буданд, ки натиҷаҳои онҳо ба рафъи бисёр мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа мусоидат карда, роҳро ба фаъолияти озодонаи бахши хусусӣ доир ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар боз ҳам фарохтар сохтанд.

Мораторийҳои чандинбораи аз ҷониби Президенти мамлакат муқаррар гардида доир ба манъи сесолаи санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони хурду миёна ва соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷониби мақомоти назоратии давлат ба иҷрои ҳамин ҳадафҳо равона гардида буданд. Сиёса-

ти пешгирифта ва амалкарди Ҳукумати мамлакат дар беҳбудӣ бахшидан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби созмонҳои муътабари байналмилалӣ баҳои баланд гирифта, Тоҷикистон ду сол паи ҳам ба қатори беҳтарин давлатҳои ислоҳотгар шомил карда шуд.

Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ» қабул гардид, масъалаи қабули қонунҳо «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳрири нав» ба миён гузошта шуд, ки онҳо заминаҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро таҳким бахшида, тавассути фароҳам овардани имтиёзу сабукиҳо онҳоро ба рушди бахши воқеии иқтисоди кишвар ташвиқ ва раҳнамун месозанд.

Дар давраи гузашта, ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ сурат гирифта, теъдоди иҷозатҳо чандин баробар кам гардид. Низоми электронии ҳуҷҷатгузорӣ ҷорӣ карда шуд. Бо мақсади таъмини шаффофият, пешгирии амалҳои коррупсионӣ ва озод сохтани соҳибкорон аз монеаҳои маъмурию бюрократӣ, муросилоту муомилоти электронӣ бо корафтодагон, бо соҳибкорон дар ҳама бахшҳои хизматрасониҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Давлат соҳибкории хусусиро тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок низ дастгирӣ мекунад, ки он ба ривоҷи истеҳсолот ва муҳайё сохтани ҷойҳои нави корӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, давоми солҳои охир садҳо миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ба соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ дода шудааст. Фонди дастгирии соҳибкорӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат таъсис шудааст, беш аз ҳама ба соҳибкорони истеҳсолӣ дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон қарзҳои имтиёзнок пешниҳод мекунад.

Солҳои 2014- 2020 дар кишварамон давраи дастгирии

соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди бахши коркарди ашёи хоми маҳаллӣ муқаррар шудааст, ки он бояд ба ворид сохтани технологияҳои нави истеҳсолӣ, афзоиши содирот ва роҳандозии истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ безарар мусоидат намояд.

Ба ҳамин тариқа, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, рушди иқтисодиёт ва пайваста баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаҳое ба вуҷуд овардаанд, ки мо боз як қадам болотар пой гузошта, ба тақвият додани табақаи миёнаҳоли аҳолӣ, густариш додани он ва бештар сохтани саҳми соҳибкоронамон дар ин равандҳои сарнавиштсоз камар бубандем.

***БАРНОМАИ НАВ:***
***«Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!»***

Акнун дар бораи Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки барои давраи нави рушди мамлакат, барои панҷ соли оянда пешбинӣ шудааст, ба таври мухтасар маълумот медиҳем. Он ниятҳое, ки дар ин барнома оварда шудаанд, он нақшаҳое, ки пешниҳод мешаванд, гапҳои ҳавоӣ нестанд. Ҳар яке бар заминаи имрӯз, ба он имконоте, ки мардуми мо, сарзамини муқаддаси мо дар ниҳодашон доранд, такя мекунанд. Ва албатта, мисли барномаҳои пешинаи мо иҷро мешаванд. Агар ин барнома ба мардум писанд биояд, агар онҳо ин бор ҳам дар рӯзи интихобот ба ҷонибдорӣ аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва номзадҳои он барои вакилӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ овоз диҳанд, он бечунучаро амалӣ карда мешавад.

Барнома «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи

сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!» унвон дорад. Ин шиори мо, мағзи ҳамаи кору тадбирҳои нияткардаи мо дар панҷ соли оянда мешавад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон садоқати худро ба арзишҳои соҳибихтиёрӣ, демократия, баробарҳуқуқӣ ва ошкорбаёнӣ минбаъд ҳам нигоҳ хоҳад дошт ва барои тараққиёти ҳамаҷонибаи кишвар тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ хоҳад кард.

Барномаи пешазинтихоботии мазкур аз он мақсадҳое сарчашма мегирад, ки дар барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Он вазифаи ҳар як узви ҳизби моро барои таъмини рушди иқтисодиёт ва беҳбуди ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакат муайян мекунад.

Ҳадафҳои мо аз сиёсати бобарор ва хирадмандонаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд ва ҳизб тавассути ширкат дар рушди кишвар ба ҳар як сокини мамлакат шароити созгори зиндагӣ фароҳам меорад.

Мо ҷиҳатҳои мусбати таҷрибаи пешинаро ба роҳбарӣ гирифта, бо назардошти натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ, татбиқи стратегияи миллии рушд то соли 2015 ва истифодаи дигар имкониятҳои бузурги захиравӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ тамоми неруи худро равона месозем.

***Барои ба ин ҳадафҳои олӣ расидан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар сиёсати иқтисодӣ ҳафт самти афзалиятнокро муайян кардааст:***

**ЯКУМ.** Такмили сохтори иқтисодиёт, ки он бояд рушди пайвастаи бахши воқеии иқтисодиёт ва афзоиши усту-

вори маҷмуи маҳсулоти дохилиро таъмин карда тавонад. Бо ин мақсад ҳизб беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ, иштироки васеи шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ, таҳия ва татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, таъмини микроиқтисодӣ ва сиёсати рушди соҳавии иқтисодиёт, пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна, ҷорӣ намудани механизми гузариши иқтисодиёт аз зинаи аграриву индустриалӣ ба зинаи индустриалию аграрӣ, ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, замин ва дигар василаҳои амсоли инҳоро зарур мешуморад.

**ДУЮМ.** Рушди комплекси энергетикӣ ҳамчун омили бунёдии рушди устувори иқтисодӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ тавассути бунёди неругоҳҳои барқи обии хурду миёна, таҷдиди иқтидорҳои мавҷудаи энергетикаи обӣ, зиёд кардани сармоягузории соҳа, амалӣ кардани лоиҳаҳои бунёди хатҳои интиқоли нерӯи барқ, таъмини рушди комплекси энергетикию сӯзишворӣ тавассути афзун намудан ва ба роҳ мондани истифодаи манбаъҳои дигари энергия-ангишт ва нафту гази ватанӣ, бунёди марказҳои барқу гармидиҳӣ дар шаҳру навоҳии мамлакат.

**СЕЮМ.** Таъмини рушди босуботи минтақаҳои кишвар, таҳияи барномаҳои пешрафти шаҳру ноҳияҳо, таҳкими фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои нави ташаккули буҷети ҷамоатҳо, таъмини худкифоии буҷети шаҳру ноҳияҳо, фароҳам овардани шароит ба рушди иқтисодиёти деҳот зимни тавсеаи корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар онҳо.

**ЧОРУМ.** Сиёсати самараноки молиявӣ, истифодаи буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи муҳими танзими нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, назорати истифодаи мақсадноки хароҷоти давлатӣ, афзун намудани даромади буҷет

тавассути такмили низоми андозбандӣ, таъмини устувории қурби асъори миллӣ, тақвияти фаъолияти низоми бонкӣ, ҳавасмандгардонии аҳолӣ барои нигоҳдории пасандозҳояшон дар бонкҳо, рушди бозори молиявӣ.

**ПАНҶУМ.** Рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, идомаи тадбирҷӯиҳо барои таҳкими фазои сармоягузорӣ, чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорие, ки истифодаи технологияҳои замонавӣ ва тавлиди маҳсулоти рақобатпазирро пешбинӣ кардаанд, рушди бахши хусусӣ ва ташаккули табақаи миёнаҳол, соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ, тақвияти ҳимоя аз ҳуқуқҳои соҳибкорон, ислоҳот дар низоми санҷишу иҷозатдиҳиҳо, таъмини шаффофият ва самарабахшӣ дар ҷудокунии маблағ тавассути фонди дастгирии соҳибкорӣ, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

**ШАШУМ.** Пешрафти минбаъдаи инфрасохтори нақлиётӣ, бунёди хатҳои нави роҳи оҳан, таҷдиду барқарорсозии саривақтии роҳҳои мошингарди байналмилалӣ, суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳое, ки имконоти транзитии кишварро зиёд мекунанд, ташкилу рушди марказҳои нақлиётию хизматрасонӣ, идомаи ислоҳот дар соҳаи нақлиёт.

**ҲАФТУМ.** Беҳбудӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, тақвияти низоми ҳамоҳангсозии сиёсати рушд, таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва мукаммалсозии коргузории давлатӣ, суръат бахшидан ба раванди татбиқи барномаи «Ҳукумати электронӣ», таъмини идораи самараноки амволи давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ба хизмати давлатӣ.

*Душанбе, феврали с. 2015*

## ШЕВАИ ТАБЛИҒИ ХУДРО ДИГАР КАРДЕМ

Мусоҳибаи ихтисосии хабарнигори радиои «Озодӣ бо Саидмурод Фаттоҳзода, муовини аввали Раиси Ҳизби Халқии Демократӣ ва собиқ мушовири Президенти Тоҷикистон

Саидмурод Фаттоҳзода аз зумраи афроди собиқадор дар тими раисиҷумҳури кунунии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад. Ӯ ҳанӯз дар овони президентии Раҳмон Набиев дар ибтидои солҳои 90 ба идораи раёсат ҷумҳурӣ ба кор омад ва тайи беш аз 20 сол дар ин идора аз ҷумлаи ёварони наздики раисиҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон буд. Дар анҷумани моҳи декабрӣ Ҳизби ҳокими халқӣ-демократӣ, ки раҳбариашро низ президент Эмомалӣ Раҳмон бар ухда дорад, Саидмурод Фаттоҳзода муовини аввали Раиси ҳизб интихоб шуд ва ҳоло барои бори аввал ба ин ҳайс раҳбарии Ситоди интихоботии ҳизби ҳокимро бар ухда дорад.

**- Шумо ду даҳсола аз мушовирони Раисиҷумҳур будед ва ба назар мерасид, ки Президент ба Шумо эътимод дорад. Чаро Шумо аз мақоме, ки хеле муҳим буд, рафтед?**

- Албатта, дар симати мушовири Президент чанд муддат кор кардам, вале дар ҳамон давра ҳам аз ҳизб дурӣ надоштам. Ба ин хотир, ки дар саргаҳи таъсиси ҳизб мо қарор доштем ва ҳамеша аз кору фаъолияти он огоҳӣ доштем. Моҳи декабр дар анҷумане, ки барномаи пешазинтихоботии ҳизби мо муаррифӣ шуд, роҳбарияти сиёсии ҳизб, бевосита раҳбари ҳизби мо ва худи аъзои ҳизб маро ба ин вазифа сазовор донистанд. Чун моро лоиқ донистанд, мо қабул кардем. Ин барои ман бисёр як шарафи бузург буд, ки муовини аввали Раиси Ҳизби Халқӣ-Демократӣ шавам.

**- Ҳамин гуна маълумоте ҳам буд, ки ҳизби Шумо бояд дар заминаи ҳизби коммунисти Тоҷикистон бунёд мешуд.**

**Чаро ин тарҳ татбиқ нашуд?**

- Дар ҳамон шабу рӯз дар фазои афкори ҷомеаи мо нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ бисёр назари манфӣ вуҷуд дошт. Шояд аз ҳизбҳои сиёсӣ таъсири худро танҳо ҳизби коммунист то як андоза нигоҳ дошта буд ва ҳамон вақт, чӣ тавре ки Раҳбари давлат, Раҳбари ҳизби мо дар анҷумани Ҳизби Халқии Демократӣ, даъвати 12-ум изҳор намуд, бисёриҳо аз ҳисоби ветеранҳо, аз ҳисоби собиқ коммунистон, ки он давра дар сохторҳои ҳукуматӣ кор мекарданд, пешниҳод намуда буданд, то номи ҳизби коммунистро дигар карда, ин ҳизбро такягоҳи идеологии ҳукумат кунанд. Вале Сарвари давлат инро напазируфтанд ва гуфтанд, не, мо ба ин роҳ намеравем. Мо бояд як ҳизби нав таъсис диҳем. Азбаски мо ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ месозем, бояд ин ҳизб дар доираи ҳамин арзишҳо амал намояд. Бо супориши Роҳбари давлат, шахсиятҳои барҷастаи мо ба таъсиси ин ҳизб шурӯъ намуданд.

**- Баъзе ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бар инанд, ки дар маъракаи пешазинтихоботии соли ҷорӣ барои ҲХДТ шароиту имконоти бештару хубтар фароҳам шудааст ва ҳизбҳои дигар дар канори саҳнаи сиёсӣ мондаанд. Шумо ба ин чӣ мегӯед?**

- Гумон мекунам, шароит барои ҳамаи ҳизбҳо як хел ба вуҷуд оварда шудааст, чунки мо ҳама дар доираи тартибу мақоме, ки Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ муайян кардааст, амал мекунем. Аз вақту соате, ки дар телевизионҳо ба мо ҷудо шудааст, то вохӯриҳо дар ҳавзаҳо як хел аст. Лекин сухан дар бораи дигар чиз меравад, ки ҳизбҳо кадом тактикаву стратегияро интихоб кардаанд. Масалан, ҳизби мо шеваи таблиғи худро дар ин интихобот дигар кард. Мо аз шабакаҳои иҷтимоӣ, аз паёмакҳои телефонӣ бо паҳн кардани аҳдофи ҳизб васеъ истифода мебарем. Ҳоло мебинам, ки баъзе аз ҳизбҳо шиору шеваи кори

моро истифода мекунанд, ки мо ба ин зид нестем.

**- Манзур аз суоли боло ин буд, намояндагони ҳизби наҳзати исломӣ бар ин назаранд, ки ҳукумат барои Шумо шароити хос фароҳам кардааст.**

- Ҳавзаҳои интихоботӣ барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ нақшаи муайян тартиб додааст ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ шароит фароҳам меорад. Ин тараф аз худи ҳизб вобаста аст, ки то куҷо қобилияти ташкилотчигӣ дорад, ки мардумро ҷамъ оварад. Намехоҳам ба шаъни дигар ҳизбҳо бирасам, аммо воқеият ин аст, ки аксаран қобилияти ҷамъ кардани интихобкунандагонро надоранд. Ҳатто то ҷое медонем, ҳизби наҳзате, ки даъвои доштани ҳазорон тарафдорро мекунад, дар вохӯриҳояшон аз 10 то 15 нафар ҷамъ мешаванд, дар баъзе минтақаҳо умуман ҷамъ намешаванд. Тавре хабарҳо нашр шуд, ҳатто дар вилояти Суғд мардум раҳбари ҳизби сиёсии онҳоро барои суҳбат қабул накардаанд. Дар наворҳои нашршуда дида мешуд, сокинон онҳоро ҳамчун гунаҳкори ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо ва гунаҳкори паҳнкунандаи идеологияе, ки имрӯз ҷавонони моро ба кишварҳое мисли Сурияву Ироқ то як андоза талқин мекунаду онҳо он ҷо ҳалок мешаванд, қабул кардаанд. Ҳодисаҳое, ки дар Ироқу Сурия рух медиҳанд, мисли зинда оташ задани халабони урдунӣ, буридани даҳҳо насронии Миср аз ҷониби гурӯҳи «Давлати исломӣ», буридани сари садҳо гаравгони дигар, албатта, ҳамаи ин таъсири худро ба ҷомеаи мо мерасонад ва назари ҷомеа ҳам дар мавриди ҳаракату ҳизбҳое, ки бо истифода аз номи Ислом амал мекунанд, тағйир меёбад.

**- Аммо Шумо боре дар як нишаст гуфта будед, ки салафия идеологияи расмии Арабистони Саудӣ аст ва Тоҷикистон намояндагони онро таъқиб намекунад. Фикр мекунед, он изҳорот иштибоҳ буд?**

- Ин гуфтаҳо дар Шӯрои ҷамъиятӣ буд, дар мавзӯи

«Муносибати давлат ба дин». Манзурам ин буд, ки дар сатҳи сиёсати давлат дар мо ҷараёни салафия мамнӯъ шуд. Ба он хотир ки дар масҷидҳо вақте мардум рафта фаризаҳои диниро иҷро мекарданд, намояндагони салафия ба таври хос баъзе рукнҳои намозхониро иҷро мекарданд ва ин боиси нороҳатии шадиди мардуми мо мегашт. Ҳамон вақт гуфта будам, дуруст, мо манъ кардем, лекин ҳангоми суханронӣ нисбат ба бархе аз ҷараёнҳо, мисли салафия, ки дар Арабистони Саудӣ ин мазҳаби расмӣ ҳаст, суханҳои қабеҳу таҳқирро раво набинем. Пушти ин суханҳо ягон ишора ва ё дигар шудани сиёсат набуд, фақат назари шахсии ман буд, ки умуман дар мавриди эътиқоди мардум нисбат ба арзишҳои динӣ суханронӣ мекунем, бояд бо эҳтиёт рафтор кунем.

**- Мунтақидони ҳизби Шумо мегӯянд, соҳибони курсиҳо пеш аз пеш мушаххас ҳастанд ва баргузор кардани интихобот танҳо намоишнома барои ҷомеаи байналмилалӣ аст, Шумо ин гуна интиқодҳоро қабул доред?**

- Ин суханҳое, ки ҳамкорони сиёсии мо мегӯянд, таҳқири сахт нисбат ба мардуми Тоҷикистон аст, бисёр беэҳтиромӣ нисбат ба халқи тоҷик аст. Сухани зиште гуфтанӣ нестам, аммо ин ҳарфҳо мисли онест, ки гуштигире ба майдон набаромада, мегӯяд, «судя» (довар)-ро харидаанд ва ё ҳарифаш бо пул ҳамаро тарафи худ кардаасту ман бо ӯ дигар мубориза намекунам. Ин ҳолатест, ки пеш аз пеш мағлубияти худро саҳнасозӣ мекунанд, то худро на мағлуб, балки мазлум нишон диҳанд. Одоби сиёсиро бояд нигаҳ дошт ва пеш аз пеш чунин изҳороте, ки шаъни миллати моро паст мезанад, надиҳем.

**- Шояд бори аввал аст, ки бо матбуот чунин як суҳбат анҷом медиҳед. Шумо даҳсолаҳо аз кормандони наздик ба раисиҷумҳур будед, аммо ҳамеша дар соя мондед, ҳатто вақтҳое, ки кори Шумо ба матбуот ва ташкилоти ҷамъиятӣ**

**марбут буд. Чаро?**

- Вақте ба симати ёрдамчии Роҳбари давлат будам, ба симати мудири котибот будам ва вақте ба ҳайси мушовири давлатии Президент будам, Шумо медонед, ки як этикаи корманди хизматчии давлатӣ ҳаст. Аз рӯи он вазифаҳое, ки дар назди мо гузошта шуда буд, мо фаъолияти Роҳбари давлатро таъмин мекардем ва тамоми фаъолияти мо ба он нигаронида шуда буд, ки он вазифаҳои конститутсионие, ки дар назди Роҳбари давлати мо истодааст, дар иҷрои онҳо ба мисли ҳар ниҳоди дигари давлатӣ бояд саҳми худро дошта бошем. Мушовири давлатӣ будам, дар Шӯрои ҷамъиятӣ иштирок ва баромад мекардам. Баъзан вақт дар рӯзномаҳо ҳам мақолаҳоям дарҷ мешуданд, вале ҳизб хусусияти дигар дорад ва аз рӯи тақозои вазифа бояд бо мардум алоқаи зичтар тариқи Ваосити ахбори омма дошта бошам.

**- Шумо ҳам дар як навишта Президенти кишварро ба шахсиятҳои бузурги таърихӣ мисли Авраам Линколн баробар дониста будед. Ин муқоиса бар чӣ асосе сурат гирифта буд?**

- Беҳуда Роҳбари давлатро ба Авраам Линколн, ба Шарли де Гол баробар накардаам. Ин тамаллуқу хушомадгӯӣ нест, зеро вобаста ба таърихи миллат, вобаста ба марҳилаҳои таърихӣ ҳар як миллат шахсиятҳои бузургро ба вуҷуд меорад. Масштаб, албатта, гуногун аст, ҷуғрофиё гуногун аст, лекин принсипҳо як аст. Масалан, Авраам Линколн барои чӣ дар Амрико ба ҳайси як президенти маҳбуб боқӣ монд. Барои он ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ягонагӣ, якпорчагии кишварро нигоҳ дошт. Бубинед, имрӯз тамоми муаррихон, тамоми таҳлилгарон эътироф мекунанд, ки бузургтарин хидмати Роҳбари давлати мо Эмомалӣ Раҳмон ин нигоҳ доштани кишвари Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ, муқоиса кардани президенти

кишвар бо чунин шахсиятҳои таърихӣ мантиқӣ аст.

**- Собиқаи тӯлонии ҳамкорӣ бо Президенти кишварро доред. Дар бораи ин ҳамкорӣ чӣ гуфта метавонед?**

- Он чизе, ки бароям таъсири амиқ мегузорад, мардумдӯст будани Президенти кишвар аст. Ҳамчун инсони одӣ одами раҳмдил ҳастанд. Аммо сиёсат дигар аст. Масалан, Шумо баромади машварати охирини Шӯрои амниятро дида бошед, то чӣ андоза Президенти кишвар нисбат ба коррупсионерон ва решакан кардани ин падида сахтгирона суҳбат карданд, яъне раҳмдилӣ нисбат ба коррупсионер бераҳмӣ нисбат ба халқи худ аст. Ҳамчун одаме, ки аз наздик бо Ҷаноби олӣ кор кардам, рости гап, масштаби шахсияти ӯ то охир баҳо дода нашудааст. Ӯ шахсе ҳаст, ки тамоми вуҷудаш барои миллати худ бахшида шудааст. Ӯ ду ҷониберо, ки ба хуни ҳамдигар ташна буданд, оштӣ дод, гурезагонро ба ватан баргардонд, субот дар ҷомеаро пойдор кард. Фақат ҳамин кофист, ки мо Ҷаноби олиро ҳамчун падари миллат эътироф кунем.

**- Агар Шумо дар оянда мемуар ё китоби хотирот бинависед, кадом мақомдорон ба мемуарҳои Шумо ворид хоҳанд шуд?**

- Ростӣ, китоби хотирот навиштанӣ нестам. Китоби хотиротро бояд шахсиятҳое нависанд, ки барои ин миллат корҳои бузургеро анҷом додаанд. Худро чунин шахсият намеҳисобам. Лекин то андозае, ки тавонистам, дар корҳои илмии худам сабабҳои низои ҷанги шаҳрвандиро ошкор хоҳам кард, ба хотире, ки ин як дарс барои наслҳои оянда шавад, то бидонанд, ки аз сари миллати мо чӣ гузашт ва он такрор нашавад. Дар мақолаҳои илмии худ мо бояд то як андоза ба мардум ҳушдор диҳем. Албатта, ҷамъият бе камбудӣ нест ва ҳар шахсу гурӯҳҳои иҷтимоӣ манфиати худро дорад, лекин ҳамеша мо бояд арзишҳои болотаре дошта бошем, ки дар ин ҳолат аз арзишҳои хусусӣ даст кашем. Мо

суботи сиёсӣ, оромӣ дошта бошем, иқтисодиётамон ҳатман пешрафт хоҳад кард. Ҳодисаҳои Украина бармало нишон дод, ки суботи сиёсӣ набошад, кишвар ба чӣ табдил меёбад.

*Душанбе феврали с. 2015*

## ҲАЗОР ПАЁМИ СОЗАНДА

**Мо дар марҳилае ҳаёт ба сар мебарем, ки дар ташаккул ва танзими афкори ҷомеа, ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ , иҷтимоӣ ва фарҳангии он васоити ахбори омма нақши калидӣ дорад. ВАО-ро бесабаб «ҳокимияти чаҳорум» меноманд. Пӯшида нест, ки дар замони муосир, касе ба иттилоот дастрасӣ дошта бошад, бартарияти ӯ назди дигарон ба хубӣ эҳсос мешавад. Касе, ки иттилоотро идора мекунад, имкон дорад, ки ба афкори ҷомеа низ таъсир расонад.**

Бо пайдоиши хат, ки баъдтар ба арзи вуҷуд намудани нахустин дастгоҳҳои чопӣ замина гузошт, имконияти муоширати инсон ва табодули иттилоот дар ҷомеа ба таври хеле васеъ фароҳам омад.

Дар натиҷаи чунин таҳаввулоти густурда матбуот ба вуҷуд омад, ки дастрасии иттилоотро барои омма хеле осон кард. Яке аз хусусиятҳои умдаи матбуот ин буд, ки ба хонандагони худ таъсири бесобиқа дошт. Баъдтар бо пайдо шудани технологияҳои нави иттилоотӣ ва воситаҳои муосири ахбори омма ин навъи таъсиррасонӣ тақвияти бештаре пайдо кард.

Имрӯз ВАО аз сарчашмаҳои асосии хабаррасонӣ ва дар натиҷа воситаҳои муҳими идораи афкори ҷомеа маҳсуб мешавад. Феълан ВАО имкон дорад, ки ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, таърих таъсир расонад. Шояд ҳамин хусусияти

ВАО аст, ки гоҳо он барои таҳрифи воқеият, мутташаннич сохтани авзои ҷомеа истифода мешавад. Таърих шоҳиди далелҳои зиёд аст, ки дар натиҷаи паҳн кардани иттилои бардурӯғ ва таҳрифшуда кишварҳо ва минтақаҳо ба ҷангу хушунат кашида шуданд, бузургтарин бонкҳову ширкатҳо муфлис гардиданд, ки дар натиҷа ба заиф шудани низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бекор мондану муҳоҷир шудани миллионҳо нафар оварда расонид. Боиси таассуф аст, ки истифодаи муғризона аз дастгоҳҳои иттилоотӣ дар гузаштаи на чандон дур, яъне солҳои навадуми қарни гузашта ба вазъи сиёсии кишвари мо низ таъсир расонд, ки боиси ҷанги шаҳрвандӣ, инқирози пояҳои давлатдорӣ ва ҳалокати садҳо нафар шаҳрвандон гардид. Аз ин лиҳоз ҳам хеле муҳим аст, ки ВАО ҳамчун воситаи паҳнкунии иттилоот бояд дар дасти қувваҳои солим ва ватандӯст бошад.

Инчунин нодида гирифтани хизмати ВАО ҷиҳати истиқрори сулҳ, таҳкими пояҳои ваҳдат ва оштии миллӣ дар кишвари мо аз рӯи инсоф нест. Бо кӯшишу талошҳои Роҳбари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар кишвар фазои мусоиди иттилоотӣ фароҳам оварда шуд. Амнияти иттилоотии мамлакат яке аз масъалаҳои аввалиндараҷае буд, ки бояд ҷомеаи моро аз таъсири ҳуҷуми иттилоотии беруна, ки ҳадафмандона ҷиҳати ноором кардани фазои сиёсӣ роҳандозӣ мешуд, ҳимоя мекард. Ҳафтаномаи «Минбари халқ», нашрияи марказии Ҳизби Халқии Тоҷикистон (ҳоло ҲХДТ), ки имрӯз ҳазорумин шумораи он нашр мешавад, дар ҳамин солҳои ноором ва тақдирсоз арзи вуҷуд намуд, то паёми сулҳу ваҳдатро ба мардуми кишвар расонад.

Ҳафтаномаи «Минбари халқ» гарчанде, ки дар оғоз бо теъдоди хеле маҳдуд нашр мешуд, аз шумораҳои нахустин рисолати таблиғи ғояҳои созанда ва бунёдкоронаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, инъикоси воқеии

ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеаро ба дӯш гирифт. Ҳамин рисолати созанда буд, ки ҳафтаномаи мазкур дар ҷомеа аз маҳбубияти хос бархурдор гардид ва имрӯз ба яке аз рӯзномаҳои сертиражтарини кишвар табдил ёфтааст.

Вале мо бояд фаромӯш накунем, ки дар замони рушди босуръати технологияҳои муосир, ба хусус технологияи иттилоотӣ бояд ҳамқадам бо замона бошем. Бахши иттилоотии ҳизбро бо истифода аз технологияҳои муосир тақвият диҳем. Дар ин замина вазифа ва ҳадафҳои ҳафтаномаи мо низ бояд мутобиқ ба раванди сиёсии ҷаҳон ва таҳаввулоти ҷомеаи муосир бошад. Дар замони рушди босуръати ҷаҳонишавӣ, ки фазои иттилоотӣ тамоми сарҳадҳоро убур кардааст, матбуоти миллӣ бояд дар таъмини амният ва ҳимояи фазои иттилоотии кишвар қадамҳои устувор гузорад.

Имрӯз тасаввур кардани самтҳои гуногунҷанбаи ҳаёти ҷомеа бидуни муносибатҳои иттилоотӣ, бидуни дастрасӣ ва истифодаи иттилоот, ғайриимкон аст. Новобаста аз он, ки солҳои охир дар ҷаҳон рушди бемайлони технологияҳои компютерӣ ба назар мерасад, нақши матбуот ба ҳайси як сарчашмаи муътамад дар паҳн кардани иттилооти босифат ва воқеӣ хеле муҳим ва назаррас боқӣ мемонад.

Ҷои баҳс нест, ки бо пайдо шудани шабакаҳои интернетӣ, дастрасии ҷомеа ба иттилоот нисбатан соддаву осон гардидааст. Вале на ҳамеша ба саҳеҳият ва дурустии ахбороти интернетӣ кафолат дода мешавад. Дар замони муосир интернет на танҳо ба сифати як майдони бузурги иттилоотӣ, балки ба ҳайси дастгоҳи муқтадири таблиғотӣ низ истифода мешавад, ки манфиатҳои муғризонаи геополитикӣ, геостратегӣ ва геоиқтисодии гурӯҳҳо ва корпоратсияҳои алоҳидаро ҳимоя мекунад. Вобаста ба ин вазифа ва ҳадафҳои журналистикаи касбӣ, матбуоти миллӣ аз ҷумла ҳафтаномаи «Минбари халқ» бояд ҳифзи фазои итти-

лоотии кишвар аз ҳама гуна таҳдидҳои беруна, хабарҳои иғвобарангез ва таъмини ҷомеа бо иттилооти дурусту саҳеҳ бошад, ки ҳадафҳои олии он ҳифзи арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва инчунин мусоидат ба рушди иқтисодиёт, илм, технология ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим аст.

Матбуот, бахусус рӯзнома дорои хусусиятҳои хос ва аз дигар воситаҳои ахбори омма фарқунанда аст. Маводи рӯзнома маҳсули фаъолияти маънавӣ аст, ки бо мақсади таъсир расонидан ба афкори инсон, гуруҳи муштариён ва ё дар маҷмуъ ҷомеа, тавсеаи ҷаҳонбинӣ ва гирифтани тасмимҳои дурусти инсон дар муҳите, ки зиндагӣ дорад, равона шудааст. Рӯзнома воситаест, ки талаботи инсонро ҷиҳати дастрасӣ ба иттилоот, муошират ва ғанӣ гардонидани донишу маърифати он қонеъ месозад. Бо дар назардошти ин муҳим будани таъсири матбуотро ба ҷомеа дарк намуда, рӯзноманигорон вазифадоранд, ки ба муштариёни худ ҳаддалимкон ахбороти саҳеҳ ва воқеиро пешниҳод намоянд. Онҳо бояд ҳамеша дар мадди назар дошта бошанд, ки тақдири инсон, оромии ҷомеа ва ҳатто муносибати давлатҳову миллатҳо аз маҳсули қалами онҳо вобаста аст. Бояд манфиатҳои миллӣ ва давлатиро аз ҳар гуна манфиатҳои гурӯҳиву шахсӣ боло гузоранд.

Таҳаввулоти солҳои охир дар арсаи байналмилалӣ собит намуданд, ки баъзе кишварҳо ҷиҳати роҳандозӣ намудани ҳадафҳои геополитикии худ аз технологияҳои нави иттилоотӣ самаранок истифода мебаранд. Ҳодисаҳои «баҳори араб» далели қотеи ин гуфтаҳо буда метавонанд. Дар як давраи хеле кӯтоҳи таърихӣ таҳрифи воқеият ва таҳрики мардум ба ошӯбу инқилоб, боиси он гардид, ки пояҳои суннатии давлатдорӣ дар кишварҳои араб мисли Ироқ, Либия, Миср, Сурия ба шикаст мувоҷеҳ шуда, садҳо ҳазор нафар аҳолии ин кишварҳо қурбони псевдоиделогияи демократӣ гарданд. Яке аз иллатҳои асосии инқирози ин давлатҳо

заъфи амнияти иттилоотӣ буд, ки алайҳи таҳмили ақида ва идеологияи ғайр муқовимат карда натавонист.

Вобаста ба таҳаввулоти солҳои ахир дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гумон мекунам рисолати имрӯзаи матбуот, аз ҷумла нашрияҳои ҳизбии мо дар он аст, ки дар бароба-ри инъикоси ҳаёти воқеии дохили кишвар, дастовард ва камбудиҳои ҳизбӣ, нашри матолиби таҳлиливу танқидӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ, шарҳи воқеаву ҳодисаҳои минтақавию байналмилалӣ ва ба ин васила ба мардум расонидани ахбороти саҳеҳу дуруст, фаъолияти густурдаро ба роҳ монанд. Дар ободиву амнияти Ватани азизамон, инъикоси иқдомҳои созандаи Роҳбари давлат ва Раиси муаззами ҳизбамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳифзи арзишҳои милливу таърихӣ, таблиғи ғояҳои созан-даи ҳизб ва ислоҳоти камбудиҳои ҷомеа саҳмгузор бошанд

Имрӯз шумораи ҳазорумини нашрияи марказии ҲХДТ «Минбари халқ» нашр мешавад. Нахустин шумо-раи ин ҳафтанома моҳи сентябри соли 1996 чоп шуда, то имрӯз роҳи пурпечутоб ва на ҳамеша ҳамворро тай наму-дааст. Вале як чиз муҳаққақ аст, ки тули фаъолияти худ ҳафтанома бо сабку усули ба худ хос ба мактаби бузурге табдил ёфт, ки дар он наслҳои мухталифи журналистони касбӣ ба камол расиданд. Дар арафаи нашри ҳазорумин шумораи ҳафтанома, ки воқеан ҳам ҳодисаи фараҳбахш аст, ба мо имконият даст дод, ки идораи нашрияро таъмир ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намуда, барои ҳайати эҷо-дии он шароити мусоид фароҳам орем. Нашри ҳазорумин шумораи ҳафтаномаро ба ҳайати эҷодӣ ва хонандагони доимии он табрик гуфта, итминон дорем, ки ин навгониҳо ба фаъолияти самарабахши ҳайати эҷодии ҳафтанома ва сифатан беҳтар шудани шумораҳои минбаъдаи он зами-наи мусоид фароҳам хоҳанд овард.

*Душанбе, майи с. 2015*

# МО МУҚОБИЛИ ИСЛОМИ РАДИКАЛӢ ВА АТЕИЗМИ ҶАНГОВАР ҲАСТЕМ

***Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, собиқ мушовири давлатии Президент Саидмурод Фаттоҳзода зимни як мусоҳиба бо мухбири нашрияи «Азия плюс» дар бораи сиёсишавии ислом ва оқибатҳои он, дигаргуниҳои назариёти Нурӣ, ришу ҳиҷоб, хиёнати Ҳоҷӣ Ҳалим, қумондони собиқи ОМОН ва дигар масъалаҳои муҳими рӯз ибрози назар намуд.***

**- Қариб як сол мешавад, ки шумо дар ин мақом фаъолият доред. Оё дар ин давра дар кори ҳизб ягон тағйирот ба амал омад? Оё ягон пешрафти қобили мулоҳиза ба мушоҳида мерасад?**

-Дар ин маврид пешрафтҳои мо агар гӯем, ки қобили мулоҳизаанд, иштибоҳ намешавад. Чуноне ки хонандаи арҷманд огаҳӣ дорад, ба таърихи 13 декабри соли 2014 ҳизби мо Анҷумани навбатии XII худро доир намуд. Дар он бештар аз 1200 нафар вакилон аз саросари ҷумҳурӣ иштирок доштанд. Рӯйдоди муҳими Анҷумани мазкур суханронии пешвои ҳизби мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Ӯ барои беҳдошти фаъолияти ҳизб дар ҳамаи зинаҳо дар назди кулли ҳизбиён вазифаҳои мушаххас гузошт. Дар маърӯза ҳамзамон таъкид гардид, ки тамоми кӯшишу ғайрати ҳизб, фраксия, гурӯҳҳои он дар парламент ва маҷлисҳои минтақавӣ бояд ба баланд гардидани сатҳу сифати зиндагонии сокинони мамлакат равона карда шавад. Дар Анҷуман корҳои анҷомдодашуда ҳамаҷониба таҳлил гардида, барои фаъолияти самараноки минбаъда такони нав дода шуд.

Ман ба сифати Муовини якуми Раиси ҲХДТ дар ин марҳила бо дастури Раиси муаззами ҳизб бо командаи нав корҳои анҷомёфтаро аз нав дида баромада, бо назардошти

воқеияти кунунӣ дар назди худ вазифаҳои мушаххас гузоштем. Дар ҳамин замина имкониятҳои худро барои муваффақона гузарондани интихобот сафарбар намуда, дар муборизаи рақобатнок ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гаштем. ҲХДТ на танҳо дар парлумон аксарияти курсиҳоро соҳиб гашт, балки дар тамоми маҷлисҳои маҳаллӣ бештарини ҷойҳоро ба даст овард.

Ҳамчунин мо ба он ноил гаштем, ки фаъолияти ҳизбамон расонаӣ ва оммавӣ гардад. Робитаҳои мо бо матбуот хеле қавӣ гашт. Дар фаъолияти ташкилотҳои ҳизбамон аз бисёр муқаррароти кӯҳнашуда ва технологияҳои қолабӣ даст кашидем.

**-Ба кори ҳизб дар миёни мардум чӣ гуна баҳо медиҳед? Оё камбудиҳое низ ҷой доранд, ки онҳоро мебояд ислоҳ кард?**

-Барои ҳар кадом ҳизб маҳаки асосии баҳо додан ин боварии халқ аст. Дар интихоботи гузашта маҳз ҳамин меъёр, яъне боварии халқ ба мо имкон дод, ки ба пирӯзӣ бирасем. Албатта, ин боиси хурсандӣ аст, вале набояд аз чунин комёбӣ хотирҷамъ гардем. Гузашта аз ин набояд аз камбудиҳо чашм пӯшем. Дар ҳама давру замон ҳизби ҳоким объекти интиқоди шаддиди мухолифон буд. Мо инро ба таври муқаррарӣ қабул мекунем, зеро ки ҳама гуна танқиди беғараз ва одилона омилҳое ҳастанд, ки ба фаъолияти худ аз паҳлу баҳо диҳӣ. Рақобати сиёсии солим ҳизбро бештар қавӣ мегардонад. Аммо мутаассифона, на ҳама вакт танқид одилона, балки баъзан аз рӯи ғараз сурат мегирад.

Мо чунин меҳисобем, ки маҳз муколамаи мустақим бо мардум имкон медиҳад, ки ҳама гуна мушкилоту проблемаҳо ба таври самаранок ҳаллу фасл гардад. Бинобар ин мо ният дорем, ки корро бо ташкилотҳои ибтидоӣ пурзӯр намоем, зеро ки онҳо мустақиман бо мардум сару кор доранд. Мо сафҳои ҳизбро тақвият мебахшем, бо гуруҳҳои

ҳизбиамон дар маҷлисҳои маҳаллӣ корро вусъат мебахшем, ҷобаҷогузории кадрҳоро бознигарӣ мекунем, аъзои навро ба сафҳоямон ҷалб менамоем ва бо ҷомеаҳои маҳаллӣ фаъолона кор мебарем.

**-Бо вуҷуди ин нозирони байналмилалӣ натиҷаҳои интихоботи парламентии гузаштаро танқид карданд, коршиносони маҳаллӣ низ аз он эрод гирифтанд. Шумо ба танқиди онҳо чӣ посух медиҳед?**

-Ман фаъолияти нозирони байналмилалиро муҳокима карданӣ нестам, аммо, мутаассифона, бисёриҳо мушоҳида кардаанд, ки солҳои охир дар таҷрибаи мушоҳидони байналхалқӣ кишварҳоро ба «қулай» ва «ноқулай» тақсим мекунанд. Гузориши онҳоро дар мавриди интихоботи баъзе ҷумҳуриҳо хонда, баъзан беихтиёр ба чунин хулоса меоӣ, ки онҳо дар ҷое хасакеро мебинанду дар ҷои дигар ҳатто кунда аз назарашон дур мемонад. Масалан, дар Афғонистон, ки баъзе вилоятҳояш таҳти тасарруфи гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ қарор дораду, баргузории интихоботи каму беш демократӣ аз аввал зери суол аст, онро нозирони байналмилалӣ демократӣ ҳисоб мекунанд. Яъне, ҳамааш ба қавле «дар доираи қонун» аст. Лекин дар Қазоқистону Белорус, ки роҳбаронашон дар миёни мардум маҳбубият доранд, гӯё ҳуқуқи интихобкунандаҳоро вайрон мекунанд.

Тааҷҷубовар нест, ки интихоботи моро низ баъзе нозирони байналмилалӣ танқид карданд. Мояи ҳайрат он аст, ки онҳо дастовардҳои солҳои охири моро дар бахши демократисозии ниҳодҳои ҷамъиятӣ намебинанд.

Агар авзои солҳои охирро бодиққат таҳлил кунем, ба дурустӣ дарк мекунем, ки мақомоти қонунгузор барои демократикунонии ҷомеа ва шаффофияти интихобот дар кишвар ба иқдомҳои ҷиддӣ даст задаанд. Интихоботҳои охири мо барои ташаккули аҳзоби ҳақиқӣ ва таҷаддуди

сохтору фарҳанги иттиҳодияҳои сиёсии нав саҳнаи муносибе буданд. Фикр мекунам, инро на танҳо аҳолӣ, ки интихобкунандаҳои асосии мо ҳастанд, мушоҳида намуданд, балки нозирони байналмилалӣ ва коршиносон ҳам бо чашми худ воқеияти онро диданд. Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки баъди эълони натиҷаҳои интихоботи ахири мо дар муқоиса ба маъракаҳои гузашта аз ҷониби мухолифон эродҳои ҷиддӣ ироа нашуд.

**-Ба ҳар сурат суоле пайдо мешавад, ки чӣ гуна аҳзобе, ки дар бораашон чизе шунида намешуд, монеаи панҷфоизаро гузаштанд?**

-Тайи солҳои охир ҷаҳон бо суръат тағйир хӯрда истодааст ва табиист, ки назару андешаҳои сиёсӣ дар бисёр кишварҳо вобаста ба авзоъ низ дигар мешаванд. Ин раванди муътадил аст. Дар олами имрӯза мо мушоҳида мекунем, ки чӣ гуна баъзе аҳзоби анъанавӣ маъруфияти худро аз даст дода, баръакс, нерӯҳои нави камнуфуз бошад, босуръат мавқеъ пайдо мекунанд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо метавонад, интихоботи ахири Парлумони Аврупо бошад, ки бидуни интизори ҷонибдорон ва коршиносон аҳзоби ба ном «евроскептик»-ҳо (мухолифони иттиҳоди аврупо) якбора дар миёни мардум машҳур шуданд.

Тоҷикистони мо ҳам дар ин маврид истисно нест. Дар мо низ чунин авзоъ ба назар мерасад. Яъне, бахше аз электорат ақидаҳояшонро дигар карда истодаанд. Дар ин ҷо мо бояд ба далелҳо руҷуъ намоем. Агар дар мавриди Ҳизби аграрӣ, ки ба қавли шумо «дар борааш амалан чизе шунида намешуд», мулоим карда гӯем, нодуруст аст. Тоҷикистон кишвари аграрӣ аст. Ҳеҷ мумкин нест, ки дар миёни мардум бахше набошад, ки ислоҳоти аграриро напазирад. Дар ҷомеаи мо одамони зиёде ҳастанд, ки ғояҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоиро низ ҷонибдорӣ мекунанд.

Аз ҷониби дигар аҳзобе, ки дар гузашта обрӯ доштан-

ду ба таври анъанавӣ дар парлумон курсиҳоро соҳиб мешуданд, вақтҳои охир бинобар камфаъолиятӣ дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ натавонистанд садди панҷфоизаро убур кунанд. Бинобар ин ҷои онҳоро аҳзоби нисбатан фаъол, рақобатпазир бо назариёту барномаҳои нав ишғол намуд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳукумат онҳоро ба канораҳои саҳнаҳои сиёсӣ набурдааст, балки худи мардум дигар нахостанд, ки онҳоро дар бинои парламент бинанд. Гузашта аз ин низоми ҳозираи сиёсӣ аз нуқтаи назари интихобу рақобатнокии аҳзоби сиёсӣ ба шакли дуруст фаъолият дорад. Фикр мекунам, дар мамлакат нерӯҳои муътадили лозимии мухолиф ҳастанд, ки дар парлумон бахши мардумро намояндагӣ кунанд.

**-«Ин аҳзоб» гуфта, шумо ҳизби наҳзати исломӣ ва ҳизби коммунистиро дар назар доред?**

-Дар бораи ҲНИТ ман дар мақолаи худ бо номи «Интихоби мо чӣ маъно дорад?», ки дар ВАО чоп шуд, навишта будам. Дар он сухан дар бораи идеологияи коммунистӣ ва исломӣ мерафт, ки моҳиятан ҳарду идеологияи томгаро мебошанд. Онҳо дигарандеширо гӯши шунидан надоранд. Яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ниҳояти асри гузашта дар Тоҷикистон ин ҷанги ду идеология-коммунистӣ ва исломи сиёсӣ мебошад. Муқовимати ин ду идеология ба фалаҷ гаштани сохторҳои давлатӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ овард.

**-Аз он давра вақти зиёде гузашт ва аҳзоби сиёсӣ ба таври мусолиматомез фаъолият доштанд. Имрӯз чӣ гап гузашт?**

-Ба гумонам, агар ҳоло Саид Абдуллои Нурӣ мебуд, ҳизби исломӣ дар чунин вазъият намеафтод. Аммо далеле, ки дар соли 2010 ҲНИТ фаъолияташро дар Шӯрои ҷамъиятӣ манъ кард, ин занги аввали худи наҳзатиҳо буд, ки худро аз ҳамзистии мусолиматомез канора гирифт. Зеро ки маҳз Шӯрои ҷамъиятӣ барои нигоҳдории сулҳу субот дар

мамлакат масъулият дорад. Инкишофи минбаъдаи воқеаҳо ва натиҷаҳои пешакии тафтишот нишон доданд, ки доираҳои муайян ва роҳбарияти ин ҳизб дар кӯшиши табаддулоти давлатӣ даст доштаанд.

Бинобар ин ман чунин меҳисобам, аҳзобе, ки дар заминаи исломи сиёсӣ ташкил шудаанд, дар ниҳоят аз тактики террор кор мегиранд. Барои мисол «Бародарони мусулмон» -и Мисрро гирем, ки баъди ба сари ҳокимият омаданаш мардум ҳис кард, ки онҳо дар мавриди роҳандозии ислоҳоти демократию иқтисодӣ омода нестанд. Дар натиҷа артиш ташаббусро ба дасти худ гирифт. Он чизе, ки имрӯз дар Сурия мегузарад низ натиҷаи сиёсисозии ислом мебошад. Бинобар ин ба андешаи ман танҳо давлати дунявӣ қодир аст, ки ин идеологияҳо, аз ҷумла исломиро ба мусолиҳа биёрад. Бояд мо мухолифи идеологияи радикалии ислом ва атеизми ҷанговар бошем.

**-Яъне, лозим аст, ки ба Конститутсия дар бораи мавҷудияти ду идеология - динию атеистӣ тағйирот ворид гардад? Зимнан, дар ин бора имомхатибони ҷумҳурӣ дар намози рӯзи ҷумъаи худ ибрози андеша карданд...**

-Ман мехоҳам, ин фикри худро асоснок намоям, ки барои чӣ мо мухолифи исломи сиёсӣ ва атеизми ҷанговар бошем? Дар ин ҷо пешниҳодҳои имомхатибони минтақаи Рашт ва назари мулло Абдураҳимро, ки яке аз асосгузорони ҲНИТ буд, зикр намудан ба маврид аст. Дар мулоқоти Президент бо аҳли ҷамоатчигӣ дар соли 2013 суханронии ӯ як навъ рози дил гуфтан ва тавба буд. Ӯ гуфт, ки дарвоқеъ замоне, ки мо муқобили низоми коммунистӣ мубориза мебурдем, фикр мекардем, ки барои ин ҳаққи маънавӣ дорем.

Аммо вақте ки дар Афғонистон афтодем, фаҳмидем, ки масъала ва ё проблема аз он чи ки ҳаст, фаротар будааст. Дар он ҷо неруҳои дигари хосияти байналмилалӣ дошта буданд, ки гуруҳҳои террористиро маблағгузорӣ

мекарданд ва кӯшиш менамуданд, ки низому давлатҳои дунявиро барҳам зананд. Мо бошем, дар дасти ин доираҳо бозичае беш нестем. Ҳамон вақт ӯ гуфта буд, ки ислом моҳиятан ба ҳизби сиёсӣ ниёз надорад. Зеро ки ташкили ҳизби сиёсӣ исломро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад. Ба фикри ман имом-хатибон беҳуда зидди сиёсисозии ислом баромад накардаанд. Воқеаҳои Шарқи Наздик ва Шимоли Африқо албатта ба табъи эътиқодмандони дин дар кишвари мо, таъсири ҷиддӣ расонд. Чунки онҳо бо чашми худ диданд, ки чӣ гуна зери шиори ислом террори рӯирости аҳолӣ ва куштори даҳшатбори асримиёнагӣ сурат мегирад.

Имрӯз мо дида истодаем, ки дар тамоми дунё зуҳуроти исломбадбинӣ доман паҳн карда истодааст. Бинобар ин шакли беҳтарини давлатдорӣ ба андешаи ин ҷониб давлати дунявӣ мебошад. Дар чунин давлат дин ба кори хусусӣ табдил меёбад. Ман ҳам тарафдори адами руҳоният нестам. Ба андешаи ман ислом ҳамчун таълимоти ахлоқӣ, ки талқинкунандаи принсипҳои волои ахлоқӣ мебошад, ба мардум таъсири бузург мерасонад. Чаро мо ин неруро барои тарбияи ҷавонон истифода накунем? Аммо ин бояд зиндагии хусусии ҳар шахс бошад. Чунин имкониятҳоро бояд барои намояндагони ҳамаи динҳо, на танҳо мусулмонон, балки барои масеҳиҳо ва яҳудиҳо низ фароҳам биёрем, то ки онҳо талаботи руҳонии худро қонеъ гардонанд.

**- Аз ин бармеояд, ки риш мондану ҳиҷоб пӯшидан кори шахсии ҳар шахс аст ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба ин кордор бошад?**

- Оид ба ин масъала ман назари шахсии худро гуфтан мехоҳам. Дар забони русӣ чунин мақоле ҳаст: «Аблаҳро гуфтанд, ки Худоро саҷда кун, ӯ бошад пешониашро зада кафонд». Чуноне ки дар мо мегӯянд, «Ба ҷои салла калаāро оварданд». Ин гуна ҳолатҳо буданд, ҳатто дар ин маврид изҳороти ВКД ҳам интишор ёфт, ки ин амал сиёсати

ғайрирасмӣ аст. Чунин дастур ҳам вуҷуд надошт, ки мардонро дастгир намуда, ришашонро тарошанд ва ё ҳиҷоби занҳоро барандозанд. Масъалаи дигар дар мавриди муассисаҳои расмӣ аст, ки дар он ҷо бояд ягон меъёр, қоидаи пӯшидани либос, тозагии шахсӣ (гигиена) мавҷуд бошад. Бинобар ин ман ҷонибдори он ҳастам, ки принсипҳои дунявият риоя гарданд. Он тарафаш чуноне гуфтем, ихтиёри ҳар кас аст.

**- Бори дигар ба суоли мавҷудияти ҳизби динӣ баргаштан мехоҳам. Дар ин маврид ман ҳамин хел фаҳмидам, ки ба ҳар сурат бояд ба Конститутсияи мамлакат тағйирот ворид бояд кард?**

- Дар тӯли 18 соли охир ҳизби динӣ дар саҳнаи сиёсии кишвари мо расман амал карда, асосан ба ривоятбофӣ ва сиёсисозии дин машғул гардид, ки ба асосҳои конститутсионии ҳаёти сиёсии кишвар мувофиқат намекард. Аз рӯи адолат аст агар бигӯем, ки пешниҳод дар бораи бастани ҲНИТ дар давоми чанд соли охир аз ҷониби баъзе аъзои фаъоли ҳамин ҳизб ба миён омада буд.

Ман фикр мекунам, ки ҳазф намудани масъалаи таъсиси аҳзоб дар заминаи динӣ ва атеистӣ аз моддаи 28 бояд тариқи раъйпурсӣ ҳал карда шавад. Зеро ки дар ин ҷо зиддият ҳам ҳаст. Он вақт, албатта ин натиҷаи муросо буд, ки барои нуқта гузоштан ба ҷанги шаҳрвандӣ анҷом дода шуда буд. Аммо ҳизби исломӣ, ки бо моҷаро иртибот дошт, дар ниҳояти кор боз рӯ ба кӯшиши табаддулоти ҳарбӣ овард. Вақте онҳо дарк намуданд, ки мардум ғояи бунёди низоми исломиро дастгирӣ намекунад, ба воситаи тарсондану террор ба ҳадафҳои худ ноил гаштан хостанд. Ин ҳолат на танҳо дар ҷумҳурии мо ба амал омад, балки дар бисёр кишварҳои исломӣ низ сурат гирифта истодааст. Бинобар ин барои худҳифозатӣ беҳтар аст, ки исломро сиёсӣ накунем. То ки бозингарони беруна аз он истифода

набаранд. Кӯшиши табаддулоти ҳарбӣ дар сатҳи муовини вазири мудофиа ба фикри ман ин дархости доираҳои муайян дар хориҷи кишвар буд. Зеро ки ин шахс дар вазифаҳои баланд кор мекард, камбағал ҳам набуд. Аммо суоли матраҳ ин аст, ки барои чӣ ба ин кор иқдом намуд? Табиист, ки касе маблағ мепардозад, мусиқиро ҳам фармоиш медиҳад. Ҳамин тариқ ӯ низ супориш иҷро мекард ва дар ҳавои оҳанги дигарон мерақсид.

**- Шумо гуфтед, ки агар Саид Абдуллои Нурӣ мебуд, ҲНИТ дар чунин вазъият намеафтод. Барои чӣ? Оё шумо бо эшон шинос будед?**

- Ман бо ин кас шахсан шинос набудам. Бори аввал дар бораи ӯ аз тариқи мақолаи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» маълумот гирифта будам. Ин соли 1987 буд, ки он вақт ман баъди бозгашт аз Афғонистон барои кор ба сифати журналист ба ин нашрия омада будам. Ёд дорам ҳамон вақт ба идораи рӯзнома чанд нафар ҷонибдорони Нурӣ зада даромада, таҳдид намуданд, ки муаллифи мақоларо ҷазо доданианд. Ҳамон вақт ман фаҳмидам, ки ин одам пешвои созмони ғайрирасмии динӣ ва сабтиномнашуда мебошад. Нафарони ба ғазабомада тарафдорони ӯ буданд ва яқин буд, ки ҳеҷ гуна интиқодро ба унвони пешвои рӯҳонии худ қабул надоранд. Шиносоии ман бо ин одам ҳамин тариқ сурат гирифта буд.

Ба андешаи ман бисёр корҳо ба пешвои сиёсӣ робита дорад. Агар Нурӣ зинда мебуд, имрӯз ҳизби исломӣ ба чунин ҳол гирифтор намешуд, аз ҷониби роҳбарияти ҳизб хиёнат сурат намегирифт, онҳо ба тавтеаи ҳоҷӣ Ҳалим гирифтор намешуданд. Дар ин маврид Нурӣ сазовори эҳтиром аст.

**- Аммо ба наздикӣ Маркази исломшиносӣ масъалаеро бардошт, ки дар гуфтаҳои Нурӣ ғояҳои ифротӣ мавҷуд будаанд. Барои чӣ ин масъала имрӯз бардошта шуду панҷ сол**

**ё дах сол пеш не?**

- Марҳум Нурӣ дар оғози фаъолияти сиёсии худ, ки ба даврони рушди сохти коммунистӣ рост меомад, дар мавриди низоми давлатдорӣ дар сар андешаҳои радикалӣ дошт. Истисно нест, ки дар гуфтаҳои ҳамон давраāш ғояҳои ифротӣ низ вуҷуд дошт. Аммо баъди ворид шудан ба равандҳои сиёсии минтақавӣ ақидаҳояш тағйир ёфтанд ва ӯ ба иштибоҳҳояш қоил шуда, ба вазъият баҳои воқеӣ дод. Таърих собит намудааст, ки ба фаъолияти ягон нафар баҳо додан танҳо баъди гузашти вақти муайян имконпазир аст. Маркази исломшиносӣ низ ҳақ дорад, ки ҳамчун мақоми босалоҳияти давлатӣ таҳлили худро анҷом диҳад ва натиҷаи онро ба муҳокимаи ҷомеа манзур намояд.

**- Имрӯз мегӯянд, ки ҲНИТ ва Назарзода дар давоми панҷ соли охир нақша доштанд, ки табаддулоти давлатӣ намоянд. Барои чӣ дар бораи ин нақша дар тӯли панҷ сол чизе маълум набуд ва якбора дар чанд шабонарӯз ҳамааш аён шуд?**

- Раванди демократисозии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ барои ташаккул ва рушди ҳизбу ҳаракату созмонҳои мухталиф шароити мусоиде эҷод намуд. Ва табиист, ки намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии кишвар, ки дар ин ё он муассисаи давлатӣ кор мекунанд, ҳамзамон узви ташкилотҳои номбурда ҳастанд. Ба ибораи дигар дар байни кормандони муассисаҳои давлатӣ афроде низ ҳастанд, ки бо ин ё он васила бо ҳизбу ҳаракатҳо, аз ҷумла бо радикалҳо алоқа доранд, ки дар марҳилаи аввал инро пайхас кардан душвор аст.

Нахуст, тибқи ғояе, ки онҳо доранд, бояд аз рӯи муқаррароти касбию пинҳонкорӣ фаъолият дошта бошанд. Онҳо ҳамеша дар назди худ ҳадафҳои мушаххас ва ҷиддӣ мегузоранд, ки он ба оштинопазирӣ, фаъолияти тахрибкорӣ ва шикасти сохтори давлатӣ нигаронда шудааст. Чӣ хеле медонед, онҳо ҳеҷ вақт пешакӣ дар бораи табаддулоти давла-

тӣ ва бо зӯрӣ ғасб намудани ҳукумат изҳорот намекунанд ва мақсадҳои худро ҳам ошкоро эълон намедоранд. Мутаассифона, Назарзода аз ҷумлаи чунин ашхос буд ва танҳо дар вазъи ба амал омада худро ифшо намуд.

Дар ин ҷо лозим аст, ки касбияти олӣ ва амали бонизоми сохторҳои қудратиро, ки вазифаи худро ба ҷо овар-да, кӯшиши шӯриши мусаллаҳонаро пешгирӣ намуданд, махсусан зикр кард.

**- Мо ҳароина аз ҳеҷ кас дар мавриди он, ки дар мақоми болоии Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ шахсоне низ фаъолият доштан, ки тибқи фарзияи тафтишот ба сулҳу суботи мамлакат хавф доштаанд, ҳанӯз шарҳе нашунидем. Дар ин маврид чӣ фикр доред?**

- Биёед, ба таърихи на чандон дури худамон назар андозем. Дар натиҷаи ба имзо расидани санади сулҳ ва ризоияти миллӣ байни ҳукумат ва ИНОТ беш аз панҷ ҳазор нафар аз мусаллаҳони оппозитсия ба сафҳои воҳидҳои низомии Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои интизомӣ шомил гаштанд. Мо умед доштем, ки ин одамон иштибоҳи худро фаҳмида, минбаъд ба халқу Ватан садоқатмандона хизмат мекунанд. Аммо афсӯс, ки мақоли «Оқибат гургзода, гург шавад. Гарчи бо одамӣ бузург шавад» рост будааст.

**- Ин суолро имкон дорад ба Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ дар мавриди фирори қумондони ОМОН Гулмурод Ҳалимов низ диҳем. Яъне, ин фарзияро чӣ гуна ҳақ бовардан мумкин аст, ки ӯ қаблан аз ҷиҳати равонӣ бемор буду, якбора чунин вазифаро соҳиб шуд?**

- Одамон ғолибан аз ғояти гулию гарангӣ ё бевиҷдонӣ (бешарафӣ) ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Чуноне ки Монтескё гуфтааст: «Разолату фурӯмоягии калон дар заминаи нафрату бадбинӣ ва хурдаш аз тарс сурат мегирад». Мумкин Ҳалимов ягон навъ нафрат нисбати ҷомеаи секулярӣ

(дунявӣ) дошта бошад. Баъди чанд пирӯзии ДИИШ дар Ироқу Сурия шояд тахайюлу ҳаваси фиребо Ҳалимови носолимро ба ин иқдом тела додааст.

Таърих чунин мисолҳоро зиёд медонад, ки соҳибмансабони ҳарбӣ барои манфиатҳои ночизи шахсиашон муқобили манофеи миллӣ ва давлатӣ баромадаанд. Ин ҷо соя набояд рӯи тамоми хизматчиён афтад, ки ҳимояи Ватани худро муқаддас мешуморанд.

**-Чанд маротиба ВАО-и давлатӣ дар бораи он ёдовар шуд, ки ҲНИТ ва Назарзодаро аз хориҷа, онҳое, ки ба нооромии Тоҷикистон манфиатдоранд, маблағгузорӣ мекарданд. Шумо гуфта метавонед, ки имрӯз ин барои кӣ манфиат дорад?**

-То ҳанӯз мисли солҳои 90-и асри гузашта дар хориҷи мамлакат доираҳое ҳастанд, ки ба нооромии авзои дохили кишвари мо манфиатдоранд. Онҳо мехоҳанд, ки Тоҷикистонро ба сарчашмаи террор, зӯроварӣ ва радикализм табдил диҳанд. Табиист, ки ин қувваҳо дар миёни табақаҳои ифротгарои ҷомеа такягоҳ меҷӯянд, то ки ҳадафҳои геополитикӣ ва геостратегии худро амалӣ гардонанд. Барои мисол дур рафтан лозим нест. Дар Афғонистони ҳамсояи мо ва дар Ироқу Сурия теъдоди зиёди гурӯҳҳои ифротию террористӣ ҷамъ омадаанд, ки аз ҷониби доираҳои манфиатхоҳ барои анҷом додани амалҳои террористиву тахрибкорӣ бо маблағи ҳангуфт таъмин мешаванд.

**-Вақтҳои охир дар ВАО чанд маротиба масъалаи ба Президенти мамлакат додани унвони Пешвои миллат бардошта шуд. Оё сарфароз гардондани Роҳбари давлат ба чунин унвон воқеан ҳам муҳим аст?**

-Доир ба ин масъала ҳоло дар миёни олимон муҳокимаҳо рафта истодааст. Мардум низ ҳангоми баромадҳояшон аллакай ба Сарвари давлат «Пешвои миллат « гуфта мурожиат мекунанд. Ва ман дар як мақолаам Президен-

тамонро дар як саф бо Авраам Линколн, Камол Отатурк ва дигар бузургон гузошта будам. Ин на барои он буд, ки бори дигар эҳтиромоти самимии худро нисбати Президент таъкид намоям, балки вобаста ба воқеияти таърих инро тазаккур додам. Авраам Линколн дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА тавонист, ки тамомияти арзии кишварро нигоҳ дорад. То имрӯз амрикоиҳо бо эҳтиромоти зиёд нисбати ин президент сухан мегӯянд. Дар фарҳанги сиёсии онҳо низ қабул шудааст, ки ҳар кадом президентро бояд аз рӯи дастовардҳояш баҳо диҳанд. Бинобар ин фикр мекунам, ки ҳароина мо бояд ба шахсиятҳо баҳо доданро аз рӯи саҳмашон дар барқарорсозии давлатдориамон ёд гирем. Маҳз ба ҳамин хотир ба андешаи ман Президентамон ба унвони «Пешвои миллат» сазовор аст.

Агар бо пешвоёни дигари ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ муқоиса кунем, онҳо мамлакати худро аз рӯи мерос гирифтаанд, амалан дар онҳо мухолифатҳои сиёсӣ ва харобкориҳо набуд. Дар ҳамин зовия хизматҳои Президенти мо ниҳоят бузург аст. Давлатдорӣ набошад, фаъолияти муътадили сохтори давлатдорӣ, хулоса ҳеҷ чиз намешавад. Дар синни 40-солагӣ ба сари ҳокимият омад ва изҳор дошт, ки сулҳро пойдор мегардонад, ҳамаи гурезаҳоро бармегардонад ва мо дидем, ки ӯ ҳамаи ин корҳоро анҷом дод. Ин боиси ифтихори бузург аст.

Лозим аст, ки ниҳоди (институти) Пешвои миллат созмон дода шавад ва дар ин самт сиёсатшиносон, ҳуқуқдонҳо, аъзои фраксияи мо кор баранд ва ин масъаларо ба парлумон пешниҳод намоянд. Фикр мекунам, ки хуб мебуд агар дар заминаи қонунгузорӣ ба ниҳоди Пешвои миллат салоҳиятҳои муайян дода шавад. Масалан дар Қазоқистон Елбаси унвони ифтихорӣ аст. Аммо барои пурқувват намудани низоми сиёсиамон ба Пешвои миллат бояд ягон хел салоҳият дода шавад. Ин ниҳод метавонад дар оянда

барои эътидоли вазъияти сиёсӣ ва носозгориҳои иҷтимоӣ нақши мусбат дошта бошад.

**-Мехостам назари шуморо доир ба қазияе, ки перомуни фавти Умаралии панҷмоҳа ба миён омадааст, бифаҳмам. Ба он вокунише ки нисбати ин қазия дар ҷомеаи Русияву Тоҷикистон сурат гирифтааст, чӣ баҳо медиҳед?**

-Дар ин маврид ман гуфтаҳои Президентамонро хондам ва бисёр мақбулам шуд. Бале, ин фоҷиа далели бархӯрди беотифа ва дағали одамон аст. Аммо дар атрофи он воҳимаи зиёд кардан раво нест, ки боиси халалдор шудани муносиботи миёни миллатҳо ва давлатҳо шавад. Зеро ки имрӯз дар Русия теъдоди бузурги муҳоҷирони корӣ фаъолият доранд. Ба ман ҳамчунин гуфтаҳои муовини Раиси Думаи давлатии Русия писанд омад. Ӯ комилан дуруст иброз доштааст, ки ин ҳодиса чеҳраи аслии мо ва золимии моро нишон дод. Охир ӯ кӯдак аст. Чӣ гуна ӯро аз модараш канда мегиранд? Ин амалан куштор аст. Ин фоҷиа дили ҳамватанони моро ба ларза овард ва дар атрофаш вокунишҳо зиёд шуданд, ки нишонаи ҳамраъйии ҷомеаи мо маҳсуб меёбад. Ман фикр мекунам, ки ҳамааш бояд аз рӯи адолат сурат бигирад. Мақомоти интизомӣ бояд қазияро одилона баррасӣ намояд. Дирӯз хабари дигаре аз Думаи давлатии Русия омад, ки дар мавриди ҳодисаҳои марбут ба ҷудо кардани модару кӯдак ба қонунгузории он кишвар тағйирот ворид карда мешавад. Агар адолат тантана кунад, ҷомеаи мо қаноат ҳосил мекунад, ки воқеан ҳам Русия як кишвари мутамаддин аст ва дар он ҷо қонун волоият дорад. Ба ин ҳақиқат қодир ҳастанд ё не, инро ҷараёни тафтишот ва натиҷаҳои он нишон медиҳад.

*Душанбе, ноябри соли 2015*

*Таҳияи* **Зебо ТОҶИБОЕВА,**

*тарҷума аз нашрияи*

*«Азия плюс»*

## БАР ФАРОЗИ ҚУЛЛАҲО

**Ҳангоме ки мо аз оғӯши кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистон, аз соҳили дарёҳои пуртуғён, аз миёни дараҳои танг ва дашту саҳро гузар менамоем, беихтиёр мурғи хаёламон ба парвоз омада, дар фарози асру замонҳо ва ҳазорсолаҳо сайр менамояд ва гузаштаҳои басо дурро пеши назар ҷилвагар месозад.**

Сарвари давлати мо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин ҳолат низ бисёр рӯ ба рӯ омадааст. Ӯ пайваста ба гӯшаву канори Тоҷикистони азиз сафар менамояд ва ҳамеша ба мулоқоти мардум мешитобад, то бо розу ниёзашон аз наздик ошно гардад, садои дилашонро бишнавад. Ӯ дар аснои роҳ ба қуллаҳои кӯҳсорони Бадахшону Зарафшон, Ҳисору Рашту Хатлон, ки аз партави хуршеди саҳаргоҳон арғувонӣ мегарданд, дида медӯзад, андешаҳояш ба умқи таърих фурӯ меравад ва ҳодисоти замона ба ҳам омехта гардида, пеши чашмонаш ҷилвагар мешаванд. Чунин мепиндорад, ки қуллаҳо аз афкори оливу бегазанд, аз ҷавҳари андешаҳои лоязолии фарзандони бузурги миллат, аз хуни поку муқаддаси қаҳрамонон, ки ҳаёти худро нисори озодиву истиқлоли Ватан намудаанд, медурахшанд ва ҷило медиҳанд.

Сарвари давлат дар хусуси он меандешад, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо сипоҳиёни саворову пиёдаи Искандари Мақдунӣ, урдуи селосову офатбори Қутайба, сарбозони ваҳшитабиату хуношоми Чингизхон ва даҳҳо сарлашкару соҳибсилоҳони хомтамаъ ва бадному насаб домони муқаддаси сарзамини моро поймол намуда, аз худ харобӣ, дарёи хун, шаҳрҳои сӯхтаву валангор, китобхонаҳои хокистаршуда ба ёдгор мондаанд. Дар хусуси он меандешад, ки тоҷикон дар сайри таърихӣ, дар гирудор ва фоҷиаҳои хунини рӯзгор такя ба забону фарҳанги нотакрор ва такя ба ҷавҳа-

ри маънавиёти воло намуда ва умри ҷовидон ёфтаанд.

Сарвари давлат пирамардеро пеши назар меорад, ки сар то по ғарқи нур буда, хомаашро дар анвори дурахшони офтоб тар намуда, дар қуллаҳои осмонхарош се ҷавҳари поки рӯзгори башар - Кирдори Нек, Гуфтори Нек, Пиндори Некро сабт менамояд, то ки онҳо ба назари ҷаҳониён ҳамеша тобон бошанд ва роҳнамои рӯзгори онон гарданд. Ин шахси ботадбир Зардушти хуршедзамир аст, ки ба зодагони инсон хитоб мекунад:

- Чор унсури пок - хоку об, ҳаво ва оташро поку муқаддас бидоред, зеро ҳастии мо аз онҳо сарчашма мегирад. Бипарастед Офтобро, ин кӯраи оташзо ва ҳаётофаринро, бипарастед Заминро, ин гаҳвораи башарро, махзани ризқу рӯзиро! Онро аз ҳама гуна газандҳо эмин бидоред, зеро:

*Аз Замин беҳтар барои мо дигар сайёра нест,*
*Беҳтар аз он дидаи моро раҳи наззора нест.*
*Ҷуз Заминро ҳифз кардан аз балоҳои азим,*
*Аз барои насли инсон ҳеҷ дигар чора нест.*

**М. Турсунзода**

Аҷнабиёну яғмогарон пайваста кӯшидаанд, то арзишҳои волои «Авасто»-ро аз байн бубаранд, аммо ҳамеша тири ҳасодаташон ба хок хӯрдааст, зеро ба қавли Сарвари давлати мо ин асари ҷовидона ниёгони моро аз даврони валодат то дами марг дар шебу фарози ҳаёт роҳнамоӣ мекард.

Эмомалӣ Раҳмон хеле дақиқ дарк намудааст, ки барзгарон сурудоятҳои «Авесто» дар лаб ба Замин дона мекоштанд ва бо мурод ғалла медаравиданд, соҳибони чорпову сутур афзоиши рамаву галаҳояшонро таманно доштанд, сарлашкарону сипоҳиён сурудҳамосаҳои ҷангӣ бар лаб ба душман ҳамла меоварданд ва аз эзидон фатҳу зафар мехостанд, подшоҳону тоҷварон бо тавбаву надомат худро ба паноҳи Аҳурамаздо супурда, аз яздони пок

тинҷиву осоиши мулкро металабиданд, мубадону коҳинон аз панду ҳикматҳои ин китоби муқаддас вазъ мегуфтанд. Фосилаи таърих аз «Авасто» то имрӯз ҳар қадар афзояд, ҳамон қадар арзиши фалсафию ахлоқӣ ва маънавии он барҷастатар ҳувайдо мегардад. «Авасто» дар сайри таърихии хеш борҳо хокистар гашта, чун мурғи Ҳумо аз нав ба парвоз омадааст.

- Оламппаноҳо, - ба гӯш мерасад аз қаъри асрҳо садое. - Мо аз оташкадае китоби бузурге пайдо кардем. Бигӯ, чӣ кунем бо вай?

- Он чӣ китобест? - мағрурона мепурсад Искандар.

- Бо лавҳаҳои тиллоиву матнҳои зарандуд болои дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов сабт шудааст.

- Магар ин ҳамон «Авасто» нест, ки шуҳраташ оламро фаро гирифтааст?

- Бале, олампаноҳам, «Авасто»-ст.

- Китоби муқаддаси ориёинажодон! Кишваре, ки мутеи ман хоҳад шуд, оё меарзад, ки сазовори чунин китоби бузург бошад? - бонг мезанад Искандар ва пас аз таваққуфи кӯтоҳе мегӯяд.

- Нусхаҳои «Авасто»-ро дар тамоми қаламрави Суғду Бохтар оташ занед, оташкадаҳоро бо хок яксон кунед!

Нахустин бор дар таърихи инсон сарбозони Искандар аз китобҳо оташ афрӯхтанд ва ин расми нангин то ба имрӯз аз ҷониби аҳриманзодагон ва душманони илму фарҳанги башар идома дорад. Ҳангоме ки Искандар чашм ба алангаи китобҳо дӯхта, сокит ғарқи андеша буд, аз гӯшае садои валвала баланд мешавад ва суруди суғдӣ ба фазо мепечад.

- Чӣ моҷарост он ҷо? - бо талвоса мепурсад ӯ.

- Бо амри олампаноҳам 30 нафар суғдиёни саркашро сӯи қатлгоҳ мебаранд. Онҳо хунсардонаву бебокона сурудхонон ба истиқболи марг мераванд, - посух дод лашкаркаше.

- Сурудхонон? - бо тааҷҷуб ва изтироб мепурсад Искандар.

Искандар ларзид, аммо ҳарфе нагуфт. Шояд бори аввал дарк намуд, ки пирӯз гардидан ба мардуми Суғду Бохтар амрест бас маҳол ва хаёлест басо хом.

Искандар ба худ омад ва канда - канда гуфт:

- Бо амри ман 120 ҳазор суғдиён аз дами шамшер гузаштанд. Ин магар ба саркашону исёнгарон сабақ нагашт?

Искандар атрофро назора намуд, ба дуродур назар афканд ва сӯи лашкаркаш теғ кашида нигоҳ кард ва бо оҳанги фармон амр намуд:

- Фардо набарди шадиде оғоз мешавад. Бифармоед, то ба сипоҳиён офаридаи Софокл «Шоҳ Эдип» - ро намоиш бидиҳанд. Бигзор, ба онҳо неруи тоза бахшад!

Имрӯз тоҷикон - авлодони суғдиёну бохтариён, ки дар асри XXI сарбаландона зиндагонӣ менамоянд, ҳақ доранд аз Искандар бипурсанд:

- Оё аз лавҳи хаёли ту гузашта буд, ки баъди дуним ҳазор соли қатлу кушторҳоят ва бидуни фармони ту «Шоҳ Эдип» бо тамоми ҳашамат рӯи саҳнаи тоҷик падид меояд ва бо як ҷаҳон шӯру исён ба тоҷикӣ сухан мегӯяд. Оё ин далел пирӯзии ҳунар бар лашкар ва қатлу кушторнест?

Мардуми тоҷикро на шамшери хунин ва амру фармонҳои Искандар, балки ҳунару илму фалсафаи Юнон тасхир кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон ба қуллаҳои кӯҳсорон, ки аз партави офтоб медурахшанд, дида медӯзад ва чунин мепиндорад, ки аз фарози онҳо хуни муқаддаси Спитамон қатра - қатра чакида, атрофро лолагун сохтааст. Спитамон чун лашкаркаши тавонои сарзаминҳои Суғду Бохтар ларза бар пайкари урдуи Искандар андохта буд. Гӯё имрӯз аз дили кӯҳсорон овози раъдосои ин лашкаркаши даврони бостон ба гӯш мерасад:

- Мо дар соҳилҳои Ому, Сиру Зарафшон, дар саросари Суғду Бохтар ба душмани ғаддор амон нахоҳем дод. Дар соҳили Зарафшон се ҳазор пиёданизом ва 800 нафар аскарони савораи Искандарро нобуд сохтем. Фардо ҳама ба қиём! Ба қиёми хунин!

Дар посухи ин садо гӯё аз қаъри кӯҳу дара ва дарёҳо нидоҳо баланд гардида, заминро ба ларза меоваранд:

- Дуруд бар Спитамон! Поянда бод Спитамон! Ба набард то охирин қатраи хун!

Набарди шадид оғоз мегардад, аз хуни шаҳидон кӯҳу даман пероҳани сурх ба бар мекунанд. Оваҳ! Спитамон ҳангоми ақибнишинӣ ба таври ногаҳон ва ғайричашмдошт ба зарбаи қабилаҳои бодиянишин рӯ ба рӯ мегардад. Онҳо сари қаҳрамонро аз тан ҷудо карда, чун армуғон ба Искандар мефиристанд, то мавриди таваҷҷуҳи вай қарор бигиранд. Аммо амали зишташон чун рафтори хоинон дар сафҳаи таърих сабт гардид ва наслҳои нав ба нави инсонӣ ба душманоне, ки дар дохили кишвар аз пушт ханҷар мезананд, лаънату нафрин мехонанд.

Ниёгони мо пас аз заволи давлати Искандар дар аҳди давлатҳои мухталифе чун Кӯшониёну Сосониён саргарми зиндагиву бунёдкорӣ буданд. Неруи тавонои созандагӣ онҳоро ба сӯи дастовардҳои нав ҳидоят менамуд. Ҳунари волои аҳди Кӯшониён ва Сосониён то ба имрӯз ҷаҳониёнро ба шигифт меоварад.

Солҳо сипарӣ гаштанд ва боз балои азиме ба сарзаминҳои муқаддаси авлодони мо ҳамлаовар шуд. Ин сели офатбор ин дафъа дар симои лашкари ҷррори хилофати араб падид омад ва боз ҷӯйҳои хун ба ҳар сӯе ҷорӣ гаштанд. Ба қавли Фирдавсӣ саҳронишинон, ки бистарашон реги равон ва хӯрокашон шири шутуру сусмор буд, дар орзуи тахти Каён афтоданд. Боз ба назар қуллаҳо аз хунҳои бегуноҳон сурхпӯш гардиданд. Боз фармонҳои хунин ва теғи

хунин баланд мешаванд:

- Манам Қутайба, қоиммақоми Хуросон, пешвои лашкари араб! Шаҳру деҳотро ба хун ғарқа намоед, ҳар ҷунбандаеро аз дами теғ гузаронед!

Сарбозон дар ҷавоб шамшерҳои бараҳнаи худро ба ҷилва оварда ва омода будани хешро барои қатлу кушторҳои нав намоиш медиҳанд. Садои Қутайба ба таври боз ҳам даҳшатангез атрофро ба ларза меоварад:

- Сари он ашрофзодагони суғдиро, ки ба қатл расидаанд, аз тан ҷудо кунед, номашонро ба гӯшҳояшон нависед ва сарҳояшонро ба камарбанд овехта, ба қароргоҳи худ баргардед, он чиро, ки ба ғанимат гирифтаед: силоҳу камарбанди зарин, матоъҳои гаронбаҳо, аспҳои бодпо, асиронро ҳама ба шумо, фотеҳони майдони ҷанг мебахшам. Хоки Суғдро бубезад! Хуросону Мовароуннаҳро мутеъ созед!

Садоҳо яке дигарро иваз мекунанд, мавҷи исён ва ғазабу нафрат нисбати яғмогарон ларза ба дили кӯҳҳо меандозанд ва мардумро ба по мехезонанд. Эмомалӣ Раҳмон бо тамоми ҳастӣ ба онҳо гӯш фаро медиҳад:

- Эй, душмани хуношоми биёбонгард! Беҳуда шодмониву ифтихор нанамо! Манам Абӯмуслими Хуросонӣ! Бо лашкари худ ҳозири майдонам!

- Манам Сунбоди Муғ! Хун ба хун, ҷон ба ҷон! Қасди шаҳидони бегуноҳро аз қотилон хоҳам ситонид!

- Манам Устод Сис! Мардуми Ҳиротро ба исён, ба набарди хунин бархезондаам.

- Манам Деваштич, лашкаркаши Суғдзамин! Мо дар муҳосира қарор дорем. Аммо хунҳоямон дар ҷӯш ва шамшерҳоямон дар даст медурахшанд.

- Манам, Муқаннаъ, пешвои мардуми Мовароуннаҳру Хуросон! Мо ҳама чун як тан меҷангем, то хасми нопокро маҳву нобуд созем! Ҳама ба набард! Ба набарди адлу дод!

Муборизаи зидди душман шадидтар ва хунинтар мегардад. Хуни сарлашкарону сарбозон ба ҳам омехта мешаванд. Деваштич пас аз зарбаҳои камаршикан бар душман худро ба саргаҳи Зарафшон расонид, то ба дигар минтақаҳо робита барқарор намуда, муборизаро идома диҳад. Ҳайҳот! Душман қаҳрамонро муҳосира мекунад, ҳалқа дар атрофаш тангтар мегардад. Ташнагони хуни Деваштич сари ӯро аз тан ҷудо мекунанд ва чун шоҳиди ба ном қаҳрамонии хеш ба ҳокимони Ироқ мефиристанд. Магар дар Ироқ касе маҷоли онро дошт, ки ба сари бурида ва бетани вай назар афканад? Номи Деваштич чун раъду барқи осмон сарзамини истилогаронро ба ларза ва даҳшат оварда буд. Суғдзамин, ки маъноящ «дурахшидан» ва «сӯхтан» аст, воқеан машъали рахшоне буд ва он дар оташи ҷанг сӯхту нобуд шуд ва дурахши он бо хоки сиёҳ баробар гашт. Ёдгориҳои бостонӣ, ки имрӯз аз қаъри замин ва асру замонҳо падид меоянд, ҷаҳониёнро дар баробари ҳунару фарҳанги суғдиён ба шигифт меоваранд.

Пас аз хорию зориҳои бардавом, пас аз қатлу кушторҳо, ки 200 сол идома ёфт, дар фарози Мовароуннаҳру Хуросон номе ба дурахшидан оғоз кард ва мардум чашми умед сӯи вай дӯхтанд ва имрӯз садояш дар тамоми қаламрави тоҷикнишин баланд аст:

- Ман, Исмоили Сомонӣ, дар зери чархи гардун 58 сол умр дидаам, комрониву мубориза кардаам, давлатеро поягузорӣ намудаам, ки шуҳраташ баҳру барро фаро гирифта буд. Баҳри саодати мардум, адлу дод, ваҳдату якпорчагии кишвар шамшер кашидаву ҷонбозиҳо кардаам. Ҳазор сол аст, ки рӯҳи исёнгари ман дар набард аст. Пас аз ранҷу азобу озурдагиҳо, пас аз таҳқиру фаромӯшиҳо боз аз нав бар тахти салтанат биншастам. Дуруд ба миллате, ба давлате, ба сарваре, ки маро дубора эҳё кард, мақому манзалати тоза бахшид ва тахту тоҷи гумкардаамро аз нав ато

кард. Акнун ман то абад устувору пойбарҷоям! Ман забон ва фарҳангеро бар тахти салтанат биншондам, ки он аз канораҳои баҳри Миёназамин то баландиҳои Ҳиндукуш аз кӯҳсори Қафқоз то Халиҷи Форс домон густурда, дар фарози олам медурахшад. Ман, Шоҳ Исмоили Сомонӣ, бо тамоми шаҳомату ҳастӣ аз болои хоросанг қомат афрохта, рӯзгори шуморо наззора мекунам. Ман бо шумо пайванди ҷовидонӣ дорам, ман то абад бо шумоям!

Пеши назари Эмомалӣ Раҳмон симои арҷманди устод Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров намудор мегардад, ки суҳбати гарме аз боби Исмоили Сомонӣ доранд.

- Бобоҷон, - мегӯяд андешамандона устод Айнӣ, - ҳамин ки қалам ба даст бигирам, пеши чашмонам Исмоили Сомонӣ падидор мегардад. Ман мафтуни қудрату матонати ӯям.

- Шумо, устоди арҷманд, - мегӯяд бо табассуми ҳалимона Бобоҷон Ғафуров, - имрӯз парчами Исмоилро дар дастони худ устувор доштаед. Дӯстон аз шумо сарфароз, душманон дар ҳарос. Андешаҳоятонро дар бораи давлати Сомониён ва нақши онон дар таърихи тоҷикон хондам, басо хушнуд шудам.

- Воқеан, Бобоҷон, агар Сомониён зуҳур намекарданд, агар дар арсаи таърих Исмоил пайдо намешуд, маълум набуд, ки мо имрӯз бо чӣ забоне ҳарф мезадем, бо чӣ фарҳанге сару кор доштем. Пайдо набуд, ки тақдири мо ба чӣ меанҷомид.

- Устод, ният дорам саргузашти халқамро, сайри таърихии онро, мақоми тоҷиконро дар рушди илму фарҳанги ҷаҳон аз нигоҳи ҳақиқат собит созам. Дар ин хусус андешаҳоямро ба рафиқ Сталин ошкоро гуфтам. Вақте ӯ фаҳмид, ки тоҷикон «Шоҳнома» - ро назар ба эрониён хубтар ва беҳтар мефаҳманд, ба ҳайрат афтод. Гаштаву баргашта таъкид кард, ки инро аз назари илмӣ бояд таҳқиқ намоем.

Ӯ пешниҳодҳои маро перомуни омӯзиши воқеии таърих комилан тарафдорӣ кард.

- Ростиро заволе нест, Бобоҷон. Ҳақиқати таърихро ҳеҷ кас наметавонад инкор намояд. На подшоҳ, на дарвеш.

- Устод, имрӯз вақте ки шуморо бо як овоз аввалин президенти Академия интихоб намудем, сарам ба осмон расид. Бубинед, тоҷикон соҳиби Академия!

- Бобоҷон, ман аз он ифтихор дорам, ки дар сари давлати мо, дар ҳимояи илму фарҳанги Тоҷикистон шумо барин фарзанди содиқу вафодор ва донишманду андешаманд қарор дорад.

- Устод, орзу дорам, ки Тоҷикистони мо шуҳрати Сомониёнро дубора дарёбад.

- Иншооллоҳ дармеёбад, - бо оҳанги қатъӣ мегӯянд устод Айнӣ. - Халқ офаридгор аст. Аминам, ки фарзандони баномус Тоҷикистонро машъали Машриқзамин хоҳанд кард.

Боз солҳо, чеҳраҳо, ҳодисаҳо яке дигареро иваз мекунанд. Дар лавҳи хотири Эмомалӣ Раҳмон лашкаркаши ҷавоне дар либоси дарвешӣ падид меояд, ки дар баробари оромгоҳи Исмоили Сомонӣ ба зону нишаста, ба вай саҷда меоварад ва бо ӯ дар муколама аст.

- Исмоил, эй ҷадди бузургворам, эй пешвои давлату миллат, ба ман нерӯи тоза бубахш, то ба душманонат пирӯз гардам, ононро сарафканда бинам, - мегӯяд лашкаркаши ҷавон.

- Кистӣ? Нашинохтамат.

- Мунтасирам, авлоди туам. Ба зиёратат омадам, то аз ту имдод биталабам. Ман охирин ва ягона намояндаи Сомониёнам, ки алайҳи душман меҷангам.

- Сарфарозам аз ҷасорату мардонагиат.

- Исмоил, эй пешвои муаззам, ба атроф нигар, бубин чи гуна давлати овозадорат рӯ ба завол овардааст. Душма-

нони гургтабиат аз ҳар ҷониб ба он дарафтодаанд, мехоҳанд пора - порааш кунанд.

- Ту чиҳо мегӯӣ?! - ба изтироб меафтад Исмоил. - Кӣ гуфт, ки давлати ман рӯ ба завол ниҳодааст?

- Ба давлат ва ба номи поки ту хиёнат карданд. Хиёнат аз паси хиёнат. Бодиянишинон ба тоҷу тахти мо соҳиб гаштаанд.

- Бодиянишинон мегӯӣ? Охир, ман онҳоро чунон саркӯб карда будам, ки дар тӯли сад сол маҷоли сар боло кардан надоштанд. Магар ман тахти Каёнро ба хотири он дубора устувор сохтаам, ки имрӯз ба дасти онҳо афтад?

- Бухороро, - пойтахти давлататро забт намуданд. Суккони давлатро ба даст гирифтанд.

- Во дареғо! - фиғон баровард Исмоил ва ин фиғон дар дили замину осмон танин андохт. - Фурӯ рав, эй чархи гардун бо ин ҳама пастӣ! Дари қабрро боз кунед, ман ба пой хоҳам хест. Шамшеру аспи маро биёваред! Мунтасир, ту маро роҳнамоӣ бикун! Шоистаи тахти Сомониён, танҳо туӣ, Мунтасир! Умедам ба туст. Ҳеҷ неруе, ҳеҷ султоне наметавонад фурӯғи давлати маро хомӯш созад. Фурӯғи давлати Сомониён ба абадият пайвастааст!

Эмомалӣ Раҳмон ба андешаи амиқ меравад то ҷавҳари ҳастӣ ва даҳои Исмоили Сомониро дарёбад. Дарёбад то чӣ боис шуд, ки дар шароити асри миёна ӯ дар синни 24 - солагӣ зимоми ҳокимиятро ба даст гирифта, дар тӯли умри кӯтоҳи худ корнамоиҳои беамсоле нишон дод, ки дар муддати беш аз ҳазор сол шӯҳрати он коста нагардида, балки афзунтар ва дурахшонтар мегардад.

Исмоил дорои рӯҳи матин ва дили огоҳ ва бедору бузурге буд. Ба қавли муҳаққиқон ӯ ба худшиносии фардӣ ва миллӣ, ба худшиносии сиёсӣ ва фалсафӣ расида, гузашт ва бахшояндагӣ аз бузургтарин хислатҳои фаъолияти давлатдорӣ ва шахсии ӯ буд. Исмоил инсонест бузург, инсонест

офарандаи таърих ва таърихи давлатдории мо, шоистагии тоҷикон, аз зуҳури шахсияти барҷастаи ӯ оғоз мегардад. Имрӯз ҷаҳониён бо чашми сар мебинанд, ки Сарвари давлати мо Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, кишваре, ки дар як гӯшаи давлати овозадори Сомониён арзи ҳастӣ намудааст, андешаҳои волои Исмоили бузургро идомаву инкишоф дода ва орзуву ормонҳои ӯро ба ҳаёт татбиқ месозад.

Имрӯз авлодони Исмоили Сомонӣ бо камоли ифтихору муҳаббат дида ба чеҳраи бовиқор ва пурифтихори ӯ дӯхта, аз забони шоир Лоиқ Шералӣ ироз медоранд:

*Бонги ҷашни тоҷикон ояд ҳаме,*
*Ғулгули Сомониён ояд ҳаме.*
*Бар Душанбе - пойтахти тоҷикон,*
*Тахти бахти тоҷикон ояд ҳаме.*
*Эй Душанбе, дар канорат рӯи тахт,*
*Мири Сомон ҷовидон ояд ҳаме.*
*Аз миёни чанд қарни ашку хун,*
*Паҳлавону қаҳрамон ояд ҳаме.*
*Бо насими бӯи ҷӯи Мӯлиён,*
*Бар Ҳисори Шодмон ояд ҳаме.*

Эмомалӣ Раҳмон боз ғарқи андеша мегардад. Боз садои асру замонҳо, садои таърихи бо хун оғӯштаи миллати мо баланд мешавад:

- Чингиз омад! Чингиз омад!

- Вабо омад! Бало омад!

Чингизхон дасти хунолуд ва шамшери хунолуди худро боло намуда, ҷунунвор наъра мекашад:

- Манам, Чингизхон, фотеҳи ҷаҳон! Ҳар куҷо тоҷике дучор ояд, зуд шамшер баркашед ва сараш аз тан ҷудо намоед! Бидуни пурсиш, бидуни санҷиш ба қатл расонед.

Лашкаркаше бо ҳаяҷону изтироб дар баробари Чингизхон таъзим намуда, канда - канда мегӯяд:

- Дар Самарқанд 110 ҳазор сарбозони тоҷик таҳти роҳбарии Муҳаммади Хоразмшоҳ даст ба қиём задаанд. Дар Бухорову Хуҷанд бар зидди мо исён бардоштаанд. Лашкариёни мо ба ҳоли табоҳ афтодаанд.

Чингизхон мисли гурги саҳрой дар рӯ ба рӯи лашкар уллос мезанад:

- Шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Ҳироту Балх, Марву Утрор, Нисову Хоразм, Хуҷанду Чағониёнро ба хок яксон ва шудгор намоед!

Ва лашкариён барои иҷрои фармон ба ҳар сӯе пароканда мегарданд. Сарбозе халта бар китф тозон меояд ва таъзим мекунад.

- Дар халта чӣ дорӣ, - зери лаб мепурсад. Чингизхон.

- Магар зару зевар овардӣ?

- На, ифтихори тоҷиконро овардам, олампаноҳ.

- Бе парда сухан гӯй! - наъра мекашад Чингизхон.

- Девони Рӯдакиро овардам. Тавонотарин шоири мулки Аҷам! Чӣ кунем бо вай?

- Оташ занед! - бонгу ғирев мебардорад Чингизхон.

Саросари кишварро шуълаи оташ фаро мегирад. Китобхонаҳо, мадрасаҳо, адибону донишмандон ба коми оташ кашида мешаванд. Ҳар ҷо, ки офаридаи донишу хирад буд, оташ гирифт, хокистар гашт, ба боди фано рафт. Дастовардҳо ва офаридаҳои нотакрори Сомониён ба хоки сиёҳ яксон гаштанд.

Сарлашкаре дар баробари Чингизхон қарор мегирад ва бо тафохур мегӯяд:

- Муждаи хуш овардам, шоҳи олам.

- Бигӯ!

- Самарқандро аз дами теғ гузаронидем. Нисфи мардум талаф шуд, зиёда аз 30 ҳазор косибону ҳунармандони тоҷик ба писарон ва хешу табори олампаноҳам тақдим гаштанд. Ва 30 ҳазори дигар аз мардуми шаҳр ба хидмати

қӯшун фиристода шуд. Шаҳр харобазор ва аз одам холӣ гардид. Аммо аз Хуҷанд хабарҳои шум мерасанд. Ҷавоне бо номи Темурмалик ҷанги шадиде оғоз кардааст.

- Темурмалик?! - гӯё аз мағзи дилу ҷон фиғон баровард Чингизхон.

- Бадзот, тоҷики исёнгар! Илоҷе кунеду зинда даст гиред, ба пою гарданаш занҷир зада, назди ман ҳозир намоед!

Дар ин ҳангом аз гӯшае шӯру мағал, садои ба ҳам бархӯрдани шамшерҳо, садои шиҳаи аспон ва сарбозон баланд мешавад.

- Чӣ моҷарост он ҷо? - наъра мезанад Чингизхон.

- Саҳнаи басо мудҳиш, - посух дод лашкаркаше. - Панҷ тан аз мардони тоҷик зидди ҳафтсад сарбози муғул меразманд. Заррае тарсу ҳарос надоранд. Сарбозони мо ҳатто наметавонанд он панҷ танро ба муҳосира бигиранд.

- Эй, тарсуҳо! - хитоб намуд Чингизхон сӯи майдон. - Магар шарм намедоред, ки ҳафтсад марди номдоре ҳастед, аммо панҷ нафар тоҷикро наметавонед ба қатл расонед?! Шармандагӣ! Раҳ кушоед, ман худ ба майдон медароям ва он панҷ танро бо хоку хун мекашам.

Гиру дори муғул, қатлу куштори муғул, ба коми оташ кашиданҳо ва ба яғмо бурданҳои муғул саросари Аҷамро фаро гирифт. Сарҳо ба бод мерафтанд, шаҳрҳо месӯхтанд, ҷӯйҳои хун ҷорӣ мегаштанд. Дашту даман аз хуни тоҷик лолагун мешуд. Аз қаъри асрҳо, аз фарози кӯҳсорон нолаи ҷонгудози ҷавони шердил ва асоратнописанди тоҷикро мешунавем ва ӯ як сафҳаи дурахшони достони мардонагиро дар рӯ ба рӯи мо боз менамояд:

*Дар дашт будам, зилзилаи ҷанг омад,*
*Шамшери муғул ба гарданам танг омад.*
*Мардбача будам, гурехтанам нанг омад,*
*Хуни ҷигарам ба ҳар сари санг омад.*

Ин ҷавон дар симои Темурмалики сафшикан қомат барафрохта, рӯ ба мардум хитоб мекунад:

- Марг авлотар аст назар бар он ки мо дар асорати муғул ба сар барем! Бубинед, сафаҳоти рӯи замин аз хуни тоҷик гулгун гаштааст. Мо набард мекунем, қасос мегирем, то нафаси охирин меҷангем! Сайҳунро аз хуни душман рангин месозем.

Истилои муғул даҳшатноктарин ва фоҷеаангезтарин саҳифаи таърихи тоҷикон аст. Маҳз дар ҳамин даврони офатбор сарватҳои маънавии халқи мо, аз ҷумла осори шуарову удабо чун устод Рӯдакӣ нобуд гаштанд. Оқибати зарбаи гароне, ки аз ҷониби чингизиён ба фарҳанги мо зада шуд, то ба имрӯз эҳсос мешавад.

Забон ва фарҳанги мо ба оби ҳаёт табдил ёфтанд ва миллати моро умри дубора бахшиданд ва ба ҳазораи сеюм расониданд. Роҳҳои нави Тоҷикистони тозаистиқлол гузаштаҳои дури диёри моро, имрӯзу фардои онро ба ҳам мепайванданд.

Ҳар боре, ки Сарвари давлати мо роҳҳои наву кӯҳнаи кишварро мепаймояд, пеши дидагонаш корвонҳои қатор андар қаторе, ки бо Роҳи бузурги абрешим дар ақсои олам равуо доштанд, ҷилвагар мешаванд. Аз Бадахшону Хатлон то Хуҷанду Истаравшану Панҷакент, ки дар чаҳорсӯи шоҳроҳи овозадори абрешим қарор доштанд, зангӯлаи корвонҳо танинандоз мекарданд.

Баъди сипарӣ гардидани ҳазорсолаҳо бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон Роҳи бузурги абрешим аз нав эҳё гардид. Сохтмони роҳҳо, ки дар Тоҷикистон вусъати тоза пайдо кардааст, идомаи ҳамон Роҳи бузурги абрешим аст, ки ҳадаф аз он бо тамоми ҷаҳон пайвастани Тоҷикистон ва густариши робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва дӯстиву ҳамгироист. Ин роҳ Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон ба таври ҷовидон мепайвандад. Роҳи ағбаи

Анзоб барои ҷумҳурии мо аҳмияти ҳаётан муҳим ва тақдирсозе дошт ва сохтмони он замоне дар ҳузури И. В. Сталин мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Моҳи феврали соли 1947 Бобоҷон Ғафуров дар Кремл бо Сталин перомуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон суҳбат мекунад ва зимни он мегӯяд:

- Рафиқ Сталин, дар ҳалли як масъала ёрии шуморо мепурсем. Мо мехоҳем, ки аз водии Зарафшон ба воситаи Такфон ва ағбаи Анзоб ба пойтахти ҷумҳурӣ роҳи оҳан кашем. Ин кор аҳамияти махсуси стратегӣ дорад. Дар баробари ин масофаи роҳ се маротиба наздик мешавад. Инчунин барои мавриди истифода қарор додани боигариҳои табиӣ шароити мусоид фароҳам меояд.

Сталин ба харита нигариста, лаҳзае сукут мекунад ва дар ҷавоб мегӯяд:

- Ба фикрам, шумо ин масъаларо як сол пеш ба миён гузошта будед.

- Дуруст, рафиқ Сталин. Аммо ҳаёт тақозо менамояд, ки ҳалли ин масъаларо дубора аз шумо хоҳиш намоям.

- Пешниҳоди хуб, аммо ҳоло имкон надорем. Мо бояд аввал шаҳрҳо ва ҳазорон пулҳоеро, ки аз ҷанг хароб шудаанд, барқарор намоем. Ин кор маблағи зиёдро талаб мекунад. Баъди як сол пешниҳоди шуморо меомӯзем.

Ваъдаи Кремл чун ваъдаҳои пешин дар хусуси бартараф намудани беадолатиҳо дар тақсимоти миллӣ ва нодида гирифтани ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон танҳо дар забон ва рӯи коғаз боқӣ монду халос.

Имрӯз танҳо Роҳбари давлати соҳибистиқлол ва дорои ифтихори миллӣ сарбаландона ва қотеъона гуфта метавонад, ки мо омода ҳастем баҳри ваҳдати миллӣ ва нашъунамои кишвар бо нохун аз дили санги хоро роҳ бикушоем. Роҳҳои нав аз дилу ҷони Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ибтидо ёфта, рамзу самараи истиқлолияти Тоҷикистон ме-

бошанд. Истиқлолияте, ки имрӯз ба халқи мо неруи тоза ва болу пар бахшидааст. Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳар лаҳзаву ҳар соат гӯш ба набзи истиқлоли кишвар мениҳад, то итминони комил пайдо намояд, ки тапиши он солиму муназзам ва устувор аст.

Ӯ итминони комил дорад, ки Тоҷикистон ҳамроҳ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ пеш меравад, устуворонаву ҷасурона қуллаҳои навро фатҳ менамояд.

Қуллаҳои кӯҳсорони мо аз партави хуршеди тобон медурахшанд. Гӯё онҳо аз шарори дили Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми нурҷӯву ҳақиқатхоҳи мо, аз партави созандагиҳои диёр нурафшонанд. Нурҳои ҳаётофарини офтоб дар фарози қуллаҳо суханони «Тоҷикистон», «Сулҳ» ва «Ваҳдат»- ро бо ҳарфҳои зарин сабт менамояндү атрофро мунаввар мегардонанд ва навои рӯҳбахшу мутантан ба ҳар ҷониб паҳн мегардад:

*Сулҳ чун хуршеди тобон ҳар саҳар,*
*Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар.*

Эмомалӣ Раҳмон бо қалби моломоли шодию ифтихор ба қуллаҳои пуранвор менигарад ва чунин мепиндорад, ки Тоҷикистони азизу муқаддас ҳамроҳ бо офтоби оламоро ба роҳи басо дур, ки онро бо ҳазорсолаҳои нав мепайвандад, равон аст.

*Душанбе, июни соли 2016*

*Мақолаи мазкур дар ҳаммуаллифӣ*
*бо* **Раҷабалӣ Қудратов** *навишта шудааст*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ИН ВАТАНДОРИСТ

*Истиқлолияти мо калиди соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду соҳибфарҳанги тоҷик аст.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Тоҷикон аз ҷумлаи он миллатҳое ҳастанд, ки Ватану марзу буми худро хеле дӯст медоранд ва барои ҳастии он ҷоннисорӣ мекунанд. Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст. Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он мебошад. Зеро дар дунёи пуртазоди муосир фақат миллате соҳиби ному манзалат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошаду онро ҳифзу ҳимоя карда тавонад.

Дастоварди бузургтарини мо дар тӯли 25 соли истиқлолият барқарор намудани сулҳу суботи комил, ваҳдату пойдории миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон ҳамзамон ба гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ намуд. Пеш аз ҳама дар ҷумҳурӣ базаи ҳуқуқии ислоҳоти иқтисодӣ ба танзим оварда шуд. Қабули як силсила қонунҳо оид ба моликият, кооперативҳо, соҳибкорӣ, дар бораи андози даромад, буҷети давлатӣ, пардохти истифодаи замин ва ғайраҳо шаҳодати ин гуфтаҳоянд.

Вале ислоҳоти иқтисодӣ дар шароите оғоз ёфт, ки бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ аз як тараф риштаҳои ҳаёти иқтисодӣ канда шуд ва аз тарафи дигар бо норасоии

ашёи хом, қисмҳои эҳтиётӣ, аз ҷумҳурӣ кӯч бастани мутахассисони русзабон низ сабаби аз кор мондани як қисми корхонаҳои саноатӣ ва таваққуфи сохтмонҳои калон гардиданд. Бо фаро расидани давраи осоишта дар ҷумҳурӣ барномаи ислоҳоти иқтисодӣ қабул шуд, ки дар асоси он роҳи иқтисодиёти бозоргонӣ интихоб гардид.

Ҳангоми тартиб додани барномаҳои ислоҳотӣ таҷрибаи байналхалқӣ истифода гардида, хусусиятҳои хоси инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба назар гирифта шуд. Бояд тазаккур дод, ки оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳоло ҳам ба иқтисодиёти мамлакат таъсири манфӣ расонида истодааст. Барои бартараф кардани онҳо роҳбарияти давлат барномаҳои махсус қабул мекунад. Бо ёрии инвеститсияҳои хориҷӣ ва бо кӯмаки соҳибкорони дохилӣ саноат барқарор мешавад ва ҷойҳои нави корӣ муҳайё мегардад.

Захираҳои зиёди меҳнатие, ки дар Тоҷикистон вуҷуд дорад, метавонад сатҳи иқтисодиётро баланд бардорад. Барои ин сеху коргоҳҳои нав сохта шуда истодаанд. Дар роҳи ҳалли масъалаҳои аграрӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд. Бо фармони Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аввал 50 ҳазор, баъд 25 ҳазор гектар замин ба шаҳрвандон тақсим карда дода шуд. Чунин тадбир натиҷаҳои дилхоҳ дод. Ҷумҳурӣ акнун аз кишварҳои хориҷӣ ба миқдори хеле кам ғалла харидорӣ карда, бозори дохили мамлакатро бо мева ва сабзавоти худӣ таъмин карда истодааст. Ҳадафи аслӣ аз он иборат аст, ки чуноне Президенти мамлакат дар Паёми солонаи хеш таъкид намуданд, бояд кишварро аз ҷумҳурии аграрӣ ба аграрию саноатӣ табдил диҳем.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ шаклҳои гуногуни моликият: хусусӣ, коллективӣ ва давлатӣ вуҷуд дорад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷумҳурӣ тавонист, ки пули миллии худро ҷорӣ намуда, хусусигардонии амвол ва бозори пулиро ташкил

диҳад. Бо ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони НБО-ҳои Сангтӯда 1-2, Помир-1, Роғун, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа - Кӯлоб, роҳи оҳани минтақаи Ваҳдат-Ёвон, роҳҳои мошингарди Кулма - Қароқурум, Душанбе-Чанок, нақбҳои Анзоб, Шаҳристон, Чормағзак, Шаршар ва дигар иншооти муҳими таъйиноти истеҳсолию фарҳангӣ ва маорифу тандурустӣ шуруъ гардида, аксарияти онҳо ба истифода дода шуданд.

Мусаллам аст, ки бе инкишофи маориф пешравии мамлакат ғайри имкон аст. Аз ин лиҳоз дар ҷумҳурӣ зиёда аз 3 ҳазор мактабу синфхонаҳои нав мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Теъдоди литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо сол то сол меафзоянд. Китобҳои дарсӣ ва дастурамалҳо оид ба соҳаҳои гуногуни илмӣ чоп мешаванд. Шабакаҳои нави телевизионии Тоҷикистон таъсис дода шуданд, ки дар онҳо барномаҳои фарҳангӣ, варзишӣ, тарбиявӣ ва ғайра нишон дода мешаванд, ки ин ҳама бо шарофати соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистони азизамон мебошад.

Дар ҳақиқат вақте Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафт, Тоҷикистон мисли ҷумҳуриҳои дигар озодии воқеӣ ба даст овард. Ҷумҳурии мо акнун бо тамоми мамлакатҳои ҷаҳон мустақилона робита барқарор мекунад. Тоҷикистонро алҳол беш аз сад давлати дунё ба расмият шинохтаанд. Кишвари мо узви Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои зиёди байналхалқӣ гашт ва ба оилаи кишварҳои озоди ҷаҳон пазируфта шуд. Ин воқеият яке аз дастовардҳои бузурги халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Дар солҳои истиқлолияти комил барои эҳё намудан ва инкишоф додани забони давлатиамон, ки шевою шоирона ва ширину гуворо мебошад, ҷойгоҳи арзанда ва мақоми шоиста муҳайё сохтем.

Забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ

бошанд, омили муҳими ворид шудани ҳар як фард ба фазои тамаддуни ҷаҳони муосир мебошад. Забондонӣ имконияти бевосита сару кор доштани шаҳрвандонро бо техникаю технологияи нав васеъ гардонида, дастраси маводи иттилоотию техникиро, ки аксаран бо ин забонҳо таълиф мешаванд, хеле осон менамояд.

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст. Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он мебошад.

Зеро дар дунёи пуртазодимуосир миллатесоҳиби ному манзалат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад. Мо бояд аз он шукргузорӣ намоем, ки миллати бузурги тоҷик имрӯз соҳиби давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона гардидааст.

Акнун танҳо тавассути якдилию муттаҳидӣ ва меҳнати пурмаҳсул мо метавонем, истиқлолияти худро ҳифз намоему Ватани азизамонро ободу зебо гардонем. Рисолати хайр, яъне ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани сарзамини аҷдодӣ ва Ватани азиз масъулияти бузург дорад ва ҳар як ватандорро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ пойдориву устувории давлати соҳибихтиёри худ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кӯшишу талош намояд. Ҳамзамон барои устувор намудани пояҳои истиқлолияти миллӣ, бунёди давлати пуриқтидори демократӣ ва эҳёи арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузурге бар дӯш дошта бошем.

Имрӯз ҳар як соҳибватанро лозим аст, ки тибқи гуфтаҳо ва дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон амал намуда, пеш аз ҳама сулҳу ваҳдати са-

росариро таҳким бахшад ва диёри биҳиштосоямонро боз ҳам гуворою зебо гардонад. Ҳамагӣ дар чараён будем, ки Ҷаноби Олӣ дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ нахустсухани худро аз сулҳу оромии кишвар оғоз намуд. Ӯ тавонист, ки кишвари дар вартаи нокомиҳо қарордоштаи моро ба соҳили мурод расонад. Роҳи мо ба сӯи сулҳу субот тахту ҳамвор набуд. Ин ҷо хиради фитрии миллати тоҷик бар ҷаҳлу торикӣ ғолиб омада, дасти ҳам гирифтани мо мӯҷиби наҷоти миллат ва бақои давлатамон гардид. Ҳамин тариқ, бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ марҳилаи нави таърихӣ дар самти давлатдории мустақили тоҷикон шурӯъ гардид.

Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявиро ҳадафи асосии худ қарор дода, дар арсаи байналхалқӣ низ мавқеъ ва ҷойгоҳи сазовор пайдо намуд. Ислоҳоти фарогир дар ҳамаи соҳаҳо шуруъ гардид. Дар самти ҷорӣ намудани принсипҳои демократӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фосилаи хеле кӯтоҳи таърихӣ корҳои назаррасе ба анҷом расонида шуданд.

Пас аз ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ, ҷомеаи мо ба марҳилаи нави рушди худ қадам бардошт, ки он бо номи давраи созандагию бунёдкорӣ ёд мешавад. Яъне, Тоҷикистон марҳилаи ҳассосу сарнавиштсозро паси сар намуда, ба ҷодаи устувори рушду созандагӣ ворид гардид. Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии оқилонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо тавонистем кишварамонро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо бахшем. Дар ин давра барои аз буҳрони иқтисодӣ раҳоӣ ёфтан барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати иқтисодӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки натиҷаҳои хуб ба бор оварданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар тамоми ин давра дар ба-

робари бунёди иншооти муҳим, масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар, хоса қишри камбизоати он ҳамеша дар мадди назари давлат ва ҳукумат қарор дошт. Қабули ҳуҷҷати муҳими давлатӣ оид ба Стратегияи коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва татбиқи фарогири он имкон фароҳам овард, ки сатҳи зиндагии мардум дар муқоиса бо давраҳои аввали истиқлолият хеле беҳтар гардад.

Муҳимтар аз ҳама, мо тавонистем, арзишҳои миллию фарҳангии хешро, ки дар замони шӯравӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта, дар ҳоли маҳвшавӣ қарор доштанд, аз нав эҳё намоем. Бо талошу кӯшишҳои Президенти мамлакат, тавонистем, ки тоҷиконро ба ҷаҳониён чун миллати бофарҳангу соҳибтамаддун муаррифӣ созем. Чандин ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Президенти мо дар соҳаи обу амнияти минтақа ва гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуданд. Иди миллии мо-Наврӯз мақоми байналхалқӣ гирифт.

Бо шарофати соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурии мо гуногунандешиву озодбаёнӣ вусъат пайдо намуд. Аҳзоби мухталифи сиёсӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Бо истифода аз имкониятҳои баёни озодонаи ақидаву назарҳо мардум масъалаҳои муҳими сиёсию иҷтимоиро дар миён мегузоштанд. Зеро ки дар замони шӯравӣ воқеан ҳам ба арҷгузории арзишҳои миллӣ маҳдудиятҳое мавҷуд буданд.

Баъди қабули Эъломияи истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили байналхалқӣ эътироф шуд. Дар ин маврид Шӯрои Олии ҷумҳурӣ қарори махсус интишор дод. Ҳамзамон ба Сарқонуни ҷумҳурӣ тағйирот ворид гардид. Ва ин рӯз, яъне 9 сентябри соли 1991-ро ҳар сол бо шукӯҳу ҷалол ҷашн мегирем. Чанде қабл бо ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия ин санади тақдирсози миллат хеле такмил ёфт, ки минбаъд барои мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдории мо мусоидат

менамояд. Ин санад барои тамоми мардуми ҷумҳурӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, созмонҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаҳои миллӣ боиси ифтихору сарбаландӣ гардид. Зеро ки ба таъкиди Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро мустақилона пеш мебарад».

Иқдоми дигари инсондӯстонаи Сарвари давлат дар остонаи ҷашни муборакӣ Истиқлолияти давлатӣ аз он иборат аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф»-ро барои баррасӣ ва қабул ба Маҷлиси намояндагони МО ҶТ пешниҳод кард ва он ба таърихи 24 августи соли 2016 аз ҷониби кулли вакилони парлумон дастгирӣ ёфт. Дар заминаи татбиқи санади мазкур тақрибан 12 ҳазор маҳбус пурра ё қисман авф мешавад.

Иқдому амалҳои шоистаи Сарвари давлати мо дар мавриди музокироти сулҳ, барқарор намудани низоми конститутсионӣ, баргардондани гурезаҳо, қатъи ҷангу хунрезӣ, бунёди артишу дигар сохторҳои қудративу интизомӣ, оғоз намудани ислоҳоти конститутсионӣ, барқарор сохтани сохторҳои ҳамаи шаҳру навоҳию вилоёт, халъи силоҳ намудани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ, бо озуқа ва маводи мавриди ниёзи аввал таъмин кардани мардум эътимоду боввариро ба амнияти ҷомеа ва фардои орому осуда қавӣ гардонд.

Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии мо имсол 25-сола шуд. Бояд гуфт, ки Истиқлолият як ҳарфи ифтихорӣ нест, балки он тақозо менамояд, ки пояҳои устувори давлатдорӣ гузошта шуда, ба ҳама гуна мушкилоту имтиҳони зиндагиву рӯзгори мустақилона тоб оварда, рушди иқтисоди замонавӣ таъмин ва арзишҳои давлати демократӣ ҳифзу афзун гардонда шавад. Моҳияти истиқлолият ин аст, ки қадру

қимати ҳар шаҳрванд ба талаботи меъёрҳои демократӣ мутобиқ гардонда шуда, зиндагии шоистаи сокинони мамлакат таъмин гардад.

Дар баробари ин Истиқлолият дар назди шаҳрвандон масъулияти нигаҳбонии давлат, дарки эҳсоси соҳиби комилҳуқуқи он будан ва дар амри пешбурди давлатдорӣ саҳми шоиста гузоштан ҳам мебошад. Дар тӯли солҳои истиқлолият сатҳи худшиносӣ, асолати ватандорӣ, ифтихори миллӣ, маърифати ҳуқуқию сиёсии шаҳрвандон ба маротиб боло рафт.

Мо зина ба зина ба он муваффақ гаштем, ки меъёрҳои демократӣ дар Ҷумҳуриамон хеле амиқу устувор гарданд. Гуногунандешию озодии баён таъмин гардид. Васоити ахбори оммаи мустақил фаъолияти худро хеле фарогир сохт. Дар ҷумҳурӣ алҳол 7 ҳизби сиёсӣ амал мекунад, ки аксари кулли онҳо дар парлумони мамлакат намояндагони худро доранд. Аҳзоби сиёсӣ бо барномаҳои мушаххаси худ дар байни омма кор бурда, барои нуфузи бештар пайдо кардан талош меварзанд. Дар миёни онҳо барои ноил гаштан ба ҳадафҳои худ муборизаҳои осоиштаи парлумонӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамаи аҳзоби сиёсӣ дар асоси қонун фаъолиятҳои худро пеш мебаранд. Ҳатто Президенти кишвар пеш аз маъракаи интихоботӣ эълон карданд, ки Барномаи ҳизби ғолиб ба ҳайси Барномаи ҳукуматӣ ҷиҳати амалӣ гардондан пазируфта мешавад. Дар баробари ин ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки Барномаҳои ҳамаи аҳзоби сиёсӣ омӯхта шуда, нуктаҳои муҳими онҳо барои амалӣ намудан ба инобат гирифта мешаванд. Ғайр аз ин таклифу пешниҳодҳои ҳамаи аҳзоб ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ аз тариқи Шӯрои ҷамъиятии ҷумҳурӣ дастрас шуда, ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҳизби зери сарварии Пешвои муаззами он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар миёни мардум маҳбубият ва обрӯю эътибори калон дорад, дар маъракаҳои сиёсӣ фаъолона кор бурда, пайваста ба пирӯзӣ мерасад. Бо ҳамин васила ҲХДТ аксарияти курсиҳои парлумониро соҳиб гашта, дар парлумон фраксияи қавие созмон медиҳад, ки аксарияти лоиҳаҳои қонунҳо дар таҳия ва таҳрири аъзои он ба тасвиб мерасанд. Андешаи миллии ҳизби мо вобаста ба вазъи сиёсии ҷумҳурӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва якпорчагии марзу бум ташаккул меёбад, ки имрӯз ҳам ин ғоя дар ҷомеа мақому манзалат дорад.

Дар ёд дорам, солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр мехостанд, ки ваъдаҳои дар иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ додаашро ҳамвора амалӣ гардонад. Яке аз нақшаҳои стратегии Ҷаноби Олӣ эъмори ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд маҳсуб меёфт. Бинобар ин аз рӯзҳои аввали сарвариашон ташкили аҳзоби сиёсиро мутобиқи талаботи меъёрҳои Конститутсия истиқбол мекард. Бевосита супориш медоданд, ки ҳар як падидаи демократиро ба шумули таъсиси ҳизбу ҳаракатҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ, ки барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ замина мегузоранд, сабти ном намоянд ва барои фаъолияти пурвусъати онҳо шароити мусоид фароҳам биёранд.

Ҳизби Халқии Демократӣ дар ҳоли ҳозир заминаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии қавӣ дорад. Дар давоми беш аз 20 сол он ба як нерӯи сиёсии мустаҳкаму фарогире табдил ёфт. Дар давоми ин солҳо ба ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири қобили мулоҳизае гузошта, дар комёбиҳои солҳои истиқлолияти мамлакат саҳми арзандаи худро гузошта истодааст. Ҳизби мо аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш бо иқдомҳои шоиста ва барномаҳои созандааш дар миёни

халқ беш аз пеш обрӯ ва нуфуз пайдо карда истодааст. Ҳадафи аслии он бароварда сохтани ормонҳои мардум мебошад.

Манфиатҳои Ватану миллатро ба мақоми аввал бароварда, дар байни халқ бо ин васила маҳбубияти бендоза касб намудааст. Дар баробари манфиатҳои ҳизбӣ ҳамзамон ҷомеаро ба сӯи арзишҳои умумибашарию умумимиллӣ раҳнамоӣ мекунад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо ҳизбу ҳаракатҳои ба таври қонунӣ фаъолиятдошта ба роҳ монда, дар амри хайри бунёди ҷомеаи демократӣ, рушди иқтисоду фарҳангу маориф ва илму варзиш муштаракан иқдом менамоянд. Ҳизби мо мутобиқи барномаҳои иқтисодии ҳукумат барои рушди соҳибкорӣ ва кишоварзӣ пайваста мусоидат менамояд. Аз тариқи вохӯрию мулоқотҳо бо мардум, қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ аз розу ниёзи халқ, мушкилоту проблемаҳои халқ огоҳ шуда, ҷиҳати ҳаллу фасли онҳо талош меварзад.

Барои ҷалби ҷавонон ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ва мубориза ба муқобили ҷараёнҳои ифротӣ бо пешниҳоди Пешвои муаззами ҳизбамон Иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон бо номи Созандагони Ватан созмон дода шуд. Сохторҳои ин ташкилоти ҷамъиятӣ метавонанд, тарзи ҳаёти солим, аз ҳисоби ҷавонон пурра сохтани сафҳои ҳизб, дар байни толибилмон ва ҷавононе, ки дар соҳибкорию тиҷорату истеҳсолот машғулият доранд, ғояҳои созандаи ҳизбро интишор бидиҳанд.

Ҳадафҳои дигари муҳими ҲХДТ коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, бо ҷои кори муносиб таъмин намудани мардум, муборизаи муассир бар зидди коррупсия, ифротгароӣ ва терроризм мебошад. Мо ба ислоҳоти соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити иҷтимоӣ, тартиботи ҷамъиятӣ эътибор дода, барои татбиқи муваффақонаи барно-

маҳои бахшҳои мазкур саҳми муносиб мегузорем. Зеро, ки раванди демократисозии ҷомеа ва сохтмони давлати пешрафтаи ҳуқуқбунёд ва дунявӣ пеш аз ҳама ба натиҷаҳои фаъолияти ҳамин соҳаҳо иртибот мегирад.

Бевосита бо мардум кор карда, хусусан бо аҳли зиё, соҳибкорону тоҷирон, кормандони соҳаҳои илму тандурустӣ такя намуда, комёбиҳоямонро афзун менамоем ва дар ҷомеа нуфузи бештар пайдо мекунем. Мо ҳизбе ҳастем, ки бо ҳукумат наздикем ва аз ин рӯ имконияти амалӣ гардидани ниёзҳои мардумро ҳам бештар дорем. Дар ин маврид халқ огаҳии комил дорад ва ба он мепайванданду дастгириаш мекунанд.

ҲХДТ дар тӯли солҳои фаъолияташ пастию баландиҳо, мушкилоту проблемаҳо ва дастоварду пирӯзиҳои зиёдеро дидааст. Имрӯз он зери сарварии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба як ташкилоти тавоное табдил ёфтааст. Дар сафҳои он қариб 450 ҳазор нафар аъзо муттаҳид гаштааст. Ин нерӯи қудратманд боз садҳо ҳазор нафар ҷонибдор дорад. Ҳамин аст, ки дар интихоботҳо аксарияти кулли овозҳоро соҳиб мешавем. Бо ин қувваи бузург мо метавонем дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ба комёбиҳо ноил гардем ва миллати тоҷикро сарбаланду хушбахт гардонем.

Хулоса, ҲХДТ мудом бо мардум асту дар фикру андеша ва ғаму шодии онҳо мебошад. Зеро ки ба таъкиди Раиси муҳтарами ҳизб Эмомалӣ Раҳмон «Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи истиқлоли кишвар буда, аз умқи мардум реша мегирад ва он ҳимояи манфиатҳои халқро ҳадафи асосии худ қарор дода, барои саодати халқ ва ободии Ватан саъю талош меварзад».

Сохтори нави давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ ҳамзамон мафкураи сиёсии аъзои ҳизбро ба маротиб боло бурда, имкон дод, ки мо қисми

ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ будани худро дарку эҳсос намоем. Бинобар ин ҳизби мо на танҳо ба ҳаллу фасли мушкилоту проблемаҳо ва наёзмандиҳои мардуми кишвар эътибори ҷиддӣ медиҳад, балки талош меварзад, ки тибқи талаботи меъёрҳои демократияи ҷаҳонӣ фаъолият карда, арзишҳои худро ба арзишҳои асили башарӣ мувофиқ гардонад.

Ҳизби мо дар қатори аҳзобу созмонҳои дигар яке аз аввалинҳо шуда, ба Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон имзо гузошт. Бо ин васила муштаракан бо аҳзоби сиёсӣ, иттиҳодияҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар муҳокимаи масъалаҳои доғи ҷумҳурӣ фаъолона саҳм мегузорад. Ин амр аз он дарак медиҳад, ки ҳизби мо ба озодии баён ва гуногунандешии сиёсӣ арҷ мегузорад, назари тарафи муқобилро гӯш мекунад ва онро эҳтиром менамояд.

Сарвари муҳтарами ҳизбамон Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаҳои аввали таъсиси он иброз дошта буданд, ки мақсади асосӣ аз созмон додани ин ҳизб муттаҳид кардани он нерӯи пешқадам ва тавонои ҷумҳурӣ буд, ки ба хотири барпо кардани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ҷомеаи аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ мутараққӣ ва таъмини шароити зиндагии арзандаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ талош варзад. Барои анҷоми чунин рисолати пурифтихор ҳар як аъзои ҳизб масъулият дорад ва дар навбати худ вазифадор аст, ки мардумро барои чунин амри хайру созанда ташвиқу сафарбар намояд.

Дар ниҳоят бояд қайд намуд, ки Истиқлолият вожаи воқеан ҳам муқаддас аст, ки миллати мо аз баракати он тавонист суннатҳои деринаи хешро эҳё намояд ва ривоҷ диҳад. Мо бояд ҳушёр ва огоҳ бошему истиқлолияти хешро арҷгузорӣ ва ҳифз намоем. Ба қадри неъмати бузурги соҳибватан ва соҳибдавлат будан бирасем. Тоҷикистон имрӯз ба хонаи умеди тоҷикони тамоми дунё табдил ёфта-

аст. Тоҷику тоҷикистонӣ дар ошёни меҳри хеш зиндагии осоиштаву ором дорад.

Ҳар кадом шаҳрванди Тоҷикистонро лозим аст, ки дар заминаи ҳамин ифтихори миллӣ ин ҷашни муқаддасро бо синаи пур аз меҳр ва дили саршор аз фараҳ тавре истиқбол намоем, ки манзили мо, хиёбону гулгаштҳои Ватани азизамон аз вуруди мубораки он шукуҳу шаҳомати тоза пайдо намояд.

*Душанбе, сентябри соли 2016*

***Бахшида ба Рӯзи Президенти***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## СИТОРАИ БАХТИ МИЛЛАТ

**Бо тақозои тақдир ва лутфу эҳсони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бароям муяссар гаштааст, ки бо ин марди шариф ва фарзонасират якҷоя кору фаъолият намоям. Ҳар як сухан, дастуру супориш ва кору фаъолияташро бароям мактаби бузурги ибрат, сабақомӯзӣ ва эҷод медонам. Дар тӯли зиёда аз бисту панҷ соли фаъолият Ҷаноби Олӣ марди қавлу амал ва ҷавонмардию фидокориҳояшро ба манфиати халқу Ватан ва ободии кишвар нишон додааст.**

**ҲАНӮЗ** аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат интихоб шуданаш дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки дар шаҳри Хуҷанд барпо гардид, бо вуҷуди ноором иҳо ва ҷангҳои ҳамватанӣ қотеона иброз доштанд, ки **«тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Ба-**

**рои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷони худро нисор мекунам».** Ва мо дидему шоҳид гаштем, ки Пешвои миллат ҷони худро дар хатар гузошта, ба ин аҳди худ устуворона гом бардоштанд. Мардумро ба сулҳу ваҳдат оварданд, гурезаҳоро баргардонданд, иқтисодро аз буҳрон наҷот доданд ва имрӯз кишварро ободу сатҳи зиндагиро беҳбуд бахшидаанд.

Аз ҷумла бо ёдоварӣ аз нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодии **7 соли охир** гуфтан мумкин аст, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, сарфи назар аз буҳрони ҷаҳонии молиявӣ, аз **9,3 миллиарди соли 2006** дар **соли 2016 ба 44 миллиард сомонӣ** расид ва суръати миёнаи афзоиши солонаи он қариб **6 фоизро** ташкил дод. Дар ин давра даромадҳои пулии аҳолӣ **4,2 баробар,** ҳаҷми пасандозҳои бонкӣ **4,5** ва маоши миёнаи воқеӣ **5,5** баробар зиёд шуд.

Дар робита ба сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон, ки бо ҳидоятҳои Сарвари давлат ташаккул ёфтааст, тазаккур додан лозим аст, ки сиёсати хориҷии мо ҳамчун сиёсати маъруфи **«дарҳои кушода»** ба татбиқи ҳадафҳои стратегии давлатамон равона шудааст, ки он барои касб намудани ҷойгоҳи муносиби кишвар дар арсаи ҷаҳон беш аз пеш мусоидат менамояд.

Ҳамчунин Президенти муҳтарами кишвар таъкид намудаанд, ки: **«Мо бо тамоми кишварҳои ба мо хайрхоҳ робитаҳои дӯстона ва ҳамкориро идома дода, дар навбати аввал муносибатҳоямонро бо ҳамсояҳои наздики худ дар асоси усулҳои эътирофгардида ва пазируфташудаи эҳтироми мутақобил ва ҳусни ҳамсоягӣ тавсиа ва тақвият мебахшем».**

Истиқлолияти давлати мустақили тоҷикон, ки бо номи мубораки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии зич дорад, рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории халқи сарбаланду мутамаддини мо мебошад, ки бисту

панҷ сол инҷониб номаи тақдирашро бо дастони худ эҷод карда, дар арсаи байналмилалӣ мақому манзалати хосаи худро пайдо намудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳини ба мансаби Президенти Тоҷикистон интихоб шуданашон **«ба номи поки Худованди мутаол, ба номи неку муқаддаси Тоҷикистон, ба кӯҳҳои пурганҷ ва осмонбӯси он, ба водиҳои зарнисору боғу бӯстонҳои хуррами он, ба хотири эҳтироми падарону модарон, наврасону ҷавонон, тифлакони гаҳвора ва умуман ба ҷони беш аз 8 миллион шаҳрванди кишвар» савганд ёд карда, таъкид доштанд, ки: «Тамоми ҳаётамро, орзую андешаҳоямро ва фикру зикрамро фидои имрӯзу фардои неки халқи азизам ва Тоҷикистони маҳбубам месозам».**

Ҳамин аст, ки бо ҳидояту роҳнамоии Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи шарифу қаҳрамони тоҷик аз нахустин рӯзҳои истиқлолият дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории навин, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар саъю талоши бесобиқа анҷом дода, дар тӯли чаҳоряк асри соҳибистиқлолӣ ба хотири ободии Ватан раванди созандагӣ, яъне бунёди нерӯгоҳу нақбҳо, корхонаву муассисаҳо ва роҳҳои мошингарди ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалиро пеш гирифт.

Дар баробари ин, Роҳбари давлат таъкид менамоянд, ки муҳаббат ба Ватани аҷдодӣ, таърихи пурифтихори миллат ва ниёгони фарҳангдӯсту тамаддунпарварамон моро барои ҳарчи бештар аз худ кардани дастовардҳои ҷаҳони муосир, пешрафти илму техника ва тараққиёти рӯзафзуни давлатҳои мутамаддини олам, яъне баробар бо ҷомеаи пешрафта қадам бардоштан ҳидоят ва водор менамояд.

Яъне мо ҳар қадар Ватанамонро дӯст дорем, бояд ҳамон андоза кӯшиш намоем, ки аз ҷаҳони бо суръати

кайҳонӣ пешраванда қафо намонем, ҳамкориҳои худро бо кишварҳои тараққикардаи олам густариш диҳем, арзишҳои илму фарҳанги умумибашарӣ, дастовардҳои техникаву технологияи муосир ва кашфиёту бозёфтҳои навтаринро омӯзем ва кӯшиш кунем, ки мисли ниёгони некноми худ ба тамаддуни башарӣ ҳиссаи арзишманди худро гузорем.

Ба таъкиди Ҷаноби Олӣ нақшаҳои азими созандагиву бунёдкорие, ки мо барои даҳ - понздаҳ соли оянда пешбинӣ кардаем, маҳз ба хотири рушди бонизоми иқтисодиёти мамлакат, густариши фаъолияти соҳибкорӣ, ҳарчи бештар муҳайё намудани ҷойҳои кории нав, афзун гардонидани даромади аҳолӣ, ободии Ватан ва беҳтар намудани некӯаҳволии мардуми кишварамон равона шудаанд.

Сарвари давлати мо Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба гӯшаву канори Тоҷикистони азиз сафар менамояд ва ҳамеша ба мулоқоти мардум мешитобанд, то бо розу ниёзашон аз наздик ошно гардад, садои дилашонро бишнавад. Ӯ дар аснои роҳ ба қуллаҳои кӯҳсорони Бадахшону Зарафшон, Ҳисору Рашту Хатлон, ки аз партави хуршеди саҳаргоҳон арғувонӣ мегарданд, дида медӯзад, андешаҳояш ба умқи таърих фурӯ мераванд ва ҳодисоти замона ба ҳам омехта гардида, пеши чашмонаш ҷилвагар мешаванд. Чунин мепиндорад, ки қуллаҳо аз афкори оливу бегазанд, аз ҷавҳари андешаҳои лоязолии фарзандони бузурги миллат, аз хуни поку муқаддаси қаҳрамонон, ки ҳаёти худро нисори озодиву истиқлоли Ватан намудаанд, медурахшанд ва ҷило медиҳанд.

Сарвари давлат дар хусуси он меандешад, ки тоҷикон дар сайри таърихӣ, дар гирудор ва фоҷеаҳои хунини рӯзгор такя ба забону фарҳанги нотакрор ва такя ба ҷавҳари маънавиёти воло намуда, умри ҷовидон ёфтаанд.

Ӯ пирамардеро пеши назар меоварад, ки сар то по

ғарқи нур буда, хомаашро дар анвори дурахшони офтоб тар намуда, дар қуллаҳои осмонбӯс се ҷавҳари поки рӯзгори башар - кирдори нек, гуфтори нек, пиндори некро сабт менамояд, то ки онҳо ба назари ҷаҳониён ҳамеша тобон бошанд ва роҳнамои рӯзгори онон гарданд.

*Душанбе, ноябри с. 2016*

***Хатарҳои замони муосир***

# ҲАЗОРСОЛА РАҲ АСТ, АЗ ТУ ТО МУСУЛМОНӢ…

## ва ё чаро бояд ҷомеаро аз ангезаҳои хатарзои замони муосир ҳифз кунем?

***«Ман дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ ва дигар суханрониҳоям доир ба оқибатҳои даҳшатбори экстремизм ва терроризм доим изҳори назар менамоям ва бори дигар таъкид месозам, ки ин хатарҳои муосир боиси харобии чандин кишварҳо ва ҳалокати садҳо ҳазор нафар одамон шуда, миллионҳо нафари дигарро бесатан, бе манзили зист ва бе ҷою макон кардаанд. Мубориза ба муқобили ин хатар натанҳо вазифаи давлат ва Ҳукумат аст, балки барои пешгирии ин зуҳурот тамоми ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияву созмонҳои ғайриҳукуматӣ бояд фаъол бошанд.»***

**Эмомалӣ РАҲМОН.**

*Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*Душанбе. 27.01.2017.*

**АЗ ҲАФТАНОМА: Имрӯз ҷаҳони муосир майдони муҳорибаеро мемонад, ки дар он шеваҳои нави бархӯрди**

**тамаддунҳо ҳукмрон аст. Новобаста аз ҳадафу манфиатҳо, коргардонҳои ин майдони разм барои шиддати бештаре бахшидан ба оташи он,омили дин ва мазҳабро хеле ҳунармандона истифода мебаранд. Ин муносибат боиси он гардидааст, ки дар ҷаҳони муосир неруҳои радикалӣ ва мутаассиби диниву мазҳабӣ аз дастгирии хосса ва маблағгузориҳои ҳангуфт бархурдор буда, беш аз пеш сафи худро аз ҳисоби ҷавонони гумроҳшуда, ки ба ҳайси «қурбонӣ»-и «ҳадафҳои олӣ» истифода мешаванд, афзоиш медиҳанд.**

**Ҳафтиномаи мо дар ин замина тасмим гирифт, ки саҳифаеро бо унвони «Хатарҳои замони муосир» таҳия намуда, беҳтарин баҳсҳоро дар ин мавзуъ ба нашр расонад.**

**Мақолаи нахустин, ки дар ин бахш манзури хонандагон мегардад, аз лиҳози таҳлил, фарогирии мавзӯи баҳс ва мазмуну муҳтаво хеле муассир буда, итминон дорем, ки мавриди ҳамовозии ҷиддии хонандагони соҳибназари нашрия мегардад.**

Раванди босуръати ҷараёни ҷаҳонишавӣ, ки имрӯз сарҳади давлатҳоро убур намуда, ба сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳангҳои миллӣ таъсир мерасонад, то андозае арзишҳои суннатии онҳоро низ тағйир медиҳад. Геополитикаи муосир барои як силсила кишварҳо агар «геополитикаи бедоршавӣ» (*З. Бжезинский*) арзёбӣ шавад, барои дигар кишварҳо ба геополитикаи яъсу ноумедӣ табдил ёфтааст. Иттиҳоду ҷиноҳҳои пешинаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ аз байн рафта ба ҷои онҳо созмонҳои нав арзи вуҷуд намудаанд, ки ногузир ба вазъи геополитикии ҷаҳон таъсир мерасонанд. Мо имрӯз шоҳиди он мешавем, ки сармояи корпоратсияҳои бузург рӯз то рӯз раванди сиёсии ҷаҳонро таҳти назорат гирифта, ҳатто бар сиёсати миллии баъзе кишварҳои ҷаҳон тасаллут ёфтаанд. Бояд ба хубӣ дарк кунем, ки Ватани азизи мо низ ба ҳайси як давлати

соҳибистиқлол ва соҳибтамаддун аз ин ҷараёни фарогир берун буда наметавонад. Вале чун доираи баҳс хеле васеъ ва густурда аст, тасмим гирифтем дар маҳдудаи мақолаи худ танҳо дар мавриди таъсири ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои миллӣ, фарҳанги маънавии миллати соҳибтамаддуни мо ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии ин омилҳо суҳбат кунем.

Инқилоби иттилоотии солҳои охир, ки онро рушди бесобиқаи шабакаҳои иттилоотии трансмиллӣ ва пайдоиши интернет таҳрик доданд, ба халалдор гардидани фазои иттилоотиву фарҳангӣ ва арзишҳои суннатии давлатҳо ва миллатҳои гуногуни ҷаҳон оварда расониданд. Имрӯз маҳфумҳои наве мисли ҷанги иттилоотӣ ва таҳмили ақоиду ҷаҳоншиносии сунъӣ арзи вуҷуд намудаанд, ки ҳадафи аслиашон бо роҳи ташкили инқилобҳои ранга, роҳандозии нигилизми сиёсӣ ва ташкили низоъҳои нарм дар байни омма, ба даст гирифтани қудрат дар харитаи нави сиёсии ҷаҳон аст.

**Ҳанӯз дар қарни гузашта ҷомеашиноси канадагӣ Маршалл Маклюен гуфта буд:** *«қалам рӯз то рӯз пуриқтидортар аз шамшер мешавад ва дере нагузашта сиёҳӣ (ранг), аксҳо ва воситаҳои электронӣ ҷойгузини аскарону танкҳо хоҳанд шуд».*

Ҳодисаҳои солҳои охири манотиқи даргири ҷаҳон комилан собит намуданд, ки воқеан ҳам имрӯз қалам ҷои шамшерро гирифтааст ва халалдор сохтани тарзи ҳаёти суннатӣ, таҳрифи арзишҳои миллӣ, таҳрик додани муқовимати диниву мазҳабӣ ва ба ҷои арзишҳои аслӣ таҳмил намудани арзишҳои сунъӣ омили ҳама гуна низову хушунат гардидаанд.

Барои мо низ хеле муҳим аст, ки роҳҳои ҳифзи фазои иттилоотӣ, фарҳанги маънавӣ ва арзишҳои миллии худро пешорӯи ин гуна таҳдидҳо муайян намоем.

Аз рӯзҳои нахустини бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки мо ҷонибдори эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳастем. Воқеан ҳам, ин ягона роҳест, ки метавонад ниёзҳои табақаҳои гуногуни ҷомеаи моро бароварда созад. Илова бар ин Пешвои муаззами мо дар самти эҳёи арзишҳои миллӣ ва арҷ гузоштан ба фарҳанг, забон, дину мазҳаб ва расму оини ниёгон корҳои назаррасеро ба анҷом расонида, ҷиҳати таблиғ ва эҳёи онҳо шароити мусоидеро фароҳам оварданд. Дар ин замина аз ҷониби Пешвои миллат даҳҳо китобҳо таълиф гардиданд, ки имрӯз ба ҳайси консепсияи фарогири миллӣ хизмат намуда, барои дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва ватандорӣ тарбия намудани насли ҷавон, беҳтарин раҳнамо мебошанд.

**Яке аз сиёсатмадорон ва ислоҳотталабони охири асри XIX-и рус Пётр Столипин, фармуда буд:** *«Халқе, ки дорои рӯҳия ва худогоҳии миллӣ нест, поруеро мемонад, ки дар он решаи миллатҳои дигар сабз хоҳанд шуд».* Имрӯз, ки ҷараёни босуръати ҷаҳонишавӣ аз як тараф бо тарғиби арзишҳои либералӣ ва бо баҳонаи интиқоли демократияи усули ғарбӣ, аз дигар тараф бо роҳандозии ақоиди радикалии исломӣ мехоҳад арзишҳои таърихӣ, динӣ, миллӣ ва фарҳангии кишварҳои Ховари Миёнаро маҳв созад, моро зарур аст, ки пешорӯи ин таҳдидҳо миллати худро таҳти як идеологияи устувор ва созанда муттаҳид намоем. **Адиб, риёзидон ва файласуфи шинохтаи фаронса Паскал Блез, ҳанӯз дар қарни XVII гуфта буд:** *«пешбинӣ кардан маънии идора карданро дорад».* Яъне мо низ агар хоҳем, ки дар ҷомеаи амну ором ва идорашаванда зиндагӣ кунем, бояд ҳама гуна таҳдидҳои ҷаҳони муосирро пешбинӣ карда тавонем, то алайҳи онҳо сипари устувори маънавиро дар ҷо-

меаи худ мустақар созем.

**Агар мо ба таърихи башарият назар андозем, маълум мегардад, ки дар иттиҳоду ҳамрайъии халқу миллатҳои гуногун идеология, бахусус идеологияи сиёсӣ нақши муҳим бозидааст. Коршиносони масоили сиёсӣ вазифаҳои асосии идеологияи сиёсиро, ки ба афкору андешаи ҷомеа таъсирпазир аст, ба тарзи зер шарҳ додаанд:**

**1. ТАМОЮЛӢ**- идеология субъектҳои сиёсатро ба системаи арзишҳо ва манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ равон месозад.

**2. БАСИҶӢ** (*сафарбаркунанда*) - идеология пайравонашро ба фаъолнокии муайяни сиёсӣ талқин менамояд.

**3. МУТТАҲИДКУНАНДА** - идеология муқобили манфиатҳои хусусиву майдагурӯҳӣ буда, ҳамчун омили ҳамгироии гурӯҳҳои дахлдори иҷтимоӣ баромад мекунад.

Вазифаҳои зикршудаи идеологияи сиёсӣ метавонад, дар иттиҳоду ҳамгироии ҷомеаи мо ва аз байн бурдани манфиатҳои гурӯҳиву хусусӣ, ки гоҳо аз ҷониби баъзе қувваҳо бар манофеи умумимиллӣ тарҷеҳ дода мешаванд, нақши калидӣ дошта бошад.

**Мутаассифона, мо бояд иқрор шавем, ки ҳанӯз ҳам дар ҷомеаи мо қувваҳое ҷой доранд, ки мехоҳанд идеологияи маҳдуди худро, ки бар манфиатҳои гурӯҳиашон асос ёфтааст, бидуни эътирофи назару андеша ва ҷаҳоншиносии аз эшон фарққкунанда, ба мардум иҷборан таҳмил намоянд. Маърифати сиёсии гурӯҳҳои мазкур хеле маҳдуд буда, дар муносибат бо ҷомеа на аз илму маърифат, балки бештар аз эҳсосот кор мегиранд. Одатан се навъи ин гурӯҳҳо дар ҷомеаи мо ба назар мерасанд:**

**1.** <u>Ҷонибдорони ақоиде, ки ба исломи радикалӣ қаробати бештаре дорад. Ин гурӯҳҳо муқобили арзишу дастовардҳо, пояҳои ахлоқии ҷомеаи муосир, илму маориф, технологияи пешрафта буда, баробарии ҳуқуқи марду занро</u>

дар ҷомеа эътироф намекунанд.

**2.** Ҷонибдорони ақоиди атеизми ҷанговар. Ин гурӯҳҳо баръакс дину мазҳабро иллати асосии оқибмонии ҷомеа талаққӣ намуда, муқобили ҳамагуна таълимоти динӣ қарор доранд.

**3.** Ҷонибдорони сиёсати арзишҳои либералӣ. Тарафдорони ин равия арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва расму оини аҷдодӣ, арзишҳои суннатии оиладорӣ ва сарҳади ахлоқро инкор мекунанд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар бештари кишварҳои пасошӯравӣ барои фаъолияти диниву мазҳабӣ ва озодии эътиқод заминаҳои мусоид фароҳам омад. Вале мутаассифона, дар радифи ин озодиҳо, аз ҷумла дар кишвари мо гурӯҳи аввале, ки дар боло зикраш рафт, яъне қувваҳои муртакиби арзишҳои иртиҷоии динӣ низ ҷон гирифтанд ва фаъол гардидани онҳо дар ҳаёти ҷомеа боиси даргириҳои бемантиқ ва ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Тавре ки дар боло зикр намудем, ин гурӯҳҳо ба ҷуз андешаву афкори манқуртии худ, дигар арзишҳоро билкул эътироф намекунанд. Илму дониш, маърифат барои онҳо бегона буда, барномаи фаъолияташон низ бар нақлу ривоёти мазҳабӣ маҳдуд шудааст ва мехоҳанд аз ин зовия барномасозӣ кунанд.

**Чанде қабл дар яке аз мулоқотҳо аз Далай-ламаи XIV, пешвои рӯҳонии буддоиёни Тибет, вобаста ба қазияи Шарқи наздик суол карданд, ки дар бораи мусулмонон чӣ андеша дорад. Далай-лама дар посух гуфт:** *«Агар манзури Шумо ДИИШ ва дигар гурӯҳҳои радикалӣ бошад, онҳо мусулмон нестанд, балки душмани исломанд. Ман дар маҳаллаи мусалмоннишин бузург шудаам ва аз таълимоти ислом низ то андозае огоҳам. Мусалмонони одӣ мардуми таҳаммулпазир, меҳрубон ва аз ҷангу хушунат безоранд».*

Тасаввур кунед, агар чунин суол дар бораи таълимо-

ти буддоӣ ба яке аз рӯҳониёни мо ирсол мешуд? Бегумон буддоиҳо мардуми такфирӣ, бедин ва душмани Худо муаррифӣ мешуданд. Чунки дар тафовут аз Далай-лама аксарияти рӯҳониёни мо на танҳо китобҳои муқаддаси дину мазоҳиби дигарро ба даст нагирифтаанд, ҳатто аз илму фарҳанги тамаддунофари миллати худ огоҳ нестанд.

Имрӯз мо дар шабакаҳои иҷтимоӣ шоҳиди он мешавем, ки теъдоде аз гурӯҳҳои дар боло зикрашон рафта, дар амри маъруфашон ҳатто ибтикори неку маъсум ва истеъдоди худододи тифлаконеро, ки расм мекашанд, суруд мехонанд, мусиқа менавозанд куфр эълон мекунанд ва ё гурӯҳи дигаре аз сафи атеистони ҷанговар, эҷодиёти ниёгони бузурги моро мисли Фаридаддини Аттору Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ки бо офаридаҳои худ дар тамаддуни башарият саҳми назаррас гузоштаанд, мазаммат менамоянд. Оё ин идеологияҳои оштинопазир мағзҳои аз таассуб, яъне фанатизм заҳролудшуда метавонанд, миллати моро муттаҳид созанд ва ба роҳи рост ҳидоят намоянд? Ба гумон…

Идеяи либерализми ғарбӣ солҳои охир имкон дод, ки теъдоди чунин гурӯҳҳои мутаассиб, бахусус, моил ба таълимоти исломи радикалӣ дар кишварҳои Аврупо афзоиш ёбад. Дар натиҷа, гурӯҳҳои мазкур аз ин фазои мусоид сӯистифода намуда, нуфузи бештаре пайдо карданд ва билохира ба принсипҳои бунёдии ҷомеаи Аврупо таҳдид намуданд. Имрӯз аврупоиҳо алайҳи чунин ҳаракатҳои динии радикалӣ мубориза шадид мебаранд, вале мояи ҳайрат ин аст, ки маҳдуд кардани фаъолияти чунин ҳизбу ҳаракатҳо дар кишвари мо, то ҳанӯз дар доираҳои сиёсии кишварҳои ғарб, ҳамчун нақзи ҳуқуқу озодиҳои инсон талаққӣ мешавад.

Ин муносибати стандартҳои дугона моро талқин менамояд, ки ба хотири оромии фазои сиёсии кишвар ва якпор-

чагии марзу буми худ, роҳи рушди худро интихоб намоем, ки ба идеологияи сиёсии давлат, арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва маънавии мо такя хоҳад кард. Дар ин росто саҳми идеологияи ягонаи миллӣ хеле муҳим буда, дар бунёди давлати мо нақши калидӣ дорад.

Олами Ғарб имрӯз худро муқобили ҳама гуна равишҳои идеологии миллӣ ва ҷонибдори арзишҳои либералӣ муаррифӣ намуда, аз дигар кишварҳои ҷаҳон низ тақозо менамояд, ки ин арзишҳоро эътироф намоянд. Вале тасаввур намоед, оё мо метавонем нисбати масъалаҳое мисли ҳамҷинсгароӣ дар ҷомеаи худ таҳаммулпазир бошем ва ё баръакс, баъд аз муборизаҳои тӯлонӣ боз ба таассуби асримиёнагӣ, ки ҷаҳолат бар илм ғолиб буд, баргардем. Гумон мекунам ҳаргиз не!

Аврупое, ки имрӯз бо арзишҳои либералии худ ифтихор дорад ва таърихи демократияи худро бо мизони садсолаҳо андоза мекунад, ба ин демократия ва озодии мояи ифтихораш тавассути муқобилияти шадид бо таассуби динӣ, ки ба унвони католитсизми радикалӣ ва хунбор шуҳрат дошт, расидааст. Таърихи башарият инквизитсияи калисои католикиро, ки бо баҳонаи юриш алайҳи **«дини поки Масеҳӣ»** садҳо ҳазор мардуми озодандешро бо даҳшатангезтарин васила эъдом кард ва ҳазорон рисолаҳои илмиву кашфиётҳои нодирро ба коми оташи ҷаҳолат афканд, ҳаргиз фаромӯш намекунад.

Дар қуруни вусто, дар кишварҳои Аврупо давлат, мориф, тиб, фарҳанг зери назорати рӯҳониёни мазҳаби католикӣ қарор доштанд. Тамоми кишварҳои Аврупо аз ҷониби Ватикан ва Папаи Рим идора мешуд. Танҳо баъд аз муборизаҳои чандасраи тӯлонӣ, баъд аз даврони Эҳё *(эпоха Возрождения)*, ки ба унвони идеяи Ренессанс шуҳрат дошт, мардуми Аврупо имкон пайдо намуданд, то аз асорати мазҳабии асримиёнагӣ раҳо ёбанд ва давлат, илму

маориф, фарҳангро аз чанголи дин наҷот бахшанд.

Ба тарҳи Аврупои имрӯза, ки орӣ аз таассубу радикализм аст, Петрарка ва Бокаччо - асосгузорони ҷаҳонбинии нав, Мор ва Кампанелла - поягузорони коммунизми утопиявӣ, **Мирандола ва Алберти-** таблиғгарони шаъну манзалати инсонӣ, **Эразм Роттердамский, Макиавелли, Коперник-** мубаллиғони арзишҳои башардӯстона замина гузоштаанд. Давраи **«Эҳё»** дар Аврупо ба шарофати осори арзишманди ин нобиғаҳои раҳнамо, ки дар эҷодиёти худ **«инсон»**-ро фарози ҳамаи дигар арзишҳо гузоштанд, фаро расид. Ин як насими рӯҳбахше буд, ки бо нафаси тозаи худ санъат, илм ва фалсафаи дар асорати дин қарор доштаро умри дубора бахшид ва ба хизмати **«инсон»** вогузошт.

Пас имрӯз олами Шарқро низ, ки бо чеҳраи нави католитсизми таассубӣ, яъне радикализми исломӣ дучор шудааст, метавонад танҳо илм, маориф, технология, ҳунар ва санъати асил наҷот бахшад. Вале афсӯс, ки садои Петраркаву Коперникҳои шарқӣ, ки рисолаташон раҳнамоии мардум бо нури илм ва маърифат аст, ба гӯш намерасад. Гузашта аз ин, ҷаҳони Ғарб, ки худ бо ҷонбозиҳои зиёд аз асорати таассубу радикализми динӣ раҳо ёфтааст, баръакс имрӯз ҳамин нерӯҳои мутаассиб ва радикалиро дар кишварҳои мусалмонӣ таҳрик медиҳад, ки мояи ҳайрат аст.

**Чанде қабл дар як суҳбат муҳаққиқи чиние сабаби то ҳанӯз аз ҷониби ягон кишвар мавриди шикаст ва тасаллут қарор нагирифтани кишваршро чунин шарҳ дод:** *«Мардуми Чин ҳам пайрави таълимоти атеистӣ ва ҳам муътақиди дину мазҳаби гуногунанд. Вале мо то ба ҳадде таҳаммулпазирем, ки аз тамоми дину мазоҳиби суннатии чинӣ, чи буддоӣ, чи даосизм ва чи конфусианӣ беҳтарин арзишҳоро қабул кардем. Руҳи шикастнопазири мардуми чинӣ низ вобаста ба таълимоти ин адён аст, ки яке ҷасорату таваккалро талқин менамояд, дигаре сабру таҳаммул ва савумӣ*

*илму андешаро. Яъне дар муборизаҳои худ, гоҳо аз ҷасорату таваккал кор гирифтем, ҷои дигар сабру таҳаммулро пеша кардем ва фурсате расид, ки бар илму андеша такя кардем».*

Вале бубинед, дар олами Ислом бо вуҷуди пайраву муътақиди як дин будан, тафриқаву низоъ то ба ҷое кашидааст, ки муъмин ба сари муъмин бо иттиҳоми муртаду такфирӣ будан теғ мекашад.

Имрӯз дар баъзе кишварҳои Шарқи Наздик пояи ин ҷаҳолат то ба ҳадде нуфуз кардааст, ки ҳатто дар асри миёна олами ислом аз ин таассуб фарсахҳо дур буд. Вагарна ин **«ДИИШ», «Ихвон-ул-муслимин», «Ҷабҳат-ан-нусра»-ву «Ал-Қоида»**-ҳо имкон медоданд, ки нобиғагоне мисли Ал-Хоразмӣ, Ибни Сино, Берунӣ, Закариёи Розӣ ва Ибн-ал-Ҳайсам, ки ба рушди илми муосир замина гузоштаанд, озод нафас кашанд? Ба гумон…

Агар мо назаре ба адабиёти асили ниёгон афканем, ба дурустӣ дарк хоҳем кард, ки бузургони мо низ дар баробари файласуфони олами Ғарб ва шояд пештар аз онҳо ҳақиқат, имон, виҷдон ва билохира инсонро фарози ҳама гуна баҳсҳои бемантиқи диниву мазҳабӣ мегузоштанд, ки имрӯз мутаассифона ҷаҳони ислом дар ин мурдоб муғриқ аст. Чунки ҳадаф аз ин талошҳои бемаънии шайхҳову охундҳову муллоҳо дар ҳар замон ба ҷуз аз низову нифоқ андохтан миёни мардум ва бад-ин минвол соҳиби ҷоҳу мол шудан набудааст.

Яке аз шоирони шӯрида ва орифони шефтаи адаби форсӣ Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ки мусалмону габру яҳуд бузургии ӯро эътироф мекарданду ба таълимоташ иродат доштанд, ҳанӯз дар қарни XIII фармуда буд:

*Ҳазорсола раҳ аст, аз ту то мусулмонӣ,*
*Ҳазор соли дигар, то ба ҳадди инсонӣ!*

Мавлоно Ҷалолиддин дар байти мазкур мартабаи «инсон»-ро болотар аз мансубияти динӣ мегузорад. Яъне

то мусалмон шудани ту ҳазорсола раҳ бошад, барои инсони комил шудан, бояд ҳазор соли дигар талош кунӣ.

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ аз бедодгариҳои аҳли зуҳд ва тақвои замони худ, ки ба зоҳир мусалмону дар асл бедину имон буданд, шикоят мекард:

*Мусулмонон, мусулмонон, мусулмонӣ, мусулмонӣ,*
*Аз ин оини бединон пушаймонӣ, пушаймонӣ.*
*Мусулмонӣ кунун исмест бар урфеву одоте,*
*Дарего, ку мусулмонӣ, дарего, ку мусулмонӣ?*

Лисонулғайб Хоҷа Ҳофиз алайҳи ҳама гуна хушунату низоъҳои мазҳабӣ эътироз намуда, байни иродатмандони адёни мухталиф фарқ намегузошт:

*Ҳама кас толиби ёранд, чи ҳушёру чи маст.*
*Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид, чи куништ.*

Ва ҳамин маъниро ҳанӯз ду қарн қабл аз Хоҷа Ҳофиз, Аттори Нишопурӣ хеле бо лаҳни латиф ифода карда буд:

*Соликонро бин ба даргоҳ омада,*
*Ҷумла пуштопушту ҳамроҳ омада.*
*Ҳаст бар ҳар зарра даргоҳи дигар,*
*Пас зи ҳар зарра бад-ӯ роҳи дигар.*
*Ту чӣ донӣ бо кадомин раҳ равӣ,*
*Бо кадомин раҳ бад-он даргаҳ равӣ?*

Ин чанд мисоле, ки аз осори бузургон овардем, оё низову тафриқаангезии адёну мазҳабро мазаммат намекунад ва ё баръакс аз тарғиби таҳаммулпазириву афзалият доштани арзишҳои дунявӣ дарак намедиҳанд?

**Дар асъори миллии ИМА- доллар навишта шудааст:** *«Мо ба Худо бовар дорем»* ***(In God We Trust).*** Навиштаҷоти мазкур беҳуда нест. 96% мардуми ИМА ба дину мазоҳиби мухталиф эътиқод дошта, танҳо 4%-и онҳо худро атеист мешуморанд. Вале бубинед, ки амрикоиҳо дар ҷомеаи худ ба ягон дин ва ё мазҳаб бартарият намедиҳанд ва ба эътиқоду ақоиди якдигар хеле таҳаммулпазиранд. Магар

ин сирри пешравӣ ва тараққиёти бемисли ИМА нест, ки бо низоми дунявии худ ба яке аз кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ бузургтарини ҷаҳон табдил ёфтааст?

**Файласуфи маъруфи ҳиндӣ Ошо (Чандра Моҳан Ҷейн) мегӯяд:** *«Барои бозгашт ба гузашта ва замина гузоштан ба огози дуруст дер шудааст, вале барои қадами устувор гузоштан ба оянда ва замина гузоштан ба фарҷоми дуруст, ҳанӯз дер нест».* Мо бояд таърихи худ, гузаштаи худро фаромӯш накунем, аз он ифтихор намоем, вале бояд бо дарназардошти воқеияти имрӯза, фардои худро бисозем.

Ҳамин гуна як идеологияи фарогири сиёсӣ, ки омили муттаҳидкунанда ва ҳамгироии миллати мост, дар тамоми бароmadҳои сиёсии Роҳбари давлати мо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле равшан ба назар мерасад ва зарурат ба ихтироъ ва таҷдиди он нест. Яъне, мо бояд аз илму технологияи инноватсионии муосир бархурдор бошем, насли ҷавонро дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ, омӯзиши забон ва фарҳанги миллатҳои мутараққии ҷаҳон тарбия кунем ва дар айни замон ба арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳанги маънавии худ арҷ гузорем. Ба нуфузи гурӯҳҳои ифротие, ки мехоҳанд танҳо аз зовияи мафкураи тангу маҳдуди худ ҷомеасозӣ кунанд, роҳ надиҳем.

Тавре ки дар оғози мақола зикр намудем, башарият танҳо дар натиҷаи муборизаҳои тӯлонӣ муваффақ шудааст, ки завлонаи ҷаҳолату таассубро бишканад ва аз асорати он раҳоӣ ёбад. Чанд иқтибосе, ки дар матлаби худ аз осори гаронмояи бузургони ҷаҳон овардем, далели муборизаи оштинопазири илму маърифат бо таассубу ҷаҳолат аст, ки дарозои қарнҳо идома ёфтааст. Дар ин муборизаи шадид, замоне, ки илму маърифат бар ҷаҳлу таассуб ғолиб омадааст, давлатҳо ва миллатҳо рушд кардаанд, вале ҷое

ки ҷаҳолату таассуб ҳукмфармо будааст, фитнаву ошӯб бархостааст.

Вақте ки дар ҷомеа пайравони як дин, як мазҳаб ва ё як ҷараён мехостанд, ҳокимияти мутлақро соҳиб шаванд, ҳамеша ба муқобилияти шадиди мардуме, ки андешаву афкори дигар доранд, дучор мешуданд. Ин амали ногузир боиси ташаннуҷи авзои ҷомеа мегардид, ки мисоли равшани он имрӯз дар кишварҳои Шарқи Наздик ба мушоҳида мерасад.

Пас дар шароити мо ягона роҳи дуруст, ки метавонад оромиву амнияти ҷомеаро таъмин намояд, ин таҳкими пояҳои давлатдории дунявист, ки дар он дин аз давлат ҷудо буда, ҳеҷ гоҳ ба ягон дин, мазҳаб ва ҷараён тарҷеҳ дода намешавад. Танҳо дар низоми дунявӣ баробарии дину мазҳабҳо ва ё дигар ҷараёнҳо таъмин гардида, шаҳрвандон дар интихоби худ озоданд ва дар ҳоли таҳдид накардан ба амнияти давлатӣ, арзишҳои милливу фарҳангӣ ва ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон, давлат онҳоро зери ҳимояи худ қарор медиҳад.

*Душанбе, феврали с. 2017*

## ДУРАХШОН БОД ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Чархи таърих дар аснои гардиши абадии худ ба халқҳо ва давлатҳои ҷаҳон гоҳе пирӯзиҳо ва гоҳе нокомиҳо ба бор меоварад. Бар асари чунин таҳаввулот давлати муқтадири Сомониён пас аз 180 соли пойдориву шукӯҳмандӣ соли 999 аз саҳнаи ҷаҳон нопадид гашт ва пора-пора гардида, сарнавишташ ба дасти бегонагон афтод.

Тоҷикон аз аввалин давлати миллии худ, ки дар дунёи он замон ғулғула андохта буд, абадӣ маҳрум гаштанд. Давлати овозадору шӯҳратёри Сомонӣ дар уфуқи таърих

ба таври ҳамеша фурӯ рафт.

Пас аз сипарӣ гаштани силсилаи садсолаҳо чархи гардун аз нав бар муроди тоҷикон гашт. Рӯзи 9 сентябри соли 1991 хуршеди замоне фурӯ рафтаи давлату истиқлоли тоҷикон аз самти дигаре тулӯъ намуд ва бо чеҳраи нурбораш кӯҳу дамани моро равшан кард. Аммо дареғо, ки истиқлоли пас аз ҳазор сол ба мардуми тоҷик армуғон овардаи таърих дар вартаи бало ва гирдоб афтод. Боз таърих такрор шуд, боз он ҳама моҷарову гирудорҳое, ки дар айёми туфулияти давлати Сомонӣ бар сараш фуруд омада буд, аз нав зинда гашт ва чун шамшери хунин бар сари истиқлоли Тоҷикистон, ки дар ҳукми кӯдаки навзоде буд, муаллақ монд. Бори дигар масъалаи ҳастӣ ва ё нестии миллати тоҷик дар баробари таърих қарор гирифт ва тақдири истиқлоли навини он дар сари мӯе муаллақ монд.

Мамлакати тинҷу оромро туғёни тундравию ифротгароиҳо фаро гирифт ва мавҷи он то рафт шиддатноктар ва харобиовартар мегашт.

Доираҳои табаҳкор ва кинаҷӯву бадандешу тирадил талош мекарданд, ки бо роҳи барангехтани низоъҳо, найрангҳои сиёсӣ ва ба сари мардум таҳмил намудани мазҳабу фарҳанги бегона ва бо мақсади бунёди давлати исломӣ Тоҷикистонро ба хоку хун кашанд. Пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе ба майдони тазоҳуроту гирдиҳамоиҳои беохир ва зӯроварию хунрезӣ табдил ёфт. Амалу рафтор ва кирдори майдондорон бар он шаҳодат медод, ки онҳо бар асоси нақшаҳои дар хориҷ аз кишвар тарҳрезӣ гардида, амал намуда, нақшаҳои шумашонро бо роҳи зӯрӣ ба сари халқи бофарҳанги тоҷик бор кардан мехостанд. Вазъи сиёсиву амниятӣ дар пойтахт то рафт хатарноктар ва печидаву бӯҳронӣ мегашт. Кӯчаҳо аз мардум холӣ гардида, шомгоҳон пойтахт ба шаҳри мурда табдил ёфта, мардум аз ваҳму ҳарос аз манзилҳояшон берун намеомаданд.

Муқовимати сиёсӣ бо шиддат авҷ гирифта, хатари ҳамчун давлати мустақил аз миён рафтани Тоҷикистон, ба қисматҳо тақсим шудани он ва пароканда гаштани миллати тоҷик рӯз аз рӯз бештар таҳдид мекард. Мардум боварии худро ба ҳаёти имрӯзу фардояшон аз даст дода, бар асоси сиёсати тарҳрезӣ шудаи душманон хонаву дари худро тарк карда, ба кишварҳои дурру наздик фирор менамуданд. Парокандагиву бенавоӣ ба авҷи аъло мерасид.

Заминҳои серҳосил бесоҳиб монданд, шаҳрҳову ноҳияҳо, деҳаҳову хонаҳо аз одам холӣ гаштанд.

Як мамлакати ободу хуррам, як миллати мутамаддин ва ба ҳам дӯсту тифоқро ба вартаи фалокату нобудӣ кашиданд, як сарзамини серу пур ва пурфайзу баракатро хору мӯҳтоҷу бенаво гардониданд. Қадри нон аз қадри тилло баландтар гашт. Дар пойтахт ва дар бисёр минтақаҳои кишвар нон қурси моҳро мемонд, ки ба даст овардани он амри маҳол буд.

Имрӯз, ки мо дар шароити осудаву ором дар сари дастурхони пур аз нозу неъмат менишинем, набояд он рӯзҳои вазнину даҳшатборро аз ёд бубарем. Фаромӯш кардани онҳо худро фаромӯш кардан аст, таърихро фаромӯш кардан аст, гузаштаи худро аз ёд бурдан аст. Дар дилу дар хотир нигоҳ доштани онҳо моро водор месозад, ки ба қадри зиндагии имрӯзаамон бирасем, ба давлату ватани хеш арҷ бигзорем ва дастовардҳои истиқлолиятро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Хулоса, дар охири қарни бист Тоҷикистон дар ҳолате қарор дошт, ки душманони дохиливу хориҷӣ бо шеваи гургона ба пайкари он дандон тез мекарданд ва ҳалокаташро мехостанд.

Дар чунин як вазъияти даҳшатбору тақдирсоз Тоҷикистон ба шахсияте ниёз дошт, ки чун Исмоили Сомонӣ бо андешаву хиради баланд, бо матонату ақли солим ба арсаи

сиёсат баромада, давлати фалаҷшудаoriginal аз нав эҳё намояд, халқу мамлакатро аз ҳалокат наҷот диҳад, ваҳдату якпорчагиро таъмин намояд, ба волоияти қонун замонат диҳад, мардуми парешону роҳгумкардаро яктану муттаҳид созад. Баҳри ба ин ҳадаф расидан ва ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишварро мӯътадил сохтан моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон доир гардид.

Иҷлосияи мазкур Эмомалӣ Раҳмонро, ҷавонмарди шуҷоъ ва муборизро сарвари давлати Тоҷикистон интихоб намуда, бо масъулияти баланди сиёсӣ, ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ваояндабинӣ вазифаашро сарбаландона баҷо овард.

Эмомалӣ Раҳмон он замон дар назди халқу ватан савганди вафодорӣ ёд карда, бо итминони комил изҳор дошт, ки ба мардуми диёр сулҳ меоварад, ба ҷанги бародаркушӣ хотима мебахшад, барои ба ватан баргардонидани охирин фирорӣ саъю талош мекунад. Аз ҷавҳари иқдомҳо ва баёнияҳои сарвари ҷавони давлат ин мазмун бармеомад, ки мутааллиқ ба Мавлоност:

*Ман ғуссаро шодӣ кунам, гумроҳро ҳодӣ кунам,*
*Ман гургро Юсуф кунам, ман заҳрро шаккар кунам.*

Бори аввал дар Иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олӣ ба хотири мусолиҳаи миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ қадамҳои нахустинро гузоштанд.

Бо ин мақсад қумондонҳои ҳар ду ҷониби даргир дар як толор ҷамъ оварда шуданд ва ба хотири созиш оши оштӣ дода шуд. Зоҳиран тарафҳо якдигарро фаҳмиданд, фоҷиаи ба сари халқу ватан омадаро дарк намуданд. Аммо аз байн маддате нагузашта, неруҳои мухолиф аҳду паймонро ба боди фаромушӣ дода, боз даст ба силоҳ burданд ва оташи ҷанг бо қувваи боз ҳам афзунтару даҳшатангезтар фурӯзон гашт. Гӯё шоҳбайти Шамсиддин Шоҳин маҳз дар ҳаққи чунин ашхос гуфта шудааст:

*Ин сулҳфурӯши оқибатҷанг,*
*Дар каф қадаҳест, дар бағал санг.*

Ҷанги харобиовари шаҳрвандӣ, ки соли 1992 оғоз ёфта, панҷ сол идома ёфт, дар таърихи навини Тоҷикистон чун «ҷанги бардаркушӣ» ворид гардид ва доғи нангине гузошт барои давлату миллати мо. Дар натиҷа, фарзандони як миллат, як падару модар, як Ватан, як забону як фарҳанг бар қасди ҷони якдигар теғ кашиданд.

Боз таърих такрор шуд, боз ҷанги Рустаму Сӯҳроб аз нав зинда гашт, боз нолаву шевани ҷонгудози Таҳмина аз марги фарзандаш Сӯҳроби ҷавон гӯши фалакро кар кард, боз фарёду фиғони Кова аз қатли ҳабдаҳ нафар писаронаш ба фалак печид, боз хуни ноҳақрехтаи Сиёвуш дар ҷӯйҳо равон гашт.

Ҷанги Рустаму Сӯҳроб панд буд, ҳушдор буд, бонги изтироб буд ва Фирдавсии бузург ва дилогоҳ бо ин роҳ мардумон ва давлатҳоро аз ҷанги шаҳрвандиву хештанкушӣ барҳазар месохт.

Подшоҳони кинаҷӯву ҳариси зару сим ва бадкирдору бадандеши Эрону Тӯрон падару писарро, ки бо амри тақдир якдигарро намешинохтанд ва ифтихори замони худ буданд, ба майдони ҷанг кашиданд.

Онҳо бо шеваи шайтонӣ тамоми чораву тадбирро ба кор андохтанд, то Рустаму Сӯҳроб дар майдони ҷанг ҳаргиз якдигарро нашиносанд. Оқибат, Рустам бо макру фиреб синаи Сӯҳроб бидарид ва чун воқиф гашт, ки писари хешро куштааст, гиребон чок кард, хок бар сар намуд, хунаш ба ҷӯш омад ва фарёду фиғонаш ба фалак печид:

*Писарро бикуштам ба пиронасар,*
*Бурида паю бехи он номвар.*
*Бурида ҷигаргоҳи пури ҷавон,*
*Бигиряд бар ӯ чарх то ҷовидон.*
*Буридан ду дастам сазовор аст,*
*Ҷуз аз хоки тира мабодам нишаст.*

*Ба гетӣ кӣ куштаст фарзандро,*
*Далеру ҷавону хирадмандро?!*

Аз нолаҳои ҷонгудози Рустаму Таҳмина замину замон мегирист, аммо шоҳони тиҳимағзу сарватҷӯ ва неруҳои аҳриманӣ шодиву тантана мекарданд. Айнан чунин ҳолат дар охири қарни бист бар сари Тоҷикистон омад. Падару модар аз марги фарзанд нолаю шеван мекарданд, бародар аз марги бародар ба фиғон меомад, писар аз марги падар ашки хунин мерехт ва Тоҷикистон аз хуни ноҳақ рехтаи фарзандонаш лолагун гашта буд. Дар ин ҷанги нангини шаҳрвандӣ беш аз сад ҳазор одамон ба ҳалокат расиданд, ки бештари онҳо ҷавонон буданд ва онҳо дар ҷасорату қаҳрамонию ватанпарастӣ Сӯҳробҳои замони худ ҳисоб меёфтанд.

Харобиҳое, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ рух додаанд, дар таърих назир надошт. Ба иқтисодиёти мамлакат дар маҷмӯъ беш аз даҳ миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ расонида шуд. Даҳҳо ҳазор хонаҳои обод, ҳазорон иншоот, аз ҷумла мактабу кӯдакистонҳо, беморхонаву дармонгоҳҳо, роҳу пулҳо харобу валангор гардиданд. Зарари маънавӣ бошад, ҳадду ҳисоб надошт, зеро даҳҳо ҳазор модарон аз фарзандонашон ва даҳҳо ҳазор занон аз шавҳарҳояшон абадӣ маҳрум гардида, зиёда аз 50 ҳазор кӯдакон ятиму бепарастор монданд. Ҳар рӯз нолаҳои пурсӯзи фирориёни тоҷик, ки дар хоки Афғонистон паноҳ бурда буданд, ба гӯш мерасид. Ҳазорон нафар ба дарду доғи ҷудоӣ аз ватан тоб наоварда, дар ғарибӣ ҷон медоданд. Қабристонҳои дар хоки Афғонистон ба ёдгор монда моро ҳушдор медиҳанд ва бонги хатар мезананд, ки он фоҷиаҳои даҳшатбор ҳаргиз аз ёдҳо наравванд ва дигар ҳаргиз такрор нагарданд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишвари моро дар роҳи пешрафту тараққиёт даҳсолаҳои зиёде ба ақиб партофт. Қариб даҳ соли аввали ба истиқлолият расидан ба барқарории

рукнҳои харобгаштаи давлатдорӣ сарф гардид.

Бо вуҷуди он ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ шӯълавар буд, аммо нури умед баояндаи кишвар дар дили ватанпарастон хомӯш намегашт.

Бо мурури вақт ҳар ду ҷониб равшан дарк мекарданд, ки бо роҳи зӯриву хунрезӣ наметавон ба ҳадаф расид. Таърих собит сохта, ки оқибати ҳар як ҷанг оштиву музокироту муросо ва мадорост.

Ҳатто сарлашкар ва ҳокими мутлақ Наполеон Бонапарт дар охири умраш ба чунин хулоса расида буд: «Тавассути қудрату зӯроварӣ ҳеҷ гоҳ наметавон ба мақсад расид. Зеро рӯҳи инсон шикастнопазир ва аз шамшер бурротар аст. Дар ҷаҳон танҳо ду неру вуҷуд дорад – тавоноии руҳи инсон ва қувваи шамшер. Оқибат рӯҳи инсон ба шамшер пирӯз хоҳад гашт».

Ин тавбаномаи касест, ки мехост ҳокими мутлақи тамоми Аврупо ва билниҳоят тамоми ҷаҳон гардад ва дар ин роҳ хеле ва хеле хунҳои бегуноҳ рехтааст.

Ҳукумати қонунӣ таҳти сарпарастии Эмомалӣ Раҳмон ва неруҳои пешқадами ҷомеа ба хотири наҷоти халқу ватан, якпорчагии кишвар ва пойдории сулҳу ваҳдат ба ойини қадимиву безаволи ниёгонамон мадоро ва таҳаммулгароӣ рӯ оварданд, ки асрҳо боз дар фарҳангу тафаккури халқамон реша давонда буд.

Ҳукумат ҳадафи хешро бар асоси ба якдигар гузашт кардан, бахшидани гуноҳҳо, дур андохтани кинаҳо, ба ҳам созиш кардан, ба сулҳу оштӣ расидан муайян кард ва ҷомеаро ба сӯи он ҳидоят намуд. Ин суннатҳои воло ва безавол асрҳо инҷониб дар хуну дар вуҷуди халқи мо ҷойгузин гардида, ба ҳиссае аз ҳастии он табдил ёфта буданд. Масалан, саломе, ки мо ҳар рӯз ба якдигар мерасонем, ба ҳам сулҳу оштӣ, амну амон, осудахотирӣ, муборакбодӣ ва дуруду таҳният хостан аст. Аз ин рӯ, оштии миллӣ тақозои таърих,

даври замон ва воқеият гардид.

Сухани бикр ва андешаи баланде, ки рӯҳу равони одамиро мунаввар месозад, ин ойини мадоро, сулҳу ваҳдат, дӯстиву ҳамдилӣ, эҳтиром ба якдигар, ҳамбастагию ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдати инсонҳо ва табассум ба рӯи якдигар аст, ки алломаҳо ва суханварони бузургу фарзонаи мо асрҳо инҷониб васфу ситоишаш кардаанд ва акси садои он дар ҳеҷ замоне хомӯш нагаштааст.

Фарзандони огоҳу бедордили миллат ва соҳибдилону андешамандон ба хотири ваҳдати миллӣ, пойдории сулҳу субот ва хотима бахшидан ба ҷанги бародаркушӣ ба садои дили бузургони миллати худ гӯш фаро доданд ва бо ақлу идроки баланду бедорашон аз рӯи онҳо амал карданд ва яқин ҳосил намуданд, ки ба ҷуз оштии миллӣ ва бо ҳам созиш намудан роҳу тадбири дигаре вуҷуд надорад.

Садои Рӯдакӣ аз қаъри асрҳо баланд мешуд ва бонги изтироб мезад:

*Чун тег ба даст орӣ, мардум натавон кушт,*
*Наздики Худованд бадӣ нест фаромӯшт.*

Абӯшакури Балхӣ мардумонро аз ҷангу хунрезӣ барҳазар намуда, муждаи хуши оштӣ ва хуррамию шодмонии аз он сар задаро ба гӯши одамон мерасонид:

*Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,*
*Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.*

Фирдавсии достонсаро ва зинданигаҳдорандаи Аҷам гӯё маҳз ба тарафҳои даргир рӯ оварда, онҳоро ба сулҳу салоҳ даъват мекард ва аз рехтани хуни бегуноҳон барҳазар медошт:

*Бикӯшеду хубӣ ба кор оваред,*
*Чу дидед сармо, баҳор оваред!*
*Зи дилҳо ҳама кин берун кунед,*
*Ба меҳр андар ин кишвар афсун кунед!*
*Зи хун рехтан даст бояд кашид,*
*Сари бегуноҳон набояд бурид!*

Абдулқодири Бедил ҳушдор медод, ки эй, мардум, омодаву ҳушёр бошед, ки агар ба сулҳу ваҳдат як сари мӯй осебе расад, метавонад оламеро зеру забар гардонад:

*Сулҳ як мӯ агар ба ҷанг расад,*
*Шишаи оламе ба санг расад.*

Саъдии бузург садо баланд мекард, ки аз хирад кор бигиред ва сулҳу оштиро авлотар бидонед, ки оқибати ҷанг танҳо ҳалокату харобиву қашшоқию нодорист:

*Ҳаме то板 бароя д ба тадбир кор,*
*Мадорои душман беҳ аз корзор.*

Хоҷа Ҳофиз бо каломи осмонияш ҷавҳари поки муруввату мадороро дар дилу тафаккури одамизодагон ҷойгузин месохт:

*Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:*
*Бо дӯстон муруввват, бо душманон мадоро.*

Ҳамин тариқ, бузургону хирадмандон ва озодмардони миллати мо дар бадали ҳазор сол ҷавҳари фарҳанги сулҳу мадороро дар дилу фикру зикри мардуми мо ҷо дода, онро ба як халқи озодманиш, сулҳпарвар, дӯстнавоз, меҳрофарин, одилу адолатпеша ва фарҳангпарвар табдил доданд, ки он ба ҷангу хунрезиву бедодгарӣ нафрат мепарварад ва ҳеҷ гоҳ бар зидди халқе ё кишваре шамшер накашидааст. Ҳамин тариқ, ҳукумати қонунӣ ва намояндагони дурандеши он ба фарҳанги безаволи таҳаммулгароӣ такя намуда ва гӯш ба панду андарзи бузургон дода, бо мухолифин ба музокирот нишастанд.

Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ба хотири дасти дӯстӣ ва оштӣ дароз намудан бо роҳбарони иттиҳоди мухолифин ба Афғонистон сафар намуд. Ин сафар дар ҳолате доир гашта буд, ки Афғонистон дар оташи ҷанг месӯхт ва шаҳри Кобул пайваста мавриди гулӯлаборон қарор мегирифт.

Эмомалӣ Раҳмон ошкоро рӯ ба роҳбари иттиҳоди мухолифин оварда, ба ин мазмун гуфт:

«Ватани мо Тоҷикистон дар дуроҳаи ҳастӣ ва нестӣ қарор дорад. Агар мо ба мусолиҳаи миллӣ нарасем, агар оташи ҷангро хомуш насозем, фирориёнро барнагардонем, сулҳу ваҳдатро пойдор накунем, миллату ватан моро намебахшанд ва ба нафрати наслҳои оянда дучор мегардем.» Ин сухани ошкорову ҷасурона мухолифинро ба андеша водор кард ва роҳро барои музокироти оянда боз намуд. Сафари Афғонистон дар густариши ҳамдигарфаҳмӣ ва оштии миллӣ қадами муҳиме гардид.

Сардори давлат инчунин бо суханони басо самимӣ, саршор аз муҳаббат ва эҳсоси башардӯстӣ ба фирориёни иҷбории тоҷик, ки дар хоки Афғонистон ва кишварҳои дигар ба сар мебурданд, муроҷиат намуда, онҳоро барои ҳарчӣ зудтар баргаштан ба ватан даъват намуд. Мо, - мегуфт роҳбари давлат, ба шумо ҳамватанони азиз кӯҳи тилло ваъда намекунем. Мо чун солҳои пешин як пиёла оби диёрамонро, як пора нони ҳалоли хешро бо ҳам мебинем. Дарду доғи беватанӣ дарди ҷонкоҳ ва дармоннопазир буда, то ба мағзи устухон мерасад. Бинобар он ман аз шумо даъват менамоям, ки тезтар ба ватан баргардед. Шуморо хонаву даратон, боғу бӯстонатон, хешу ақрабоятон интизоранд. Баргардед, ки ватан бо чашми чор мунтазири шумост. Ҳамин тариқ, музокирот бо мухолифин оғоз шуд ва он яке аз мушкилтарин ва тӯлонитарин гуфтушунидҳо буда, бо шадидтарин андешаҳо ва мавқеъҳои тарафҳо ҷараён мегирифт.

Музокирот ба таври умум зиёда аз 40 моҳ идома ёфт ва дар ин муддати тӯлонӣ 21 маротиба бо иттиҳоди мухолифини мулоқот анҷом гирифт ва 40 санаде ба имзо расид, ки барои миллату ватан нақши тақдирсоз доштанд. Аз мӯҳтавои ин санадҳои таърихӣ ин садоҳо баланд мешуданд:

«Мо ҳама, сарфи назар аз пиндору ақидаҳоямон, фарзандони як модар, як миллат, як давлат ва як сарзамин ҳастем, ки номаш Тоҷикистон аст. Модар яктост ва Тоҷикистон

ҳам яктост. Дар дилҳои мо нангу номуси ватандорӣ ҷӯш мезанад ва мо омода ҳастем ба хотири саодати имрӯзу фардои Ватан ҳастии худро ба гарав монем. Мо бо дилу имони пок муҳаббату садоқати худро ба ватанамон, ки бароямон беҳад азиз аст, изҳор дошта, гарду чангро аз чеҳраи ғамзадааш пок месозем, ба ҷароҳатҳои хуншораш марҳам мешавем ва ҳаргиз намегузорем, ки бори дигар ашк резад. Мо бо тамоми ҳастӣ омодаем, ки ватани ягонаамон Тоҷикистонро ба роҳи ваҳдату шукуфоӣ, дӯстиву бародарӣ, сулҳу субот, пешрафту тараққиёт раҳнамоӣ кунем».

Ниҳоят, рӯзи 27 июни соли 1997 Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба иҷро расид ва аз файзу баракати он насими анбарафшони баҳорӣ ба рӯи Тоҷикистон вазид. Пайки Сулҳи тоҷикон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар арсаи олам танин андохт, мавриди истиқболи гарми ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт ва боиси фахру сарафрозии миллати тоҷик гардид.

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «қадру манзалати санади сулҳи мо баробар бо Эъломияи истиқлолияти мост. Агар яке барои мо мустақилият оварда бошад, дигаре дар сарзамини азиятдидаи мо сулҳу субот ва ваҳдати миллиро армуғон овард. Созишномаи сулҳи миёни тоҷикон дар обу хоки ин сарзамини ҷафокашида сабзидаву қомат барафрохтааст. Сулҳи ба даст овардаи мо дар таҷрибаи давлатдории кишварҳои Шарқу Ғарб бо ҷанбаҳои хосаш ҳамто надорад. Созишномаи Сулҳ барои сарзамини аҷдодии мо суботу оромии воқеиро таъмин кард, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки онро ҳар фарди покдилу некхоҳи мамлакат дер боз интизор буд.»

Созмони милали Муттаҳид бо ризоятмандӣ таъкид намуд: «Тоҷикон созишномаи сулҳро дар паси сангарҳо

тарҳрезӣ кардаанд. Арзиши сулҳи миёни тоҷикон беназир аст. Вай дар роҳи пойдории сулҳи сартосарии ҷаҳон намунаи дурахшони ибрат аст».

Ваҳдати миллӣ, ки дар партави Созишномаи сулҳ ба даст омад, рамзи тантанаи ақлу хиради миллати тоҷик, самараи ҳамдигарфаҳмӣ ва саъю талоши ҳамагонӣ дар роҳи пойдории сулҳу субот ва якпорчагии кишвар гардид.

Бояд зикр намоем, ки мафҳумҳои истиқлолият ва ваҳдат ягонаанд, яке дигареро комилтар мегардонад ва чун гӯшту нохун ба ҳам пайванданд. Ваҳдати миллии ба даст омада пояҳои истиқлолияти давлати ҷавони Тоҷикистонро пойдору устувор гардонид.

Агар мафҳуму маънои калимаи «Истиқлолият» мустақиливу соҳибихтиёрӣ, озод будан аз мудохилаи беруна ва ба дасти хеш гирифтани сарнавишти кишвар бошад, пас вожаи «ваҳдат» баёнгари ягонагиву якпорчагӣ, яктаниву як ҷон будан, муттаҳидӣ, ҳамдилию ҳамбастагӣ, меҳрубонию ғамгусорӣ, ҳамсадоӣ, дӯстиву дастфишорӣ мебошад. Ин ду мафҳум ду ҷон дар як пайкаранд ва таҷассумгари озодиву мустақилият, сарбаландиву саодатмандии мардуманд. Аслан омезиши истиқлолияту ваҳдати комил рамзи тавоноиву шикастнопазирии халқу давлатманд.

Созишномаи сулҳ шароити мусоид фароҳам овард ва беш аз як миллион фирориёни тоҷик амсоли паррандагони муҳоҷир болупаравшон ба сӯи Тоҷикистон, ба сӯи маъвои дили худ ба парвоз омаданд. Лаҳзаҳои ба хоки ватан қадами нахустин гузоштани онҳо басо мутаассиркунанда буда, дилҳоро ба дард меовард. Онҳо ба сӯи замини ватан саҷда меоварданд, онро мебӯсиданд, чангу хокашро ба дидаҳо мемолиданд.

Гӯё онҳо бо забони устод Мирзо Турсунзода садои дили худро ба Ватани ба ҷон баробарашон изҳор медоштанд:

*Чун ниҳодам пои худро бар сари хоки Ватан,*
*Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.*

*Муддате будам агарчи дур, аммо ёди он,*
*Мевазонидам ба сар боди фараҳноки Ватан.*
*Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ,*
*Боз менӯшам ман об аз чашмаи пурҷӯши ӯ.*

Тоҷикистон дар ҷаҳон ягона кишварест, ки фирориёни иҷбории худро беш аз як миллион сарҷамъона ба ватан баргардонид. Ин як падидаи басо нодирест. Ҳол он ки миллионҳо миллион шаҳрвандони кишварҳои мухталиф дар ақсои олам паҳну парешонанд ва ҳеҷ як давлате дар суроғи онҳо нест.

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ, на танҳо сокинони кишварро якдилу якмаром, балки решапайвандии онҳоро бо тоҷикони ҷаҳон, ки теъдодашон аз 40 миллион нафар бештар аст, қавитар гардонид ва густариш бахшид. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар аснои сафарҳои худ ба кишварҳои Шарқу Ғарб имкон пайдо карда, бо тоҷикони муқими он сарзаминҳо ва бо донишҷӯёни тоҷик, ки бо теъдоди беш аз панҷ ҳазор нафар дар хориҷи кишвар машғули таҳсиланд, суҳбату мулоқотҳо барпо мекунад. Чунин анҷуманҳои дӯстӣ ва саршор аз меҳру самимият ишқи ватани аҷдодиро дар дили тоҷикони ҷаҳон шуълавар сохта ва бо ҳазорон риштаҳои дӯстӣ онҳоро бо Тоҷикистон пайванди руҳӣ ва маънавӣ мебахшад. Чанд соле қабл чунин мулоқот бо тоҷикони Арабистони Саъудӣ баргузор гашта буд. Аз файзи чунин як суҳбати дӯстонаву самимона чеҳраи мӯйсафедони тоҷик, ки ин диёрро макони зисти худ қарор додаанд, гул – гул мешукуфт ва онҳо бо забони фасеҳи тоҷикӣ бо сарвари давлати Тоҷикистон сухан мегуфтанд ва дар дидаи баъзе аз онҳо ашки шодӣ ҳалқа мезад.

Яке аз пирамардон ба Президент рӯ оварда, мегуфт: «Ман умри зиёд дидаам ва бори аввал мебинам, ки сарвари давлати тоҷикон ба суроғи ҳамватанони ғарибi худ меояд. Мо эҳсос кардем, ки сарвару давлати ғамхор доштаем, ит-

минон пайдо кардем, ки ватани аҷдодиамон моро фаромӯш накардааст ва ба суроғи мо омадааст. Дилҳои мо ҳамеша ба ёди ватан гум мезад, мулоқоти имрӯза андаке хумори моро шикаст ва меҳри ватанро аз нав дар дилҳои мо шуълавар сохт».

Ширкати намояндагони тоҷикони ҷаҳон ва ҳамзабонони бурунмарзии мо дар анҷуманҳо ва тантанаҳое, ки дар Тоҷикистон доир мегарданд, ваҳдату ҳамдилиро тақвият бахшида, моро бо якдигар наздиктару қаринтар мегардонанд. Аз ҷумла, ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз, ки соли 2016 дар Тоҷикистон доир гардид, ваҳдати ҳамдилию ҳамзабонӣ ва фарҳангии моро як зина боло бурд. Ҷашни байналмилалии Наврӯз, ки аз рӯи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид онро беш аз 300 миллион сокинони сайёра таҷлил менамоянд, пайванди фарҳангию маънавии як қитъаи бузурги оламро тақвият бахшида, ваҳдатро миёни онон пойдор мегардонад. Ҷашни фархундаи Наврӯз дар миёни халқҳо ҳамчун ойини мадоро хеле маъруфу арҷманд буда, мардумонро водор месозад, ки бо якдигар муомилаи нек бикунанд, бо дилхушию меҳру муҳаббат сухан гӯянд, бо ҳам созиш карда, ҳама дилсардиҳоро аз замири худ дур андозанд.

Инчунин арҷгузорӣ ба забони давлатӣ ва равнақи минбаъдаи он пояҳои истиқлолият ва ваҳдати миллиро нерумандтар гардонида, ба онҳо руҳу равони тоза бахшид. Маҳз тавасути ин забон андешаву ормонҳои олии истиқлолият ва ваҳдати миллӣ дар дилҳои мардум ҷойгузин мегардад. Ҳамин забон буд, ки дар ҳама давру замон баҳри ҳастӣ ва бақои миллати мо нақши тақдирсоз бозидааст. Ба андешаи Президенти кишвар «Забон ҳанӯз дар набардҳои таърих яке аз арсаҳои муборизаи истиқлолхоҳию ватанпарастӣ будааст. Забони мо баёнгари сарнавишти таърихии халқи тоҷик буда, бо озодиву истиқлоли ватани мо пайванди азалӣ до-

рад. Забони мо, ки забони шеъру ҳикмат ва фарҳанги олист, борҳо миллати моро аз нобудӣ наҷот додааст. Ҳар гоҳ ватани мо озоду мустақил будааст, забони мо ҳам шукуфо ва истиқлол доштааст. Имрӯз давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро беш аз сад давлати ҷаҳон ба расмият шинохтаанд. Ин маънои онро дорад, ки ҷаҳон забони давлатии моро низ ҳамроҳ бо давлатдории мо бо расмият шинохтааст.».

Тоҷикистон имрӯз чун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ба обрӯву эътибори баланд соҳиб гардида, дар тамоми самтҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ба комёбиҳо ноил мегардад. Бояд гуфт, ки пас аз барқарор намудани рукнҳои харобгардидаи давлатдорӣ ва хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ асосан аз ибтидои солҳои дуҳазорум сар карда, ҷумҳурӣ ба марҳилаи бунёдкориву созандагӣ ворид гардид. Пешрафтҳои дар ин муддати хеле кӯтоҳ ба даст омада на танҳо боиси ифтихори тоҷикон аст, балки дар миқёси ҷаҳон эътироф гардидааст.

Ҳукумат бо мақсади рушди кишвар се ҳадафи стратегии миллӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбастӣ коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқавориро ба миён гузошт, ки онҳо дар партави ваҳдати миллӣ марҳила ба марҳила ба ҳаёт татбиқ гардида, симои Тоҷикистонро ба куллӣ дигаргун месозанд. Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ, ки дар охири декабри соли 2016 сурат гирифта буд, бо ифтихору қаноатмандӣ аз комёбиҳои даврони истиқлол ва ваҳдати миллӣ ёд намуд, ки мо аз он чанд намунаеро ин ҷо зикр менамоем.

Дар даврони истиқлоли ҷумҳурӣ барои рушди соҳаи энергетика, саноат, сохтмон, маорифу тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ 88 миллиард сомонӣ ба масраф расидааст. Беш аз ду ҳазор километр роҳи мошингард, 190 километр роҳи оҳан, зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингард бо маблағи умумии ёздаҳ миллиарду 400 миллион сомонӣ

мавриди истифода қарор дода шуданд. Ин ҳама иқдомҳои бунёдкориву эҳёгарӣ самараи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ мебошанд, ки симои Тоҷикистонро ба куллӣ дигаргун сохта, чеҳраи дурахшонашро дар назари оламиён беш аз пеш ҷилвагар месозанд.

Аз аввалин солҳои истиқлолият, хусусан пас аз ба имзо расидани Созишномаи Сулҳ мактабу маориф ҳамчун меҳвари асосии рушди кишвар пазируфта шуд. Нависанда ва мутафаккири бузург Лев Толстой иброз дошта, ки барои рушди ҷомеа, бедории фикрӣ ва болоравии маънавиёти тӯдаҳои мардум се омил чун обу ҳаво заруранд. Ин омилҳо «маориф, маориф ва боз ҳам маорифанд». Воқеан, маориф чароғи ҳамешафурӯзони ҳар як хонадон ва кулли ҷомеаи башар мебошад.

Бо дарки ин ҳақиқат маориф дар Тоҷикистон чун соҳаи стратегии ҷомеа эътироф гардидааст. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ду ҳазору 500 мактаб ва беш аз ҳазор шабакаи тандурустӣ бунёд ва азнавсозӣ гардиданд. Танҳо соли 2016 беш аз 200 бинои таълимӣ ба маблағи 540 миллион сомонӣ бунёд ва бозсозӣ шуда, барои 39 ҳазор хонандагон ҷои нави нишаст муҳайё гардид. Дар 25 соли истиқлолият теъдоди мактабҳои олӣ аз сездаҳ то ба зиёда аз 40 адад афзуд. Дар тамоми вилоятҳо ва дар чандин шаҳрҳои мамлакат донишкадаҳои нав қомат барафрохта, ҳазорон ҳазор ҷавононро ба оғӯш гирифтаанд. Масалан, танҳо дар вилояти Хатлон шаш донишкадаи таҳсилоти олӣ амал намуда, ба 28 ҳазор нафар донишҷӯён аз рӯи 212 ихтисос таълим дода мешавад.

Дар партави истиқлолият ва ваҳдати миллӣ Тоҷикистон бо қадамҳои устувор пеш рафта, қуллаҳои нав ба нави тараққиётро фатҳ менамояд. Ҳоло дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт 70 лоиҳа дар ҳаҷми 22 миллиард сомонӣ ба ҳаёт татбиқ мегардад. Инчунин, дар соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёт 19 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба иҷро хоҳад расид.

Дар неругоҳи барқӣ – обии Роғун, ки ифтихори Тоҷикистон аст, бунёдкорӣ бо суръати баланд идома дорад. Аз аввали корҳои барқарорсозии Роғун то кунун 12 миллиард сомонӣ, аз ҷумла соли 2016 ду миллиарду 800 миллион сомонӣ маблағ сарф гардидааст. Тибқи нақша аввалин агрегати неругоҳи Роғун охири соли 2018 ба тавлиди барқ оғоз менамояд. Роғун машъали дурахшони имрӯзу фардои Тоҷикистон аст, ки моро сӯи ояндаи дурахшон ва пурнур ҳидоят менамояд. Адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик рушд намуда, ба нерӯи ваҳдатофаринӣ табдил ёфтаанд. Аҳли фарҳанги тоҷик дар солҳои истиқлолият дар саҳнаҳои беш аз 50 мамлакати Шарқу Ғарб маҳорати баланди хешро намоиш дода, миллионҳо мардумони ин кишварҳоро бо санъати миллии мо ошно намуда, меҳри Тоҷикистонро дар дили онҳо ҷойгузин кардаанд. Баландии қасрҳову коххои фарҳанг, ки дар саросари Тоҷикистон бунёд мегарданд, рамзи баландии дилҳо ва баландии маърифати мардуми тамаддунпарвари тоҷик мебошад.

Тадбирҳо ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба миён гузошта мешаванд, боиси боз ҳам таҳким ёфтани ваҳдат ва обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон мегарданд. Аз ҷумла, пешниҳоди оид ба даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор» дар созмони Милали Муттаҳид аз ҷониби беш аз 190 кишвари ҷаҳон мавриди ҷонибдории гарм қарор гирифт. Ин чаҳорумин пешниҳоди Тоҷикистон оид ба масоили об чун манбаи ҳаёт ва рушди сайёраи мо мебошад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф ва қадрдонӣ гардидааст. Дарёҳои Тоҷикистон, ки дорои 527 миллиард киловатт – соат нерӯи барқ мебошанд, метавонанд ба инсоният нафъи фаровоне расонанд.

Эълон шудани соли 2017 чун соли ҷавонон яке аз иқдомҳои бисёр муҳим ва саривақтист, ки боовариву эъти-

моди ҷавононро ба дастовардҳои истиқлолият ва ваҳдати халқи мо қавитар мегардонад. Ин иқдом робита ва пайванди ҷавонони даврони истиқлолро бо насли калонсоли мамлакат вусъат бахшида, боиси таҳкими нави наслҳо ва ваҳдати миёни онҳо мегардад. Соли ҷавонон нерӯи бунёдкоронаи онҳоро ба маҷрои нав ворид намуда, муҳаббат ва садоқаташонро ба ормонҳои волои истиқлолият ва ваҳдат дучанд мегардонад.

Дар партави ваҳдати миллӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон сол аз сол рушд меёбад ва дар байни қишрҳои ҷомеа қавитар мегардад. Ҳоло дар мамлакат ҳафт ҳизби сиёсӣ ва қариб дую ним ҳазор созмони ҷамъиятӣ амал менамояд, ки ба хотири пешрафти ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат ва таҳкими ваҳдати миллӣ ҷидду ҷаҳд менамоянд. Истиқлолият, ваҳдати комил ва сулҳу суботи пойдор ба Тоҷикистон болу пари нав бахшида, онро ба парвозҳои баланд ҳидоят менамоянд. Имрӯз Тоҷикистонро ҳазорон риштаҳои дӯсти бо кишварҳои олам мепайвандад ва сиёсати дарҳои кушода имкон фароҳам оварда, ки дӯстиву ҳамкории мо бо кулли кишварҳои олам пайваста равнақ ёбад. Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқею мақоми хоси худро пайдо намуда, аз мартабаву эътибори баланд бархурдор аст. Дӯстон ва ҳаводорони Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон беҳисобанд ва пайваста меафзоянд. Дилҳои мо, дару дарвозаҳои ватани мо ба рӯи дӯстони воқеӣ ҳамеша боз аст:

*Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,*
*Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун!*
*Дӯст ояд гарм дар огӯш гир,*
*Расми хуби тоҷиконро гум макун!*

**(М. Турсунзода)**

Ваҳдати миллии мо, ки бо саъю талошҳои зиёд ва азму иродаи матини халқамон ба даст омадааст, ба нерӯи наҷот-

бахши миллат ва кишвар табдил ёфт ва самараҳои дурахшон ба бор овард. Истиқлолият ва ваҳдат сароғози давлатдории навини мо, сарчашмаи худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва муттаҳидиву якпорчагии миллати куҳанбунёди тоҷик гардиданд. Аз файзи ваҳдат якдиливу якмаромии кулли мардуми тоҷик ба ҳақиқат табдил ёфт.

Истиқлолият ва ваҳдати комил шоҳсутунҳои тиллоие ҳастанд, ки бинои мӯҳташани давлат бар дӯши онҳо пойдору устувор аст. Танҳо дар сурати пойдории ваҳдати воқеӣ истиқлолияти давлатӣ нерӯманду тавоно гардида, ба умқи ҳаёти таърих ва ҷомеа реша давонда, аз ҳамгуна боду тӯфонҳо ва газанди рӯзгорон эмин мемонад. Имрӯз ҷавҳари ваҳдат ва истиқлолият дар дили ҳар як сокини Тоҷикистон ҷойгузин гашта ва ба қаъри таърих реша давонда, бо ормонҳои волои давлати Сомониён, ки ифтихори миллии мост, пайванди маънавӣ пайдо кардааст. Хуршеди истиқлолият, ваҳдати миллӣ, дӯстиву рафоқат, меҳру садоқат ва сулҳу суботи пойдор рӯзону шабон бар фарози Тоҷикистон партавафшонӣ карда, роҳи сарзамини биҳиштосои моро ба сӯи қуллаи мурод ва фатҳу зафарҳои нав мунаввар мегардонад.

*Душанбе, августи с. 2017*
*Мақола дар ҳаммуаллифӣ бо публисист*
**Раҷабалӣ Қудратов** *навишта шудааст*

***Ба истиқболи 25-солагии Иҷлосияи***
***таърихии 16-уми Шӯрои Олии***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ХУДО ОН МИЛЛАТЕРО САРВАРӢ ДОД...

**Мусаллам аст, ки таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баргузории Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Ва ин таърихи**

**миллат ва халқи кишвар бо ному фаъолияти пурсамари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад.**

Мо ба он хотир ба ин Иҷлосияи тақдирсоз арҷгузорӣ мекунем, ки бо шарофати он на танҳо ба ҷанги таҳмилии дохилӣ хотима бахшида, сохти фалаҷгаштаи конститутсиониро барқарор намудем, балки ҷиҳати эҷоди механизми одилонаи гуфтушуниди сулҳ ва имзои Санади истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишварамон муваффақ ҳам гаштем.

Таъкид намудан зарур аст, ки роҳи сулҳу оштӣ осону ҳамвор набуд, зеро на ҳамаи ҷонибҳо барои сари мизи музокирот нишастан омода буданд. Бинобар ин дар бораи он солҳо аз мавқеи имрӯза сухан гуфтан осон менамояд. Он вақт ҳар рӯз як хабари нав, як рӯйдоди фоҷианоку даҳшатбор, кушторҳои мармузи ходимони давлатию нобиғаҳои касбу кори мухталиф, талошҳои ғасби шаҳру навоҳии мамлакат ва нофармонии баъзе қумондонҳоро мешунидем, ки ин ҳолат воқеан ҳам барои мардуми мо воҳиманок ва ташвишовар буд.

Яқин, халқу миллати тоҷик дар ҳоли паркандашавӣ қарор дошт. Тамомияти арзии сарзамини тоҷикон, ин Ватани азизу муқаддаси мо зери хатар буд. Хушбахтона, бо иродаи матину тамаддуни баланди мардуми шарифу сарфарози тоҷик пеши роҳи парокандашавӣ гирифта шуд. Бо даъват шудани Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии мардуми Тоҷикистон марҳилаи нави пешгирии нобасомониҳо оғоз ёфт. Зимнан, дастоварди муҳиму тақдирсози Иҷлосия ҳамин буд, ки вакили мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

ба сифати Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид.

Ба навиштаи бархе аз таърихнигорони дохилу хориҷи кишвар Эмомалӣ Раҳмон воқеан ҳам бозёфти ҳамин Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин раҳми Худованд буд, ки маҳз ҳамин шахс барои ором сохтани вазъи муташанниҷ ба зуҳур омад. Бо вуҷуди муддате идома ёфтани ҷангу ҷидоли миёни тоҷикон иродаи матин ва қатъияти ҳамин шахсият буд, ки дар ниҳоят халқу Ватани азизи мо аз гирудори воқеаҳои нангину вазнини нобасомониҳо, нафрату бадбиниҳо ва ҳамдигарнофаҳмиҳо наҷот дода шуд. Бо эътимоди комил гуфта метавонам, ки ягон фарди дигар аз уҳдаи чунин рисолат баромада наметавонист.

Барои қиёс, бигирем, Афғонистони ҳамсоя ё дигар мамолики ҷангзадаи дунёро, ки чандин солҳо авзои пурташаннуҷи кишварҳояшонро ба ифоқа оварда наметавонанд. Дар ин давлатҳо бисёр абарқудратҳо мудохилаи низомӣ ҳам карданд, аммо вазъро ором ва сулҳу суботро таъмин карда натавонистанд. Сабабаш ҳамин буд, ки ин миллату халқҳо ва кишварҳо пешвои қотеъ ва ғаюру фидоӣ надоранд. Ин миллати тоҷик буд, ки Пешвоеро чун Эмомалӣ Раҳмон Худованд барояш эҳдо намуд.

Ба қавли шоир Муҳаммад Иқбол:

*Худо он миллатеро сарварӣ дод,*
*Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.*
*Ба он миллат сару коре надорад,*
*Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.*

Дар дунё шахсиятҳое ҳастанд, ки дар умури давлатдорӣ метавонанд нақши таърихӣ дошта бошанд. Онҳо бо маҳорату истеъдоди роҳбарӣ, маҳбубияти дар миёни мардум доштаашон қудрате доранд, ки халқро сарҷамъ намоянд ва ба масири созандагӣ ҳидоят намоянд. Пешвои

миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамин гуна хислатҳои наҷибашон на танҳо ҷангу хунрезии миёни намояндагони як миллатро хомӯш кард ва равандҳои марказгурезиву минтақагароиро баҳам зад, балки давлати дар варта қарор доштаро ба маънои томаш наҷот бахшид.

Маҳз дар Иҷлосияи 16-ум Сарвари давлат ҳамоно баъди интихоб шуданашон аз мардуми саросари кишвар даъват ба амал оварданд, ки дар атрофи ғояи «Тоҷикистони соҳибихтиёр - Ватани маҳбубу ягонаи мо» ба ҳам омада, муттаҳиду якдилу яктан шаванд. Хушбахтона, тамоми сокинони мамлакат ин даъватро сарҷамъона пазируфтанд ва барои барқарории сохторҳои қонунии кишвар камар бастанд. Аз ҳамин давра марҳилаи нави ба эътидол овардани вазъи сиёсию иҷтимоӣ оғоз ёфт. Бинобар ин, мардуми мамлакат Иҷлосияи мазкурро тақдирсозу ҳалкунанда унвон кард.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон воқеан ҳам рӯйдоди таърихӣ маҳсуб меёбад, зеро маҳз дар ҳамин иҷлосия тақдири ояндаи давлати миллии тоҷикон тарҳрезӣ гардид ва ба сӯйи ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ - сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ аввалин қадамҳо гузошта шуд. Дар бораи нақши муҳими Иҷлосияи XVI воқеанигорон ва таърихнависон фикру ақидаҳояшонро аллакай баён доштаанд. Мардум ба аҳамияти тақдирсози он арҷ мегузоранд ва заҳмати бузургу талошҳои вакилони ҳамонвақтаро барои оромию субот қадрдонӣ менамоянд.

Маҳз дар ҳамин Иҷлосия рамзҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон - Парчам ва Нишони давлатӣ қабул ва тасдиқ шуд, ки ин аз эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии ҳар як фарди бонангу номус дар ҳамон давраи муташанниҷ дарак медод. Ҳарчанд, ки мо дар шароити истиқлолият зиндагӣ доштем, мутобиқи Конститутсияи замони шӯравӣ фаъолият мекардем.

Дар ҳамин замина ба эҷоди сохти нави давлату давлатдорӣ, эъмори ҷомеаи тозаистиқлол ибтидо гузошта шуд. Дар ҳамин ҷо бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ ва муқаддаси ҷомеаи Тоҷикистон қарор гирифт. Бо мурури замон дар заминаи меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ба ислоҳоти демократии ҳаёти давлату ҷомеа шуруъ намуда, пай дар пай ба созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ аъзо шудем.

Шароити мусоид ба вуҷуд омад, ки сохти давлатдориамонро такмил диҳем, қонунҳои нав таҳия намоем ва ба санадҳои қонунгузорӣ тағйироту иловаҳо ворид кунем. Дар заминаи суҳбату мулоқотҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мардум чандин пешниҳодҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба назар гирифта шуд, ки дар ниҳоят Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро мавриди баррасӣ ва тасвиб қарор дод. Қонуни мазкур воқеан ҳам аз ҷониби мардум ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт ва дар ҷомеа як таҳаввулот ё ки инқилоби фарҳангию маънавиро ба вуҷуд овард.

Дар доираи Соли ҷавонон, ки аз ҷониби Президенти кишвар эълон гардид, насли ҷавон боз ҳам бештар ташаббусу иқдомҳои созандаро амалӣ намуда, дар амри бунёдкории Ватан саҳми муносиб гузошта истодаанд. Дар ин замина тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои волои таърихиву фарҳангӣ, аз вазифаҳои муҳиму аввалиндараҷаи ҳамаи сохторҳо, аз ҷумла рисолати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд. Таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ дар замони ҷаҳонишавии манфиатҳо, ки баробари падидаҳои нек зуҳури ҳаракату гурӯҳҳои тахрибкорро низ дар пай дорад, бояд аз мадди назар дур набошад.

Ҷавонон бояд донанд, ки бунёди ҷомеаи озод, ки ба-

рои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад, аз талаботи воқеияти имрӯза мебошад. Ҷомеае, ки ҳар фарди он худро озод ҳис менамояд, дар айни замон метавонад, ки тамоми нерӯи зеҳнӣ, ақлонӣ ва ҷисмониро барои пешрафти хеш ва дар маҷмуъ барои рушди ҷомеа истифода намояд.

Он ҳадафи бузурге, ки мо дар назди худ гузоштаем, яъне ба сатҳи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон баровардани давлати тоҷикон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки ҷавонони мо то чӣ андоза барои азхудкунии дастовардҳои илму техника, омӯхтани забонҳо, арзишҳои нави башарият кӯшишу ғайрат нишон медиҳанд.

Ҳар миллат бояд тақдирашро ба дасти худаш нависад, на ба дасти дигарон. Ба ёд овардани чунин ҳодисаҳо ба он хотир лозим аст, ки мо тавонем воқеияти таърихиро бо ҳама бурду бохт, бо паҳлӯҳои мусбату манфӣ ва омилҳои объективию субъективии он арзёбӣ намуда, ба дасисабозии пасипардагии душманони миллати тоҷик фирефта нашавем.

Зеро дар раванди ташаккулёбии худшиносии миллӣ маърифат ва огоҳии сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ ва зиракии сиёсӣ шарти муҳимтарин аст. Пӯшида нест, ки яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандии мо паст рафтани маънавиёт дар миёни баъзе табақаҳо ва кунд шудани хотираи таърихӣ буд. Ба ибораи дигар, дар ҷараёни густариши худшиносии миллӣ ифтихор кардан аз таъриху тамаддуни гузашта, ниёгони бофарҳанг ва арзишҳои фарҳанги миллӣ басанда нест.

Бинобар ин ҳамоно баъди Иҷлосияи таърихии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ бо ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амри давлатсозиамон корро аз гузоштани заминаи ибтидоӣ ва асосҳои ғоявии сулҳи миёни тоҷикон, консепсияи сиёсати оштии миллӣ оғоз кардем, ки тадбирҳои нигоҳ доштани якпорчагию тақсимнопазирии марзҳои Тоҷикистон, пуштибонии истиқлолияти миллӣ ва рукнҳои

давлатдории ягона ҳадафҳои бунёдӣ ба шумор мерафтанд.

Ҳукумати Тоҷикистон баъди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъсис додани артиши миллӣ, кувваҳои сарҳадӣ ва амнияту милитсия оғоз намуд, то ки ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистон, пурзӯр карда шуда, амнияти давлатӣ таъмин ва дастовардҳои истиқлолият ҳимоя ва афзун гардонда шавад. Ваҳдати миллӣ дар тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун омили муттаҳидсозандаи миллати тоҷик имкон фароҳам овард, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлол заминаи мусоид муҳайё гардад.

Мо имрӯз метавонем бо ифтихор изҳор намоем, ки истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дастоварди бузургтарин ва воқеан таърихии тоҷикон мебошад, ки маҳз дар натиҷаи ҳамбастагии мардуми кишвар ва азму талоши фарзандони содиқи халқамон муяссар гардид.

Муҳимтар аз ҳама, ба шарофати ҳамин сулҳу субот ва хиради азалии халқамон ба мо муяссар гардид, ки хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гаштани миллати куҳанбунёдамонро пешгирӣ намоем. Дар замони ниҳоят пуртазоди соҳибистиқлолӣ нақши созандаи сулҳу ваҳдат, пеш аз ҳама, дар амри таҳким ва такмили рукнҳои давлатдорӣ, ки заминаҳои зарурии ҳифзи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро амалан таъмин мекунад, равшантар зоҳир гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки саъю талоши мардум аз эҳтирому риояи ҳамешагии он башорат медиҳад, ҳамчун асоси таҳкими ваҳдати миллӣ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандонро, сарфи назар аз

ҷинс, нажод, эътиқоди динӣ ва мавқеи сиёсӣ кафолат дода, меъёрҳои он барои эҳтироми байниҳамдигарии тамоми аъзои ҷомеаи мо заминаи боэътимод гузошта истодааст.

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон ҳамеша иттиҳоду ягонагии аҳли ҷомеа ва фалсафаи таҳаммулгароиро тарғибу ташвиқ намуда, бо намояндагони дигар халқу миллатҳо, дину оин ва фарҳангҳо муносибати некбинона доштаанд. Чанд ҳазор сол пеш қабул гардидани аввалин Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки то имрӯз моҳияти худро гум накардааст, далели равшани фалсафаи таҳаммулгароии ниёгони мо ва эътирофи ваҳдати миёни халқу миллатҳо ва дину мазҳабҳо аз ҷониби онҳо мебошад.

Ҳамчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла аҳзоби сиёсӣ, ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ ва васоити ахбори омма бо дарки масъулият дар назди халқу Ватан дар ҷодаи таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсии мамлакат ибтикори ҳамешагӣ нишон медиҳанд. Ҳама гуна ҳизбу ҳаракат ва созмонҳои иҷтимоӣ бояд манофеи ҳизбию гуруҳиро аз манфиатҳои умумимиллӣ боло нагузоранд, балки барои обрӯи халқу миллат талош варзанд.

Дар ҳар гуна ҷомеа ва ё давлати демократӣ бояд мухолифати солим ё ки аҳзоби тибқи муқаррароти Конститутсия фаъолиятдошта мавҷуд бошад. Мо ҷонибдори мухолифат ва ё оппозитсияи солим мебошем. Оппозитсия барои он зарур аст, ки дар баробари ҳукумат қарор гирифта, камбудиҳоро ошкор намояд, камбудиҳоро рӯйрост гӯяд. Барои ислоҳи онҳо талош намояд, монеа нашавад. Танҳо бо роҳи демократӣ, яъне бо воситаи ширкат варзидан дар интихоботҳо ҳадафу мақсадҳояшро амалӣ гардонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамоно баъди баргузории Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо барқарор шудани ҳоки-

мияти конститутсионӣ ба тамоми мардум, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо муроҷиат намуда, даъват карданд, ки ба эҳсосот дода нашаванд, Ватани худро танҳо худамон обод мекунем. Бинобар ин ба суханони душманони миллат фирефта нагарданд ва зархариди давлатҳои бегона набошанд. Табиист, ки мардуми ташнаи сулҳ ин даъватро пазируфт ва он ба таҳкими сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ мусоидати калон намуд.

Ба шарофати сулҳу субот ва ризоияти миллӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи қонун, дар ҳаёти ҷомеа ҷорӣ намудани гуногунандешии сиёсӣ имкон дод, ки интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ бо риояи ҳуқуқҳои баробари ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ сурат гирифт. Ва парламенти Тоҷикистон амалан мақоми олии қонунбароре гардид, ки дар он намояндагони ҳизбҳои сиёсии гуногун то имрӯз якҷоя фаъолият намуда, дар таҳия ва қабули қонунҳо ва барномаҳои муҳими давлатӣ ширкат карда истодаанд.

Бо ин васила корҳои бунёдӣ дар бобати фароҳамсозии заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ барои фаъолияти озодонаву пурсамари шохаҳои ҳокимият, инчунин фаъолияти озоди ҳар як шаҳрванд ба анҷом расонида шуд. Ҳоло вазифаи муқаддаси мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ғайридавлатӣ, аҳзоби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҳар як фарди Тоҷикистон бояд аз он иборат бошад, ки дар таъмини волоияти қонун ва риояи бечунучарои қонуният саҳмгузор бошанд.

Дастовардҳои давлату давлатдории тоҷикон дар тӯли солҳои истиқлолият қобили мулоҳизаанд. Вале дар маҷмӯъ ҳамаи ин дастовардҳо набояд моро қаноатманд созанд. Бо талошҳои зиёд ва амалӣ намудани тадбирҳои муассири ҳукумат сатҳи камбизоатӣ то ба 30 дарсад поён оварда шуд. Дар ин самт мақомот тадбирҳои иловагӣ андешида исто-

дааст. Бо ин мақсад «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2030»-ро таҳия гардидааст. Ин санади оддӣ нест, балки бо татбиқ шудани он бисёр проблемаҳои иқтисодию иҷтимоии мо роҳҳои ҳалли худро меёбанд. Барои амалӣ гаштани он ҳамаи сохторҳо, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ, ҳар кадом шаҳрванди Тоҷикистон бояд бо масъулият ва саҳмгузор бошанд.

Бо мардуми шарифи Тоҷикистон ҳамаи кору фаъолияти вобаста ба ободонию созандагиро анҷом додан имконпазир аст. Дар тӯли 25 соли баъди Иҷлосияи таърихӣ мо тавонистем, ки ҳама гуна пастию баландиҳо, буҳрону мушкилот ва ниёзмандиҳоро пушти сар намуда, Тоҷикистонро ба як кишвари орому осуда, орӣ аз нобасомонию ҷангу ҷидол ва фитнаю тавтеаҳо фазои сулҳу суботро таъмин гардид. Вобаста ба шароиту имкониятҳо сатҳи зиндагонӣ беҳтар гардид.

Нақшаҳо ва барномаҳои азимеро, ки ҳизби мо барои ояндаи наздик дар бобати таъмини истиқлолияти энергетикӣ, озуқаворӣ, фарҳангӣ, таҳкими маърифати сиёсию ҳуқуқӣ ва ғайра пешбинӣ намудааст, бояд қотеона амалӣ гардонем. Авзои пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза нишон медиҳад, ки андозаву миқёси хатарҳои бузурги умумибашарӣ қодир аст баъзе кишварҳои гирифтори нобасомониҳои дохилиро ба фазои ҷангу низоъҳои мухталифи идеологию динӣ, мунокишаҳои марзӣ, зиддиятҳои миллию нажодӣ кашонад. Дар ин маврид мо бояд ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем ва нисбати ҳама гуна тағйироту дигаргуниҳо бетафовут набошем, балки ба онҳо баҳои муносиб дода, дар фикру андешаи ободию созандагӣ бошем.

*Душанбе, ноябри соли 2017*

# ГУЛБОНГИ НАВРӮЗИ ОЛАМОРО

***Наврӯз бо обу хок, марзу бум ва рӯҳи тамаддунсози ниёгони мо пайванди азалӣ дошта, расму ойинҳои он рамзҳое доранд, ки аз замонҳои бостонӣ то имрӯз рӯзгори мардуми фарҳангиву ободгар ва инсондӯсту таҳаммулгарои моро ҳамроҳӣ мекунанд.***

**Эмомалӣ Раҳмон,**
*Душанбе 21.03.2017*

Аз авҷи фалак, аз қаъри коинот гулбонге бо савти хушу гуворо бар фарози сайёраи замин танин андохтааст. Ҳангоми қиёми офтоб ва рӯзи эътидоли баҳорӣ дар рӯзу соат, дақиқаву сонияи муайян ин гулбонги руҳафзо аз ошёни абадии хеш берун омада, аз омад – омади Наврӯз башорат медиҳад. Ва Наврӯз амсоли малаке аз гунбади нилгун ба дунёи хокии мо қадам ниҳода, ба ҷаҳони куҳан ҷавонӣ, зебоию таровват ва умри дубора мебахшад.

Гулбонги Наврӯз аз қаъри таърих, аз миёни амвоҷи насли башар, аз оғӯши шаш – ҳафт ҳазорсолаҳо баланд мешавад, ки дар он даврон ниёкони ориёии мо аз асрори коинот, аз ҳаракати сайёраҳо, аз гардиши Замин бар гирди меҳвари худ воқиф буда, фарорасии Наврӯзро интизор мешуданд.

Он ҳафт син ва ҳафт шин, ки рамзҳои Наврӯзанд, адади муқаддас ҳисоб ёфта, киноя аз ҳафт сайёра, ҳафт табақаи осмон, ҳафтдодарон, ҳафт дарё, ҳафт ганҷ ва ҳафт неъмат мебошанд.

Нозу неъматҳое, ки хони Наврӯзиро оро медиҳанд, дар миёни мардумоне, ки ба Наврӯз эҳтиром мегузоранд муштараканд ва ин гувоҳи он аст, ки Наврӯз аз азал ҷашни байналмилалӣ ба ҳисоб мерафт. Барои мардумони ҳавзаи Наврӯз нон – рамзи фаровонӣ, файзу баракат, об – боиси ҳастии ҳаёт, дилу нияти пок, суманак – тимсоли нозу неъмат, рӯзгори сабзу хуррам, ризқу рӯзии фаровон, шарбат – киноя аз суруру

шодмонӣ, ком ширин кардан, тухмҳои рангоранг – рамзи мавҷудот, олами ҳастӣ, аз ҷумла тухмаи инсон аст, ки сарфи назар аз рангҳои мухталиф аслашон якест ва ба андешаи Саъдии бузург «дар офариниш зи як гавҳаранд».

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷашни ҷаҳонӣ эълон гардидани Наврӯз нуфузи байналмилалии онро дучанд афзун намуд, мақому эътиборашро ба пояҳои боз ҳам баланд бардошт ва онро мазҳари ифтихори мардумони Осиёи Марказӣ, Балкан, ҳавзаи баҳри Сиёҳ, Қафқоз, Шарқи Наздик гардонид. Дар ҳар гӯшаи олам, ки насли ориёӣ ба сар мебарад, ё онҳое, ки бо забони Рӯдакию Фирдавсӣ сухан мегӯянд, ҳатман он ҷо Наврӯз ҳозиру нозир буда, аз фурӯғаш дилҳо ва манзилҳоро фурӯзон мегардонад.

Табиати эъҷозофарин бо забони борони найсон, навои андалебон, чаҳ – чаҳи мурғони чаман, насими анбарафшон, раъду барқи осмон, хурӯши чашмасорон, гулафшонии боғу бӯстон, бо нафаси гарми Замин ба Наврӯз ҳамду сано мехонад ва қудумашро муборак медонад.

Аз рӯзи азал гул қосиди Наврӯз аст ва ҳар ду дар тору пуди якдигар ончунон печидаанд, ки ба як ҷону ба як тан табдил ёфтаанд.

Боғу чаман ба ифтихори Наврӯз базме аз гулҳо оростаанд, ки басо ҷаззобу зебову дилрабост ва ҳар гулбарги он бо ҳазор забон ба Наврӯз дуруд мефиристад.

Шоирон низ аз сухан базме оростанд то авсофи Наврӯзро ба таври шоиставу арзанда тараннум намоянд ва ҳусну ҷамолашро дар назари мардуми олам ҷилвагар созанд. Гул бо он ҳама нозукию латофат дар назми дарӣ – тоҷикӣ бори гарони маъниро бар дӯш гирифт ва баёнгари ҳусну ҷамоли инсон, андешаҳои фалсафию ирфонӣ ва маънавию ахлоқӣ гардид. Бесабаб нест, ки фарҳангнигорон аз вожаи «гул» беш аз як саду панҷоҳ маънӣ ва аз калимаи «лола» зиёда аз сӣ мафҳумро пайдо кардаанд.

Гул дар бадали беш аз ҳазор сол ба назми мо он қадар зебоӣ ва шукӯҳу тароват бахшидааст, ки дурахши товусосояш оламро фаро гирифт.

Наврӯз чун ҷашни мардумӣ бо қадами хуҷаста аввал вориди хонаҳо гардида, сипас дар кӯҳу саҳро, дар шаҳру русто, дар замину само маъво мегирад. Наврӯз дар Тоҷикистон баробари ҷашни истиқлолият мақому эътибор дошта, бо тамоми шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегардад.

Сар то сари Тоҷикистон, аз ҷумла қасрҳову кӯшкҳо, толорҳои бошукӯҳ, варзишгоҳҳои бузург, донишкадаву дабиристонҳо, шаҳру русто ба ихтиёри ҷашни Наврӯз вогузор мегарданд.

Овардаанд, ки дар аҳди Хусрави Парвиз ду ҳазор хунёгарон ҷашнҳои Наврӯзии давлати муқтадири Сосониёнро ба хурӯш оварда, бо ҳунари волои худ ғулғула барпо мекардаанд. Имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо садҳо ҳазор мардуми фарҳангпарвар бо рақсу суруду тарона ва оҳангҳои ҷаззобу дилошӯб овозаву шӯҳрати ҷашни Наврӯзро то ба фалак расонидаанд.

Ҷашни Наврӯз дар Тоҷикистон то ба ҳадде расида, ки ба қавли Хоҷа Ҳофиз «гулбонги сарбаландӣ бар осмон тавон зад».

Наврӯз акси садои пурхурӯши беш аз ҳазор дарё ва ҳазорон чашмасорони Тоҷикистон аст, ки аз қалби кӯҳҳо ва водиҳои сабзу хуррам ҷорӣ гардида, ба кишвари мо ва ба халқу сарзаминҳои минтақа сарсабзиву ҳаёт мебахшанд.

Наврӯз он қадар ба умқи рӯзгори башар фурӯ рафтаву печида ва саргум мондааст, ки таърихи дақиқи пайдоиши онро муайян ва мушаххас намудан имконнопазир гардидааст.

Таърихнигорон Наврӯзро бо аҳди давлатдории Пешдодиён мансуб медонанд, ки чун ҷашни эҳёи табиат, бузургдошти пешаи кишоварзӣ, баробарии шабу рӯз, айёми бахшоишу адлу додгустарӣ ва шодмониву дилхушии

мардум ва пирӯзӣ ба қувваҳои аҳриманӣ таҷлил мегардид.

Алломаҳои замон Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём оғози таърихи Наврӯзро ба нахустин шоҳаншоҳи ҷаҳон Каюмарс нисбат додаанд ва ин ба он маъност, ки ин ҷашни бостонӣ аз офариниши одаму олам сарчашма мегирад.

Умари Хайём ибтидои таърихи Наврӯзро бо Офтоби оламоро, ки дар фарҳанги ориёӣ муқаддас дониста мешавад, марбут медонад ва дар ин иртибот мегӯяд:

«Чун Каюмарс аввал аз мулуки Аҷам ба подшоҳӣ биншаст, хост, ки айёми солу моҳро ном ниҳад ва таърих созад, то мардумон онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯз бомдод офтоб ба аввали дақиқаи ҳамал омада. Мӯъбадони Аҷамро гирд карду бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд. Маликони Аҷам аз баҳри бузургдошт офтоброро нишон карданду ин рӯзро ҷашн сохтанд».

Абераи Каюмарс Ҷамшед чун бар тахти подшоҳӣ биншаст, «Офтоб ба фарвардини хеш аввали ҳамал бозомад ва ҷаҳон бар вай рост гашт. Чун он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард».

Муаррихон оид ба рӯзгори Ҷамшед ба натиҷаи зер расидаанд:

«Ба таври қатъӣ ва яқин Ҷамшед аз подшоҳони муштараки ақвоми ҳинду эронист, ки замони ӯро ба тақриб метавон мутаҷовиз аз ду ҳазор сол қабл аз милод ҳадс зад».

Ҳаким Фирдавсӣ низ Наврӯзро ба Ҷамшеди Каёнӣ мансуб медонад ва бо шодмониву ифтихор ин абётро дар ситоиши ӯ гуфтааст:

*Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯ*
*Аз он баршуда фарраи бахти ӯ.*
*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.*
*Ба Наврӯзи нав шоҳи гетифурӯз*
*Бар он тахт биншаст фирӯзрӯз.*

Пас Наврӯз аз рӯзи азал, аз ибтидои пайдоиши хеш бо хуррамию шодмонӣ, бо суруду мусиқӣ, бо нағмаҳои дилошӯби дафу чанг, рубобу арғунун пайванди ногусастанӣ доштааст.

Дар «Бурҳони қотеъ» омада, ки чун Ҷамшед бар тахт нишасту тоҷ бар сар ниҳод ва хуршед бар ӯ тобид, ӯро мулаққаб ба «шед» шуд. Бад-ин тариқ, дар аҳди Ҷамшед Наврӯз расман ҷашни миллӣ эълон гашт ва мақоми давлатӣ дарёфт. Ва Ҷамшед ба мардумон фармуд: «Худои таъоло шуморо халқ кардааст, бояд ки ба обҳои покиза тан бишӯед ва ғусл кунед ва ба саҷда ва шукри ӯ машғул бошед».

Пас аз ин нукта бармеояд, ки Наврӯз аз даврони пайдоишаш мазҳари покию тандурустӣ, солимии ҷисму рӯҳ, аз ботин пок сохтани кинаву кудурат, тозаю ороста нигоҳ доштани манзилу ҷои зист, сару либос ва тамоми ашёи рӯзгор будааст.

Бесабаб нест, ки муҳаққиқи варзида Пашутан Санҷоно дар асари худ «Ҷашнҳои Эрони бостон» овардааст:

«Эрониёни бостон пеш аз он ки соли нав воқеъ шавад, саропои худро пок мешустанд, ҷомаи нав мепӯшиданд ва бо сурудани Авесто ва анҷоми ташрифоти мазҳабӣ бар сари суфраи Наврӯз, ки ба тартиби хос бо ширинӣ, шамъ, ойина, гул, сабза, нуқл, миҷмари оташ, уд ва соири хӯрданиҳову ошомиданиҳои некӯ ороста мешуд, бо интизори шунидани садои нақораву дуҳули шоҳӣ, ки оғози Наврӯз буд, менишастанд. Чун лаҳзаи Наврӯз фаро мерасид, ибтидо сардори хонавода бархоста ва ба ҳар як аҳли хона се қошуқ асал бо се дона оби набот ва ширинию дигар бо се дона сиккаи заррин ё симин ва се барги сабз дода, ба онҳо табрики Наврӯзӣ мегуфт. Сипас ҳамаи хонавода барпо истода, бо садои баланд Авестои тандурустиро месуруданд ва барои худу аҳли хонадон аз Аҳурамаздо умри дароз ва некномиву шодкомӣ ва фарохрӯзӣ хостор мешуданд».

Наврӯз он қадар муборак ва муқаддас шуморида мешуд, ки бисёр рӯйдодҳои бузург ва рӯзгору сарнавишти чеҳраҳои машҳури асотирӣ ва таърихиро бо он алоқаманд донистаанд. Аз ҷумла, дар манобеъи пешин чунин нукоте зикр гардида:

Дар рӯзи Наврӯз нахустин подшоҳи ҷаҳон Каюмарс ба олами ҳастӣ омадааст.

Ҳушанг – шоҳи Пешдодӣ дар ҳамин рӯзи фархунда пой бар арсаи вуҷуд ниҳодааст.

Таҳмурас дар ин рӯзи фаррух девони табаҳкору мардумозорро банд ниҳода, мардумро аз шарри онон раҳо кардааст.

Фариддуншоҳ дар рӯзи Наврӯз кишвари паҳновари Эрони бостонро дар миёни се фарзанди худ – Эраҷу Салм ва Тур тақсим кардааст.

Соми Наримон – қаҳрамони миллии қавмҳои эронӣ дар ин рӯз ба саркӯбӣ ва нобуд сохтани мардумозорон бархоста, бунёди зулму табаҳкориро вожгун сохта, осоиши мардуми кишварро пойдор сохтааст.

Зардушт дар ин рӯз чашм ба олами равшан кушодааст ва аз сӯи Аҳурамаздо ба пайғамбарӣ баргузида шудааст. Ва Зардушт дар нахустин рӯзи ҷашни Наврӯз дар Вахшонзамин – нахустмеҳани ориёиҳо ваҳй гирифт ва сипас ба кӯҳи Самангон рафта, даҳ соли умри хешро барои гирдоварӣ ва танзими паёмҳои худованд сипарӣ намуд.

Дар Самангон кӯҳе бо номи Тахти Рустам то ба имрӯз пойбарҷост ва ба андешаи бостоншиносон вай нахустин маъбадест, ки бевосита аз ҷониби Зардушт бунёд гардидааст. То ба ҳол меҳроби оташ ва курсии он маҳфуз мондааст, ки замоне дар ин макон шуълаи гулхани бузурге забона мезад ва дар партави он Наврӯзро бо шукӯҳи хоса таҷлил менамуданд.

Наврӯз ҷашнест, ки бо нур, бо офтоб, бо шуълаи ду-

рахшони оташ сахт алоқаманд аст.

Дар бисёре аз мамолики Машриқзамин дар ҷашни Наврӯз то кунун оташафрӯзӣ барпо мекунанд ва ин суннати воло аз фарҳанги ориёӣ сарчашма мегирад.

Қавмҳои ориёии бостон нурро мазҳаре аз фурӯғи эзадӣ медонистанд ва парастиши офтоб низ аз он ҷост, ки он манбаъ ва мазҳари нуру рӯшноист.

Аз он замоне, ки оташ кашф гардид, шабҳои торро равшанӣ бахшид ва нур бар зулмот пирӯз гашт, оташ муқаддас дониста мешавад.

Оташе, ки дар саросари Тоҷикистон тамоми шаб зери дегҳои суманак фурӯзон буда, мардум дар атрофи он мерақсанду мебозанд ва шодмонӣ мекунанд, аз даврони қадим маншаъ мегирад. Абурайҳонӣ Берунӣ оварда, ки барафрӯхтани оташ дар шаби Наврӯз поку бегазанд сохтан ва аз байн бурдани ҳамагуна фасод дар ҳаво мебошад.

Шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ солшумории зардуштиро чун солшумории расмии давлатӣ пазируфтанд ва ба он арҷ бигзоштанд.

Дар аҳди Куруши Кабир ва Доро Наврӯз чун ҷашни давлатӣ дар сатҳи бисёр олӣ доир мегашт.

Шаҳрёрони ҳахоманишӣ ҳар яке мекӯшиданд, ки Наврӯзро шукӯҳу мақоми тозае бахшанд.

Чунончи, дар аҳди Дорои се дар маросими ҷашни Наврӯз 365 ҷавон пероҳани сурх дар бар дар ҷашнгоҳ ҳозир мешуданд ва шоҳаншоҳро дуруд гуфта, бо низоми хоса аз назди ӯ мегузаштанд. Шоҳаншоҳ ба сӯи онон даст меафшонд ва бадин тариқ соли куҳанро бо 365 рӯзаш хайрбод мегуфт ва соли наву наврӯзи навро истиқбол мекард.

Дар аҳди подшоҳони Форс пуршукӯҳтарин макони баргузории ҷашни Наврӯз Тахти Ҷамшед маҳсуб меёфт, ки он яке аз азимтарин ва зеботарин намунаи меъмории даврони бостон аст.

Сохтмони он тибқи маълумоти муаррихон дар замони салтанати Доро оғоз шуда, дар аҳди подшоҳии писараш Хашёршоҳ ба поён расидааст.

Дорои аввал хост, ки ҳамчун тимсоли бузургиву шаҳомат, ваҳдати маънавии қавмҳои ориёӣ, шукӯҳу шаҳомати Наврӯз ва мазҳари ифтихори миллии шаҳриёрони Форс пойтахте бино намояд, ки дар зери чархи гардун назире надошта ва то ҷовидон пойдор бимонад.

Ӯ дар 50-60 километрии шимолу шарқии Шероз дар саҳрои васеи Марвдашт, ки дар домони кӯҳи Раҳмат воқеъ гаштааст, дар баландӣ макони босафо ва назаррабоеро писандида, тарҳи пойтахти навашро мегузорад.

Бо заҳмати беҳад гарони 20 ҳазор бинокорон, меъморон, тарроҳон, наҷҷорон, сангтарошон, кӯҳканон, рассому ҳайкалтарошон сохтмони Тахти Ҷамшед сад сол идома меёбад ва дар қалби сарзамини Форс пойтахти мармарин қомат меафрозад, ки чун ахтарони осмон медурахшид.

Достоне мебояд то зебоӣ ва шаҳомати онро таҷассум намояд.

Дару деворҳои Тахти Ҷамшед бо се ҳазор нақшҳои гуногун ва муҷассамаҳои асотирию ориёӣ оро ёфта буданд, ки ҳар кадоме бо санъати бисёр зебову нозук бинандаро ба ҳайрат меовард.

Шоҳони каёнӣ аз пойтахти худ Тахти Ҷамшед ифтихоре доштанд ва сафҳаи таърих аз шӯҳрат ва баландии мақоми он мунаққаш гашта буд.

Донишманди фаронсавӣ М.Мула бар ин андеша аст, ки «ҳеҷ чиз омӯзандатар аз гардиш дар харобаҳои Тахти Ҷамшед нест».

Муҳаққиқи Эрони куҳан Уместед Тахти Ҷамшедро маҳсули донишу хиради фарҳанги ориёӣ ҳисобида, таъкид менамояд:

«Ин коххо на танҳо мазоҳири қудрату шукӯҳи импера-

турии эрониёнанд, балки дар ҳамон ҳол намояндаи ваҳдату якпорчагии куллияи ҷавомее низ ҳастанд, ки ҳамасола дар Наврӯз пешгоҳи шоҳаншоҳ бор меёфтанд ва бо тақдими ҳадяҳои барҷастаи мулки хеш тазмини дубора барои сулҳу амният мегирифтанд».

Чун лашкари Искандари яғмогар соли 330-уми пеш аз мелод ба сарзамини Форс расид ва дар баробари Тахти Ҷамшед қарор гирифт, Искандар гӯё бо тилисме рӯ ба рӯ омад ва моту мабҳут гашт.

Бори аввал боргоҳе дид дар ғояти оливу шукӯҳмандӣ ва аз ҳар дару девори он гӯиё хуршед медурахшид ва зери анвори дурахшони он сутунҳои баланду барҳаво, пайкараҳои азим ва коххои сар ба само ҷило медоранд.

Искандар ва лашкараш Тахти Ҷамшедро ҳалқавор печониданд.

Роҳнамои Тахти Ҷамшедро ҳозир намуданд, то асрори ин пойтахти сангинро ба Искандар боз кунад.

- Қасри Дорост ин, - сухан оғоз кард роҳнамо. – Қасрест барои тоҷгузорӣ, пазироии меҳмонони баландпоя, маконест барои бузургдошти ҷашни Наврӯз. Наврӯзро, ин ҷашни хосаи шаҳриёрони Форсро бисту як рӯз бо тамоми зебоию шаҳомат дар ҳамин макон таҷлил менамоянд. Меҳмонони воломақом аз Машриқу аз Мағриб дар рӯзи ҷашни Наврӯз рӯ ба ин даргоҳ меоваранд ва аз ҷониби шоҳаншоҳ пазируфта мешаванд.

Бо шунидани ин суханҳо кину адовати Искандар ба ҷунбиш омад.

Роҳнамо қасрҳоро, пайкараҳоро, сутунҳои мунаққашро, манзараҳои ҳарбу зарб бо аждаҳоро, толорҳои бошукӯҳу назаррабоpo як-як ба Искандар шарҳу баён менамуд. Чун ба қасри Садсутун расид, иброз дошт:

- Ин кохест, ки чор ҳазор метри мураббаъ масоҳат дорад. Шоҳаншоҳ ҳулули соли навро, фарорасии Наврӯзро

бо шукӯҳу тантана дар ҳамин ҷо таҷлил менамояд.

Аз шунидани номи Наврӯз Искандар ба изтироб омад ва ба худ андешид:

«Аҷаб ҷашнест ин Наврӯз, ки ба ифтихораш чунин кохе бино кардаанд».

Дар як гӯшаи дили Искандар кинаи сахте нисбат ба Наврӯз, ин ҷашни мардуми ориёӣ, падид омад.

Чун вориди кохи Дориюш гаштанд, ҳайрати Искандар боз ҳам афзуд ва торҳои ноаёни ҳасуд чун торҳои анкабут ба атрофи пайкараш печидан гирифтанд.

Кохро 36 сутун бо баландии қариб 20 метр бар дӯш медоштанд ва он 12 ҳазор метри мураббаъ вусъат дошт.

Доро дар нақше дар ҳолате тасвир шуда, ки намояндагони 23 кишварро, ки таҳти ҳокимияташ қарор доштанд, пазироӣ мекард ва ҳадяҳое аз онҳо дарёфт менамуд. Дар кохи дигар 28 нафар намояндагони кишварҳои тобеъаш тахти шоҳиро бар рӯи даст бардоштаанд, ки болои он Доро ва писараш Хашёршоҳ менишастанд.

Чашмаш ба деворе афтод, ки марди ҷасури ориёӣ ханҷар бар дили Аҳриман мезад ва он дар намуди аждаҳо тасвир шуда буд. Аз дидани он ба ваҷд омад ва чунин пиндошт, ки он ханҷар на ба дили аждаҳо, балки ба дили ӯ зада мешуд.

Ба кохи сангине ворид шуд, ки он макони пазироии писари Доро Хашёршоҳ буд. Кох бар рӯи сад сутуни сангӣ, ки ҳар кадом 12 метр баландӣ дошта, дар даҳ қатор ҷойгир шуда буданд, пойдору устувор меистод. Дар нақшҳои назаррабои кох маросими таҷлили Наврӯз ҳаккокӣ шуда буд. Подшоҳ бо ифтихор бар тахт менишаст ва дар рӯ ба рӯяш аз ду оташдон гулхан фурӯзон буд.

Шоҳ дар як даст гул, дар дасти дигар асои салтанатӣ мунтазири пазироӣ ва қабули туҳфаҳои Наврӯзист.

Искандар ҳар қадар, ки бо Тахти Ҷамшед, бо меъмории беназир, бо тасвирҳо ва муҷассамаҳои пурҷило шинос

мешуд, донишу хираду ақлу заковаташ дар баробари онҳо ва фарҳанги ориёӣ вожгун мегашт. Ӯ мепиндошт, ки ном ва шуҳрати оламгираш чун шишаи нозуку пурҷилоест, ки ба сутунҳои мармарини Тахти Ҷамшед бархӯрда, пора-пора мешаванд.

Он ҳама шавкату шаҳомати давлати пуриқтидор ва нопайдоканораш дар баробари Тахти Ҷамшед ва шукӯҳу ҷашни Наврӯз лаҳза ба лаҳза ночизтар ва забунтар мегардид.

Искандари ташнаи шуҳрату давлату сарват бо хештан дар гуфтугӯ буд: «Оё меарзад, ки шоҳони Форс ва сарзамине, ки имрӯз мутеи мост, шоистаи чунин пойтахт ва чунин коххои сар ба гардун бошанд? Магар лашкари Форс дар Юнон қасрҳову кӯшкҳоро кам ба хок яксон карда буд? Ва оё фурсати интиқом фаро нарасидааст?»

Эҳсоси интиқом Искандари кинаҷӯро аз хештан бегона месохт.

Ниҳоят, Искандар дар ҳолати мастию мағрурию нописандӣ ва оташи интиқом мудҳиштарин фармони худро дар таърих содир кард ва ба лашкари харобкораш рӯ овард у гуфт:

- Эй, лашкари ҷаҳонгиру фотеҳ! Оё подшоҳи сарзамине, ки имрӯз зердасти мост, меарзад сазовори чунин пойтахте бошад?

- На, ҳаргиз! Ҳеҷ гоҳ! – баланд шуданд садоҳо.

- Пас вожгун бод қасри Доро! Маҳв бод Тахти Ҷамшеду Наврӯзи ориёӣ! – мадҳушона наъра зад Искандар.

- Вожгун бод, нест бод, маҳв бод! – ҳазорон садоҳо ба фалак печиданд.

- Оташ! – фарёд зад Искандар. – Оташ! Пойтахти Доророро ба оташ кашед! Бигзор, дар рӯи замин ному нишоне аз он боқӣ намонад! Оташ занед онро!

Забонаи оташ баланд шуд. Замин месӯхт, пойтахти мармарини Доро аланга мезад, коххои муҷаллову сар ба само месӯхтанд, нақшҳо ва пайкараҳо оташ мегирифтанд.

Қасри дар ҷаҳон овозадори Доро ба анбӯҳи бузурги хокистари сӯзон табдил ёфт.

Оқибат, аз Тахти Ҷамшед 13 сутуни сӯхтаву нимсӯхта ба ёдгор монд.

Искандар пиндошт, ки сарзамини Форс ва ҷашни Наврӯзро маҳву нобуд ва аз сафҳаи рӯзгор пок сохтааст.

Аммо пиндошти Искандар ботил гашт ва мақсади шумаш ҳомаи амал напӯшид. Чун дар айёми ҷавонӣ аз олам даргузашт, давлати пуриқтидораш рӯ ба завол ниҳод, дар зери чархи гардун на Искандар монду на шукӯҳи салтанаташ. Ва умуман, кам набуданд ҳокимони давру замон чун Искандар, ки нисбат ба Наврӯзи ориёӣ хусумат меварзиданд ва мехостанд онро аз рӯи Замин пок созанд. Онҳо ҳама ба як каф хоки сиёҳ табдил ёфтанд, аммо Наврӯз фотеҳона сар ба осмон кашида, сайри таърихии худро давом медод. Кист он кас, ки қонунҳои азалии Кавну Макон ва Олами Сағиру Кабирро нодида бигирад? Ҳеҷ кас!

Дар ин иртибот ба ёд овардани суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон айни муддаост, ки мегӯяд:

«Дар давраҳои минбаъда, аз ҷумла дар замони Каёниён, Сосониён ва Сомониён Наврӯзи Аҷам ба худ мақоми умумимиллӣ касб карда, бо арзишҳои волояш ба муттаҳидсозии халқҳои ориёинажод ва устувор намудани пояҳои давлатдории онҳо мусоидат намудааст. Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, орзую армон, расму ойин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро аз газанди рӯзгорон ҳифз кардааст».

Имрӯз аз харобаҳо ва бозмондаҳои Тахти Ҷамшед, Суғду Саразм, Балхи бостон ва аз Кайқубоду Тахти Сангин, Афросиёбу Варахша ва садҳо шаҳрҳои сӯхтаву харобгардида садои мутантан ва дилошӯби ҷашнҳои наврӯзӣ,

ки ниёгони мо бо шӯру шавқ барпо мекарданд, ба гӯш мерасанд ва чун занҷирҳои тиллоӣ моро бо гузаштаҳои басо дури таърихи аҷдодон ба таври ногусастанӣ мепайванданд.

Наврӯз ба сайри таърихии хеш идома медод ва чун давлати тавонои Сосониён дар арсаи таърих падид омад, он аз нав бар тахти салтанат биншаст ва чун дар аҳди Курушу Доро нерӯи тоза ва беандоза пайдо кард.

Ардашери Бобакон – поягузори давлати Сосониён ва 29 нафар шоҳзодагони дигар, ки сулолаи Сосониёнро 450 сол пойдору устувор нигоҳ доштаанд, Наврӯзро чун ҷашни миллӣ баргузиданд.

Махсусан, дар аҳди Хусрави Парвиз Наврӯз шаҳомат ва таровати беандоза пайдо кард. Ба ҷӯшу наво оварандаи ҷашни Наврӯз дар он даврон Борбади нағмапардоз буд.

Оварданд, ки Борбад ба хотири роҳ ёфтан ба дарбори Хусрави Парвиз зодгоҳаш шаҳри Марвро тарк намуда, сӯи Тайсафун- пойтахти Сосониён рӯ меоварад. Аммо Саркаш – сарвари аҳли ҳунари дарбор садди роҳи ӯ мегардад ва тамоми роҳҳои расидан ба дарбор ба рӯяш баста мешаванд.

Чун Борбад дармеёбад, ки Хусрави Парвиз дар боғи хусравонӣ ба ифтихори Наврӯз маҷлиси айшу тараб мероояд, бо ёрии боғбон Мардуй болои дарахте, ки ба нишастгоҳи шоҳ наздик буд, бо либосу сози сабз мебарояд ва баргузории тантанаҳои наврӯзиро наззора менамояд.

Чун Хусрави Парвиз ба ифтихори Наврӯзи фархунда ҷом мебардорад, ҳамон лаҳза Бобад бо овози булбулосои худ ба нағмарпардозӣ медарояд. Ҳама ангушти ҳайрат мегазанд ва гумон мекунанд, ки он садо аз само меояд.

Ҳар дафъа, ки ҷомҳо бардошта мешуданд, як суруди тоза танин меандохт ва шоҳаншоҳу аҳли базмро аз худ бехуд мекард.

Бо амри шоҳ тамоми гӯшаву канори боғро ҷустуҷӯ мекунанд, овозхони асрорангезро наметавонанд пайдо на-

моянд. Он гоҳ Хусрави Парвиз эълон менамояд, ки агар сарояндаи сурудҳои асроромез худро ошкор созад:

*Даҳону бараш пур зи гавҳар кунам*
*Бар ин рудсозон-ш меҳтар кунам.*

Чун Борбад худро ошкор месозад, Хусрави Парвиз бо сарафрозию хушнудӣ ӯро истиқбол менамояд ва базму тараби наврӯзӣ боз ҳам пурҷӯштар ва ғулғулаангезтар мегардад. Борбад бо завқу илҳоми фурӯзон навоҳои наврӯзӣ месуруд ва оташи шавқу сурур дар дили Хусрави Парвиз забона мезад.

Оҳангҳои шӯрангез ба дилҳо шарар меангехтанд ва ҳар боре, ки шоҳаншоҳ ба ваҷд меомад ва Борбадро «Зеҳ!» мегуфт, ҳамон замон ба вай дурру гавҳари фаровон ва хилъатҳои заррин нисор мекарданд.

Ҳангоме ки Борбад ба даргоҳи Хусрави Парвиз роҳ ёфт ва шоҳи ромишгарон гардид, бист сол дошт.

Зери сарварии Борбад устодони номваре чун Саркашу Саркаб, Накисо, Озодвори Чангӣ, Гесуи Навогар, Бомшоду Ромитин маҳфилу базмҳои шоҳи сосониро ва бештар аз ҳама фарорасии соли наву Наврӯзи фархундапайро васфу ситоиш мекарданд ва шуҳрати дарбори Хусрави Парвизро бар чор самти олам густариш медоданд.

Шоҳаншоҳи ромишгарони дарбори Хусрави Парвиз Борбади сеҳрофарин бо таснифоти хеш – ҳафт достони «Хусравонӣ», 30 лаҳни гуногунтаркиб ва 360 таронаи мухталиф дар тантанаҳои наврӯзӣ устодонаву соҳирона ҳунарнамоӣ мекард. Даҳҳо оҳангҳояш бевосита бо Наврӯз иртибот доштанд ва таронаҳое амсоли «Наврӯз», «Наврӯзи Аҷам», «Наврӯзи бузург», «Наврӯзи Сабо», «Нози Наврӯз», «Боди Наврӯз», «Гул», «Най бар сари баҳор», «Нӯшинбод» силсилаи Наврӯзномаи Борбадро ғанитару рангинтар месохтанд. Ин силсилаи оҳангу таронаҳо бузургиву шаҳомат ва ҷовидонии Наврӯзро бо тамоми зебоиву назокат васфу ситоиш мекарданд. Зеро дар аҳди Сосониён шукӯҳмандтар

ва дилнишинтар аз Наврӯз ҷашни дигаре вуҷуд надошт.

Суруду навоҳои Борбад аз фарҳанги бузурги ориёӣ, аз андешаҳои фанонопазири Зардушту таронаҳои авестоӣ, аз муқаддасоти заминиву кайҳонӣ шодоб гашта буданд. Ба андешаи соҳибназарон «Борбад устоди устодон ва муғании муғаниён буд» ва ба қавли Амир Хусрави Деҳлавӣ авҷи навоҳои Борбад то коинот танинандоз гашта, Зӯҳраро ҳам ба рақс меовард:

*Навои Борбад бар моҳ мешуд*
*Дили Зӯҳра зи раҳ бероҳ мешуд.*
*Ба руд аз ҳар тарона об мерафт*
*Ба ҳар сӯ одамӣ дар хоб мерафт.*

Навоҳо ва лаҳнҳои Борбад дар асру замонҳои вопас дар ҷавҳари оҳангу таронаҳои мардумони Машриқзамин ворид шуда, онҳоро рушди тозаву умри абад бахшидаанд. Мактаби ҳунарии Борбад фарҳанги ориёиро ба зинаҳои баланди тараққиёт расонид.

Чун пас аз 200 соли салтанати Хилофат хуршеди давлати Сомониён дар саросари Мовароуннаҳру Хуросон тулӯъ намуд ва истиқлоли сиёсӣ ва фарҳангӣ пойдор гашт, ҷашни Наврӯз чун дар аҳди Куруши Кабиру Доро ва Хусрави Парвизу Борбад аз нав мақоми давлатӣ касб кард ва эътибору шаҳоматаш борҳо афзун гашт.

Шӯҳрат ва азамати давлати Сомониён ҷаҳони он замонро фаро гирифт ва бори аввал дар таърих «асри тиллоӣ» - и тоҷикон арзи ҳастӣ намуд. Дар он даврон фарҳанги миллӣ ва забони дарӣ - тоҷикӣ мисли чеҳраи пурфурӯғи Наврӯз чаман – чаман шукуфтанд, тароват ва ҷилои тоза пайдо намуданд.

Файласуфи маъруф Акбари Турсон оид ба ин даврони файзбори таърихи мо ба ин мазмун изҳори андеша намудааст:

«Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ – зода ва парвардаи ҳамин даврони ҳумоюнфар буданд, ки аз рӯи хайру бара-

каташ фасли баҳори монавитабъро мемонд. Ончунон як баҳори пурфайзу пурамале, ки дар арзи он илму адабу ҳунари мардумони ориёинажод боғ – боғ шукуфта, бо накҳати анбаринаш ҳама оламро гирифта буд. Хуршеди ин фасли пурнуру пурбори таърих аввал дар осмони маънавии Хуросону Варорӯд тулӯъ кард, сипас ба домани Озарбойҷону Эрони кунунӣ дурру гуҳар кашид ва минбаъд сарзамини Ҳиндро шукӯҳ дод».

Устод Рӯдакӣ – пешвои маънавии давлати Сомониён ва шогирдону ҳамсафонаш бо забони ноби порсии дарӣ – тоҷикӣ ашъори наврӯзӣ месуруданд ва маҳфилу базмҳоро шукӯҳи хоса мебахшиданд.

Сафобахштарин макони баргузории ҷашни наврӯзии шаҳриёрони Сомонӣ боғу бустонҳои хурраму шукуфон, ҷӯйборҳои сероб ва обу ҳавои анбарафшони Ҷӯи Мӯлиён буд.

Нағмаҳои наврӯзии Рӯдакӣ дар Ҷӯи Мулиён бо нағмаҳои мурғони чаман ҳамово мегашт:

*Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед*
*Сор аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб.*
*Сулсул ба сарвбун – бар бо нағмаи куҳан*
*Булбул ба шохи гул – бар бо лаҳнаки ғариб.*
*Соқӣ гузину бодаву май хӯр ба бонги зер,*
*К-аз кишт сор ноладу аз боғ андалиб.*

Агар боди наврӯзӣ ва насими анбарафшони субҳгоҳӣ бихоҳанд, ки оҳангеро замзама кунанд, беҳтар аз суруди Рӯдакӣ навои дигареро наметавонанд пайдо намоянд.

*Он саҳни чаман, ки аз дами дай*
*Гуфтӣ дами гург ё паланг аст.*
*Акнун зи баҳори монавитабъ*
*Пурнақшу нигор ҳамчу жанг аст.*

Сарзамини нопайдоканори Сомониён ба ҷавлонгоҳи воқеии Наврӯз табдил ёфт ва садои ғулғулафкани он бар фарози шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Чочу Марв, Хоразму Фарғона, Балху Ҳирот, Ғазнаву Тӯс, Нишопуру Сиистон,

Суғду Хуҷанд, Хатлону Бадахшон ва шаҳрҳои дигар баланд гардид ва дар атрофу акнофи кишвар танин андохт.

Дар Балхи бостон ба ифтихори Наврӯзи зарринқабо аз замири қалби Робиа абёти баҳорӣ ба сони ҳазордастон садо медод:

*Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт*
*Чаман ранги Аржанги Моно гирифт.*
*Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст*
*Ки гул ранги рухсораи Лайло гирифт.*

Наврӯзро дар Марви куҳан ашъори адибоне, ки аз ин сарзамин бархоста буданд, таровату шаҳомат мебахшид. Мардуми Марв бо шеъри шевои Кисоӣ қудуми муборaки Наврӯзу навбаҳорро дуруд мегуфтанд:

*Боди сабо даромад, фирдавс гашт саҳро*
*Ороста бӯстонро найсон ба фарши дебо.*
*Омад насими сунбул бо мушку бо қаранфул*
*В-оварда номаи гул боди сабо зи саҳбо.*

Пас аз заволи давлати Сомониён низ азамати Наврӯз коҳиш наёфт, вай пирӯзмандона пеш мерафт ва аз чеҳраи пурнураш кошонаҳо равшан ва дилҳо мунаввар мегаштанд. Ин ҷашни фархунда шукуҳмандонаву музаффарона аз канораҳои баҳри Миёназамин то баландиҳои Ҳиндукуш ва аз кӯҳсорони Қафқоз то халиҷи Форс доман густурда, дар дилу дидаи мардумон маъво мегирифт ва дар ин сарзаминҳои бекарон ашъори шоирони тоҷик боз ҳам шевотару дилангезтар баҳору Наврӯзро тараннум мекарданд.

Нағмапардозиҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз Қунияи сарзамини Рум ба ҷонҳо ҳаловат мебахшид:

*Омад баҳор, эй дӯстон, манзил ба сарвистон кунем,*
*То бахти дар рӯ хуфтаро чун тахти сарвистон кунем.*

Аз Шероз садои Саъдӣ ба гӯш мерасид, ки бӯстонҳо ва гулистонҳоро ҳусну таровати тоза мебахшид ва ишқи инсонро ба табиат афзун менамуд:

*Булбулон вақти гул омад, ки биноланд зи шавқ*
*На кам аз булбули мастӣ, ту бинол, эй ҳушёр.*
*Одамизода агар дар тараб ояд, чӣ аҷаб*
*Сарв дар боғ ба рақс омадаву беду чинор.*

Аз Ҳиндустон нағмаҳои Амир Хусрав ба гӯш мерасад, ки бо ғунчаи бишкуфтаву боди сабо рози дил мегӯяд:

*Гул ба тамошои суман меравад*
*Бод ба гулгашти чаман меравад.*
*Оина гаштаст зи акси суман*
*Об, ки дар зери суман меравад.*
*Дӯш шунидам, ки ба ҳар маҷлисе*
*Аз даҳани ғунча сухан меравад.*
*Вақти баҳор омаду ҳангоми гул*
*Оҳ, ки ёр аз бари ман меравад.*

Дар Ҳирот Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ Наврӯзи гулбасар ва гулбадомонро дуруд мегуфт:

*Мехиромад сӯи бӯстон шоҳиди раънои гул*
*Меравад оби равон, то сар ниҳад дар пои гул.*
*Тофт абр аз сим ришта, сӯзан аз зар сохт меҳр*
*То сабо дӯзад қабои лутф бар болои гул.*

Салмони Соваҷӣ айёми тарабангези Наврӯзро, ишқи шӯрангези гулу булбулро бо шавқи хурӯшон тараннум мекард:

*Чаман аз булбулу гулбарг навое дорад,*
*Олам аз талъати Наврӯз сафое дорад.*
*Бар сари пардаи гул пардасаро шуд булбул*
*Ростӣ, гул ба назар пардасарой дорад.*

Садои ашъори наврӯзии шоирони тоҷик дар ҳеҷ асру замоне аз даврони Рӯдакӣ то кунун ҳаргиз хомӯш нашудааст ва он торафт баландтару гуворотар танинандоз гардида, Наврӯзи Аҷамро бо тамоми олами зебой ва қудрату шаҳоматаш васфу ситоиш менамояд.

Наврӯз аз замони зуҳури тамаддуни ориёӣ, аз даврони Зардушту “Авесто” то кунун тавоннистааст ҳазор андар

ҳазор монеаву шиканҷаҳо, ситамкориҳою беадолатиҳо ва зулму бедодро сипарӣ намояд, аммо дар ҳеҷ давру замоне сар ба таслим фуруд наёвардааст. Зеро вай реша ба умқи Замину сар ба сӯи Коиноти бекарон афрохтааст.

Наврӯз аст, ки руҳу ҷони инсонро ба ҷунбиш меоварад, мардумро ба сайри гулшану саҳро мебарад, зебоӣ ва саховати табиатро дар замири дилҳо ҷойгузин месозад, ишқро ба ҳаёт, ба зиндагӣ, ба Замин-Модар, ба олами ҳастӣ, ба ёру диёр афзун мегардонад.

Хоҷа Ҳофиз бо каломи малакутии хеш мардумонро ҳушдор медиҳад, ки «Ҳон, бархезед, ба гулшану боғу бӯстон рӯ оваред ва аз ҷамоли оламорои Наврӯз чароғи дилро фурӯзон нигаҳ доред!»

*Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,*
*Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ.*
*Зи ҷоми гул дигар булбул чунон масти майи лаъл аст,*
*Ки зад бар чархи фирӯза сафои бахти фирӯзӣ.*

Баробари ба истиқлолияти давлатӣ ноил шудани Тоҷикистон Наврӯз аз сари нав бузургиву шаҳомат, зебу зинат, ҳусну ҷамоли беандоза ва ҷавонии ҷовидонӣ дарёфт.

Наврӯз яке аз шоҳсутунҳои тиллоии кохи давлат ва истиқлолият гардид ва бо рӯҳи зиндагисоз, эҳсоси ватандӯстӣ, посдории суннатҳои миллӣ, бо ифтихори таърихӣ ва хештаншиносии тӯдаҳои мардум пайванди ногусастанӣ пайдо кард. Наврӯз мунодии сулҳу субот, дӯстиву рафоқат, ҳамраъйиву ҳамдилии халқҳо эътироф гашта, ба неруи ҳидоятгар ба сӯи рӯзгори орому осуда ва ҳаёти гулгулшукуфон табдил ёфт.

Шоирони даврони истиқлолият чун дар аҳди Оли Сомон бо забони ширин ва нобу шевои дарӣ - тоҷикӣ Наврӯзро бо тобишу ҷилоҳои гавҳаросояш васфу ситоиш менамоянд. Дар тасвири онҳо Наврӯз айёми саодатбахшест, ки бо сарсабзиҳо ва гулафшониҳо дилҳоро пурнур ва ба хурӯш оварда, орзуву ормон, мақсадҳои наҷибу олӣ

ва пиндору гуфтор ва рафтори некро дар замири мардум шӯълавар месозад.

Шоири мумтоз Лоиқ Шералӣ дар васфи Наврӯзу баҳори оламоро бо шуру шавқ нағмасароӣ мекунад:

*Эй ҷамоли баҳру бар шод омадӣ,*
*Эй баҳори сабзу тар шод омадӣ.*
*Дар дилам кардӣ назар бо чашми гул,*
*Гулҷамолу гулназар шод омадӣ.*

Наврӯзи даврони Истиқлолият бо файзу баракати хеш хуршеди меҳру муҳаббат, дӯстиву садоқат ва сулҳу суботро нурафшон мегардонад. Наврӯз баёнгари ифтихори таърихӣ, симои сириштӣ маънавӣ, орзую ормон ва дӯстиву рафоқат миёни мардумон гардид. Наврӯз ба оинаи пурҷилое табдил ёфт, ки дар он чеҳраҳои шоду хуррам, бахту иқболи баланд ва рӯзгори фирӯзи ҳар як сокини Тоҷикистон равшану дурахшон таҷассум ёфтааст. Наврӯз аз мавҷи хурсандӣ, шодию нишот, шӯру шавқ ва хандаҳои дилангези кӯдакону ҷавонон ва куҳансолон шукӯҳи тоза ёфта, барнотар, дилангезтар ва нерӯманду тавоно мегардад.

Наврӯз анвори дурахшон ва зарринӣ хуршеди истиқлолият аст, ки роҳи Тоҷикистони озоду соҳибиқболро ба сӯи пешрафту тараққиёт ва ояндаи тобону дурахшон мунаввар месозад. Дар айёми тантанаҳо ва ғулғулаҳои ҷашни Наврӯз гулбонге бар фарози сарзамини хуршедсимои мо ба наво меояд:

*Олам ҳама хандон шуд, Наврӯз муборак бод!*
*Лабҳо шакаристон шуд, Наврӯз муборак бод!*
*Шамси саҳарӣ хандон, шоми қамарӣ хандон,*
*Абр омаду борон шуд, Наврӯз муборак бод!*

*20 марти соли 2018, №12 (1148)*

*Мақола дар ҳаммуаллифӣ бо*
**Қудратов Раҷабалӣ** *навишта шудааст*

# МАКТАБИ ОДАМИЯТ

Бисту ҳафт сол аз талошу мубориза, иқдомиҳои созандаву бунёдкорона сипарӣ мегардад, ки Ватани азизу маҳбубамон –Тоҷикистон ба неъмати бебаҳои истиқлолият, ки асли соҳибихтиёрии давлат ва рамзи хушбахтиву саодати мардуми тоҷик аст, шарафёб шуд. Инак, бисту ҳафт баҳор аст, ки дарахти тановари истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сарсабзу хуррам ва дар авҷи нашъунамост.

**Бояд** ба як воқеияти таърихӣ эътироф кард, ки шаклгирӣ ва таҳкими истиқлолияти кишварамон бо фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртиботи ногусастанӣ дорад. Бешак, истиқлолияти давлатӣ роҳи таърихии давлати моро дар самти ҷомеаи демократӣ, эътирофи сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян кард.

Барои расидан ба ин рӯзҳои хушу босаодат дар оғози истиқлолият кишвари моро ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашиданд. Солҳои ниҳоят сангину фоҷиабор ба сари миллати тоҷик омад. Алангаи оташи хонумонсӯзи ҷанг домани сарсабзи кишвари ободи моро месӯхт, ки дар натиҷа даҳҳо ҳазор ҷавонмардон шаҳид гаштанд, ҳазорон хонаҳо валангор, садҳо оила бесарпаноҳ, кӯдакони зиёд ятиму бепадар ва ҳудуди як миллион нафар фирорӣ шуданд. Касе умед надошт, ки рӯзе дар Тоҷикистон ба ҷои садои тиру туфанг боз садои хандаи тифлони маъсум ба гӯш мерасад, ҷароҳатҳои ҷонкоҳи пайкари ба хун оғуштаи Ватан боз ба ҳам меоянд. Ин ҳолати даҳшатборро дар авҷи хунрезиҳои бародаркуш яке аз шоирони маъруфи вақт чунин ба риштаи тасвир кашида буд:

*Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?*
*Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?...*

*Бар ҷои ҳамин мамлакати сулҳҷудоям,*
*Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад?*

Дар замоне, ки риштаи эътимоду боварӣ ва умед ба фардои нек бурида буд, ба бахти миллати мо фарзанди барӯманди тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ба саҳни сиёсат қадами устувор гузоштанд ва нахустин паёме, ки ба мардум ироа гардид, ин ҳарфҳои деринтизор буд: «Ман ба шумо сулҳ меорам». Ин паём калиди кушоиши ҳама укдаҳои сарбаста ва мушкилоти ҷомеаи мо буд ва дар навбати худ маромномаи фаъолияти ҳамонвақтаи Эмомалӣ Раҳмонро ифода намуда, аз азми қавӣ ва ҷасорати фавқулода доштани роҳбари ҷавони давлати тоҷикон шаҳодат медод. Рисолати таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар он давра ин буд, ки миллати тоҷикро аз вартаи нобудӣ наҷот дода, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшид. Имзо шудани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ бузургтарин дастоварди даврони истиқлолият аст, ки баъдан дар тамоми арсаҳо барои татбиқу роҳандозии барномаҳои азим заминаи мусоид фароҳам оварданд. Дар ин маврид ҳақ бар ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки: «Таҷрибаи сулҳи тоҷикон минбаъд аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҷрибаи нодири расидан ба сулҳу субот эътироф гардид ва дар ҷараёни ҳалли масъалаи сулҳу оромӣ дар минтақаҳои даргири ҷаҳон истифода шуда истодааст».

Хусусан, дар ин давра ба хотири таъмини ваҳдати миллӣ заминаҳои хеле устувор гузошта шуданд. Дар ин замина баргардонидани ҳудуди як миллион гуреза ба Ватан, аз чанги гуруснагӣ раҳонидани мардум, барқарор кардани офатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, бунёди манзилгоҳҳои харобгашта, роҳҳо, иншооти маъмурӣ ва таъиноти маишӣ, мактабҳо, беморхонаҳо аз ҷумлаи умдатарин вазифаҳои давлат буданд,

ки бомуваффақона анҷом дода шуданд. Ҳамгирой, якдилӣ, ҳамраъйӣ ва муттаҳиду аҳлона зистан усулан баёнгари сиёсати сулҳхоҳона ва сулҳпарваронаи Роҳбари давлат мебошад. Бо гузашти ду даҳсола мо амиқан дарк кардем, ки ваҳдати миллӣ яке аз заминаҳои асосии ҳаёти осоиштаи мардуми тоҷик буда, бо ҷонфидой ва азхудгузаштагии Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, ки имрӯз ҳифзи ин арзиши муқаддаси миллӣ вазифаи ҳар як тоҷики худогоҳу худшинос аст. Ин аст, ки сиёсатмадорони бузурги олам ва коршиносони низоъҳои байналмилалӣ Пешвои миллати моро ҳамчун «Меъмори сулҳ» эътироф кардаанд.

Хусусан, дар ин давра раҳой аз бунбасти комуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, ки аҳамияти бузурги иртиботию иқтисодӣ доштанд, дар сархати барномаҳои ҳукуматӣ қарор гирифт, ки имрӯз самараҳои неки онро бо чашми худ мебинем. Ба таъбири дигар, ваҳдати миллӣ, ки сарҷамъиву муттаҳидии миллати моро таъмин намуд, ба фазои орому амн, рушди бесобиқаи соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг ва дар ин замина бунёди иншоотҳои бузурги ҳаётан муҳим замина гузошт.

Ормони ҳазорсолаи халқи тоҷик - истиқлолият танҳо дар охири асри XX насиби мардуми мо гардид. Ин давлати тозаистиқлол ва мустақилу соҳибихтиёр бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон шакл гирифт, ҷилои тоза пайдо кард, ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Бо ин мақсад, бо ҷасорату шуҷоати фавқулода ба ҳадафҳои олии миллӣ ва барномарезиҳои дақиқу созанда тарҳрезӣ шуда, низоми мукаммали давлатдорӣ ба вуҷуд омад. Фаъолияти созанда ва корсозиҳои ҳадафмандонаи Пешвои муаззами миллат дар самти таъсиси Артиши миллӣ, пули миллӣ, қабули Суруд ва Гимни миллӣ гувоҳи равшани он аст, ки бо талошҳои пайваста ҷиҳати таҳкими аркони кишвардорӣ мақоми сазовори Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошт.

Пояҳои давлатдорӣ, хусусан ҷанбаҳои бунёдӣ ва арзишии он дар мактаби сиёсӣ ва давлатдории миллии Роҳбари давлат бо шаклу мазмуни наву муосир такмил ёфта, Тоҷикистон ҳамчун давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд роҳи минбаъдаи худро пайдо кард.

Тарҳрезии дурусти барномаҳои азими иқтисодӣ, хусусан бунёди корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди пахта, ришта, матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ, истеҳсоли семент, ангишт, нуриҳои маъданӣ, тилло, нуқра, сурма, инчунин рушди саноати сабук, ислоҳот ва таҷдиди соҳаи кишоварзӣ аз ҷумлаи он тадбирҳои муҳиме буданд, ки барои тақвияту иқтидори иқтисодии кишварамон такони ҷиддӣ бахшиданд.

Илова бар ин, татбиқи пружаҳои дорои аҳамияти миллӣ дар самти энергетика барои расидан ба яке аз ҳадафҳои олии давлат – истиқлоли энергетикӣ заминаи мустаҳкам фароҳам оварданд. Бунёди низоми ягонаи энергетикӣ, таҷдиди чархаҳои неругоҳҳои Норак, Сангтӯда ва Қайроқум ҷиҳати афзудани ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ ва махсусан бунёди неругоҳи бузурги аср – Роғун ба сароҳат аз сиёсати дурбинона ва хирадмандонаи Пешвои миллат шаҳодат медиҳанд. Ба иборати дигар, бунёди Роғун, ки воқеан барои кишвари мо ба кохи муҳташами нур баробар аст, ба рушди босуръати иқтисодӣ ва ба маротиб беҳтар шудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон дарояндаи наздик нақши ҳалкунанда дорад.

Дар меҳвари сиёсати Роҳбари давлат қарор гирифтани рушди соҳаи маориф ва афзалиятнок баршумурдани он, ки ба тавлиди тафаккури нави миллӣ, худогоҳу худшинос, ватандӯсту ватанпараст ва босаводу бомаърифат шудани насли ҷавон нигаронида шудааст, яке аз самтҳои бунёдӣ ва усулии сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Бунёди донишкадаву донишгоҳҳо, ифтитоҳи филиалҳои донишка-

даву донишгоҳҳои муътабари ҷаҳонӣ дар кишвар, муассисаҳои таълимии муосир гувоҳи барҷастаи он аст, ки Пешвои миллат ба рушди фикрӣ ва ташаккули зеҳнии насли ҷавону ояндасози Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат - Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Мир Сайидалии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ… ва дар ин замина гиромидошту тақдири устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур бо унвони олии давлатӣ, яъне Қаҳрамони Тоҷикистон шаҳодати ворисӣ ҳақиқӣ ва аз табори бузургон будани Эмомалӣ Раҳмонро собит менамояд. Ин амали неку писандидаи ӯ барои ба вуҷуд омадани эҳсоси гарми ватандӯстию ватанпарастӣ ва таҳкими худогоҳиву худшиносӣ, бедории фитрӣ ва шинохтани таърихи ғанию пурифтихори халқи тоҷик мусоидат намуданд.

Пос доштани гузаштаи пурифтихор, сабақ гирифтан аз таърихи ғанӣ, эҳтиром гузоштан ба мероси фикрию маънавӣ ва идома додани ин рисолати шарифи инсонӣ ба таҳкими истиқлоли давлатӣ, сиёсӣ, фикрӣ ва маънавӣ дар роҳи давлатсозӣ ва давлатдории навини миллии тоҷикон аҳамияти ниҳоят калон дорад, ки онро метавон сохтори мактаби сиёсии Президенти мамлакат номид.

Таҷлили бузургтарин ҷашнҳои аҷдодӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргону Сада дар сатҳи баланди давлатӣ ва мақоми давлатӣ гирифтани «Шашмақом» - у «Фалак» меросдори тамаддуни бостонӣ, фарҳанги миллӣ ва ҳомии оину суннатҳои мардумӣ будани Роҳбари давлатро нишон медиҳад. Хусусан, ба яке аз ҷашнҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтани ҷашни Наврӯз, ки таърихи беш аз панҷҳазорсола дошта, ба рушди суннатҳои фарҳанги миллӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва бедории миллии мардуми тоҷик мусоидат намуд, далели ин гуфтаҳост.

Танҳо қабули Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси қонунгузории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт, баробарвазн бо як инқилоби фикрӣ ва маънавӣ мебошад. Шикасти таассубу хурофоте, ки садсолаҳо дар зеҳни мардуми кишвари мо таҳшин шуда буд, ниҳоят кори сангину душвор буд, ба воситаи ин қонун қолабшиканӣ шуда, мардумро ба сӯи ояндаи дурахшон ва саодату рифоҳи инсонӣ ҳидоят кард, ки бешубҳа яке аз дастовардҳои умдаи даврони истиқлолият ва аз тасмимҳои писандидатарини Пешвои миллати мо маҳсуб мешавад.

Бунёди давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд барои ташаккули низоми бисёрҳизбӣ ва татбиқи гуногунфикрии сиёсӣ дар ҷомеа заминаҳои мусоид эҷод кард. Хусусан, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки дар раванди сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол як падидаи наве буд. Ҳизб, бешубҳа, ҳамчун мактаби низоми сиёсӣ дар ташаккули сиёсии шахс таъсири созанда дорад. Ҳоло ҳизби мо ҳудуди ним миллион аъзо дорад ва нақши он дар тамоми арсаҳои ҳаёти ҷомеаи мадании Тоҷикистон ба хубӣ эҳсос мегардад.

Дар маҳдудаи ин мақола оид ба мактаби одамияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намудани чанд нуктаро низ муҳим мешуморам. Ин шахсияти бузург воқеан дар баробари яке аз сиёсатмадорони шинохташудаи сатҳи байналмилалӣ будан, ҳамчун инсон ниҳоят дилсӯзу меҳрубон ва раҳмдилу фурӯтан мебошанд. Ҷавонмардиву дарёдилӣ аз хосиятҳои фитрӣ ва модарзодии Пешвои мост. Маҳз ба ҳамин хотир, андешаву суханон, амалҳои неку созандаи

Роҳбари давлат дар дилу дидаи мардум роҳ ёфта, дар ҷомеа ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, ки воқеан рисолати инсонии ӯст, эътироф шудааст.

Гузашта аз ин Пешвои миллат дар сатҳи сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалию минтақавӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки аз зовияи диди инсонпарварона бо дарназардошти манфиати халқу миллатҳои дигар низ тасмим бигиранд. Дар амалӣ намудани пружаҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ, ба хусус тарҳҳое, ки ба истифодаи мунсифонаи об иртибот дошта, дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз масоили доғ маҳсуб мешавад, манфиатҳои кишварҳои ҳамҷавор ҳамеша ба назар гирифта мешавад. Ҳамин хислатҳои беназири Пешвои миллати мо боиси он гардид, ки масоили баҳсталаби минтақа бо роҳи мусолиҳатомез ҳалли худро ар обит имрӯз натиҷаи ҳамин сиёсати хирадмандона аст, ки ҷумҳурии мо бо кишварҳои ҳамсоя муносибатҳои мутақобилан судманд дошта, бо вуҷуди баъзе пешгӯиҳои коршиносони хориҷӣ ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта бо роҳи осоишта комёб мегардад.

Ҳисси хайрхоҳӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои бунёдии миллатҳои дигар имрӯз боиси он гардидааст, ки номи Сарвари давлати мо дар дигар кишварҳои минтақа низ бо эҳтиром ва муҳаббати хосса ёд мешавад. Дар сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чанде қабл, бори нахуст ба Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон сурат гирифт, Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳангоми супоридани яке аз орденҳои арзишманди кишвараш «Эҳтироми халқу ватан» («Эл юрт ҳурматӣ») хизматҳои арзишманди Роҳбари давлати тоҷиконро таъкид намуда, махсус зикр кард, ки маҳз пуртоқативу дурандешии Эмомалӣ Раҳмон заминаи устуворе барои дар сатҳи нав роҳандозӣ намудани муносибатҳои ин ду кишвари ҳамсоя ва дӯст, барқарор гардидани муносибатҳои таърихии ин ду

миллати бародарро фароҳам овард.

Ба қавли маъруф, Президенти мо – Эмомалӣ Раҳмон аз миёни мардум баромадааст. Ман дар ин хусус, чанд сол пеш дар мақолаи «Президенти мардумӣ» изҳори назар намуда будам. Танҳо ин ҷо ба нуктае ишора хоҳам кард, ки ин шахсияти бузург дар баробари роҳбари оқилу дар робита ботаҷрибаву солор будан, инчунин одилу адолатпеша низ ҳастанд. Инро ман, ки солҳои зиёд ба ҳайси Ёвари Президент, Мудири Котиботи Президент, Мушовири давлатии Президент оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ дар робита бо ҷомеа, дар айни ҳол Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон кор карда истодаам, шинохтаам ва худро аз шогирдони содиқи мактаби бузурги сиёсӣ, давлатдорӣ ва одамияти Эмомалӣ Раҳмон медонам.

*Душанбе, сентябр с. 2018*

# БАХТИЁР ҲАМДАМОВ

## ТАРҶУМАИ ҲОЛИ МУАЛЛИФ



Ҳамдамов Бахтиёр Ортиқович, адабиётшинос ва рӯзноманигор, номзади илмҳои филология, сармуҳаррири “Минбари халқ”

Ҳамдамов Бахтиёр 2-юми январи соли 1968 дар деҳаи Сӯфӣ-Орифи шаҳри Истаравшан таваллуд шудааст. Соли 1992 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро хатм кардааст. Солҳои 1987-1989 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ адои хидмат кардааст. Аз соли 1992 то соли 1993 ба ҳайси сармутахассиси Бунёди забони тоҷикӣ дар вилояти Суғд фаъолият бурдааст. Аз соли 1993 то соли 1996 дар аспирантураи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳсил карда, соли 1997 рисолаи номзадиро таҳти унвони “Падидаҳои маънавӣ ва ҳунарӣ дар ашъори Бедил” дифоъ кард.

Солҳои 1997 то соли 2002 ба ҳайси устоди кафедраи адабиёти классикии факултети филологияи тоҷики ДДХ, сармутахассиси Идораи кор бо ҷавонони вилояти Суғд, муовини раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва ҳамзамон мухбири махсуси ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» фаъолият намудааст. Солҳои 2002-2006 сармутахассиси шӯъба оид ба масъалаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон ҳамоҳангсози Комиссияи миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак кор карда, солҳои 2006-2008 дар вазифаи муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои ва-

зифа намудааст. Аз соли 2008 инҷониб сармуҳаррири нашрияи марказии ҲХДТ, ҳафтаномаи «Минбари халқ».

Бо медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст. Муаллифи силсилаи мақолаҳо ва китобҳои илмиву публисистӣ мебошад.

## АХЛОҚИ БАШАРИЯТ РАФТОРИ ГАЛАИ ГУРГОНРО МЕМОНАД
### ва ё бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ чӣ пайомаде дорад?

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ тоза ба файзи истиқлол расида, бо шитоб барои ҳарчи тезтар ворастан аз мероси даврони карахтӣ, ки бо иқтисоди мутамарказ ва нақшавиаш маъруф буд ва нусхабардориву пайгирӣ аз иқтисоди озоди бозаргонӣ, ки хоси ҷаҳони Ғарб буд, кӯшиш ба харҷ доданд. Дар ин ҷода баъзе ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ тавонистанд иқтисоди худро оҷилан ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамоҳанг созанд, вале қисми дигар аз мероси шӯравӣ хеле ба душворӣ дил меканданд.

Коршиносони ҷаҳонӣ сармоя низ бо мақсади омӯзондан фавҷ-фавҷ ба кишварҳои аз назарашон боқимонда ташриф меоварданд ва дар бахши раҳоӣ аз факр ва рушди иқтисодиёт «дарси адаб» медоданд. Кормандони соҳаи бонкдориро барои таҳсили ба Амрикову Аврупо ва Ҷопон даъват менамуданд, то тарзи кори олами мутамаддинро омӯзанд ва дар ин бахш аз банди нодониву ҷаҳолат раҳо ёбанд.

Кишвари мо низ гӯё дар низоми бонкдорӣ дар радифи давлатҳои ақибмонда қарор мегирифт. Коршиносони хориҷиву дохилӣ аз минбарҳои баланд бо исрор даъво мекарданд, ки чаро мо мисли кишварҳои назди Балтик, Русия ва Қазоқистон нестем? Чаро то ҳол фаъолияти бонкҳои худро бо низоми Бонки умумиҷаҳонӣ ҳамоҳанг накардаем?

Вале бӯҳрони молиявии умумиҷаҳонӣ, ки чанде қабл аз бузургтарин ва доротарин бонкҳои ҷаҳонӣ сар зад, алорағми пешгӯиҳои мутахассисони варзида ва калламағзони соҳаи бонкдорӣ собит намуд, ки устувории сохти бозаргонӣ шикастпазир буда, ҳанӯз аз «идеал» хеле дур аст. Хайрият, ки мутахассисони «ақибмонда»-и мо ба иллати

доноӣ ва ё нодонӣ фаъолияти бонкҳои ватаниро бо низоми бонкдории ҷаҳонӣ то андозае ҳамоҳанг накарда буданд. Вагарна ин бӯҳрони шадиде, ки ҳамаи садду сарҳадро шикаста, ба сари миллатҳову халқҳо бо шиддати даҳшатбор фурӯ рехт, билкул мардуми моро ба коми муфлисӣ мекашид.

Баъд аз сар задани бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ дигар назари коршиносон низ тағйир ёфт. Варзидатарин мутахассисони соҳа ва ҳатто сарони кишварҳои абарқудрат эътироф намуданд, ки дигар ин раванд таҳти контрол қарор надорад. Онҳо оҷизона умедворанд, ки ин бало таври ногаҳонӣ хурӯҷ кард, шояд ҳамин гуна якбора аз байн равад.

Вале дар ин росто баъзе коршиносони шинохта таҳлилҳои хеле амиқ ва ҷолиброро баён мекунанд, ки навиштаҳояшон қобили таваҷҷуҳ ҳаст. Фаразан коршиноси рус Борис Туманов омили асоси сар задани бӯҳронро аз фосиқ гардидани ахлоқи ҷомеа медонад. Ӯ дар ин замина мегӯяд: «Масоҳати бухрони молиявии ҷаҳони муосир моро водор месозад, ки на танҳо оид ба наҷоти иқтисоди миллии кишварҳои ҷаҳон, балки доир ба раҳо намудани инсоният аз чанголи ин бӯҳрони паиҳам хурӯҷкунанда андеша ронем». Ва гуфтаҳои худро бо суханони Томас Ҷеферсон тақвият мебахшад:

«Ман фикр мекунам, ки нисбат ба артишҳои омода ба ҷанг муассисаҳои бонкӣ дар баробари озодии мо бештар хатарноктаранд. Агар халқи Амрико ягон вақт имкон бидиҳад, ки бонкҳои хусусӣ маблағҳои эшонро таҳти назорат гиранд, бонкҳо бо муассисаҳои маблағгузорӣ, ки бо мусоидати онҳо рушд хоҳанд кард, фурсате мерасад тавассути таварруми сунъӣ (инфлятсия) эшонро аз моликияташон маҳрум месозанд ва рӯзе фарзандони бе хонаву дар мондаи эшон дар замини холие бедор мешаванд, ки волидайнашон як вақтҳо онро бо заҳмати зиёд тасхир намуда буданд».

Дар замони мо, ки бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ тақрибан ин ҳушдорро тасдиқ менамояд боварии кас намеояд, ки ин андешаи пайғамбарона соли 1802, яъне зиёда аз ду қарн пештар гуфта шудааст. На аз ҷониби як мутахассиси варзидаи соҳаи иқтисод, балки аз ҷониби як шахсияти музофотӣ, ки баъдтар президенти ИМА интихоб мешавад. Томас Ҷеферсон бешубҳа шахсияти донишманд буд, ӯро ҳамчун файласуф, кишоварз, меъмор ва ҳатто ихтирокор эътироф намуданд. Вале таъкиди ӯ оид ба хатарнок будани сохтори бонкӣ на аз дониши амиқи иқтисодии ӯ сарчашма мегирад, балки натиҷаи таҷрибаи воқеии ӯ ва сатҳи соҳибмулки плантатсия дар Вирҷиния буд, ки пайваста бо бонкҳо сарукор мегирифт. Ба иттилои дигар, зодаи тафаккури солимаш буд.

Таърихи иқтисодии Амрико ва минбаъд тамоми ҷаҳон, чандин маротиба, аз ҷумла ҳангоми сарзании бӯҳрони молиявии охирин дуруст будани пешгӯии Ҷеферсонро тасдиқ намуданд, вале ин ҳушдор аз ҷониби одамон комилан фаромӯш гардида буд.

Бахшида ба ин силсилаҳои бӯҳронҳои молиявӣ дигар ба устуворӣ ва мустаҳкам будани «иқтисоди бозорӣ» эътибор намедод, балки ӯро танҳо баъд аз инқилоби навбатӣ хусусияти боз «аз хокистар эҳё шудани» иқтисодиёт ва истифодаи минбаъдаи ин низом мутаваҷҷеҳ менамуд. Бо мурури замон дар афкори одамоне, ки бо ин ҷараён бо сабаби иртибот доштан иқтисоди бозории рӯз то рӯз печидаву чигилгашта ба як механизми мустақил ва соҳибихтиёри дур аз воқеият, аз ҷумла талаботи башарият табдил ёфт.

Тақрибан ним қарн қабл аз ин, соли 1962 ин феноменро бисёр мушаххас вале ба таври комил фантазиянависи амрикоӣ Клиффорд Саймак дар асари «Қариб мисли инсон» ба қалам овард. Ин қисса дар бораи он аст, ки одамони дигар сайёра қонунҳои иқтисодиву тиҷоратии заминро

кӯр-кӯрона риоя намуда, қариб буд ки тамоми инсониятро аз хонаву дар маҳрум кунанд. Аҷиб ин ки ба қавли нависанда ин амалро аҷнабиён на аз рӯи инсонбадбинӣ, балки танҳо тиҷорат, ки аз одамон омӯхта буданд, анҷом медиҳанд.

Андешаҳои худро доир ба ин масъала Саймак аз забони соҳиби пиронсоли мағоза, намояндаи яке аз сулолаҳои қадимии тиҷорати кишварҳои ғарб изҳор намуд:

«Дар замони мо одамон фаромӯш кардаанд, ки муносибати хуб чист. Фаромӯш кардаанд, ки меҳрубонӣ ва эҳтиром кадом аст. Дар бораи наздикони худ бо назари хайрхоҳона фикр карданро низ аз ёд бурдаанд. Ҷаҳони муосир комилан ба майдони амалиётимуҳосибӣ табдил ёфт, ки аз ҷониби мошинҳо ва ё худи одамони тафаккургумкардаи мисли мошин, анҷом дода мешавад. Дар ҷаҳон дигар арзишҳои муқаддаси аз қабили шараф, боварӣ, эътимод намонда ва фарҳанги он ба хӯю атвори галаи гургон шабоҳат дорад».

Дарҳол пай бурдан мумкин аст, ки мӯйсафеди савдогар дар радифи суханони Маркс дар мавриди «ғайриинсонӣ будани капитализм» чизи наве нагуфтааст. Ҳамин матлабро аллома Муҳаммад Иқбол, ки чанд сол дар олами ғарб таҳсил намуда, бо чеҳраи воқеии капитализм аз наздик ошно буд, бо лаҳни возеҳтару хубтар адо кардааст:

*Роздонӣ ҷузву кул аз хеш номаҳрам шудаст,*
*Одам аз сармоядорӣ қотили одам шудаст.*

Вале моҳияти матлаб на дар он аст, ки ин ҳақиқати талх нахуст аз забони кӣ садо додааст ва ҳамчунин на дар он аст, ки бо инқирози навбатии «шайтони бузург», ИМА тамасхур кунем ва балки сари он андеша кунем, ки оё инсоният қодир аст ба ҷои ин сохти шикастпазири бозорӣ низоми дигареро эҷод кунад.

Маркс ба хотири ҷамъ ҷаҳонро тарк намуд, ки ба ӯ

муяссар гардид формулаи воқеии ҷамъияти олиро таҳия намояд. Яъне, дар ҳоли муайяни нерӯи истеҳсоли коммунизм фаро мерасад – аз ҳар кас мувофиқи истеъдодаш, ба ҳар кас мувофиқи талаботаш. Вале мутаассифона, рафиқ Маркс як чизро ба назар нагирифт, ки талаботи инсонӣ дар итоати нафси ӯст ва инсон ҳеҷ гоҳ, ҳатто бо ҳамаи ин, ки соҳиби ҳавопаймову киштӣ, чанд сабукравҳои гаронарзиш ва истироҳатгоҳҳо дар ҷазираи Ямайка аст қаноат нахоҳад кард. Пешвои пролетарҳои ҷаҳон ҳатто фикр ҳам намекард, ки рушди нерӯҳои истеҳсолӣ ва дар радифи он технологияҳои нави дар замони ӯ ҳатто шабаҳаш вуҷуд надошта, баръакс, ба фосиқ гардидани ахлоқи инсонӣ мусоидат хоҳад кард.

Туманов доир ба ҳолати кунунии ҷомеаи Амрико мегӯяд: «воқеан ҳам, агар амиқтар назар афканем мувофиқи таълимоти асосгузори коммунизми илми ИМА даҳсолаҳои охир дар ҳақиқат рушди неруҳои истеҳсолии худро ба сатҳи зарурӣ расонид. Гузашта аз ин, шаҳрвандони Амрико тақрибан дар ҷамъияти коммунистӣ зиндагонӣ мекарданд. Мисли он ки ҷамъият аз ҳар кас мувофиқи истеъдодаш талаб менамуд ва ба ҳар кас мувофиқи талаботаш медод. Ҳатто бекорхӯҷаҳои «ҷовидонаи» амрикоӣ низ аз ин баракат бенасиб намонданд. Натиҷаи ин формула ҳамон аст, ки имрӯз дар вазъи молиявии ҷаҳонӣ мебинем». Яъне, бори дигар ҳушдории Ҷеферсон, ки дар боло зикраш рафт, комилан тасдиқ гардид.

Аз ҳама аҷибаш ин ки солҳои охир бонкҳои Амрико низ рафтори одамонро такрор мекарданд. Кӯшиш менамуданд, ки даромади худро афзоиш диҳанд, яъне талаботи худро зиёд кунанд. Онҳо низ ӯҳдадориҳоеро ба зимма мегирифтанд, ки аз имконоти воқеии молиявиашон бештар буд.

Ҳамин моҷаро дар Аврупо ва дигар кишварҳои мута-

рақии ҷаҳон низ ба назар мерасанд, вале танҳо шиддати он заифтар аст. Албатта, сабаби камшиддаттар будани бӯҳрони молиявӣ дар Аврупо таълимоти динии халқҳои он нест, ки ҳисси қаноат ва шикастанафсиро талқин менамояд, вагарна Амрикоро низ «протестантҳои англо-саксонӣ» бунёд гузошта буданд ё ин ки муфлисшавии бонкҳои кишварҳои мусалмон низ далели ба дину оин иртибот надоштани бӯҳрон аст. Фарқ танҳо дар ҳаҷм ва иқтидори иқтисодии ин давлатҳост, ки вобаста ба он бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ таъсири мухталиф мерасонад.

Масоҳати бӯҳрони феълии ҷаҳонӣ на танҳо бесобиқа аст, балки хатари баъд аз оромии нисбӣ таҳдиди дубора ва бошиддати бештар хурӯҷ карданро дорад. Шояд фурсати он расидааст, ки мо на дар мавриди наҷот додани иқтисодҳои миллӣ, балки дар хусуси наҷоти инсоният аз чунин ҳолатҳои ваҳшатзо андеша ронем.

Вале …

Мутаассифона, ҷаҳони имрӯза, ки ба мамлакатҳои доро ва нодор тақсим шудааст, бо даъвии бузургманишию яккаҳукмронии баъзе кишварҳо, таҳаммулнопазирии динӣ ва нажодӣ, фосиқ гардидани ахлоқи миллатҳои алоҳида қодир нест, ки як футувати ягонаи умумиинсониро қабул намояд. Ба хусус вақте ки кишварҳои мутараққии ҷаҳон ва ба истилоҳе «дорои ҷомеаи намунаи ибрат» ба шиддат гирифтани бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ нигоҳ накарда, ба тақсимоти геополитикии марзҳои мисли Фаластину Ғазза, Афғонистону Ироқ ва Қафқозу Баҳри Кариб машғуланд, эътимод бастан ба наҷоти инсоният аз ин бӯҳрон, ки тамоми башарияту ба коми муфлисиву гуруснагӣ мекашад, афсонае беш нест.

*Душанбе, ноябри с.2009*

# МО ОМОДАИ МУЗОКИРАЕМ, АГАР БО ШЕВАИ ТАҲҚИР ҲАРФ НАЗАНАНД

## ё чаро дар Русия баҳси ҳуқуқиро ба моҷарои сиёсӣ мекашанд?

Чанде қабл қазияи ду сарнишини ҳавопаймои АН-72, ки яке табааи Эстония ва дигаре Русия мебошад, дар ВАО сару садои зиёдеро барпо кард. Ростӣ, камина пеш аз он, ки чизе гӯям ва ё нависам, каме таҳаммул кардам, то нахуст андешаву афкори ҷониби Русия ва «коршиносон»-и ватаниро, ки дар ҳама ҳолат шарҳашон «омода» аст, қазоват кунам. Чун дарк карда будам, ки дар ин ҳодиса сиёсат ба ақли солим ғолиб омадааст ва мақомоти мухталифи Русия бештар аз сари эҳсос кор мегиранд ва мо низ маҷбурем, ки дар ҳамин оҳанг баҳс кунем…

Мехоҳам, ибтидои суҳбат ин нуктаро низ таъкид кунам, ки ҳаргиз ҷонибдори халалёбии равобити дӯстонаи Тоҷикистону Русия нестам ва хушбин ҳам ҳастам, ки ҳароина ин моҷаро дар доираи инсофу адл ҳаллу фасл хоҳад шуд. Аммо… мехостам чанд бардошти худро аз ин моҷаро рӯи қоғаз орам, ки хеле шигифтангез аст ва ҳеҷ як шаҳрвандро, ки барояш тақдири миллат арзиш дорад, бетараф гузошта наметавонад…

Агар дар маҷмуъ таҳлил кунем, нахуствокуниши баъзе қувваҳои Русия сари баҳс ин буд, ки чи гуна кишвари кӯчаке мисли Тоҷикистон ҷуръат намуд, ки сарнишинони русро ҳабс кунад ва ин амалро мисли торсакие ба рӯи Русия маънидод карданд. Баъд аз шӯру ғавғои чанд ҳизбу ҳаракати миллатгаро, ки ҳар интихобот бо роҳи ба эҳсоси мардуми рус нохун задан овоз мегиранд, мақомоти расмии Русия низ аз ин лаҳни дурушт пайгирӣ кард.

Онҳо ҳатто таҳқиқ кардан нахостанд, ки шаҳрвандашон дар ин қазия гунаҳкор аст ё хайр... Оё роҳҳои дигари

таъсиррасонӣ, ба ҷуз вокуниши дағал ва аз доираи одоби дипломатӣ берун дар ҳалли ин мушкилот вуҷуд дорад ё не?

Муҳоҷирони кории тоҷик, ки чанде қабл ба қавли Директори Хадамоти федеролии migratsionii Русия ҷаноби Рамадановский аз оромтабиаттарин ва шикастанафстарин маҳсуб мешуданд, баъд аз мулоқоти ӯ бо Призедент Дмитрий Медведев дар як лаҳза ба ҷиноятпешаву қонуншикан табдил ёфтанд. Ҳамин ишора кофӣ буд, ки ҳазорон нафар муҳоҷирони бегуноҳи тоҷик, ки бо музди ночиз барои ободиву рушди Русия саҳм мегиранд, мавриди таъқибу таҳқир қарор гиранд ва оддитарин ҳуқуқи башарии эшон помол гардад. Баъдтар тавре, ки дар сиёсати Русия ба ҳукми анъана даромадааст, ду мақомоти зоҳиран иқтисодию иҷтимоӣ, вале дар ҳоли зарурат «сиёсӣ», «Росселхознадзор» ва «Роспотребнадзор» халқи тоҷикро гирифтори бемориҳои сироятӣ ва маҳсулоти кишоварзии онро заҳролуд ҳукм намуда, бо таҳримҳои сангин таҳдид карданд.

Пӯшида нест, ки имрӯз барои Русия гоҳо бо оҳанги таҳдид ва лаҳни дурушт бо ҳамсоягону шарикони стратегии худ муносибат кардан ба ҳукми анъана даромадааст ва ин тундравиро ҷумҳуриҳои Гурҷистон, Белорусия ва Украина ба хубӣ эҳсос намудаанд. Вале рӯшод бояд иқрор шавем, ки дар мавриди Тоҷикистон оҳанги таҳдид ба зудӣ ба лаҳни таҳқир табдил ёфт. Вагарна ашхоси беандешае мисли Рогозин ва Онищенко, ки вазифаҳои масъули давлатиро ба зимма доранд, кай ҷуръат менамуданд халқеро, ки фарзандонаш барои аз асорати юғи фашистӣ озод намудани Русия хун рехта буданд чун ҷиноятпеша, гирифтори бемории СПИД-у сил муттаҳам кунанд ва ба миллате, ки бо таърих, фарҳанг ва адабиёти худ ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштааст, таҳқирро раво бинанд? Метарсам, ки паёмади ин андешаронии касиф дар сатҳи боло, нохуш хоҳад буд ва тоссарҳову неофашистони рус онро ҳамчун ишора ба ҳамла қабул хоҳанд кард..

Хушбахтона, дар Русия на ҳама мисли Рогозину Онишенкои девонаавзо суханҳои ҳарза мегӯянд ва баъд аз шӯру мағали бепоя, ки рӯзҳои аввали ин ҳодиса сурат гирифт, сиёсатмадорони соҳибандешае мисли Константин Затулин (муовини аввали раиси Кумитаи Думаи давлатии Русия дар умури ИДМ ва равобит бо ҳамватанон) мавқеи худро доир ба ин қазия рӯшан карданд. Ҷаноби Затулин тасмими Русияро дар ҳалли ин қазия ғайри қобили қабул ва ғалат хонда, изҳор кард, ки ин тарзи вокуниш нодуруст аст ва ҳукумат масъулияти онро бояд ба дӯш бигирад.

Вале бештар барои ман муҷиби ҳайрат ин буд, ки дар Тоҷикистон низ чанд нафар аз «сиёсатмадорони варзида» ва «ҳомиёни» дину диёнати миллӣ бидуни таҳқиқу санҷиши бояду шояди ин қазия, даъват ба амал оварданд, ки сарнишинони ҳавопаймо фавран озод карда шаванд, то бо Русия, ки кишвари абарқудрату «ризқдиҳанда»-и мост, муносибатҳо сард нагардад. (Манзури ман ин ҷо он гурӯҳҳое нест, ки воқеан ҷонибдори ҳалли ин қазия бо роҳи дипломатӣ ва муслиҳатомез аст.) Пас аз шунидани ин навъ изҳорот ҳамин андеша маро ранҷ медиҳад... Оё ин муросокорони мешсифат, ки бидуни таҳқиқу таҳлили амиқи моҷарои сарзада ба гуноҳи Тоҷикистон қоил шуданд, дидаву дониста ба дасти Рогозину Онишенко барин миллатгароёни рус об намерезанд? Ё онҳо хабар надоранд, ки ҳоли муҳоҷирони мо то сар задани ин ҳодиса низ хуб набуду хуни садҳо ҷавонмардони нокоми тоҷик бар гардани ҳамин «соҳибмиллатони бузургманиш» аст ва муросо бо эшон ҳеҷ маънӣ надорад, чун ҳатто бо шеваи дипломатӣ ҳарф заданро бо кишвари мо барои худ таҳқир меҳисобанд. Аз ҳама аламовараш ин аст, ки чаро вақте дар Русия ҳазорон нафар ҷавонони тоҷик бегуноҳ маҳкум мешаванд, аз ҷониби ин қабил «ватандорон» на танҳо даъват ба озодии онҳо, ҳатто изҳори ҳамдардӣ ба гӯш намерасад?

Таи чанд рӯзи охир аз расонаҳои хабарии худи Ру-

сия маълум шуд, ки ҳавопаймоҳои АН-72 дар Тоҷикистон боздоштшуда, бо сабаби таъмир нашуданашон кайҳо аз феҳристи парвози аксари кишварҳои минтақа баровардa шудаанд, ҳуҷҷат надоранд ва ширкати корфармои онҳо низ аз фурудгоҳҳои баъзе кишварҳо маблағи зиёд қарздоранд. Аслан ин ду ҳавопаймо ба Федератсияи Русия ҳеҷ иртибот надошта, ба ширкати «Rolkan», ки дар минтақаи афшории ҷазираи Вирҷини сабти ном шудааст, мутааллиқ аст ва аз ҷониби як ширкати Дубай ба иҷора гирифта шудааст. Гузашта аз ин, то ҳанӯз дақиқан маълум нест, ки кадом хизматрасониро анҷом медиҳад, магар ба ҷуз ин, ки ба таври шубҳаангез хатти парвозашон дар доираи кишварҳои вазъашон ноором мисли Конго ва Афғонистон маҳдуд аст.

Шояд «оташангезони» русу «равғанрезони» тоҷик нахуст сари ин масъала андеша мекарданд, ки то кадом андоза боздошти ҳавопаймоҳо ва ҳабси сарнишинони он дар доираи қонун сурат гирифтааст ва баъд сару садо баланд мекарданд, то дар поёни кор шармсор нашаванд.

Русҳо мақоли аҷибе доранд: «насильно мил не будешь», яъне «бо зӯрӣ азиз намешавӣ». Пас биёед, танҳо дар ҳамон ҳолат аз дӯстиву бародарӣ сухан гӯем, ки бо мо бо забони дӯстиву рафоқат ҳарф зананд, на таҳдиду таҳқир..., вагарна, баҳси мо ҳамон ҳикояти «Гург ва барра»-и (Волк и ягненок) нависандаи классики рус И.А. Криловро мемонад, ки аздусар бори гуноҳ ба дӯши барраи бечора меафтад. Барои он, ки бо мо ҳамчун бо барра муносибат накунанд, бояд тасмими худро ҷиддӣ бигирем. Муттаҳид бошем ва аз шарри парокандагӣ, ки як маротиба моро ба вартаи ҷанги бародаркуш афканд, истизҳор кунем. Истиқлолияти миллӣ барои мо муқаддас аст ва барои соҳиб шудан ба он хуни ҳазорон ҷавонмардон рехтааст. Мо ҳуқуқ надорем, ки онро бо чӣ қимате набошад, аз даст бидиҳем, вагарна насли оянда ҳеҷ гоҳ моро нахоҳад бахшид.

*Душанбе, ноябри с. 2011*

## Раҳовард

# ДАРДЕСТ МАРО БА ДИЛ, КИ ДАРДИ ВАТАН АСТ…

**ГУФТОРИ АВВАЛ:**

Чанд сол қабл аз рӯзгори муҳоҷирони тоҷик дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» чанд ҳарф навишта будам… Ҳарфҳое буданд пур аз дарду алам, қиссае буд аз рӯзгори мардуми сарсону ҳайрон, гирифтори вартаи яъсу ноумедӣ… Аз ҳаёти ҷавонмардони ҳузарбе, ки бо аробакашӣ дар бозори Черкиз қути лоямут ба даст меоранд, бонувони бесаробоне, ки ризқашонро аз фаррошиву зарфшӯӣ пайдо мекунанд ва дигар ватандороне, ки ҳолашон аз инҳо бадтар, чун гирифтори фиреби корфармоёни русу арман гардида, баҳои заҳмату ҷонбозиашон ба фулуси сиёҳе қадр намегардид… Ин қиссаи мардуми оворае буд, ки гирифта аз намояндагони мақомоти расмии Русия то ба гурӯҳҳои ҷиноятпешаи ғайриқонунӣ, мисли неофашистону тоссарҳо таҳқир мекарданд, вале касе ба ҳимояти эшон садо баланд намекард…

Чун ин бор низ озими Русия шудам, андеша мекардам, ки ҳамватанонро боз дар ҳоли зор хоҳам дид ва боз агар дар ҷое аз тоҷик буданам ишора шавад, бо ман бо лаҳни тунду дурушт ва беэҳтиромона муносибат хоҳанд кард. Матолибе, ки пайваста дар ВАО нашр мегарданду аз тариқи шабакаҳои мухталифи телевизиони Русия паҳн мешаванд, маро беихтиёр дар банди ин андеша гирифтор мекарданд. Чун яқинан намедонистам, бехабар будам, ки дигар аксари тоҷикон дар Русия мавқеашон устувор шудааст. Ҳисси тоҷикбадбиниву нажодпарастӣ дигар ғолибан мавзӯи баҳси сиёсатмадорону баъзе васоити ахбори омма гардидааст ва ё беҳуқуқии тоҷик аҳёнан аз забони роҳба-

рони баъзе ба ном «ҷамъиятҳои ғамхори муҳоҷирони тоҷик», ки бо талқини миллатгароёни рус ҷонибдори ҷорӣ намудани раводид байни Тоҷикистону Русия ҳастанд, садо медиҳад.

Вале воқеият чизи дигар аст. Мутаассифона, ба иллати оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки анбӯҳи тоҷиконро ба дигар кишварҳо, бахусус Русия фурӯ рехт, истилоҳи «гастарбайтер» бо номи «тоҷик» сахт хӯ гирифт. Ин назари ғалат, яъне дар симои ҳар як муҳоҷир «тоҷик»-ро дидан ба шарофати ВАО-и Русия сахт ба зеҳни мардуми бумӣ нишастааст, ки гумон мекунам, агар имрӯз як нафар тоҷик дар Русия набошад ҳам, муҳоҷирони дигар миллатҳоро ба унвони «тоҷик» ёд хоҳанд кард, гарчанд имрӯз дар Русия ӯзбек, қирғиз, озариву арманӣ ва мисли инҳо ба маротиб зиёданд, бахусус аввалиҳо, ки теъдодашон аз тоҷикон бештар аст. Дигар ин ки муҳоҷирони имрӯзаи тоҷик аз муҳоҷирони даҳ -понзаҳ сол қабл, ки на ҳунаре доштанду на забонро медонистанд, бакуллӣ тафовут доранд. Бештари онҳо ба тарзи зист ва фарҳанги русҳо мутобиқ гардида, дар сохторҳои давлатӣ ва ширкатҳои хусусии Русия фаъолият мекунанд. Бахусус, насли ҷавони тоҷик, ки дар ин кишвар таваллуд ва бузург шудаанд, дар донишгоҳҳои бонуфузи он таҳсил менамоянд ва дар радифи ҳамсолони руси худ дар Артиши Русия адои хизмат мекунанд...

Барои ман шигифтангез буд вақте, ки дар рӯзи мавлуди яке аз тоҷикони муқими Твер, раиси «Ҷамъияти фарҳанги тоҷикон»-и ин вилоят Муқим Майбалиев собиқ Губернатори вилояти мазкур, яке аз доротарин шахсиятҳои Русия Дмитрий Зеленин, Раиси палатаи қонунгузории вилоят Андрей Епишин ва чанде аз вазирону раисони ҳукумати вилояти Твер ширкат доштанду дар ин ҳамоиш суруду навои тоҷикӣ садо медод ва русу озариву арманӣ аз бузургиву фарҳанги миллати тоҷик ҳарф мезад.

Аммо… Ҳанӯз мушкилоти зиёде низ ҷой доранд, ки ҳароина аз парешониву худкомагии мо дарак медиҳанд. Ҳанӯз ҷамъиятҳову шахсиятҳое ҳастанд, ки аз номи миллати тоҷик ҳарф мезананду аз дарди мардуми тоҷик бехабаранд. Худро дар Русия ҳомии миллат муаррифӣ мекунанду аз ҳисоби муҳоҷирони тоҷик сарват ҷамъ мекунанд… Ҳанӯз ҷавонони роҳгумзадае ба назар мерасанд, ки шомили ҳаракату фирқаҳои мамнӯъ гардида, дар банди ғафлату ҷаҳолат меафтанд. Ҳанӯз шахсони масъуле ҳастанд, ки дар баробари мушкилоти муҳоҷирон вазифаи худро ба таври бояду шояд анҷом намедиҳанд. Вале ин баҳсро дар гуфтори дигар идома хоҳам дод.

**ГУФТОРИ ДУВВУМ: ИМОН Ё ТААССУБ?**

- Мо намегузорем, ки ҷавонони мо ба ҳаракату фирқаҳои бунёдгаро ва иртиҷоӣ шомил шаванд. Дар масоҷиди расмии Русия таблиғи ақоиди ин ҳаракатҳо мамнуъанд. Вале ин чиз низ пӯшида нест, ки намояндагони баъзе гурӯҳҳо ва мазҳабҳои ғайрисуннатӣ, ки бештар аз минтақаҳои Қафқози Русия меоянд, дар байни мусалмонони дигар кишварҳо кор бурда истодаанд ва ақоиди худро таҳмил менамоянд. - гуфт яке аз ноибхатиби масҷидҳои Маскав, ки намехост номашро ошкор кунам. - Намозгузорони қафқозӣ гоҳо ба масҷид бо аслиҳаи осебрасон (травматический) меоянд. Мо чанд маротиба онҳоро таъкид намудем, ки ба масҷид бо аслиҳа ворид шудан гуноҳ аст, чун масҷид ҷои ибодату оромиш аст, вале даъватҳои мо коргар нашуд. Аз он нигаронем, ки ин одати бад ба ҷавонони мо низ асар накунад... Чизи дигар ин аст, ки ман хатмкардаи мадориси расмӣ ва муътабар ҳастам, вале зиёд ҷавононе низ ба Русия меоянд, ки дар мадрасаҳои мамнӯъи кишварҳои Шарқ таҳсил намудаанд ва аз назари маърифати ислом андешаҳои мо чандон созгор нест. Онҳо ҳадафҳоеро

пайгирӣ мекунанд, ки мо аз он безорем…

Дар воқеъ, шиддати гароиши ҷавонони мо ба дину мазҳаб бештар дар мусофират ба назар мерасад. Шояд зиндагии сангин дар ғурбат, дурӣ аз Ватан, аз дидори волидону фарзандон бошад, ки дили онҳоро ба тоату ибодат бештар моил месозад. Ва ё шояд масҷид ягона ҷое бошад, ки дар кишвари бегона бӯи муҳити ошноро медиҳад,чун вақте шумо муносибати сард ва бегонаситезии аҳолии бумиро эҳсос мекунед, худро лаҳзае дар канори ҳамқавмон дидан, шояд ба дил оромиш бахшад …

Ҳароина новобаста аз он, ки чи омиле ба ин тамоюл боис мегардад, бояд эътироф кунем, ки мардуми мо ҳанӯз барои ба театру музей ва ё дигар муассисаҳои фарҳангӣ рафтан омода нестанд ва масҷид ҷои нисбатан бештари таҷаммӯи тоҷикон дар Русия аст. Вале ин ҷо баҳс сари дигар чиз аст… Имрӯз тамоми қувваҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аз ин ҷамъияти бузург ба манфиати худ истифода намоянд. Маъбади ибодатро ба маҳфили сиёсату мазҳаб табдил диҳанд. Нерӯи зеҳнии ҷавононро таҳти контроли худ қарор диҳанд.

Бояд фаромӯш накунем, ки ҳамин ҳолат дар инқилоби Эрон нақши муассир дошт ва кишварҳои ғарб, ки имрӯз аз ҳузури Эрони исломӣ ноׂроҳатанд, нақши табодулотро дар мадориси Фаронсаву Инглистон тарҳрезӣ намуда буданд.

Раиси «Ҷамъияти фарҳангии тоҷикон» дар вилояти Тверь Муқим Майбалиев низ аз ин ҳолат нигаронӣ дорад. Ӯ мегӯяд: - Масҷид на бояд макони тафриқаву низоъ бошад, вагарна ун оромию ваҳдате, ки дар байни муҳоҷирони вилояти Твер (ки аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон омадаанд) ҳукмфармост, метавонад халалдор гардад. Ман сари ҳар чанд вақт ба масҷид меравам ва бо намозгузорон атрофи ин масъала сӯҳбат мекунам, таъкид менамоям, ки ба ҳар гуна равияву фирқаҳои ғайрисуннатӣ шомил наша-

ванд. Обрӯву эътиборе, ки тоҷикони Твер доранд, қурбони дасисаҳои гурӯҳҳои ифротгаро нагардонанд.

Дар шаҳри Твер воқеан ҳам ба ин масъала ҷиддан таваҷҷӯҳ менамоянд. Имомхатиби масҷиди шаҳр, ки ҷавонмарди тоҷик аст, дар ҷаласаҳои «Ҷамъияти фарҳангии тоҷикон» пайваста ширкат меварзад, ки мо худ шоҳид будем… Ӯ дар мулоқот изҳори қаноатмандӣ кард, ки ҷавонони тоҷик таҳти назорати ҷамъият қарор доранд ва зуҳуроти дар майхонаву тарабхонаҳо шароб нӯшидан ва ё ҳангоми сархушӣ ба ҷангу низоъҳо ҳамроҳ шудани онҳо нисбат ба дигар миллатҳо кам ба назар мерасад.

Вале вазъи воқеӣ дар дигар шаҳру вилоятҳои Русия чӣ гуна аст? «Раҳнамову маслиҳатгар»-и ҷавонони мо дар дигар минтақаҳо киҳо бошанд? Ба тафаккуру андешаи онҳо кадом «гурӯҳҳо» таъсир мерасонанд? Имрӯз ҷавононе, ки бо мақсади кору таҳсил ба кишварҳои хориҷӣ, минҷумла Русия мераванд, фардо ба Ватан бо чӣ гуна тафаккуру андеша хоҳанд баргашт?

Пӯшида нест, ки имрӯз дар бахшҳои иқтисод, фарҳанг ва маориф бо Федератсияи Русия ҳамкориҳои густурда роҳандозӣ мешаванд. Вале оё дар бахши дин равобиту ҳамоҳангӣ дар ҳамин поя қарор дорад?

Ба ростӣ, дар мавриди ҳамкории Кумитаи дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё идораи муфтиёти кишвар бо муфтиёти Федератсияи Русия чизе нашунидаам. Шояд шартномае ҳам вуҷуд дошта бошаду камина аз он бехабарам. Аммо ҳолате, ки имрӯз ҷой дорад, дар бахши ҳамкориҳои ин ду идора ба тавсеаи бештаре ниёз дорад. Аз ин лиҳоз гумон мекунам фурсате фаро расидааст, ки муфтиёт ҷиҳати иштироки уламои шинохтаи кишвар дар намозҳои ид ва ё гоҳ-гоҳ дар намозҳои ҷумъаи масоҷиди ҷомеи Русия бо Идораи рӯҳонии мусалмонони Федератсияи Русия шартнома ба имзо расонанд, то ки онҳо имкони

ба ҷавонони муҳоҷир мавъизаву насиҳат карданро дошта бошанд, аз мазҳабу суннатҳои санияи мо сӯҳбатҳо кунанд, онҳоро аз гароиш ба гурӯҳҳои ифротгаро ва мутаассиб ҳушдор диҳанд, вагарна ин минбари бузург насиби онҳое мегардад, ки дер ё зуд ҷавонони моро боз ба вартаи ғафлату фитна мекашанд.

Андеша мекунам ин иқдом аз маъракаи тадоруку ташкили ҳаҷу гирудорҳои дигар муҳимтар аст.

*Душанбе июли с. 2012*

## ТОҶИКИСТОН ВА РУСИЯ: ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲО

**Дар барномаи интихоботии довталаби №1 ба мансаби президенти Русия - В.В.Путин муҳимтарин нукта - таъсиси иттиҳоди нави Евразия (Европаю Осиё) дар шумули Русия, Белорусия, Қазоқистон бо эҳтимоли ҳамроҳшавии ҷамоҳири Тоҷикистону Қирғизистон мебошад. Яъне, бо вуҷуди сиёсати нофаҳмои давраи гузариш, табадуллоти солҳои 90-ум ва талаби машҳури «падари маънавии демократияи рус» Солженитсин, ки Осиёи Миёнаро як бори зиёдатӣ, «кӯррӯда» - «апендитсит» барои Русия номида буд, чунин тадбир - пайванди амалӣ бо Осиёи Миёна, дар барномаи амали ҳар як президенти навбатии Русия ҷой дошт ва боқӣ хоҳад монд.**

Таърихи муносибатҳои ин минтақа таърихи дурудароз дошта, аз садаи 16-ум оғоз мегардад. Вале пас аз он, ки аз ҷониби сегонаи славянӣ - Русия, Украина, Белорусия соли 1991 ИДМ - Иттиҳоди нави Давлатҳои Муштаракулманофеъ таъсис дода шуд, Туркманистон бетарафӣ эълом намуда, сиёсати ба блокҳо ҳамроҳнашавиро тавассути

СММ расмӣ кард ва ҳарчанд, ки Русия бо мутахассисонаш дар кошифӣ, истихроҷ ва тиҷорати газу нафти он ширкат мекунанд, вай боигарии худро танҳо дар асоси созишномаи барояш муфид амалӣ мегардонад. Ӯзбекистон, ки дар давлатдорӣ собиқаи зиёд дорад, бо сиёсати печидаи мувофиқ ба манфиатҳои иқтисодии худ, гоҳ ҷониби Амрико мекалавад, гоҳ худро ба оғӯши сарди Русия меандозад ва ҳамчун Туркманистон захираҳои табиии худро дар асоси созишномаҳои муфид ба Русия мефурӯшад. Чӣ тавре ки рӯзгор дар як муддати кӯтоҳ нишон дод, «ишкамбаи зиёдатӣ» будани Осиёи Миёна барои Русия танҳо як афсона будааст, ки бо ҳадафи сиёсӣ таҳмил гардид. Аслан, ҳама халқу давлатҳои Осиёи Миёна ба муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ авлавият дода, то ҳол ба мӯъҷизае умед мебанданд, ки ҳамкории собиқа бигузор дар шаклҳои муосир ҳам бошад, аз нав сурат гирад. Зеро ки ин муносибат дар муддати тӯлонӣ ба амал омада ба хуну мафкураи халқҳои минтақа ворид шудааст ва на талаби дурушти қонунҳои давлати алъон «бегона», на сарсонию саргардонӣ дар ҷустуҷӯи кор, на фиребу найранги кордиҳандагон ва на сарбурии калсарҳо -скинхедҳо ҳанӯз эҳсоси «дӯсти дерина ва санҷидашуда» будани халқи русро барҳам назадааст. Русия низ аз нахуст бо Осиёи Миёна баробари ҳадафҳои сиёсию марзӣ - геополитикӣ ҳадафҳои сирф иқтисодӣ низ дошт.

***<u>ДАВРАИ 1</u>.***

### *ОСИЁИ МИЁНА БО РУСИЯ: КАШИШ АЗ ҲАРДУ ҶОНИБ*

Таърихи муносибатҳои мутақобилаи Русия ва Осиёи Марказиро маъмулан ба се давра тақсим мекунанд. Аз замонҳои қадим то ҳуҷуми муғул тиҷорат аз Шарқ ба Ғарб ва - аз Чин то Рум ва аз марказ ба ҷануб - то Синду Ҳинд

сурат мегирифт, ки бо номи Шоҳроҳи Абрешим маъруф аст. Пас аз Осиёи Марказиро истило кардани Чингизхон ва ҷангҳои минбаъдаи ӯ бо кишварҳои дигар ин роҳ амалан баста шуд. Танҳо дар оғози асри 16, пас аз қатъ гаштани низоъҳои дохилӣ барои тиҷорат шароити беҳтар ба вуҷуд омада, Бухоро чун пойтахти давлати Шайбониён маркази тиҷоратии Осиёи Миёна, нуқтаи омадурафти тоҷирони хориҷӣ ва гузаргоҳи муҳим барои моли хориҷӣ шуд. Вале харитаи роҳи абрешим дар шакли аввала барқарор нагашт. Зеро ки дар натиҷаи ҷангҳои пайвастаи аморати Бухоро бо Эрон ва ихтилофи мазҳабии шиъа ва суннӣ сарҳади ғарбиро ба рӯи Бухоро баст. Дар дасти Португалия мондани бандарҳо ва роҳҳои асосии баҳрии Ҳинд интиқоли моли тарафайнро дар самти Марказ-ҷануб ғайриимкон гардонд. Ҳоли ногувори Чини зери истилои муғулҳо монда роҳҳои асосии корвонгузарро ки аз Чин оғоз мегардид, ба муддати тӯлонӣ тағйир дода, пеши ҳама гуна ҳамкориро бо ин кишварҳо баст. Ва маҳз дар ҳамин замина бо Русия муносибатҳои нави дипломатӣ ва тиҷоратӣ ба роҳ монда шуд. Барои Русия, ки мудом аз кишварҳои ғарбии аврупоӣ дар азият буда, барои мавҷудияти худ қариб ҳамеша дар ҳолати ҷангӣ қарор дошт, робита бо Осиёи Миёна аҳамияти аввалиндараҷа пайдо намуд. Яъне ки дар амал маҳз фоидаи иқтисодӣ ин кишварҳоро ба ҳам наздик намуд.

Аз нимаи дуюми асри 16 рафтуомади сафирони тарафайн ранги доимӣ гирифта, худи сафирон бо корвонҳои тиҷоратӣ меомаданд. Аз тиҷорати шоҳӣ ва хонӣ боҷ гирифта намешуд. Бинобар ин, ҳокимон бо камоли майл молу коло мефиристоданд. Аз корвонҳои алоҳида, ки ба Астрахан - шаҳри он замон сарҳадии Русия рафтуомад мекарданд, боҷи андак меситониданд ва ин тиҷоратро маҳдуд намекард. Молҳои Осиёи Миёна барои Русия чунон зарурат пайдо карда, ба таомул даромада буданд, ки ҳатто

ба доираи истилоҳот ва топонимикаи он таъсир гузоштанд. Мисол, яке аз миқёсҳои маъмули вазн дар давлати Москва «ансири бухороӣ» номида мешуд. Дар давлати хонии Қазон тоҷирони осиёимиёнагиро «тезикҳо» (тоҷикҳо) меномиданд. Дар маркази шаҳри Қазон маҳалле буд, ки бо номи «мавзеи тезикҳо» шӯҳрат дошт. Минбаъд тиҷорат дар самти Сибир ҳам вусъат ёфт. Зеро ки ба молҳои Осиёи Миёна дар ин ҷо зарурати бештар доштанд ва бо ин сабаб ҳукумати Москва аз тоҷирон дар ин самт умуман боҷ намеситонд. Талабот махсусан ба матоъҳои гуногуннавъи пахтагӣ ва абрешимӣ зиёд буд. Аз Москва ба Осиёи Миёна пӯсти хом, зарфҳои чӯбӣ, газворҳои пашмӣ, маснуоти фулузӣ оварда мешуд. Тиҷорати он бо мамолики Аврупо бар асари ҷангҳои доимӣ бо кишварҳои он мушкил буд. Як қисми он маҳсулотро дар аморати Бухоро тоҷирони ҳинду ва эронӣ мехариданд.

Ҳанӯз дар он замони дар назар тираи асримиёнагӣ ҳукумати Москва ҳамроҳи корвонҳои тиҷоратӣ ба ин минтақаи ба Русия наву ҳанӯз номаълум мутахассисони соҳаҳои гуногунро низ мефиристод. Маълумоти аз ҷониби тоҷирону сайёҳон ба даст омада барои Русия моҳияти дигар пайдо карда, ба ҳудуди Осиёи Миёна чун мавзеи ҳамшафати Ҳинд таваҷҷӯҳ намуд. Бо фармоиши Пётри 1 дар даҳаи дуюми асри 18 мутахассисони рус омада, роҳҳои обии минтақаро омӯхтанд. Ба фикри онҳо мебоист маҷрои қадимаи рӯди Ому - Узбой барқарор шуда, рӯд то баҳри Каспий тамдид мееёфт ва тавассути он флоти баҳрӣ-дарёии рус то Бадахшон расида, барои ҳуҷум ба Ҳинд истифода мегардид. Вале коршиносон диданд, ки оби Амударё бештар хусусияти мавсимӣ дошта, чандон зиёд нест ва қисмати болооби он, ки дар минтақаи камобу тезҷараён аст, барои киштигардӣ ҳеҷ мувофиқ намебошад. Бинобар ин аз ҳадафи ҳарбӣ - ҳуҷум ба самти Ҳиндустон сарфи назар

карданд, вале бо назардошти захираҳои бузурги нафту газ, пахта, мева, матои пахтагӣ ва ғайра ба рушди минбаъдаи тиҷорат заминаи боэътимоде гузоштанд ва дар паси дарҳои пӯшидаи дарбори Пётри 1 барномае тарҳрезӣ шуд, ки мебоист дар давоми 100 сол ин минтақаро куллан барои манфиатҳои Русия истифода менамуд. Маблағи зиёде барои ин мақсад масраф шуда, коршиносон ба ҳар роҳ ба ин минтақаи барои Русия мувофиқ омадан гирифтанд.

***ДАВРАИ 2.***

### *ТАЛОШИ АБАРҚУДРАТҲО: РУСИЯ ВА АНГЛИЯ*

Дар нимаи аввали асри 18 дар натиҷаи тохтутози бодиянишинҳо ва ислоҳоти зиёди пулӣ ҳоли шаҳр ва косибону косибӣ дар Осиёи Миёна хароб гашт ва дар ин шароит тиҷорат бо Русия аҳамияти бештар пайдо кард. Давлати Рус ба инкишофи тиҷорат бо Осиёи Миёна хеле манфиатдор буд ва барои он шароити муфид муҳайё мекард. Баъди ба вуҷуд омадани истеҳкоми Оренбург, соли 1735 бо мақсади ҷалб кардани тоҷирони Осиёи Миёна чанд муддат дар ин ҷо савдои бидуни боҷи гумрукӣ эълон карда шуд. Ҳодисаи нав дар ин самт - ширкати фаъолонаи худи тоҷирони рус буд. Онҳо дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна 2-3 сол истиқомат намуда, молҳои истеҳсоли Русияро оварда, молҳои маҳаллиро ба Русия мебурданд. Ҳарчанд ки дар ин давра тиҷорат бо Эрону Ҳинду Чин низ ба роҳ монда шуд, саҳми Русия бамаротиб бештар боқӣ монд. Дар хусуси зарурати ривоҷи бештари тиҷорат Флорио Беневени, ки соли 1722 дар Бухоро зистааст, ҳикоят карда менависад, ки молҳои ҳам барои Русия ва ҳам Бухоро зарурӣ мавҷуданд.

Вале муносибатҳои тиҷоратию сиёсии Русия бо Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри 19 ба мушкилот дучор шуд. Империяи Британия пас аз мустаҳкам кардани мавқеи худ

дар Ҳиндустон рӯ ба шимол овард. Ҳарчанд ки мулкҳои мустамликавии вай бо аморати Бухоро, Хӯқанд ва Хева ҳамсарҳад набуданд, ҳудуди Афғонистонро барои тавсеа ёфтан дар ин минтақа истифода бурдан хост. Мардуми афғон аз оғози асри 19 то ибтидои асри 20 зидди асорат гарони англис мубориза бурд, вале дар натиҷаи сиёсати пурмакри ҷаҳондорон, ҳокимони вай амалан мутеъи англисҳо буданд. Ҳукумати Англия бо истифода аз ҳудуди ба ӯ тобеъшудаи Афғонистон ба Осиёи Марказӣ ҷосусонро мефиристод. Аз ҷумла, солҳои 1812 - 1813 гурӯҳи ҷосусони мусулмонро бо роҳбарии Мириззатулло фиристод. Вай маълумоти стратегӣ ва тиҷоратӣ ҷамъ кард. Сипас миссияи В.Муркрофт ва Ҷ. Требек, Александр Борис ба омӯхтани масоили ҳарбию тиҷоратӣ машғул шуданд. Онҳо бар он сайъ карданд, ки барои тиҷорат дар ҳудуди аморати Бухоро созишнома ба тасвиб расонанд.

Ба Москва ва Санкт - Петербург хабарҳо мерасид, ки соҳибкорони британӣ ба Бухоро молҳои арзон оварда мефурӯшанд. Губернатори ҳарбии Оренбург В.Петровский барои шинос шудан бо вазъият ба ин кишвар шахсони мӯътамади худро фиристод. Солҳои 1833-1836 П.Демезон, Я.Виткевич дар назди ҳукуматдорони амирӣ ба таври ним расмӣ хизмат намуданд. В.Даль аз гуфтаҳои онҳо гузориш навишта, ҳукумати худро андак хотирҷамъ кард, ки дар тиҷорат бо Осиёи Миёна имконоти Русия хеле бештар буда, роҳ наздик аст ва моли истеҳсоли Русия дар саросари Осиёи Миёна то Ҳиндустон назар ба моли англисӣ арзиши бештар дорад.

Вазъият дар давраи ҷанги Англия ва Афғонистон дар солҳои 1838-1842 хеле муташанниҷ гардид. Ҳирот, ки нис батан ба Бухоро наздик аст, ба маркази ҷосусии англисҳо мубаддал гардид. Онҳо аз ҷанги таблиғотӣ васеъ истифода мекарданд. Аз ҷумла, дар Оренбург овоза паҳн шуд,

ки Англия ҳадаф гузоштааст, Бухорову Хеваро ишғол кунад. Ба Бухоро ҷосусони озмудаи англис Стоддарт ва дертар Конноли (пештар ӯ дар Хева ва Хӯқанд буд), Аббот ба Хева, дертар ба ҷойи ӯ Р.Шекспир фиристода шуданд. Онҳо маълумоти зарурӣ гирд оварда, аморатро ба ҷанги якҷоя зидди Русия таҳрик додан хостанд. Албатта, гумоштагони Русия аз ин бохабар шуданд ва ба амири Бухоро Насруллохон ахборот дода шуд. Ва амири дар аҳди дӯстӣ устувор ҷосусони англис Стоддарт ва Конноллиро дошта, аввал ҳабс кард, сипас ба қатл расонд.

Дар навбати худ Русия бо мақсади бесамар гардондани ҳадафи сафирону ҷосусони англис дар қатори дипломатҳои худ олимони намоёнро чун П.Никифоров, Г.Данилевский, К.Бутенев, шарқшинос Н.Ханыков ва дигарон ба Осиёи Миёна фиристод. Онҳо бори аввал дар асоси илмӣ омӯхтани кишварро оғоз карданд.

Дар қисмати ғарбии Осиёи Миёна - хонигарии Хева ҳам вазъият барои Русия мувофиқ буда, хон ваъда дод, ки боҷи гумрукии молҳои Русияро аз 5 дарсади арзиши воқеии онҳо болотар нахоҳад бурд. Корвонҳои транзитӣ аз боҷ озод буданд. Ҳукумати подшоҳӣ низ ба тоҷирони Хева имтиёзи барои дигар тоҷирон роиҷро дод.

Вале бо вуҷуди ин, вазъият ором набуд. П.И.Небольсин навишта буд: «Англисҳо бо қасди тамоман касод кардани моли русҳо солҳои 1841-42 ба Бухоро ба миқдори зиёд маснуоти худро оварда, онҳоро бо чунон нархи арзон (ҳатто бар зиёни худ) ба фурӯш гузоштанд, ки тамоми мардум ба ин молҳои нав дарафтода, дигар ба читу чалвору моҳути мо эътиборе надоданд. Англисҳо ба ин васила тоҷирони моро дур карда, пас аз як-ду сол нархи молҳои худро якбора ду баробар баланд бардоштанд». Капиталистони Лондон, Ливерпул, Манчестер ва дигар шаҳрҳои Англия пештар низ борҳо ин усулро барои азхуд кардани

бозори Синду Панҷоб истифода бурда, маҳз бо ин усулҳо ба ҳудуди Ҳинд сар даровардa буданд.

Ин ҳуҷуми равонӣ ва экспансияи тиҷоратии Англия дақиқан бар зидди Русия буд. Департаменти тиҷорати хориҷии Русия дар соли 1845 сабаби кам шудани содиротро ба Осиёи Марказӣ дар он дид, ки «молҳои нисбатан арзони Ост-Индия ва Англия ба бозори Бухоро кашонда мешавад». Тоҷири рус Ф.Пичугин соли 1848 шикоят кардааст, ки «англисҳо сармояи худро дареғ надошта… ба Осиёи Миёна наздик мешавад ва мо дар ин бозорҳо молҳои англисиро бисёр вомехӯрем».

Солҳои 50-ум ин «ҳуҷум» бештар гашт. Дар ин ҷода Британия аз имконияти шарики стратегии худ - Туркияи Усмонӣ ҳам истифода мебурд. Англия ва Туркияи иғвододаи вай чун давлати исломӣ борҳо саъю кӯшиш карданд, ки шиори «ғазавоти» иттиҳоди се давлат - аморати Бухоро хонигариҳои Хева ва Хӯқандро ба муқобили Русия амалӣ кунанд. Хавфи ба ин ҷанг ҳамроҳ шудани Англия низ мавҷуд буд. Ҳатто дар парлумони Англия соли 1858 ҳангоми муҳокимаи масъалаи вусъат додани экспансияи тиҷоратӣ ба Осиёи Миёна яке аз вакилон таъкид намуд, ки ҳамин омил «имкони ба ин мамлакат фиристодани қувваҳои мусаллаҳро зиёд мекунад». Вале ин кӯшиш ҷомаи амал напӯшид. Англияи дар сиёсат пухта ва ботадбир дар зоҳир бо амалдорони осиёимиёнагӣ аҳди дӯстӣ баст. Вале дар амал Туркияро барои шикасти Осиёи Миёна истифода мебурд, амири Афғонистонро ба ҷанг таҳрик дода, барои ишғол кардани мулкҳои тоҷикону ӯзбекони аморати Бухоро дар соҳили чапи рӯди Омӯ кӯмак мекард. Дар натиҷа, бисёр шаҳрҳои бостонии тоҷикону ӯзбекон, ки аз қадим дар соҳили чапи дарёи Омӯ зиндагӣ мекарданд, ба таври сунъӣ аз бародарони ҳамхуни дар он тарафи дарё будаи худ ҷудо шуданд.

### *ТАЛОШИ АСОСӢ БАРОИ ПАХТА*

Дар асри 19 пас аз ҷангҳои зиёд вазъияти сиёсии ҷаҳон муташанниҷ гашта, ба он боис шуд, ки самти сиёсати Русия тағйир ёфт ва боз ҳам бештар ба Осиёи Миёна рӯ овард. Якчанд омили таърихӣ ба ин ҳолат мусоидат намуд. Нахуст, ҳукуматдорони маҳаллии Осиёи Миёна ҷонибдори ҳамкорӣ бо Русия буданд. Бинобар ин, тиҷорат натиҷаҳои назаррас дод. Агар дар оғози асри 19 соле 1 ҳазор пуд пахта ба Русия кашонда шавад, ин рақам соли 1818 ба 10 ҳазор пуд ва соли 1858 ба 180 ҳазор пуд расид (П.И. Небольсин, 1865). Дуюм, дар Америка ҷанги шаҳрвандӣ сар зада, дар натиҷа содироти пахтаи он ба Русия кам шуд. Бинобар ин, соли 1862 содироти пахта аз Осиёи Миёна ба Русия се баробар зиёд гашт. То соли 1861 як пуд пахтаи Бухоро дар ярмаркаи Нижегород 4-5 сӯм арзиш дошта бошад, соли 1862 ба 7,5 сӯм ва соли 1864 ба 23-24 сӯм расид. Дар даҳсолаи 1840-1850 танҳо бо роҳи Оренбург аз Русия ба давлатҳои Осиёи Миёна 40 ҳазор пуд мис, беш аз 400 ҳазор пуд оҳан, 75 ҳазор пуд чӯян, 25 ҳазор пуд пӯлод ва ғайра ирсол гардид.

Мавриди зикр аст, ки ҳатто дар давраи авҷи тиҷорат низ ҳиссаи содироти маводи Осиёи Миёна ба Русия ҳамагӣ 2-3 дарсадро ташкил менамуд ва қисми зиёди молҳои содиротӣ аз Русия меомад. Яъне, ҳанӯз 10-15 пеш аз истилои Русия давлатҳои Осиёи Миёна таҳти нуфузи иқтисодии давлати Рус қарор гирифта буданд.

Дар асри 19 омӯзиши илмии Осиёи Миёна сурат гирифта, олимони олидараҷаи ҷуғрофия, геология, геодезия, астрономия, табиатшиносон, шарқшиносон ва забоншиносони пуртаҷриба омада, дар зарфи 50 сол барои ҷаҳон дар бораи Осиёи Миёна маълумоти дақиқи илмӣ доданд. Шарқшиноси намоёни рус В.В.Григорьев ба тадқиқи илмии забони тоҷикӣ шурӯъ кард. Саҳми олимони рус Н.В.Ханыков, Н.П.Игнатев, П.И.Лерх, Х.Д.Френ,

И.Н.Березин, Н.И.Илминский ва дигарон дар омӯзиши таъриху тамаддуни халқҳои Осиёи Миёна калон аст. Ин ҳама ба натиҷае оварданд, ки аз ҳамон давра муносибатҳои тарафайни халқҳои Осиёи Миёна ва рӯс дӯстона ва некхоҳона гаштанд.

***<u>ДАВРАИ 3</u>.***

### *ИСТИЛОИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ҶОНИБИ РУСИЯ*

Чунин ба назар мерасад, ки талошҳои Британия дар солҳои 40-50-ум барои вусъат додани тиҷорат ва дасисаҳои сиёсии он боиси зудтар сурат гирифтани ҷанги истилокоронаи Русия ба Осиёи Миёна гардид. Соли 1853 Русия қалъаи Оқмаҷити Хӯқанд (Қизил Ӯрдаи ҳозира)-ро ишғол кард. Ҳамон сол аввалин роҳи обии Русия ба Осиёи Миёна кушода шуда, киштиҳои рус аз баҳри Арал ба саргаҳи дарёҳои Сир ва Ому ҳаракат карданд ва дар баробари ин, истеҳкомоти Сирдарё сохта шуд.

Ҳуҷум ба Осиёи Миёна аз ду самт - Оренбург ва Ҳафтрӯд сурат гирифта, қӯшуни подшоҳӣ соли 1864 Чимкент, соли 1865 Тошкент, с.1866 Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа, Ҷиззахро ишғол намуд, 2 майи соли 1868 ба Самарқанд ворид шуд. Дар байни ин ду сол аморати Бухоро ва хонигарии Хӯқанд ба мағлубият дучор шуданд. Аввали соли 1868 хони Хӯқанд Худоёрхон бо ҳукумати подшоҳӣ муоҳида баста, ба империяи Русия тобеъ шудани худро эътироф кард. 23 июни с.1868 генерал-губернатор Кауфман бо амири Бухоро Музаффар муоҳида имзо кард, ки як қисми Бухоро ба Русия гузашт ва аз ҳуқуқи бо ихтиёри худ муносибат кардан бо давлатҳои хориҷӣ маҳрум гардид. Бухоро барои хароҷоти ҳарбии Русия 500 ҳазор сӯм дода, вассали Русия шуд.

Ба савдогарони рус барои дар ҳудуди ин кишварҳо

озодона тиҷорат кардан рухсат дода шуд ва боҷ на бештар аз 2,5%-ро ташкил мекард. Соли 1870 «Экспедитсияи Искандаркӯл» сурат гирифта, генерал Абрамов ба мулкҳои ниммустақили кӯҳистони Моғиён, Фон, Киштуд, Фалғар, Мастчоҳ, Яғноб ва ғайра юриш намуд. Ба ҳайат олимон А.Ф.Федченко, геолог Д.К. Меншиков, нақшабардор Л.Н.Соболев ва донишмандони дигар дохил шуданд. Дар натиҷа, ин минтақаи Тоҷикистони ҳозира низ ба музофоти Зарафшони Русия ҳамроҳ шуд.

Соли 1873 абарқудратҳо мувофиқате ҳосил карданд, ки дар Хева протекторати Русия ва дар Афғонистон протекторати Англия барқарор мегардид. Пас аз ин, ҳуҷум ба Хева оғоз шуд. Баҳонаи ҷанг - ҷазо додан ба куштори сафорати Бекович-Черкасский дар соли 1717 ва «муносибати беэҳтиромона» ба намояндагони генерал-губернатори Туркистон шуд. Вале асли мақсад ба даст овардани манбаҳои нави ашёи хом буд. Моҳи майи 1873 қалъаи шаҳри асосии Хева ишғол шуд, 2 июни ҳамон сол муоҳидаи байни Русия ва Хева ба имзо расид.

Соли 1891 дастаи на он қадар калони полковник М.Ионов ба сафари иктишофии Помир фиристода шуд. Шартномаи байни Русия ва Англия соли 1894 ба расмият даромада, баҳори соли 1895 комиссияи англису рус марзи Осиёи Миёнаро муайян намуд. Январи соли 1896 Николаи 2 сарҳади империяи Русияро тасдиқ намуд ва Осиёи Миёна пурра ба ҳайати Русия даромад.

Пас аз истилои Осиёи Миёна саноатдорони Русия дар ин кишвар ба рушди пахтакорӣ аҳамияти калон дода, солҳои 70-80-ум барои кишти пахтаи серҳосили америкоӣ мусоидат намуданд. Осиёи Миёна ба манбаи моли хом барои саноати Русия мубаддал гардид. Косибон ва ҳунармандони майдаи маҳаллӣ ба молҳои саноатии Русия рақобат карда натавониста, шикаст мехӯрданд. Иттиҳоди

соҳибкорони саноати бофандагӣ кӯшид, ки дар маҳалҳои пахтакор фабрикаҳои бофандагӣ созад, вале ин тадбир аз ҷониби корхонаҳои саноатии шаҳрҳои марказии Русия дучори муқобилияти сахт шуд.

Аз солҳои 70-ум сохтмони роҳи оҳан шурӯъ гашта, дар муддати 15 сол вай аз соҳили Каспий то Ашқобод, соли 1888 то Самарқанд ва соли 1898 то Тошкент кашида шуд. Вале ин роҳ то маркази Русия намебурд ва лозим меомад, ки борро ба киштиҳо фароварда, тавассути онҳо ба Русия интиқол диҳанд. Бинобар ин, аз оғози асри XX сохтмони хати нави роҳи оҳан шурӯъ шуд, ки вай Тошкентро ба Оренбург пайваста, минбаъд то Хӯқанд ва тавассути он ба шимоли Тоҷикистони имрӯза кашида шуд. Ин имкон дод, ки мубодилаи мол беш аз 10 маротиба зиёд шавад. Тоҷирон моли русиро бо нархи бениҳоят баланд савдо мекарданд.

Пас аз анҷом ёфтани роҳи оҳан тиҷорат равнақ ёфт. Агар соли 1865 содироти Бухоро 3306 ҳазор сӯми тилло ва воридоташ 1 913 сӯми тилло бошад, пас солҳои 1900-1904 ба ҳисоби миёна содирот ба 23 700 ҳазор ва воридот ба 23 200 ҳазор сӯми тилло расид. Аз ҷумла, пеш барои содирот тақрибан 50 ҳазор пуд пахта ҷудо мекарда бошанд, дар арафаи асри XX ба 1млн. 200 ҳазор пуд, содироти пӯсти қарокӯлӣ аз соле 30-40 ҳазор дона ба 1 млн дона расид.

Аз солҳои 70-уми асри 19 ҳукумати подшоҳии Русия бо мақсади ба вуҷуд овардани такягоҳи миллӣ ба микёси васеъ дар Осиёи Миёна муҳоҷирони русро ҷойгир намуд. Бори аввал беш аз 125 ҳазор нафар мардуми рус ба Осиёи Миёна муҳоҷир шуданд. Аҳволи иҷтимоии онҳо чандон хуб набуд. Дар ин бора муосирон навиштаанд, ки муҳоҷирони рус гурӯҳ-гурӯҳ ба сафи бекорон дохил шуда, дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ба сарватмандони маҳаллӣ ва рус мардикорӣ мекарданд. Ин нахустин интиқоли мардикоро-

ни бурунмарзӣ дар байни ин кишварҳо буда аз ҷониби ҳукуматдорони Русия сурат гирифтааст.

Дар баробари муҳоҷирати русҳо дар ҳудуди Осиёи Миёна мактабҳои ибтидоии русӣ ва гимназияҳо ташкил карда шуданд. Соли 1870 губернатор Абрамов дар Самарқанд нахустин мактаби русӣ-маҳаллиро (русско-туземная школа) кушод, ки дар он ба аҳолии маҳаллӣ забони русӣ ва дигар фанҳоро муаллими рус сабақ медод. Чунин мактабҳо дар шаҳрҳои Хуҷанду Ӯротеппа низ таъсис ёфтанд. Инчунин, курсҳои шабона ташкил шуданд, ки ба калонсолон забони русиро меомӯзонд.

Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза беш аз сад намуди ҳунармандию косибӣ мавҷуд буд, вале бо овардани молҳо аз Русия, ҳоли онҳо табоҳ шуд. Аввали соли 1910 молҳои русӣ тамоми бозорҳои Осиёи Миёнаро зер карда гирифтанд ва аксари кулли косибони маҳаллиро танг карда, баровარданд. Бисёр косибон тарки касб намуда, дар кишвар бекорию бенавоӣ зиёд шуд.

Баробари сохтмони роҳи оҳан, кашфи конҳои зеризаминии минтақа авҷи тоза ёфт. Нисбат ба солиёни пеш хеле бештар ангишт, нафт, металҳои ранга, муми табиӣ- озекерит истеҳсол шуд. Истеҳсоли ангишт соли 1907 ба 1 млн 220 пуд расид. Бойтарин конҳои нафти САНТО ва Чимиёни водии Фарғона ва кони Чалакони баҳри Каспий мавриди истифода қарор гирифта, соли 1901 тақрибан 600 ҳазор пуд ва пас аз даҳ сол 15 млн. пуд нафт истихроҷ шуд.

Вале иқтисоди кишвар ҳамоно зироатпарварӣ ва пахтакорӣ боқӣ монд. Дар ҳудуди генерал-губернаторӣ 230 корхонаҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ кор мекард, 34 заводи шароб сохта шуд. Бонкҳои зиёд фаъолият карда, натиҷаи заҳматҳои мардумро фурӯ мебурданд. Дар Бухорои Шарқӣ- ҳудуди марказ, ҷануб ва шарқи Тоҷикистони имрӯза танҳо ба шарофати душворгузар будани роҳ моли

Русия камтар дохил мегашт ва дар ин маҳалҳо саноати маҳаллӣ бақо монд. Вале дар кишоварзӣ ривоҷ ёфтани муносибатҳои пулию молӣ таҷзияи деҳқононро тезонда, теъдоди камбизоатҳо ва деҳқонони безамин афзун гашта, онҳо ба мардикорӣ ва хизматгорӣ машғул мешуданд.

Мавҷи дуюми сукунати русҳо ба Осиёи Миёна солҳои 1905-1907 сурат гирифт. Ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади бартараф кардани бӯҳрони кишоварзӣ ва бунёди такягоҳи худ деҳқононро аз марказ ба канораҳои империя, аз ҷумла, ба Туркистон муҳоҷир намуд. Ба онҳо одатан замин ҷудо мекарданд, ки аз аҳолии маҳаллӣ гирифта мешуд. Вале аксари русҳо дар ҷойи нав ба ҳолати душвор гирифтор гашта, маҷбур буданд, ки он заминро фурӯхта ба мардикорӣ ва хизматгорӣ ба бойҳо машғул шаванд. Бинобар ин, мақсади ҳокимон ҷомаи амал напӯшид ва ба ҷойи такягоҳи мутлақият гаштан, деқонони рус бо аҳолии маҳаллӣ омехта, бар зидди истибдоди ҳукумати шоҳӣ ва амирони маҳаллӣ бархестанд. Бинобар ин, ҳукумати подшоҳӣ барои худ чораи дигар ҷуста, тибқи нақшаи К.К.Пален аз Русия минбаъд на деҳқонони бенаво, балки русҳои сарватмандро фиристод. Думаи давлатӣ декабри соли 1910 қонуне қабул кард, ки мувофиқи он аз сокинони Туркистон заминҳоро кашида гирифта ба сарватмандони навомадаи рус медоданд.

## *ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНӢ ВА НАХУСТИН ЗУҲУРИ МУШКИЛОТИ ИҚТИСОДИ ЯККУТБӢ*

Яккутба будани иқтисод ва аз бозори як кишвар - Русия вобаста будани минтақаи бузурги Осиёи Миёна дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ боиси осебпазирии он гардид. Дар натиҷаи белаёқатии ҳайати фармондеҳии ҳукумати подшоҳӣ ва хиёнаткориҳои ҳукуматдорони намоён Русия талафоти зиёд дод. Дар натиҷа, ба иқтисоди Осиёи Миёна

ҳам таъсири манфӣ расид: кашонда овардани молҳои саноатӣ, бағоят кам шуда, аз Осиёи Миёна баровардани ашёи хом, пахта ва озуқаворӣ афзоиш ёфт. Бо сабаби паст фаромадани нархи пахта ҳоли пахтакорон хароб гардид. Андозҳо афзуданд. Аз Туркистон аспҳо, чорво, меваи хушк, моҳӣ, кунҷит ва ғайраро барои эҳтиёҷоти ҷанг мебурданд. Нархи молҳои саноатии Русия ва маводи ғизоӣ дар давоми як сол 2-3 баробар гаронтар шуд ва ҳоли иҷтимоии мардум поён рафт. Мардум ба ҷойи пахта, гандум кишт намуданд.

Бори аввал сокинони Осиёи Миёна ба Русия фиристода шуданд. - 25-уми июни соли 1916 дар айни мавсими ҳосилғундорӣ фармони шоҳи Русия бо унвони муғлақ - «Дар бораи сафарбарии мардҳои аҳолии маҳаллии табааи империя ба кори сохтмони иншооти мудофиа ва дар маҳалли армияи амалкунанда ва ҳамчунин барои анҷоми ҳама гуна корҳои барои мудофиаи давлат зарур» баромад, ки тибқи он «тамоми мардҳои аз 19 то 44-солаи вилоятҳои Сирдарё, Фарғона, Самарқанд… « ва дигар вилоятҳои кишвари Туркистон бояд сафарбар мешуданд. Як худи уезди Хуҷанд бояд 9 ҳазор мардикор медод. Яъне нахустин муҳоҷирати мардуми Осиёи Миёна ба Русия иҷборӣ буд. Мардум ба мардикорӣ рафтан намехост ва зӯран иҷро кардани ин фармон оммаи халқро ба неҳзати тавонои зиддиҳукуматӣ сафарбар намуд. Ҳокимон ошӯби мардумро бо тири туфанг пахш карда, ду касро кушта, як нафарро маҷрӯҳ намуданд. Вале шӯриш дар дигар шаҳрҳо идома ёфт.

Баъди пахш кардани шӯришҳо ҳукумати подшоҳӣ мардумро маҷбуран ба мардикорӣ сафарбар кардан гирифт. Албатта, бештар фарзандони мардуми бенаворо мебурданд. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки касони ба мардикорӣ рафта дар сохтмони иншооти мудофиа, корхонаҳои саноатӣ, ҳатто дар заминҳои сарватмандони рус хизмати вазнинро ба ҷо меоварданд. Вале на идораҳои ҳарбӣ, на

соҳибони заводу фабрикаҳо, ки бояд мардикоронро қабул мекарданд, ба ин кор мутлақо тайёрӣ надида буданд. Ҳазорон ҳазор мардикорон дар бараку заминканҳои сард бе оташдон зиндагӣ мекарданд, аз хунукию касалиҳо садҳо нафари онҳо ҳалок мешуданд. Худсарию бедодӣ ва беинсофии тартиби мардикоргирӣ, зиндагии мудҳишу вазнин ва тоқатгудозии мардикорон дар ғарибӣ - дар Русия нафрату адовати аҳли заҳматро ба ҳукумати подшоҳӣ ва ҳукуматдорони маҳаллии Русия зиёд намуд. Беҳуда нест, ки қисми зиёди мардикорон дар Русия ба мавҷи ҳаракатҳои инқилобӣ ҳамроҳ ва ба ҳизби коммунист аъзо шуданд. Ба муносибати бозгашти мардикорон 25 майи соли 1917 дар Хуҷанд митинги идона барпо шуда, иштирокчиёни он Шӯрои вакилони мардикорони коргарро интихоб карданд ва онҳо минбаъд дар чараёни инқилоб дар Тоҷикистон саҳми калон гузоштанд.

### *ИНҚИЛОБИ ОКТЯБР, ЛЕНИН ВА ОСИЁИ МИЁНА*

Агар Осиёи Миёна барои Русия як бори зиёдатӣ мешуд, имкон дошт, ки коммунистон пас аз Инқилоби Октябр аз баҳри он бароянд. Зеро ки дар натиҷаи бархӯрди нерӯҳои зиддикоммунистӣ худи Русия ба хуни мардуми бегуноҳ ғарқ гашта буд. Вале пешвои инқилоби рус В.И.Ленин лаҳзае Шарқро бетаваҷҷӯҳ намегузошт. Шахси аз таърих андаке маълумот дошта медонад, ки боз империяи Англия тавассути хоки Афғонистон, ва ба воситаи Туркияи тавсеахоҳ амалан дар ҳудуди ин кишвар муҳорибаҳо ташкил мекарданд. Ҳатто Чин ба ҳудуди Помир сар даровардан хост. Чун сад сол қабл ин давлатҳо хостори он шуданд, ки ин Осиёи Миёна вассали онҳо гардад. Вале чунин нашуд. Ҳанӯз 2-юми ноябри с.1917 Ҳукумати Шӯравӣ муҳимтарин ҳуҷҷатҳои барои худшиносии миллӣ муҳим - «Декларатсияи ҳуқуқҳои халқҳои Русия» ва 20-уми ноябри

ҳамон сол «Муроҷиат ба ҳама мусулмонҳои меҳнаткаши Русия ва Шарқ»-ро қабул кард, ҳамзамон Комиссариати ҳарбӣ оид ба халқиятҳоро таъсис намуд.

Мардуми кишварҳои Осиёи Миёна - тоҷикон, ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо, ки ба Русия даст дода, аҳди дӯстӣ баста буданд, пеши ҳама гуна тафриқаандозиро гирифта, кӯшишҳои империализми байналмилалиро барбод медоданд. Мавриди зикр аст, ки дар рӯзҳои нахустини пас аз ғалабаи инқилоб дар Петербург дар шаҳрҳои дар ихтиёри Русия буда, аз ҷумла, 1-уми ноябр Тошкент, 11-уми ноябр Хуҷанд ба дасти Шӯроҳои инқилобӣ гузашта, 15 ноябр Анҷумани 3-юми кишварии Шӯроҳо дар Тошкент ҳукумати шӯравиро дар Туркистон эълом намуд ва Шӯрои комиссарони халқиро интихоб намуд. Алайҳи ин нерӯ амалдорони амириву хонӣ бо сарпарастии кишварҳои АНТАНТА дар Фарғона ва Самарқанд анҷумани худро доир намуда, ҳукуматро ба дасти худ гирифтан хостанд. Ин кӯшиш дар Самарқанд бор надод, вале дар Фарғона дар охири ноябри с. 1917 Анҷумани мусулмонон барпо шуда, Туркистонро аз Русия мухтор эълом намуд ва ҳукумати худро таъсис намуд. Исфара ва Конибодом, ғайр аз конҳои нафту ангишт ба «Автономияи Хӯқанд»-и навтаъсис дохил шуданд. Шӯрои конҳо ба онҳо муқобилият нишон доданд. Ҳаракати аксулинқилобӣ авҷ гирифт.

Ва дар ҳамин гуна лаҳзаҳои ҳассос В.И.Ленин ба ин ҷо лашкари камшумори шӯравиро сафарбар кард. 21-22-юми феврали соли 1918 «сарбозони сурх», ки аз шаҳрҳои гуногун омада буданд, ҳамроҳи заҳматкашони вилоятҳои атроф нерӯҳои мусаллаҳи «мухтори Хӯқанд»-ро торумор намуданд. Як қисми онҳо ҳаёти худро бо ин сарзамин пайвастанд.

Инқилоби февралии рус аз феврали 1917 то сентябри 1920 то андозае ба Бухоро мустақилият дода, маҳдуди-

яти амир барои ҳамкории байналмилалӣ бардошта шуд, вале бо бисёр сабабҳо амир ин соҳибихтиёрии 6-моҳаро истифода бурда натавонист ва аҳволи кишвар бадтар шуд. То инқилоб Бухоро ба Ғарб 2-2,5 миллион пӯсти қароқӯлӣ, то 2 миллион пуд пахта интиқол медод, ки асосан тавассути Москва сурат мегирифт. Амир кӯшид, ки байни Туркистони бо оташи инқилоб фаро гирифта, Афғонистони ҳамзабону ҳамдин, Ҳинди Британиёӣ ва Форси шиамазҳаб алоқаи мустаҳкаме пайдо кунад. Вале аллакай воқеияти ҷаҳон дигар шуда, ҳатто Афғонистону Форс ба Русияи нав, ки паноҳи заҳматкашон гашта, бо барномаи сохти ҷадиди иҷтимоӣ баромад кардан гирифт, маҳбубияте пайдо карда буданд.

Амир Олимхон кӯшид, ки маблағҳои шахсии худро аз Бонки давлатии Русия ба Аврупо гузаронад. Тобистони соли 1917 тавассути миёнаравии намояндаи рус дар Бухоро Миллеро ва саноатчӣ И.Стахеев ба бонкҳои Англия ва Фаронса 150 млн. ва дертар боз 32 млн. рубл интиқол дод, ки он замон маблағи хеле калони ҷамъовардаи тамоми аҳли сулолаи манғитҳо буд. Аммо чи тавре ки муҳаққиқи англис Гленда Фрезер маълумот медиҳад, амир ин маблағро бозпас гирифта натавонист. Зеро ки ҳуҷҷатҳои маблағи аввaларо ҳангоми фирор дар Бухоро монда буд, квитансияи транши дуюмро умуман надид. Бе пул даъвати ӯ албатта, кам таъсир дошт. Вақте амир Олимхон аввали соли 1920 барои кӯмак ба Афғонистон муроҷиат кард, модари шоҳи он Амонуллохон Улёҳазрат посухи рад дод, ки агар Афғонистон комилан мустақил нашавад, писари азизи ман наметавонад бародари худро ҳимоят кунад. Бинобар ин эъломи ҷангро бо кофар ба дӯши худ намегирад.

Амир рӯ ба Англия оварда 21 октябри с.1920 аз ш.Душанбе ба шоҳ Георги V нома фиристода, хоҳиш кард, ки ба ҳисоби қарзи давлатӣ 100000 фунтов стерлинг 20 ҳазор

милтиқ 30 тӯп бо тирҳояш ва 10 аэроплан, 2 ҳазор аскар фиристад. Британия аз дахолати бевосита ба корҳои Бухоро даст кашид. Зеро ки онҳоро аллакай аз Қафқозу Форс ронда буданд, дар Бағдод базӯр истодагарӣ мекарданд, як ҷанги дигар дар Осиёи Миёна ба онҳо гарон меафтод. Зеро ки ин дасиса метавонист бо ишғоли Афғонистон аз ҷониби Русия анҷом ёбад. Инро Англия ҳаргиз намехост. Бинобар ин Англия усули бозии (masterly inactivity) - «беамалии устокорона»-ро истифода бурд, ки аз давраи «Бозиҳои бузург»-и садаи 19 боқӣ монда буд.

Умеди амир Олимхон танҳо ба меҳмондӯстии бародари муслимаш шоҳи Афғонистон монда буд. Вале маҳбубияти давлати навбунёди коммунистии Русия дар байни кишварҳои ҳамсоя ба дараҷае баланд буд, ки шоҳ бародарро қабул карда дар қалъаи Фату, 18 км дуртар аз Кобул ҷой дод, вале тамоми талаботи ҳукумати Русияро иҷро намуда, ҳама гуна фаъолияти ҳарбию сиёсии амирро маҳдуд намуд. Дар муҳоҷирати кобул Олимхон бори дигар ба Англия муроҷиат намуд. Вале боз ба имдодаш касе нарасид. Ҳатто хоҳиши ӯ дар бораи паноҳгоҳи сиёсӣ додан дар ҳудуди Ҳинд қабул нагардид. Дар масъалаи амири Бухоро давлатҳои абарқудрат мухолифате надошта, баръакс, бо назардошти манфиати умумидавлатӣ Англия ба ҷанг хотима бахшид ва бо Русия дар бораи тиҷорат созишномаро ба тасвиб расонд. Бале, Англияи муқтадире, ки ба сад баҳона амири Бухороро дастгирӣ намудани ба ҷанги рус таҳрик медод, дар лаҳзаи тақдирсоз аз чунин рафиқ даст кашид ва бо Русия аҳди дӯстию ҳамкорӣ баст. Яъне салтанатҳои бузург барои манфиати худ халқҳои хурдро қурбон карданд. Вале чунон ки аз таърих маълум аст, халқҳои Осиёи Марказӣ ба Русияи нави шӯравӣ эътимоди бештар доштанд ва аз ин ҳамрайъӣ ҳаёти мардуми Мовароиа Омӯ бакуллӣ тағйир ёфт. Бо мақсади маърифатпарварӣ ба Осиёи Миё-

на аз шаҳрҳои маркази Русия даҳҳо ҳазор коргарони рус фиристода шуданд, ки онҳоро «25-ҳазораҳо» меномиданд. Ин ҳаракат то охири солҳои 80-ум амалан идома ёфт. Дар кишвари нав аз истибдоди амирӣ раста ҳоли онҳо чандон хуб набуд, вале халқи меҳмоннавози маҳаллӣ онҳоро ба оғӯши худ гирифт ва ҳамроҳ бо умеди нек -баҳри сохтани коммунизми хаёлӣ камар бастанд.

### *ТАЛОШИ ШӮРОҲО БАРОИ ПАХТАКОРӢ*

Агар ба чанд далели асосӣ назар кунем, маълум мешавад, ки ҳадафи ҳукумати шӯравӣ ҳамоно истифода аз захираҳои табиӣ ва пахтаи ин минтақа буд. Аз аввали с. 1918 конҳо ва заводҳои пахтатозакунӣ давлатӣ гардонда шуданд. 17-уми майи с. 1918 барои азхудкунии дашти Дилварзин ва Гушна бо имзои В.И.Ленин 50 млн. рубл ҷудо шуд, вале бо сабаби авҷи ҷангҳои шаҳрвандӣ ин амал мавқуф гузошта шуд. Солҳои 1921 амир аз Бухоро ронда шуда, кулли Осиёи Миёна ба дасти Шӯроҳо гузашт. 4 марти с.1921 дар Москва бо Ҷумҳурии Халқии Бухоро созишномаи иттифоқӣ бо Русия баста шуд. Тибқи он Русия ба ин кишвар коршиносон, омӯзгорон, маводи таълимӣ таҷҳизоти типографӣ интиқол дод. 21 марти ҳамон сол созишномаи ҳарбӣ-сиёсӣ баста шуд. Тоҷикистон чун як ҷузъи Ҷумҳурии Бухоро ба ин созишномаҳо ворид шуд ва пас аз ба даст овардани мухторият аз с.1924 нуктаҳои он созишномаҳоро иҷро намуд. Мавриди зикри хос аст, ки маҳз ба шарофати инқилоб ва сиёсати дурандешонаи миллии В.И.Ленин ва И.В.Сталин халқи тоҷик озод гашта, пас аз 1025 сол соҳиби давлати худ шуд. - Давлати Сомониён соли 999 бар асари ҳамлаи қарохониҳои туркнажод сукут карда буд.

Дар Тоҷикистон амалан саноат набуд, диққати асосии Маскав низ ба пахтакорӣ нигаронда шуд ва ҷумҳурии мо

базаи асосии пахтаи маҳиннах гардид. Аз охири солҳои 20-ум сар карда, сохтмони шабакаи васеи канали обёрии Вахш бо азхудкунии 100 ҳазор га оғоз шуд ва минбаъд канали Ҳисор, шабакаҳои обёрӣ дар вилояти Суғд барои обшор кардани заминҳои зиёди обӣ шуд, ки дар аксари он пахта мекориданд. Ва истеҳсоли он аз 37,1 ҳазор тоннаи соли аввали панҷсолаи 1-ум соли 1937 ба 178,4 ҳазор т. ва соли 1980 ба 1 миллион тонна расонда шуд.

Амир Олимхон кӯшид, ки маблағҳои шахсии худро аз Бонки давлатии Русия ба Аврупо гузаронад. Тобистони соли 1917 тавассути миёнаравии намояндаи рус дар Бухоро Миллер ва саноатчӣ И.Стахеев ба бонкҳои Англия ва Фаронса 150 млн. ва дертар боз 32 млн. рубл интиқол дод, ки он замон маблағи хеле калони ҷамъовардаи тамоми аҳли сулолаи манғитҳо буд. Аммо чӣ тавре ки муҳаққиқи англис Гленда Фрезер маълумот медиҳад, амир ин маблағро бозпас гирифта натавонист. Зеро ки ҳуҷҷатҳои маблағи авваларо ҳангоми фирор дар Бухоро монда буд, квитансияи транши дуюмро умуман надид. Бе пул даъвати ӯ албатта, кам таъсир дошт. Вақте амир Олимхон аввали соли 1920 барои кӯмак ба Афғонистон муроҷиат кард, модари шоҳи он Амонуллохон Улёҳазрат посухи рад дод, ки агар Афғонистон комилан мустақил нашавад, писари азизи ман наметавонад бародари худро ҳимоят кунад. Бинобар ин эъломи ҷангро бо кофар ба дӯши худ намегирад.

Амир рӯ ба Англия оварда 21 октябри с.1920 аз ш.Душанбе ба шоҳ Георги V нома фиристода, хоҳиш кард, ки ба ҳисоби қарзи давлатӣ 100000 фунт-стерлинг 20 ҳазор милтиқ ,30 тӯп бо тирҳояш ва 10 аэроплан, 2 ҳазор аскар фиристад. Британия аз дахолати бевосита ба корҳои Бухоро даст кашид. Зеро ки онҳоро аллакай аз Қафқозу Форс ронда буданд, дар Бағдод базӯр истодагарӣ мекарданд, ҷанги дигар дар Осиёи Миёна ба онҳо гарон меафтод. Зеро

ки ин дасиса метавонист бо ишғоли Афғонистон аз ҷониби Русия анҷом ёбад. Инро Англия ҳаргиз намехост. Бинобар ин Англия усули бозии (masterly inactivity) - «беамалии устокорона»-ро истифода бурд, ки аз давраи «Бозиҳои бузург»-и садаи 19 боқӣ монда буд.

Умеди амир Олимхон танҳо ба меҳмондӯстии бародари муслимаш шоҳи Афғонистон монда буд. Вале маҳбубияти давлати навбунёди коммунистии Русия дар байни кишварҳои ҳамсоя ба дараҷае баланд буд, ки шоҳ бародарро қабул карда дар қалъаи Фату, 18 км дуртар аз Кобул ҷой дод, вале тамоми талаботи ҳукумати Русияро иҷро намуда, ҳама гуна фаъолияти ҳарбию сиёсии амирро маҳдуд намуд. Дар муҳоҷирати кобул Олимхон бори дигар ба Англия муроҷиат намуд. Вале боз ба имдодаш касе нарасид. Ҳатто хоҳиши ӯ дар бораи паноҳгоҳи сиёсӣ додан дар ҳудуди Ҳинд қабул нагардид. Дар масъалаи амири Бухоро давлатҳои абарқудрат мухолифате надошта, баръакс, бо назардошти манфиати умумидавлатӣ Англия ба ҷанг хотима бахшид ва бо Русия дар бораи тиҷорат созишномаро ба тасвиб расонд. Бале, Англияи муқтадире, ки ба сад баҳона амири Бухороро дастгирӣ намудани ба ҷанги рус таҳрик медод, дар лаҳзаи тақдирсоз аз чунин рафиқ даст кашид ва бо Русия аҳди дӯстию ҳамкорӣ баст. Яъне салтанатҳои бузург барои манфиати худ халқҳои хурдро қурбон карданд. Вале чунон ки аз таърих маълум аст, халқҳои Осиёи Марказӣ ба Русияи нави шӯравӣ эътимоди бештар доштанд ва аз ин ҳамрайъӣ ҳаёти мардуми Моварои Омӯ бакуллӣ тағйир ёфт. Бо мақсади маърифатпарварӣ ба Осиёи Миёна аз шаҳрҳои марказии Русия даҳҳо ҳазор коргарони рус фиристода шуданд, ки онҳоро «25-ҳазораҳо» меномиданд. Ин ҳаракат то охири солҳои 80-ум амалан идома ёфт. Дар кишвари нав аз истибдоди амирӣ раста ҳоли онҳо чандон хуб набуд, вале халқи меҳмоннавози маҳаллӣ онҳоро ба

оғӯши худ гирифт ва ҳамроҳ бо умеди нек -баҳри сохтани коммунизми хаёлӣ камар бастанд.

Агар ба чанд далели асосӣ назар кунем, маълум мешавад, ки ҳадафи ҳукумати шӯравӣ ҳамоно истифода аз захираҳои табиӣ ва пахтаи ин минтақа буд. Аз аввали с. 1918 конҳо ва заводҳои пахтатозакунӣ давлатӣ гардонда шуданд. 17-уми майи с. 1918 барои азхудкунии дашти Дилварзин ва Гушна бо имзои В.И.Ленин 50 млн. рубл ҷудо шуд, вале бо сабаби авҷи ҷангҳои шаҳрвандӣ ин амал мавқуф гузошта шуд. Солҳои 1921 амир аз Бухоро ронда шуда, кулли Осиёи Миёна ба дасти Шӯроҳо гузашт. 4 марти с.1921 дар Москва бо Ҷумҳурии Халқии Бухоро созишномаи иттифоқӣ баста шуд. Тибқи он Русия ба ин кишвар коршиносон, омӯзгорон, маводи таълимӣ таҷҳизоти типографӣ интиқол дод. 21 марти ҳамон сол созишномаи ҳарбӣ-сиёсӣ баста шуд. Тоҷикистон чун як ҷузъи Ҷумҳурии Бухоро ба ин созишномаҳо ворид шуд ва пас аз ба даст овардани мухторият аз с.1924 нуктаҳои он созишномаҳоро иҷро намуд. Мавриди зикри хос аст, ки маҳз ба шарофати инқилоб ва сиёсати дурандешонаи миллии В.И.Ленин ва И.В.Сталин халқи тоҷик озод гашта, пас аз 1025 сол соҳиби давлати худ шуд.

Дар Тоҷикистон амалан саноат набуд, диққати асосии Маскав низ ба пахтакорӣ нигаронда шуд ва ҷумҳурии мо базаи асосии пахтаи маҳиннах гардид. Аз охири солҳои 20-ум сар карда, сохтмони шабакаи васеи канали обёрии Вахш бо азхудкунии 100 ҳазор га оғоз шуд ва минбаъд канали Ҳисор, шабакаҳои обёрӣ дар вилояти Суғд барои обшор кардани заминҳои зиёди обӣ шуд, ки дар аксари он пахта мекориданд. Ва истеҳсоли он аз 37,1 ҳазор тоннаи соли аввали панҷсолаи 1-ум соли 1937 ба 178,4 ҳазор т. ва соли 1980 ба 1 миллион тонна расонда шуд.

## *ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ*

Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон ҳамон ҳолате рух дод, ки дар айёми ҷанги якуми ҷаҳонӣ воқеъ шуда буд: қашшоқӣ, қиматӣ, қаҳатӣ, пастравии истеҳсолот. Илова он шуд, ки аксари мардони қобили меҳнат ба ҷабҳаи ҷанг рафтанд ва як қисми онҳо дар заводҳои ақибгоҳи Русия хизмат карданд. Аз Русия кашонда овардани ғалла хеле кам шуд. Бинобар ин, ҳаракати бо ғаллаи худӣ таъмин кардани ҷумҳурӣ ба амал омад ва бо ин ҳаҷми пахта -моли асосии содиротӣ аз 181 ҳ. тоннаи ссоли 1941 дар соли 1944 ба 81,1 ҳ. т фаромад.

Зимни ҳаракати умумихалқӣ аз ҳисоби шахсии шаҳрвандони Тоҷикистон 84 млн. рубл барои колоннаи танкӣ ва 35 млн. рубл барои дастаи самолётҳои ҳарбӣ интиқол гардид, ба ҷанговарон ҳазорҳо вагон озуқаворӣ, тамоку, консерва, ширинӣ, барои ёрӣ ба хоҷагиҳои минтақаи аз ҷанг зарадидаи Русия ва Украина аз Тоҷикистон даҳҳо ҳазор сар чорво фиристода шуд.

Илова бар ин, ҳазорҳо занону кӯдакони бе сарпаноҳмонда, як қатор корхонаҳои Русия, инчунин киностудияи «Союздетфилм» бо садҳо коргарони худ ба Тоҷикистон оварда шуданд. Дар ҳудуди Тоҷикистон чандин госпитал ба истифода дода шуд, ки маҷрӯҳони ҷангро табобат мекарданд. Бисёр пизишкони аълодараҷа ба ҳудуди Тоҷикистон омада, ҳаёти минбаъдаи худро бо ин сарзамин пайвастанд. Халқи тоҷик ҳамаи онҳоро бародар хонд.

Ана аз ҳамин ҷост боварии мардуми ин кишвар ба Русия ва халқи оддии он. Ба ин хотир фарзандони тоҷикистониён бо вуҷуди мушкилоти зиёд маҳз ба Русия рафтан мехоҳанд. Ва шигифтангез аст, ки пас аз ҳамаи ин «бародархониҳо» ба шарофати як қатор сиёсатмадорон Русия Осиёи Миёнаро бо ҳама мушкилоташ танҳо гузошт.

### *БОЗ ПАХТАКОРӢ, Ё «ПАХТА-ҒУЛОМӢ» (ХЛОПКО-РАБЫ)*

Сентябри с.1945 ШКХ ИҶШС ва КМ ВКП (б) «Дар бораи ривоҷ додани пахтакорӣ дар РСС Тоҷикистон» қарор қабул кард ва тибқи он, кишти пахтаро то 107 ҳазор га васеъ намуданд. Феврали с. 1949 Шӯрои Вазирони ИҶШС «Дар бораи чорабиниҳо оид ба рушди минбаъдаи пахтакорӣ дар колхозу совхозҳо» қарор қабул кард. Тибқи он, хоҷагиҳо аз заминҳое, ки пахта корида шудааст, аз нақшаи супоридани маҳсулоти чорводорӣ озод шуданд, нархи хариди пахта ду баробар зиёд, аммо ғалла хеле арзон карда шуд. Ин тадбирҳо кишоварзонро танҳо барои истеҳсоли пахта ҳавасманд мегардонд. Ҳазорҳо гектар заминро аз дигар соҳаҳои кишоварзӣ ва ҳатто аз дасти сокинони деҳот гирифта, ба онҳо пахта кориданд.

Дар замони пасазҷангӣ, махсусан аз нимаи дуюми солҳои 50-ум дар даврони роҳбарии Т.Ӯлҷабоев барои рушди саноати ҷумҳурӣ асоси ҷиддӣ гузошта шуд. Бо истифода аз нерӯи илмию маънавии аҳли ҷумҳурӣ нақшаҳои азими сохтмони иншооти тавлидотии саноатӣ, аз ҷумла, НБО Норак, заводи азиси Регар (Турсунзода), заводи электрохимиявии Ёвон, ба ном муҷтамеи саноатии ҷанубӣ тарҳрезӣ гардид. Мавриди зикри хоса аст, ки дар ин давра ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шаҳри Тошкент як навъ маркази илмию саноатӣ барои кулли ҷамоҳири Осиёи Миёна хизмат мекардагӣ шуд ва аз лутфу меҳрубонии сарони кишвари умумии СССР бештар бархурдор буд. Бинобар ин, бо маблағгузории Маскав на танҳо донишгоҳҳову нашриёҳо, балки корхонаҳои калонтарини саноатӣ барои минтақа низ дар ҳудуди он сохта мешуд. Ва он нақшаҳои азим ба Тоҷикистон имкон медод, ки ба яке аз давлатҳои мутараққии кишвар мубаддал гардад. Вале ин пешравӣ ба нафароне дар Маскав писанд наомад ва бо баҳонаи изофанависӣ дар пахтакорӣ аз роҳба-

ри аввал Т.Ӯлҷабоев сар карда, бисёр мутахассисони варзида ба маҳбас кашида шуданд. Дар натиҷа элитаи сиёсӣ ва иқтисоди ҷумҳурӣ шикаст ёфт ва минбаъд тамоми диққати роҳбарияти нав ба пахтакорӣ равона шуд. Ва бо ин дар тамоми анҷуманҳои ҳизби ҳукмрони коммунист, ки нақшаҳои хоҷагӣ тарҳрезӣ мешуданд, ба рушди пахтакорӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шуда, агар рушди дигар намудҳои кишоварзӣ 30-40% пешбинӣ шавад, рушди пахтакорӣ то 65-70%-ро ташкил медод. Амалан аксари кулли заминҳои киштбоб ба пахтакорӣ ҷудо шуд. Зеро ки барои ҳавасмандгардонӣ бори дигар нархи орду гандум ва маҳсулоти чорвою парранда хеле арзон карда шуд. Дар натиҷа, аллакай соли 1955 ҳаҷми пахта ба 418 ҳ. т., соли 1970 ба 726,6 ҳ.т. ва с. 1980 ба 1 млн. тонна расонда шуд. дар натиҷа аз нимаи дуюми солҳои 80-ум зарари ин ҳолат норасоии маҳсулоти ғизоӣ шадидан эҳсос гашта, амнияти озқаворӣ зери хатар мемонд.

Маҳз ҳамин ҳолат - монокултураи пахта ва ба кишти пунба банд шудани аксари кулли заминҳои обӣ ва пас аз барҳам хӯрдани ҳукумати шӯравӣ ва пароканда шудани муносибатҳои истеҳсолию молӣ байни ҷамоҳири шӯравӣ боиси он гардид, ки пахтакорӣ дар муддати хеле кӯтоҳ касод шуд ва маҳз пахтакорон, ки аксари кулли мардуми деҳотро ташкил медоданд, бекор монданд. Агар мавҷи аввали муҳоҷирати тоҷикон ба воқеаҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳравандӣ дар аввали солҳои навадум дахл дошта бошад, мавҷи дуюми он пас аз соли 2007 сурат гирифта, маҳз ба собиқ монополияи пахтакорӣ ва касод шудани он дар давраи нави муносибатҳои иқтисодӣ, ёфт нашудани бозори мувофиқ ва ғайр вобаста гардидааст. Зоҳиран, барои Русия ва кишварҳои дигари истеъмолкунандаи пахта аз ҳисоби Ӯзбекистону Туркманистон таъмин мебошанд ва онҳо аз ҳоли минбаъдаи Тоҷикистон парвое надоранд. Ин зарбае, ки тайи

садсолаҳо расидааст, ба зудӣ бартараф кардан мушкил мебошад. Дар натиҷаи сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои бартараф кардани оқибатҳои ин сиёсати нодурусти аграрӣ тадбирҳои муҳимтарин андешида шуданд.

Дар хусуси раванди умумии муҳоҷирати меҳнатӣ бошад, сиёсати ҷаҳондорон дар кулли олам чунин сохта шудааст, ки дар минтақахои рушдёфта сатҳи зиндагӣ боло ва ҷойи кор фаровон буда, манотиқи дигаре чун Осиёи Миёна бо аҳолии зиёд ва неруи кории фаровон ба он кишварҳо коргар медиҳад. Барои ҳаллу фасли ин масъала дар ҷумҳурӣ чанд омили ҳаст, ки алъон аз ҷониби ҳукумат тарҳрезӣ шуда, вале фурсат мехоҳад. Сохтмони НБО-ҳои бузург ва ба истифода додани корхонаҳои тавлидотии саноатӣ яке аз он роҳҳо мебошад.

*Душанбе, феврали с. 2012,*<br>*Мақола дар ҳаммуаллифӣ бо драманавис*<br>**Ҷумъа Қуддус** *навишта шудааст*

## АЗ ҲУКУМАТИ ИСЛОМИИ МУРСӢ ТО ЛАРЗИШИ КУРСӢ

Инак аз Ҳукумати Муҳаммад Мурсӣ, яке аз дастпарварон ва пешвоёни пинҳонии ҳаракати «Ихвон-ул муслимин» ва баъдан роҳбари «Ҳизби озодӣ ва адолат», ки аз ҷониби гурӯҳҳои исломӣ пуштибонӣ ёфт ва ба ҳайси номзади ягона дар интихоботи Миср ширкат варзида пирузӣ ба даст овард, як сол сипарӣ мегардад. Соле, ки вазъи кишвар ноамнтару печидатар шуд.

Суол ин аст, ки баъд аз суқути ҳукумати Ҳусни Муборак, ки тӯли даҳсолаҳо Президент ва пешвои мутлақи Миср буду, ба айби фасодзадагии ҳукуматаш таҳти фишорҳо ва

тазоҳуроти сар то сарии мардумӣ қудратро аз даст дод, чаро вазъи ин кишвари қадима ва таърихӣ ҳанӯз ноором аст? Иштибоҳи Муҳаммад Мурсӣ чӣ буд, ки соле сипари нагашта боз анбӯҳи миллионнафараи мардум, ки дар таърихи эътирозҳои мардумӣ собиқа надорад ба майдонҳо фурӯ рехтанд ва талаб карданд, ки ӯ оҷилан ба истеъфо равад? Майдоннишиниҳои мардум чӣ паёмади нохуше дошт, ки низомиён маҷбур шуданд Раисиҷумҳури Миср Муҳаммад Мурсиро аз қудрат барканор сохта, ҳукмати гузаришро муваққатан ба Адлӣ Мансур, Раиси додгоҳи Қонуни Асосии Миср таслим намоянд?

Муҳаммад Мурсӣ ва ҷонибдорони ӯ аз ҳаракати «ихвон-ул-муслимин» ин амалро «табодулоти ҳарбӣ» унвон карданд ва изҳор намуданд, ки то баргашта ба маснадаш барқарор шудани Мурсӣ эътирозу гирдиҳамоиро идома хоҳанд дод.

Пӯшида нест, ки намоишномаи «баҳори араб», аз ҷумла ошӯбҳои Миср бо ҷонибдорӣ ва сенарияи қаблан тарҳрезишудаи кишварҳои Ғарб пиёда шудааст. Эътирози Президенти Амрико Барак Обама, роҳбарон ва сиёсатмадорони маъруфи кишварҳои ғарб ва бо таъкид ба ғайриқонунӣ барканор шудани Муҳаммад Мурсӣ мутаваққиф гардидани узвияти Миср дар Шӯрои сулҳу амнияти Иттиҳоди Африқо далелеи ин гуфтаҳост.

Аммо….

Таърих фавҷи ингуна издиҳоми бузурги миллионнафараро, ки дар хиёбони Таҳрири Қоҳира фурӯ рехт, дар ёд надошт. Ҳатто мардуме, ки соле қабл ба номзадии Мурси овоз дода буданд, алайҳи сиёсати ӯ бархостанд ва истеъфои ӯро талаб карданд. Дигар ин бозии сиёсӣ не балки воқеъан ҳам инқилоби мардумӣ буд, ки касе ба гирифтани пеши он қодир нест.

Кишварҳое, ки Мурсӣ ва ихвон-ул-муслиминро сари

қудрат оварда буданд маҷбур шуданд чанд рӯз пас мавқеи худро тағйир диҳанд. ИМА ваъда кард, ки ба ҳукумати давраи гузариши Миср миллиард долар кӯмак хоҳад кард. Арабистони Саудӣ 2 миллиард доллар, ки нисфи он ба тариқи тӯҳфа аст ва ба киммати милиард доллари дигар нафт ваъда дод. Амороти Муттаҳидаи Араб низ омода аст, ки ба халқи Миср то миллиард доллар кӯмак расонад.

Хуб, сабаб чӣ буд, ки эътирози мардумӣ курсии Президенти соле қабл интихобшударо бо вуҷуди дастгириҳои пайвастаи абарқудратони ҷаҳон ва минтақа ба ларза овард?

Ин ҷо ҳеҷ асроре нест… Иллат ин буд, ки ваъдаҳои пешазинтихоботии Мурсӣ ва ивхонулмуслимин, ки мардуми Миср ҳаққи зиндагии роҳат доранд ва бояд зиндагии хубу таъмин дошта бошанд, дар асл сухане беш набуд. Баъд аз ба сари қудрат омадани Муҳаммад Мурсии исломгаро ва ҳукумати ихвонии ӯ собит гардид, ки қувваҳои исломии Миср таҷриба давлатдорӣ надоранд ва мулло ҳеҷ вақт қодир нест, ки мутахассиси варзидаи вазорату идораҳои масъулро иваз кунад. Афкор ва идеологияи маҳдуди ҳукумати ихвонӣ боис гардид, ки нахустин қарорҳои ба тавсиб расонидаи Муҳаммад Мурсӣ ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро маҳдуд мекард. Мардум инро ба зуддӣ дарк карданд ва фаҳмиданд, ки аз борон фирор карда зери барф монданд. Эшон дарк карданд, ки илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ бояд кард, вагарна дур нест, ки боз даҳсолаҳои дигар беадолатиҳои ихвониёнро таҳаммул хоҳанд кард.

Дақиқан ҳамин боис гардид, ки дигар ба иқроркуниҳои ахвон-ул-Мурсӣ ба иштибоҳаш ва узрхоҳиҳои ӯ эътимод накунанд ва ҳуқуқу озодиҳои худро аз дасти як гурӯҳ исломгароёни ифротӣ худашон ҳимоя кунанд. Ҳукуматеро сари кор оранд, ки аз ҳар гуна идеологияҳои маҳдуд орӣ бошад ва ба мардуми ранҷкашидаи Миср воқеан ҳам шароити зиндагии роҳатро фароҳам орад. Давлате бунёд гардад, ки дар

он боз мусалмону масеҳӣ канори ҳамдигар кор ва зиндагӣ кунанд…

*Душанбе, июли с.2013*

## ТО КАЙ АФСОНАИ ПОРИНА МЕХОНЕМ?
### ва ё чанд ҳарф перомуни моҷарои ҳизб ва дин

Тайи чанд моҳи охир перомуни маъракаи интихоботӣ байни коршиносону сиёсатмадорон дар рӯзномаву сомонаҳои интернетӣ баҳсҳои доманадор сурат мегиранд. Роҳбарони ҳизбу созмонҳо, коршиносони шинохтаву ношинохта аз имконияти тамоми воситаҳои хабарӣ истифода менамоянд, то назари худро нисбати ин масъалаи «тақдирсоз» баён намоянд.

**ЧАРО НЕ?** Пӯшида нест, ки барои аксарияти ҳизбу созмонҳои мо ба ҳукми анъана даромадааст, ки танҳо ҳангоми сар задани ягон ҳодисаи ногувор барои Тоҷикистон (мисли қазияи Рашту Бадахшон ё боздошти халабонҳои Русия) ва ё қабл аз маъракаҳои интихоботӣ садо баланд кунанд ва аз худ дарак диҳанд.

Вале, мояи ҳайрат ин аст, ки бештари ин баҳсҳо атрофи он сурат мегирад, ки гӯё фаъолияти ҳизбу созмонҳои мазкурро Ҳукумат маҳдуд намудааст. Яъне барои фаъолияти густурдаи аҳзоби сиёсӣ дар кишвар имконияти зарурӣ мавҷуд нест ва аз ин лиҳоз пеш аз маъракаи интихобот як хомӯшии том ҳукмфармост…

То кадом андоза ин андешаҳо заминаи воқеӣ доранд? Аҳзоби сиёсиро намегузоранд фаъолият кунанд ва ё фаъолияти худи ин аҳзоб муассир нест? Биёед, сари ин масъала андеша мекунем.

Доир ба чанд созмону ҳаракатҳои навбунёд, ки дар хориҷа таъсис ёфтаанд, чизе намегӯям. Фаъолияти аксари

эшон озмуни мӯдро мемонад, ки ангезаи яклаҳзаина дорад, яъне ба саҳнаи сиёсат баромаданд, худро ба намоиш гузоштанд ва рафтанд. На ҷунбиши миллиашон чизеро ҷунбонду на гурӯҳи 24-ашон 44 шуд…

Фаъолияти ҳизбҳои «суннатии» мо бошад, баҳси дигар аст. Муваффақтарини онҳо дар маъракаҳои интихоботӣ тӯли фаъолияти чандсолаи худ тавонистаанд, ки танҳо садди панҷфоизаро убур кунанд. Табиист, ки баъди ҳар маъракаи сиёсӣ аз ҷониби эшон эътирозҳое мисли «моро нагузоштанд», «интихобот шаффоф набуд» ва ғайраву ҳоказо садо медиҳад. Вале боре ҳам нашунидем, ки онҳо иқрор карда бошанд, ки фаъолияташон ин навбат низ муассир набуд ва натавонистанд, ки мардумро бо барномаҳояшон мутмаин созанд ва теъдоди ҳамсафону ҳамақидаҳояшонро афзоянд.

Аслан ин ҳолат ба тавri дигар ҳам буда наметавонад. Чаро, ки ақоиду барномаҳои бахши азими аҳзоби сиёсии мо нусхабардорӣ аз саҳнаҳои сиёсии аввали қарни 20-и Русияи подшоҳиро мемонад. Агар роҳбарони аҳзоби сиёсии дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ин ҳолатро дарк намуда, лоақал номи ҳизбҳояшонро андаке тағйир доданд, мисли Атамекен, Атажурт (Замини падарон), Акжол (Роҳи сафед) дар Қирғизистон ва ё Адилет Азат (Адолат) дар Қазоқистон, вале мо ҳанӯз афсонаи поринаро мехонем.

Шояд боре ҳам сари ин маънӣ андеша кунем, ки идеологияи сотсиал- демократӣ, сотсиалистӣ ва ё демокративу мисли ин ба менталитети мардуми мо мувофиқ несту эшонро ҳазор таблиғ кунӣ ҳам, ин гуна таълимоти аз зеҳнашон дурро қабул надоранд? Шояд иллати асосии кам овоз гирифтан ҳам дар маъракаҳои интихоботӣ маҳз ҳамин бошад, на он «маҳдудияту масдудиятҳое», ки барои чанде аз аҳзоби сиёсии кишвари мо беҳтарин баҳона шудааст?

Моҷарои ҳизбият дар ислом ва ё истифодаи номи ислом дар ҳизб низ рӯзҳои охир дар ҷомеаи мо ба як баҳси бузург табдил ёфтааст. Ба андешаи ман ислом бояд фавқи ҳама гуна ҳизбу созмонҳо бошад. Моҳияти дин аслан васеътару фаротар аз маҳдудаи ҳизб ва ё гурӯҳ аст. Яъне, мо новобаста аз он ки узви кадом як ҳизб ва созмонем, қабл аз ҳама мусалмонем ва кӯшишҳои дар доираи як ҳизб маҳдуд намудани дини мубини ислом то андозае ба мақому манзалати он латма ворид месозад. Таърих борҳо собит намудааст, ки ихтилофи диниву мазҳабӣ ҳазор маротиба паёмади даҳшатбортар дорад нисбат ба ихтилофи ҳизбӣ! Чун ҳадафи аслии ҳизб омадан ба сари қудрат аст, дар ин замина истифода аз нуфузу эътибори дини мубини Ислом байни аҳзоби динӣ ихтилоф ба миён меорад, ки дар натиҷа муборизаи ду ҳизби исломӣ ба ихтилофи мусалмонони як кишвар табдил меёбад. Ба равияву шохаҳои мухталифи диниву мазҳабӣ ҷудо шудани мусалмононро мо дар назири Фаластину Афғонистону Сурия дидем, ки чӣ мусибатро ба сари ин мардум овард. Аҳзоби сиёсии ин кишварҳо, ки бахши азимашон аз таълимоти ислом обишхуре доштанд, дар оғоз гӯё барои ҳифзи арзишҳои Ислом ва ҳимояи манфиату ҳуқуқҳои мусалмонон мубориза мебурданд, вале баъд аз каме дар мавқеи худ устувор шудан ва ё ба даст овардани пирӯзӣ, бо шеваи тунд ба қатлу куштори якдигар пардохтанд. Дар баъзе кишварҳо муқовимату даргирӣ байни чунин аҳзоб даҳсолаҳо ин ҷониб идома дорад. Ин даргириҳо бори дигар собит менамоянд, ки тарғиби ғояҳои Дини Мубини Ислом бо нармиву маърифат аст, на бо сангарнишиниву сиёсат…

**Дар Каломи Шариф, ояти 159 -уми сураи Анъом омадааст:**

*«Туро бо онҳо, ки дини хеш фирқа-фирқа карданд ва даста-даста шуданд, коре нест. Кори онҳо бо Худост. Ва Худо*

*ононро ба корҳое, ки мекарданд, огоҳ месозад».* Яъне фармудаи Парвардигор аст, ки фирқа-фирқа ва даста-даста шудани динро дӯст надорад.

Шояд бо дарназардошти ҳассос будани авзои сиёсии минтақа аз шеваи тафриқа изтизҳор кунем ва манфиатҳои ҳизбию гурӯҳии худро ба манфиатҳои миллӣ ҳамоҳанг созем, вагарна пешорӯи таҳдидҳое, ки солҳои охир дар минтақа шиддат мегиранд, боз фирқа-фирқаву даста-даста ва парокандаву мулзам хоҳем буд.

*Душанбе, август с. 2013*

## ҚАЗИЯИ УКРАИНА РАНГИ ДИГАР МЕГИРАД…

Муқовимати Ҳукумати Украина бо ҷудоихоҳони Донбасу Луганск, ки худро бо унвони конфедератсияи Новороссия муаррифӣ менамоянд рӯз то рӯз шадидтару пурфоҷиатар мегардад. Ба назар мерасад, ки ҳар ду ҷониб таҳти таъсири кишварҳои абарқудрат бештар ба вартаи ҷангу куштор муғриқ шуда, намехоҳанд сари мизи мусолиҳа бишинанд. Аслан пӯшида нест, ки ин муқовимати дохилии Украина набуда, балки ИМА дар ҳамбастагӣ бо Иттиҳоди Аврупо мехоҳанд мавқеи Русияро дар ин минтақа танг созанд. Русия, ки то ин вақт ба иллати зудтағйирёбанда ва заиф будани сиёсати хориҷии худ дар бисёр минтақаҳои қаблан таҳти нуфузаш қарор дошта, мавқеи худро аз даст додааст, намехоҳад ин навбат низ мағлуб шавад. Украина барои Русия ҳамон хатти сурх ҳаст, ки аз даст доданаш баробар ба заиф гардидани мавқеаш дар арсаи байналмилалӣ ва эҷоди як қитъаи хатарзо дар сарҳадаш аст, ки ба амнияташ ногузир таъсир мерасонад.

Аммо… Ҳосили ин гирудорҳо куштору хонавайрон

шудани ҳазорон нафар мардуми оддӣ, пирони барҷомондаву кӯдакони бесарпаноҳи минтақаи ҷануби Украина мебошад, ки хунбаҳояш ба гардани сиёсатмадорони кишварҳои абарқудрат аст. Кӣ бояд ҳуқуқи Игнати укроиниву Майрами фаластиниро ба зистан, ки ин ду тифли маъсум ба сиёсату амбитсияҳои абарқудратон ҳеҷ рабт надоранд, ҳимоя кунад? Кӣ ҷавоби куштори садҳо кӯдакони бегуноҳро, ки ҳамарӯза аз тиру тӯпу туфанг ба ҳалокат мерасанд, бидиҳад? Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Русия ва ё СММ?

Ҳамарӯза дар Украинаву Фаластин садҳо ҳолатҳои нақзи ҳуқуқи инсон ба назар мерасад, вале гушу чашми созмонҳои байналмилалӣ куру кар аст. На марги пирро мебинанду на марги ҷавонро… Вале агар олигархеро мисли Хадарковский, ки миллионҳо доллар маблағи мардуми оддиро ғорат кардааст, ба ҷавобгарӣ кашанд, ҳатман садои ин созмонҳо ба фалак дакка мезанад.

Ахиран Ҳукумати Украина, ки мардуми осоиштаи минтақаи ҷануби худро пайваста гулулаборон мекард, барои маҳв кардани эшон аз мушакҳои баллистикӣ истифода намуд. Файр шудани мушакҳоро аз ҷониби Украина, ки истифодаи он дар минтақаҳои аҳолинишин аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ қатъиян манъ шудааст, ниҳодҳои ҳарбии ИМА низ эътироф намуданд.

Мушакҳои баллистикӣ қодиранд, ки дар масоҳати муайян тамоми бинову ҷонзодро ба хок яксон кунанд. Коршиносон бар ин андешаанд, ки ҷанги шаҳрвандии Украина баъд аз ин агар бо роҳи мусолиҳа анҷом наёбад, комилан ранги дигар хоҳад гирифт ва ба ин моҷаро кишварҳои дигари минтақаи аврупо низ кашида хоҳанд шуд.

Дар ин ҳолат ҳарф задан аз «демократия»-и аврупоиву ҳимояи ҳуқуқи инсон ҳадди ақал тамасхурангез хоҳад буд…

*Душанбе, с. 2013*

# ОЗОДИИ ТАҲҚИР, ТАҲҚИРИ ОЗОДИСТ…

***Озодии сухан чист? Ҳар инсон ҳуқуқ дорад чизеро бигуяд, ки муҳим мешуморад, вале ҳар инсони дигаре низ ҳукуқ дорад, ки барои ин ҳақиқат ба даҳони ӯ мушт занад.***

**Сэмюэл Джонсон**

Боз як шумораи «Шарли Ҳебдо» ба нашр расид. Теъдоди нашри онро аз интизориҳо болотар буд ва ба 7 миллион расид. Мардуми зиёд дар Фаронса ба хотири гирифтани шумораи навбатии он пеши дуконҳои рузномафурушӣ соатҳо ба навбат меистоданд. Тавре, ки интизорӣ мерафт «Шарли ҳебдо» сиёсати худро комилан дигар накарда буд ва дар саҳифаи аввали он боз акси таҳқиромези Паёмбари Ислом, Муҳаммад (с) тасвир шуда буд, ки аз дидаҳояш ашк мерехт ва лавҳаеро бо матни «Ман низ Шарли ҳебдоям» дар даст дошт. Рузномаву маҷалаҳои дигари Фаронса низ дар ҳавои «Шарли ҳебдо» матлабҳои таҳқиромез нашр намуда, ба торҳои эҳсоси мардуми мусалмон нохун мезаданд.

Табиист, ки амали террористии бародарон Куашеро, ки бар асари он 12 нафар журналистони ин маҷалла ба ҳалокат расиданд, дар тамоми ҷаҳон маҳкум намуданд. Беш аз миллион нафар шаҳрвандони Фаронса ва сарону намояндагони расмии 40 кишвари дунё алайҳи ин иқдоми нангин роҳпаймоӣ ҳам намуданд…

Вале буданд миллионҳои дигаре низ, ки дар радифи маҳкум намудани ин амали нангин доир ба ин қазияи хунин назари дигар доштанд. Асосгузори маҷалаи «Шарли ҳебдо» Анри Росел як рӯз қабл аз дафни рузноманигорони маҷалла дар рузномаи «Новел абсерватор» бо нидои «Шарли маро ҳам таҳқир кун» сиёсати Шарбанйе, сардабири марҳуми онро нодуруст ва фитнаангез унвон кард. Вақте аз ӯ даъват ба амал оварданд, ки ба хотири озурда насохтани хотираи терроршудагон ва пайвандони онҳо аз ин амалаш

худдорӣ кунад, гуфт : - Шумо, ки ҷонибдори сухани озодед, чаро суханони маро таҳаммул намекунед? Воқеъан ӯ бо усули «Шарли ҳебдо» амал кард, ки ба хотири озодии сухан ҳама гуна муқаддасотро помол мекард.

Акнун чанд ҳарф дар мавриди «Шарли ҳебдо». Азбаски маҷаллаи мазкур бо забони фаронсавӣ нашр мешаваду ба хонандаи тоҷик дастрас нест, мардуми мо дар бораи корномаҳои ин маҷалла ба ҷуз ин, ки аксҳои таҳқиромези Муҳаммад (с)-ро нашр намудааст, кам иттилоъ доранд. Аслан ин маҷалла ягон муқаддасот ва арзишро эҳтиром намегузорад. Ҳанӯз пас аз марги асосгузор ва пешвои Фаронсаи имрӯза, Шарл де Гол, ки барои аз истилои фашистон озод намудани миллат ва давлаташ ҷонбозиҳо карда буд, бо вуҷуди исрору ҳушдориҳои ҷонибдоронаш, акси шахсияти барои фаронсавиҳо муқаддасро дар қаъри дӯзах тасвир карда буд. Баъдтар дар саҳифаҳои он акси Исои масеҳ низ дар ҳоли таҳқир нашр шуд, ки аз ҷониби марде мавриди таҷовузи ҷинсӣ қарор гирифта буд. Ин аксҳо низ боиси эътирозҳои шадиди мардум қарор гирифта буданд. Вале ҳар қадар маҷалла танзу таҳқирҳои тезу тундтареро нашр мекард, ҳамон қадар тиражи он болотар мерафт ва маблағҳои бештаре ба ҷайбаш ворид мешуд. Фаразан охирин шумораи «Шарли ҳебдо» ба буҷаи он беш аз 21 миллион евро даромад овард. Тасаввур кунед, ки даромади як шумораи ин маҷаллаи ҳангомаҷӯ дар маҷмуъ бо даромади даҳсолаи тамоми рӯзномаву маҷаллаҳои мо ҳатто қобили муқоиса нест…

Вале бояд иқрор кард, ки ин ҷо на танҳо ҳирси пулу мол, балки сиёсати дурӯяи олами Ғарб ва фосид шудани фарҳангу маънавиёт ва ахлоқи он низ боиси ин тазодҳо шудааст. Чаро? Агар мо амиқ назар афканем, олами ғарб, аз ҷумла Фаронса муттакои аслӣ ва таҳрикдиҳандаи гурӯҳу фирқаҳое аз қабили «Ихвон-ал-муслимин», «Ал-қоида», «Салафӣ» ва мисли ин дар олами шарқ аст, ки имрӯз дар

атрофи «ДИИШ» муттаҳид гардида, ба низоми худи ин кишварҳо зарба мезананд. Бародарон Куаше низ на фиристода ва ё ҷонибдори Саддом Ҳусейну Муаммар Қаззофии бо дастури ғарб қатлшуда, балки тарбиятдидагони ҳамин мактабҳо буданд.

Имрӯз ба иллати сиёсати якҷонибаи Фаронса ва дигар кишварҳои ғарб, ки матлабҳои таҳқиромези «Шарли Ҳебдо»-ро дастгирӣ менамоянд, дар кишварҳои мусалмоннишин миллионҳо нафар бо шиори «Ман ҳам Муҳаммадам» ба майдонҳо фурӯ рехта, калисоҳои масеҳию марказҳои фарҳангии Фаронсаро ба коми оташ меафкананд. Аз ҳукуматҳояшон даъват ба амал меоранд, ки муносибати дипломатиро бо Фаронса ва соири кишварҳое, ки сиёсати онро пуштибонӣ мекунад, қатъ кунанд.

Чунин ба назар мерасад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ аз тарҳи «гуфтугӯи тамаддунҳо», ки таи чанд соли ахир ба хотири таъмини ҳамзистии дину мазҳаб ва конфессияҳои гуногун роҳандозӣ мекард, комилан фосила гирифта, баръакс «низои тамаддунҳо»-ро таҳрик медиҳад. Ба дасти қувваҳои иртиҷоие, ки ба исломи суннатӣ ҳеҷ алоқамандӣ надоранд, дидаву дониста об мерезад ва қишри таҳаммулпазири мардуми мусалмонро пеши ин қувваҳои псевдоисломӣ мулзаму нотавон қарор медиҳад.

Агар мо (манзур шарқ ва ғарб) фарҳанг, расму оин, арзишу муқаддасоти якдигарро эҳтиром нагузорему аз зовияи таҳқиру истеҳзо ба ҳам назари душманӣ афканем, таҳқирро ба унвони озодӣ муаррифи кунем, ба гумон аст, ки ба таҳаммулу ҳамзистӣ бирасем. Чаро, ки озодии таҳқир ин таҳқири озодист…

*Душанбе, январи с. 2015*

## ОЛАМИ ДИГАР БУБОЯД СОХТ, АЗ НАВ ОДАМЕ…
### ва ё иллат дар риш аст ё мағз?

Ёд дорам устоде моро дар давраи донишҷӯӣ аз фани педогогика дарс мегуфт. Устод айнакашро бо нӯги ангуш ти ишоратиаш дуруст карда, пайваста такрор намудани як мақолро хеле дӯст медошт. «Пеш аз инқилоб (манзур инқилоби октябри соли 1917) дар деҳаи мо як шахси босавод буд, ин ҳам мулло… Баъд аз инқилоб бошад танҳо як нафар бесавод боқи монд, ки он ҳам ҳамон мулло… ».

Чун ҷавон будем суханони устодро як зарофате беш намепиндоштем ва фалсафаи ин ҳарфҳоро амиқ дарк намекардем… Вале имрӯз чун сари ин гуфтаҳо тафаккур мекунам, то кадом андоза ҳатто имрӯз ҳам, бо гузашти даҳсолаҳо муҳим будани онҳо ба хубӣ эҳсос мешавад. Яъне то инқилоб чун мардум саводи казоӣ надоштанд ба ҳарфҳои як нафар, муллои деҳа, ки ба истилоҳе «соҳиби мурдаву зинда» -ашон буд эътимод мекарданд. Мулло дар деҳа ҳам раис, ҳам прокурор ва ҳам суд буд. Ҳукмаш ҳамеша раво буд ва касе ҷуръати ихтилофи хоставу фармудаҳои ӯро надошт. Вале баъд аз инқилоб, чун курсҳои маҳви бесаводӣ боз шуданду, фарзанди камбағал ба мактаб роҳ ёфт, дигар мардуми одии деҳа низ аз дунё бохабар шуданд ва ба фатвою ҳидояти муллои деҳа ниёз намонд.

Ҳайҳот, ки бо гузашти даҳсолаҳо боз рӯҳониён давои соҳиби минбару мадраса ва зиндаву мурдаи мардум шуданро доранду, боз мехоҳанд, ки ҷомеа таҳти тасаллути эшон қарор бигирад...

Мардуми сода ва зудбовари мо бошад боз хурофоту ҷаҳолатро бар илму дониш тарҷеҳ дода, думболи ҳамон муллои чаласавод меравад, ки маъвизаҳояш дар доираи ришу либосу таҳорат маҳдуд шудааст. Агар чанд сол қабл

шахсе барои тақвияти ақволи худ аз абёти оламгири Ҳофизу Бедил ва ё Мавлоно Румӣ мисол меоварd, имрӯз гуфтаву фармудаҳои «эшони фалоничон»-у «беҳмадон-тӯра» вирди забонҳо шудааст. Яъне назари маҳдуди як муллои кӯчаро фарози андешаву афкори Ҳофизу Бедилу Мавлавӣ мегузорад. Ҳол он, ки ҳанӯз садсолаҳо қабл аз ин Мавлоно Румӣ аз баҳсу даъвои ҳамин зоҳидони тақвопараст, ҳамин эшону тӯраҳо, ки на аз маърифати илоҳиву на аз завқу ҳолати солики роҳи тариқат хабар доштанд, ба дод омада, мегуфт:

*Мо зи Қуръонбаргузидем магзро,*
*Пӯстро пеши сагон андохтем.*

Яъне мо аз Қуръон мағзро бардоштем, ки қаноату муҳаббату сафо ва дури ҷустан аз олами асбоб, нафсу ҳаром ва ихтиёр кардани гӯшаи узлат аст на мисли шумо, ки афкоратон бо ҷангу ғаним, нафсу шаҳват, қатлу ваҳшат маҳдуд шудааст.

Аммо… Имрӯз вазъият бамаротиб сангинтар аст, аз он ки устод дар давраи қабл аз инқилоб ёд мекард. Агар он замон як мулло ба хотири нафс ва таъмини маишати худ аз боварии мардум сӯиистеъмол мекард, имрӯз бо дастури кишварҳои ғарб ва дастгирии нафтдолларҳои машоихи араб гурӯҳҳову ҳизбҳову давлатҳо таъсис ёфта истодаанд, ки сохтори суннатии кишварҳои шарқро барҳам зада мардумашро ба коми ҷангу оташ мекашанд.

Боиси таассуф аст, ки ҷавонони ғафлатзадаи манотиқи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ побанди таблиғ ва шефтаи долларҳои шайхҳои араб гардида бо «ДИИШ»-у «Ҷабҳат» -ҳо аҳд мебанданд.

Дар ин маврид шомил шудани беш аз 500 нафар (шояд бештар ҳам бошад) ҷавонони гумроҳи тоҷик ба ДИИШ бояд барои мо хеле боиси нигаронӣ бошад. Мо бояд роҳҳои пешгирии ин вабои асрро пайдо кунем. Танҳо бо

фаъолияти ниҳодҳои қудратӣ иктифоъ ва ё бо гузаронидани як ду ҷаласа дар маҳалҳо, ки аслан ба хотири ҳисобот аст, қаноат кардан комилан ғалат аст.

Худ қазоват кунед, ки чи гуна имкон дорад агар чанд нафар ҷавоне дар деҳа ё маҳалла таҳти таъсири ақоиди иртиҷоӣ қарор бигираду, касе аз он воқиф набошад? Охир ин мисли як бемории рӯҳӣ аст, ки аз он бехабар мондани аҳли байт, хешовандон ва ё роҳбарони ҷамоат ғайримумкин аст. Пинҳон нест, ки дар аксари тӯю маросимҳо ин ҷадидмусалмонҳо суннатҳои санияи мардумиро мисли кашидани карнаю садои мусиқӣ, ки мероси ҳазорсолаи ниёгон аст, беибо инкор мекунанд ва ҳатто дар аксар ҳолатҳо роҳ намедиҳанд. Вале Раисони ҷамоату маҳаллаҳо, хатибони масҷид ва ё ба истилоҳи дигаре «фаъолон» дар канор истода сукутро авло медонанд. Пас мо чӣ гуна метавонем бо ин «қавми хомӯш», ки вазифаашон дар доираи «справка» додану «оши тӯй» хӯрдан маҳдуд шудааст, бо идеологияи қавии шовинизми исломӣ мубориза барем?

Дар Ҷопон як қонун мавҷуд аст. Дар ду ҳолат агар мансабдори давлатӣ ҳангоми сар задани ҷиноят шоҳиди бевосита бошаду бетарафӣ ихтиёр кунад дар баробари ҷинояткор ба ҷавобгарӣ кашида мешавад: дар ҳоли нақзи ҳуқуқи инсон ва помол кардани муҳити зист. Вале сад афсӯс, ки як идда гумроҳ таърих, мазҳаб, қонун ва ҳуқуқҳои моро помол месозанду мо аз садо баланд кардан истиҳола мекунем. Ҳамин хомӯшии мо имкон медиҳад, ки сафи ин гуна ҷавонон афзояду ҳукмашон дар ҷомеа раво гардад.

Шояд фурсати он расидааст, ки дар баробари ин гурӯҳҳои иртиҷоӣ масъулини мақомоти маҳалҳо, ки дидаву дониста пеши роҳи таассубро намегиранд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд?

Шояд парлумони мо қонунеро дар мавриди бекор кардани ҳуқуқи шаҳрвандӣ барои ҷавонони мутаассибе, ки

тарки Ватан намуда биёбони арабро ихтиёр кардаанд ба тавсиб расонад, то ба дигарон дарси ибрат бошад? Чаро не? Чун онҳо аз шаҳрвандии Тоҷикистон даст мекашанду, бо нишони эътироз шиносномаи худро ба коми оташ меафкананд, чаро ватане, ки онҳоро дар оғӯши худ парвардааст, аз чунин фарзанди нохалаф безор набошад…

*Душанбе, с. 2015*

## ТАРАҲҲУМ БАР ПАЛАНГИ ТЕЗДАНДОН… ва ё чаро акси садои таркишҳои Сурия дар Аврупо баланд шуд?

Шоми ҷумъаи ҳафтаи гузашта акси садои ҷанги Сурия дар хиёбонҳои марказии шаҳри Париж садо дод. Ҷангиёни «Давлати Исломӣ» (ДОИШ) дар дили аврупо силсиллаи бесобиқаи амалҳои террористиро анҷом доданд. Теъдоди шахсони номаълум дар яке аз тарабхонаҳои шаҳр мардуми осоиштаро тирборон карданд, се таркиш дар наздикии майдони варзишии «Стад де Франс» дар шаҳраки Сен-Дени, ки бозии рафиқонаи дастаҳои мунтахаби Фаронса ва Олмон баргузор мегардид, ба вуқӯъ пайваст. Президенти Фаронса Франсуа Олланд аз меҳмонҳои муътабари ин бозӣ буд. Вале даҳшати асосӣ дар рок-консерти гуруҳи амрикоӣ дар театри «Батаклан» сурат гирифт, ки дар он террористон 129 нафарро ба ҳалокат расонида, беш аз 300 нафарро захмӣ карданд, ки тақрибан 100 нафар ҷароҳатбардоштагон дар ҳоли марг қарор доранд.

Чӣ боис гардид, ки террористон бидуни монеъа аз кишвари ҳамсоя Белгия бо аслиҳа ба Фаронса ворид шаванду дар макази шаҳри Париж бемамониат ба қатли ом даст заананд? Амалиётҳои ҳарбии Фаронса дар ҳайати эътилофи зиддитеррористии 60 кишвари ҷаҳон дар Сурия? На…

Ҳанӯз солҳои 1960 вақте, ки Президенти Фаронса Шарл де Голл мехост истиқлолияти Алҷазоирро дастгирӣ кунад, гурӯҳҳои миллатгаро, ки афсарони аршади ҳарбӣ низ онҳоро ҷонибдорӣ мекарданд, муқобил баромаданд. Ин боис гардид, ки танҳо дар чор моҳи аввал 1190 бомб тарконида шуд ва ба унвони «фестивали таркишҳо» машҳур гардид. Соле пас террористон ҷуръат пайдо намуда, ба «шикор»-и сенаторҳо, вакилони парлумон, афсарони аршади пулис ва журналистони шинохта даст заданд. Ба худи Де Голл даҳҳо маротиба сӯиқасд карданд. Боре ба кортежи ӯ ҳамла карда 150 тир заданд. Де Голл шишамайдаҳоро аз палтояш афшонида заҳрханда кард, ки «он қадар нишонзани хуб ҳам нестанд».

«Фестивали инфиҷорот» бо ҳамин анҷомид, ки бо фармони Президент-генерал террористонро бераҳмона қир карданд ва ҷомеаи Фаронса аз ин иқдоми ӯ истиқбол кард.

Вале имрӯз вазъият дар Фаронса комилан дигар аст. Ин кишвар бо терроризми байналмилалӣ рӯ ба рӯ шудааст ва он ҳам зодаи шарики стратегии худи Фаронса аз он сӯи уқёнус аст. Гурӯҳҳое мисли «Давлати исломӣ»-ву «Чабҳатан-нусра», ки имрӯз дар Фаронса даст ба террор мезананд, баъд аз барҳам задани низоми давлатдории суннатии Ироқу Либия ва қариб аз байн бурдани ҳукумати Сурия арзи вуҷуд карданд.

Фаронсаи саргарми бозиҳои сиёсӣ ҳанӯз ҳам бо ҳидояти бародарбузурги худ аз он ҷониби уқёнус ва маблағҳои «ташкилотҳои исломӣ» ба гурӯҳҳои радикалии Сурия навтарин аслиҳаро дастрас менамояд. Натиҷаи ин бозиҳои стандартҳои дугона ба он овард, ки фиристодагони гурӯҳи «Давлати исломӣ» имрӯз дар хиёбонҳои Париж озодона гаштугузор мекунанд ва даст ба инфиҷору хунрезӣ мезананд. Роҳбарони баландмақоми ИМА ва кишварҳои аврупо бошанд, ҳанӯз ҳам аз минбарҳои баланд доир ба фарқи-

яти террористони «хуб»-у «бад» насиҳат мехонанд.

Фаронса ва Иттиҳоди аврупоро дар ояндаи наздик чӣ интизор аст? Оё баъд аз ин ҳодиса бо «ДИИШ ва терроризм муборизаи беамон эълон карда мешавад? Ба гумон… То он даме, ки аз «ДИИШ» нафт мехаранду ба он аслиҳа мефурушанд, то он даме, ки террористон аз тамоми ҷаҳон озодона сарҳади Туркияро убур намуда ба Ироқу Сурия мераванд ва ё баръакс бо тӯдаи гурезаҳо ба кишварҳои аврупо бармегарданд, то он даме, ки эътилоф ба ҷои бо «ДИИШ» ҷангидан қувваҳои террористиро алайҳи Президенти қонунии Сурия Башор Асад таҳрик медиҳанд, ин қазия поён надорад.

Аз дигар тараф, хунукназариву бетафовутии ҳукмати Фаронса ва нарм будани қонунҳои он нисбат ба террористону неофашистон барои ҳама гуна гуруҳҳои иртиҷоӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Франсуа Мален, прокурори шаҳри Париж иқрор кард, ки яке аз террористони муайяншуда чанд маротиба аз ҷониби пулиси Фаронса барои таблиғи ақоиди террористӣ ба ҷавобгарӣ кашида шудааст. Вале бо ҳукми суд ба ҷои ба маҳбас равон шудан, бо ишорае дар корти махсуси «ба амнияти миллӣ хатар дорад» озод ва танҳо таҳти назорат гирифта шудааст. Мален ҳамчунин тасдиқ кард, ки шиносномаи дар ҷои амали террористи, назди майдони олимпии «Стад де Франс» дарёфт шуда ба шаҳрванди Сурия тааллуқ дорад, ки чанд моҳ қабл зери ниқоби гуреза аз сарҳади Туркия ва Юнон ба Иттиҳоди Аврупо ворид шудааст ва аз ҳисоби давлат бо нафақаву кӯмакпулӣ низ таъмин аст. Аҷаб «муҳаббат»-у «хайрхоҳӣ» нисбат ба қотилони ҷаррор…

Тӯли чанд рӯзи охир, дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон издиҳоми мардум назди сафоратхонаҳои Фаронса бо гулдаставу шамъҳои афрӯхта ҷамъ омада, якдилии худро бо мардуми мусибатзадаи Париж изҳор ва терроризмро маҳкум намуданд. Сарони кишварҳои G20 дар шаҳри Анталияи Туркия аз минбари баланди ин созмони бонуфуз ба-

ромад карда, тамоми кишварҳоро ба муборизаи қотеъона алайҳи терроризм даъват намуданд. Ҳавопаймоҳои ҳарбии Фаронса, ки то имрӯз дар фазои Сурия сайр мекарданд, ба ҷигари «давлати исломӣ» шаҳри Ал-Ракқа зарбаҳои ҷонкоҳ заданд. Ҳатто Франсуа Оланди «башардӯст» ҷуръат намуда аз конгресс талаб кард, ки ба хотири хотима гузоштан ба амалҳои террористӣ дар Фаронса, ба Сарқонуни он тағйирот ворид карда шавад.

Вале куҷо буданд ин ҳама якдиливу иттиҳод ва гулгузориву шамъафрӯзиҳо вақте, ки дар натиҷаи амалҳои террористӣ худи ҳамин сол дар Туркия 95 нафар ҳалок ва 246 нафар захмӣ, дар шаҳри Гарриси Кения 147 нафар ҳалок ва 95 нафар захмӣ, дар шаҳри Санъо, пойтахти Яман 150 нафар ҳалок ва 345 нафар захмӣ, чанд рӯз қабл дар шаҳри Бейрути пойтахти Лубнон 41 нафар ҳалок ва беш аз 200 нафар захмӣ ва ниҳоят суқути ҳавопаймои русӣ дар нимҷазираи Синои Миср, ки 224 куштаро ба ҷо гузошт…

Ва ё қурбониёни ин амалҳои террористи мардуми дувумдараҷа маҳсуб мешаванду то бумеранги ҳавола кардаи ҷанобон олинажод ба сари худашон назанад ҳушёр намешаванд?

Аз он ҳарос дорам, ки ин навбат низ муборизаи шадид алайҳи терроризм бо даъвату шиорпартоиҳо аз минбарҳои баланд, дасти ҳам гирифтану дар хиёбонҳо раҳпаймоӣ кардан ва суруди «марселеза» хондан хотима меёбад. То амалҳои террористии навбатӣ дар амрико ё аврупо. Чаро ки, имрӯз дар ҷаҳони муосир садҳо таркише, ки машриқзаминро меларзонаду сари қабри ҳазорон куштагонаш як гул гузошта намешавад ба «омор» табдил ёфтаасту, як таркише ки дар аврупо садо медиҳад «фоҷиаи бузург» унвон мешавад.

Танҳо дар ҳамон ҳол терроризм шикаст мехӯрад, агар ҷомеаи ҷаҳонӣ амиқ дарк кунад, ки барои террорист дин, нажод ва ё миллат фарқ надорад…

*Душанбе, ноябри с.2015*

# ПОНОМАРЕВИ ШОВИНИСТ ЧӢ МЕХОҲАД?
## ва ё Адешаи чанд дар ҳошияи мақолаи иғвоангези ин псевдожурналист

Чанде қабл дар сомонаи «Комсомолская Правда» мақолаи муғризонаи журналисти рус Сергей Пономарев бо унвони «Тоҷикистон аз даврони рукуди шӯравӣ ба ояндаи дурахшон» ба нашр расид, ки бо услуби таҳқиромез навишта шуда, дар расонаҳои миллӣ ва шабакаҳои интернетӣ ба муқовимати сахти рӯзноманигорон, коршиносон ва ҳатто шахсони оддӣ дучор шуд. Аз муҳтавои мақолаи ин псевдожурналисти рус чунин ба назар мерасад, ки ҳанӯз ба хоки Тоҷикистон қадам нагузошта, аз ибтидо чунин тасмим дошт, ки як мақолаи хеле баҳсбарангезу муғризона ба қалам диҳад.

Вокуниши рӯзноманигорон ва сиёсатмадорони тоҷик (ба истиснои чанд нафар ватанфурушу миллатбезор) низ вобаста ба қабоҳати ин матлаб, хеле шадид буд, ки ҳатто инро дар доираҳои ВАО-и Русия низ ба хубӣ эҳсос намуданд. Хуб, ин табиист, ки агар ҳар як миллат ё халқ андаке ору номуси миллӣ дошта бошад, ба ҳимояи таърих, фарҳанг ва ё дигар арзишҳои миллиаш садо баланд мекунад.

Вале, ҳафтаномаи мо тасмим гирифт, ки дар ин замина андешаи хонандагони худи русро, ки дар ҳошияи мақолаи мазкур нашр шудаанду аз иқдоми шовинистии С. Пономарёв шадидан интиқод менамоянд, манзури хонандагон созад.

Афсари рус бо номи Сергей Михайлович аз навишатаҳои ҳамноми худ ба шигифт омада, мегӯяд: «Дар Тоҷикистон 12 сол хизмат кардам. Ваҳшонияти муаллифи мақола маро ба ҳайрат меафканад. Чунин ба назар мерасад, ки муаллифи мақола як роҳгузари тасодуфӣ бошад. Далелҳои зиёди нодуруст, ки ба фантазияи бемори худи муаллиф

рабт доранд. Агар ба истилоҳи нарм гӯем ин «матлаб» ба завқи одамони паст мувофиқ навишита шудааст. Журналист на бояд бо қолаб (стереотип)-ҳои таҳмилшуда зиндагӣ кунад. Вагарна ӯ журналист нест…»

Хонандаи қазоқистонӣ бо номи Макс бо тамасхур ҷавобан ба мақолаи Пономарев менависад: «Ман тоҷик нестам. Ташаккур барои мақолае, ки пур аз «интернатсионализм»-и хос ба хокандоз (бели ахлотпарто)-и русист. Ҳамин гуна «мақола»-ҳоро бештар нависед. Бахусус, изтеҳзои Шумо дар мавриди валангор шудани шаҳраки русӣ, «Чкаловск» ба ман хеле «хуш» омад. Чӣ тур тоҷикон ҷуръат намуда, дар шаҳраку деҳот системаи обу ташнобро, ки русҳои мутамаддин сохта буданд, вайрон карданд? Ҳм.. Аҷиб агар ба назар гирем, ки ҳатто имрӯз ҳам дар яке аз навоҳии Русияи мутамаддин, фаразан губернияи Карелия кампиракони нафақахур аз губернатор хоҳиш доранд, ки барои зимистонгузаронӣ як баста ҳезум диҳад. Тоҷикон шояд қудрати танксозӣ надоранд, вале дар даврони ҶБВ барои Русияи «муқаддас» ҷонашонро қурбон намудаанд, ки инро инкор карда наметавонед…»

…Инчунин ба ман «азизам», чи гуна барҳамхурии ЛГХК (Ленинабадский горно-химический комбинат – Комбинати кухӣ-химиявии Ленинобод)-ро ба дӯши тоҷикон бор карданатон хеле «писанд» омад. Итминон дорам, ки агар меҳмони мо шавед, матлаби нисбатан изтеҳзоомезтарро дар бораи Қазоқистон хоҳед навишт. Комбинати кӯҳӣ-химиявии Степногорск низ валангор шудааст. Хар-аробаро дар Олма-Ато пайдо кардан душвор, вале агар андаке кӯшиш кунед ҳароина имконпазир аст. Доир ба масъалаҳои русӣ ба назди атамани козакҳо беҳтараш наравед, онҳо аллакай намакхӯрда шудаанд. Вале суроғаи кампираки русеро, ки талбандагӣ мекунаду аз нки он ба писари дар Русия зиндагӣ доштааш маблағ мефиристад,

ҳатман медиҳам…»

Хонандаи рус Артём, аз шаҳри Красногорски вилояти Маскав баъд аз қироати мақола ба шӯр омада, менависад: «Ҷанобон! Пономарёв дар кишварҳои собиқ Шӯравӣ «сайру саёҳат» карда, миллатҳоро таҳқир мекунад, то сафи душманони мо афзоянд! Бо ин ӯ чиро нишон медиҳад? Фарҳанги мардуми русро? Ба гумон… Ин ба фикрам фитнаангезии нобахшиданӣ аз ҷониби «Комсомолская правда» аст!!! »

Лаҳни тунд ва таҳқиромези мақола, журналисти шинохтаи рус Максим Шевченкоро низ бетараф нагузоштааст: «Оҳанги мақола таҳқиромез. Шояд дар худи мақола чизҳои хондани бошад, вале оҳанги аблаҳонаи он матлабро билкул беарзиш кардааст. Ин такаббури ҷаноби сафедпӯст аст. Ман аз халқи тоҷик барои ин оҳанги таҳқиромез ва мақолаи пуч узр мепурсам. Муаллиф на дар бораи Ҷамшед – қаҳрамони «Шоҳнома» ва на дар бораи Равшан чизе намедонад. Бахши аввали мақола пурра нажодпарастона аст. Муаллиф дар бораи халқи тоҷик ҳавобаландона менависад. Ин кароҳатангез аст ва аз қироаташ шарми кас меояд…

Фикр мекунам ин мақола як андоза супориши ҳам ҳаст, вале дар маҷмуъ ин як матлаби нажодпарастона барои ҳаромзодаҳост. Оҳанги беэҳтиромӣ; эҳсос нашудани таваҷҷуҳ ба фарҳанги дигар, ноогоҳӣ аз фарҳанги як миллат. Инсон дар бораи тоҷикон ҳарф мезанад вале худ намедонад, ки «Шоҳнома» чист, ҳатто дар бораи ин асар тасаввурот надорад. Ҷаҳонбинии аблаҳона, ки ба ҷуз аз дача (боғча)-и худ чизи дигаре завқи ӯро ангеза намедиҳад. Инсоне, ки гумон мекунад ҳама чизро медонад ва худро одами «сафед» эҳсос мекунад. Вале ин мақола аз ҷониби одами «сафедпӯст» ё рус навишта нашудааст. Ман мехоҳам, ки халқи тоҷик донанд, ин матлабро одами рус иншо

накардааст. Рус ба маънои томаш ин Афанасий Никитин аст, ки чандин баҳрро убур намуда, дар бораи миллатҳои дигар бо завқ, муҳаббат ва эҳтиром навиштааст…»

Мояи ҳайрат ин аст, ки дар ҳошияи мақола муаллифи он Сергей Пономарёв ва дигар ҳаммаслакони неофашисти ӯ хеле фаъолона ширкат варзида, ба ҳар як эроде, ки нисбати ин мақолаи пучу бемаънӣ гирифта мешавад, сарсахтона муқовимат мекунанд. Ва ҳатто дар яке аз шарҳҳояш Пономарёв иқрор мешавад, ки ин мақола қасос барои беэҳтиромӣ нисбати миллати рус буд, ки солҳои навадуми қарни гузашта Тоҷикистонро тарк карда буданд. Чи разолату аблаҳӣ, ки журналист касби худро эҳтиром накарда, рӯшод ба қасосгириву фитнаангезӣ иқрор мешавад.

Вале «офтобро бо доман пӯшида намешавад». Чанд нафар тоҷикон (боиси ифтихор аст, ки хеле донишмандтар аз С.Пономарев) бо лаҳни хеле тозаи русӣ ғаразҳои ифлоси муаллифро фош намудаанд ва теъдоди зиёди намояндагони миллатҳои дигар; русҳо, қазоқҳо, укроиниҳо, тоторҳо, қафқозиҳо… бо онҳо ҳамовоз шуда, ҳадафҳои нопоки муаллифи мақоларо ба танз кашидаанд.

*Душанбе, июли с.2016*

## ПОРТРЕТИ ЯК СИЁСАТМАДОРИ БУЗУРГ

Аз рӯзи мавлуди ин чеҳраи шинохтаи сиёсат 92 сол сипарӣ мешавад, аз маргаш низ 13 сол гузашт, вале ҳанӯз дар бораи ӯ зиёд ҳарф мезананд... Кору пайкори ин шахси наҷибро ба силки таҳқиқ мекашанд. Аммо новобаста аз назарҳои мусбату манфӣ доир ба фаъолияти ин сиёсатмадори барҷаста, ҳама иқрор мекунанд, ки наҷоти миллати Озарбойҷон ба номи ин шахс – Ҳайдар Алиев вобаста аст.

Ҳайдар Алиев дар оилаи як коргари оддии роҳи оҳан,

дар шаҳри музофотии Нахичевани Озарбойҷон таваллуд ёфтааст. Хатмкардаи омӯзишгоҳи педагогии Нахичеван, Донишкадаи индустриалии Озарбойҷон ва Донишгоҳи Давлатии Озарбойҷон ба номи С.М. Киров. Солҳои тӯлонӣ дар хадамоти амният ва мақомоти ҳизбии ин кишвар фаъолият кардааст. То вазифаҳои Котиби якуми КМ Ҳизби коммунистии Озарбойҷон ва муовини аввали Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС (СССР) расидааст. Аз сафи теъдоди ангуштшумори роҳбарони ҷамоҳири Шӯравист, ки номзад ба узвияти Бюрои сиёсии КМ ҲКИШ (КПСС) шуд.

Гурӯҳе ӯро атеисти ашаддӣ ва коммунисти содиқ мехонанд, гурӯҳи дигаре миллатгарои асил… Вале худи ӯ дар яке аз мусоҳибаҳояш мегӯяд: «Решаҳои ман аз дини мубини ислом обишхур доранд, миллатам бошад, озарбойҷонист, ман аз ин бениҳоят ифтихор дорам».

Аз дӯстони наздики сиёсатмадори маъруф Юрий Андропов буд. Соли 1969, вақте ки ба симмати роҳбарии Озарбойҷон мешинад, корро аз мубориза бо фасод оғоз мекунад. Аз се ду ҳиссаи вазирон, аз 10-8 нафар аъзои Бюрои сиёсии КМ, аз 45-37 нафар котибони ҳизбии ноҳия- виро ба иллати фасодзадагӣ аз вазифаҳояшон сабукдӯш месозад. Соли 1985 бо мақсади ислоҳот дар сафи ҳизб номзадии Михаил Горбочеврο ба вазифаи Котиби Генералии КМ ҲКИШ дастгирӣ мекунад, вале баъдтар таҳти фишори ӯ аз вазифааш истеъфо медиҳад. Шахсеро, ки бо фасод муборизаи беамон мебурд, ба фасодзадагӣ айбдор мекунанд.

Сардори идораи Шӯрои Вазирони ИҶШС Михаил Смиртюков дар хотираҳояш менависад: «Шикояти зиёд аз болои ӯ ба КМ ворид мешуд. Як теъдод бо имзо ва теъдоди дигар бидуни имзо, яъне «анонимка»… Нахуст дар бораи ин мактубҳо ба Н.А. Тихонов (Раиси Шӯрои Вазирон)

гузориш додам, вале ӯ дар ҷавоб гуфт: «Гӯш кун, бо онҳо ҳарчи мехоҳӣ бикун, ихтиёрат. Ман ҳавсалаи бо ин кор машғул шуданро надорам». Ночор назди Ҳайдар Алиевич рафтам (Алиев ҳамон вақт вазифаи муовини аввали Раиси Шӯрои Вазиронро ба зимма дошт). Мактубҳоро болои мизаш гузоштам. Ӯ мактубҳоро мехонд ва зери лаб мегуфт: «Дуруст, инашро ман ҳабс карда будам, инаш бошад найрангбоз ва аризанависи гузаро, ана инашро барои камбудиҳо аз вазифа сабукдӯш карда будем... Бале ҳамааш дуруст». Гуфтам, ки метавонад мактубҳоро гирад, вале ӯ инкор кард. «Лозим нест,- гуфт. Баред, агар зарурат бошад, санҷед.» Як чиз то ҳанӯз барои ман ҳайратовар аст. Агар шахси дигаре ба ҷои Ҳайдар Алиевич мебуд, ҳатман ин мактубҳоро гирифта маҳв мекард. Вале ӯ аз ин кор ҳазар кард ...» Баъдтар ҳамин мактубҳо сабаби фишор аз ҷониби М.С. Горбачев ва истеъфои Ҳайдар Алиев мешаванд.

Соли 1990 Ҳайдар Алиев ба Ватан бармегардад. Вазъи сиёсии Озарбойҷон ба иллати даргириҳои Қарабоғ хеле ноором буд. Ӯ ба нишони эътироз алайҳи сиёсати ғаразноки роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ нисбат ба Озарбойҷон сафи Ҳизби Коммунистро тарк мекунад.

Сиёсати роҳбари онвақтаи Озарбойҷон Абулфазл Элчибей ин кишварро ба ҳолати парокандашавӣ оварда буд. Ҳайдар Алиев маҷбур мешавад, ки дубора ба саҳнаи сиёсат баргардад. Ин роҳи пурмашаққати ӯ аз интихоб ба вазифаи Раиси Шӯрои Ҷумҳурии мухтори Нахичеван оғоз меёбад. Соли 1993 ба вазифаи Раиси Маҷлиси Миллӣ ва худи ҳамон сол Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон интихоб мешавад. Бозгашти дубораи ин шахсияти бузург ба сиёсат имкон дод, ки Ҷумҳурии Озарбойҷон аз вартаи ҷанги бародаркуш ва хатари маҳвшавӣ раҳо ёбад.

Солҳои навадуми қарни гузашта вазъияти сиёсии аксари кишварҳои пасошӯравӣ хеле ба ҳам шабоҳат доштанд.

Гӯё сенарияи нооромиҳои ин кишварҳо ба қалами як муаллиф тааллуқ доштанд. Вале, хушбахтона, ду шахсияти бузург, ду сиёсатмадори варзида, дар Тоҷикистону Озарбойҷон тавонистанд, ки алайҳи ҳама гуна сенарияҳои тарҳрезишуда истодагарӣ кунанд ва миллату давлати хешро аз маҳвшавӣ наҷот диҳанд. Яке аз ин номварон, дар он вақт ҳанӯз сиёсатмадори ҷавон, вале имрӯз яке аз чеҳраҳои шинохтаи сиёсӣ ва Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон аст. Дигаре сиёсатмадори ботаҷриба ва шинохта Ҳайдар Алиев мебошад, ки ваҳдату якпорчагӣ ва пешравию шукуфоии Озарбойҷони имрӯзаро ба номи ӯ марбут медонанд …

Имрӯз мардуми Озарбойҷон бо тасмими нек, баҳри ободии кишвар реҷаҳои нав ба нав мекашад, бо истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, хоса нафту газ, дар арасаи байналмилалӣ кишвар беш аз пеш мавқеи муҳим пайдо мекунад, саноату кишоварзии он дар ҳоли рушд аст ва ин ҳама ба шарофати ҷоннисориҳоии Ҳайдар Алиев, ки барои ба сулҳу ваҳдат расондани кишвар ва сиёсати дурандешонаи ӯ амалӣ шудаанд. Кору пайкори ӯро имрӯз фарзанди арзанда ва шогирди асили ӯ, Илҳом Алиев идома медиҳад, ки тавсеабахши корҳои бузурги падар аст.

*Душанбе, с.2016*

## ЧАНД ҲАРФИ ХУРД ДАР БОРАИ «АМАЛ»-ҲОИ БУЗУРГ…

Дар шаҳри мо як зани аризабоз зиндагӣ мекард, ки мардум ӯро фаразан бигӯем «Салима ООН» тахаллус карда буданд. Ӯ ба як бемории хеле аҷиб гирифтор буд, ки ба истилоҳи имрӯзаи тиббӣ «паранойа» меноманд. Воқеъан ҳам «пароноик» буд, ба ҳама кас бо шубҳа менигарист. Як

васваса дошт, бо вуҷуди таъсири беамони рӯзгор ба синну солаш ва риштаҳои сафеди мӯи сараш гумон мекард, ки фалониву беҳмадони мехоҳанд ба номуси ӯ таҷовуз кунанд.

Бо ин гумон варақ-варақ шикоятномаҳо навишта, дар ба дари мақомоту идораҳо мегашт ва агар ҳарфашро гӯш накунанд фиғон мекашид, ки «Ман ба ООН муроҷиат мекунам, мебинед ООН ҷазои Шуморо чи гуна медиҳад!». Он вақт ин ҳарфҳои ӯро мешуниданду аксарият ба содагии «Салима-ООН» заҳрханда мекарданд. Яъне, «ООН дигар кор надорад, ки аз паси васвасаҳои шуми ту мегардад». Ӯ дар ҷавоб изтеҳзоомез мегуфт: «Шумо нархарон аз куҷо медонед, ки ООН-ро аслан барои ман баринҳо сохтаанд, афсӯс, ки ман суроғаашро аниқ намедонаму мактубҳои ман то Раиси ООН намерасанд, вагарна қири ҳамаатонро мебаровардам»

Ҳоло, ки замона ҳам тағйир ёфтаасту арзишҳо ҳам дигар шудаанд кампири «Салима - ООН»-ро ба хотир оварда шукрона мекунам, ки ҳамон вақтҳо ӯ суроғаи СММ-ро пайдо накарда будааст. Вагарна ӯ ба истилоҳи худаш «қири ҳамаро мебаровард» ва ё ҳадди ақал метавонист барои давлат ва ҳукумати вақт як муддат дар арсаи байналмилалӣ дарди сари зиёд эъҷод кунад.

Имруз, ки дастгирии издивоҷҳои ҳамҷинсгароӣ аз волотарин арзишҳои башарӣ маҳсуб мегардаду эътирози аксарият нисбат ба намоишҳои рӯшоди ишон мавриди нигаронии ташкилотҳои бонуфузе мисли СММ ва САҲА қарор гирифтааст, ҳеҷ аҷиб нест, ки васвасаҳои «Салима-ООН» низ ҳамон вақт дар яке аз ҷаласаҳои СММ ҷиддан баррасӣ мешуд. Бубинед, ки ҳамарӯза аз ҷангҳои бемаънию гуруснагӣ фавтидани ҳазорон нафар ба масъалаи дувумдараҷа табдил ёфтааст, вале намоиши ҳамҷинсгароҳо дар фалон шаҳри аврупо сарахбори ВАО-и ғарб…

Барои ҷаноби Пан Ги Мун, Раиси СММ, ки масъули ваҳдати миллатҳову давлатҳост, мулоқот бо Кончита Вусти хунасо имрӯз афзалияти бештаре дорад нисбат ба ин, ки равад дасти бечораи тероршудаеро дар Ироқ, Сурия ё Укроин бигирад ва лоақал нафареро ҳамдардӣ кунад. Мавсуф дар ҷаласаҳои СММ дар Вена ба Кончита Вуст хитоб кард: «Банда кайҳо дар орзуи шиносои бо Шумо будам…».

Барои СММ ва САҲА Башор Асаде, ки зидди терористони ДИИШ ба хотири ҳимояи мардуми бегуноҳи Сурия ва ҳифзи суннатҳои санияи ин кишвар мубориза мебарад, роҳбари як режими худкома аст, вале вазири корҳои хориҷии Латвия Эдгар Ринкевич, ки рӯшод аз ҳамҷинсгаро буданаш иқрор мекунад, сиёстамадори далеру ҷасур ва роҳбариояндабахш аст.

«Эҳтиром! Ва рафоқат»,- навиштааст, Вазири корҳои хориҷии Швеция Карл Билдт аз рафтори ҳамтояш ба завқ омада. «Эдгар, дӯсти ман, ба ҷасорат ва самимияти ту қоилам!!!», - гуфтааст ҳамтои дигари ӯ аз Литва, Линас Линкявичус…

Ҳар оина гумон мекунам, ки дуруст мебуд агар ин созмонҳои бонуфуз ба ҷои таблиғи «ақидаҳои либералӣ», ки барандозандаи фарҳангу таърих ва ба як оммаи бенангу номус табдил ёфтани башарият гардидааст ва ба кишварҳои «сеюм» иҷборан таҳмил намудани ин навъ демократия, ки чеҳраи «инсонӣ» надорад, ба вазифаи ҷонии худ, фароҳам овардани сулҳ таъмини амният, муросову мадорои миллатҳо, пешгирии ҷангу куштор, нажодпарастӣ, фашизм машғул мешуданд.

Вале афсус, ки орзуҳои файласуфи маъруф Иммануил Кант, ки ба хотири қатъи ҷангу хунрезии байни кишварҳо бунёди чунин созмони фаромилиеро, ки фаъолияташ дар ин бахш муассир бошад, пешниҳод карда буд, комилан фа-

ромӯш шудааст.

Имрӯз ҳар роҳбаре, ки таърих, фарҳанг, расму оини миллиашро аз «либерализм» таҳмилшуда муҳофиза мекунад, пеши ин созмонҳо роҳбари худкомаю ғайридемократӣ аст. Дахолат ба умури дохилии ин гуна кишварҳо ва фишор ба пешвоёни воқеии онҳо ба як амри ногузир табдил ёфтааст.

Агар принсипҳои ин созмонҳо тағйир наёбад, метарсам, рӯзе «рӯҳниёни маъшуқабоз»-и мо, ки корнамоияшон эътиқоди мардумро нисбати ин тоифа хеле коҳиш додааст, таҳти ҳимояи ин созмонҳои бонуфуз садо баланд кунанд ва зери мусиқии «Ба лолазоре, соқи май биёре…» ба дастгирии «ақалияти истисморшуда» намоиш барпо намоянд.

## ДАР ҲОШИЯИ ЯК МАТЛАБИ ПУРМУҲТАВО
### (ва ё тақриз ба мақолаи С. Ятимов «Оиди назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ»)

Файласуфи маъруфи Юнони қадим Афлотун фаразияеро пешниҳод карда буд, ки баъдтар ба унвони «мусули афлотунӣ» шӯҳрат пайдо кард. Мухтасари масали мазкур ин аст, ки Афлотун мегӯяд «агар деворе бошаду пешорӯи он оташи бузургеро барангезанд ва байни оташу девор инсон қарор бигирад ва ҳаракат кунад сояи он низ дар девор ба ҳаракат хоҳад рафт. Шахсе, ки аз донишу маърифат дур асту, ҷаҳолату нодонӣ бар мағзаш асар карда ҳамон сояро асл пиндорад».

Яъне зиндагии миллатҳову қавмҳое, ки ҷаҳолату нодонӣ бар онҳо ғолиб асту шуурашон заиф мисли ҳамин соя бошад, ки ғофил аз нури оташу он ки қуввае ҳаракати сояро идора мекунад, онро асл пиндоранд.

Чанде қабл мақолаеро бо унвони «Оиди назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ» қироат кардам, ки ба қалами Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Саидмуъмин Ятимов тааллуқ дорад. Аслан ин як тадқиқоти мухтасар вале фарогире аст дар илми ҷомеъашиносӣ нисбат ба он, ки дар маҳдудаи як мақола муаррифӣ кунем.

Муаллиф дар матлаби худ бо далелҳои раднопазир ҳамин андешаро ба силки таҳқиқ кашидааст, ки миллатҳо ва давлатҳое, ки бунёдашон аз илму маърифат рехта шудааст ҳамеша дасташон болост, вале миллатҳое, ки ба иллате аз аслу насаб, таърих ва фарҳанги худ дур шудаанду ба идеология, фарҳанг, оину мазҳаби таҳмилшуда имон овардаанд осебпазир буда, пешорӯи маҳвшавӣ қарор доранд. Зиндагии ин қавмҳо мисли ҳамон сояи афлотунист, ки онро асл мепиндоранд ва ғофил аз онанд, ки қуввае онҳоро аз берун ба майлу хоҳиши худ идора мекунад ва кадом сӯе хоҳад мекашад…

Муаллиф дар матлаб хеле нозукбинона ишора мекунад «Яке аз масъалаҳои муҳими фаъолият дар самтиояндабинии сиёсӣ коркарди алтернативаҳо мебошад. Мусаллам аст, ки субъектҳои сиёсӣ, махсусан берунӣ, ҳамон алтернативаҳоро коркард, омода ва роҳандозӣ мекунанд, ки ба амалишавии манфиатҳои онҳо мусоидат менамояд.»

Назири ин фарзияро мо дар мисоли «баҳори араб» ва «инқилобҳои ранга»-и кишварҳои пасошӯравӣ дидем, ки қавму миллатҳои сархуш аз «бодаи демократия» бо дасти худ арзишҳои миллӣ, таърихӣ, иқтисод, фарҳанг ва ҳаёти амну ороми худро аз бунёд баркандаанд ва милаташонро ба вартаи ҷаҳлу муфлисӣ афкананд. То дарк карданд, ки ин ҷомеаҳои алтернативӣ танҳо ба хотири ба даст овардани сармояву нафти ишон роҳандозӣ шудааст, дигар зимоми давлату давлатдорӣ аз дасташон берун шуд.

Ҷои дигаре ишора меравад, ки «…системаҳои интел-

лектуалии рушдёфтаи глобалӣ системаҳои оддӣ, примитивӣ, тахайюлӣ, эҳсосотӣ, тамоюл ба сарчашмаҳои афсонавӣ ва ормониро рӯшод, ошкоро, мустақиман ва бисёр вақт ноаён дар доираи манфиатҳои худ ҳамчун зерсистема ба таври инструменталӣ, чун восита, олоти бозиҳои геополитикӣ истифода мекунанд.» Ба қавли муаллиф барои ин зерсистемаҳо тамоми имконот ҷиҳати мубориза фароҳам ва меъёру сарҳади онҳо муайян мешавад. Ин гурӯҳҳои истихдомшударо «...таҳти шиорҳои гуногуни «ҷиҳод», «муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ», «ҳимоят аз исломи ноб», «мубориза ба муқобили куффор» ки дар асари он садҳо, ҳазорҳо нафар нобуд шудаанд, деҳот, шаҳр ва кишварҳоро ба харобазор табдил ёфтаанд» ба майдон мекашанд. Вале баъдтар ин «ғуломони» парвардашуда аз итоати хоҷагони худ сар мепечанд, аз таҳти таъсири онҳо берун мешаванд, торафт бештар «ғулом»-и арзишҳои сунъии таҳмилшуда мегарданд ва барояшон дарди сари зиёд эъҷод мекунанд.

Натиҷаи ҳамин сиёсати якҷониба ва сарсахтонаи ғарб аст, ки имрӯз дастпарварони «исломи сиёсӣ»; «Толибон», «Ал-қоида», «Ихвон-ул-муслимин», «ДИИШ» ва мисли ин сарҳадҳои иҷозашударо убур намуда, дар маркази Аврупову Амрико даст ба терор мезананд. Натиҷаи ҳамин таҳрикҳои ногувор ва таҳрифи арзишҳои исломӣ аст, ки кормандони «Шарли Эбдо» барин маҷалаҳоро, ки рамзи «озодии сухан» дар аврупо маҳсуб мешавад, дастпарварони худашон ба таври ваҳшатангез эъдом мекунанд.

Мутаассифона, аз дохили ин ақвом «лидерони ояндасоз»-е низ пайдо мешаванд, ки манфиати шахсии худро бар манофеи миллӣ тарҷеҳ медиҳанд. Мунофиқона амал мекунанд ва мардумро ба иштибоҳ меандозанд. Муаллиф симои аслии онҳоро хеле дақиқкорона фош намудааст: «Баъзеашон, қаламу каломе ҳам ки доранд, мақола, муколама, мусоҳиба, мавъизаҳо ва ҳатто «корҳои илмиашон»-ро дар

васфи маромҳои он системаҳо, дар бисёри вақт бошуурона, лекин хеле соддалавҳона, аммо қотеона, намоишкорона, барои мадди «он назар» афтоданҳо иброз медоранд. Ҳарчанд ин ашхоси хеле ҳушманд «об додану гулоб талаб кардан»-ҳои муаллифони он системаҳоро беҳтар аз ҳама медонанд. Лекин ҳеҷ гоҳ расман амалкарди онҳоро, нисбати миллат, намояндагони мардуми хеш маҳкум намекунанд.»

Дар тақвияти ақидаҳои арзишманд ва барои имрӯз хеле муҳиму актуалии муаллиф танҳо бо ҳамин илова иктифоъ меварзем, ки «муҳандисони ҷаҳони муосир» вобаста ба менталитету ҷаҳоншиносии мардуми манотиқи мухталифи мавриди назарашон нақшаҳои хешро тарҳрезӣ мекунанд. Фаразан дар кишварҳои мусалмоннишин қувваҳои радикалии исломи сиёсӣ «олоти бозиҳои геополитикӣ»-и онҳо бошад, дар кишварҳои аврупо ҳамин нақшро барояшон «неонатсистҳо» анҷом медиҳанд. Мисли ин, ки агар шиорпартоиҳои фашистони кишварҳои Назди Балтик ва Украина хеле шабоҳат дошта бошад, шиорпартоиҳои қувваҳои иртиҷоӣ дар олами ислом низ аз як сарчашма обишхур доранд.

Фаразан тазоҳуроти солҳои навадуми қарни гузаштаи Тоҷикистон низ бо даъватҳои инқилоби яке аз кишварҳои Ховари Миёна айни як чиз буд. Шиори «Амрико, Амрико марг ба найранги ту…», ки дар майдонҳои ин кишвар танинандоз буд, тақрибан баъд аз 30 сол бо андаке тағйир дар кишвари мо аз ҷониби дастандаркрони тазоҳурот ба наҳви «Золимин, золимин марг ба найрангатон. Хуни шаҳидони мо мечакад аз чангатон» садо медод.

Дигар ин,ки дар радифи истилоҳе мисли «геополитика» ва «геостратегия», ки муаллиф онро дар мақола хеле мушикофона шарҳ додааст, истилоҳе мисли «геоэкономика» сари кор омадааст, ки ба манфиати олами сармоя

амал намуда, низоми молиявии кишварҳо ва минтақаҳоро барҳам мезанад. Зарбаи ин мафҳуми ҷадидро мо дар ҳаводиси чанд соли ахир эҳсос намудем, ки ҳатто ба иқтисодиёти кишвари мо низ беасар набуд.

Дар фарҷоми андешаҳои худ мехоҳам ҳамин нуктаро таъкид кунам, ки таҳқиқоти мазкур хеле густурда ва фарогир буда, ворид намудани он ба барномаҳои таълимӣ аз фанни сиёсатшиносӣ ё ҷомеашиноӣ ва тадриси он дар муассисаҳои олии кишвар аз манфиат холӣ нест. Инчунин салоҳи кор мебуд, агар олимони саршиноси мо низ дар давраи хеле ҳассос ва зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавӣ аз иқдоми муаллифи мақола, устоди соҳибназар Сайидмуъмин Ятимов ибрат гирифта, дар ин мавзӯъ чанд сатри муассир менавиштанд, то барои баъзе ҷавонони мо, ки дар кӯчаву паскӯчаҳои сиёсати ҷаҳонӣ раҳгум задаанд, раҳнамо бошад.

*Душанбе с.2016*

## ТОҶИКОНИ ЛЮБЛИНО

Соли 2005 ба шаҳри Лондони Британияи Кабир сафар кардам. Вақте ки аз фурудгоҳи Домодедово ба ҳавопаймои «Боинг» нишастам, гумон кардам, ки ин киштии бузургест, ки дар он тамоми шароит барои мусофирон фароҳам оварда шудааст. Он вақтҳо дар фазои кишвари мо ҳанӯз ҳавопаймоҳои Ту-134 ва Ту-154 парвоз мекарданд, ки дар салони тангу нороҳаташ муҳоҷирон пакету сумкаҳояшонро болои зону гузошта сафар мекарданд. Боварам намеомад, ки рӯзе дар чунин ҳавопаймои бузург, ки салони муҷаҳҳаз дорад мусофирони мо низ роҳат парвоз хоҳанд кард.

Инак, тақрибан баъд аз 15 сол бо сафари хизматӣ ба самти Маскав парвоз кардам. Терминали нави фурудгоҳи

Душанбе аз дигар фурудгоҳҳои байналмилалии кишварҳои Аврупо, инчунин фурдгоҳи Хитроуи Лондон ҳеҷ тафовут надошт. Вақте, ки аз тариқи «остин» (рукава) ба ҳавопаймои замонавии «Боинг 767-300»-и ширкати «Тоҷик-Эйр» ворид шудам, боз ҳамон хотираҳои сафари Лондон дар зеҳнам бедор шуданд. Эҳсоси хуше маро беихтиёр фаро гирифт. Дигар таи чанд соли охир шаҳрвандони мо низ имкон пайдо намуданд, ки ҳангоми сафар аз тариқи ҳавопаймоҳои ватанӣ бо хизматрасонии сатҳи баланд фаро гирифта шаванд.

Дигар чеҳраҳои аксарияти мусофирон низ аз чеҳраҳои маҳзуни муҳоҷирони солҳои 2005 тафовут дошт. Аз тарзи либоспӯшиву ҳарфзании ҷавонону бонувони тоҷик эҳсос мешуд, ки онҳо кайҳо сарҳади аробакашиву кӯчарӯбиро убур карда, ба ҳайси соҳибкорони муваффақ ва ё мутахассисони корхонаҳои Русия фаъолият мекунанд.

Паҳлӯи ман як ҷавонмарди 25-26 - сола ва зани ҷавоне бо тифлакаш нишастанд. Ҳануз қабл аз парвоз меҳмондори ҳавопаймо (стюардесса) пеши мо омада, аз ҷавон хоҳиш кард, ки ба курсии дигари холӣ нишинад, то бону бо кӯдакаш роҳат парвоз кунанд.

Аз бону пурсидам: - Шумо низ дар Русия кор мекунед?
- Не посух дод ӯ. - Ман дар шаҳри Қӯрғонтеппа (имрӯза Бохтар) зиндагӣ мекунам. Дӯзанда ҳастам, каме маблағ ҷамъ карда билет харидам. Назди шавҳарам меравам, духтаракам дусола шуду ҳанӯз ӯро падараш надидааст. Намедонам аз ин кори ман хурсанд мешавад ё малул …

Ҳазор офарини бонуи тоҷик, ки бо ин ҷуссаи наҳиф дар зиндагӣ бори сад ҷавонмардро мекашад.

**Маркази савдои «Москва»**

Сафари худро аз маркази савдои «Москва» оғоз намудам. Ин бесабаб набуд, чаро ки дар маркази мазкур беш

аз се ҳазор муҳоҷирон бо кори доимӣ машғуланд. Чанд нафар соҳибкорони тоҷик низ фаъолият доранд, ки дорои нуқтаҳои умдафурӯшӣ (оптовый) ва тарабхонаҳоанд. Аммо теъдоди зиёди тоҷикон дар бахшҳои гуногуни ин маркази бузург бо хизматрасонӣ машғуланд. Бахши азими ронандаҳои таксӣ, мошинҳои боркашонӣ, ҳаммолон, фаррошон, фурӯшандаҳо, пешхизматҳо ва мисли ин тоҷиконанд. Маоши онҳо ба ҳисоби миёна дар як моҳ 35-40 ҳазор рубли русӣ аст. Сабаби чунин таҷамӯи зиёди тоҷикон дар маркази савдои мазкур ба исми Абдусамад Абдураззоқов алоқаманд аст, ки дар маъмурияти ҳамин Маркази савдо яке аз вазифаҳои калидиро ба зимма дорад.

- Абдусамад Абдураззоқов, - мегӯянд муҳоҷирон,- ҳаддалимкон кӯшиш менамояд, ки ба ҷойҳои холии корӣ муҳоҷирони тоҷикро қабул кунад. Вале пеш аз ба кор қабул кардан шарт мегузорад, ки интизоми меҳнатиро риоя кунанд, ба ҳар гуна гурӯҳҳои мазҳабии иртиҷоӣ шомил нашаванд, ба дуздиву фиребгарӣ даст назананд. Бо онҳое ин шартҳоро риоя намекунанд, гуфтугӯ хеле кӯтоҳ аст. Бидуни ягон хархашаву кашмакаш аз кор озод карда мешаванд,- илова мекунанд муҳоҷирон.

- Оё байни ҷавонони тоҷик нафароне низ пайдо мешаванд, ки аз риояи ин қоидаҳо саркашӣ кунанд?- мепурсам аз ҳамватанони муҳоҷири худ.

- Бубинед, - посух медиҳад Диловар ном як ҷавон,- Идора кардани ин гуна артиши бузурги коргарон осон нест. Дар байни ҷавонони мо кам нестанд онҳое, ки бо ҳадафҳои ғаразнок ба Русия меоянд. Баъд аз ҷойгир шудану як миқдор маблағ кор кардан ба сарашон ҳар гуна ҳавову ҳавас мезанад. Маъмурият агар бо ин қабил ҷавонон созиш кунад, ин гуна беморӣ метавонад ба зудӣ байни дигар коргарон паҳн шавад. Вале аксарияти муҳоҷирон ҳароина ба хотири кор кардану маишати оиларо таъмин кардан

меоянд. Шояд ҳамин серталабии Ҳоҷӣ Абдусамад ва маъмурияти коргоҳ аст, ки то ҳол аз маркази мазкур касе ба гурӯҳҳои радикалӣ шомил нашудаву орзуи сафари Сурия ва ё Ироқ накардааст.

Ба назди бонуе меравам, ки аз шаҳри Душанбе аст ва чанд сол ин ҷониб дар мағозаи як соҳибкорзани чинӣ ба ҳайси фурӯшанда кор мекунад. Ҳангоми сӯҳбат аз ӯ мепурсам: - Коргарони тоҷик дар маркази мазкур зуд-зуд иваз мешаванд, ё солҳои тӯлонӣ кор мекунанд.

- Фаразан банда тақрибан 15 сол мешавад, ки дар Маркази савдои Москва кор мекунам. Мо оилавӣ дар ин марказ кор мекунем. Фарзандонамон низ дар мактабҳои Москва таҳсил мекунанд. Албатта, дар байни ҳамватанони мо афроде низ ба назар мерасанд, ки зуд-зуд ҷои кори худро иваз мекунанд. Вале мутаассифона табиати ин қабил мардум ҳамин аст. Дар як ҷо сабзида наметавонанд. Вале аксарият ба ин марказ дилбастагӣ доранд. Чунки ба таври қонунӣ ба кор қабул мешаванд, андоз месупоранд, ҷои ором асту касе намеранҷонад ва аз ҳама муҳим хатари депортшавӣ ба истисноии баъзе ҳолатҳо тақрибан ба сифр баробар аст.

Растаҳои Маркази савдои «Москва»-ро давр задан аз як рӯз бештар вақт мехоҳад. Барои аз ин марказ мол харидан аз тамоми шаҳрҳои Русия ва кишварҳои ҳамсоя савдогарон меоянд. Вақте ки ба ҳар як раста ва ё мағоза ворид мешавед, метавонед озод бо забони тоҷикӣ суҳбат кунед. Дар он ҳатман як ҳамватан пайдо мешавад, ки шуморо раҳнамоӣ кунад. Ҳатто вақте ки аз як чинидухтар арзиши телефони мобилиро бо русӣ пурсидам, бо лаҳни кӯдаке, ки гӯё нав забонро ёд гирифтааст посух дод: «Биштуше ҳажор сум». Бо ҳайрат ба ӯ муроҷат кардам: - Бо забони тоҷикӣ ҳарф мезанед? - Ҳо-о-о, - мад кашида бо забони ширин ҷавоб дод бону,- ҳамколонам ёд доданд…

Ҳангоми сайру гашт ба растаи пояфзолфурӯшон ворид шудам, ки дар яке аз мағозаҳо бо ҳарфҳои бузург «РАШТ» навишта шудааст. Тамоми пояфзолҳои мағоза тамғаи «Рашт» доштанд. Соҳиби ин дукони умдафурушӣ Лоиқов Маҳфузулло нақл кард, ки бо яке аз фабрикаҳои чинӣ ҳамкорӣ доранд ва дар он ҷо истеҳсоли пояфзолҳои чармии бренди «Рашт»-ро ба роҳ мондаанд. - Ин ки пояфзолро бо тамғаи «Рашт» истеҳсол мекунед, ба савдо кӯмак мерасонад? - На, номи наве, ки мо ба пояфзол гузоштем, бо брендҳои хориҷӣ, бахусус аврупоиву туркӣ ҳанӯз баробар шуда наметавонад. Ҳадафи мо ин аст, ки бо истеҳсоли пояфзоли хушсифат, баръакс номи як гӯшаи зебои кӯҳистони ватанро таблиғ кунем. Дар ибтидо пояфзолҳои моро танҳо тоҷикон мехариданд, шукрона имрӯз дар байни дигар миллатҳо низ маъруф шудааст. Дар рафти сӯҳбат маълум гардид, ки М.Лоиқов якҷоя бо бародаронаш аз ҳисоби даромади худ, дар маркази ноҳияи Рашт низ чанд иншоот бунёд кардаанд.

Чун рӯз бегаҳ мешуд, ба самти биное, ки маъмурияти бозор ҷойгир аст, равон шудам. Дар назди утоқи кории Абдусамад Абдураззоқов тақрибан 20-25 нафар навбат мепоиданд. Ман низ ба анбӯҳи корафтодагон ҳамроҳ шуда, ба сӯҳбаташон гӯш андохтам. Беҳуда нагуфтаанд, ки «ҳар зоғеро як доғе». Ҳар яке аз дарди худ ҳарф мезад. Касеро бародараш бемор шудасту бояд барои табобат ба Ватан фиристад, вале барои ин кор маблағаш кифоят намекунад. Дигаре се моҳ ин ҷониб сарсон асту кор пайдо карда наметавонад. Саввумӣ барои пардохтани маблағи «патент» имкон надорад…

Аз ҳозирин узр пурсида, ба утоқи кории Абдусамад Абдураззоқов ворид шудам. Ӯ ҳамроҳ бо Раиси ташкилоти ибтидоии ҲХДТ «Иттиҳод» Саидбек Мирзомуддинов бо чанд нафар корафтодагон сӯҳбат дошт.

- Аслан, барои ҳалли мушкилоти молиявии ин бародарону хоҳароне, ки дар паси дар дидед, ба ҳайси корманди маъмурият масъул нестам,- баъд аз ҳолпурсӣ гуфт Абдусамад Абдураззоқов, - вале чи кунем, ки эҳсоси ҳамватанӣ ба хусус дар ғурбат аз ҳар гуна вазифа болотар меистодааст. Гарчанде мо беш аз бист сол аст, ки дар Русия зиндагӣ мекунем, ҳанӯз урфу одати миллии худ, яъне дар ҳоли дармондагӣ ба якдигар ёрӣ расониданро фаромӯш накардаем, вагарна дур аз ватан тоб овардан ба сахтиҳои мусофират ғайриимкон аст…

Бале, бузургон беҳуда нагуфтаанд «Об агар садпора гардад боз бо ҳам ошност». Ҳамин эҳсоси ватандориву ойини неки миллати соҳибтамаддуни мо, ки ҳатто дар ғарибӣ таърих, фарҳанг, забон ва суннатҳои миллии худро фаромӯш намекунанд, имкон медиҳад, ки дар хоки бегона низ бегазанд рушд кунанд ва пароканда нашаванд.

**Таъми нӯшобаи ватанӣ дигар аст…**

Одатан вақте, ки ҳамватанони мо ба кишвари бегона сафар мекунанд, вобаста ба мавсими сол ҳар гуна меваҳои хушлаззати ватаниро савғотӣ мебаранд. Банда низ чанд хел меваи хушк ва лимӯи хушлаззати Қумсангирро барои тӯҳфа бурдам. Вақте ки аз Маскав ба яке аз шаҳрҳои дигари Русия занг задаму аз омаданам хабар додам, пурсиданд, ки аз Ватан чӣ овардӣ? Гуфтам лимӯ. Афсӯс хӯрданд, ки агар омадантро медонистем хоҳиш мекардем, ки ҳатман «Арси-кола» низ биёрӣ. Ростӣ ҳайрон шудам ва аз як нафар дӯстон пурсидам, ки дар маркетҳои Русия колаву пепсӣ ва шарбатҳои ранг ба ранг мефурӯшанд-ку? Дӯстам бо табассум посух дод, ки ҳамаи инҳо маззаи «Арси-кола»-ро надоранд. –Умуман ин кориислоҳшаванда аст, - илова кард ӯ,- «Арси-кола»-ро метавонӣ аз баъзе нуқтаҳои савдои «Тёплий стан»-и шаҳри Москва пайдо кунӣ, қимма-

таш гаронтар аст, вале ҳароина ин ягона роҳи ҳалли мушкилист. Аз маркази савдои «Теплий стан» ба унвони савғот чанд адад «Арси-кола» гирифтаму сафари худро ба дигар шаҳрҳои Русия идома додам.

Ҳангоми бозгашт ба Ватан, дар ҳавопаймо таваҷҷуҳ кардам, ки воқеъан ҳам ҳамватанони муҳоҷири мо аз стюардессаҳо бештар овардани нӯшокии «Арси-кола» ва ё дигар обҳои ватаниро хоҳиш мекарданд. Вақте мебинӣ, ки то кадом андоза ҳамватанони мо ташнаи обу хоки ватананд, беихтиёр ҳиссиёти гуворое туро фаро мегирад. Ватане, ки чунин фарзандонро дар оғӯшаш парвардааст, ҳеҷ гоҳ мағлуб нахоҳад шуд…

*Маскав, с. 2016*

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ЮСУФИ «ГУМГАШТА»
### ва ё чаро осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз ба харобазор табдил ёфтааст?

Дер боз мехостам осорхонаи ин шахси бузургро, ки яке аз ихтироъкорони дақиқтарин глобус маҳсуб мешавад, зиёрат кунам, вале имкон даст намедод. Ниҳоят, чанде қабл бо сафари хидматӣ ба шаҳри Хуҷанд омадаму яке аз дӯстони рӯзноманигорам Абдусабур маро дар ин амри хайр ҳамроҳӣ кард. Гумон мекардам, ки осорхонаи мазкур қадамҷои мардум асту мо метавонем онро ба зудӣ пайдо кунем. Вале ҳайҳот… Чанд нафар аз бародарони аҳли фарҳанг, ки аз тариқи телефон тамос гирифтем, намедонистанд, ки осорхона дар кадом хиёбон ва ё кӯчаи шаҳр мустақар аст.

Ноилоҷ ба яке аз аберагони Ҳоҷӣ Юсуф, ки дар шаҳри Душанбе зиндагӣ дорад, занг зада, суроғаро пурсон шудам: - Кӯчаи Шӯро 52,-ҷавоб дод ӯ,- вале медонед, беҳтар

аст, ки он ҷо наравед. Чанде қабл мо рафта будем ва хеле бо табъи хира баргаштем. Хонаи бобои машҳури мо ба осорхона не, балки бештар ба харобазор шабоҳат дорад.

Боварам наомад. Наход хонаи яке аз олимони машҳури тоҷик, табиатшинос, ҷуғрофидон-харитасоз, донандаи улуми нуҷум, кайҳоншиносӣ, дорусоз, табиб, мироб ва шахсе, ки яке аз дақиқтарин глобусҳоро таҳия кардаасту шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад, ба харобазор табдил ёфта бошад?! Ҳоҷӣ Юсуф дар баробари Аҳмади Дониш аз беназиртарин олимон ва адибони Осиёи Марказӣ буд, ки Императори Русия ба Санкт-Петербург даъват карда, дар ҳузури дарбор шахсан аз ҷониби худи ӯ бо медал ва тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шудааст. Ҳамин фикр маро азоб медод, ки чаро хизматҳои арзандаи шахсеро, ки дигарон қадр карданд, мо – ҳамватанонаш фаромӯш кардаем?

Побанди хаёлу андешаҳои маҳзун ҳамроҳи Абдусабур ба кӯчаи Шӯро ворид шудем. Кӯчаи Шӯро дар маркази Хуҷанди қадима қарор дошта, кӯчаҳояш хеле танг аст ва дар он ҳанӯз аҳён-аҳён ҳавлиҳои кӯҳнабунёд ба назар мерасанд. Гоҳ пиёдаву гоҳ савора хона ба хона рақамҳоро аз назар мегузаронидем, вале тӯли беш аз як соати ҷустуҷӯҳо хонаи рақами 52 ҳеҷ ба назар намерасид. Гӯё рӯҳи поки Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз аз муносибати сарди мо – меросхӯронаш сахт ранҷида буду осорхонаи (саҳеҳтараш вайронаи) худро аз назарҳо пинҳон мекард. Аз чанд нафар пиру ҷавон суол кардем, ки хонаи Ҳоҷӣ Юсуф Мирфаёзи Хуҷандӣ, ки ихтироъкори глобус аст, куҷост, аксарият китф дарҳам мекашиданд. Пас аз хеле саргардониҳо гузорамон аз паҳлӯи чойхонае афтод, ки чанд нафар мардони солхӯрдаи содиқ ба анъанаҳои суннатӣ бо завқ шоҳмот мебозиданд. Абдусабур, ки сахт хаста шудани маро эҳсос мекарду илова бар ин, баъд аз кор боз думболи «хоста»-ҳои мани сайёҳ саргардон буд, хеле хурсанд шуд. – Ана инҳо

аниқ медонанд, ки осорхона дар куҷост…

Ӯ иштибоҳ накард. Мӯйсафедони саргарми шоҳмотбозӣ бо тахайюр ба ҷониби мо, ду меҳмони нохонда, ки ба шуғли дӯстдоштаашон халал расонда буданд, нигоҳ мекарданд. Яке аз онҳо аз суоли мо рамуз гирифту лаҳзае аз шоҳмотбозӣ фориғ шуда гуфт: - Мирфаёзи Хуҷандӣ? Ҳмм… Шояд манзури шумо Ҳоҷӣ Юсуфи Мироб бошад? Бале, ӯ бештар дар байни мардум бо ин ном маъруф аст… «Хона-музей»-и он кас дар тангкӯчаи дуввум, пас аз ҳамин чойхона воқеъ аст…

Мо ба мӯйсафедони соҳибдил изҳори сипос намудему дарҳол ба манзили мақсуд шитофтем. Воқеан ҳам, дар тангкӯчаи дуввум назарамон ба дарвозаи қадимаи чӯбин афтод, ки равоқи он бо ҳарфҳои арабӣ кандакорӣ шуда буд. Яке аз ҳамсояҳо, ки садои моро шунида берун баромад, дарвозаро боз кард ва моро даруни ҳавлӣ ҳидоят намуд. Чун рӯз бегоҳӣ шудаву ба қавли мардум «вақти говгум» расида буд, чароғаки мобилиро рӯшан ва роҳрави дарозро убур карда вориди ҳавлӣ шудем. Ҳайҳот, ки дар ин вайрона асаре аз осорхона набуд. Ҳама чиз шикаставу валангор, фарши ҳавлӣ фурӯ рафта ва ҷо-ҷо партовҳои паҳну парешон…

- Чанд муддат ин ҷо хобгоҳи омӯзишгоҳи тиббӣ ҷойгир буд, гӯё худи Ҳоҷӣ Юсуф пеш аз марг васият карда буданд, ки хонаашонро ба мактаб табдил диҳанд, - бо хиҷолат гуфт ҳамсоя. Ин шикастурехту партовҳо низ «мерос»-и ҳамон омӯзишгоҳ аст…

Ба меҳмонхона баргаштаму бо вуҷуди он, ки хаста шуда будам, то дергоҳ хобам намебурд. Андешаҳо маро ором намегузоштанд. Чаро имрӯз дар ҷомеаи мо эҳтироми як-ду муллои чалласавод болотар аз олиму адиб аст? Олимеро, ки сарашро дар маъбади илм сафед кардааст, то ҷомеа пеш равад, бо тамасхур «малем» гӯён садо мекунему

муллоеро, ки ду-се ояти Қуръони Каримро қориазёд карда «мефурӯшад», «тақсир», «ҳазрат», «шайх» унвон намуда, пеши ӯ сари таъзим фуруд меорем? Барои найрангбозоне мисли Шайх Темур қасру кӯшкҳо месозему осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз барин олимони соҳибкитоб ва шӯҳрати ҷаҳонӣ доштаро ба харобазор табдил медиҳем?

## Мулоқот бо аберагони Ҳоҷӣ Юсуф

Баъд аз ба Душанбе баргаштан тасмим гирифтам, ки қазияи осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфро пайгирӣ кунам. Бо ин мақсад бо набера ва аберагони Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз тамос гирифтам.

- Шояд зарурат надорад, - овози маҳзуне аз гӯшаки мобилӣ садо дод; –Мо борҳо ба мақомоти масъул муроҷиат кардем, даҳҳо мақолаҳо ҳам дар матбуоти даврӣ дарҷ шуданд, вале ҳеҷ яке суд накард. Осорхона чи хеле ки валангор буд, ҳамин тавр боқӣ монд…

Ҳароина истодагарӣ кардаму ба мулоқоташон рафтам. Наберагону аберагони Ҳоҷӣ Юсуф маро дар ҳавлии хоксоронае истиқбол гирифтанд.

- Мо даъвогар нестем, ки ҳавлии бобоиямон ба мо баргардонида шавад, - нақл кард набераи Ҳоҷӣ Юсуф Муҳаббат Пӯлодова. - Мо танҳо ҳаминро мехоҳем, ки ин манзили муқаддас, ки ба тамаддун чунин шахсияти бузургро тақдим кардааст, обод шавад. Ба осорхонаи ҳақиқӣ табдил ёбад, то насли ҷавон ба он ташриф оварда, кору фаъолияти ин абармарди илмро омӯзанд. Завқи илму маориф дар дилашон ҷӯш занад ва ин манзил ба мактаби бузурги дарси хештаншиносӣ табдил ёбад. Охир Ҳоҷӣ Юсуф бузургтарин корҳои худро дар маҳдудаи ҳамин чаҳордевор анҷом додааст. Чаро он бояд вайрону валангор бошад? Наход иқдоми созандаи Президенти кишвар, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки номи садҳо шахсиятҳои

бузургро аз нав эҳё кард, осори онҳоро нашр намуд ва ба онҳо ҳаёти дубора бахшид, ба баъзе мансабдорони соҳибмақоми мо дарси ибрат намешавад?

Чанд сол қабл, дақиқтараш соли 1995 собиқ Раиси вилояти Суғд Қосимҷон Раҳбарович (Роҳбар Қосим) барои таҷлили 155-солагии Ҳоҷӣ Юсуф ва 100-солагии глобусе, ки ӯ таҳия намудааст, конфронси илмӣ даъват намуд. Худи ҳамон сол бо талошҳои ӯ дар «Хиёбони ситораҳои Хуҷанд» нимпайкараи Ҳоҷӣ Юсуф гузошта шуд ва ягона глобусе, ки дар осорхонаи Самарқанд маҳфуз аст, нусхабардорӣ ва дар осорхонаи шаҳри Хуҷанд насб гардид. Аз ҳама муҳим, ӯ хобгоҳи Омӯзишгоҳи тиббиро аз ҳавлии Ҳоҷӣ Юсуф ба дигар ҷой кӯчонида, барои таъсиси осорхона замина фароҳам овард. Вале… - ӯ як даста коғазҳоро аз папка бароварда рӯи миз гузошт, - баъдтар кор дар ин самт боз кашол ёфт…

Коғазҳои бо мурури замон зардшударо як-як варақ мегардонам. Қарори Совети вазирони РСС Тоҷикистон (аз 31 декабри соли 1971, № 408), ки дар он хонаи Ҳоҷӣ Юсуф таҳти рақами 44 ҳамчун ёдгории таърихӣ-меъмории дараҷаи ҷумҳуриявӣ ба қайд гирифта шудааст. Мактуби Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24.05.1996,№1/431) бо имзои вазири вақт Б.А.Маҳмадов ба Ҳукумати вилояти Ленинобод ва Ҳукумати ш. Хуҷанд доир ба таъсиси осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуф дар заминаи хонае, ки ӯ зиндагонӣ мекард. Мактуби Вазири фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Маҳмадов (аз 16.08.1996, № 1/741) доир ба роҳ надодан ба хусусигардонии осорхона дар асоси муроҷиати набераи Ҳоҷӣ Юсуф олими геолог М. Пӯлодова, ки меросхӯри бевоситаи ӯ маҳсуб мешавад. Қарори Раиси вилояти Ленинобод (21.04.1998, № 92) «Дар бораи абадӣ гардонидани хотираи олим, сайёҳи машҳури тоҷик Ҳоҷӣ Юсуф ва садсолагии ихтирои глобуси ӯ» (дар

асоси қарори мазкур 3 миллиону 500 ҳазор маблағ ҷудо шудааст).

Ва ниҳоят… Мактуб бо имзои мудири бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Хуҷанд (таърих ва рақам надорад) ба сокини шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – Пӯлодова Муҳаббат оид ба он, ки мутобиқи пешниҳоди муаррих, профессор С.Маърофиев барои бунёд ва азнавсозии осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз соли 2011 аз буҷети Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Хуҷанд 19 980 сомонӣ ва соли 2013 аз ҳисоби буҷети дахлдори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 65 000 сомонӣ маблағ ҷудо ва сарф шудааст. (?!) Дар мактуб инчунин иттилоъ дода мешавад, ки соли 2014 низ дар осорхона таъмир идома ёфта, дар он «як конфронси калони илмӣ бо иштироки олимони Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Академияи илмҳои Тоҷикистон баргузор хоҳад шуд». Аз ҳама аҷибаш ин аст, ки дар поёни мактуб (шояд ба хотири дилбазан шудани ин баҳс) таъкид шудааст: «Бо Шумо тариқи телефонӣ гуфтугӯ карда шуда, доир ба иқдомҳои пешгирифта маълумот дода шуд. Ва Шумо бо шодмонӣ онро пазирой намудед.»

Аммо… Ба чеҳраи маҳзуни фарзандони Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз назар афкандаву вайронаҳои «осорхона»-и ин олими маъруфро ба хотир оварда, дарк кардам, ки ин маблағҳои он замон хеле ҳангуфт ба ҷуз рӯйи коғаз, ки ягона «санад» барои ҳисобот аст, ҷои дигаре сарф нашудааст.

Медонед, солҳои охир моро чӣ ба ташвиш овардааст? - оҳ кашид абераи Ҳоҷӣ Юсуф Светлана Фаязова. - Замини ҳавлӣ аз ҷониби баъзе ашхос, намедонам бо иҷозаи кӣ бошад, ғасб гардида, масоҳати осорхона рӯз то рӯз танг шуда истодааст.

## Ҳоҷӣ Юсуф Мирфаёзи Хуҷандӣ кӣ буд?

Бо мақсади он, ки хонандаи азиз дар бораи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз андаке маълумот пайдо кунад ва барои баъзе ниҳодҳои масъул бори дигар ин ёдрас шавад, дар маҳдудаи чанд сатр аз ҳаёт ва фаъолияти ибратбахши ӯ иттилоъ медиҳам:

Соли 1842 дар ш. Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Падараш соҳиби коргоҳи абрешимресӣ буд. Мавсуф дар сафари ҳаҷ вафот мекунад ва Ҳоҷӣ Юсуфро дар синни шашсолагӣ бесаробон мемонад. Ҳоҷӣ Юсуф, ки дар дил завқи зиёд ба саёҳат ва ҷаҳонгардӣ дошт, дар сини дувоздаҳсолагӣ бо мақсади зиёрати қабри падараш ба корвони тоҷирони хуҷандӣ ҳамроҳ шуда, ватанро тарк мекунад. Вале бо амри тасодуф дар хоки Арабистон аз корвон оқиб мемонад. Як нафар зоири тоҷик ба ҳоли кӯдаки сарсону бепарастор раҳмаш омада, ӯро зери ҳимояи худ мегирад. Ҳоҷӣ Юсуф дар яке аз маъруфтарин мадрасаи Қоҳира – «Ал-Азҳар» панҷ сол таҳсил ва ба хотири такмили дониш чанд соли дигар ба сифати устоди ин боргоҳи илм фаъолият мекунад. Дар синни 24-солагӣ ҳавои дидори Ватан бар дилаш асар мекунад ва ба шаҳри Хуҷанд бармегардад. Чанд муддат бо илмҳои дақиқ шуғл меварзад, вале ин саргармии ӯ ба рӯҳониёни ҷоҳил хуш намеояд. Ҳоҷӣ Юсуф бо муллоҳои мутаассиб, ки мағзашон бо хурофот заҳролуд гардида буд, муборизаҳои шадид мебарад, то чароғи илму маърифатро дар диёраш рӯшан кунад. Вале муллоҳои ҷоҳил ба ӯ тахаллуси «Ҳоҷӣ Кофир» дода, вазъияташро хеле танг мекунанд.

Ҳоҷӣ Юсуф маҷбур мешавад, ки дубора тарки Ватан кунад ва соли 1875 ба шаҳрҳои Оренбург, Маскав ва Санкт-Петербург ҳиҷрат кард. Ӯ дар ин давра зиёд кӯшиш кардааст, ки забон, адабиёт, таърих ва дигар илмҳои муосири русро фаро бигирад. Дар ин сафар, ки тақрибан

12 сол идома меёбад, Ҳоҷӣ Юсуф ба кишварҳои Туркия, Эрон, Сурия Миср, Марокаш, Алҷазоир, Юнон, Италия, Испания, Фаронса, Инглистон ва Олмон саёҳат мекунад. Ӯ дар синни 45-солагӣ боз ба Ватан бармегардад. Азбаски аксарияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳайати Русияи подшоҳӣ шомил гардида буданд, ӯ ба ҳайси мутахассис дар вазифаҳои мухталифи маъмурӣ, аз ҷумла муҳандиси соҳаи обёрӣ – мироб, волии баъзе навоҳии уезди Хуҷанд ва ҳатто мири Хуҷанд фаъолият намудааст.

Ин олими маъруф, ки сатҳи иштиҳораш ҷаҳонӣ аст, соли 1924 дар 24-солагӣ оламро падруд мегӯяд. Қабл аз вафоташ ба фарзандонаш васият мекунад, ки мероси илмиашро ба давлат супоранд ва бигзор Ҳокимияти Шӯроӣ дар хонаи ӯ барои фазандони мардуми камбағал мактаб кушояд. Ин васияти ӯ ҷомаи амал мепӯшад.

## Глобуси Ҳоҷӣ Юсуф

Тавре ки дар боло зикр намудем, Ҳоҷӣ Юсуф олими мутафаннин буд ва дар рушди соҳаҳои тиб, табиатшиносӣ, харитасозӣ, нуҷум, риёзиёт, сарфу наҳв, адабиёт, мусиқӣ ва соҳаи обёрӣ (ирригатсия) кашфиётҳои нодир кардааст. Ӯ тақрибан 11 адад глобусҳои хурду калон сохтааст. Яке аз глобусҳои тартибдодаи ӯ ҳоло дар осорхонаи Самарқанд ва нусхаи он дар осорхонаи шаҳри Хуҷанд маҳфуз аст. Ҳоҷӣ Юсуф дар обёрии заминҳои бекорхобидаи водии Фарғона, аз ҷумла уезди Хуҷанд саҳми арзишманд гузошта, аз ҷониби Пристави уезди Хуҷанд бо камарбанди нуқракӯб ва дар пойтахти Русияи подшоҳӣ – шаҳри Санкт-Петербург бо медали «Мироби дараҷаи II» тақдир шудааст.

Барои таҳияи глобус нахуст аз ҷониби губернатори Самарқанд, баъдтар генерал-губернатори Туркистон қадрдонӣ шудааст ва бо тавсияи онҳо ба Санкт-Петербург

сафар карда, дар Сарское Село (қароргоҳи шоҳӣ) ба дидори Императори Русия мушарраф гардидааст.

Глобуси нахустин тақрибан беш аз 150 сол қабл аз солшумории мелодӣ аз ҷониби Кратет Маллскии Юнонӣ таҳия шудааст. Дар олами шарқ аз нахустин ихтироъкорони глобус Ҷамолуддини Бухороӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ маҳсуб мешаванд. Аз қадимтарин глобусҳое, ки то имрӯз маҳфуз мондааст, глобуси машҳур бо номи «Себи заминӣ» аст, ки ҷуғрофидон ва харитасози маъруфи немис Мартин Беҳайм соли 1493 дар асоси харитаи Птоломей ва сайёҳ Марко Поло тартиб додааст.

Ба арзиши илмии глобуси Ҳоҷӣ Юсуф аъзои Ҷамъияти ҷуғрофишиносии Русия, ки он замон яке аз марказҳои босалоҳияти илмии Аврупо маҳсуб мешуд, баҳои баланд додаанд.

**PS:** Вақте ки ин мавод таҳия мешуд, яке аз дӯстони аз қазия огоҳ тариқи телефон бо ман тамос гирифт: - Медонӣ, ҳоло аз тариқи телевизион чӣ навори аҷиберо дидам? Дар бораи осорхонаи Хуҷанд сужаеро намоиш доданд, ки муаллиф глобуси Ҳоҷӣ Юсуфро ба Абӯ Маҳмуди Хуҷандӣ (асри XI ) нисбат медод…

Равонат шод бод, Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз… Шояд тақсири мо, авлодони носипосатро рӯзе бубахшӣ…

*Хуҷанд, с.2014*

## АЗ МОҶАРОИ «БЕНДЕРӢ» ТО ҶОИЗАИ «ГЕНДЕРӢ»

Чанд рӯз қабл як нафар ҳампешаам, ки дар яке аз сайтҳои маъруфи кишвар ба ҳайси рӯзноманигор фаъолият дорад, ба утоқи кориам ворид шуд:

- Мехоҳам ба Шумо бо як суол муроҷиат кунам, хоҳиш мекунам мухтасар ба таври «ҳа» ё «не» посух диҳед…

Шӯхиомез гуфтам:

- Ин тарзи суолу ҷавоб муҳокимаи судӣ барин-ку, бо иҷозаи Шумо шояд ман ғайр аз «ҳа» ё «не» боз чизи дигаре бигӯям?

-Хайр… ихтиёр доред,- баъд аз каме андеша гуфт ӯ. Манзур аз муқаддимаи ман ин буд, ки дирӯз ба хонум Ойниҳол Бобоназарова дар бинои Вазорати умури хориҷаи ИМА хонум Мишел Обама ҷоизаи «зани шуҷоъ» -ро дод, оё ҳафтаномаи шумо ин масъаларо инъикос мекунад?

- Чаро не? Мо бо шахси муаллима ҳеҷ мухолифате надорем… Ҷоизаро низ барои муаллима, ки ба ҳайси як ҳуқуқшиноси варзида эътироф шудаанд, муборак мегӯем.

**Вале….**

Қазияи Украина пеши назарам меояд. Аслан… шояд ин гирудорҳо ба мо ҳеҷ иртиботе надошта бошанд. Шояд мардуми украинӣ, ки ватанаш зери панҷаи оҳанини фасод нафасгир шудааст, ҳаққи ин эътирозро доранд. Шояд Янукович бо сиёсати заифи худ Украинаро ба ҳамин ҳолат гирифтор кард ва имрӯз ҳосили киштаашро медаравад…

Метавон «бояду шояд»-ҳои зиёдеро мисол овард, аммо маро ба кадом васила ва бо «раҳнамоӣ»-и кӣ ба ҳадаф расидани майдоннишинҳо хеле нигарон кардааст. Ҳодисаҳои «Баҳори араб»-ро ба хотир меораму байни он ва сенарияи Украина ҳеҷ тафовутеро намебинам. Магар ин, ки Ҳусни Мубораку Қаззофию Башор Асад ҷон ба гарав монда фирор накарданду Янукович устокорона ғайб зад.

Имрӯз пиромуни ин қазия, ки дар маркази Аврупо як нуқтаи доғро эҷод кард, суолҳо зиёданд. Чаро намояндагии дипломатии ИМА ва Иттиҳоди Аврупо рӯшод ба кори дохилии як давлат дахолат карданд? Чаро баъд аз замонат додани ҳамин дипломатҳо ба Президенти Украина

рӯзе пас табаддулоти давлатӣ ба амал омаду инро нодида гирифтанд? Чаро намехоҳанд таҳқиқ бикунанд, ки нахустин тирро, кӣ файр кард? Ва ниҳоят, сари қудрат омадани пайравони миллатгарои фашист Бендера ва нақзи ҳуқуқу озодиҳои аҳолии ҷануби Украина чаро дастандаркорони Ғарбро ба ташвиш намеорад? Ва ё эшон ҳароина аз рӯи мақоли «барои ба ҳадаф расидан ҳама гуна восита хуб аст», амал мекунанд?

**Чаро не..?** Чун ин фарзия далели раднопазири худро дорад. Мо борҳо шоҳиди он гардидаем, ки ҳамон «Ал-Қоида»-ву «Ихвон-ул-муслимин», ки ба номаи аъмолашон мӯҳри «террорист» зада шудаасту дар Афғонистон алайҳи эшон мубориза мебаранд, дар Мисру Сурия «қувваҳои озодихоҳ» эътироф шудаанд ва аз ҳама гуна кӯмаки ҳарбӣ бархурдоранд. Пас, барои чӣ неофашистони украинӣ, ки ба марги ҳазорон русу лаҳистонӣ гунаҳкоранд, дар ҳоли зарурат ба «қувваҳои демократӣ» табдил наёбанд? Пас чаро Юлия Тимошенко, ки муаллифи «инқилоби нилобӣ» асту дар давраи ҳукуматаш Украина боз бештар гирифтори вартаи фасод шуд, ҷоизаи «зани шуҷоъ»-ро нагирад?

Имрӯз Русияи бузург билохира пешорӯи таҳдиду таҳримҳои Ғарб, ки мехоҳад низоми давлатдории онро барҳам занад ва ҳамакнун то сарҳадаш расидааст, танҳо мондааст. Шояд ин кишвари бузург агар то имрӯз бо шарикони стратегии худ бо лаҳни тунд ҳарф намезаду ба онҳо гирифта аз манъи маҳсулоти кишоварзӣ то ширу паниру қанфит ва ё нақзи ҳуқуқи муҳоҷирон кор намегирифт, пешорӯи ин тааҳудот танҳо намемонд? Шояд он ҳашт миллиард кӯмаки дермондаро соле пеш ба Украина медод, ҳамин ҳолат сар намезад? Бояд, ки Русия сиёсати хориҷии худро баъд аз ин бо шариконаш андаке тағйир диҳад. Ҷилави неофашистони худро, ки аз таълимоти ҳомиёни фашизме мисли Бендера обишхуре доранд ва озодона ба ҳар

амали зиддинсонӣ даст мезананд, кашад. Вагарна собит шуд, ки бо маймунбозиҳои псевдосиёсатмадороне мисли Онишенко ва Жириновский ҳеҷ мақсуд ҳосил намешавад…

Ҳароина, дар ин қазия мавқеи Русия нисбат ба иддаои кишварҳои Ғарб дар баҳси Украина солимтар ба назар мерасад. Русия маҷбур аст манфиатҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои хуби дипломатии худро бо Ғарб, қурбони манфиатҳои геополитикиаш кунад. Пешорӯи таҳдидҳои олами Ғарб, ки манфиатҳои ӯро нодида мегирад, ин ягона кафолати таъмини амният ва ҳимояи ҳуқуқҳои мардуми русзабони Украина аст. Русия яқинан дарк намудааст, ки дар ин «бозӣ» дигар ҳуқуқ надорад қадаме ба қафо гузорад…

Боз бармегардем сари ҷоизаи «Зани шуҷоъ». Агар ИМА ин гуна ҷоизаро ба заноне мисли Ходими Ҷамолак (бигзор, баъд аз сад сол), ки фаранҷиашро парчам карда, барои ҳимояи бардаҳои мардикори тоҷик (имрӯз гостарбайтер) алайҳи жандармҳои рус исён бардошт, медод ва ё модарони зиндаёдеро, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ рӯмолашонро сари роҳи гурӯҳҳои даргир афканда, худро қурбон карданд, бонувонеро, ки аслан рисолаташон тарбияи фарзанд буд, вале либоси низомӣ ба бар намуда, дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷон бохтанд, бо ин ҷоиза қадр мекард, шояд арзиши он пеши ман дучанд мебуд…

Қаҳрамони миллӣ шахсест, ки миллат эътироф намудааст, на оне, ки ба таври сунъӣ бо дасти хориҷиён ба ин мартаба «таъин» шудааст. Номи чунин ашхос ҳатто дар зиндагиашон фаромӯш мешавад, мисли ҷойнишинони Саддам Ҳусейну Муаммар Қаззофӣ, ки ҳатто рӯзноманигорони амрикоӣ ғалат ном мебаранд.

**Ва ниҳоят…** Мо дар арафаи мулоқоти Роҳбари давлат бо зиёиёни кишвар қарор дорем. Рӯзҳои охир доир ба саҳми зиёиёни мо дар бунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар матбуоти кишвар баҳсҳои мухталиф сурат мегиранд.

Шояд хизматҳои арзандаи баъзе аз зиёиёнро комилан нодида гирифтан аз рӯи адолат нест. Вале дар маҷмӯъ ҳанӯз таъсири эшон ба қишрҳои ҷомеа ба таври дилхоҳ муассир нест. Бояд инро иқрор кард. Фаразан ман як тадқиқот ва ё асари бадеиеро надидам, ки ҳадаф, таълимот ва ё психологияи гурӯҳу фирқаҳои иртиҷоӣ дар он ба таври густурда таҳлил ва бозгӯ шуда бошад, то ҷавононро раҳнамо шавад, то эшон мадрасаҳои музофотии Покистону Арабистонро бар донишгоҳҳои маъруф тарҷеҳ надиҳанд…Вагарна дер ё зуд дар ҷомеа қувваҳое пайдо хоҳанд шуд, ки бо луқмаи коргардонҳои «инқилобҳои рангин» салафию таҳририҳоро ҳамчун «қувваҳои демократӣ» муаррифӣ хоҳанд кард…

*Душанбе, марти с. 2014*

## ЭЪЛОНИ ТАҲРИМ (САНКЦИЯ) МӮД МЕШАВАД...

Эълони таҳрим аз ҷониби як давлат нисбати давлати дигар таърихи садсолаҳо дорад. Кишварҳо пайваста кӯшиш намудаанд, ки ба тараққиёти кишварҳамсоя аз тариқи таҳрим таъсир расонанд. Вале ин амал на ҳамеша натоиҷи дилхоҳ додааст.

**НАХУСТИН** таҳрими иқтисодӣ ҳанӯз дар Рими қадим аз ҷониби Афина алайҳи яке аз вилоятҳои он Мегара соли 423 қабул шудааст. Афинагиҳо ба савдогарони Мегара аз бандару бозорҳои худ истифода бурданро манъ намуданд. Ин иқдом ба ҷанги хунине, ки дар таърих бо унвони ҷангҳои Пелопоннес машҳур шуданд, замина гузошт. Наполеон Бонопарт низ барои заиф кардани иқтисодиёти Британияи Кабир якҷоя бо кишварҳое, ки дар итоаташ буданд нисбати он таҳрим эълон карда буд.

Соли 1973 кишварҳои Араб вуруди нафтро ба ИМА ва кишварҳои Аврупо барои дастгирии сиёсати Изроил манъ карданд, ки ин таҳрим боиси бухрони шадиди иқтисодӣ дар олами ғарб гардид.

Имрӯз эълони таҳрим яке аз василаҳои муҷозоти кишварҳои саркаш маҳсуб мешавад. Фаразан, Федератсияи Русия нисбати баъзе навъҳои маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон бо баҳонаи бесифат буданашон таҳрим эълон карда буд, ки аслан заминаи сиёсӣ дошт.

ИМА яке аз кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки таҳримро ҳамчун воситаи тазъиқ бештар истифода менамояд. Танҳо ҳамин сол ИМА беш аз 190 навъи таҳримро дастгирӣ намудааст. Гузашта аз ин, ИМА имкон дорад, ки яке аз наздиктарин шарикони стратегии худ Иттиҳоди Аврупоро низ ба эълони таҳрим водор созад.

Вале таҳрими охирини иқтисодие, ки ИМА дар робита бо Иттиҳоди Аврупо, Канада, Ҷопон ва Австралия нисбат ба Русия эълон кард, собит намуд, ки ин амал нисбати кишварҳои бузург хосияти бумерангро дошта, баръакс ба иқтисоди худи кишварҳои таҳримгар таъсири манфӣ мерасонад. Баъд аз ҷавобан таҳрим эълон намудани Русия ба ин кишварҳо маълум гардид, ки бахши тиҷорат ва соҳибкории Иттиҳоди Аврупо миллиардҳо евро маблағро аз даст медиҳад.

Чанде қабл ба нишони эътироз мардуми кишварҳои мусалмон алайҳи маҳсулоти Изроил таҳрим эълон намуданд, ки якумин таҳрими густурдаи мардумӣ мебошад. Ин таҳрим эътироз алайҳи амалиёти ҳарбии Исроил дар Ғазза буда, дар натиҷаи он Исроил танҳо дар соҳили ғарбии рӯди Урдун беш аз садҳо миллион доллар маблағро аз даст медиҳад. Таҳримгарони мардумӣ чунин меҳисобанд, ки истеъмоли маводи истеҳсоли Исроил ин баробар ба кӯмаки молиявист, ки ба ишғолгарони хоки араб расонида мешавад.

Таҳрим имрӯз ҷанги иқтисодиро мемонад, ки дар ҳоли пешгирӣ нашуданаш метавонад ба иқтисоди кишварҳо миллиардҳо доллар хисорот ворид намояд ва низоми муносибатҳои иқтисодии байналмилалиро барҳам занад. Пас зарурат на ба Созмони умумиҷаҳонии савдо мемонаду на паймонаҳои дигар, ки ба хотири танзими муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо ихтисос дода шудаанд...

*Душанбе, августи с. 2014*

## МАХФИТАРИН СИРИ ЧИН ДАР ОН АСТ, КИ КОМИЛАН СИР НАДОРАД

***Ҳамкориҳои ҲХДТ бо Ҳизби Коммунисти Чин самараи нек оварда, муносибатҳои дуҷониба давра ба давра тақвият меёбанд. Соли сипаригардида роҳбарияти ҲХДТ дар шаҳри Синайи ҶМХ бо Хазинаи Сулҳ ва рушди Чин шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид, ки дар заминаи он хазинаи мазкур ҷиҳати бо таҷҳизоту технологияи электронӣ муҷаҳҳаз намудани Литсеи байналмилалии Президентӣ корҳои назаррас анҷом дод. Мутобиқи шартномаи дигаре, ки ба имзо расидааст, то моҳи марти соли 2015 бо таҷҳизоти компютерӣ ва воситаҳои муосири электронӣ муҷаҳҳаз намудани Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ низ дар назар аст.***

Бозомӯзии намояндагони васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи халқии Чин, ки аз 24 октябр то 5 ноябр бо даъвати Хазинаи Сулҳ ва Рушди Чин сурат гирифт, идомаи ҳамин ҳамкориҳои мутақобилан судманди байниҳизбӣ маҳсуб мешавад. Дар ин самт низ дар назар аст, ки давоми соли 2015 ду гурӯҳи мутахассисон дар бахши омӯзиши технологияи муосири кишоварзӣ ва тиҷорати электронӣ барои бозомӯзӣ ба Чин са-

фарбар карда шаванд.

Курси бозомӯзӣ, ки «Рушди муосири ВАО дар Тоҷикистон» унвон гирифта буд, дар радифи ташкили лексия, мусоҳибаву машғулиятҳои амалӣ аз ҷониби устодони маъруфи бузургтарин донишгоҳи Ҷумҳурии Халқии Чин ва мутахассисони варзидаи ин кишвар роҳандозӣ гардид.

Директори генералии Донишгоҳи халқии Чин Чин Юлу дар мулоқот бо ҳайати шунавандагони курс тақвияти муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Чинро самараи неки сиёсати роҳбарияти ин ду кишвар маънидод намуда, омодагии донишгоҳро ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани курси бозомӯзӣ дар бахши ВАО-и муосир изҳор намуд. Муовини раиси Хазинаи Сулҳ ва Рушди Чин Ху Шенсул маркази бозомӯзӣ муқаррар шудани Донишгоҳи халқии Чинро ҷиҳати боло рафтани дараҷаи маҳорату малакаи шунавандагон созгор унвон карда таъкид дошт, ки таълимгоҳи номбурда аз пешқадамтарин донишгоҳҳои кишвар маҳсуб гардида, ба шунавандагони курси бозомӯзӣ беҳтарин устодон лексия мехонанд.

Роҳбари гурӯҳи ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Ҷамшед Саидов ташкили чунин чорабиниҳоро заминаи мусоиди густариши ҳамкориҳои дуҷонибаи халқҳои тоҷику хитоӣ унвон кард.

Субҳи 24 октябр дар бинои Хазинаи Сулҳ ва Рушди Чин мулоқоти ҳайати шунавандагони курси бозомӯзӣ бо роҳбарияти Хазинаи номбурда баргузор шуд. Муовини дабири кулли Хазина хонум Юй Сяосюан зимни мулоқот хотироти неки худро аз сафараш ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқоту суҳбатҳои самимӣ бо масъулини Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ёдовар шуда, густариш ёфтани муносибатҳои дӯстиро заминаи устувори рушду тараққиёти минбаъдаи кишварҳо арзёбӣ кард. Фонди мо чун хазинаи хайриявӣ фаъолият карда, то имрӯз дар кишварҳои Мянмо, Кампу-

чия, Муғулистону Покистон фаъолиятҳои башардӯстона анҷом додааст. Шумо бошед, чун намояндагони ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин шунавандаҳое мебошед, ки тавассути суҳбату мулоқот бо устодони донишгоҳу коршиносони сатҳи байналмилалӣ роҳҳои самараноки рушди минбаъдаи ВАО-и муосирро фаро хоҳед гирифт.

Суҳбат дар фазои кушоду ошкоро сурат гирифта, миёни намояндагони ВАО-и Тоҷикистон ва Хазинаи Сулҳ ва Рушди Чин саволу ҷавоб сурат гирифт.

Баъд аз мулоқоти самимӣ бо роҳбарони Хазинаи сулҳ ва Рушди Чин ҳайати меҳмонон дар телевизиони CCTV, ки яке аз бузургтарин телевизионҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин маҳсуб мешавад, бо фаъолияти аҳли эҷоди он аз наздик ошноӣ пайдо карданд. Мулоқот бо масъулини бахши иттилоотии ин шабака сирри муваффақияту комёбии аҳли эҷодию техникии шабакаи асосии ин кишварро то ҷое ошкор намуд. Экскурсия ба студияҳои мухталифи телевизиони номбурда имкон дод, ки ҳайати меҳмонон бо технологияи инноватсионии он ва тарзи корбарии ҳайати эҷодиву техникӣ шинос шаванд.

Машғулиятҳои лексионӣ ва амалии шунавандагони курси бозомӯзӣ бевосита дар бинои таълимии Донишгоҳи халқии Чин сурат гирифт. Нахустин лектори курс, Котиби интернети давлатии Хадамоти Бюрои паҳнкунандагони хабарҳои интернетӣ дар Ҷумҳурии Халқии Чин Тся Тсюн дар мавзӯи «Ташкил ва инъикоси воқеаҳои муҳим» суҳбати пурмуҳтаво анҷом дод.

Соли 1992 Ҳукумати ҶМЧ аз Ҳукумати ИМА хоҳиш менамояд, ки барои васл шудан ба шабакаи интернетӣ имкон фароҳам орад, вале ИМА бо баҳонаи он, ки ҳанӯз дар Чин ҳукумати худкома дар сари қудрат аст, ин хоҳишро рад кардааст. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои пайгирона танҳо моҳи апрели соли 1994 ба ҶМЧ муяссар гардид, ки

ба шабакаи интернет васл гардад. Амрикоиҳо ин имкониятро танҳо ба яке аз ноҳияҳои Пекин бо унвони Чжунгуантсун, ки маркази инноватсия ва илму технологияи муосир маҳсуб мегардид, фароҳам оварданд. Танҳо худи ҳамон сол, дар Чин теъдоди истифодабарандагони интернет ба 50 000 расид. Имрӯз беш аз 700 миллион нафар чинӣ истифодабарандаи фаъоли интернет ба ҳисоб мераванд, ки баробар ба 20% муштариён дар тамоми ҷаҳон аст.

Ҳукумати ҶМЧ интернетро ба ҳайси инфрасохтори муҳими давлатӣ эътироф намудааст. Имрӯз хароҷоте, ки барои рушди интернет аз ҷониби давлат сарф мешавад, баробар ба 17% ММД (Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) аст. Вале ин маблағҳои сарфшуда бо фоидаи ба маротиб бештар ба буҷаи давлатии Чин бармегардад. Чаро, ки феълан 99% аҳолии деҳоти Чин ба шабакаҳои интернетӣ ва мобилӣ шомил буда, беш аз 70% таҷҳизоти интернетӣ ва тақрибан 80% техникаи компютерӣ ва нотбуку планшетҳо дар ин кишвар истеҳсол мешаванд, ки аз он ба буҷаи давлатӣ маблағҳои зиёд ворид мегарданд.

Чиниҳо пайдоиши интернетро инқилоби ҷиддӣ дар соҳаи технологияи муосир мешуморанд. Ба андешаи онҳо баъд аз пайдо шудани интернет, дигар ҳаёти башарият низ ба куллӣ тағйир ёфтааст ва тараққиёти минбаъдаи аксарияти соҳаҳо бидуни интернет тасаввурнопазир аст. Ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии интернет ҳамеша мавриди назар буда, ҷиҳати тақвият додани ҷанбаҳои мусбӣ ва коҳиши ҷанбаҳои манфии он чораҳои муассир андешида мешавад.

**Мутобиқи таҳлили марказҳои таҳлилии Чин ҷанбаҳои мусбии интернет инҳо мебошанд: 1.** Равобити байналмилалиро тақвият мебахшад; **2.** Ҷумҳурии Мардумии Чин доир ба авзои ҷаҳон иттилооти бештар пайдо мекунад ва дар навбати худ ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бораи Чин; **3.**Интернет барои барҳам хӯрдани пардаи оҳании байни Чин ва ҷомеаи

ҷаҳонӣ мусоидат намуд.

**Ҷанбаҳои манфии интернет бошад: 1.** Олами ғарб имкон пайдо намудааст, ки тавассути интернет ба сиёсати Чин дахолат намояд; **2.** Дуздидан ва нусхабардории технологияи Чин осонтар гардидааст; **3.** Барои дар бораи Чин паҳн намудани ахбори дурӯғ бештар мусоидат менамояд.

Мутасаддиёни баргузории курсҳои бозомӯзӣ баҳри ҳар чи бештар ошноӣ пайдо кардани меҳмонон аз ҳаёти кишвар тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ намудаанд, ки қобили таҳсин аст. Саёҳат ба яке аз муъҷизаҳои ҳаштгонаи дунё – Девори бузурги Чин аз чунин иқдом буд, ки рамзи зиндаи тамаддуни Чини қадим ва намунаи беҳтарини санъати меъмории ин кишвар аст.

Машғулияти дувуми курси шунавандагон аз ҷониби ноиби президенти сомонаи машҳури ин кишвар Женминван Гуан Тсянвен таҳти унвони «Муҳимтарин хабарҳои сиёсӣ» гузаронида шуд. Тибқи иттилои номбурда дар Чин ба интернет арҷ мегузоранду аз он самаранок истифода мебаранд.

Боздид аз қасри императорҳои Чин, ки он бо унвони «Шаҳри мамнӯъ» машҳур аст, баёнгари арҷгузории ин халқ ба тамаддуни олӣ ва фарҳангу таърихи ниёгон буда, қасру кӯшкҳои императорони Чин, ки ҳар яке зери ҳимояи давлат қарор доранд, ба сайргоҳи сайёҳони хориҷиву дохилӣ табдил ёфтааст.

Мавзӯи дигаре, ки бо муҳтавои худ диққати шунавандагонро ҷалб карда тавонист, «Инъикоси ҳодисаи муҳим дар барномаи ахборӣ» унвон гардида, аз ҷониби муовини сардабири Оҷонсии хабарии Чин бону Тан Хунвей пешниҳод гардид. Дар суҳбат бону Тан Хунвей таъкид кард, ки инъикоси воқеаи муҳим яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ВАО мебошад ва пешниҳоди он аз маҳорату малакаи журналист ва гурӯҳи эҷодӣ сахт алоқаманд аст. Дар

суҳбат панҷ воситаи пешниҳоди мавзӯъ баён гардида, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани хонандагон воситаи муҳими дастрасии мавод унвон карда шуд.

Профессори факултаи журналистикаи донишгоҳи номбурда Фан Тсзе барои шунавандагони тоҷик дар мавзӯи «Факту рақам дар ахбор ва роҳҳои истифодаи он дар Чин» маърӯза кард. Баъди пешниҳоди ҳарду мавзӯи номбурда миёни устодону шунавандагон суолу ҷавоб сурат гирифта, шунавандагон ба пурсишҳои бешумори худ ҷавобҳои қаноатбахш гирифта тавонистанд.

Бо мақсади ошноии ҳар чи амиқтари меҳмонон бо ҳаёти мардуми Чин масъулин тибқи нақша шунавандагони курси бозомӯзиро ба яке аз маҳаллаҳои оддии пойтахт Чжунгуантсун оварданд. Дар маҳаллаи номбурда, ки дар маркази шаҳри Пекин аст, танҳо шумораи донишгоҳҳои атрофи он ба 8 адад мерасад. Дар маҳалла маркази идораи хонаҳо фаъолият дорад, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, коммуналӣ, чорабиниҳои фарҳангиву фароғатии сокинон таҳти сарпарастии маркази номбурда амалӣ карда мешавад. Дар назди маркази мазкур мафҳилҳои мухталиф амал намуда, сокинон, бахусус нафақахӯрон соатҳои холии худро дар он мегузаронанд. Фаъолияти чунин марказҳо, ки сар то сари Чинро фаро гирифтаанд, хеле муассир мебошад.

Машғулияти панҷум аз ҷониби профессор, роҳбари илмии донишкадаи журналистикаи Донишгоҳи халқии Чин Гао Ган гузаронида шуд. Номбурда дар мавзӯи «Тамоюли рушди наздикшавӣ (баҳамоӣ) ва ташаккули таъсири ВАО» маърӯза намуд. Дар маърӯза зикр гардид, ки имрӯз тамоми ҷаҳон таҳти таъсири интернет қарор дорад. Технологияи муосир то андозае пешрафта аст, ки имкон дорад, вайронаҳои Рими қадим бо роҳи барқарор кардани суробҳои он дар шакли асл мавриди тамошо қарор дода

шавад. Гугул дирӯз ва имрӯзро дар базаи худ ҷой додаасту дар оянда таҷҳизоти он кулли маълумоти бани башарро фарогир хоҳад шуд.

Боздид аз фаъолияти редаксияи рӯзномаи Гуанмин Жибао барои кормандони васоити ахбори Тоҷикистон ҷолибу омӯхтанӣ буд. Рӯзномаи номбурда соли 1949, то таъсисёбии ҶМЧ нашр гардида, мавзӯю муҳтавои он асосан ба зиёиён нигаронида шудааст. Дар рейтинги бузургтарин сайтҳои ҷаҳонӣ, рӯзномаи электронии он ҷои 64-умро соҳиб буда, дар 37 минтақаи Чин ва бузургтарни кишварҳои ҷаҳон намояндагӣ дорад. «Эҳтироми ҳақиқат» шиори рӯзнома буда, кормандон онро гиромӣ медоранд. Дар ин коргоҳи эҷодӣ 1200 нафар фаъолият дошта, дар як рӯз то 100 миллион пайнависҳои муштариён (коментария) нашр мешаванд. Фаъолияти аҳли эҷод нерӯи зиёди корӣ, техника ва таҷҳизоти муосир барои чопи саривақтӣ ва дастраси хонандагон гардонидани иттилои саривақтӣ самараи меҳнати дастаҷамъонаи аҳли эҷоди рӯзнома аст. Кормандони рӯзнома аз он ифтихор доранд, ки ба бозсозии ҳукумати Чин баъд аз «инқилоби фарҳангӣ» маҳз бо талошҳои ин нашрияи бузург замина фароҳам оварда шуд.

Дар фарҷоми барномаи курс, устоди донишкадаи рӯзноманигории Донишгоҳи мардумии Чин Чжао Юнтсзе дар масъалаи «Ташаккули ҷомеаи Чин ва ВАО ҳамчун соҳа» маърӯза кард. Шарҳи таърих ва таъсиси нахустин газетаҳо дар олам, аз ҷумла дар Чин, роҳи тайнамудаи матбуоти Чин ва дирӯзу имрӯзи матбуот чун василаи тавонои таъсиррасон ба ҳаёти рӯзмарра бо факту далелҳо пешниҳод гардида, аз ҷониби шунавандагон бо хушнудӣ қабул шуд.

Баъди боздид аз фаъолияти ширкати машҳури технологияи муосири Чин – Хуавей, ки намоишгоҳи он ба бинандагон таъсири амиқ гузошта тавонист, маросими ҷамъбасти семинар барпо шуд. Дар он намояндагони Ха-

зинаи Сулҳ ва Рушди Чин аз иштироки фаъолонаи шунавандагон дар машғулиятҳо изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид доштанд, ки чунин чорабиниҳо минбаъд низ тарҳрезӣ ва амалӣ карда мешаванд. Пас аз шунидани фикру мулоҳизаҳои шунавандагон оид ба роҳҳои самараноки баргузории машғулиятҳои илмию амалӣ дар вазъи тантанавӣ ба шунавандагон сертификати Донишгоҳи мардумии Чин супорида шуд.

Сафари минбаъдаи шунавандагони курсҳои бозомӯзӣ ба шаҳри бандарии Шиндао (Qingdao), ки маънии «ҷазираи кабуд»-ро дорад, тавассути қатораи тезҳаракат сурат гирифт. Дар шаҳри Шиндао, ки дар канори баҳри Зард қомат афрохтааст, усули меъмории олмонию хитоӣ ба ҳам омезиш ёфта, иқлими мусоид ва фароҳам оварда шудани шароити мусоид ба маънии том шаҳрро макони сершумори сайёҳон кардааст.

Боздид аз коргоҳи тавлиди обҷав (пиво), ки ҳанӯз соли 1903 аз ҷониби мутахассисони олмонӣ бунёд гардида, то ба имрӯз фаъолият дорад, барои бинандагон шавқовар буд. Дар ин шаҳр гурӯҳи шунавандагон аз минтақаи озоди иқтисодӣ дидан намуданд, ки тарҳи он бозгӯи нерӯи беш аз пеш тақвиятёбандаи иқтисодиёти бузурги Чин аст.

Дар заводи истеҳсоли муҳаррики киштиҳо, ки навсохт асту туфайли маҳорату малакаи аҳли заҳмат аллакай ба муштариён писанд афтодааст, муҳаррикҳои гуногуни киштиҳо омода карда мешаванд. Ба истеҳсолот ворид намудани технологияи инноватсионӣ имкон медиҳад, ки дар 8-10 моҳ муҳаррики баробар ба миллионҳо қувваи асп, ки 600-700 тонна вазн дорад, ба истифода дода шавад.

Дар баробари шиносоӣ аз рафти босуръати тараққиёти соҳаҳои мухталифи ин шаҳри бузурги иқтисодии Чин дар яке аз кӯчаҳои он, ки Шен ёулу ном дорад, гурӯҳ бо шароити буду боши сокинони маҳал аз наздик ошно гардид.

Дар кӯчаи номбурда 3700 оила иқомат намуда, шумораи бошандагон беш аз 10 000 нафар аст. Маркази маъмурии маҳал дорои сомонаи худ буда, шароити буду боши сокинон комилан зери назорат гирифта мешавад. Нафақахӯрон ба маҳфилҳои мухталиф фаро гирифта шуда, вазъи иҷтимоии онҳо зери назорати масъулини маркази маъмурӣ ва маркази тиббии он қарор дорад.

Аз шаҳри Шиндао гурӯҳи намояндагони ВАО тавассути ҳавопаймо ба маркази Чин шаҳри Инчуан (Yinchuan), маркази маъмурии ноҳияи мухтори Нинся Хуэй парвоз намуда, баъд аз нисфирӯзӣ бо фаъолияти корпоратсияи Нинсия Хуанхе шинос гардид. Нашриёти номбурда асосан барои аҳолии мусулмони ин вилояти автономӣ китобу маҷаллаҳо ба табъ мерасонад. Мавриди зикр аст, ки аввалин чопхонаи Чин маҳз дар ин музофот сохта шудааст. Дар ин вилояти автономӣ 6 миллион нафар аҳолӣ ба сар мебаранд, ки аз ин миқдор 2 миллионашон мусулмон ҳастанд.

Субҳи дигар гурӯҳи шунавандагон аз фаъолияти лоиҳаи пешгирии биёбоншавӣ дар мавзеи Нинся шинос гардиданд, ки хеле ҷолиб ва омӯхтанӣ буд. Мулоқот бо роҳбари ин лоиҳа Ванг Йоуде, ки дар Чин ӯро ҳамчун қаҳрамон мешиносанд, бозгӯи он буд, ки зарурат ва аҳамияти ҳифзи табиат, ба боғу гулистон табдил додани заминҳои регпӯши биёбон муҳимтар аз баҳсҳои сиёсиву талошҳои демократикунонии Ғарб аст. Ман ду душмани ашадӣ дорам, - гуфт бо табассум ҷаноби Ванг - ҷанг ва биёбон. Ман, ки мусулмон ҳастам, агар ба ҷои шумо гурӯҳе аз Ироқ ташриф меовард, ба эшон мегуфтам, ки биёбонро гулистон кардан мусулмонист, на ба хотири Ҳақ хуни ноҳақ рехтан.

Саёҳат ба кӯли Шаха дар оғӯши биёбон, ки садсолаҳо қабл бар асари заминларза ба вуҷуд омадааст, моро ба шигифт овард. Дар маркази биёбон (ки шояд агар дар кишва-

ри дигаре бошад, касе таваҷҷуҳ накунад) таъсис додани як маркази зебои сайёҳӣ воқеан ҳам қобили таҳсин аст.

Чиниҳо сирри муваффақияти худро дар таъсири се таълимот ба мафкураи мардум медонанд, ки мувозинатро нигоҳ медорад. Нахуст таълимоти Конфутси, ки асосаш башардӯстӣ, ҳақиқатпарастӣ, хирад, имон…аст. Дувум таълимоти даосизм, ки бунёдаш бар тақлид ба табиат ва рукуд (беамалӣ, таваккал) гузошта шудааст ва ниҳоят таълимоти буддоӣ, ки таҷриба, сахтгирӣ ва серталабӣ ба худ, донистани сарҳади эътиқоди худ ва эҳтиром ба эътиқоди дигарон аст. Воқеъан ҳам дар тӯли сафари худ мо шоҳид гардидем, ки мардуми Чин бо сабру таҳаммул, кӯшиш, маърифату меҳнатдӯстӣ ва аз ҳама муҳим, ватандӯстии худ кишварашонро дар давоми бист соли охир ба яке аз мамлакатҳои мутараққии дунё табдил додаанд. Чунки шиори ҳамарӯзаи эшон «ҳамқадам будан бо замон» аст…

*Душанбе-Пекин-Душанбе, ноябри с. 2014*
*Очерки сафарӣ дар ҳаммуаллифӣ*
*бо шодравон* **Маъруфи БОБОРАҶАБ**
*навишта шудааст*

## ТОҶИКОНИ РОССИЯ ШОИСТАИ ЭҲТИРОМАНД…

Дар арафаи истиқболи 25-солагии муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия ҳафтаномаи «Минбари халқ» тасмим гирифт бо Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатторов Имомуддин Мирзоевич сӯҳбате анҷом диҳад. Инак, фишурдаи суҳбати мазкурро манзури хонандагон мегардонем.

**- Ҷаноби сафир, гарчанд ки муносибати кишварҳои мо хеле тӯлонтар аз 25 сол аст, ба ҳайси кишварҳои соҳибистиқлол ва комилҳуқуқ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия танҳо соли 1992 расман ба муносибатҳои дипломатии худ оғоз бахшиданд. Хуб, лутфан бигӯед, ки тӯли ин 25 сол муносибатҳои мо дар кадом сатҳ сурат гирифтанд ва барои истиқболи ин санаи таърихӣ Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Россия чӣ гуна омодагӣ мегирад?**

- Бале, Шумо дуруст зикр намудед. Новобаста аз он, ки ба таърихи муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия расман 25 сол мешавад, муносибатҳои мардуми ин ду кишвар хеле тӯлонӣ аст. Ҳанӯз аз давраҳои Русияи подшоҳӣ муносибатҳои тиҷоратии кишварҳои мо ба таври густурда роҳандозӣ мешуданд. Муносибатҳои тиҷоратӣ боис гардид, ки аз Русия ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла қаламрави Тоҷикистони имрӯза хати роҳи оҳан кашида шавад. Экспедидсияҳои тадқиқотии олимони соҳаҳои мухталифи рус, аз ҷумла табибон, табиатшиносон, геологҳо, этнографҳо барои муаррифии халқи тоҷик нақши муҳим доштаанд. Муҳаққиқони маъруфи рус Бартольд В.В., Андреев М.М., Дяконов М.М. таърих фарҳанг ва расму оини миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд. Яке аз донишмандони шинохтаи тоҷик Аҳмади Дониш, ки ҳанӯз дар қарни XIX ба ҳайси сафири Аморати Бухоро ба Россия фиристода шуд, дар рисолаҳои худ оид ба тарзи зист ва расму оини халқи рус маълумоти муфассал дода буд.

Баъдтар, баъд аз Инқилоби октябр ба сифати яке аз ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мо бо халқи рус шаҳрвандони як кишвари абарқудрати Шӯравӣ маҳсуб мешудем. Ҳароина дар ин давраи таърихӣ муштаракоти идеологӣ, фарҳангӣ ва то андозае забонӣ моро бо ҳам боз ҳам наздик кард.

Имрӯз низ баъд аз барҳам хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ Федератсияи Россия барои мо яке аз шарикони муҳими стратегӣ боқӣ мемонад. Мо новобаста аз назари мухталиф доштан нисбати баъзе масъалаҳо пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳем то муносибати кишварҳои мо тақвият ёбанд. Дар ин замина Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дар доираи салоҳияти худ бо истифода аз каналҳои дипломатӣ тамоми чораҳоро меандешад. Мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ҳам дар доираи созмону ташкилотҳои муштарак ва ҳам дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ӯҳдадориҳои худро иҷро намоем ва бар ин боварем, ки ҷониби Русия низ дар ин самт тасмимҳои мусбӣ хоҳад гирифт.

Омодагии мо ба истиқболи 25-солагии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Россия бо назардошти муштараколи таърихӣ хеле ҷиддист. Силсилаи мулоқоту вохӯриҳо дар сатҳи баланд, чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ ба назар гирифта шудаанд, ки итминон дорам барои боз ҳам бештар таҳким бахшидани ҳамкориҳои тарафайн саҳм хоҳанд гузошт.

Тавре, ки иттилоъ доред Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, ки кишвари мо ҷонибдори сиёсати дарҳои кушод буда, мо дар сиёсати хориҷии худ аз ин равиш кор мегирем.

**- Яке аз масъалаҳои доғе, ки тӯли чанд соли охир дар сархати ВАО қарор дорад, вазъи муҳоҷирони кори тоҷик дар Федератсия Россия аст. Зимнан Сафорат дар ин самт кадом корҳоро анҷом медиҳад?**

- Масъалаи муҳоҷирони корӣ ва ҳимояи ҳуқуқии онҳо на танҳо дар сархати ВАО ба назар мерасад, балки дар мулоқотҳои тамоми сатҳҳо мавриди баҳс қарор дорад. Бовар кунед, шояд Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

Федератсияи Русия ягона сафорате бошад, ки теъдоди зиёди шаҳрвандони мо ҳамарӯза бо мушкилоти гуногун ба он мурочиат менамоянд. Пӯшида нест, ки имрӯз муҳочирати меҳнатӣ ба як ҳаракати бузурги байналмилалӣ табдил ёфта, тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст. Имрӯз на танҳо тоҷикон ва ё миллатҳои дигари кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Федератсияи Русия, балки теъдоди бузурги мардуми рус низ ба ИМА, Канада ва кишварҳои Аврупо ҳиҷрат доранд.

Мо пайваста талош менамоем, ки ҳимояи ҳуқуқии муҳоҷирони мо дар мадди назар бошад. Бо муҳоҷирон, донишҷӯён, тоҷирону соҳибкорони тоҷик дар Федератсияи Россия мулоқотҳо анҷом медиҳем. Танҳо тӯли чанд моҳи охири соли гузашта бо донишҷӯёни Донишгоҳи Давлатии Москва (МГУ), Донишгоҳи давлатии техникии нақлиёту роҳи Москва (МАДИ), намояндагон ва аъзои ҲХДТ мулоқотҳо доир намудем. Моҳи сентябри соли сипаригардида дар меҳмонхонаи маъруфи Ритс Карлтони шаҳри Москва бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қабули тантанавӣ доир гардид, ки дар он сафирони кишварҳои гуногун ва сиёсатмадорон ва арбобони шинохтаи сиёсиву ҷамъиятӣ, аз ҷумла муовини Вазири корҳои дохилии Федератсияи Россия Василиё Небензя ширкат варзиданд. Инчунин, моҳи декабр низ бо иштироки шаҳрвандони Москва ва намояндагони ҷамъиятҳои тоҷикони муқими Москва «Шоми фарҳангии тоҷик» баргузор гардид, ки дар он аҳли ҳунар ва санъат баромад намуда, фарҳанги миллии моро ба мардуми бумӣ муаррифӣ карданд.

Масъалаҳои марбут ба ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандони тоҷик низ пайваста дар мадди назари Сафорат аст. Ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандоне, ки вобаста ба қазияи қабристони Хованское боздошт шудаанд, бо Раиси Кумитаи

байналмилалии Шӯрои Федератсия Константин Касачев мулоқот аҷом додем. Алҳол аз ҷониби Сафорат чанд ҳимоятгари шинохта ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқуқҳои шаҳрвандони боздоштшудаи мо ҷалб шудаанд, ки пайваста аз рафти кор дар ин самт ба мо ахборот медиҳанд. Доир ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар қаламрави Россия бо яке аз муовиниони Вазири корҳои дохилии Россия рӯзҳои наздик анҷом додани як мулоқот дар назар аст. Дар мулоқоти мазкур бештар ба масъалаи шаҳрвандоне, ки аз ҷониби мақомоти тартиботи Россия бидуни ягон асос боздошт ва ё ҳабс шудаанд, таваҷҷӯҳ бештаре зоҳир хоҳад шуд…

**- Оё аз тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ танҳо кишвари мо бурд мекунад ва ё саҳми муҳоҷирони меҳнатии тоҷик низ дар пешравии иқтисодиёти Россия назаррас аст?**

- Бубинед, ки соли 2015 ба буҷети шаҳри Москва танҳо аз ҳисоби патент (иҷозатнома барои кор) беш аз 11 миллиард рубл ворид шуд, ки ҳатто аз даромади фурӯши нафт зиёдтар аст. Ин новобаста аз он, ки теъдоди зиёди шаҳрвандони мо дар бахшҳои тиҷорат, истеҳсолот, сохтмон ва хизматрасонӣ фаъолият намуда, дар пешравии иқтисодиёт ва некӯаҳволии мардуми рус саҳм мегузоранд. Вале бо вуҷуди ин ҳам баъзе аз гӯруҳҳои сиёсӣ дар Россия мехоҳанд вазъи буду боши муҳоҷирони меҳнатиро дар кишварашон маҳдуд кунанд.

Камина борҳо дар мулоқотҳо бо мақомоти баландпояи Русия таъкид намудаам, ки роҳандозии чунин иқдомҳо нисбати муҳоҷиронӣ меҳнатӣ аз кишварҳое, ки шарики стратегии Россия маҳсуб мешаванд, дуруст нест. Дар кишварҳои аврупо масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар асоси қонун кайҳо танзим шудааст. Фаразан, дар Ҷумҳурии Федеролии Олмон ба муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби ниҳоди дахлдор то як муддати муайян кумакпулӣ муқаррар меша-

вад, онҳоро бо ҷои зист таъмин менамоянд. Омӯзиши забон ва ихтисос низ ройгон аст. Вале дар Россия, дар гузаштаи начандон дур ҳатто барои вайрон кардани қоидаи ҳаракати роҳ ва ё саривақт напардохтани маблағи телефонҳои мобилӣ муҳоҷирони меҳнатиро депортатсия мекарданд. Дар натиҷаи ин амал беш аз чаҳорсад ҳазор шаҳрвандони мо ҳаққи вуруд ба Россияро аз даст доданд, ки дар байни онҳо ҳатто донишҷӯён буданд.

Ҳоло низ мо дар баъзе доираҳои сиёсии Россия мешунавем, ки ҷорӣ намудани низоми раводидро бо баъзе кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тарғиб менамоянд. Гумон мекунам ин роҳи ҳалли масъала нест. Баръакс ҳукумати Россия бояд ҷиҳати ҳаллӣ мушкилоти маишии муҳоҷирон, ҳифзи ҳуқуқии онҳо ваислоҳоти қонунгузории муҳоҷират кӯшиш намояд. Мо бояд ба ҳамгироӣ (трансформатсия)-и муҳоҷрони меҳнатӣ бо ҷомеаи рус ҳаракат кунем. Барои омӯхтани қонунгузории Россия ва донистани забон, таърих ва суннатҳои мардуми рус замина фароҳам орем. Танҳо дар ҳамин ҳолат ин артиши бузурги муҳоҷирони меҳнатӣ барои ободии Россия ва айни замон беҳтар намудани шароити зисти худ хизмат хоҳанд кард.

Дар навбати худ, бо назардошти мушкилоте, ки пешорӯи муҳоҷирон қарор дорад, мо барои сода кардани низоми ҳуҷҷатгузории онҳо аз тариқи консулгариҳо тасмимҳои ҷиддӣ гирифтем. Аксарияти ин корҳо, аз ҷумла гирифтани шиносномаи хориҷӣ аз тариқи воситаҳои электронӣ ва пардохти маблағҳои ҳатмӣ тавассути бонкҳо сурат мегиранд. Гузашта аз ин, мо ба хотири дастгирии муҳоҷирони меҳнатие, ки дар музофоти Россия заҳмат мекашанд, барои кушодани консулгариҳои генералӣ дар шаҳрҳои Уфа, Санкт-Петербург ва Новосибирск замина гузоштем.

**-Мӯҳтарам Имомуддин Мирзоевич, яке аз масъалаҳои**

**нигароникунанда фаъолияти ҷамъиятҳои тоҷикон, ё ба истилоҳи дигар диаспораҳои тоҷик дар Россия аст, ки мутаассифона ба ҷои ҳамкорӣ, баръакс байни ҳам рақобати шадид доранд. Оё имкон дорад, ки таҷриба ва нерӯи онҳоро муттаҳид намуда, ба манфиати муҳоҷирони меҳнатӣ равон кард?**

- Агар мо дар муқоиса бо дигар миллатҳое, ки дар Россия солҳои тӯлонӣ зиндагӣ доранд, ба ин масъала назар афканем, ҷамъият ё ба истилоҳи Шумо диаспораҳои мо дар ин самт ҳанӯз таҷрибаи кофӣ надоранд. Дар кишварҳои Аврупо, Амрико ва ё ҳатто худи Россия диаспораҳое мавҷуданд, ки таҷрибаи беш аз садсола доранд. Дар ин маврид диаспораҳои озарбойҷонӣ, гурҷӣ, укроинӣ ва ё арманӣ дар Русия ва ё дигар кишварҳои ҷаҳон намунаи ибрат буда метавонанд.

Аз дигар тараф аксарияти шаҳрвандони мо, ки бар асари ноорромиҳои солҳои 90-уми қарни гузашта ба Федератсияи Россия кӯч бастанд, аз рӯи принсипи маҳал гирд омада, танҳо хешовандон ва ҳамшаҳриёни худро муттаҳид намудаанд ва дар ин замина ҷамъиятҳо ташкил кардаанд. Танҳо дар ҳоли аз ин принсипи тафриқаангез даст кашидан ва муттаҳид гардидани ҷамъиятҳои кӯчак, имкон дорад, ки як ҷамъияти фарогир ва устувори тоҷикон дар Россия таъсис дода шавад. Чаро ки тамоми шаҳрвандоне, ки имрӯз бо тақозои замон дар Федератсияи Россия заҳмат мекашанд, новобаста аз маҳаллу минтақа воқеан ҳам шоистаи эҳтироманд.

Ҳароина ҷамъиятҳое мисли маркази фарҳангии тоҷикон «Нур», ки дар шаҳри Москва фаъолият дорад, бо баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, муаррифии таърих, санъат, арзишҳои миллии тоҷикон дар Россия, фаъолияти қобили таҳсин дорад. Бар ин бовар ам, ки теъдоди чунин ҷамъиятҳо, ки нисбати сарнавишт, тақдир ва фарҳанги

миллати худ бетараф нестанд, дар Россия афзоиш хоҳанд ёфт.

Дар фарҷоми сӯҳбат мехоҳам таваҷҷӯҳи хонандагони ҳафтаномаи шуморо ба як нукта ҷалб намоям. Теъдоди хеле зиёди тоҷикон дар Россия зиндагӣ ва фаъолият доранд. Барои бахши азиме аз онҳо, ки шаҳрвандии Россияро гирифтаанд, ин кишвари бузург ватани дуюм маҳсуб мешавад. Аз ин хотир, ҷамъиятҳои тоҷикон дар Россия бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки аз тариқи фарҳанг, санъат, арзишҳои миллӣ ба халқи рус фаҳмонанд, ки дар васати онҳо намояндагони тамаддуни воқеан бузург зиндагӣ доранд. Бояд мардуми рус дарк кунад, ки халқи тоҷик дорои фарҳанг ва тамаддуни қадима аст, таҳамулпазир аст ва ҳеҷ гоҳ радикалу мутаассиб набуд. Фарҳанг ягона омил аст, ки мардумро ба ҳам мепайвандад ва кишварҳоро ба ҳам наздик мекунад. Пас, мо бояд бештар дар ин самт фаъолият кунем, то симои аслии миллати бузурги худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

**-Ташаккур барои сӯҳбати пурмӯҳтаво**

- Банда низ таманно дорам, ки сафари шумо дар Русия хуш гузарад…

*Маскав, с.2015*

## МАВҚЕГИРИИ ВАО ДАР СИЁСАТҲОИ ТАҲМИЛИИ ГЕОПОЛИТИКӢ

Вақте, ки мо дар мавриди геополитика ва таъсири он ба раванди сиёсии ҷаҳон ҳарф мезанем ва ё мехоҳем, ки нақши ВАО-ро дар ин росто муайян намоем, бояд сари ин чиз андеша кунем, ки таи чанд даҳсолаи охир сиёсати ҷаҳон ба ангезаҳои нав ва хеле мураккаб дучор шудааст. Дар радифи ҳадафҳои «геополитикӣ» маҳфумҳои наве

мисли ҳадафҳои «геостратегӣ», «геоиқтисодӣ» арзи вуҷуд намудаанд, ки манфиатҳои кишварҳои алоҳида ва консернҳои бузургро ҳимоя мекунанд.

Табиист, ки дар роҳандозии ин аҳдоф нақши ВАО-и муосир хеле густурда буда, ҷаҳони сармоя онро ҳамчун воситаи муассири таъсиррасонӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор додааст.

Мо медонем, ки журналистика бидуни ҷомеа вуҷуд дошта наметавонад, чаро, ки он аслан барои ҷомеъа менависад ва ниёзҳои онро инъикос мекунад. Гузашта аз ин, ба журналистикаи мусоири ҷаҳон назар афканем, новобаста аз ҳадафи аслии он, ки расонидани иттилоот аст, якранг ва яксон буда наметавонад. Чунки ҳар як кишвар дорои сиёсат, таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллии худ буда, журналистони он низ дар алоқамандӣ бо ин арзишҳо тарбия меёбанд. Аз дигар тараф, кормандони соҳаи ВАО, ки шаҳрванди кишвари алоҳида мебошанд, новобаста аз ҷаҳонбиниашон муваззафанд манфиатҳои давлат ва миллати худро ҳимоя намоянд.

Аз ин лиҳоз, имрӯз дар фазои иттилооти ҷаҳон мо зуд-зуд шоҳиди он мешавем, ки дар баҳси як масъала ва ё таҳлили як ҳодиса зовияи дид ва бархӯрди ҷомеаи журналистии ҷаҳон мухталиф аст. Тафовути назарҳои мактаби журналистии ғарб аз журналистони кишварҳое мисли Русия ва Чин мисоли барҷастаи ин аҳвол буда метавонад.

Фаразан ВАО-и Русия размандагони вилоятҳои Донбас ва Лугански Украинро ҳамчун нерӯҳои озодихоҳ муаррифӣ намояд, ҷомеаи журналистии кишварҳои ғарб онҳоро қувваҳои ҷудоихоҳ ва террорист меноманд. Ва ё баръакс, ВАО-и Русия мухолифони ҳукумати Башор Асадро дар Сурия ба унвони гурӯҳҳои террористӣ ном баранд, журналистони кишварҳои ғарб онҳоро нерӯҳои демократӣ ва озодихоҳ унвон мекунанд.

Бо дарназардошти ин, ки мо асосан аз манбаъҳои иттилоотии Русия истифода менамоем, мавқеъгирӣ дар фазои иттилоотии мо низ аз лиҳози вокуниш ба рӯйдодҳои сиёсӣ бо фазои иттилоотии ин кишвар алоқамандии бештаре дорад.

Пӯшида нест, ки имрӯз ВАО аз ҳадафи аввалияи худ, ки таъмини дастрасии ҷомеа ба иттилоот буд, хеле дур рафтааст ва ба як сохтори пуриқтидори идеологӣ табдил ёфтааст. Воситаҳои ахбори омма имрӯз ба ҳайси аслиҳаи пуриқтидори таблиғоти сиёсӣ ва воситаи хеле нерӯманди таъсиррасонӣ ба тафаккур ва рафтори одамон ба шумор меравад. Имрӯз хеле кам воқеъ мешавад, ки иттилоот дар шакли аслӣ ба ҷомеа ва ё тавре, ки ба истилоҳи журналистӣ мегӯянд «аудитория» дастрас шавад. Бештари иттилоот бо назардошт аҳдофи геополитикӣ, геостратегӣ ва геоиқтисодии давлат ё консернҳои бузург дар шакли тағйирхӯрда ва такмилшуда пешниҳод мегарданд. Ин навъ иттилоот аллакай аз доираи рисолати аслии журналистика, ки расонидани ахбори саҳеҳ ба «аудитория» аст берун меравад ва по ба ҷодаи сиёсат мениҳад, ки мақсадаш таъсиррасонидан ба мағзи ҷомеа ва бодарназардошти манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида ташкили афкори умум аст. Дар ин замина бо мақсади бештар намудани таъсиррасонии ВАО ба шуури одамон ба таҳрифи далелҳо, ки дурӯғи маҳз аст, роҳ дода мешавад. Ғолибан ин тасмимот таҳти шиори «озодии сухан» ва ё «ошкорбаёнӣ» роҳандозӣ мегардад.

Дергачев В.А. дар китоби худ «Геополитика» менависад, ки воситаҳои ахбори оммаи муосир солҳои охир технологияи ҷангҳои равониро бо назардошти таблиғоти «сафед», «тира» (хокистарӣ) ва «сиёҳ» ба таври хеле густурда истифода менамоянд. Аз диди муаллиф таблиғоти «сафед»-е, ки интишор ва паҳн мешавад, дорои сарчашмаи мӯътамад аст. Таблиғоти «тира» бошад сарчашмаро

таҳриф мекунад, аммо таблиғоти «сиёҳ» онро комилан тағйир медиҳад. Мисли ин, ки соле қабл сухангӯи Вашингтон адмирал Кирби дар брифинги Кохи Сафед артиши Русия ва Сурияро ба гулӯлаборон кардани чанд бемористони шаҳри Идлиб муттаҳам кард ва ба журналистон гуфт, ки манбаи ин хабар Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ аст. Вале баъд аз таҳқиқи журналистон муайян гардид, ки СУТ чунин ахборро паҳн накардааст. Ин мисол бо назардошти он, ки манбаи иттилоот комилан иваз шудааст, аз намунаҳои рӯшани таблиғи «сиёҳ» буда метавонад.

Аз ин бармеояд, ки ВАО имрӯз қодир аст ба хотири паҳн нашудани ҳақиқате, ки ба манфиати соҳибмулк ва сарпарасти ӯ нест, онро дар шакли сахт таҳрифшуда манзур намояд.

Олимони шинохтаи соҳаи журналистикаи Амрико, профессорони Донишгоҳи Иллинойис Фред Сиберт ва Теодор Петерсон, профессори Донишгоҳи Стенфорд Уилбур Шрамм китоберо бо унвони «Чаҳор назарияи матбуот» нашр намуданд, ки солҳои тулонӣ дар кишварҳои ғарб классикаи журналистика маҳсуб мешуд.

Онҳо дар китоби мазкур таъйид намуданд, ки ин назарияҳо ба шароити сиёсию иҷтимоии кишварҳо вобаста буда, матбуот дар доираи маҳдудаи (чорчӯбаи) муайяннамудаи онҳо фаъолият мекунад. Ба андешаи муаллифони китоби мазкур **назарияи авторитарӣ** ҷавобгарии ВАО-ро дар назди шоҳ, император, доҳӣ ва ё ҳукумате, ки онҳо идора мекунанд, муқаррар менамояд. **Назарияи либертарианӣ**, ки мутобиқи он озодии матбуот бар озодии ирода асос меёбад, вобастагии матбуотро аз давлат ва ё режимҳои худкома комилан инкор мекунад ва баръакс бар ин назар аст, ки ВАО бояд фаъолияти давлатро таҳти назорат қарор диҳанд ва ба ҳайси яке аз шохаҳои ҳокимият, яъне, «ҳукумати чаҳорум» новобаста аз се шохаи дигари ҳоки-

мият, фаъолият намояд. Вале вобастагии ВАО-и муосири ғарб, ки намунаи беҳтарини журналистикаи озод маҳсуб мешавад, аз ниҳоди давлативу консернҳои фаромиллӣ аз он далолат менамояд, ки ин назария танҳо дар рӯи коғаз боқӣ мондааст. **Назарияи масъулияти иҷтимоӣ** идеяи мухторияти муайяни ВАО-ро аз соҳибмулк ва муассис тақозо менамояд, ки имкон медиҳад то манфиати ҷомеъа низ то андозае ба назар гирифта шавад. Ин назария бар он асос меёбад, ки соҳибмулк ва ношир бояд ба таври ихтиёрӣ аз баъзе ҳуқуқҳои худ ба манфиати журналистон ва ҷомеъа даст кашад.

Дар ин замина ҷавобан ба назарияҳои зикршуда муҳаққиқи рус Я.Н. Засурский панҷ масъулияти воситаҳои ахбори омаро муайян намудааст:

- масъулият дар назди ҷомеъа ва шаҳрвандон
- масъулият дар назди давлат
- масъулият дар назди соҳибмулк, муассис ва ё ношир, ки ногузир манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва мисли инро доранд.
- масъулият пешорӯи ихтисос ва ҳамкасбони худ, ки ба танзими фаъолияти ВАО аз ҷониби худи журналистон имконият фароҳам меорад.
- масъулият дар назди аудитория, яъне, хонандагон, бинандагон ва шунавандагон.

Вале солҳои охир ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва муборизаи кишварҳои абарқудрат ва консернҳои бузург барои таҳти контроли худ қарор додани захираҳои моддиву маънавӣ то андозае ба фаъолияти ВАО таъсир мерасонад, ки муайян намудани сарҳади масъулиятҳои ВАО тақрибан ғайриимкон шудааст.

Муҳаққиқи рус Маркина Ю.В. дар рисолаи худ бо унвони **«Нақши мас медиа барои ноил шудан ба ҳадафҳои геополитикӣ»** менависад, ки ҳадафи геополитика аз оғоз ҳоки-

ми мутлақи сайёра шудан ва кишварҳои нисбатан заифро таҳти таъсири худ қарор додани баъзе кишварҳои абарқудрат буд. Муаллиф бар ин назар аст, ки ахиран истифодаи ВАО ба манфиатҳои геополитикӣ ба бархӯрдҳои шадид ва таҳаммулнопазирии этникӣ, миллӣ ва ё динӣ оварда мерасонад. Агар ба таҳаввулоти чанд соли охири ҷомеаи ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳ намоем, дурусти фарзияи Маркина комилан собит мешавад. Аз рӯи нишонаҳои милливу этникӣ ба чанд давлатҳои кӯчак тақсим шудани кишварҳои бузурги Аврупои Ҷанубӣ мисли Югославия, Чехия, Словакия ва ё ҷангҳои динива мазҳабӣ дар кишварҳои араб, ки ба унвони «баҳори араб» маъруф аст, бо дахолати мустақими ВАО сурат гирифт, ки таҳти таъсири кишварҳои абарқудрат ва олами сармоя қарор доштанд.

Вале аз дигар тараф коршиносон бар ин назаранд, ки медиакратия ҳамчун омили геополитика рӯз то рӯз қувват гирифта, ба як неруи фаромиллӣ табдил ёфта истодааст ва аз таҳти таъсири давлат раҳо ёфта, баръакс худ ба сиёсати давлатҳои алоҳида таъсир мерасонад.

Мутобиқи дурнамо оид ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ, эҳтимол дорад, ки тамоми соҳаҳо, аз ҷумла иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маориф ва ҳатто сиёсату муносибатҳои байналмилалӣ ахиран таҳти контроли масс медиа қарор мегиранд.

Соли 1945, баъд аз поён ёфтани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ англо-саксҳо созмонеро бо унвони «Империяи Нави Британия» таъсис доданд, ки маркази он дар шаҳрҳои Лондон ва Нью-Йорк мустақар шуд. Ҳамин тавр, сармояи трансмиллии амрикоиву британиёӣ зина ба зина пойгоҳи бузурги иттилоотиеро (медиократия) ташкил намуданд, ки пайваста тавассути онҳо ба мағзи тамоми сокинони сайёра арзишҳои сунъиро таҳмил менамоянд. Имрӯз Империяи Нави Бритониёӣ (НБИ) бузургтарин ВАО-и ҷаҳонро идо-

ра мекунад, ки бо садҳо забон пахшу интишор мегарданд.

Фаразан:

- Шабакаҳои телевизионии CNN, ABC, CBS, NBC, BBC;

- рӯзномаҳои «Wall-Street Journal»; «New York Times», «Washington Post»

- маҷаллаҳои «Newsweek», «Time»

- медиоконсернҳои «Walt Disney», «News Corporation», «Time Warner»

Солҳои 1990 корпоратсияҳои бузурги трансмиллӣ ба ҳайси субъектҳои нави геполитика арзи вуҷуд намуданд, ки дигар аз назорати баъзе кишварҳои абарқудрат берун шуданд. Медиокорпоратсияҳои трансмиллӣ ба шарофати он, ки имконият доранд ба афкори ҷомеа таъсир расонанд, имрӯз қодиранд, ки ҳатто раванди сиёсии ҷаҳонро тағйир диҳанд. Дар ин росто онҳо технологияҳои навтаринро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Бо боварии том ва бидуни ифрот метавон гуфт, ки бузургтарин ва бонуфузтарин ВАО-и ИМА; мисли «New York Times», «Washington Post», «Wall-Street Journal», «Forbes», «Fortune», шабакаи бузурги телевизионии Федератсияи Русия мисли «RT», оҷонсии иттилоотии «Спутник», хазинаи «Русский Мир», пойгоҳҳои бузурги иттилоотии Чин «Синхуа», CCTV, радиои байналмилалии CRI ва Қатар «Ал-Ҷазира» на танҳо дар равандҳои сиёсии дохили кишварашон, балки берун аз он ҳам фаъолона ширкат меварзанд ва ҳадафҳои муассисони худро дар тамоми ҷаҳон роҳандозӣ менамоянд.

Имрӯз медиа массаҳои бузурги ҷаҳон кӯшиш доранд, ки ба шуур ва андешаи миллионҳо хонандагон, шунавандагон ва бинандагон таъсир расонанд. Баъзе коршиносони шинохтаи соҳа мӯътақид буданд, ки рушду инкишофи интернет фазои итилоотиро аз монополияи медиа массаҳо

наҷот медиҳад ва дар фазои иттилоотии ҷаҳон рақобати нисбатан солим ба вуҷуд меояд. Вале воқеъият нишон дод, ки баръакс медиа массаҳои бузург ҳузури худро пеш аз дигарон дар торномаҳои интернет таъмин карданд ва фазои иттилоотиро дар ин бахш низ тасарруф намуданд.

Пӯшида нест, ки солҳои охир дар риштаи сиёсат на омили нерӯ ва аслиҳа, балки иттилоот ва идеология ба зинаи аввал баромадаанд. Дар ин замина ҷумҳурии моро низ зарур аст, ки ба хотири ҳифзи фазои иттилоотии худ чораҳои муассир андешад. Аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳи гурез вуҷуд надорад. Технологияҳо ҳамарӯза такмил ёфта, сарҳади ҳамагуна фазои иттилоотиро метавонанд, ки ба осонӣ убур кунанд, пас ягона иқдоми дуруст барои мо ин ҳузури иттилоотии худро дар тамоми ВАО-и бонуфузи ҷаҳонӣ таъмин намудан аст.

*Душанбе, с 2015*

## АЗ БОДИ ҲАВОДИС ҲАРОСЕ НАДОШТ

Мо дер боз садои тақ–тақи асои ӯро дар идора нашунида будем. Гумон мекардем, ки пир шудаасту дигар барои навиштани мақола ҳавсала надорад. Ӯ ҳар гоҳ, ки ба идора меомад ва ба утоқи камина ворид мешуд, гарчанде дербоз ӯро хуб мешинохтам, бори дигар худро ашрофона муаррифӣ менамуд: Ҷаъфаров Ҷумҳур Исмоил-Оғли!

Ин навбат низ баъд аз боз шудани дар мисли пешин садояшро шунидам, ки асобағалро дар дасти чап дошта, мисли низомиён қоматашро рост карда, худро муаррифӣ менамуд. Эҳсос кардам, ки лашкари пирӣ воқеъан ҳам дар андомаш асар кардаасту асобағалаш низ бори пириашро бештар мекашад. Кори муҳиме дошт, ки дар ин рӯзи боронӣ ба пирии хеш нигоҳ накарда, ба идора омада буд…

- Муаллим, бо муҳиме назди Шумо омадам,- гумони маро тасдиқ кард Ҷумҳур Ҷаъфаров,- Хуб медонед, ки ман фарзанди ду миллатам – озарбойҷон ва тоҷик. Дар қалби пири ман нисбат ба ин ду миллат оташи муҳаббат фурӯзон аст. Миллати ман озарист, вале дар оғӯши тоҷикон бузург шудаам.

Вақте ки ӯ ин ҳарфҳоро мезад, эҳсос мекардам, ки дубора ҷавон мешавад. Овозаш лаҳза ба лаҳза устувортару баландтар садо медод ва дар он дигар эҳсоси хастагӣ ба назар намерасид:

- Чанде қабл ба Президенти маҳбуби мо Эмомалӣ Раҳмон бо хоҳиши мардум мақоми «Пешвои миллат» доданд. Имрӯз, ки бесарусомониву нофаҳмиҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ ба назар мерасанд, ин иқдоми хеле оқилона аст. Миллат бояд ҳатман сарваре дошта бошад, ки мардумаш дар атрофи ӯ сарҷамъ шаванд, вагарна ба деге, ки сарпӯш надорад ҳар саг даҳон мезанад. Бовар кунед, ман ин навидро шунидаму Озарбойҷони солҳои навадум ба хотирам омад. Он солҳо ҳам ба сари миллати тоҷик ва ҳам ба сари миллати озар кишварҳои абарқудрат ноороմиву фитнаҳои зиёдеро таҳмил намуданд. Хушбахтона, дар осмони ин ду миллати соҳибтамаддун ситораи иқболи ду шахси барҷаста дурахшид, ки тавонистанд мардуми худро аз вартаи маҳвшавӣ эмин доранд. Яке аз ин ситораҳо Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ба иқболи мардуми тоҷик ва дигаре Ҳайдар Алиев буд, ки ба иқболи миллати озар хеле рӯшан таҷаллӣ карданд…

- Синни ман 86-ро убур мекунад, дигар ман ба ҳар як садои асоям гӯш медиҳам:

*Ба ангушти асо пирӣ, ишорат мекунад ҳар дам,*
*Ки марг ин ҷост, ё он ҷост, ё ин ҷост…*

- маҳзунона табассум кард ӯ. Ман дигар ба хушомаду тамаллуқ ва ё мукофот ниёз надорам. Вале то ҷон дар рамақ ҳаст, рисолати худро анҷом медиҳам ва дар бораи ин

шахсиятҳои бузург менависам. Зиндагии эшон бояд барои насли ҷавон дарси ибрат бошад. Аз ин хотир ҳам назди Шумо омадам, то порае аз хотироти худро дар бораи Ҳайдар Алиеви зиндаёд, ки 10 май рӯзи таваллудаш таҷлил мешавад, манзури ҳафтаномаи шумо гардонам.

Ҷумҳур Ҷаъфаров аз кифи худ чанд варақро баровард:- Гарчанде ки ба забони тоҷикӣ озод менависам, ин мақолаам ба забони русӣ аст, чӣ мешуд, ки онро тарҷума ва чанд ҳарф илова намуда, аз номи ҳардуямон чоп мекардед, – хоҳиш кард ӯ.

Дар бораи Ҳайдар Алиев соле қабл мақола навишта будам. Аз ин лиҳоз дастаи коғазҳоро гирифтаму аз ин пирамарди рӯзгордида, ки яке аз пажӯҳишгарони ҳаёт ва фаъолияти Ҳайдар Алиев буд, хоҳиш намудам, ки шояд ӯ дар бораи ин шахсияти бузург порае нақл кунад:

- Ман оид ба кору пайкори Ҳайдар Алиев ва вазифаҳои ишғолкардааш каме иттилоъ дорам, бисёр мехостам, ки аз хислатҳои наҷиби ӯ ҳарф занед.

- Муаллим,- бо табассум гуфт ӯ, – Бисёриҳо гумон мекунанд, ки роҳбари давлат ва ё пешвои миллат будан роҳат аст. Вале сахт иштибоҳ мекунанд. Ин як масъулияти хеле бузург аст, ки инсонро лаҳзае ором будан намегузорад. Гарчанд, имрӯз аксарият хизматҳои арзандаи Ҳайдар Алиевро дар назди миллати озарбойҷон эътироф кардаанд, як идда нотавонбиноне ҳам ҳастанд, ки то ҳол ба сӯяш санги маломат меафкананд. Шумо медонед, ки дар зиндагӣ чандин маротиба ба ӯ сӯиқасд кардаанд, пайваста ба ӯ таъзиқ меоварданд ва ниҳоят ба таври сунъӣ ӯро ба сактаи дил гирифтор намуданд. Роҳбарияти олии Иттиҳоди Шӯравӣ талош мекарданд, ки ӯ аз вазифаи муовини аввали Раиси Шӯрои вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ истеъфо диҳад. Ӯро тақрибан чаҳор моҳ иҷборан дар беморхонаи Кумитаи марказӣ бистарӣ намуданд. Мегуфтанд, ки ӯ дигар

корношоям аст ва аз ҳаёташ низ 5 соле беш намондааст. Ӯ маҷбур шуд, ки соли 1987 таҳти ин фишорҳо истеъфо диҳад. Вале оё офтобро бо доман пӯшида мешавад ва ё имкон дорад, ки пеши оби бузургро бандӣ? Ҳаргиз!

Ӯ Озарбойҷонро бениҳоят дӯст медошт. Ҳар як кафи хок ва ҳар пораи санги кишвараш ба ӯ азиз буд. Вақте ки Юрий Владимирович Андропов ӯро ба кор, ба Маскав даъват кард, Ҳайдар Алиев рад кард. Ӯ зиндагии худро лаҳзае бидуни Озарбойҷон тасаввур карда наметавонист. Вале Андропов, ки хислати Ҳайдар Алиевро хуб медонист аз ӯ суол кард: «Оё намехоҳӣ ба мардуми Шӯравӣ хизмат кунӣ? Намехоҳӣ дар ин амали хайр ба ман кӯмак расонӣ?». Ин шахси бузург, ки парвардаи Ҳукумати Шӯравӣ буду ҳеҷ гоҳ ба дӯстон хиёнат намекард, даъвати Андроповро иҷобат намуд ва ба Маскав омад.

Бидуни талошу ҷонбозиҳои Ҳайдар Алиев гумон аст, ки Озарбойҷони имрӯза дар ин шакл вуҷуд дошта бошад. Ин ҳақиқатест, ки ҳатто душманони ӯ инкор карда наметавонанд. Ӯ ду маротиба роҳбарии Озарбойҷонро ба зимма гирифтааст. Соли 1969 Котиби аввали КМ Ҳизби Коммунистии Озарбойҷон буд ва тӯли даҳ соли фаъолияташ тавонист, ки ин кишварро аз як музофоти оқибмондаи аграрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷумҳурии саноатӣ табдил диҳад. Соли 1993 бошад давлат ва миллати Озарбойҷонро муттаҳид намуда, аз маҳвшавӣ наҷот дод.

Ӯ ҳаргиз дар фикри худ набуд. Ҳатто ҳангоми бемор будан лаҳзае аз кор дур намешуд, ҳамеша масъулият эҳсос мекард. Вақте ки дар назди муҳассилини омӯзишгоҳи ҳарбӣ баромад мекард, нохост дилашро дошту калавид. Муҳофизонаш аз дасташ гирифта аз минбар паси саҳна бурданд. Вале ӯ пас аз даҳ дақиқа боз ба минбар баромад. Чанд ҳарф гуфту боз аз ҳуш рафт. Ӯро бори дигар паси саҳна бурданд. Вале баъд аз чанд лаҳза боз сари минбар

омад то васияти охирини худро бо овози хаста ба ҷавонон гӯяд: «Фарзандони азиз, ҳамеша саломат, сарбаланд ва комёб бошед». Толор аз кафкӯбӣ ба ларза омад. Оё ин беҳтарин намунаи дарси ҷавонмардӣ, беҳтарин сабақи зиндагӣ набуд?

Медонед муаллим,-баъд аз каме андеша сӯҳбаташро анҷом дод Ҷумҳур Исмоил оғлӣ, -вақте ки тӯфон ё боди шадид мехезад, киштичаҳои хурд ва ҳама гуна чизҳои сабуку сунъиро мисли хас барҳам мезанад, вале киштиҳои бузург, биноҳои таҳкурсиашон мустаҳкам ва дарахтони устувор аз касофати боду тӯфон парвое надоранд. Ҳайдар Алиев низ дар зиндагӣ тимсоли киштии бузург, бинои мустаҳкам ва дарахти серҳосили устуворе буд, ки аз ҳеҷ боду тӯфони ҳаводис ҳарос надошт.

Ӯ оҳиста асобағалашро зери каш гирифту аз ҷой бархост. Камина низ баъд аз гусели ин пирамарди нуронӣ ба утоқи корӣ баргаштаму эҳсос намудам, ки дигар ҳоҷат ба тарҷумаи мақолаи ӯ намондааст. Беҳтарин мақола ҳамин сӯҳбати ҷолибе буд, ки Ҷумҳур Исмоил-оғлӣ бо забони фасеҳи тоҷикӣ нақл кард.

*Душанбе, с. 2014*

## ОБ АГАР САДПОРА ГАРДАД, БОЗ БО ҲАМ ОШНОСТ…

Дар доираи сафарҳои худ ба кишварҳои хориҷӣ, дар бораи ҳамватаноне, ки бо сабабҳои гуногун тарки Ватан кардаву дар кишвари бегона зиндагӣ ихтиёр намудаанд, зиёд навиштаам… Вале дар ҳар сафари наве, ки анҷом медиҳам ҳамватанони худро ба гунаи дигар мебинам. Мебинам, ки онҳо на танҳо аз лиҳози моддӣ вазъи зиндагиашон хубтар шудааст, балки андешаву афкорашон низ, ба истис-

нои чанд нафар мутаассибе, ки ба ҷуз ҷаҳонбинии маҳдуди асримиёнагии худ чизи дигареро қабул надоранд, ғолибан ба самти мусбӣ тағйир ёфтааст…

Чанде қабл бо ҳайати гурӯҳи кории ҲХДТ ба минтақаҳои гуногуни Федратсияи Русия бо мақсади мулоқот бо намояндагони ҷамъиятҳои тоҷикон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва тоҷикони муқими Русия сафаре анҷом додем, ки пораеро аз таассуроти худ манзури хонандагон месозам.

**Муҳоҷирони тоҷик дигар Одинаву Дохунда нестанд…**

Солҳои навадум, бар асари ҷанги бародаркуш селаи муҳоҷирони тоҷик рӯ ба кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, бахусус Русия оварданд. Борҳо шоҳиди он будам, ки он замон чи гуна ҳамватанони мо барои пайдо намудани як пора нон ва ба шарти ба даст овардани ҳаққулзаҳмати ночизе даст ба корҳои сангин мезананд ва бори миннати «хоҷа»-ҳои корфармоморо мекашиданд. Хеле сангин буд назар андохтан ба чеҳраи ғамгину чашмони маҳзунашон, ки ҳатто дили сангро об мекард.

Гоҳҳо ба назарам чунин мерасид, ки ин тӯдаи Одинаву Дохундаҳо буданд, ки тасвирҳои ҳузнангезро аз асарҳои гаронмояи устод Айнӣ дубора зинда мекарданд. Зери юғи Арбоб-Камолҳо қарор доштанду ба ҷуз наҷот ёфтан аз гуруснагӣ ва ҳуқуқи ночиз барои зинда мондан дигар орзуе дар дилашон намесабзид. Исми тоҷик дар ҷомеаи Русия бо мафҳумҳои «аробакаш», «фаррош», «коргари беҳунар» (ва ё ба истилоҳи дигар «сияҳкор», ки русҳо «чернорабочий» мегӯянд) сахт алоқамандӣ дошт. Гӯё дигар фаромӯш шуда буд, ки ин миллат дар рушди тамаддуни ҷаҳон бо нақши боризи фарзандони фарзонааш Синову Берунӣ, Фирдавсиву Хайём ва мисли ин такони ҷиддие додааст. Мардуми кӯчманчие, ки ба ҷуз саҳронишинӣ дигар шевае надоштанд аз ӯ савод, хат, ҳунар ва тиҷорат омӯхтаанд…

Имрӯз вазъи иҷтимоии тоҷикони муҳоҷир хеле тағйир ёфтааст. Онҳо дигар Одинаву Дохунда ва ё Равшану Ҷамшуд нестанд. Дар ҷомеаи кишварҳои хориҷӣ соҳиби мақому мавқеи устувор шудаанд. Агарчи то ҳанӯз дар васоити ахбори оммаи Русия аз рӯи одати дерин онҳоро аробакашу кӯчарӯб меноманд, (Дар ВАО-и Русия як одат ҳокӣ аст, ки агар як образ дар сархати ахбори онҳо қарор гирад, ба осонӣ аз он даст намекашанд. Аз ин рӯ ақоиде мисли ин, ки тамоми укроиниҳо пайравони бандера, тамоми тоҷикон аробакаш ва тамоми аврупоиҳо бадхоҳи русҳоанд, пайваста ба зеҳни мардуми рус талқин мешавад. ) бахши азими тоҷикон шаҳрвандии Русияро гирифта, соҳиби мағозаву тарабхонаҳо шудаанд ва ҳатто дар сохторҳои гуногуни давлатии Федератсияи Русия фаъолият доранд. Теъдоде аз онҳо аз корҷӯ ба корфармо табдил ёфтаанд ва на танҳо тоҷикон, ҳатто муҳоҷирони миллатҳои дигар ва мардуми бумиро низ бо кор таъмин мекунанд.

Аслан, истилоҳи «муҳоҷир» имрӯз дар зеҳнҳо ҳамоҳанг бо маҳфуми «беватан», «гуреза», «бекор» садо медиҳад. Дар аксари кишварҳои мутараққии ҷаҳон мутаассифона то ҳанӯз ба муҳоҷирон ба ҳайси як мушкилоте, ки ба сари ҷомеаашон бор шудааст, муносибат мекунанд. Бархӯрд низ бо ин қишри ҷомеъа аз эътидол зиёд хушунатомез аст ва сабабҳои асосии ин омил агар аз як ҷиҳат бо расму оини мардуми маҳаллӣ ба зудӣ хӯ нагирифтани муҳоҷирон бошад, аз ҷониби дигар воситаҳои ахбори омма ба оташи хушунату бадбинӣ равған мерезанд...

Вале… Як нуктаро бояд фаромӯш накард, ки имрӯз дар сайёра миллате ё давлате нест, ки мушкилоти муҳоҷиратро аз сар нагузаронида бошад. Тасаввур кунед, ки ИМА, Австралия ва Канада аз бузургтарин ва бойтарин кишварҳои дунё, тақрибан мардуми бумӣ надоранд ва беш аз 90-95% аҳолиашон муҳоҷронанд, ки ғолибан аз кишварҳои Авру-

по ҳиҷрат кардаанд.

Аз ҷониби дигар, агар мо ба таърихи муҳоҷирати халқҳои ҷаҳон назар афканем, худи кишварҳое, ки имрӯз аз ҳаракати анбӯҳи зиёди муҳоҷирон меноланд, ба авҷ гирифтани он сабаб шудаанд. Бубинед, ки имрӯз агар аксари муҳоҷирони Фаронса аз Африқо ва кишварҳои араб бошанд, ба Англия ҳиндуҳо, покистониҳо, афғонҳо, ба Федератсияи Русия тоҷикон, ӯзбекон, қирғизҳо, ба Амрико бештар африқоиҳо, эрониҳо, мексикоиҳо ва филипинҳо ҳиҷрат мекунанд. Чаро? … Ба ин хотир, ки нахуст намояндагони ин кишварҳо ба манотиқи муҳоҷиршаванда ҳамчун кишварҳои тахти нуфуз худ ворид шуда, ба онҳо забон ва фарҳанг худро таҳмил намудаанд ва ё ҳароина ба тарзи зист сиёсат ва иқтисодиёти онҳо таъсир расонидаанд. Вале мутаассифона вақте ки дар ВАО-и кишварҳои мутараққии ҷаҳон доир ба мушкилоти марбут ба муҳоҷират, таъсири он ба фарҳанги аҳолии бумии ин кишварҳо ҳарф мезананд, тарафи дигари масъала, яъне таъсири худи онҳо ба сиёсат, иқтисодиёт фарҳанги кишварҳои Шарқ, сарфи назар мешавад.

**Насли нав**

Ба сӯҳбати ду соҳибкори муваффақи тоҷик гӯш медиҳам: - Дар хотир дорӣ, - мегӯяд яке- чанд сол қабл чӣ гуна дар ҳавои сард ҳанӯз чашми рӯз накафида, дар китф бастаи матоъ ларзидаву ҳаросида ба бозор мерафтем? Метарсидем, ки милисае ё шаробзадаву нашъаманде пеши роҳи моро мегираду «доля» талаб мекунад. Бале, рӯзҳои сахт буданд,- тасдиқ мекунад ҳамсуҳбаташ,- садои «смотри, чурка идёт» аз ҳар ҷониб ба гӯш мерасид. Борҳо воқеъ шудааст, ки пулу моли бо ранҷи зиёд ба даст овардаи моро ғорат кардаанд…

-Ҳоло чӣ?- ба сӯҳбаташон ҳамроҳ мешавам. – Имрӯз

низ бархӯрди баъзе сохторҳои қудратӣ мисли пешин аст. Гоҳо бо ҳар баҳона шаҳрвандони моро боздошт ва депортатсия мекунанд, вале муносибати мардуми одии рус хеле тағйир ёфтааст, дигар бо лаҳни таҳқиромез ҳарф намезананд,- посух медиҳад ҳамсӯҳбатам.

Ҳамсафарам, раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар Қабодиён Муҳаммадаюби Шарифзода маро ба хонаи яке аз хешовандонаш даъват кард. - Зарурати меҳмонхона рафтан нест, - гуфт ӯ бо қатъият, - вагарна тоҷикони маҳал аз мо сахт меранҷанд. Чун соҳибхона бо кори заруре дар шаҳри Маскав қарор дошт, моро бародари ӯ Каримҷон, ки дар шаҳри Екатеринбург бо тиҷорат машғул буд, роҳбаладӣ мекард. Нахуст таваҷҷуҳи маро фарзандони хонадон, ки яке дар факултаи иқтисодии Донишгоҳи Екатеринбург ва дигаре ҳанӯз дар мактаб таҳсил мекарданд, ҷалб намуд. Онҳо сари дастархон бо як одоби хоси тоҷикона моро меҳмондорӣ мекарданд. Эҳсос мекардам, ки агар чӣ дар Русия бузург шудаанд, расму оини тоҷикиро фаромӯш накардаанд... Баъд аз ҳамсӯҳбат шудан бо ин ҷавонон, асрори ба таври мусбӣ тағйир ёфтани муносибати русҳоро ба муҳоҷирони мо дарк намудам. Ин ҷавонон насли нави тоҷиконанд, ки беҳтарин анъанаҳои миллии моро бо фарҳанги халқи рус омезиш додаанд. Забони русиро хеле хуб медонанд, аз таърих, тарзи зист ва фарҳанги халқи рус огаҳанд, вале дар замири худ тоҷик боқӣ мондаанд. Ин наслест, ки эҳтиром, одоб, расму оини тоҷикиро фаромӯш накардааст, вале аз маҳдудаи афкори қуруни вустоӣ, ки ҳанӯз дар мағзи иддае аз ҷавонони мо ғолиб аст, вораста, ҷаҳонбиниашон низ аврупоӣ шудааст.

Агар ба таърихи миллатҳое, ки мавриди таъқиб қарор гирифта, ба таври иҷборӣ рӯ ба муҳоҷират овардаанд, таваҷҷӯҳ намоем, ҳамин саргузашти талх, таҳқиру хушунатро аз сар гузаронидаанд. «Инсон мисли оҳан аст, ҳар

қадар ба обу оташ занӣ ҳамон қадар обутоб меёбад», - омадааст дар як масали русӣ. Агар мо ба сарнавишти мардуми африқоӣ, яҳудӣ, араб, ҳиндӣ ва ё арманӣ, ки рӯзгори аз мо сангинтарро паси сар намудаанд, мутаваҷҷеҳ шавем, дурустии масали боло собит хоҳад шуд. Агар даҳсолаҳо қабл, ин мардум ба хотири дарёфти қути лоямут ба кишварҳои Ғарб рӯ оварда буданд, имрӯз олами Ғарб аз фарзандони онҳо ифтихор дорад. Ашрофзодагони аврупоӣ ҳанӯз чанд сол қабл ҳатто тасаввур намекарданд, ки Барак Обамаи сиёҳпӯст президенти бузургтарин кишвари дунё Иёлоти Муттаҳида Амрико мешаваду Содиқ Хони покистонӣ мери шаҳри Лондон ва ҳар як навраси фаронсавӣ орзу мекунад, ки мисли Зиёмуддин Язид Зиддани алҷазоирӣ футболбози машҳури ҷаҳон шавад. Хушбахтона, имрӯз садои тоҷик на танҳо дар кӯчаву бозори Русия, балки дар Думаи Давлатӣ ва Академияи улуми Русия низ ба гӯш мерасад…

**Аз тоҷик будан ифтихор доранд…**

Дар хотир дорам, як бародар, ки соли 1994 бар асари ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистонро тарк карда буд, сарнавишти талхашро ба ман қисса кард: «Падарам субҳи сарди моҳи декабри солҳои навадум ба кор рафту дигар барнагашт. Ҳарчанд ҷустуҷӯ кардем, ғайр аз гумону тахминҳо, ки ҳадафи тири кадом нохалаф шудааст, дигар асарашро пайдо накардем. Модарам, ки рус буд, дигар роҳи наҷотро танҳо дар муҳоҷират ба Русия медид. Маҷбур шудем тақдирро ба таваккал ҳавола карда, ба ватани бобоии модар кӯч бандем. Ҳарчанд, ки беҳтарин ва рӯшантарин хотираҳои тифлиам бо Душанбе рабт доштанд, баъд аз беному нишон шудани падар дилам аз Душанбеи ҷангзада, ки садои ханда аз он рахт баставу танҳо навҳаи модарон ба гӯш мерасид, сард шуд. Чеҳраҳои шукуфтаи мардумро, ки бо ришҳои тоза тарошидаву атрзада, либосҳои тозаи авру-

пои̅ ва дар даст гулдаста ё китоб ба мулоқот ё меҳмони̅ мешитофтанд, дигар дар хоб медиди̅. Кӯчаҳои шаҳрро акнун одамони бадҳайбати ришдор, ки дар сар латтаҳои сабз баста, бо пакулҳои афғони̅, ё дар тан ҷомаву либосҳои варзиши̅ ва дар даст аслиҳаи маргбор доштанд, соҳиби̅ мекарданд.

Солҳои аввали зиндаги̅ дар хоки Русия, ҳадалимкон кӯшиш менамудам, ки ҳамсабақҳоям тоҷик буданамро эҳсос накунанд. Вақте мепурсиданд, ки чаро ному насабам мусалмонист, мегуфтам падарам тотор аст. Модарам шояд ин ҳолати маро дарк менамуд, ки пайваста таъкид мекард, ки падарат инсони наҷиб буд ва ифтихор дошт, ки аз насли Хайёму Ҳофиз аст, дар шарёни ту низ хуни тоҷики̅ ҷорист, ҳаргиз аз тоҷик буданат ор накун…

Хуб, - мегуфтам, вале вақте тоҷиконро дар кӯчаву бозорҳо медидам, ки чи̅ вазъи бад доранду, барои пайдо кардани як пора нон ба пасттарин кор омодаанд, чи̅ гуна мавриди таҳқир қарор мегирифтанду ҳатто аз ноилоҷи̅ садо баланд намекарданд, худро аз онҳо дур мекашидам. Чашмони ваҳ шатзадаву чеҳраҳои маҳзуни онҳо ба ҳамсояҳои душанбегиам, ки симои дилпуронаву чеҳраҳои хушбахт доштанд, ҳеҷ шабоҳате надоштанд.

Вале ҳарфҳои модар дуруст будаанд, ҳаргиз аслу насаби инсонро тағйир дода намешудааст. Оҳиста-оҳиста ҷавҳари тоҷики̅ дар ниҳоди ман ғолиб омад. Бо мардуми муҳоҷир дӯст шудам, дубора дарк намудам, ки бо вуҷуди ҳамаи сангиниҳои зиндаги̅ то кадом андоза дили софу меҳрубон доранд. Имрӯз, баръакс агар пурсанд, ки чеҳраи аврупои̅ дори̅ магар тотори̅, бо ифтихор мегӯям: «На, тоҷикам!»»

Имрӯз ҳамин истилоҳи «Ман тоҷик!» дар байни ҷавонони ҳаммиллати мо дар Русия мояи ифтихор шудааст. Дар шаҳри Перм ҷавононеро мушоҳида намудам, ки дар

пероҳанашон (футболка) навиштаҷоти «Союз таджиков Пермского края» (Иттиҳоди тоҷикони кишвари Перм) ба назар мерасид. Китоби бузургҳаҷмеро низ ба ман тӯҳфа намуданд, ки «Тоҷикони кишвари Перм» ном дошт ва муаллифаш публитсисти тоҷик буд. Ростӣ ин иқдоми ҳамватанон ба ман хеле таъсир кард. Агар ин одамони наҷиб ба таърихи миллат дар мусофират оғоз гузоштанд, решаи миллати тоҷик дар ғарибӣ низ ҳамеша сабз хоҳад буд…

**Коре кунем, ки эътибори миллиро паст назанем…**

Вақте ки дар фурудгоҳи Домодедово аз назорати гумрукӣ мегузаштем, як ҷавони тоҷик бо либоси варзишӣ, ки дар навбат меистод , оҳиста аз остини ман кашид:

– Ака,- бо авзои парешон ба онҳое, ки бо марзбонон ва кормардони гумрук суолу ҷавоб мекарданд, ишора намуда, пурсид ӯ,- ҳоло инҳо чӣ савол медиҳанд ва ман чӣ посух диҳам?

- Ҳеҷ душворӣ надорад, - ҷавоб додам ба ӯ, -мепурсанд, ки мақсади сафарат ба Русия чист, ҷавоб медиҳӣ, ки барои кор, таҳсил ё меҳмонӣ.

- Ба тоҷикӣ мепурсанд?

- Албатта не,- бо ҳайрат посух додам, - ба забони давлатии худашон, яъне русӣ ва ё забони байналмилалӣ – англисӣ…

-Ваҳ, Худо зад,- бо даҳшат гуфт ӯ, – охир ман забони русиро намедонам, чӣ ҷавоб диҳам. Маҷбур шудам дар коғазаке ба забони русӣ тахминан саволу ҷавоберо, ки дар хатти убури гумрук сурат мегирад, навишта диҳам…

Итминонон дорам, ки дар ҳавопаймое, ки ба шаҳрҳои марказии Русия парвоз мекунад, ҳатман ду-се нафар ҷавононе, ки комилан забони русиро намедонанд, сафар мекунанд. Шояд хонандаи азиз фикр кунад, ки ин мушкилоти худи ҷавон аст, ки забони русиро намедонад ва азобашро

низ худаш мекашад. Аммо… Агар амиқтар андеша ронем, бесаводии ҳамин гуна ҷавонон боис мегардад, ки муносибати мардуми рус нисбат ба миллати мо сард шавад ва образҳои Равшану Ҷамшуд ба саҳна оянд.

Чунин ба назар мерасад, ки мо барои ба муҳоҷират омода намудани ҷавонони тоҷик дар кишвар кори бояду шоядеро анҷом намедиҳем. Имрӯз зарурати ҷорӣ намудани меъёри ҳатмие, ки бояд сатҳи савод, огоҳ будан аз қонун, рафтор ва фарҳангу тарзи либоспӯшии ҷавононеро, ки ба муҳоҷират меравaнд муайян намояд, пеш омадааст. Дар ин замина, хуб мешуд илова бар касбомӯзӣ вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш як барномаи мукаммали давлатиеро роҳандозӣ намоянд, ки гирифта аз масъалаи забономӯзӣ то фарҳанги либоспӯшии ҷавононро фаро гирад.

Агар аз лиҳози фарҳанги либоспӯшӣ назар андозед, шинохтани ҷавонони мо дар Русия хеле осон аст. Аз чӣ бошад, ки чанд сол қабл либоси варзишӣ ва кроссовкаҳои тамғаи adidas (се хат) дошта ба либоси анъанавии муҳоҷирони мо табдил ёфта буд. Имрӯз шояд тамғаи ширкатҳои тавлиди либос каме тағйир ёфтаанд, вале боз ҳамон либосу кроссовкаи варзишӣ ҷавонони моро аз дигар миллатҳо «тарчеҳ » медиҳад. Пас чаро мо қонунеро ба тасвиб нарасонем, ки ба фурудгоҳҳо ворид шудани мардум бо либоси варзишӣ қатъиян манъ бошад.

Дар баъзе кишварҳои Ғарб ворид шудан ба муассисаҳои фарҳангӣ бо либоси кӯчагӣ ё варзишӣ ғайриимкон аст. Дар донишгоҳу мактабҳои мо низ низоми либоси донишҷӯ ё талабаи мактаб ҷорист, вале аз дигар тараф иҷоза медиҳем, ки бо ин гуна либосҳо озод ба кишвари аврупоӣ, ки маркази тамаддуни башар аст, сафар кунанду миллати моро бо ин навъ муаррифӣ намоянд…

**Тоҷикони Россия чӣ тавсия медиҳанд?**

Ҳангоми сӯҳбат бо роҳбари ҷамъияти тоҷикони Перм Хуршед Сайидов ба утоқи кории ӯ як нафар марди миёнсол ворид шуд:

- Шунидам, ки намояндагони ҲХДТ аз ватан омадаанд, мехостам чанд пешниҳодамро арз намоям,- гуфт ӯ бо табассум.

- Ин кас акаи Ҳуснидин, чанд сол аст, ки дар Русия аз пешаи ронандагӣ нон мехӯранд,- ӯро муаррифӣ намуд Хуршед Сайидов.

- Маълумоти олӣ надошта бошам ҳам, чун дар мактаби Шӯравӣ таҳсил кардаам, забони русиро хуб медонам, -ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд акаи Ҳусниддин,- вале ба ҷавонони имрӯза дилам месӯзад. Онҳо ҳатто одитарин ҳуҷҷатро пур карда наметавонанд. Маҷбур мешаванд, ки маблағҳои зиёд сарф намуда, баъзе ҳуҷҷатҳои заруриро бо дасти дигарон пур кунанд. Чӣ мешуд агар дар барномаҳои дарсии мактабҳои таҳсилоти умумии кишвар барои хатмкунандагон соатҳои иловагии пур кардани баъзе санадҳои муҳим, кортҳои миграционӣ ва ё патент ҷорӣ намоянд? Бубинед, - бо таассуф гуфт ӯ, - ҷавонони мо ба андозае бесаводанд, ки ҳангоми вуруд ба хоки Русия дар корти миграционии худ ҳадафи сафарашонро меҳмонӣ ва ё таҳсил менависанд. Баъдтар, вақте ки барои гирифтани иҷозаи кор ва ё патент ба Хадамоти федеролии миграционии Русия муроҷиат менамоянд, чун ҳадафи сафар дигар аст, ба онҳо иҷозаи кор намедиҳанд. Маҷбур мешаванд, ки дубора марзи Русияро дар самти Украина ё Қазоқистон убур намуда, корти миграциониро аз нав ба тарзи дуруст тартиб диҳанд. Тасаввур намоед, ки чи гуна вақту маблағи зиёд беҳуда сарф мешавад?

- Мушкили дигаре низ ҳаст, - илова мекунад Хуршед Сайидов, - агар дар мисоли шаҳри Перм бигирем, худи ҳа-

мин сол чанд нафар ҷавонони тоҷик аз рӯи квота барои таҳсил ба донишгоҳҳои ин шаҳр омаданд, вале қисм зиёди онҳо ба иллати надоштани саводи казоӣ ва надонистани забони русӣ, як сол ҳам таҳсил накарда, аз муассисаҳои олӣ хориҷ шуданд. Ҳам квота сӯхт, ҳам як соли донишҷӯён ба ҳадар рафт ва ҳам падару модарашон беҳуда маблағ сарф намуданд,- гуфт ӯ бо таассуф. Ба манфиати кор мебуд, агар қисми квотаҳоро байни фарзандони муҳоҷироне, ки дар мактабҳои Русия таҳсил менамоянд, аз тариқи имтиҳон тақсим мекарданд ва масъулияти иҷрои онро ба зиммаи Сафорати Тоҷикистон дар Федератсия Русия, консулгариҳо ва ҷамъиятҳои тоҷикон вогузор мекарданд.

Ба онҳо ваъда додам, ки баъд аз бозгашт ба Тоҷикистон ҳатман ин мавзӯъро дар саҳифаҳои ҳафтанома пайгирӣ хоҳам кард. Итминон дорам, ки вазорату идораҳои дахлдор низ нисбати ин пешниҳодҳо бетараф нахоҳанд буд.

**Ду дарси ибрат**

Ҳанӯз беш аз ҳазор сол қабл Одамушшуаро устод Рӯдакӣ фармуда буд:

*Ҳар, киномӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Ҳеҷ н-омӯзад, зи ҳеҷ омӯзгор.*

Дарвоқеъ, зиндагии инсон аз оғоз то ба анҷом омӯхтан будааст ва дар ин ҷода раҳнамо агарчи устод аст, махуфтарин дарҳои асрорро ҳароина мактаби зиндагӣ боз мекунад. Дар ин сафар ду сӯҳбат барои ман хеле хотирмон, балки ҳатто дарси ибрат буд, ки якеро ба ман пири солеҳу соҳибмаърифати гурҷӣ ва дигареро ҷавонони огоҳу соҳибдили тоҷик доданд…

Борҳо аз тариқи расонаҳо, пойгоҳҳои хабарӣ ва нақли муҳоҷирон шунидаам, ки дар мусофират душмани асосии тоҷикон худи тоҷиконанд, ки барои мақом, маблағ ва ё як шуғли ночизе ба сари ҳам теғи кина мекашанд, ба хоти-

ри шикаст додани якдигар аз хизмати гурӯҳҳои ҷинойии маҳаллӣ истифода мебаранд. Ҳатто дар яке аз сафарҳои худ шоҳиди моҷарои ду соҳибкор будам, ки яке дигареро таҳдид мекард: «Агар маблағи фармудаамро овардӣ хуб, агар не доғистониҳоро ба сарат меорам, сарборӣ «доля»-и онҳоро ҳам медиҳӣ».

Қазияи қабристони «Хованский» ва гирудорҳои Маркази савдои «Москва» аз маъруфтарин намунаи ин моҷарои соли ахир буд, ки тоҷикон бо истифода аз «хизмат»-и мафияи маҳаллӣ бар зарари худ оташи фитна ангехтанд…

Вале, вақте бо мардуми муҳоҷир аз наздик ошно мешавӣ дарк мекунӣ, ки байни онҳо муҳаббату иттиҳод ва дастгириву кӯмак бештар аз хушунату хиёнат аст, вале сад афсӯс, ки амали нохуш зуд паҳн мешаваду кори нек зуд фаромӯш. Мо журналистон низ кӯшиш менамоем, ки ба хотири хонданӣ шудани матлаби худ аз хиёнату ноҷавонмардӣ бештар ҳарф занем, вале ба навиштани амалҳои нек камтар таваҷҷӯҳ дорем. Андеша мекунем, ки агар воҳима камтар бошад, касе намехонад

Нахустин сабақе, ки омӯхтам эҳтиром ва муҳаббати ҷавонони тоҷик дар Екатеринбург, Перм ва Москва буд. Агар Худо накунаду ба сари касе мусибат ояд, фавран ҷамъ шуда маслиҳат мекарданд, ки чӣ кӯмак расонанд.

Маро қиссаи шаш нафар зане, ки бо яке аз хадамоти ватанӣ ба шаҳри Екатеринбург рафта, тӯли чанд моҳ бо маоши ночизе дар ширкати ветнамиҳо кор мекарданд, ба риққат овард. Тасаввур кунед, шаш зани бесаробони тоҷик, ки ба хотири сер кардани шиками кӯдакони худ тарки хонаву дар карда, ба муҳоҷират рафтаанду дар як моҳ беш аз 5000 рубли русӣ маош намегирифтанд, ки ҳатто ба буду боши худи онҳо дар мусофират намерасид. Ин бонувони сарсону овора маҷбур мешаванд, ки ба Консулгарии генералии Тоҷикистон дар Екатеринбург муроҷиат намоянд.

Сардори консулгарӣ Сафар Сафаров бо дастгирии соҳибкори тоҷик Бобоҷонов Раҳимҷон, ки тақрибан дар тамоми манотиқи Русия марказҳои савдо дорад, онҳоро бо шуғли муайян ва ҷои зист таъмин мекунад.

Бо вуҷуди он, ки синну сол ва маълумоту таҷрибаи ин модарон ба кори мо мувофиқат намекунад, ба хотири ҳамватан буданашон маҷбур шудем, ки ба кор қабул намоем ва қарзи роҳкирое, ки ширкати ветнамиҳо пардохта буд, бозгардонем, - мегӯяд директори маркази савдо Сайвалӣ Ҳоҷиев.

Борҳо шоҳиди он будам, ки аз якдигар мепурсиданд: «Ҳоли фалонӣ, ки дар роҳи Челябинск ба садама гирифтор шудааст, чи гуна бошад? Оё кумаке лозим аст?» Ва ё ба хотири ҳамватанашон будан зуд-зуд аз ман мепурсиданд: «ҳаво сард аст, мабодо хунук нахӯрдед?», «чи хизмат кунам, гурусна намондед?», «мошини ман ба хизмат тайёр аст, куҷо барам?» ва мисли ин…

Ман тақрибан ин ҷавононро намешинохтам, вале одамияту ҷавонмардиашон дар пояе қарор дошт, ки одамро ба ҳайрат меовард. Аз меҳрубониҳои онҳо хеле дар хиҷолат будем ва гоҳо мунфаилу шармсор мегуфтем «Хизмате барои Шумо анҷом надодем, заҳмат накашед», вале дар посух мешунидам, ки ҳамин аз ҳоли муҳоҷирон хабар гирифтанатон бузургтарин хизмат аст. Воқеан ин яке аз дарсҳои бузурги саховату ҷавонмардӣ буд, ки аз инсонҳои комили ба синну сол хеле ҷавонтар аз худ омӯхтам.

Сабақи дигар бардошт аз сӯҳбати вайберӣ бо актёри маъруфи гурҷӣ Вахтанг Кикабидзе буд, ки як соҳибкори гурҷӣ аз хешовандони ин одами наҷиб ба хотири эътиқод доштанам ба ҳунари асили ӯ ба ман фароҳам овард. Вақти сӯҳбат ҳунарманди шӯҳратёри гурҷӣ гуфт: «Ту ҳоло марди ҷавонӣ, аз хушиҳои зиндагӣ баҳраварӣ, вале чеҳраи хеле ҷиддӣ ва хаста дорӣ. Синни ман ба таки ҳаштод расидааст, даҳҳо бемории дорам, шояд аз умрам ҳам чору панҷе беш на-

мондааст, вале пайваста табассум мекунам. Ту ҳам табассум кун, ки таъби дигаронро хуш кунӣ. Агар дар олам ҳама сидқан табассум мекарданд, касе бемор намешуд, пир намешуд, садои шуми тиру тӯп ҳеҷ гоҳ ба гӯш намерасид…».

Нақшҳои офаридаи ӯро ба хотир меорам. Шояд сирри маҳбубияти ӯ байни мардум табассуми сеҳрнокаш буд, ки ба атрофиён рӯҳу тавон мебахшид, дили онҳоро ба зиндагӣ гарм мекард.

**Ҷое ки кор ҳаст, эҳтиром ҳаст**

Яке аз мушкилоти умдаи муҳоҷирони тоҷик дар Русия, ба таври бояду шояд роҳандозӣ нашудани ҳимояи ҳуқуқии онҳо аст. Имрӯз теъдоди зиёди ҷавонони тоҷик, ки бегуноҳанд ва ё ҷурми ночизе содир намудаанд, дар боздоштгоҳҳои пулиси Русия қарор доранд. Вале ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқи онҳоро ҳимоя кунад тақрибан вуҷуд надоранд ва ё бошанд ҳам аз фаъолияташон касе дарак надорад. Ҷамъиятҳои зиёди тоҷикон дар тамоми манотиқи Русия фаъоланд, вале ҷанбаи асосии фаъолияти онҳо бо дастгирии иҷтимоӣ ва таблиғи арзишҳои милливу баргузории маҳфилҳои фарҳангӣ маҳдуд шудааст. Дар рафти сафар бо муҳоҷирони зиёде мулоқот доштем, ки аз набудани ёрии ҳуқуқӣ шикоят мекарданд. Зимнан хеле хуб мешуд агар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо ҷамъиятҳои тоҷикони Русия сари ин масъала андеша мекарданд ва ба хотири ҳимояи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ҷамъиятҳои махсусе, ки иборат аз ҳуқуқшиносон ва ҳимоятгарони варзида аст, таъсис медоданд. Чунки ин масъала на танҳо заминаҳои ҳуқуқиву иҷтимоӣ, балки сиёсӣ низ дорад. Эътимоди муҳоҷирони тоҷикро нисбат ба сиёсати Давлат ва Ҳукумат тақвияти бештаре медиҳад.

Дар рафти сафар шоҳиди он будем, ки дар манотиқе, ки намояндагии расмии Тоҷикистон фаъол аст, то кадом

андоза муҳоҷирон эҳтиром ба Давлату Ҳукумат доранд ва гурӯҳои манфиатдори сиёсиву иртиҷоие, ки ҳадафашон зидди сиёсати давлат ангеза додани муҳоҷирон аст, таъсирашон ночиз...

Дар шаҳри Перм роҳбари ҷамъияти тоҷикони Приволжие Одинаев Сайфиддин ва ҳамтои ӯ роҳбари ҷамъияти тоҷикони Перм Сайидов Хуршед нақл карданд, ки чанд нафар намояндагони муҳоҷирони тоҷик ба хотири мулоқот бо Сардори консулгарии генералии Тоҷикистон ва ҳалли баъзе мушкилот ба шаҳри Екатеринбург меоянд. Вақте онҳо вориди бинои консуланрӣ мешаванд, нафареро мебинанд, ки барои омода кардани ҳуҷҷат ба муҳоҷирон кӯмак мекард. Чун ба фаросат дармеёбанд, ки корманди консулгарӣ аст, аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки то уттоқи Сардор онҳоро раҳнамоӣ кунад. Он шахс бо шӯхӣ мегӯяд, ки аз дидани Сардори консулгарӣ ба шумо чӣ манфиат ва хоҳиш мекунад, ки андаке таҳаммул кунанд, то ӯ корашро ба анҷом расонад. Меҳмонон ноҳинҷор мешаванд ва андаке бо лаҳни дурушт мегӯянд, ки аз роҳи дур, шаҳри Уфа омадаанд, наход як хоҳиши кӯчаки онҳоро иҷобат кардан ин қадар душвор бошад?

Мард аз онҳо узрхоҳӣ мекунад ва ба уттоқи кории Сардор даъват намуда, бо табассуми малеҳ мегӯяд: «Ман Сафар Сафаров, сардори консулгарӣ, бори дигар узр мепурсам, ман надонистам, ки шумо меҳмон ва аз роҳи дур омадед». Намояндагон баъд аз баргаштан, нақл мекунанд, ки мо гумон намекардем, ки як роҳбари соҳибмақом, мисли як корманди оддӣ ба муҳоҷирон барои таҳияи ҳуҷҷат шахсан ёрӣ мерасонад. Мушкили моро низ ба зуддӣ ҳал кард. Хеле хиҷолатзада будем ва аз шарм наметавонистем, ки ба рӯяш нигоҳ кунем.

Дар аксари мулоқотҳое, ки бо муҳоҷирон доштему, сардори консулгарӣ бо вуҷуди серкор буданаш моро

ҳамроҳӣ мекард, муҳоҷирон ӯро бо чеҳраи кушод ва эҳтироми хосса истиқбол мегирифтанд. Шояд фаъолияти хуби Консулгарии Генералии Тоҷикистон дар Екатеринбург буд, ки мо дар сӯҳбату мулоқот бо муҳоҷирон як ҳарфи эътироз нашунидем…

*Душанбе, с. 2016*

## КӢ ОТАШ МЕЗАНАДУ КӢ ҲЕЗУМ МЕКАШАД…

Чанд соли ахир аст, ки ҷаҳони Ислом дар оташу ҷангу хушунат аланга мезанад. Миллионҳо нафар мардуми осоиштаи кишварҳои мусалмоннишин, ҳатто занону кӯдакони бегуноҳ, ки комилан ба сиёсату диёнат ҳеҷ гуна иртибот надоранд ба иллали бозиҳои геополитикӣ, геостротегӣ ва геоиқтисодии кишварҳои абарқудрат ба хун оғушта мешаванд ва ё хонаву дар, ҳаёти орому осоиштаи худро аз даст дода, ба ҳукми барда ба кишварҳое, ки ҳаргиз эшонро ба ҳайси як шаҳрванди комилҳуқуқи худ қабул нахоҳанд кард, муҳоҷир мешаванд.

Банда сари навиштани ин мақола хеле андеша кардам. Агар бо рамзу ишораву маҷоз чизе бинависам шояд навиштаҳо боз норӯшан монанд. Агар ошкоро ҳарф занам мабод, ки ба сард кардани муносибатҳои дипломатӣ бо баъзе кишварҳо муттаҳам кунанд. Вале чи илоҷ, ки имрӯз дар сиёсати бузург забони дипломатия аз забони воқеият ва ҳақиқат фарсаххо дур аст. Пас дуруст ин аст, ки аз ҳақиқат ҳарф занем…

Биёед назар меафканем ба 20-30 соли пеш, ки мардуми мусалмон дар манотиқи араб чӣ гуна ба сар мебурданд. Дар Ироқ мардум аз лиҳози иҷтимоӣ комилан бениёз буданд. Мактабу боғчаҳои кӯдакона, беморхонаҳо комилан рой-

гон дар хизмати мардум қарор доштанд. Сӯзишворӣ ига иол рамзӣ ба фурӯш бароварда мешуд. Хонаҳои истиқоматии бисёрошёна дар шаҳрҳои бузург ба мардум аз ҷониби давлат тақдим карда мешуданд. Дар Либия бошад дар давраи ҳукмронии Муаммар Қаззофӣ барои ҳар узви оила давлат ҳамасола 1000 доллар ёрии пулӣ (дотатсия) мерасонид. Маоши ҳамшираи шавқат 1000 долларро ташкил медод, бекорон бошанд ҳар моҳ 730 доллар кӯмакпулӣ мегирифтанд. Ба ҳар як кӯдаки таваллудшуда аз ҷониби давлат 7000 ва барои навхонадорон 64000 доллар барои харидани хона тақдим мешуд. Таҳсил, табобат, барқ, об ройгон, 50% арзиши автомобилеро, ки шаҳрванд мехарад, аз ҷониби давлат пардохт мешуд. Дар Сурия мардуми мусалмон, масеҳӣ, язидӣ ва алавӣ дар як кӯча зиндагӣ мекарданд ва бо ҳам ҳеҷ ихтилофе надоштанд. Паҳлӯи масҷиди мусалмонӣ калисои масеҳӣ қарор дошт ва мардуми дину мазҳаби гуногун баъд аз ибодат дар як қаҳвахона паҳлӯи ҳам нишаста, аз як финҷон қаҳва менӯшиданд.

Дар давраи Саддом Ҳусейн масеҳиҳо дар яке аз хиёбонҳои бонуфузӣ Бағдод зиндагӣ мекарданд. Ториқ Азизи масеҳӣ (номи аслиааш Микоил Юҳанна) шахси дуввуми давлат ва яке аз наздиктарин дӯстони Саддам буд.

Вале бубинед, ки имрӯз ин мардум дар чи ҳол қарор дорад? Дар ободтарин шаҳру рустоҳои ин кишварҳо, ки ҳанӯз аз дасти ДОИШ ба коми оташ нарафтааст, муаллим, духтур ва ё муҳандис, ки 20-30 сол қабл маошашон бо ҳазорҳо доллар баробар буд, баъд аз вазидани «насими гуворои» «Баҳори араб» 2-4 доллар мегиранд, ки ҳатто қути лоямут намешавад…

Суол ин аст, ки бар ивази «зулму истибдод»-и Саддомҳову Қаззофиҳо, ки шароити беҳтаринӣ зистро барои мардумашон фароҳам оварда буданд, кӣ «озодиву демократия»-и ҳамоҳанг бо қатлу куштор ва гуруснагиву нодо-

риро ба сари ин мардум таҳмил кард?

Аксарият бар ин андешанд, ки ин як нақшаи тарҳрезишудаи олами ғарб аст, ки ҳадафҳои геополитикии худро дар ин кишварҳо новобаста аз қурбониҳои зиёд пиёда месозанд. Як зумра ҳадс мезанад, ки аслан пояҳои ин ҷангу хунрезӣ бар ҳадафҳои геоиқтисодии кишварҳои ғарб буда, то нафт ягона захираи стратегии кишварҳои араб боқӣ мемонад, ҳеҷ гоҳ мардуми азияткашидаи ин кишварҳо рӯи сулҳу оромиро намебинанд. Бахши дигаре аз коршиносон инро идомаи «юриши салибӣ» мешуморанд, ки садсолаҳо қабл аз ин олами шарқро ба хуну хок кашида буд ва имрӯз дар шакли дигар роҳандозӣ мешавад. Иддае инро ба тарзи зист ва расму оини мусалмонон ҳавола мекунанд ва ҷор мезананд, ки «аслан ҳар куҷое мусалмон ҳаст, ногузир аз ҷангу хунрезӣ ва террор пайгирӣ мешавад»…

Ва воқеан ҳам фарзияи сеюм, ки шояд нисбатан омиёна ҳам бошад, шахсро ба андеша водор месозад: Агар мардуми мусалмон майл ба ҷангу хунрезӣ надошта ига иол ҳанӯз аз асорати иделогии асри миёна раҳо наёфта бошад оё қуввае ё қудрате метавонад, ки дар қарни 21 онҳоро водор созад то ватан, таъриху фарҳанг, расму оини ҳазорсола ва ҳатто волидайн ва бародару хоҳари худро ба хоку хун яксон созад? Ҳаргиз!

Коргардонҳое, ки тарҳи ин хунрезиҳоро дар олами шарқ мекашанд, хислати актёрони «соҳибистеъдод»-и ин саҳнаҳои мудҳишро хуб омӯхтаанд ва медонанд, ки ҳама кор дар доираи «сенария»-ҳои матраҳнамудаи онҳо сурат мегирад.

Биёед бидуни хотирбинӣ ба нақши баъзе аз кишварҳои ба истилоҳи аврупоиҳо Шарқи наздику миёна дар минтақа аз зовияи диди ҳақиқат назар афканем. Кишварҳои нисбатан пуриқтидору пешрафтаи Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Туркия ва Покистон оё кореро анҷом

додаанд, ки боиси пешгирии ҷангу хунрезӣ дар минтақа шавад ва ё баракс ба оташи ҷанги ин кишварҳо, ки аловмони асосӣ кишварҳои ғарб будаанд, ҳезум кашидаанд?

Агар ба сиёсати чанд даҳсолаи ахири ин кишварҳо назар афканем аксари ин кишварҳо шарикони стратегии ИМА будаанд.

Чанде қабл Президенти ИМА Барак Обама ба лоиҳаи қонуне, ки аз ҷониби сенат ва конгреси Амрико ҷонибдорӣ шуд, аз салоҳияташ истифода намуда, «вето» (рад) гузошт. Қонуни мазкур дар ҳоли қабул гардидан ба оилаҳо ва шаҳрвандони аз террор ҷабрдидаи Амрико имкон медод, ки аз кишварҳои пуштибони терроризм ҷуброн талаб кунанд. Шояд суоле ба миён ояд, ки ин қонун ба фаъолияти Обама ҳамчун Президент чӣ халале ворид месохт? Ин ҷо «сир» дар он аст, ки дар ҳоли қабул гардидани қонуни мазкур, нахуст Арабистони Саудӣ мавриди ҳадафи даъвогарони ҷубронталаби амрикоӣ қарор мегирифт, ки ба муносибати стратегии ҳарду кишвар латма мезад. Пас Барак Ҳусейн Обама, ки инро худ низ таъйид намуд, бо зид бaромадан алайҳи қабули ин қонун ошкоро иқрор кард, ки Арабистони Саудӣ кишвари пуштибони терористон аст.

Гузашта аз ин, чанде қабл дар яке аз бонуфузтарин рӯзномаҳои ИМА «Ню-Йорк Таймс» (New York Times) мақолаи вазири корҳои хориҷии Эрон Ҷавод Зариф ба нашр расид, ки дар он муаллиф кишварҳои ғарбро дар бозиҳои сиёсии Арабистони Саудӣ шарик меҳисобад. Ӯ дар мақолаи худ таъйид намудааст, ки тавре баъзе аз расонаҳои ғарбӣ ва Арабистони Саудӣ таблиғ менамоянд имрӯз мушкилӣ ва ё ҷанг байни сунъимазҳабон ва шиамазҳабон вуҷуд надорад. Балки ин ваҳобия аст, ки ба тамоми «муртадон» ; масеҳиён, язидиҳо, шииён ва бахусус суннимазҳабоне, ки бештар аз ҳама бори ҷабру зулми эшонро таҳаммул намудаанд, ҷанг эълон кардааст. Ӯ тамоми қувваҳои иртиҷоӣ,

аз ҷумла «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Ал-Қоида», «Толибон», «Бокуҳарам», «ДОИШ» ва мисли инро шохаҳои ваҳобия медонад ва аз он ҳушдор медиҳад, ки аз тағйири ном кардан инҳо ҳеҷ гоҳ «мӯътадил» нахоҳанд шуд: «Аз ҳамлаи терористии 11 сентябр то кунун ваҳобияти ҷангталаб чанд бор тағйири чеҳра дода, аммо дар идеология ва машйи (ҳадафи) бунёдии он тағйире ҳосил нашуда…» Балки ин боз як фиреби навбатии Арабистони Саудӣ ва пуштубони ӯ аз он сӯи укёнус аст, ки «мехоҳад баъзе давлатҳои ғарбиро васваса намояд, то аз ин ба истилоҳ «мӯътадилон» ҳимоят намоянд».

Муаллиф дар фарҷоми мақолааш аз кишварҳои ҷаҳон даъват менамояд: «Ҷаҳон дигар наметавонад наззорагари куштори на танҳо масеҳиён ва шииён, балки суннихо тавассути ваҳобиҳо бошад. Дар шароите, ки ошӯб бахши зиёде аз Ховари Миёнаро фаро гирифтааст, ин хатари бузург вуҷуд дорад, ки чанд нуқтаи босуботи боқимонда низ дар даргирӣ байни ваххобият ва аҳли суннат дучори бесуботӣ гардад».

Нуктаи ҷолиби дигар дар мақола ин аст, ки Ҷавод Зариф пешниҳод менамояд, ки дар ҳамоҳангӣ бо Созмони Миллали Муттаҳид қатъи дастгирии молӣ аз гурӯҳҳои радикалии моил бар нафрат ва ифрот ба роҳ монда шавад.

Шояд сад дар сад бо гуфтаҳои Ҷавод Зариф ҳамфикр бошам. Вале, ин ҷо як чиз маро ба таҳаммул водор месозад, хонандаи азиз. Оё Ҷумҳурии Исломии Эрон худ то куҷо дар ин масир тасмим гирифта метавонад? Тавре, ки ҷаноби Вазири корҳои хориҷии Эрон даъват намудааст, яъне аз дастгирии молии созмонҳои «мубтанӣ бар нафрат ва ифрот» метавонад ҷилавгирӣ бикунад?

Ҳанӯз аз гӯшҳои мардуми хонабардӯшшудаи тоҷик садоҳои «Золимин, золимин марг ба найрангатон! Хуни шаҳидони мо, мечакад аз чангатон!» ва ё «Ваҳдаҳу, ваҳ-

даҳу ваҳдаҳу ваҳдаҳ! Ло шарик, ло шарик, ло шарика лаҳ!», ки фазои майдонҳои солҳои 90 пойтахтро фаро гирифта буданд, фаромӯш нашудааст. Ин шиорҳо аз эҷодиёти майдоннишинони тоҷик набуд, балки ҳамон нидоҳои «Амрико, Амрико марг бе найранге ту! Хуни шаҳидоне мо мичакад аз ҷанге ту!» буд, ки дар хиёбонҳои Теҳрон садо медод ва бо «дасти сабук»-и баъзе рӯҳониёни сиёсатмадор ҳадафмандона ба майдонҳои мо таҳмил шуд. Мутаассифона имрӯз низ чанде аз «майдонмардон»-и ҷабҳаҳои ҷангу куштори кишвар дар баъзе доираҳои Эрони бародар пуштибонӣ мееёбанд ва бо умеди рӯзи ошӯб дар ин сангар гирифтаанд.

Ҳайҳот, ки сиёсати кишварҳои мусалмонии минтақа ба дараҷае печида ва манфиатхоҳии онҳо то андозае бар пояҳои нафс қарор гирифтааст, ки ба гумон аст то чанд соли дигар сулҳу оромӣ дар мамолики шарқ пойдор гардад. Агар ҳар яке аз ин давлатҳои бозигари минтақа ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва мазҳабии худро новобаста аз зарари ҳамсоякишварҳои худ пиёда созанд, баръакс оташи ин ҷанг бештару баландтар аланга хоҳад зад.

Биёед сари ин маънӣ андеша ронем. Чаро Арабистони Саудӣ ва Туркия амнияти Сурия ва сари қудрат будани Башор Асадро намехоҳанду ИМА тасмими ин ду кишварро ҷонибдорӣ менамояд ва ё чаро Эрон баръакс аз сиёсати Башор Асад дастгирӣ менамояду Русия низ бо он ҳамоҳанг аст. Чаро? Шояд ба ин хотир, ки Башор Асад алавии шиамазҳаб асту, Эрон аз ӯ пуштибонӣ дорад, вале Туркияву Арабистони Саудӣ мухолифанд? Ба гумон… Башор Асад аслан як шахси секулёрӣ (дунявӣ) буда, дар литсейи арабиву фаронсавӣ таҳсил кардааст ва баъд аз хатми донишгоҳ ҳатто дар беморхонаи Марями Муқаддаси (!) шаҳри Лондон таҷриба омӯхтааст. Шахси хеле таҳаммулпазир асту бо ҳамаи дину мазҳабҳо муносибати баробар дорад. Русия

низ, ки мусалмононаш ғолибан суннимазҳабанд ҳаргиз ҷонибдори ихтилоф бо ин қавм нест.

Сababи ин даргириҳоро яке аз журналистони шинохта ғарб Уильям Энгдаль хеле хуб шарҳ додааст. Ӯ дар яке аз мақолаҳои худ «Муоҳидаи махфии амрикоиву саудӣ доир ба Сурия ва ҷанги лӯлаҳои нафту газ» менависад, ки соли 2009 бо луқмаи Вашингтон ва Ар-Риёз, Қатар ба Башор Асад пешниҳод кард, ки аз кони истихроҷи гази «Шимолӣ» (воқъ дар Қатар) тавассути Сурия ба Туркия лӯлаҳои газ гузаронида шаванд. Башор Асад хуб медонист, ки ин шартномаи ба назар иқтисодӣ аслан сифр сиёсӣ аст ва метавонад, ки ба манфиатҳои шарикони стратегиаш Эрон ва Русия зарба занад. Аз ин лиҳоз ӯ ба Қатар ҷавоби рад дода, баръакс соли 2011 лоиҳаи Эрон-Ироқ-Сурияро ҷонибдорӣ намуд, ки кашидани лӯлаи газро аз кони истихроҷи гази «Форси Ҷанубӣ»-и ҶИЭ дар назар дорад. Ҳамин иқдом косаи сабри ИМА ва шарикони ӯро лабрез кард ва боис гардид, ки дар Шарқи наздик оташи ошӯбу фитна аланга занад.

Чаро? Чаро, ки Вашингтон мехост гази Қатар ва нафти Ар-Риёзро аз тариқи Сурия ба Туркия интиқол диҳад ва ба ҳамин минвол вобастагии энержии аврупоро аз «Газпром»-и Русия коҳиш дода, бо як тир ду нишон занад. Яъне аз як ҷониб ба иқтисодиёти Русия, ки солҳои охир «ҷоҳталабӣ» (имперские амбиции) дорад зарбаи ҷонкоҳ занад ва аз дигар тараф тавассути кишварҳои таҳти тассалуташ дар Шарқи Наздик бозори энержии аврупоро таҳти контрол гирад. Инчунин, суқути режими Суриё ва ба минтақаи ноамн табдил ёфтани кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бо Русия ҳамсарҳаданд низ ба манфиати ИМА аст. Пас муқовимати ИМА ва Русия дар Суриё, ки рӯз то рӯз шиддат мегирад ба истилоҳе муборизаи маргу зиндагист.

Вале…Чаро Ар-Риёз, Анқара, Доҳа, Теҳрон, ки такя-

гоҳ ва ба қавле соҳиби «зиндаву мурдаи» мусалмононанд ба ҷои пешгирӣ аз ин ҷанги мусалмонкуш ба оташи он равған мерезанд? Бубинед, ки дар натиҷаи ин даргириҳо қадимтарин шаҳру русто, нодиртарин ёдгориҳои таърихи башарият, ки аз ҳазорсолаҳо то ба мо бегазанд расидаанду нишоне аз таъриху фарҳанги миллати араб маҳсуб мешаванд, дар кӯтоҳтарин фосилаи таърихӣ бебозгашт ба хок яксон шудаанд. Имрӯз араб бо дасти дигарон на танҳо падару модар ва зану фарзанди худ, балки мероси гаронбаҳои ниёкон, хотираи таърихии хешро маҳв месозад. Наход танҳо ба хотири нафс? Нафсе, ки олудаи нафту хун аст…

Таърих ин ҳофизаи миллат аст. Миллате, ки таърих, яъне ҳофизаи худро аз даст дод, дигар ба як қавм ё қабилае табдил меёбад, ки он ҳарчи хоҳанд, хоҳанд кард…

Дар ин қазия мояи ҳайрат ин аст, ки ин кишварҳои соҳибфатвои минтақа ба хотири чанд «пайсадоллар» хонаи худро оташ зада истодаанд, ки ҷурмаш аз зулми абарқудратони ҷоҳталаби ғарб ҳазор раҳ бештар аст. Беномусӣ, дуруягӣ ва беимониро то ба ҳадде расонидаанд, ки ба хотири «қонунӣ» кардани ин ваҳшоният аз номи Худованд фатво медиҳанд. Оё онҳо аз ояҳои раббонии : «Ва ҳаргиз дар замин пас аз он ки корҳои он назму салоҳ ёфт ба фасод ва табоҳкорӣ барнахезед, ва Худойро ҳам аз роҳи бим ва ҳам аз рӯи уммед бихонед, ки албатта раҳмати Худо ба накӯкорон наздик аст» (сурраи 7, ояти 56) нахондаанд?! Ва ё ба каломи раббонӣ ҳеҷ имон надоранду алайҳи ин фармудаҳои Худованд даст ба куштору табоҳкорӣ мезананд?!

Феълан Арабистони Саудӣ ва Эрон, ки кишвари аз лиҳози иқтидори ҳарбӣ дар минтақа нисбатан тавоно маҳсуб мешаванд, дар ду ҷабҳа муқовимат доранд: дар Сурия ва Яман. Дар Сурия Арабистони Саудӣ пуштубони мухолифин аст, вале Эрон ҷонибдори Башор Асад, пре-

зиденти қонунии Сурия. Дар Яман бошад баръакс Эрон ҷонибдори мухолифони ҳукумат, вале Арабистони Сауди ҷонибдори Президенти Яман. Ин муқовиматро кайҳо дар Ғарб ба истилоҳи англисӣ «a proxy war» унвон кардаанд, ки маъноящ «ҷанги супоришӣ» аст.

Агар имрӯз ин кишварҳои қудратманди мусалмонӣ бо «супориш» ба сари якдигар шамшер мекашанду бедареғ хуни якдигар мерезанд, пас **Созмони конфронси исломӣ** (Organization of Islamic Conferences – соли 1962 дар Работ (Мароканд) таъсис ёфта, имруз 57 мамлакати дунёро муттаҳид намудааст. Яке аз ҳадафҳои асосиаш дастгирии сулҳ ва амнияти кишварҳои мусалмонӣ), **Конгресси умумиҷаҳонии исломӣ** (КУИ – *соли* 1926 *таъсис ёфта*, *аз соли* 1949 *фаъолият дорад. Намояндагони* 36 *мамлак*атро мутаҳҳ*ид менамояд. Дорои марказҳои тадқиқотӣ ва ВАО аст),* **318ига иолами ислом** *(ЛОИ*- соли 1962), **Шӯрои аврупоии исломӣ** (*ШАИ- соли* 1973, 12 *мамлакати Аврупо шомиланд*) ва мисли ин созмонҳои исломӣ, ки ҳадафи аслиашон пойдории сулҳу оромӣ ва рушди муназзами кишварҳои мусалмонист, бо чӣ кор машғуланд? Наход аз ин қадар куштору хунрезӣ, ба хок яксон шудани қадимтарин шаҳрҳои таърихӣ, сарсониву парешонии милионҳо мусалмонон пинакашон вайрон нашавад? Пас, оё аз он ки ин ҷанобон ҳамасола чанд маротиба дар анҷуманҳо ҷамъ мешаванду ришу дастор меҷунбонанд, ба миллионҳо мардуми мусалмон суде ҳаст? Афсӯс, ки не!

Хеле ва хеле нигароникунанда аст, ки садои ин ошӯбу фитнаҳо рӯз то рӯз ба сарҳади кишварҳои Осиёи Марказӣ наздик мешавад. Ҷангиёни радикалие, ки имрӯз дар Сурия таҳти таъзиқи эътилоф (Русия, Эрон ва Сурия) қарор доранд, ба Афғонистон кӯч мебанданд. Байни сарҳади Покистон ва Афғонистон марзе бо унвони «минтақаи қабилаҳои озод» мавҷуд аст, ки таҳти контроли ягон давлат

қарор надорад ва қувваҳои номбурда онро ба истеҳкоми мустаҳками ҳарбӣ табдил додаанд.

Имрӯз пӯшида нест, ки гурӯҳҳои толибон ва ДОИШ бо дастгирии эътилофи зиддитеррори кишварҳои ғарб аз ҳамин минтақа ба шимоли Афғонистон интиқол дода мешаванд, ки ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ хатар эҷод мекунад.

Агар ба таърихи башарият назар афканем, ҷангҳои диниву мазҳабӣ аз даҳшатноктарин бархӯрдҳо маҳсуб мешуданд. Собит шудааст, ки агар оташи ҷанг дар ин замина аланга гирад, пешгирии он хеле мураккаб аст ва он базудӣ паҳн шуда, тару хушкро ба комаш мекашад.

Пас дастандаркороне, ки дар Вашингтон, Ар-Риёз, Доҳа ва ё Анқара нишастаанду таълимоти ваҳобияро аслиҳаи худ интихоб кардаанд, бояд чашми худро боз кунанд ва аз лӯлаҳои газу нафти худ дуртарро бубинанд. Вагарна рӯзе дарк хоҳанд кард, ин тухми фитнае, ки киштаанду бо хуни мардуми бегуноҳ об медиҳанд, ҳосили марги онҳоро хоҳад дод. Вале афсӯс, ки дер хоҳад шуд…

*Душанбе, с.2015*

## ЧАРО МО УСУЛИ БУТЕЙКОРО ЭЪТИРОФ НАМЕКУНЕМ?

### ва ё бардоште аз мусоҳиба бо беморone, ки бо ин усул шифо ёфтаанд

Ҳар ибтикори нав дар оғоз ба зиддияти сангин мувоҷеҳ мешавад. Шояд табиати инсон ҳамин бошад, ки ба чизи урфӣ ва суннатӣ сахт меҳр мебандад ва падидаи нав бо ҳама бартарияш барояш чизи бегона аст ва онро ба ҳеҷ ваҷҳ қабул надорад. Вале як чиз мусаллам аст, ки бидуни навоварӣ ва таҳаввулот дар илму афкор пешравии ҷомеа

ғайриимкон аст. Бахусус имрӯз, дар замони рушди бесобиқаи технологияҳои иноватсионӣ, ки ҳар дақиқа чизи наве ихтироъ мешавад ва ҷои чизи кӯҳнаро мегирад…

Агар мо ба таърихи миллати худ назар афканем дарк мекунем, ки баъзе амалдорону рӯҳониёни сарсахт то кадом андоза рӯзгори олимон ва ихтирокоронеро, ки баъдтар офаридаҳояшон барои рушду пешравии тамаддуни ҷаҳонӣ хизмати хеле назаррас анҷом додааст, талх кардаанд. Ҳаёти бузургоне мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Берунӣ, Розӣ ва Камоли Хуҷандиро ба хотир овардан кифоя аст, ки якеро дар чашм мил кашидаву дигареро кофар эълон кардаанд ва савуми дур аз Ватан дар ғурбату муфлисӣ порае хишт зери сар ҷон ба Ҳақ таслим кардааст…

Вале қаҳрамони мақолаи банда аз табори бузургоне нест, ки шояд дар риштаи илм кори ҷаҳониеро анҷом дода бошад. Балки як табиби оддист, ки мехоҳад бо усули нав, яъне бидуни истеъмоли доруи зиёд маризонро табобат кунад. Дар бораи ӯ қабл аз ман ҳам дар рӯзномаҳо мақолаҳои зиёд навиштаанд ва дар шабакаҳои мухталифи телевизионии кишвар барномаҳо пахш кардаанд. Аммо ҳеҷ не, ки мушкилаш осон шавад... Чаро?

Барои он, ки ин усули табобат комилан аз усули табобатии тибби суннативу замонавӣ тафовут дорад- мегӯяд ҳамсӯҳбати ман Мирзоқурбон Ҳамдамов. Бубинед, ки имрӯз дар ҳар як шаҳру навоҳии кишвари мо садҳо аптекаҳои доруфурӯшӣ амал мекунанд. Гардиши рӯзмарраи дору ба миллионҳо сомонӣ мерасад. Агар ин доруҳо фоида мекарданд оё кори доруфурӯшон рӯз то рӯз ривоҷ меёфт? На!

Пас Шумо чӣ пешниҳод доред?- мепурсам аз ӯ. Ӯ ишорачӯбро (указка) гирифта назди лавҳае меравад, ки дар он рақамҳои барои ман номаълум сабт шудаанд: - Усуле, ки ман пешниҳод мекунам ихтирои ман нест, балки

методи профессор Константин Павлович Бутейко аст, ки имрӯз дар кишварҳои мисли Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Русия ва ҳатто Чин, ки бо тибби суннатии худ ифтихор дорад, маъмул аст. Имрӯз дар Британияи Кабир аз рӯи ин усул мутахассис тайёр мекунанд. Муаллифи ин усул профессор Бутейко собит намудааст, ки усули дурусти нафаскашӣ дар организми инсон таносуби кислород ва гази карбонро ба танзим медарорад. Яъне кислород бояд 4-4,5% ва гази карбон 6-6,5 % бошад. Бубинед, ки саг дар як дақиқа 40 маротиба, инсон 15-17 маротиба ва сангпушт 1-3 маротиба нафас мекашанд. Мутаносибан саг 20 сол, инсон 70-80 сол ва сангпушт то 500 сол умр мебинад. Вақти зуд-зуд ва ё чуқур нафас кашидан мо гази карбонро аз бадан хориҷ мекунем, ки ба ихтилоҷи рагҳои хунгард (спазма) ва нарасидани кислород сабаб мегардад.

Мирзоқурбон Ҳамдамов табиби соҳибдиплом аст, солҳои тӯлонӣ дар бемористонҳои шаҳри Хуҷанд фаъолият намудааст. Ӯ нақл мекунад, ки ҳангоми табобати беморон ҳолатҳоеро муоина менамуд, ки ёфтани илоҷи он дар тибби муосир ғайриимкон буд. Ӯ ба суолҳои худ пайваста посух меҷуст, вале бенатиҷа. Тасодуфан мақолаеро дар бораи фаъолияти К.П. Бутейко дар рӯзнома қироат мекунад ва бо ин шахси шинохта дар тамос мешавад. Бутейка ба суолҳои ӯ посухи дуруст медиҳад ва ӯро барои таҳсил ба шаҳри Новосибирск даъват мекунад. Ҳамин тавр соли 1983 баъд аз мулоқот бо Константин Павлович Бутейко тасаввуроташ дар мавриди усулҳои табобати муосир комилан тағйир меёбад. Мирзоқурбон Ҳамдамов имрӯз дар кишвари мо ягона табиб аст, ки барои бо усули Бутейкои машҳур табобат кардан иҷозатнома дорад.

Ба Маркази эҳёи солимии «Ҳамдам» ворид мешавам. Маркази мазкур дар як гӯшаи шаҳри Хуҷанд, дар назди бозори ба истилоҳи мардум «микрорайони 34» дар бинои

якошёна воқеъ буда, аз чанд утоқи корӣ иборат аст. Дар утоқи кории роҳбари марказ чеҳраҳои ошноро мебинам, ки дар байни онҳо табиби шинохта Муллозуҳур Тоҳирӣ низ нишастааст.

Ман бо усули табобати Мирзоқурбон Ҳамдамов солҳои туълонист, ки шинос ҳастам,- мегӯяд доктор Тоҳирӣ. Ин усул дар кишварҳои дигар, аз ҷумла Русия хеле машҳур аст, вале чаро, ки дар кишвари мо ба он таваҷҷӯҳ надоранд. Бо ин кас сӯҳбат кунед, нависед шояд баъд аз мақолаи Шумо масъулин соҳа ба фаъолияти ӯ каме эътибор диҳанд.

Бо худи бемороне, ки дар ин марказ табобат ёфтаанд мусоҳиб шаванд беҳтар аст,- хоҳиши ӯро рад мекунад мизбон. Ин пешниҳод ба камина низ хуш омад. Ҳар кас метавонад ба кори худ баҳо диҳад, вале агар дигарон баҳо диҳанд ҳароина ба воқеият наздиктар аст.

Ба толори хеле кӯчак мегузарем, ки тақрибан 20 ҷои нишаст дорад. Дар он ҷо чанд нафар марду занро мебинам, ки аз шаҳру навоҳии гуногуни вилоят ташриф овардаанд. Мирзоқурбон Ҳамдамов эшонро ба ихтиёри ман мегузораду оҳиста аз толор берун мешавад.

Дар болои миз «таърихчаи тиббӣ»-и чанд нафар бемор. Як-як варақ мезанам. Ғолибан таърихи бемориҳое сабт шудаанд, ки музмин (хронический) буда, аз назари тибби муосир табобати пурраи онҳо ғайриимкон аст ва бояд ба таври ҳамешагӣ таҳти назорати табибон бошанд.

Бо беморон сӯҳбат мекунам. Бештари онҳо дар гузашта гирифтори бемориҳои вазнин буда, аз илоҷи дардашон ноумед будаанд. Ҳама ба хотири мулоқот бо банда аз шаҳру навоҳии мухталифи вилоят, аз ҷумла Конибодом, Истаравшан, Ҷаббор Расулов омадаанд. Пешорӯи ман Бурҳонов Пӯлод, мӯйсафеди нуронии тақрибан 80-солае нишастааст, ки дар чеҳрааш асари беморӣ мушоҳида на-

мешавад. Вале, -мегӯяд ӯ- агар 25 сол қабл аҳволи маро медидед бовар намекардед, ки ин қадар умри бобаракат мебинам. Вазъам комилан хароб буд, бемориҳои қалб, ҷигар, меъда ва аз ҳама даҳшатовараш диққи нафас маро лаҳзае ором намегузошт. Аз зиёд дар бемористонҳо табобат гирифтан ҳатто роҳи хонаро фаромӯш карда будам. Ҳар лаҳза каф-каф дору истеъмол мекардам. Ба табобати бидуни истеъмоли дору бовар намекардам. Вале маҷбур шудам, ки ба Мирзоқурбон муроҷиат кунам. Бовар кунед баъд аз бист рӯзи табобат ҳатто фаромӯш кардам, ки дору чист…

Баъд аз табобат ёфтанам дар маркази табобатии «Ҳамдам» ҳамсарам ба ман гуфт, ки чанде пеш аз сиҳатшавии ту умед канда, бо маслиҳати муйсафедон тӯшаи охирататро омода карда будем, - нақл мекунад А. Ҳамроқулов. Ман бошам комилан аз зиндагӣ умедамро канда будам, -ба сӯҳбат ҳамроҳ мешавад Абдуллоев Ёқубҷони 29-сола. Ман ба бемории норасоии музмини гурда гирифтор будам. Чанд муддат дар Пажӯишгоҳи гастроэнтрологӣ бистарӣ будам. Баъд аз ташхиси ҳамаҷониба табибон ба хулосае омаданд, ки ба ҷуз иваз кардани гурдаҳо дигар чора нест. Вале ман агар хонаву дари худро фурӯшам ҳам маблағи зарурирo пайдо карда наметавонистам. Бо маслиҳати як нафар дӯстон ба Маркази саломатии «Ҳамдам» муроҷиат намудам. Инак беш аз як сол аст, ки дар ин ҷо табобат мегирам ва дигар аз диализ (тоза кардани хун аз заҳролудшавӣ) даст кашида, миқдори истеъмоли доруро низ бамаротиб кам кардаам.

Сарнавишти дигарон, мисли Фозилова Бисаноат, Амонов Атҳам, Ғафурова Гулчеҳра, ки дар маркази мазкур шифо ёфтаанд низ ҳамин тавр аст.

Дархости ягонаи мо аз шумо журналистон танҳо ҳамин аст, ки ба Мирзоқурбон Ҳамдамов кӯмак расонед,

кори ӯро таблиғ кунед то дигарон низ бохабар шаванду мисли мо аз беморӣ наҷот ёбанд, -вақти хайрухуш хоҳиш мекунанд наҷотёфтагон.

Чаро чунин «артиши» бузург дореду (ба собиқ муштариёни ӯ ишора мекунам) аз онҳо истифода намекунед?- шӯхиомез мепурсам аз табиб. Ӯ маҳзунона табассум мекунад: - Ман борҳо таърихчаи тиббии онҳоро ба шӯъбаҳои дахлдори Вазорати тандурустӣ, Раёсати тандурустии вилоят пешниҳод кардам. Ҳатто борҳо ба роҳбарон ва кураторони соҳа аз мақомти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳри Хуҷанд муроҷиат кардам, вале ҳеҷ натиҷа надод… Ман фолбин ё ба истилоҳи дигар экстрасенс нестам,- ба дард мегӯяд ӯ.- Балки ягона табиби соҳибдипломи тоҷикам, ки дар мактаби Константин Бутейко таҳсил гирифтаам. Бубинед, ки муроҷиатҳои маро дар тамоми сатҳҳо нодида гирифтанд. Ниҳоят маҷбур шудам аз ниҳодҳои масъули соҳаи тибби кишвар хоҳиш кунам, ки даҳ беморро, ки дарди музмин доранд, ба ихтиёри ман гузоранд ва даҳ нафари дигарро ба ихтиёри яке аз бемористонҳои пешрафтаи вилоят супоранд. Комиссияи босалоҳияте таъсис диҳанду воқеъбинона санҷанд, ки усули табобатии Бутейко манфиатовар аст ва ё хайр. Вале сад афсӯс, ки ҳатто ин пешниҳоди маро низ қабул накарданд.

Мирзоқурбон Ҳамдамов барои тарвиҷи ин усули замони Шуравӣ собит шудааст, аз мақомот маблағ ё бино намепурсад. Барои ӯ ҳамин чиз кофист, ки ҷиҳати бунёди маркази нав, ки имконияти қабули бештари беморон ва ҷалбу тарбияи мутахассисони ҷавонро дорад, қитъаи замин ҷудо кунанд. Барои бемороии илоҷнаёфта, ки аз зиндагӣ дасту дил шустаанд, як равзанаи умед боз кунанд.

Гаштаву баргашта ба худ суол медиҳам, ки чаро як хоҳиши хеле хоксоронаи ягона шогирди Бутейкои машҳур дар кишвари мо, ки ҳадафаш хизмати мардуми оддист, ҷа-

воби рад мегирад? Шояд иллат дар он бошад, ки агар ин усул ба таври густурда паҳн шавад, тиҷорати баъзе табибону ширкатҳои доруфурӯшӣ зарар бинад.

Ҳароина итминон дорам, ки ин сатрҳоро масъулини соҳаи тандурустӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд мутолиа мекунанд ва дар ҳалли ин қазияи печида иқдоме нишон медиҳанд…

*Душанбе, с. 2015*

## И.С.ЛЯКИН-ФРОЛОВ: «ТОҶИКИСТОН ШАРИКИ СТРАТЕГИИ МОСТ!

**Игор Семёнович Лякин-Фролов 10 сентябри соли 1948 таваллуд шудааст. Донишкадаи давлатии муносиботи байналмилалии шаҳри Москва (МГИМО)-ро соли 1972 ва курси такмили ихтисоси маркази илмӣ-тадқиқотии информатикаи назди Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русияро соли 1992 хатм намудааст.**

**Фаъолияти меҳнатӣ:**

**Солҳои 1992-95. Ҷонишини Директори Департаменти хадамоти консулии ВКХ ФР.**

**1995-99. Сафири Фавқулодда ва Мухтори ФР дар Ҷумҳурии Бурунди.**

**1999-2003. Ҷонишини Директори департаменти Якуми кишварҳои ИДМ-и ВКХ ФР.**

**2003-08. Сафири Фавқулодда ва Мухтори ФР дар Ҷумҳурии Ботсвана.**

**2008-10. Ҷонишини директори Департаменти табъу нашри ВКХ РФ.**

**2010-13. Намояндаи фавқулоддаи РФ дар Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД).**

**Мукофотҳо: Ордени Шараф (2012)-барои ҳиссаи намоён гузоштан дар пиёда сохтани сиёсати хориҷии ФР ва фаъолияти бисёрсолаи шоён.**

**Нишони фахрии «Барои хидмати намоён»(2004).**

**Унвони дипломатии Сафири дараҷаи I дорад. Дар кори дипломатӣ аз соли 1978.**

***Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русияро муносиботи қавии стратегӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ ба ҳам мепайванданд. Имрӯз кишварҳои мо дорои ҳамкориҳои ҳасанаи тарафайн судманд ҳастанд, ки ҷавобгӯ ба манофеи миллии ҳар ду ҷониб буда, дар вохӯрии ахири сарони ду кишвар дар шаҳри Сочии Федератсияи Русия ин нукта маротибаи дигар амиқан баён шуда, баҳри боз ҳам густурдатар гардидани муштаракот гоми навбатӣ гузошта шуд. Оид ба сатҳи имрӯзаи муносиботи ҷонибҳо ва дурбинии рушди он бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Федератсияи Русия дар Тоҷикистон ҷаноби Игор Семёнович Лякин-Фролов сӯҳбат оростем.***

**-Ҷаноби сафир, Шумо тайи 3 сол аст, ки намояндагии дипломатии Федератсияи Русияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳбарӣ мекунед, шоҳид ва иштирокчии бисёр воқеоте, ки тӯли ин муддат дар кишвари мо рӯйи кор омаданд, низ будед. Аз нигоҳи Шумо, дар ин муддат чӣ тағйироте дар самти равобити дуҷониба рӯйи кор омаданд ва вазъи ҳозираи муносибот миёни кишварҳои моро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?**

-Бояд қайд кард, ки муносиботи мо дар ҳама самтҳо раванди мусбиро касб кардааст. Дар ҷодаи сиёсат равобит муваффақона аст, танҳо дар муддати аз 15 сентябр то 15 октябри соли ҷорӣ сарони кишварҳои мо се маротиба бо ҳам вохӯрӣ доир намуданд. Дар диди бисёр масоили байналмилалӣ мавқеи Русия ва Тоҷикистон ба ҳам наздик ё тавъам ҳастанд, ки ин имконияти мусоидеро баҳри ҳамко-

риҳои тарафайн муфид дар чунин созмонҳои байналмилалие чун СММ, СҲШ, САҲШ, СПАД, ИДМ фароҳам меорад.

Русия имрӯз шарики асосии иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон мебошад. Соли 2014 наздики 30% савдои берунаи Тоҷикистон бо Русия алоқаманд буда, маблағгузории бевоситаи кишвари мо ба иқтисодиёти Тоҷикистон аз нишондоди 1,2 миллиард доллар убур кард. Дар кишвари шумо як қатор ширкатҳои бузурги русиягӣ, аз ҷумла «Газпромнефт-Тоҷикистон», «Мегафон» ва «Билайн» фаъолият доранд, ки зерсохторҳои худро тақвият дода истодаанд.

Дар самти гуманитарӣ низ ҳамкориҳои мо бобарор ҳастанд. Як ҷанбаи онро ин ҷо мехоҳам қайд кунам. Ҳар сол наздики 2 ҳазор муҳассилини тоҷик ба Русия барои таҳсил сафар намуда, шумораи умумии донишҷӯён – шаҳрвандони Тоҷикистон аллакай аз 7,5 ҳазор гузаштааст. Дар қатори макотиби олии бонуфузи ҷумҳурӣ имрӯз Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон ва шуъбаҳои маҳаллии дигар макотиби олии Русия – Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов, Донишкадаи маъдангудозии Москва ва Донишкадаи энергетикии Москва ҳастанд. Ҳамасола садҳо мутахассиси ҷавон – хатмкардаҳои ин макотиб бо дипломҳои Русия дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Тоҷикистон ба кор ҷалб карда мешаванд.

Ҳамаи ин бозгӯ аз он аст, ки Русия, бидуни шубҳа, барои Тоҷикистон шарики асосии сиёсӣ, тиҷориву иқтисодӣ ва гуманитарӣ боқӣ мемонад. Ҳузури ҳарбии Русия бошад, кафолати боэътимоди амнияти ҷумҳурӣ аз хатароти берунаи барои кишварҳои мо умумӣ маҳсуб мегардад.

**-Кишварҳои моро риштаҳои қавии сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба ҳам мепайванданд. Чуноне ки зикр шуд, Федератсияи Русия ҳоли ҳозир шарики асосии стратегӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад.**

**Игор Семёнович, лутфан бигӯед, агар воқеияти имрӯзаро ба назар бигирем, ба ақидаи Шумо, барои боз ҳам тақвият бахшидани ҳамкориҳои тарафайни судманд боз чӣ корҳоро метавон ба субут расонд?**

-Шумо дуруст қайд кардед, имрӯз сатҳи муносиботи мо олист. Ман чунин мешуморам, ки дар навбати аввал мо бояд сатҳи имрӯзаи рушди муносиботи тарафайнро ҳифз намоем. Имрӯз гомҳои бисёр қавӣ дар ин самт, аз ҷумла, такя ба заминаи созишномавӣ-ҳуқуқӣ гузошта шудаанд. Вазифаи асосӣ ҳоло ба дастовардҳо дар ин ҷода эҳтиёткорона муносибат намудан, масоили муҳимро муайян кардану аз пайи ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он шудан аст. Баъдан, бояд дар ҳаҷми пурра зарфиятҳои то ҳол истифоданашударо ба кор бурд.

Бояд гуфт, ки нақши боризро дар рушди ҳамкориҳо вохӯриҳои пайвастаи сарони кишварҳои мо мебозанд, ки зимни онҳо ҳадафҳои ҷадид муайян шуда, ба сатҳи муносиботи муштарак баҳо дода мешавад.

Механизми муҳиме, ки таҳрикдиҳандаи ҳамкориҳои тиҷориву иқтисодӣ мебошад, комиссияи байниҳукуматист, ки барои барқарор кардани алоқаҳои бевосита миёни минтақаҳо ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ мусоидат намуда, натиҷаҳои фаъолияти муштаракро баҳогузорӣ мекунад ва пешбинии ҳамкориҳоро муайян месозад.

**-Нақши сармоягузории Русияро дар иқтисодиёти кишвари мо чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед? Мо қаблан зикр намуда будем, ки Русия шарики асосии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, аммо ба назари Шумо чунин намерасад, ки ҳаҷми сармояи Русия дар таносуб бо дигар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Мардумии Чин он қадар бузург нест?**

-Бале, такрор ҳам шавад, мегӯям, ки Русия шарики пешбари тиҷориву иқтисодии Тоҷикистон аст. Соли 2014

ҳиссаи мо наздики сеяки савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дод. Дар ҳақиқат, ҳаҷми сармоягузории Русия имрӯз ба андозае коҳиш ёфтааст, вале нигоҳ накарда ба фаъолнокии дӯстони чинии мо, Русия дар самти сармоягузории бевосита бо нишондоди 1,2 миллиард доллари ИМА дар иқтисодиёти кишвари шумо пештоз аст. Танҳо иншооти бузургтарини сармоягузории Русия – НОБ-и Сангтӯда-1-ро ба хотир овардан кофист. Чуноне ки гуфтам, дигар ширкатҳои мо, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, сармоягузориро ба лоиҳаҳои иқтисодии кишвар идома медиҳанд.

Дар коҳиш ёфтани ҳаҷми сармоягузории Русия сабабҳои объективӣ вуҷуд доранд. Дар қатори онҳо метавон як андоза таназзули иқтисодии кишвари мо дар натиҷаи таҳримҳои ғайриқонунии кишварҳои Ғарб ва паст фаромадани нархи ҷаҳонии сӯзишвориро номид.

Сабабҳои дигари мураккабии муайяни вазъ, ки сармоягузорони русиягӣ рӯ ба рӯи он қарор гирифтаанд, ин қазияҳои андозбандӣ – зуд-зуд иваз шудани системаи он ва андозбандии баланд мебошанд. Махсусан, ин ба ширкатҳои телекоммуникатсионӣ дахл дорад. Ҳамчунин, қазияи дигар ин қарздории ширкати «Барқи Тоҷик» назди НОБ-и Сангтӯда-1 мебошад. Мо интизорӣ дорем, ки чораҳои аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дар хусуси беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ таваҷҷӯҳи сармоягузорони русиягиро зиёд хоҳад кард.

Дуруст қайд кардед, Чин сармоягузори бузург ба иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсуб мегардад, ҳарчанд ки ҳоло дар ин самт Русия пешгомтар аст. Аммо мо дар масъалаи он, ки дигар кишварҳои пешрафта ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармояи зиёдтар мегузоранд, зид нестем. Баръакс, дар ҳошияи созишномаи бунёди Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва «Камарбанди иқтисодии Роҳи нави Абрешим», ки моҳи

майи соли равон дар шаҳри Москва имзо шуд, сармояи чиниву русиягӣ ба инфрасохтори Тоҷикистон барои рушди фазои авруосиёӣ кори умумиро ба анҷом мерасонанд, ки ҷавобгӯ ба манфиати ҷонибҳо аст.

**-Тоҷикистону Русия шомили созмонҳои минтақавие чун ИДМ, СҲШ, СПАД ва амсоли ин ҳастанд, ки дар ҳошияи онҳо бисёр масоили дучониба низ ҳаллу фасл мешаванд. Шумо нақши ин созмонҳоро дар роҳандозии сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ чи гуна баҳо медиҳед ва оё дар ҳалли масоиле, ки пешорӯи давлатҳои аъзо истодаанд, ба фикри Шумо, нақши онҳо таъсирбахш аст?**

-Созмонҳои бузурги минтақавие, ки шумо онҳоро номбар намудед, дар таъмин сохтани амнияти минтақавӣ, мубориза алайҳи терроризм, ифротгароии динӣ ва дигар таҳдиду хатарҳо нақши муҳим мебозанд. Ин ҷо мехостам нисбати афзун гаштани нақши Созмони Ҳамкориҳои Шанхай қайд намоям – рӯз аз рӯз нуфузи ин созмон афзуда истодааст, махсусан дар арафаи қабул шудани Ҳиндустону Покистон ба ҳайати он, яъне созмони мазкур ба як навъ қолаби «Авруосиёи Бузург» табдил шуда истодааст.

Ҳамкориҳо дар чаҳорчӯбаи Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ низ барои мо авлавиятро дорост. Санҷиши ногаҳонии омодагии ҷангии қувваҳои зудамали Дастаҷамъии СПАД дар наздикии сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон имкониятҳои ҷангии иттифоқчиён, аз ҷумла алайҳи хатароти террористии берунаро баръало нишон дод. Президенти Федератсияи Русия сатҳи баланди ин чорабинӣ ва сарварии босамари Тоҷикистонро баланд баҳогузорӣ намуд. Дар вохӯрии сарварони кишварҳои аъзои СПАД қарорҳои муҳими ҳарбиву сиёсӣ қабул карда шуда, манфиатҳои умумӣ дар самти мубориза алайҳи терроризм, ифротгароии динӣ ва интиқоли маводи мухаддир изҳор карда шуданд. Боварии комил дорам, ки СПАД ҳам-

чун омили асосии таъмини амният дар Осиёи Марказӣ тамоми он имкониятҳоро дорост, ки мустақилияти тамоми кишварҳои аъзоро ҳифз бикунад.

**-Вазъи амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ замони ахир мураккаб шуда, таҳдидҳои нав рӯйи кор омада истодаанд. Русия дар самти мубориза алайҳи ин таҳдидҳои ҷадид дар ҳамдастӣ бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон бояд чӣ амалҳое ба субут бирасонад?**

-Хуб, шумо дуруст қайд кардед, вазъи минтақа имрӯз то андозае мураккаб шуда истодааст. Мо дақиқкорона вазъи ҳамсоякишвари Афғонистонро таҳти назорат қарор додаем ва он моро бехавотир гузошта наметавонад. Маълум аст, ки нигоҳ накарда ба ҳузури чандинсолаи қувваҳои ИМА ва Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) вазъи ҳарбиву сиёсии ин кишвар, мутаассифона, майл ба муташанниҷ шудан дорад. Шоҳиди ин гуфтаҳо ҳодисоти авохир дар музофоти бо Тоҷикистон ҳамсарҳади Қундуз аст, ки маркази маъмурии он аз ҷониби ҷангиёни ифротгаро таҳти тасарруф қарор гирифт. Зиёда аз ин, беш аз нисфи ҳудуди қисми шимолии мамлакат аллакай таҳти назорати «Толибон» ва дигар гурӯҳҳои ҷангӣ даромадаанд. Замони ахир фаъолнокии гурӯҳҳои «Давлати Исломӣ» фаросӯи рӯдхонаи Панҷ дар ҳоли афзудан аст. Дар ин хусус дар вохӯрии ба наздикӣ доиршуда дар шаҳри Сочи сарони кишварҳои мо низ мулоқот доштанд ва изҳори хавотирӣ намуданд.

Шумо огаҳӣ доред, ки сарҳади миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон марзҳои ҷанубии минтақаи таҳти масъулияти СПАД маҳсуб мегардад. Нақши калидиро дар таъмин намудани бехатарии ин минтақа Пойгоҳи низомии 201-и Русия мебозад. Қудрати ҷангии он пайваста афзуда, дар ҳоли модернизатсия ва пурқувват шудан қарор дорад. Чуноне маълум аст, ба

наздикӣ оид ба пурқувват намудани гурӯҳи авиатсионии пойгоҳ бо чархболҳои зарбазан ва ҳарбӣ-нақлиётӣ қарор қабул гардид, ки дар фурудгоҳи ҳарбии «Айнӣ» дар 30-километрии шаҳри Душанбе ҷойгир хоҳанд шуд. Мутахассисон (дастурдиҳандагон)-и пойгоҳ ҳарбиёни Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таълим медиҳанд. Масалан, соли 2015 чунин омӯзишро аллакай зиёда аз 1000 мутахассисони хурд гузаштанд. Русия зиёда аз ҳар кишвари олам дар афзудани иқтидор ва омодагии ҳарбии артиши Тоҷикистон манфиатдор аст. Мо ҳамеша ёрии ҳарбӣ-техникии заруриро ба артиши шумо мерасондем ва бешубҳа, дар оянда низ хоҳем расонд.

Мо итминони комил дорем, ки Пойгоҳи низомии 201 бо дарназардошти қувваҳои иловагии авиатсионӣ яке аз асбоби асосии ҳифзи Тоҷикистон аст, аз ҷумла аз хатарҳое, ки аз самти ҷануб таҳдид мекунанд.

**-Аз сабаби сангинтар шудани қонунҳои муҳоҷират дар Русия, муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Тоҷикистон бо мушкилиҳои зиёд дучор шуданд. Ба фикри Шумо, ин қазияҳоро чӣ тавр метавон фасл намуд, масалан, оид ба содда кардани қонунҳои муҷоҷирати меҳнатӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар Федератсияи Русия бояд чӣ амалҳоро ба анҷом расонд?**

-Ба он ақидае, ки муҷоҷирати меҳнатӣ яке аз саҳифаҳои муҳимтарину ҳассос дар муносиботи муштараки кишварҳои мост, розӣ ҳастам. Бояд ин ҷо зикр намоям, ки муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ ва назоратшаванда ба ҳар ду ҷониб ҳам муфид аст. Русия чун ҳамеша ба захираҳои иловагии меҳнатӣ ниёз дорад, алалхусус аз ҷумҳуриҳои АвруОсиёӣ. Тоҷикистон бошад, кишварест, ки захираҳои барзиёди қувваи кориро дорост. Зиёда аз ин, имконияти фаъолияти корӣ дар Русия ҳам ба садҳо ҳазор шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва дар маҷмӯъ ҳам ба давлати Тоҷикистон

манфиатовар аст.

Муҳим аст қайд намоям, ки солиёни ахир барои ҷорӣ намудани тартибот дар ин соҳа хеле корҳо ба субут расонида шуда шудааст. Сохтори (системаи) патентии ба кор таъмин шудан ҷорӣ карда шуд, ки ба муҳоҷирон имконияти зудтар қонунӣ гардонидани фаъолияти меҳнатиро дар ҳудуди Русия фароҳам меорад, масъулияти корфармо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи кории муҳоҷирон (муҳоҷирони ғайриқонунӣ) баланд бардошта шуд. Ҳоли ҳозир пешниҳод оид ба нармтар сохтани талаботи дониши забони русӣ ва таърихи Русия ба он муҳоҷироне, ки барои корҳои мавсимӣ ба кишвари мо меоянд, таҳти омӯзиш қарор гирифтааст.

Ба суоли шумо дар ҳошияи принсипиалӣ посух медиҳам, ки воситаи аз ҳама дурусти беҳтар сохтани шароити муҳоҷирони тоҷик ин ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё НИА аст, ки ҳадафи аслии он бардоштани монеаҳо дар роҳи интиқоли қувваи корӣ, хидматрасониҳо ва сармоя мебошад. Яъне, муҷоҷирони кории тоҷик ҳамроҳ бо шаҳрвандони дигар кишварҳои ИИА дар бозори бузурги меҳнатӣ қарор хоҳанд дошт. Чи гуна чунин қазияҳо ҳалли худро мeёбанд, мо инро дар мисоли Қирғизистон мебинем, ки ҳамин сол ба Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ҳамроҳ гардид.

**-Вобаста ба ҳаводиси ахири Украина кишварҳои ғарбӣ алайҳи Русия таҳримҳои иқтисодӣ ҷорӣ намуданд, ки ба пастравии қурби рубли русӣ ва то андозае коҳиш ёфтани рушди иқтисодиёти кишвар овардааст. Такя ба ин омилҳои зикргардида, Президенти Русия оид ба дастгирии истеҳсолкунандаи маҳсулоти ватанӣ ва тақвият бахшидани равобити иқтисодӣ бо он кишварҳое, ки дар ин таҳримҳо ширкат надоранд, изҳори назар намуд. Дар ин замина, дар самти таъмини бозори дохилии Русия бо маҳсулоти кишоварзӣ**

**Тоҷикистон низ чун истеҳсолкунанда метавонад ширкати фаъолона дошта бошад, зарфиятҳо баҳри ин ҳастанд. Бигӯед, ки истеҳсолкунандагони русиягӣ метавонанд дар самти истеҳсоли маҳсулот дар Тоҷикистон иштироки бевосита дошта бошанд, чун манбаи ашёи хом ва қувваи корӣ ин ҷо вуҷуд доранд?**

-Дуруст гуфтед, воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ ва дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ барои кишвари мо имрӯз ба як вазифаи муҳим табдил гаштааст. Дар ин масъала мо ҳамчунин ба ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони тоҷикистонӣ интизорӣ дорем. Ин ҷо бамаврид аст ба хотир биёрем, ки дар замони шӯравӣ ангур, зардолу, себ, маҳсулоти дигари кишоварзии барвақтӣ аз Тоҷикистон дар бозорҳо ва мағозаҳои Русия ба таври васеъ дастрас буданд, яъне замина дар ин самт вуҷуд дорад.

Барои зиёд намудани содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ба Русия корҳои муайян карда мешаванд. Тибқи маълумоти мо, ҳаҷми содироти он соли равон ба Русия хоҳад афзуд. Барои ин ворид шудани Қирғизистони ҳамсоя ба Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё низ мусоидат мекунад, чунки акнун барои ворид гаштани маҳсулоти кишоварзии тоҷик ба минтақаи гумрукии Иттиҳод расмияти гумрукӣ танҳо як маротиба дар сарҳад бо Қирғизистон сурат мегирад.

Аммо, илова ба ин, баъзе мушкилиҳо низ дар ин самт вуҷуд доранд. Масалан, набудани занҷираҳои бузурги фурӯши яклухти маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон, қафомондагии техникӣ, мушкилиҳои нақлиётӣ ва нархҳои баланд. Нигоҳ накарда ба ин қазияҳо, мо дар самти зиёд намудани содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ба Русия фаъолиятро давом дода истодаем.

**-Суоли дигарро наметавонем надиҳем, чун сархати расонаҳои кишварҳои мо гаштааст. Ин ҳам нисбати марги**

**кӯдаки 5-моҳаи тоҷик – Умаралӣ зимни боздошти волидонаш аз ҷониби мақомоти қудратии Русия аст. Дар ин хусус мехостем фикри Шуморо бифаҳмем.**

- Мехоҳам махсусан қайд кунам, ки ин ҳодисаи фоҷиавӣ маро низ ғамгин сохт. Сафорати Русия дар Тоҷикистон ба волидон ва наздикони Умаралӣ Назаров изҳори ҳамдардӣ мекунад. Барои ошкор кардани ҷузъиёти ин воқеаи фоҷиавӣ Вазорати корҳои хориҷии Русия ба ВКД, Хадамоти федеролии муҳоҷират, Вазорати тандурустӣ ва Прокуратураи Генералии кишвар муроҷиатнома фиристод. Ҳамчунин Вакил оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Президенти Русия – Павел Астахов ва намояндаи ВКХ ФР дар шаҳри Санкт-Петербург ба кор ҷалб карда шуданд. Ин масъала таҳти назорати ВКХ Русия қарор дорад.Ҷиноят аз ҷониби касе содир нашуда бошад, новобаста аз вазифаи ба уҳдадоштааш, ӯ бояд назди қонун ҷавоб диҳад. Дар ин ҳодиса, ки мутаассифона боиси марги тифли маъсум гардид, ҳоло то ба охир бояд сабабҳои онро омӯхт ва баъдан гунаҳкоронро ҷазои сазовор дод. Мо ҳоло тафсилоти онро то ба охир намедонем, ин кори мақомоти дахлдор аст, ки зимни тафтишот ҷурми ашхосеро, ки сабабгори ин фоҷиа шуданд, муайян созанд. Аммо маро як чиз боиси хавотирӣ мешавад, ки марги ин тифли маъсумро дар расонаҳои тоҷикистонӣ дастак карда, вазъро то ба охир наомӯхта, сабабҳои онро ба зуҳуроти «нажодпарастӣ» нисбат медиҳанд. Бояд гуфт, ки ҷиноятҳо бо ҳар сабаб рух медиҳанд ва аз онҳо дарҳол як асбоби сиёсӣ сохтан амалест муғризона. Чунин лаҳну гуфтор ба манфиати он қувваҳоест, ки мехоҳанд миёни муносиботи дӯстонаи мо халал ворид созанд ва ин дар шароите, ки дастаҷамъона алайҳи терроризму ифротгароии динӣ мубориза мебарем, пайомадҳои нохуб дошта метавонад. Мо аз ин ҳодиса андӯҳгин ҳастем, аммо ҳоло бояд ба мақомоти дахлдор вақт дод, ки сабаби

онро тахти тафтиш қарор дода, гунаҳкоронро муайян кунанд. Гунаҳкорон, касе, ки набошанд, ҳатман ҷазои худро хоҳанд гирифт.

**- Игор Семёнович, баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Русияву Тоҷикистон насли наве ба камол расидааст, ки мутаассифона дар бораи таъриху муштаракоти кишварҳои мо маълумоти хеле кам доранд. Аммо нигоҳ накарда ба ин, имрӯз дар Тоҷикистон нуфузи забони русӣ ҳоло ҳам зиёд аст. Он дар ҷумҳурии мо ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо қабул шудааст. Фикр мекунем, ки дар самти дастгирии риштаҳои муштараки илмиву фарҳангӣ Русия бояд боз ҳам фаъолтар бошад, то ин ки ин фазои ҳузури забон ва адабиёти русӣ коста нагардад. Шумо чӣ андеша доред?**

- Шумо комилан ҳақ ҳастед. Барои эҳтиром гузоштан ба миллатҳо ва фаромӯш насохтани пайвандҳои таърихиву фарҳангӣ тарбия бояд аз оила ва баъдан дар мактаб оғоз бигардад. Дар ин ҷода мо корҳои зиёде карда истодаем, аз қабили таъмини макотиби Тоҷикистон бо китобҳои русӣ, дастгирии моддии муассиаҳои таълимии кишвар, чуноне ки аз аввали сӯҳбатамон зикр карда будам, таъсиси шӯъбаҳои донишгоҳҳои маъруфи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли ин. Аммо бояд гӯям, ки дар ин самт то ба ҳол мушкилиҳо вуҷуд доранд, ки мо бояд пайи бартараф сохтани онҳо бошем. Дар ин маврид, гумон мекунам, зарфиятҳо хеле зиёд ҳастанд, ки дар ин самт ҳамкориҳоро тақвият хоҳем бахшид.

**- Рушди минбаъдаи муносиботи моро чӣ гуна ояндабинӣ мекунед?**

- Дар ин масъала нигоҳи ман хушбинона аст, чун барои мазбут сохтани муносиботу муштаракоти тарафайн судманди мо заминаи қавии сиёсӣ ва ҳуқуқиву иқтисодӣ гузошта шудааст. Мо дорои таърихи муштараки ғанӣ

ҳастем, мо дастҷамъона озодии Ватани умумӣ – Иттиҳоди Шӯравиро ҳифз намудаем.

Барои боз ҳам вусъат бахшидани муносиботи мо муташаннич гаштани вазъи амниятии минтақа ва ҷаҳон такони дигар медиҳад. Имкониятҳои дигари мусоидро барои кишварҳои мо ҳамчунин ҳамкориҳои авруосиёӣ тавъам бо барномаҳои иқтисодии Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ фароҳам меоранд. Ба ибораи дигар, мо барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои тарафайн судманд «маҳкум» ҳастем.

*Душанбе, с 2014*

## СОМНАТҲ ГОШ: БЕҲТАРИН ДАСТОВАРДИ ҲИНДУСТОН ИН ЯГОНАГӢ ДАР ГУНОГУНРАНГИСТ

Мардуми тоҷик ва ҳинд ҳанӯз аз давраҳои қадим равобити хуби иқтисодӣ ва фарҳангӣ доштанд. Имрӯз низ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол Ҷумҳурии Ҳиндустон яке аз шарикони муҳими стратегӣ маҳсуб мешавад, ки дар бахшҳои мухталиф ҳамкориҳои судманд роҳандозӣ карда мешаванд. Аз ин хотир, чанде қабл ҳафтаномаи «Минбари халқ» бо Сафири Ҷумҳурии Ҳиндустон, ҷаноби Сомнатҳ Гош (Somnath Ghosh) сӯҳбате анҷом дод, ки манзури хонандагон мегардонем:

**- Ҷаноби Сафир, 15 августи соли равон Ҳиндустон 70-умин солгарди Истиқлолияти давлатии худро таҷлил намуд. Таърихи муборизаи мардуми қаҳрамони ҳинд, ки дар роҳи истиқлолият хеле ҷонбозиҳо намудаанд, ҳамеша вирди забон аст. Лутфан бигӯед, ки баъд аз Истиқлолият Ҷумҳурии Ҳиндустон ба кадом дастовардҳо ноил гардид ва он чӣ таъсири мусбие дошта ба зиндагии мардум?**

- Ҳиндустон пас аз ба даст овардани истиқлолият ба дастовардҳои зиёде ноил гашт, ки тавсифи онҳо дар маҳдудаи чанд ҷумла ғайриимкон аст. Таърихи Ҳиндустон, гарчанде ки пур аз муборизаву талошҳо ба хотири истиқлолият ва озодӣ будааст, баъд аз озод шудан аз мустамлика дар фосилаи хеле кӯтоҳ дар таъмини некӯаҳволии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии мардуми ин кишвар хеле комёб шудааст. Имрӯз Ҳиндустон ҳамчун давлати демократӣ ва мисоли беҳтарини ягонагӣ ва таҳаммулпазирӣ муносибати мусолиҳаомези дину оинҳо, забон ва фарҳанг ба шумор меравад. Ҳиндустони имрӯза дар баробари ҷиҳати таъминот бо ғизо худкифо будан, инчунин, аз бузургтарин содиркунандаи маҳсулотҳои ғизоӣ ва ғалладонагиҳо ба ҳисоб меравад.

Мо тавонистем як қатор бемориҳои сироятиро, ки ба генофонди миллӣ таъсири манфӣ дошт, бартараф намудем ва хизматрасониҳои тиббии мо то андозае рушд кард, ки имрӯз дар ҷаҳон беҳтарин ва аз лиҳози арзиш дастрастарин маҳсуб мегардад. Дастовардҳои Ҳиндустон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, кайҳонӣ, мудофиа, илму техника ба ҳамагон маълуманд. Ҳиндустон сеюмин иқтисоди бузург дар ҷаҳон аз рӯи қобилияти харидорӣ шинохта шудааст. Ҳиндустон имрӯз узви муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ ва потенсиалии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Истиқлолияти кишвар ба зиндагии мардуми ҳинд таъсири мусбӣ расонид, аммо барои баровардани як қишри муайяни мардум аз сатҳи камбизоатӣ, ҳанӯз ҳам корҳои зиёд идома доранд.

**- Солҳои охир бо таҳрики баъзе қувваҳои манфиатдор, дар баъзе манотиқи ҷаҳон хушунат ва ҷанги диниву мазҳабӣ авҷ гирифтааст. Пӯшида нест, ки дар Ҳиндустон низ намояндагони дину мазҳабҳои мухталиф зиндагӣ доранд ва ин борҳо боиси сар задани низоъҳо гардидааст. Ҷиҳати**

**пешгирии ин раванди номатлуб Ҳукмати Ҳиндустон кадом чораҳоро меандешад?**

- Сарфи назар аз гуногунии дин, забон, анъана ва фарҳанг, мардуми Ҳиндустон ҳамчун як оила бидуни хушунат ва бадбинӣ нисбати якдигар зиндагӣ мекунанд. Ягонагӣ дар гуногунрангӣ ин дастоварди бузурги Ҳиндустон аст ва мо дар ҳаёти худ ин арзишро ҳамарӯза арҷ мегузорем. Мардуми дину мазҳаби мухталиф, дар якҷоягӣ ҷашну иди якдигарро таҷлил ва истиқбол мекунанд. Дар сохтори демократие, ки мо дар Ҳиндустон онро сармашқи кор қарор додаем, шаҳрвандон дар тарғибу ташвиқ ва парастиши дину оини худ озоданд. Мо ягон динро тарҷеҳ ва бартарӣ намедиҳем. Ҳиндустон давлати дунявӣ аст ва ҳукумат ба эътиқод аҳолӣ дахолат намекунад ва дин низ ба умури давлатӣ таъсир намерасонад. Шаҳрвандони Ҳинд ба имону эътиқоди якдигар бо таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром муносибат мекунанд ва онҳо ба хотири афзалият додан ба дину мазҳаби худ ба қурбонию таҳқир ва идеологияи экстремистӣ роҳ намедиҳанд. Новобаста аз он, ки Ҳиндустон дар ҷаҳон дуюмин кишваре маҳсуб мешавад, ки теъдоди шаҳрвандони мусалмонаш зиёд аст, аз байни онҳо камтар аз 50 нафар ба ДИИШ пайвастанд ва ягон нафар то ҳол ба Ал-Қоида шомил нашудааст. Албатта ҳастанд дар дохил ва беруни кишвар қувваҳои алоҳидае, ки мекӯшанд ихтилофоти диниро эҷод кунанд, вале мо механизми пурқувват ва боэътимоди идеологӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳастем, ки қодир аст бо ин гуна афрод мубориза беамон барад.

**- Агар ба таърих назар афканем тӯли садсолаҳо пайравони дини ҳиндуӣ (индуизм), ки тақрибан 80 % мардуми ҳинд ба он эътиқод доранд ва мусалмонон, ки дар нуфус дувумин дини бузург дар Ҳиндустон маҳсуб мешаванд бидуни хушунату ҷанг, бо як таҳаммулпазирии хос паҳлӯи ҳам зиндагӣ доштанд, ки қиссаи маъруфи Шоҳ Акбар ва мали-**

**ка Ҷодха (Хира Кунвари) мисол буда метавонад. Вале чаро имрӯз ҳамин таҳаммулпазирӣ нисбати эътиқод ва мансубияти як дигар ба ин ё он дину мазҳаб ғайриимкон гардидааст?**

- Бояд бигӯям, ки Ҳиндустон ҳоло ҳам таҳаммулпазиртарин давлат дар тамоми дунё аст. Мардуми Ҳиндустон дар ҳамдилию ягонагӣ умр ба сар мебаранд. Баъзан вақт, ҷузъҳои алоҳида ҳаракат мекунанд мухолифатро байни одамони динну оинашон гуногун пеш оранд, лекин дар Ҳиндустон онҳо муваффақ намегарданд. Фикр мекунам мардуми Ҳиндустон ақида ва динни ягдигарро эҳтиром мекунанд ва итминони комил дорам, ки ин раванд дар оянда низ поянда мемонад. Шояд яке аз сабабҳояш ҳамин мисоли дилошӯб ва фалсафии таърихие бошад, ки Шумо овардед. Чун мардуми Ҳинд новобаста аз мансубияти диниву миллиаш ба таърихи Ватани худ эҳтиром мегузорад.

**- Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 9 сентябри соли равон 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии худро таҷлил намуд, танҳо баъд аз ба даст овардани истиқлолияти худ тавонист, ки бо кишвари Ҳиндустон муносибатҳои густурдаи дипломатиро роҳандозӣ намояд. Дар марҳилаи имрӯза ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Ҳиндустон ва Тоҷикистон таърихан муносибатҳои наздик доштанд. Халқҳои Ҳиндустон ва Тоҷикистон аз замонҳои қадим табодули илм, ҳунар, санъат, фарҳанг ва адабиётро доштанд. Ягона тағйиротеро дар муносибатҳоямон, ки имрӯз мушоҳида мекунам, ин ҳамкории мо аз лаҳзаи барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ дар соли 1992, густариш ёфтааст. Роҳбарони ду кишварамон мунтазам бо якдигар вомехӯранд. Ҷаноби Президент Эмомалӣ Раҳмон 6 маротиба ба Ҳиндустон сафар карданд. Ҳамаи раҳбарони Ҳиндустон, аз ҷумла Президент, Ноиби Президент ва Сарвазир ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Мо муносибати худро то сатҳи шарикии стратегӣ боло бурдаем. Мо дар самти афзоиш ва таҳкими минбаъдаи он кор мекунем. Ҳамкорӣ дар соҳаи рушди иқтисод, рушди захираҳои инсонӣ, мудофиа ва амният, фарҳанг ва дигар соҳаҳо рукнҳои асосии шарикии стратегии моро ташкил медиҳанд. Ман фикр мекунам, ки мо барои шарикии дарозмуддати стратегии байни ду кишварамон, заминаи устувор гузоштем.

**- Дурнамои ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Тоҷикистонро чи гуна мебинед ва ба андешаи Шумо барои беҳтар шудани равобити кишварҳои мо бояд кадом монеъаҳо бартараф шаванд?**

- Дар 25 соли муносибатҳои дипломатӣ мо барои ҳамкории ҳасанаи Ҳиндустон – Тоҷикистон асос гузоштем. Мо дар якҷоягӣ ба натиҷаҳои бисёр ноил гаштем ва ман фикр мекунам ин дастовардҳо минбаъд ба таҳким ва густариши шарикии стратегии мо таъсир мерасонад. Бо вуҷуди ин, ман аз сатҳи ҳамкории тиҷоратиамон қаноатманд нестам. Савдои дуҷониба дар ҳаҷми 42 миллион доллари амрикоӣ аз иқтидори бузурге, ки байни ду кишвар вуҷуд дорад, хеле поин аст. Сабаби асосии он ин набудани роҳи мустақими байни ду кишвар мебошад. Мо барои ҳалли ин масъала чораҳо андешида истодаем. Мо бо Эрон ва Афғонистон ҳамкорӣ мекунем, то ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути бандари Чобаҳар роҳ пайдо кунем. Мо инчунин оид ба беҳтар намудани пайвастшавӣ тавассути Долони нақлиётии байналхалқии шимолу ҷанубӣ кор карда истодаем. Мутмаинам, ки бо рушд додани ин роҳҳо, мо имкон пайдо мекунем, ки тиҷорати дуҷониба зиёд карда шавад.

Хурсандиовар аст, ки соҳибкорони Ҳиндустон ва Тоҷикистон вақтҳои охир равобити кориро бо ҳам тавсеа додаанд. Мо шумораи зиёди соҳибкорони тоҷикро барои иштирок дар ярмаркаҳои тиҷорӣ, форумҳои иқтисодӣ

сафарбар мекунем, то ин ки онҳо тавонанд имкониятҳои навро дар бозори бузурги Ҳиндустон пайдо бикунанд. Мо бояд барои пеш бурдани тиҷорат шароити мусоидро, аз ҷумла сода кардани низоми раводид ва низоми беҳтари андозро фароҳам орем.

**- Бо назардошти он, ки банда ифтихори таҳқиқи осори яке аз шоирони машҳури сабки ҳиндӣ Мирзо Абдулқодири Бедилро доштам ва ҳамкори ман низ осори Шоҳ Неъматуллои Валӣ, аз шоирони маъруфи ҳавзаи адабии Ҳиндро мавриди таҳқиқ қарор додааст, дар фарҷоми сӯҳбат мехостем доир ба лоиҳа ва барномаҳое, ки Сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бахши илм ва маориф дар кишвари мо роҳандозӣ намудааст, сӯҳбат мекардед.**

- Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигар шоирону мутафакирони бузург – мероси умумиҷаҳонии мо мебошанд ва мо вазифадорем, ки осору ҳаёти онҳоро омӯзем, мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор диҳем ва аз онҳо илҳом гирем. Ман хурсандам, ки шумо ба корҳои Бедил ва дигар файласуфҳои Ҳиндустон мароқ зоҳир мекунед. Сафорати Ҳиндустон ба наздикӣ семинарро дар мавзӯи "Бедили Деҳлавӣ дар сарзамини тоҷикон" дар Академияи илмҳо баргузор намуд. Дар семинар якчанд коршиносони намоёни тоҷик, ки дар бораи осори Бедил таҳқиқоти муфассал анҷом доданд, иштирок карданд. Ҳамин гуна конфронси дигар дар оғози соли сипаригардида дар Ҳиндустон ҳам баргузор гардид, ки дар он донишмандон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ширкат доштанд. Сафорати Ҳиндустон тамоми тадбирҳоро дастгирӣ мекунад, ки ба фаҳмиш ва шинохти ҳамдигар мусоидат мекунанд ва ба фарҳанги муштарики ду кишвар иртибот дорад.

**- Ташаккур барои сӯҳбати самимӣ**

- Аз дидор бо Шумо хеле мамнунам ва ба фаъолияти ҳафтономаи "Минбари халқ" барор мехоҳам...

*Душанбе, с.2016*

# ЧАРО ИНҚИЛОБИ МАЪНАВИЮ ФАРҲАНГӢ?

Оид ба зарурати вориди тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сӯҳбате доштем бо муовини якуми Раиси ҲХДТ Фаттоҳзода Саидмурод Самад, ки манзури хонандагон мегардонем.

**- Муҳтарам Саидмурод Самад, Шумо дар яке аз сӯҳбатҳои худ дар ҳафтаномаи «Азия-Плюс» қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ворид гардидани тағйиру иловаҳоро ба қонуни мазкурро «инқилоби маънавӣ ва фарҳангӣ» номидед. Лутфан бигӯед, ки ин ба чӣ далел буд?**

- Аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 10 сол сипарӣ гардид. Ин яке аз қонунҳои нодир ва бесобиқа буд, ки ба хотири беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва даст кашидан аз хароҷоту исрофи иҷборӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод ва аз ҷониби қишрҳои гуногуни ҷомеа ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт. Дар ин муддат ба мақомоти маҳаллӣ, ки бевосита бо аҳолӣ сару кор доранд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳоят худи мардум имкон дода шуд, ки таъсири қонуни мазкурро дар зиндагии воқеии худ санҷанд ва оид ба бурду бохти он андешаашонро баён намоянд.

Бо вуҷуди он, ки қонуни мазкур ва тағйиру иловаҳои ба тозагӣ ба он воридшударо аксарияти шаҳрвандон

дастгирӣ намуданд, як зумра либералҳо (озодандешон) низ пайдо шуданд, ки роҳҳои татбиқи онро зери суол мегузоштанд: «Чаро ин корро аз тариқи тарғибу ташвиқ неву тавассути қабули қонун анҷом диҳем?».

Вале бубинед, ҳангоми дар мулоқотҳои худ аз ҷониби Пешвои миллат аз олимону рӯҳониён суол карданд, ки «оё тасмими мо дар мавриди танзим дуруст аст?», ҳама бо як овоз аз Каломи Шариф ва осори бузургон мисол оварда, ҳақиқати ин иқдомро тасдиқ менамоянд. Пас чаро олимон ва рӯҳониёни арҷманди мо, ки пешсафи ҷомеа мебошанд, то қабули қонуни мазкур мардумро раҳнамоӣ накарданд? Мӯҳри хомӯшӣ бар даҳон задаву ба истилоҳе «қатори мардум» пешдарои ин гуна маъракаҳо буданд? Ва ё онҳо мегуфтанду суханашон асар надошт?

Як чиз мусаллам аст, ки давоми даҳ соли сипаригардида, гарчанде, ки Қонуни мазкур барои мардуми оддӣ сабукиҳои назаррас овард ва теъдоди зиёди шаҳрвандонро аз зери бори гарони қарз раҳо кард, тоифаи «баргузида»-е низ буданд, ки куҷо равад тарғибу ташвиқ, ҳатто талаботи қонунро сарфи назар намуда, бо роҳҳои гуногун маъракаҳои дабдабанок ташкил мекарданд.

Мутаассифона, баъзе аз ин тоифа то ҳанӯз дарк накардаанд, ки бо харҷу исрофкории зиёд баргузор намудани маъракаҳо ба дасткушодӣ ва саховатмандӣ ҳеҷ рабт надорад, балки як роҳи худнамоӣ ва ман-манӣ аст, ки дар зеҳни мардуми мо реша давонидааст.

Чи бояд кард, ки психологияи мардуми мо ба зиёфатхӯрии маҷонӣ (ройгон) хӯ гирифта, номи тамоми маъракаҳо ба хӯрдани ғизо иртибот дорад, мисли «оши наҳор, оши худоӣ, зиёфат…» ва ҳатто баъзе бонуҳои бадзабони мо вақте ки касеро дуои бад мекунанд, истилоҳи «ошакатро хӯрам, чилшикан кунам»-ро истифода мекунанд, ки ишора боз ба ҳамон оши ҳафту чилу сол аст, ки дар маъракаҳои

мотам бо харҷи зиёд таҳия мешаванд. Гоҳо ин ифрот то ба ҳадде мерасад, ки ба қавли мардум «шустани» як пояфзоли арзишаш садсӯма ба панҷсад сӯм мерасад. Англисҳо як зарбулмасал доранд: «Чашм аз шикам бузургтар аст». Воқеан ҳам, сер кардани шиками инсон саҳл аст, нисбат ба он ки чашмашро сер кунӣ…

Қабули қонуни мазкур дигар имкон медиҳад, ки мардум аз зери бори гарони «нангу номус»-и дурӯғин ва сунъӣ, ки боз ҳамон «менталитет»-и миллии мо таҳмил намудааст, раҳо ёбанд ва маблағҳои изофии худро ба таҳсили фарзандон ва беҳбудии шароити зисти худ сарф намоянд. Чаро мо бояд дар ин маврид аз мардуми Аврупо, ки бо вуҷуди доро будану роҳат зистанашон ҳаргиз ба исрофкорӣ даст намезананд, ибрат нагирем? Бубинед, ки мо имрӯз либоси аврупоӣ мепӯшем, аз техникаю технологияи аврупоӣ истифода мебарем, вале тафаккури мо ҳанӯз побанди баъзе урфу оини асримиёнагист. Оё шумо дар ягон маърака ва ё сӯҳбате шоҳид будед, ки мардуми мо аз илму технологияи пешрафта ва ё ҳадди ақал аз осори гаронмояи бузургони мо ҳарф зананд? Ба гумон. Агар пештар дар сӯҳбатҳо аз Бедилу Хайём ё Ҳофизу Саъдӣ мегуфтанд, ҳоло барои баъзе тоифаҳо «ҳазрат»-у «тӯра»-ҳое, ки хоки ягон мадрасаро ба қавле «налесидаанд», «авторитет» шудаанд ва фатвою мавъизаи онҳо доираи сӯҳбатҳоро «гарм» мекунад.

Пешниҳоди Пешвои миллат дар зеҳну мафкураи миллати мо таҳаввулотеро ба амал овард ва мардумро ҳидоят намуд, ки аз расму одати зарароваре, ки тӯли садсолаҳо дар мағзи устухони мо ҷо гирифта буд, даст кашем. Ин мисли ҳамон таҳаввулоти давраи ренессанс аст, ки дар кишварҳои Аврупо таассуби диниву хурофотиро шикаст дод ва пойгоҳи илму маърифатро дар ҷомеа устувор намуд. Натиҷаи ҳамон инқилоби маънавӣ буд, ки Аврупо аз асорати ҷаҳолати асримиёнагӣ раҳо ёфта, имрӯз ба яке

аз манотиқи пешрафта ва пуриқтидори дунё табдил ёфтааст… Пас худ қазоват кунед, ки ин оё «инқилобе» нест дар тафаккур, фарҳанг ва маънавиёти ҷомеаи мо?

**- Аммо… Баъзе олимон, ҷомеашиносон ва рӯҳониёни мо бар ин назаранд, ки маъракаву маросимҳои мо низ ҷузъе аз фарҳанги миллии мост…**

- Дар қонун ҳаргиз баҳс дар мавриди маҳдуд кардани расму оини миллӣ ва ё суннатҳои санияи мардумӣ намеравад. Мо инро бояд дуруст дарк кунем. Ҳадафи асосии қонун, баръакс, даст кашидан аз урфу одатҳои сунъиву хурофотӣ ва камхарҷ кардани маъракаву маросимҳост. Мо бояд иқрор шавем, ки то ҳанӯз дар ҷомеаи мо маҳфуми «буҷети оила» вуҷуд надорад. Ин яке аз иллатҳои асосии исрофкорӣ дар ҷомеа аст. Худ як қазоват кунед, ки дар баргузории маъракаҳои беҳудаи серхарҷ ҳамто надорем, вале барои фарзанди худ либос ва ё пойафзоли як-ду андоза бузургтарро мегирем, ки соли оянда низ пӯшад. Ва ё як умр либосу ҷузвдони бародари бузург мероси бародари хурдӣ аст…

Мо бояд аз эроду эътирози онҳое, ки намехоҳанд ҷомеа пеш равад, натарсем. Таърих собит намудааст, ки дар ҳар давру замон гурӯҳҳои реаксионӣ, яъне иртиҷоие вуҷуд доштанд, ки нисбат ба ҳама гуна навоварӣ бо назари шубҳа менигаристанд. Агар ибтидои асри 20-ро ба хотир орем, ҳамин гурӯҳи эътирозӣ, ки зидди илму маърифату навовариҳо буданд, ҳаракати босмачигариро ташкил карданд. Онҳо бунёди беморхонаҳо, хати роҳи оҳан, барқ, алоқа ва мисли инро «куфр» эълон мекарданд. Аз рӯи инсоф бигӯед, ки кадоме аз инҳо ба ҷомеа бештар манфиат расонидаанд? Большевикони «кофир»-е, ки мактабҳои маҳви бесаводӣ мекушоданду мардуми камбағалро соҳиби маълумот, касбу ҳунар, замин, фабрикаву завод мекарданд ва ё босмачиёни «мусалмон»-е, ки ба хотири ҳимоя

аз сохти феодалӣ, ҷаҳолат ва хурофот ҷиҳод мекарданд ва мафкураи ҷомеаро ба андозае заҳролуд менамуданд, ки то дер мардум автомобилу қатораро «шайтонаробаю оташароба» меномиданд.

Солҳои 90-уми қарни гузашта низ вақте ки насими ҳувияту демократия вазид, қабл аз ҳама ҳамин тоифа ноором шуданд, ошӯб бардоштанд ва ҳангоме ки кишварҳои ҳамҷавори мо орому осуда мероси Иттиҳоди Шӯравиро тақсим мекарданд, ҷумҳурии моро ба коми оташу ҷанг кашиданд. Давлат ва артишро фалаҷ карданд. Боз ҳамон афсонаҳои «шайтонаробаро» бо оҳанги дигар такрор мекарданд. Ба мардуми осоишта фатво медоданд, ки «боке нест агар бо аслиҳа ошно набошед, шумо тирро файр кунед малоикаҳо худашон онро ба синаи кофирон мезананд». Андеша намекарданд, ки «кофарон» ҳаммиллату ҳаммазҳаб ва ё бародару хоҳарони онҳоанд.

Ин ҷо ба маврид аст суханони як дӯстамро ёдрас намоям, ки дар сафари Чин маро ҳамроҳӣ мекард. Ӯ ба эътирозҳои як марди ба ном «диндор», ки ба ҳар чиз эрод мегирифт, бо тамасхур посух дод: «Бале, домулло, чиниҳо ба қавли Шумо «ҳаромхӯранд», вале бубинед, ки корашон чи қадар тозаву ҳалол, мо бошем «ҳалолхӯр»-у билло, ки ба ҷуз эрод гирифтан дигар ягон кори ҳалол надорем»

Мо бояд як чизро фаромӯш насозем, ки мавқеи ҷуғрофии кишвари мо хеле ҳассос аст. Мо дар сарҳади бархӯрди ду тамаддун қарор дорем. Агар арзишҳои миллии худро ҳифз кунему ба самти Ғарб рӯ орем аз илму технологияи муосир бархурдор хоҳем гашт. Вале агар ба самти Шарқ рӯ орем, боз побанди ҳамон урфу одатҳои асримиёнагӣ, хурофоту ҷаҳолат хоҳем буд…

**- Бо иҷозаи Шумо, боз бармегардем сари баҳси қонун… Яъне ҷиҳати пешгирии исрофкориву зиёдаравиҳо дар ҷашну маъракаҳо қабули ҳамин гуна як қонун муҳим буд…**

- Агар мо ба таърихи халқи худ назар афканем, на зулму истибдоди асримиёнагии аҷнабиён, ки садҳо ҳазор нафар аз дасти бардагиву гуруснагӣ ба ҳалокат расидаанд, на давраҳои инқилоб ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ва ё дар гузаштаи на чандон дур, ки касрати ҷанги шаҳрвандӣ мардумро ба қути лоямут зор кард, дарси ибрат нашудааст. Мардуми мо як одати аҷиб дорад, ки агар андаке аз фақру нотавонӣ раҳо ёбаду дар ҷайбаш ду се танга пайдо шавад, боз ҳамон «менталитет»-и миллӣ дастболо мешаваду роҳи баҳудаву беҳуда сарф кардани ҳамон маблағи ночизро меҷӯяд.

Рӯзе яке аз дӯстон қиссаи марғуберо нақл кард, ки ҳамин одати «суннатӣ»-и моро бозгӯ мекунад: - Солҳи 90-ум, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар авҷ буд, бо мошини боркаше аз шаҳри Кӯлоб ба самти Қӯрғонтеппа ҳаракат мекардем. Дар роҳ марди шиносеро дидам, ки дар даст сатил интизори мошин буд. Аз ронанда хоҳиш кардам, ки ӯро низ ҳамроҳ гирад. Баъд аз ҳолпурсӣ аз ӯ суол кардам, ки куҷо меравад? Ӯ ба дард оҳ кашида посух дод, ки дар хона ғизое намондааст ва як хешаш аз Сарбанд ваъда кардааст, ки агар ноилоҷ монад, биёяд ба ӯ як сатил орд медиҳад. - Барои овардани ҳамон орд меравам, агар ду маротиба нон бандем, як ҳафта ҷонамон аз гуруснагӣ халос,- ашки чашмонашро пок карда бо ҳасрат мегуфт мард. Тифоқо аз ин ҳодиса чанд сол гузашт, ҷанги шаҳрвандӣ низ паси сар шуд, мардум боз ба зиндагии осуда бармегаштанд. Рӯзе фарзанди ҳамон мард маро ба хонаашон меҳмонӣ даъват кард, вале нагуфт, ки ба кадом хотир. Ҳанӯз ба хонаашон наздик нашуда, садои карнаю мусиқиро шунидам, гумон кардам, ки тӯй бошад. Дар саҳни ҳавлии хона мизу курсӣ ва катҳои ороста ва сари он беш аз 200 нафар меҳмонон нишаста буданд, дар кунҷи ҳавлӣ, сари оташдонҳо дегҳои бузурги хӯрокпазӣ ва дар шохи дарахт нимтанаи

гӯшти гови фарбеҳ овезон буд. Соҳиби хона, ки бо чеҳраи кушод ба пешвозам баромада буд, аз нигоҳи суоломези ман рамуз гирифта гуфт: - Ҳамтуякак, фарзандҳо аз Россия омада ба хотири рӯзи таваллуди банда як маъракачаи хоксорона оростанд. Дигар пешорӯи ман як марди босалобату бовиқор, ки аз сериву пурӣ маст шудааст, меистод ва аз он марди ҳақири сатилбадаст, ки ордгадоӣ мерафту аз сахтиҳои зиндагӣ менолид ва ашки надомат мерехт, осоре намонда буд… Қиссаи дӯстамро шунидаму як мақоли англисӣ ба хотирам расид: «Камбағал он нест, ки кам дорад, балки он аст, ки орзуҳои бешумор дорад». Эҳтимоли зиёд аст, ки он мард ҳанӯз сатил дар даст вақте ки ордталабӣ мерафт, дар дил орзу дошт, ки рӯзе соҳиби пул мешаваду зиёфати калон дода ҳамаро ба ҳайрат хоҳад гузошт.

Ҳама гуна урфу одат бо мафкураи мо аз овони тифлӣ хӯ мегирад. Кӯдак аз волидайни худ ё сарфаву сариштаро меомӯзад ё исрофкориро. Вазифаи қонуни мазкур низ ҳамин аст, ки бо роҳи манъ кардани исрофкориву хароҷоти беҳуда, насли навро дар рӯҳияи сарфакорӣ тарбия намоем. Ба лаҳни содатар ва маҷозан шарҳ диҳем, ин як бори гароні бефоидае буд дар дӯши мардум, ки солҳои тӯлонӣ аз бардоштани он ранҷ мекашиданд ва танҳо бозувони қавии Пешвои миллат ин бори гаронро аз дӯши мардум дур андохт, то нафаси озод кашанд. Ё ба ибораи дигар ин ҳама хароҷоти гарон ва беҳуда мисли санги қаҳрамони асотирии Юнони қадим, Сизиф буд, ки ҳамарӯза беҳуда бо заҳмати зиёд ба тори кӯҳ мекашиду санг боз поин меафтод…

**- Сайёҳон ва меҳмонони хориҷие, ки ба кишвари мо ташриф меоранд, ба ин урфу одати марғуби мо чӣ назар доранд?**

- Борҳо мушоҳида кардаам, ки меҳмонони хориҷӣ ин расму оини «булаҷаб»-и моро дида, чи гуна ангушти ҳайрат мегазанд. Боре корманди яке аз созмонҳои байналмилалӣ ба таври малеҳ ишора кард, ки баъзе расму одатҳои

моро комилан дарк карда наметавонад. - Фаразан? - суол кардам аз ӯ. Нақл кард, ки «дар шафати корхонаашон бонуи бешавҳаре зиндагӣ мекард, ки шаш кӯдаки хурдсол дошт. Бону ва атфолашро, ки ҳоли хароб доштанд, мо ӯро ба ҳайси фаррош ба кор даъват намудем, то андаке ба зиндагиаш кӯмак шавад. Аз сари ҳар маош як миқдор маблағеро ба унвони хайр медодем, ки то кӯдаконаш гуруснаву бараҳна нагарданду дар мактаб таҳсил кунанд. Вале рӯзи иди Рамазон дар даст табақи шириниҳо ва дар тан либосҳои гаронарзиш ба корхона омаду кӯдаконаш мисли ҳамеша побараҳнаву дур аз таҳсил буданд».

Як сайёҳи олмонӣ низ бо оҳанги ҳайрат нақл мекард, ки маро ба таъзия модари як нафар бурданд. Гумон мекардам, ки чун модарашро аз даст додааст, сахт рӯҳафтодаву мотамзада аст ва дигарон мераванд, ки ӯро дилбардорӣ кунанд. Вале мизҳои ороста пур аз нуқлу наво ва таомҳои мухталифро дидам… Ҳама гӯё ба хурсандии модари фавтида зиёфат мехӯрданду шахси мотамзада даст пеши бар ба ҳама «хуш омадед, меҳмонони модар» мегуфт ва пиру ҷавонро арзи сипос мекард. Нафаҳмидам, ки ин мотам буд ва ё маъракаи шукронаи фавти модар…

Ин хориҷиён аз куҷо донанд, ки вақте мардуми мо «хубӣ»-ҳои инсонро сифат мекунанд, қабл аз ҳама мегӯянд, ки фалон намуд хонаву мошин ва либосу палос дорад, «дасткушод» аст, «дастархондор аст», «мардумро нон медиҳад»…

Ҳанӯз соли 1899 иқтисодшиноси машҳури амрикоӣ Торстейн Бунде Веблен қошуқчаҳои нуқрагӣ ва корсетҳои занонаро (як ҷузъи либоси бонувон) нишони доштани мақому мартабаи олӣ дар ҷомеа номида буд. Дар асари машҳури худ «Назарияи табақаҳои бекорхӯҷа» (Теория праздных классов) мафҳумеро бо унвони «истеъмоли намоишкорона» ворид кард, ки маънои он намоиш додани

дорой ва мақоми баланди иҷтимоии худ аз тариқи истеъмоли сарватҳои моддӣ ва ҷамъ овардани ҳар гуна ашёи қимматбаҳо буд.

Шояд садсолаҳо қабл аз ин дар олами Ғарб, ки имрӯз ба куллӣ тағйир ёфтааст, чунин буд, вале мо то ҳанӯз дар банди ин «одат»-и бад қарор дорем. Ҳатто агар ба кишварҳои дигар муҳоҷират кунем ҳам, аз ин «одат»-и суннатии худ даст намекашем. Вагарна дар тӯйи арӯсии духтари худ ба як миллион доллар харидани куртаи тӯёнаи як соҳибкори русиягии тоҷиктабор ҳаргиз сархати ахбори ВАО-и тамоми ҷаҳон қарор намегирифт.

**- Пас моро зарур аст, ки дар интихоби худ ба фарҳанги Ғарб бартарият диҳем?**

- Не, ин ҷо баҳс сари чизи дигар аст. Мо бояд беҳтарин анъана, расму оин ва арзишҳои миллии худро ҳифз намуда, аз урфу одати нолозим ва ба мо таҳмилшуда даст кашем. Зимнан барои ин ба мо зарурати пайравӣ ба ягон миллати дигар нест. Агар мардум осори безаволи ниёгони мо ва ё фаразан, китоби Пешвои миллат, Роҳбари муаззами мо Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро мутолиа кунанд, ба хубӣ дарк хоҳанд кард, ки то кадом андоза миллати мо соҳибтамаддун ва соҳибфарҳанг будааст.

Вале пайравӣ аз беҳтарин дастовардҳо, илму технологияи пешрафтаи кишварҳои мутараққӣ ҳамеша ба манфиати кор аст. Агар ба умқи таърих назар афканем, олимони Ғарб низ беҳтарин дастовардҳои илми тиб, нуҷум ва мисли инро аз олами Шарқ иқтибос кардаанд. Ва ё кишварҳои Шарқ мисли Ҷопон ва Чин арзишҳои миллӣ ва фарҳангии худро ҳифз намуда, бо истифода аз илму тамаддуни аврупоӣ ба яке аз кишварҳои мутараққии ҷаҳон табдил ёфтаанд.

Агар дар мавриди фарҳанги кишварҳои Ғарб ҳарф занем, ин мавзӯи баҳси дигар аст. Бартарӣ додан ба ар-

зишҳои либералӣ дар Аврупо мафҳумҳоеро мисли миллат, ифтихори миллӣ комилан аз байн бурдааст. Гумон мекунам дар ин замина таи чанд даҳсолаи охир фарҳанг ва маънавиёт дар Аврупо комилан рӯ ба инқироз овардааст. Агар дар гузаштаи начандон дур Мотсарту Коперник, Балзаку Леонардо да Винчи мояи ифтихори Аврупо буданд, имрӯз мутаассифона Роналдову Месси ва Мейвейзеру Мак Грегорҳо ҷойгузини онҳо шудаанд. Тасаввур кунед, ки дар як рақобати чанддақиқаинаи худ бо Мак Грегор, Мейвезер соҳиби сесад миллион доллар шуд. Вале агар андеша кунед, ки ин қаҳрамони замони муосир дар зеҳни насли ҷавон ба ҷуз фарҳанги муштзӯрӣ таъсири дигаре намерасонад, хеле риққатангез ва таассуфовар аст.

**- Дар радифи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» боз ба як силсила қонунҳои дигар низ тағйирот ворид гардиданд. Зарурати онҳоро чӣ гуна шарҳ медиҳед?**

- Тавре ки дар оғози сӯҳбат таъкид намудам, қабули Қонун оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ва дар заминаи он ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба чанд қонуни дигар, дар ҷомеаи мо барои инқилоби маънавӣ ва фарҳангӣ замина фароҳам меорад. Чунки қонунҳои мазкур самти рушди ҷомеаи моро муайян месозанд, баробарии қишрҳои мухталифи ҷомеъа, масъулият ва ҷавобгарии онҳоро дар назди қонун таъмин менамояд. Биёед мутаваҷҷеҳ мешавем ба ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қонуни маориф, кодекси маъмуриву ҷиноӣ ва мисоли ин…

Масалан, дар Аврупо сарвату дороӣ тӯли садсолаҳо аз насл ба насл мегузарад. Шахсони сарватманд низ, ки арзиши сарвату дороиро дуруст дарк мекунанд, фарзандонашонро дар рӯҳияи қаноатпешагӣ тарбия менамоянд. Аксарияти «олигархҳо»-и аврупоӣ ва фарзандони эшон хеле хоксорона

зиндагӣ мекунанд ва ҳатто ҳангоми ба кор ё таҳсил рафтан бештар аз наклиёти ҷамъиятӣ истифода менамоянд. Дорои худро ба намоиш намегузоранд. Вале дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар кишвари мо вазъият каме дигар аст. Пӯшида нест, ки баъд аз истиқлолият як қишри ҷомеаи мо ба зудӣ соҳиби сарвату доройӣ шуданд. Вале фарҳанги онҳо дар ҳамон сатҳе, ки буд, боқӣ монд. Доройӣ ва сарват барои аксарияти оилаҳои мансабдор ва тоҷир ба мояи худнамоӣ табдил ёфт. Туҳфа намудани автомобилҳои қимматбаҳо ба фарзандон ва ё аз ҷониби «ҷавонони тиллоӣ» ташкил намудани мошинпойгаҳо дар кӯчаҳои шаҳр, ки боиси садамаҳои мудҳиш гардиданд, ба донишгоҳу донишкадаҳо бо автомобилҳои тамғаи навтарин рафтан ба ҳукми анъана даромад.

Иқдоми созандаи Пешвои миллат, Роҳбари муаззами мо аз тариқи роҳандозии як қатор қонунҳои муҳим пеши роҳи ин ман-манӣ ва «мусобиқаҳои бемаънӣ»-ро гирифт. Барои дар рӯҳияи дигар тарбия ёфтани ҷавонон, масъулиятшинос шудани онҳо заминаи мусоид фароҳам омад.

Бояд тазаккур дод, ки тасмимҳои бесобиқа ва ташаббусҳои беназири Пешвои миллат на танҳо дар кишвари мо таҳаввулоти ҷиддиеро ба амал овард, балки барои кишварҳои дигар, ки ҳамин мушкилиро доранд, як роҳнамои мукаммал гардид. Имрӯз пӯшида нест, ки баъзе давлатҳои ҳамҷавор қонунҳои мазкурро ҳамаҷониба омӯхта, роҳҳои татбиқи онро вобаста ба шароиташон мавриди баррасӣ қарор дода истодаанд.

Дар фарҷоми сӯҳбат мехоҳам як нуктаро таъкид намоям. Татбиқи қонуни мазкур аз кору фаъолияти мову шумо, дигар ниҳоди дахлдор ва масъулияту хоҳиши ҳар фарди ҷомеа вобаста аст. Пас моро зарур аст, ки дар амри иҷрои он камари ҳиммат бубандем ва ҷомеаи худро аз банди ҷаҳолату таассуб раҳо созем.

**- Ташаккур барои сӯҳбати самимӣ ва пурмӯҳтаво.**

*Душанбе, с.2017*

# НАЗДИ ОНҲО ҲИҶОБ БА УНВОНИ ПАРЧАМ АСТ…

***Сӯҳбат ҷолибе доштем бо шахси соҳибмаърифат ва озодандеша, шаҳрванди Канада ҷаноби Парвизи Шаҳчарогӣ, дар мавриди сиёсат ва дин, пайдоиши решаҳои ифротгароӣ ва раҳ ёфтани андешаҳои таасубӣ ба зеҳни мардум, ки манзури хонандагони ҳафтанома мегардонем.***

**- Ҷаноби Парвиз Шаҳчарогӣ, хуш омадед ба Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нахуст мехоҳам таассуроти Шуморо дар бораи Тоҷикистон бифаҳмам. Ёд дорам даҳ сол қабл аз ин ба кишвари мо ташриф оварда будед, имрӯз онро чӣ гуна мебинед?**

- Воқеан дуруст мегӯед, 10 сол қабл ба Тоҷикистон омада будам. Ин даҳ соли дигар моҳшуморӣ мекардам, ки кай фурсат даст бибиҳад, ки боз ба Тоҷикистон оям. Чун Тоҷикистонро порае аз сарзамини бузурги ниёгони мо медонам. Бо мардумаш ҳамеша муҳаббат меварзидам ва ҳамчунин ҳам ҳаст. Вақте аз Ванкувери Канада тавассути Франкфурти Олмон ба ҳавопаймои Сомон-Эйр нишастам, шояд барои Шумо боварнокарданист садои тоҷикиро шунида, ашк дар чашмонам ҳалқа мезад, мисли ин, ки ба хонаи худ мерафтам ва бастагонамро (пайвандон) медидам.

Барои ман ва ҳамаи мо меҳанпарастон ҳавзаи фарҳангии тоҷику форс муқаддасу бузург аст. Ман бо вуҷуди он, ки бо баъзе иллатҳо Эронро тарк намуда, чанд соли ахир шаҳрвандии Канадаро пазируфтаам шунидани ҳарфи ниёгон ҳамеша хуш аст.

Ман ба ҳайси як эронӣ гоҳо фикр мекунам, ки чаро Эрон ба ҷои дастгирии размандагони мазҳабӣ дар кишварҳои даргир сармояи худро барои рушди кишварҳои ҳамсоя ва ҳамзабонаш мисли Тоҷикистон ва Афғонистон

сарф намекунад. Бубинед, ки агар сармояҳои Эрон чанд соле қабл барои пуружаҳои бузурги энергетикии Тоҷикистон равона мешуданд, имрӯз ба манфиати тамоми минтақа, ба хусус Афғонистон буд. Ин танҳо назари ман нест, балки назари кулли меҳанпарастон аст, ки бо умеди дер ё зуд ба ҳуввияти мардумӣ расидани Эронанд. Бар ин боварем, ки рӯзе захираҳои бузурги нафту гази Эрон барои ободии ҷумҳурии ҳамсояву ҳамзабон мисли Тоҷикистон ва аз чанголи ҷангу хушунат ва фақр раҳо ёфтани Афғонистон равона хоҳад шуд.

Чаро ба ин мутмаинам? Бубинед, ки имрӯз дар ҷомеаи Эрон, ки фарҳанги қадима ва ориёи дорад ифротгароӣ кам ва шояд комилан ба назар намерасад. Он чӣ, ки Шумо мебинед ин ғолибан хушунати давлатӣ ва ҳукуматӣ аст, ки эътибори Эронро дар ҷомеаи башарӣ паст мезанад.

**- Яъне барои мардуми оддии Эрон ин эҳсос бегона аст**?

- Бале, бубинед, ки имрӯз ба Эрон гардишагарони (сайёҳони) зиёде аз кишварҳои Амрико, Аврупо ва Чину Ҷопон ташриф меоранд ва ман то ҳануз нашунидаам, ки мардуми одӣ бо онҳо муомилаи дурушт дошта бошанд ё тавҳин бикунанд. Баръакс мисли мардуми Тоҷикистон хеле меҳмоннавозу таҳаммулпазиранд. Имрӯз беш аз шаст ҳазор хонавода дар Эрон сабт шудаанд, ки ҳамасола гардишгарони хориҷиро ба таври ройгон пазироӣ мекунанд. Назири ҳамин чиз дар Тоҷикистон низ зиёд ба мушоҳида мерасад.

Мехоҳам ба посухи нахустсуоли Шумо баргардам. Даҳ соли қабл, ки ба Тоҷикистон омада будам камбуди барқу газ ва мисли ин ба назар мерасид. Он рӯзҳо дар шаҳри Хуҷанд яке аз дӯстонам нақл кард, ки дар баъзе рустоҳо фасли зимистон ҳатто то ду соат барқ медиҳанд. Роҳҳо ноҳамвор ва хатарнок буданд. Ҳавопаймоҳои кӯҳнаи Шуравӣ парвоз мекарданд, ки хеле тарсовар буд. Имрӯз

мебинам, ки фурудгоҳҳо хеле зебо ва замонавӣ шудаанд, ҳавопаймоҳо ҳама «Боинг», ки аз сервиси кишварҳои ғарб ҳеҷ фарқе надорад.

Шаҳрсозӣ, ки ин чанд соли охир рух додааст барои ман боваркарданӣ набуд. Бо ҳамаи он сармояе, ки Эрон дорад дар Теҳрон ин қадар хиёбону иншооти нав бунёд нашудааст. Ин сохтмонҳое, ки тӯли даҳ сол Шумо бунёд кардед дар Теҳрон ба муддати чиҳил сол насохтаанд. Як масҷид, ки бо унвони «Масҷиди Мусаллои Теҳрон» маъруф аст, ки аз «Кохи Навруз»-и Шумо бештар нест, вале онро беш аз сӣ сол месозанд ва маблағи бамаротиб бештаре ҳам сарф кардаанд, вале ҳанӯз тамом нашудааст. Кохи Наврӯзро, ки ба ин зуддӣ сохтаед ва меъмории беназири он, ки ҳувияти миллӣ дорад ҳазор раҳ беҳтар аз сохтмонҳои ошуфтаиву на классик ва на мудерни Теҳроншаҳр аст, ки инро ба шумо ба ҳайси як муҳандиси сохтмон арз мекунам. Биноҳое, ки дар Душанбе дидам ҳама дар доираи санъату ҳунари миллӣ бо омезиши модерн сохта шудаанд. Кайфияти сохтан хеле арзишманд буда, асари ҳеҷ меъмории бегона ба назар намерасад. Ба лиҳози покизаигии шаҳрӣ ва рафтори иҷтимоӣ ҳамаи инҳо воқеан ҳам нишони пешрафтагист.

**- Лутф кардед…**

Ман ин ҳарфҳоро на ба хотири хушоянд будан ба Шумо мегӯям. Бовар кунед ман рушди кишвари Шуморо бо даврони шоҳии Эрон муқоиса кардам ва ба баъзе дӯстони тоҷики худ гуфтам, ки ҳаргиз носипосӣ накунед. Бубинед, ки чи гуна Эрони давраи Ризошоҳи Паҳлавиро, ки обод буд, озод буд ва рӯҳияи пешрафта дошт, мазҳабиён дар як лаҳза ба хоки сиёҳ нишонданд.

Ҳамингуна афроди носипос, бо вуҷуди он, ки зиндагӣ хуб буду мардум эҳсоси амният мекарданд дар давраи Шоҳ низ дар Эрон ба назар мерасид. Бубинед, ки мардум ҳамеша ва дар ҳама ҷо зиндагии хубтару беҳтар аз буда-

ро мехоҳанд. Имрӯз агар дар Ванкувери Канада аз мардум суол кунед, ҳамин шикоятиро мешунавед, ки музд кам аст, шуғл нест… Дар Канада беҳтарин хадамот ба ниёзи мардум ҳамеша расидагӣ мекунад, як соати кор 12 доллар аст, вале боз ҳамин ҳарфҳоро мешунавед…

**Яъне, носипосӣ гоҳе метавонад ба вазъи бадтаре замина гузорад?**

- Бале. Манзури ман аз ин ҳарфҳо ин аст, ки мехоҳам мардуми тоҷикро ҳушдор диҳам: -ун иштибоҳе, ки мо солҳои панҷоҳуми қарни гузашта кардем, шумо накунед. Ҳамаи ин мушкилоти иҷтимоӣ ҳал шуданист. Нагузоред, ки аз ин вазъ муллову диндорони шумо истифода баранд. Инҳо, ки сари қудрат омаданд на танҳо мол, балки илму фарҳанг, мактаб, зеҳн, андеша, имон ва виҷдони шумо ва ҳатто шодиву хурсандии шуморо ҳам хоҳанд дуздид…

Вале барои ман ин чиз шигифтовар аст, ки ҳанӯз даҳ сол қабл вақте бо мардуми шумо суҳбат доштам исми онҳо бештар тоҷикии ориёӣ буд. Имрӯз вақте дар ҷодаҳо бо ронандагони ҷавон токсӣ, ки беш аз 20-22 сола нестанд, суҳбат мекунам исми ҳамашон арабӣ аст. Шояд ибтидо ба назар расад, ки ин ҳеҷ айб надорад. Аммо… Ба фарзанд гузоштани номи бегонаи арабӣ ва ор кардан аз исми зебо ва пурмаънои тоҷикӣ худ нишонаи мазҳабӣ будани андеша ва афкори волидайн аст, ки хатар дорад.

Шумо имрӯз як испонӣ ё инглисро намебинед, ки ба фарзандаш номи миллати бегона, мисли туркӣ, арабӣ ё олмониро гузорад ва ё ҳадди ақал ин амал сартосарӣ нест. Форсҳо ягона мардуманд, ки таърих, фарҳанг ва кеши онҳо бо номашон рабте надорад. Имрӯз вақте, ки мо дар аврупо номамонро мегирем моро бо араб яке мебинанд, яъне фарқ намегузоранд. Ин яке аз нишона ва намунаҳост, ки аз мазҳаби шудани зеҳни мардум дарак медиҳад.

**- Имрӯз дар Тоҷикистон феҳристи номҳои тоҷикӣ тар-**

**тиб дода шудааст, ки бояд шаҳрвандон ҳангоми номгузорӣ аз он истифода кунанд…**

- Ин ба унвони ҳимоя аз арзишҳои миллӣ ва муқобила бо бегонагароӣ хеле хуб аст.

**- Хуб, ба унвони дигар нишонаҳо чӣ далел доред?**

- Нишонаи дигар давлатгурезӣ аст. Чизе, ки дар Эрон рух дода буд, яъне ҷудоии байни давлат ва ҷомеа-миллат… Имрӯз бояд ба хеле нигарон буд, ки азҳоб ва ҳаракати диниву мазҳабӣ бо таблиғоти нарм байни мардум ва давлат ҷудоӣ наандозанд. Бубинед, таълимоти онҳо ҳарчанд хилофи сохти демократӣ аст, онҳо бештар аз демократия ва озодиҳои ҳуқуқи инсон ҳарф мезананд, мардумро фирефта мекунанд. Имрӯз мушкили Тоҷикистон демократия нест. Қувваҳои радикал мехоҳанд бо истифода аз демократия ва боварии мазҳабии мардуми тоҷик сари қудрат биёянд ва мутмаин бошед, ки баъд аз як моҳи қудрати онҳо дигар нишоне аз демократия нахоҳад монд.

Сохти демократӣ низ бо ҳамаи хубиҳош баъзе мушкилоти ҷиддӣ дорад. Имрӯз дар Канада ва ё як кишвари дигари аврупоӣ онҳоеро, ки ба ДОИШ ҳамроҳ шудаву даст ба қатлу куштор задаанд, аз Сурияву Ироқ бозмегардонанд ва гоҳе мешавад, ки як ҳимоятгари варзида онҳоро аз додгоҳ озод мекунад ва боз пайи ҳамун кори наҳсашон мераванд.

Нагузоред, ки мисли Эрон мардумро бо ҳамаи он, ки донишманду соҳибилм буданд, гумроҳ кунанд. Беш аз чиҳил сол аст, ки аз ун демократияи ваъдашуда танҳо зоҳир боқӣ мондааст…

**- Бале, ҳамин сохтори демократӣ боиси сари қудрат омадани шахсиятҳое мисли Мусолинӣ ва Ҳитлер дар ҷомеаи пешрафтае мисли аврупо гардид… Суоли дигари ман ин аст, ки сохти давлати моро ба унвони дунявӣ ва секулярӣ мешиносанд. Яъне мо ин мувозинатро ҳамеша нигаҳ ме-**

**дорем, ки дин аз давлат ҷудо бошад. Назари Шумо дар ин маврид?**

- Роҳи интихобкардаи Шумо сад дар сад дуруст аст. Ин бузургтарин арзиш аст, ки дар баъзе ҳолатҳо дар шароити Тоҷикистон аз сохти демократӣ афзалиятҳои бештаре дорад. Дар кишварҳои Ховар бояд дин ҳеҷ гоҳ ба умури давлат ва ҳукумат дахолат накунад. Ин на танҳо назари ман, балки назари бузургони андеша аст, ки ҳамеша таъкид мекунанд. Агар мо ба дарозои таърихи худ назар андозем, ҳатто беш аз ду ҳазор сол қабл, ки подшоҳони мо аз мафҳуми демократия огоҳ набуданд, ҷудо будани динро аз умури давлатӣ ба хубӣ эҳсос мекарданд. Ҳамин раводорӣ, ки дар сарзамини бостонии мо динҳо паҳлӯи ҳамдигар бо муросову оштӣ қарор доштанд, гувоҳи ин аст. Агар давлат динӣ мебуд яҳудиён ҳанӯз дар давлати Куруш ба сарзамини мо роҳ намеёфтанд ва ба осоиш зиндагӣ намекарданд. Худи Куруши бузург яке аз маъруфтарин секулярҳо дар замонаш буд. Агар ин тавр намебуд, вақте Куруши Кабир ба Бобул ворид мешуд, худои онҳо Мардукро ситоиш намекард ва эҳтиром намегузошт. Дар давлати ӯ бобулиён бо дини худ, яҳудиён бо дини худ ва форсҳо бо дини худ буданд ва ӯ ҳамаи инро гиромӣ медошт. Ҳатто дини Зардуштиро, ки аксарияти мардум ба он эътиқод доштанд намегузоштанд, ки бар дигар динҳо ғолиб бошад, бартарият дошта бошад. Пас ин идеяи ҷудоии дин аз давлат дар фарҳанги ниёгони мо ҳамеша будааст. Пешвои муаззами Шумо – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вориси Куруши Кабир аст, ки ба қадри ин арзишҳои бунёдӣ мерасад.

Шояд ҳамин ҳуввияти фарҳангӣ аст, ки имрӯз мардуми эронӣ даст ба тазоҳурот мезананд. Мехоҳам қиссаеро ба Шумо нақл кунам. Чанде қабл ҳангоми Наврӯз дар Эрон будам. Ба руфтагаре (фаррош), ки ҳар субҳ роҳ мерӯфт ба

хотири ҷашни Наврӯз чизе туҳфа кардам. – Чи рӯзи баде расидааст, -мегуфт бо таассуф руфтагар. Чӣ шуд? -суол кардам аз ӯ. Сар такон медод ва мегуфт, ки рӯзе нест, ки даруни ин ашғол (партов) чанд китоби мазҳабиеро пайдо накунам. Чун рӯфтагар мӯйсафеди мутаассибе буд чизе нагуфтам, вале андеша кардам, ки бубин кор то куҷо расидааст. Бо вуҷуди он, ки шабакаҳои телевизиони давлатӣ аз субҳ то шом бо охундҳои худ таблиғи дину мазҳаб мекунанд, мардум китоби эшонро дар партовгоҳҳо меафкананд.

Чаро ин тавр шуд? Ҷомеаи имрӯз ҷомеаи сад соли пешин нест. Мардум гуфтор, рафтори рӯҳониёнро муқоиса мекунанд ва ба хулоса меоянд.

**- Пас чӣ омилҳо сабаб гардид, ки ҳукумати шоҳӣ сарнагун шуд?**

- Яке аз мушкилии ҳукумати шоҳӣ дар он буд, ки хондану таҳқиқи рисолаҳои динии Оятуллоҳ Ҳумайнӣ дар ҷомеа мамнӯъ буд. Касе намедонист, ки оқои Ҳумайнӣ дар китобҳояш чӣ навишта буд. Касе намедонист, ки аввалин шахси мухолифи ҳаққӣ райъи занон дар интихобот ҳамин оқои Ҳумайнӣ буд. Охундҳо ба майдон фурӯ рехтанд, давлат онҳоро саркӯб кард, вале асли аъмоли эшонро ошкор накард. Мардум чун аз назару андешаҳои аслии Ҳумайнӣ огоҳ набуданд, китобҳои ӯро хонда ва таҳқиқ накарда буданд, фиреб хӯрданд. Олимон ва сиёсатмадорони Шумо бояд гуфта ва навиштаҳои мутаассибони диниро таҳқиқ ва ташреҳ кунанд ва ба гӯши мардум бирасонанд, то ҷомеа аз таҳвину хатари эшон огоҳ бошад. Ҳумайнӣ китобҳое дошт бо унвони «Кошиф-ул хитоб», «Кашф-ул асрор», ки дар онҳо тамоми идеологияи давлати исломиро ташреҳ карда буд. Ин китобҳоро ҳатто рӯшанфикрони мо нахонда буданд, ки вакилон, ҳуқуқдонҳо, сиёсатмадорон аз ҷабҳаи миллӣ буданд ва аз соири кишварҳои мутараққии ҷаҳон

пушти ӯ гирд омаданд. Китобҳои Марксу Ленинро хонда буданд ва метарсиданд, ки идеологияи комунистӣ дар Эрон ғалаба накунад, вале аз идеологияи мазҳабӣ ғофил монданд. Ҳол он, ки дар Тоҷикистон таълимоти марксистӣ нуфуз пайдо кард ва хуб, ки вазъи он мисли Афғонистону Эрон нашуд. Бубинед, ки имрӯз дар Афғонистон на амният аст, на оромӣ ва на озодӣ. Таассуб то ҷое кашидааст, ки бонуи бегуноҳеро мисли Фархунда бо иттиҳоми ҳарфи беҳудае ваҳшиёна сангсор карданд.

Манзури ман ин аст, ки ба ҳарфҳои зоҳирии ашхосе мисли Кабирӣ ва ҳизби ӯ фирефта нашавед. Вақте аз Ҳумайнӣ пурсиданд, ки ҷомеаи исломӣ чӣ гуна мешавад, посух дод, ки мисли Фаронса. Пурсиданд, ки озодии исломӣ чист, гуфт, ҳама озоданд ва ҳатто коммунистон. Вале вақте, ки вориди Эрон шуданд нахустин коре, ки даст заданд куштори комунистон ва дигарандешон буд. Зарфи чанд ҳафта танҳо ҷавononе, ки синнашон зери 30 буд беш аз чаҳор ҳазор нафар дар зиндонҳо ба дор кашида шуданд. Ҳатто беморонеро, ки ба по намеистоданд аз дасташон мебардоштанд то сарашон ба ҳалқаи дор расад. Ин гуфтаҳои тахайюлии ман нест, балки ҳар яки ин санад, аксҳо ва филмҳо дорад. Ман ҳанӯз дар бораи қатли нахустин вазири зан, ки вазири фарҳанг буд, сарфармондеҳу афсарони артиш, ки сарсупурдаи Ватан буданд ва онҳое, ки бенишон нопадид шуданд чизе нагуфтаам. Инро занони мо намедонистанд. Вақте сӯи хиёбон раҳпаймоӣ мерафтанд ва нидои «Дуруд ба Ҳумайнӣ» мезаданд рӯсариву ҳиҷоб надоштанд ва касе аз охундҳо намегуфт, ки аввал рӯсари кун баъд ба тазоҳуроти мо ҳамроҳ шав. Аммо Ҳумайнӣ, ки ба Ватан баргашт рафтанд ба дидораш, гуфтанд ҳар кас, ки ҳиҷоб надорад роҳ надиҳед ва муҷозот кунед.

Имрӯз, ки Кабирӣ ва атрофиёни ӯ ҳарфи зебо мезананд, чун ба қудрат расанд аз охундҳову толибон ҳеҷ

фарқе нахоҳанд дошт. Дар ислом истилоҳе ҳаст бо унвони «тақия». Инҳо тақия мекарданд, ки маънии он то замоне, ки сари қудрат нестӣ нияти аслии худро пинҳон дор. Яъне дурӯғ гуфтану фиреб карданро фатво дода буданд. Шумо нагузоред, ки онҳо дар Тоҷикистон низ тақия кунанд. Нагузоред, ки нияти аслии онҳо аз назари мардум пинҳон монад.

Агар чаҳор нафари онҳоро ба телевизион даъват бикунеду як рӯзноманигори қавии забондон суол диҳад, ки бобои мулло оё чаҳор зан гирифтан дар ислом дуруст аст? Оё дуруст аст, ки духтарон дар мактабу донишгоҳҳо таҳсил накунанд? Оё дуруст аст, ки духтари ноболиғро ба шавҳар диҳанд? Метавонад, ки инкор кунад? На! Болотар аз ними ҷамъияти Тоҷикистон, яъне беш аз чаҳори миллион зан аст ва вақте хостаҳои аслии онҳоро фаҳмиданд, бовар дорам, ки ҳатман ба даҳонашон мезананд.

**-Боз кадом кори муассиреро бояд анҷом диҳем, ки ифротиён дар ҷомеа нуфуз пайдо накунанд?**

- Шумо дидед, ки як рӯҳонӣ бо кори манфиатворе дар ҷомеа даст зада бошад? Аввалин коре, ки бояд карда шавад онҳоро аз манобеи молиашон ҷудо бикунед. Бояд ҳамеша пайгирӣ шавад, ки пул барои онҳо аз куҷо меояд. Бояд ҳисоби бонкии онҳо таҳти назорат бошад. Бубинед, ки имрӯз мову шумо агар мехоҳем, ки коре бикунем душвории маблағгузорӣ пеш меояд, вале дар аврупо дар ихтиёри Кабирӣ садҳо ҳазор евро гузошта шудааст. Имрӯз чаро як нафар коргар барои пайдо кардани ғизо мушкилӣ мекашад, вале инҳо, ки ҳеҷ ҷо кор намекунанд имкон доранд, ки ҳар сол барои ҳаҷ ба Макка раванд? Чаро ки бозориёну мардуми мутаассиб, ки бехудона аз думболашон медаванд, эшонро аз лиҳози пул таъмин мекунанд. Аз таассубу бесаводии мардум аст, ки худашон дар тиҳидастиву бечорагӣ қарор доранд, вале аз ҳисобашон мулло ду се зан

дораду зиндагии хонаводагиаш аз ҳама имконот бархӯрдор аст. Худашон намедонанд, ки ин эътиқоду муҳаббати кӯр-кӯронаашон рӯзе ба сарашон бало меорад. Шумо бояд дар ин замина кор баред, ки таассуб аз замири мардум решакан шавад.

Хуб ин, ки мақомоти қудратӣ ифротиён ва террористонро пайгирӣ ва ҳабс мекунад, ҳанӯз мисли даравидани рӯи алаф аст. Яъне буридани як гиёҳи ҳарза, ки ҳанӯз решааш дар замин пинҳон аст. Сохтори амниятӣ вазифаи худашонро анҷом медиҳанд, ки дуруст аст, яъне ҷомеаро безарар мегардонанд. Вале зери ин реша бояд тамоми риштаҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ кор кунанд, то ин гиёҳи мурдор дигар сабз нашавад.

Дигар коре, ки дар ин замина муҳим аст, ҳар ифротгароеро, ки дар дохили ҳукумат аст бояд берун кард. Дастгоҳи давлативу девону лашариву амниятӣ бояд аз ҳар одаме, ки назару андешаи ифротӣ дорад, пок шавад. Касе, ки занаш рӯсарӣ мекунаду намегузорад, ки духтараш дар донишгоҳҳо таҳсилашро идома бидиҳад, ӯ дунявӣ ва ё ба истилоҳи дигар секулярӣ нест, балки боварманд аст.

Дар ҳеҷ ҷои Қуръон ҳарфе дар мавриди ҳиҷоб нест. Агар касе мехоҳад, ки дар ин маънӣ ба Қуръон истинод кунад, наметавонад далеле пайдо кунад. Ҳиҷобро ифротиён оварданд, чунки абзори контроли мардум аст. Ман аз чанд охунди шинохта суол кардам, ки оё дар Қуръон ояте ҳаст, ки ҳиҷоб гирифтанро барои бонувон ҳатмӣ шуморад? Ҳама инкор мекарданд, вале идао мекарданд, ки гарчӣ далели нақлӣ надорад, ҳароина ақлӣ аст. Яъне гарчанде, ки дар китобҳо зикраш нарафтааст, инҳо ба «ақл» дарёфтаанд, ки беҳтарин василаи контрол аст.

Ҳиҷоб барои ифротиён мисли парчам аст. Чун парчамашон аз даст рафт дигар қудратро ҳам аз даст медиҳанд. Метавонанд дар ҳолати зарурат аз ҳама чиз гузашт кунанд,

аммо ҳиҷобро раҳо нахоҳанд кард. Дар байни вакилону вазирону мудирон набояд онҳое бошанд, ки ду занаву се-занаанд ва ё муҳити хонаводагиашон сатрпӯш бошанд. Чун шахси давлатманд (масъул), ки дузана аст, чӣ гуна метавонад аз ҳуқуқи зан дифоъ кунад, ки аз шартҳои муҳими давлати дунявӣ ва демократӣ аст?

**- Ҳарфҳои Шумо дар боби парчам ва ҳиҷоб, воқеан ҳам ҷолиб буд…**

- Бубинед, ки агар ин ҷо сад зани саркушода муқобили як зани ҳиҷобдор қарор бигирад, занҳои саркушода дарҳол бо эҳсоси хатар худро ҷамъ мекунанд. Чун, ки афкори онҳо ифротӣ нест ва мағзашон олуда нашудааст. Вале зани ҳиҷобдор агар касе ташхис диҳад, ки занҳои саркушода мурдору муртаданд омода аст, ки ҳамаи инҳоро пора-пора бикунад. Дар сари ӯ ҳамеша ин андеша ҳаст, ки ман бартарам, ҷойгоҳам назди Худо болотар аст ва ҳақ дорам, ки ҳамаи мардумро довар бошам. Ислом чун ба сиёсат омехт аз намодҳое мисли таблиғу таҳоҷум иборат хоҳад буд, ки пайравони худро аз дигарон тафовут медиҳад.

Вақте мо динро ба унвони як мавзӯи фардӣ нигоҳ мекунем, ниёзе ба тазоҳур надорем. Ман метавонам бо ҳар дину оине, ки дорам равам дар хона намоз гузорам ва бо Худои худ бо оромиш ниёиш кунам. Вале исломи радикалӣ мехоҳад қудрати худашро нишон бидиҳад. Фаразан дар Истамбули Туркия, ки аслан на кишвари аврупоисту на осиёист, масҷидҳои зиёде ҳаст. Аммо теъдоде аз мусалмонон ба ҷои он, ки бираванд дар масҷид намоз гузоранд, бештари вақт дар сари роҳу хиёбонҳо ин корро анҷом медиҳанд. Чаро? Мехоҳанд қудрати худро ба намоиш бигзоранд, мехоҳанд ки заҳри чашм бигиранд, дар дили мардум тарсу ваҳшат эҷод мекунанд, то дар онҳо эҳсоси озодӣ набошад, ҳарфи дилашонро гуфта натавонанд.

**-Чаро вақте, ки бо теъдоде аз ин диндорони мутаассиб**

**дар шабакаҳои иҷтимоӣ баҳс мекунӣ, дарҳол бо ҳарфи дурушт ва алфози қабеҳ посух медиҳанд?**

- Усули баҳси инҳо ҳамин аст. Тавре, ки дар боло гуфтам онҳо ҳеҷ баҳсро қабул надоранд. Аслан ба дин ҳам эътиқод надоранд ва онро ба ҳайси як абзори зиндагӣ истифода мекунанд. Дар байни мусалмонони одӣ мардуми поке низ ҳастанд, ки ҳатто мӯреро озор намедиҳанд. Ба зиндагӣ ва эътиқоди касе ҳам кор надоранд. Вале ифротиҳо бо ин ҳама дигаронро наҷасу муртад эълон доштаанд, омодаанд, ки даст ба куштору қатл зананд. Бо нидои «Аллоҳ Акбар» ба корҳое даст мезананд, ки ҳатто мояи таҳайюри иблис аст.

Чаро мо мисли онҳо, ки шеваи ваҳҳобиро пеш гирифтаанд ба дуруштиву лафзи қабеҳ баҳс намекунем. Мисли онҳо таҳдид ба қатлу сар задан намекунем. Чунки касеро ва ҳатто ҷонвар ва ё дарахтеро ба хотири зинда буданаш озор надодан ҷузъе аз омӯзаҳои куҳани фарҳанги ниёгонамон будааст. Ба хотири ин, ки зерсохти фикрии мардуми тоҷик, ҳофизаи таърихии он аз азал гиромӣ ва пок доштани чаҳор унсур обу хоку боду оташ аст. Чӣ ҷои баҳс, ки инсон ва ё ҷонвареро озор диҳад? Хӯи меҳрубонӣ ҳазорсолаҳо дар хуни мардуми тоҷик парвариш ёфтааст. Бубинед, ки теъдоди ҳамаи ифротгароён дар Тоҷикистон як фисад ҳам беш нест. Онҳо ҳам, ки мағзашон шустушӯ шудааст ва дигар аслу насаби худро фаромӯш кардаанд, дигар тоҷик нестанд, балки як ваҳҳобиву салафиву таҳририӣ ҳастанд, ки бо вуҷуди кам будани теъдодашон хеле хатарноканд.

**- Пас барои шустушӯи мағзӣ нашудани ҷавонон бояд чӣ кард?**

- Барои ҷомеа бештар ун касоне хатарноканд, ки аз кӯдакӣ шустушӯи мағзӣ мешаванд. Чаро аксари интиҳориёни афғон мардуми пушту ҳастанд? Чаро, ки онҳоро аз хурдӣ дар мадрасаҳои Покистон ба ин кор омода мекунанд. Чаро

як марди бузургсол аз ин фирқа даст ба интиҳор намезанад, вале ҷавононро ба ин кор раҳнамоӣ мекунад? Чаро ки бовар надорад, ки худро тарконаду муъҷиби куштори чанд одами бегуноҳ шавад, биҳишт меравад. Ин корро танҳо ба хотири сарвату қудрат мекунад. Толибон дар Афғонистон пойгоҳҳо доранд, ки дар онҳо кӯдаконро аз хурдсолӣ ба террор таълим медиҳанд. Ҳатто дар Сурия ҷангиёни ДОИШ курдону эзидиҳоро мекушатанд ва кӯдакони онҳоро дуздида, дар ӯрдугоҳҳо бомба бастану сар задану кушторро меомӯхтанд. Дар мағзи онҳо хушунату бадбиниро нисбати дигарон ҷо мекарданд. Илми равоншиносӣ собит намудааст, ки ҳар қадар инсон ҷавонтару содаву камақлтар бошад, шустушӯи мағзии он кори сахт нест.

Мо кӯдакони худро аз кӯдакистонҳо чунин тарбия диҳем, ки дурусту бадро бо хирад санҷад. Бояд илму дониш омӯзад. Ҳар қадар инсон аз хурдӣ ба донишу маърифат алоқамандӣ пайдо кард, ҳамон қадар рушд мекунад, аз таассубу ҷаҳолат дур мешавад. Яъне мо бояд ба фар- зандони худ шеваи дуруст андешиданро биомӯзем. Ҳар андешае, ки то синни ҳафт-нуҳсолагӣ ба мағзу зеҳни кӯдак ҷой кардед, то охири умр ба он содиқ мемонад. Пас дуруст нест, ки ба ҷои мазҳабу хурофоту чизи дигар ба кӯдак илму маърифат диҳем?

Имрӯз гумон мекунам Тоҷикистон фаъолияти як ниҳоде ниёз дорад, ки шояд ба унвони як Созмони парвариши андеша роҳандозӣ шавад. Ин созмон бояд аз тариқи расонаӣ кардани ормонҳои миллӣ, андешаҳои солим, суханрониву шеъру суруд, филмҳои ҳунариву мустанад ба афкори мардум роҳ ёбад. Ҳамбандон, яъне узви ин созмон метавонанд, олимон, сиёсатмадорон, устодони дабистонҳо бошанд. Гирди ин созмон бояд шахсиятҳои шинохта, донишварону андешамандон ҷамъ шаванд ва пеши мардум бираванд ва бо забони содаву фаҳмо, бо забони коргару

кишоварз бо онҳо суҳбат бикунанд. Ҳизби созандаи Шумо тавре, ки итилоъ дорам дар тамоми навоҳиву шаҳристонҳо дафтари (сохтори) худро дорад. Вале мутассибони динӣ аз ҳар минбари масҷид, ки дар шаҳраку рустоҳо ҳаст ба унвони дафтару ситоди худашон истифода мекунанд. Бояд Шумо нагузоред, ки масҷидро инҳо ба унвони як пойгоҳи сиёсӣ, ҳизбии худ истифода кунанд. Мо дар шаҳру рустоҳо бояд анҷуманҳое, ки тавонанд мардум ҷамъ шаванду ҷойгузини масҷидҳо бошад дуруст кунем. Масҷид ҷои ибодат аст на баҳсу сиёсат. Ин бархӯрдҳое, ки Ҳукумати Шумо имрӯз бо масҷидҳо дорад комилан дуруст аст ва хилофи ҳеҷ қавонини башарӣ нест.

**- Сипос барои як суҳбати фарогир ва самимӣ.**

- Банда низ сипосгузорам, ки як имкони мусоид барои баёни назару андешаҳоям фароҳам овардед.

*Душанбе, сентябри с.2018*

## ЖУРНАЛИСТИКАИ СИЁСИИ МО ДАР КАДОМ САТҲ АСТ?

**Журналистикаи сиёсӣ дар Тоҷикистон новобаста аз сохти давлатдорӣ аз давраҳои нашри нахустин рӯзномаву маҷаллаҳо ҳамеша мавҷуд буд. Фарқ танҳо дар ин аст, ки ин маҳфум дар давраҳои мухталиф ба тарзи гуногун шарҳ дода мешуд. Фаразан агар дар давраи Шӯравӣ журналистикаи сиёсӣ бештар ба масоили байналмилалӣ дахл менамуду идеологияи як ҳизб ва бартарияти як сохтро таблиғ мекард, солҳои навадуми қарни гузашта фаъолияти он нисбатан густурдатар ва фарогиртар ба назар мерасид.**

Дар аҳди Шӯравӣ фаъолияти журналистони сиёсӣ бештар дар чорчӯбаи «таблиғу тарғиб»-и як ҳизб маҳдуд

мегардид ва онҳо бояд аз ин дид фаъолият менамуданд, ки ягона мавқеи дуруст дар арсаи байналмилалӣ мавқеи Ҳизби Коммунистӣ аст ва сохтори давлатҳои ҷаҳони Ғарб пайваста мавриди интиқод қарор мегирифт.

Солҳои навадум дар Тоҷикистон давраи тавлид ва эҳёи журналистикаи нав, аз ҷумла журналистикаи сиёсӣ гардид. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон воқеан ҳам такони ҷиддие ҷиҳати ташаккулёбии журналистикаи нав гардид. Ин рӯйдоди муҳими сиёсӣ тақозо намуд, ки рӯзноманигорон мавқеъ ва ҷаҳонбинии худро то андозае тағйир диҳанд. Дар Тоҷикистон нахустин рӯзномаҳо арзи ҳастӣ намуданд, ки дигар назари худро оиди ин ё он масъала нисбатан озодтар баён менамуданд. Вале ҳанӯз ташаккул наёфтани мактаби нави журналистика, набудани таҷрибаи кофӣ дар журналистикаи бидуни сензура, тарбия наёфтани рӯзноманигорони насли нав, то андозае фаъолиятро дар ин самт душвор мегардонид.

Хуб дар хотир дорем, ки фаъолияти ҳар як ҳизб, ҳаракат ва ё гурӯҳ, новобаста аз он, ки ба ояндаи ҷомеа ва давлат таъсири мусбӣ ва ё манфӣ мерасонад, ба хотири ин ки як падидаи нав дар фазои сиёсӣ аст, мавриди таблиғу ташвиқ қарор мегирифтанд. Баъдан собит гардид, ки як бахши умдаи ин гурӯҳҳо на ба манфиати ҷомеа, балки ба хотири пиёда сохтани ҳадафҳои муғризонаи худ фаъолият менамуданд ва ҷиҳати мустаҳкам намудани мавқеи худ дар ҷомеа аз имкониятҳои ВАО ба таври густурда истифода мекарданд.

Имрӯз вазъият комилан тағйир ёфтааст. Тӯли чанд соли ахир мактаби нави рӯзноманигории тоҷик ташаккул ёфт, ки беҳтарин анъанаҳои журналистикаи суннатии тоҷик ва таҷрибаи байналмилалиро фаро гирифтааст. Дар мактаби мазкур даҳҳо журналистони ҷавон тарбият ёфтаанд, ки озодона дар мавзӯъҳои мухталиф баҳс мекунанд

ва дар рӯзномаву маҷаллаҳои ватанӣ фаъолияти густурда доранд.

Қобили зикр аст, ки дар ин замина журналистикаи сиёсӣ низ то андозае қадамҳои ҷиддӣ гузошта, ба як рукни устувор ва муҳими журналистика ба маънии томаш табдил ёфт. Имрӯз дар аксарияти рӯзномаю маҷаллаҳои ватанӣ новобаста аз шакли моликияташон матлабҳое нашр мешаванд, ки раванди сиёсии дохили кишвар ва минтақаву ҷаҳонро ба таври касбӣ мавриди баррасӣ ва баҳс қарор медиҳанд. Вале, мутаассифона, бояд иқрор шавем, ки ин кор ғолибан дар маҳдудаи рӯзномаву маҷаллаҳои ватанӣ сурат мегирад, ки ҳанӯз аз ташаккул наёфтани журналистикаи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ дарак медиҳад.

Ин ҷо суоли матраҳ ин аст, оё мо омода ҳастем дар шароити замони муосир, ки раванди сиёсии ҷаҳони хеле печида аст ва ғолибан дар мунокишаҳои байналмилалӣ набарди иттилоотӣ нақши асосӣ ва калидиро мебозад, манфиати миллии худро пешорӯи таҳдидҳое, ки аз ҷониби кишварҳои манфиатдор сурат мегирад, ҳимоя кунем?

Мо ҳамагон шоҳиди он будем, ки дар таҳаввулоти «Баҳори араб» то кадом андоза нақши пойгоҳҳои иттилоотӣ ва ВАО бориз буд. Ҳодисаву воқеаҳо дар ВАО-и кишварҳои манфиатдор танҳо ба суди гурӯҳҳое, ки ҳадафҳои эшонро пиёда мекарданд, шарҳ дода мешуд ва гоҳо аз воқеият фарсаххо дур буд. Дар натиҷа ормону хостаҳои мардуми бумӣ барои ҳуқуқи зиндагии роҳат ва ором дар ватанаш ба як канор афканда шуд ва низомҳое сари қудрат омаданд, ки вазъи сиёсии ин кишварҳоро ноамн ва зиндагии мардуми оддиро боз печидатару нороҳаттар сохтанд. Идомаи ин бозиҳоро мо имрӯз дар мисоли Ироқ, Либия ва Сурия мебинем, ки аксари ахбору иттилоот аз ин кишварҳо мерасанд, мисли ин ки ба хун оғӯшта аст.

Агар амиқ назар афканем, иллати асосӣ ин буд, ки

ВАО дар ин кишварҳо, мақоми худро ҳамчун ягона сарчашмаи дастраси ахбори тоза аз даст доданд. Ҷои онҳоро хабарнигорони хориҷӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ишғол намуданд, ки ҳар як узви он ҳуқуқи пешниҳоди иттилоотро дорад ва на ҳамеша дар тафовут аз журналистикаи касбӣ, ахбори дуруст ва дақиқро пешниҳод мекунад. Фаразан дар Сурия, саҳнаи зинда гӯронидани як нафар аз гурӯҳи муқовиматро, ки аслан навори сунъӣ буд, аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намуда, барои ба майдон кашидани мардуми шӯрида муваффақ шуданд.

Аз дигар тараф, бо сабаби таъсири фарогири ВАО дар бахши ташаккул ва идора кардани афкори ҷомеа, солҳои охир таваҷҷӯҳ нисбати он бештар гардидааст ва он ахиран ба яке аз воситаҳои мубориза ҳои сиёсии дохилӣ ва ё байналмилалӣ, новобаста аз он, ки идеологӣ, сиёсӣ ва ё тиҷоратӣ аст, табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар шароити муосири глобалӣ кишварҳо ва ширкатҳои бузург барои таъсиси шабакаҳои бузурги иттилоотӣ мубориза мебаранд, то ки бо истифода аз шиорҳои маъмули «Мо танҳо ҳақиқатро ошкор мекунем», «иттилооти саҳеҳ меҳвари фаъолияти мост» ва мисли ин, ки дар журналистика аслан арзиши воқеӣ надоранд афкору андешаи оммаро идора намоянд. Бубинед, ки имрӯз айнан як хабар ва ё қазия фаразан аз ҷониби ВАО-и Русия ва ё як оҷонсии иттилоотии кишвари Ғарб бо чи гуна тафовут ва ба таври зиддунақз пешниҳод мегардад. Гоҳо фарқ аз замин то осмон аст ва тарҷеҳ додан ба дурустии ахбори яке аз ин манбаҳои иттиллотӣ баъзан комилан ғайриимкон аст.

Дар ин замина, имрӯз мактаби журналистикаи тоҷик, манзури ман ин ҷо факултаву шуъбаҳои журналистикаи макотиби олии кишвар, то кадом андоза қодиранд дар бахши журналистикаи сиёсӣ мутахассисонеро омода соза-

нд, ки дар сатҳи байналмилалӣ фаъолият карда тавонанд? Манфиатҳои миллии моро дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон ҳимоя намоянд. Бо забонҳои инглисӣ, русӣ, арабӣ ва мисли ин озодона баҳс кунанд, то мо имконият дошта бошем, ки иттилооти таҳрифнашуда ва воқеиро дар бораи ин ё он масъала, ки ба иммиҷи кишвари мо таъсир мерасонад, аз сарчашмаи асил ва воқеӣ пешниҳод намоем.

Мутаассифона баҳсҳои иттилоотие, ки мо доир ба масъалаҳои калидӣ солҳои охир бо баъзе кишварҳои ҳамҷавор доштем, собит менамояд, ки дар ин бахш мо ҳанӯз пиёдаем ва бо вуҷуди он ки ҳадди аксар ҳақиқат ба ҷониби мост, дар набарди иттилоотӣ баъзан таслим ҳам мешавем.

Мушкили дигаре, ки имрӯз дар журналистикаи мо, аз ҷумла дар бахши журналистикаи сиёсӣ мавҷуд аст, муносибати ВАО бо давлат ва ҷомеа маҳсуб мешавад. Пӯшида нест, ки ВАО бояд байни давлат ва ҷомеа нақши миёнравро анҷом диҳад. Бахусус, ин нукта муҳим аст агар манзури мо давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад. Нақши миёнравии ВАО иборат аз он аст, ки бояд манфиатҳои ҷомеаро дар назди давлат муаррифӣ намояд, ба ҷомеа барои ташаккул додани ин арзишҳо ва ҳимояи онҳо кӯмак расонад, худ ба ҳайси яке аз институтҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъол бошад.

Вале гоҳо ба назар мерасад, ки ҳамин муносибати ВАО бо ҷомеа то ҳанӯз ташаккул наёфтааст ва устувор нест…

Фаразан, дар матбуоти даврӣ матлабҳое нашр мешаванд, ки фарогири манфиати ҷомеа аст, вале на ҳамеша ҷомеа онро қабул ва ҳазм карда метавонад. Яъне вокуниш ва акси садо нисбати масъалаи мавриди баҳс баъд аз нашри матлаб тақрибан ба назар намерасад, ки аз бетаваҷҷӯҳии ҷомеа дарак медиҳад ва дар натиҷа ин масъала арзиши актуалии худро гум мекунад.

Ва ё аз ҷониби дигар ВАО ба инъикоси масъалаҳое даст мезананд, ки фарогири ниёзҳои ҷомеа нест ва бештар ба манфиатҳои як гурӯҳи маҳдуд мутааллиқ аст. Гоҳо ин баҳсҳо тоба ҳадди примитивӣ аз қабили «бӯсидани даст роиҷ аст ё не», «бояд андозаи риш чанд ваҷаб бошад» ва ё баҳси ду рӯҳонии саршинос сифр пиромуни як масъалаи мазҳабӣ сурат мегирад, ки аз ҳаллу фасли онҳо ба ҷомеа ва хонанда манфиате нест…

Мо бояд фаромӯш накунем, ки бо рушди технологияҳои иттилоотӣ дар кишвари мо солҳои охир имконоти нав барои таъсиси воситаҳои иттилоотии хусусӣ ва гурӯҳӣ пайдо мешаванд. Бахши иттилоот дар ҷомеа ба воситаи хеле қудратманди таъсиррасонӣ ва ташаккули маърифати ҷамъиятӣ табдил меёбад, ки ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар сохторҳои ҷомеа таъсири бузург мерасонад. Дар ин замина журналистика ба ҳайси муҳимтарин сарчашмаи иттилоот ба яке аз рукнҳои асосии системаи сиёсии давлат ва воситаҳои муҳими идоракунии он, ташаккули маърифати ҷомеа ва афкори омма мегардад, ки мо инро бояд ҳамеша мавриди назар дошта бошем.

*Душанбе, 2018*

## НА ИЛМ, ҲАРЧИ АМАЛ МЕКУНӢ, ҲАМОН АЗ ТУСТ

**Мусоҳибаи сардабири ҳафтавори “Минбари халқ” Бахтиёр Ҳамдамов бо адабиётшинос ва журналист, номзади илмҳои филология, устоди донишгоҳи давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Саидумрон Саидов**

Дар ҷомеаи мирӯза хушбахтона инсонҳое ҳастанд. ки вуҷуди онҳо, кору фаъолияташон дар рушди олами маънавии мардум муассир аст. Ин гуна афрод маънии

зиндагии хешро дар баланд намудани маърифати мардум мебинанд ва дар ин ҷода устувор гом мезанад. Яке аз ин гуна афроди фарҳехта ,шахси фарҳангиву илмӣ, номзади илмҳои филология .устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Саидумрон Саидов мебошад, ки фаъолияти густурдаи ӯ дар ҷодаи илм, фарҳанг ва журналистика шоистаи таззакуур аст. Ӯ муаллифи бештар аз 30 китоби имиву методӣ, 300 номгӯй мақолаҳои илмӣ, адабӣ, публицистӣ, зиёда аз 3000 номгӯй барномаҳои мухталифи телевизионӣ, бештар аз 200 чорабиниҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ мебошад.

**- Саидумрони азиз, солҳои тӯлонӣ, ки зиндагии худро сарфи илму маърифат намудед ва дар ин ҷода муваффақ ҳам шудед. Оё пушаймон нестед, ки ин пешаро, ки ягона манфиаташ ғановати маънавӣ аст, ва орӣ аз суди моддист интихоб намудед?**

- Шоире мегӯяд:

*Номҷӯӣ хилофи нонталабист,*
*Ҳар кӣ нон ҷуст кам расид ба ном*

Муҳити зиндагии ман аз даврони тифлӣ,ки онро китоб, маърифат ва дониш фаро мегирифт ҳаргиз намегузошт, ки ман пайроҳаи дигар яъне роҳи бидуни илму адабро тай намоям. Падарам инсони бомаърифате буданд,ки аз хатти ниёгон бархурдор ва илми куҳану навро дар пайвастагӣ меомӯхтанд ва фарзандонро ба қадри тавоноии худ таълим медоданд. Дар тоқу токчаҳои падарам дар канори “Қуръони карим” китобҳое чун “Чоркитоб”, девони Ҳофизу Бедил, ”Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ, девони Машраб ва ғайра меистоданду онҳоро бо навбат ҳар бегоҳ дар ҳалқаи фарзандон бо овози баланд қироат мекарданд. Гузашта аз ин падарам ба маҷаллаи “Садои шарқ”, “Помир”, “Фан ва турмуш”, “Адабиёт ва санъат” обуна буданду маводи муҳими онро мехонданд

ва барои мо нақл мекарданд. Китоби “Доғистони ман”- и Расул Ғамзатов, “Дуроҳаи бӯронӣ”-и Чингиз Айтматов китобҳои дӯстдоштаи падарам буд, ки батакрор хондани онро ба фарзандон тавсия медоданд.

Ҳар субҳ падарам барои ман вазифае мегузоштандва бегоҳ аз он пурсон мешуданд. Ин буд.ки ҳар бегоҳ як ғазал аз Саъдӣ ё Ҳофиз ё Камол аз ёд барои падарам мехондам. Падарам ин шеъри Шайхи аҷалро пайваста такрор мекарданд ва бад-ин минвол онро ба гушам ҳалқа мекарданд:

*Илм чандон, ки бештар хонӣ,*
*Чун амал дар ту нест нодонӣ*
*На муҳаққиқ бувад на донишманд,*
*Чорпое дар ӯ китобе чанд.*

Маҳз падарам, ки инсоншиносу олимпарвар буданд аз устоди азизамон Абдулманнон Насриддин,ки дар як маҳалла умр ба сар мебурдем хоҳиш карданд то маро дар ҷодаи таҳқиқ раҳбару раҳнамо бошанд. Ба баракоти раҳнамоиву меҳрубонии ин устоди муаззам маро даст дод то дар соҳаи матншиносии осори адабӣ ва фарҳангнигорӣ рисолаи номзадии худро дифоъ намоям.

**- Аз байни ҳамсабақон нахустин шахс будед, ки рисолаи номзадиро дифоъ намудед ва он ҳам дар бахши луғатшиносӣ. Ёд дорам мавзуъи баҳси рисола хеле доманадор буд ва заҳмати зиёд талаб мекард. Устодони зиёд шубҳа доштанд, ки ин кори бузургро як муҳаққиқи ҷавон анҷом диҳад. Вале ҳароина мо танҳо баъд аз таҳқиқоти Шумо бо луғатҳое мисли «Фарҳанги Қаввос» ва «Сиҳаҳ-ал-фурс» ошноӣ пайдо намудем. Ба андешаи Шумо оё имрӯз дар ин самт чӣ корҳои ҷиддие анҷом ёфта истодаанд?**

- Бале, бо раҳнамоии устод се фарҳанги давраи аввали фарҳангнигории форсу тоҷик “Луғати фурс”- Асадии Тӯсӣ, “Сиҳоҳ-ал-фурс”-и Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ,

”Фарҳанги Фахри Қаввос”-и Муборакшоҳи Ғазнавӣ аз назари илми матншиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт ва тасҳеҳу танқеҳи осори устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ сурат пазируфт. Дар ин ҷода банда мадюни мактаби бузургмардоне чун В.Капранов, Ҳ.Рауфов, А.Нуров, А.Сангинов, А.Насриддинов мебошам.

Бале дар ин самт корҳои зиёде аз қабили табъу нашри фарҳангҳои қадима, таснифи фарҳангҳои муаллифӣ ва соҳавӣ ба анҷом расиданд ва он идома дорад, зеро таҳқиқи ин соҳа дар тақвияти таърих ва назарияи адабиёт, маърифати сухан арзиши бузург дорад. Заҳматҳои Амон Нуров дар мавриди табъу нашри осори лексикографии куҳан боиси зикр ва қадрдонист. Дар ин мавриди мехоҳам аз доираи адабӣ ва илмии Хуҷанд низ ёд кунем, зеро дар густариши фарҳангнигорӣ ва луғатшиносӣ ин мактаб, ки дар саргаҳи он устод Абдулманнон Насриддин меистоданд хидмати арзандаро анҷом додааст ва то имрӯз он идома дорад. Аз ҷониби муҳаққиқони ин мактаб табъу нашри илмиву интиқодии “Фарҳанги Қаввос”-и Муборакшоҳи Қаввоси Ғазнавӣ, “Луғати фурс”- Асадии Тӯсӣ, ”Донишномаи Қадархон”-и Ашрафи Форуқӣ, аз ҷониби шоир ва фарҳангнигор Абдуҷаббори Суруш таҳияи “Фарҳанги ашъори Камол” ва “Фарҳанги ном”-и Фарзона духти Саидумрон аз дастовардҳои муҳим лексикографияи муосир маҳсуб мешавад.

**- Мо медонем, ки лар таҳияи матни осори адабӣ низ чандин корҳоро ба субут расонидаед. Аз ҷумла таҳия ва чопи рубоиёти Абӯсаиди Абӯлхайр, “Фарҳанги Қаввос”-и Муборакшоҳи Ғазнавӣ, “Пандномаи Анӯшервон”-Бадеи Балхӣ, Девони Камоли Хуҷандӣ, асари Шиблии Нӯъмонӣ “Симои Имоми Аъзам Абӯҳанифа”, “Сафинаи маънӣ” маҳсули заҳмати шумост. Дар ин ҷода чи нақшаҳои дигар доред?**

- Бо устодони кафедраи адабиёти классикии тоҷики ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тасмим гирифтаем як нусхаи нави илмиву интиқодии девони Хоҷа Камоли Хуҷандиро бахшида ба 700 солагии шоир омода созем. Бо вуҷуди он ки имрӯз осори Рӯдакӣ аз назари матшиносӣ такмил ёфт ва Қодир Рустам барин адабиётшинос беҳтарин намои ашъори Рӯдакиро барои хонандаи имрӯз пешниҳод кард, банда низ дар садади омодасозии як нусхаи ҷадиди девони Одаму-шуаро ва ҳамасрони ӯ мебошам. Албатта ин кор заҳмати фаровон ва фаъолияти дастҷамъиро мехоҳад вале умедворам ба ин мақсади хеш мерасам.

**- Саидумрон шуморо дар байни мардум бештар ҳамчун журналист мешиносанд. Махсусан барномаҳои телевизионии Шумо монанди “Чашмандоз”, Маърифати ислом”, ”Бузургони Хуҷандшаҳр”, ”Ганҷинаи Мавлоно”, “Оинаи шаб” маъруфияти бемисл пайдо карда буд. Андешаи шумо дар бораи телевизиони имрӯз.**

-Телевизион барои ман як мактаби бузурге буд ва имрӯз низ банда аз ҷодаи эҷод дур нестам. Барномаи телевизионии “Оинаи шаб” дорам ва дар радио барномаи “Камоли сухан”-ро, ки аз шарҳи шеъри шоир иборат аст муттасил идома медиҳам. Имрӯз шароит дар телевизион ниҳоят хуб аст.Танҳо ғояи нав ба нав ва усулҳои замонавиро дар таҳияи барномаҳо гузоштан ҳатмист. Телевизион дорои нерӯи бузург аст. Хуб мебуд он нерӯро барои тарғиби арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ бахшем,зеро ҷомеаро ин ду чиз қудрат ато мекунад ва пояи давлат низ мустаҳкам мегардад.

**- Беҳтарин маҳфили адабие, ки мардуми огоҳ ва соҳибдилро муттаҳид намуд, маҳфили «Ганҷи сухан» буд, ки шодравон устод раҳнамои мо Абулмаънони Насриддин ороста буданд. «Ганҷи сухан» осори садҳо бузургони адаби форсро ба мардум муаррифӣ ва теъдоди зиёди ҷавононро ба**

**роҳи равшани илму маърифат ҳидоят намуд. Аз номи ҷамъи шогирдон сипос, ки баъд аз устод нагузоштед, ки то шамъи ин маҳфил хомӯш шавад. Банда низ дар чанд маҳфили пурмуҳтавои «Ганҷи сухан», ки дар шаҳру навоҳии мухталифи вилояти Суғд баргузор шуд ширкат варзидаам ва таассуроти хеле хуб бардоштаам. Лутфан мегуфтед, ки фаъолияти ин маҳфил имрӯз дар кадом поя қарор дорад?**

- Дар маҳфили аввалин устод Абдулманнони Насриддин аз вазифаву ҳадафи маҳфили мазкур дар назди ҳозирин изҳори назар намуданд:

“Рисолати аслӣ ва асосии маҳфили мо мусоидат ба шаклгирии завқу салиқаи зебоишиносии ҷавонон, ба самти созгор ва ҷалби таваҷҷуҳи онон ба ормон ва марому маслаки замон, нерӯ бахшидани раванди адабӣ ва парвариши ҷавонони тозароҳу тозарӯҳ ва умедбахш аст. Ба ин маънӣ, бесабаб нест, ки маҳфили адабиро «мактаби адабиёти давра» ном додаанд, ки барои қомат афрохтани бинои боҳашамати адабиёти ҳақиқӣ ва падид омадани равишҳои тозаи эҷодӣ созгор буд. Маҳфили адабӣ василаи хуби густариши андешаи созандагӣ дар ҷомеа ва парвариши насли соҳибмаърифат, донишманд ва соҳибтаффакур мебошад.” Маҳфил ана ҳамин рисолати аслии худро адо карда истодаст. Ҳар моҳ маҳфил бургузор мешавад ва адибону олимон аз ин ё он мавзӯъ сӯҳбат мекунанд ва фазои адабиву фарҳангии моро нерӯ мебахшанд. Маҳфил силсилаи китобҳои худро бо номи “Армуғони ганҷи сухан” дорад, ки шумораи шашуми он дар арафаи интишор аст.Дар ин китоб маърузаҳо дар шакли мақола ва ашъори адибон интишор мешавад. Ҳамчунин фаслномаи “Ганҷи сухан” низ интишор гардид. Ҳар як нишасти маҳфил сабту танзим мешавад ва тавассути телевизион намоиш дода мешавад. Ҳамчунин тавуссути саҳифаи утубии “Ганҷи сухан” тамоми олам онро тамошо

мекунад. “Ганҷи сухан” бо ибтикори устод ва дастгирии Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру навоҳӣ ба маҳфили сайёр табдил ёфт, ки нишастҳои он дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят бо навбат, баргузор мегардад. Дар маҳфилҳо адибону муҳаққиқони маҳалҳо имкон пайдо мекарданд, ки бо донишмандону адибони маркази вилоят аз наздик мулоқот намоянд ва сӯҳбатҳои судманд баргузор созанд.

**-Саидумрон мебинам, ки тавассути васоити ахбори омма пайваста дар баробари мақолаҳои адабиву фарҳангӣ нигоштаҳои Шумо дар мавриди сиёсат ва амният интишор мешавад ва дар ин самт низ Шумо соҳиби ақидаи мустақил ва андешаҳои ҷолиб мебошӣ...**

-Дар ҷомеа буда аз дарду ғами он барканор будан ин аз рӯи адолат нест. Аҳли адаб ва иму фарҳанг бояд дар ҳар маврид мавқеи сиёсии худро дошта бошанд.Махсусан дар замоне,ки ҷаҳон аз аз хушунат, тероризм ва экстремизм ба дод омадааст. Имрӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи амнияти кишвар ҷоннисориҳо менамоянд ва дастгирии мавқеи сарвари давлат барои ҳар як нафар зиёи фарз аст. Аз ин рӯ тавассути расонаҳо пайваста фикру андеша ва пешниҳодҳоямро барои беҳдошти вазъ баён месозам.

**- Ба хотирам мерасад, дар ҷавонӣ, ки ҳанӯз худ щогирд будем бо шӯхӣ ва лутф ин байтро зам-зама мекардед: «Мӯи сафедро фалакам ройгон надод, Ин риштаро ба накди ҷавонӣ харидаам». Имрӯз, ки воқеъан ин асари риштаҳои ба накди ҷавонӣ харида сари моро ороиш медиҳад ва худ низ аз пояи шогирдӣ ба мартабаи устодӣ расидаед, ба щогирдони худ, ки роҳи душвор, вале пурифтихори илмро интихоб намудаанд, чӣ гуфтанӣ доред?**

-Бахтиёрҷон, ин умр ин қадар зудгузар будааст. Дирӯз

буд ки дар донишгоҳ дарс мехондему ғарқи шавқу завқи ҷавонӣ будем. Имрӯз ба қавле ҷавонӣ ҳам рафту зиндагӣ низ ба чашм ба ранги дигар метобад. Рӯдакӣ гуфта буд, ки ”Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир” ва аз ҳамин чашмандоз ман барои худам хулосае баровардаам, ки илм бояд боамал бошад. Аз ин рӯ барои ҷавонон аз номи шоир мегӯям:

*Чи суд аз он, ки китобхонаи ҷаҳон аз туст,*
*На илм ҳар чи амал мекунӣ ҳамон аз туст.*

**-Сипос барои мусоҳибаи пурмӯҳтаво**

*24 октябри 2018. ”Минбари халқ”*

## САИДУМРОН САИДОВ

## ТАРҶУМАИ ҲОЛИ МУАЛЛИФ



Саидов Саидумрон Ғаниҷонович, адабиётшинос ва журналист, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Саидов Саидумрон 31 октябри соли 1968 дар Ҷамоати деҳоти Ёваи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таваллуд шудааст. Факултети таъриху филологияи тоҷики Институти педагогии ба номи С.М.Киров (имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров)-ро соли 1992 бо дипломи сурх ба итмом расонидааст. Солҳои 1987-89 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Маскав хидмати Ватанро адо кардааст. Фаъолияти кориашро соли 1992 ҳамчун муаллим дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров оғоз карда, соли 1996 рисолаи номзадиашро таҳти унвони «Фарҳангҳои тафсирии асрҳои XI-XIV ва масоили нақду тасҳеҳи мутуни адабӣ» профессор Абдулманнон Насриддинов дифоъ кардааст. Солҳои 1996-2007 муҳаррир, сармуҳаррир ва директори Телевизиони ҳафтуми шаҳи Хуҷанд, сармуҳаррири ШТР СМ-1, директори барномаҳо ва сардори Идораи Телевизион ва радиои вилояти Суғд шуда кор кардааст. Аз соли 2007 то 2014 сардори Муассисаи давлатии Қасри Ҷавонон ба номи Лоиқ Шералӣ буд. Наздики ду сол дар вазифаи Раиси Ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров кор карда, дар рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи ҷамоат саҳм гузошт. Солҳои

2015- 2017дар вазифаи сардори Раёсати илм ва иноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон кор кардааст. Саидумрон Саидов ҳамзамон роҳбари маҳфили илмиву адабии “Ганҷи сухан” мебошад, ки ҳар моҳ муттасил таи 14 сол аст, ки амал мекунад ва дар доираи илму адаби кишвар маъруфият пайдо кардааст. Ӯ муаллиф ва мураттиби бештар аз 20 асари илмиву адабӣ ва методӣ ва 300 мақолаҳои илмиву публистистӣ доир ба масоили таърихи адабиёти форсу тоҷик, нақди адабӣ, таърих, сиёсат, матншиносӣ, луғатнигорӣ ва журналистика мебошад. Муаллифи бештар аз 3000 барномаи сиёсӣ ва фарҳангиву адабӣ дар телевизион аст.

Саидумрон Саидов дар Академияи хизматчии давлатии назди Президенти Русия дар курси кӯтоҳмуддат таҳсил кардааст. Барандаи Ҷоизаи ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Ҷоизаи адабии шаҳри Табрез «Камол ва Шаҳриёр» мебошад. Вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мебошад.

# КИТОБИ ТАЪРИХ ВА ИБРАТ

*Эмомалӣ Раҳмон. «Чеҳраҳои мондагор». – Душанбе: Эрграф, 2016.*

Китоби Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони “Чеҳраҳои мондагор” аз асарҳои пурарзиш дар таърихнигории муосир маҳсуб мешавад. Китоби мазкур агар аз як ҷониб саҳифаи тозаи омӯзиши таърихи миллат ва фарзандони фарзонаву далер ва фидокорашро ифтитоҳ бахшад, аз ҷониби дигар такони бузургеро дар такомули эҳсоси худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандории мардум хоса ҷавонон ба вуҷуд овард. Китоб ҳадяи маънавии Пешвои миллат бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон барои ҳар як фарди бо нангу номуси миллат мебошад, ки бори дигар аз эътиқоду эътимоди Сарвари кишвар ба таърих, адабиёт ва фарҳанг – такягоҳи устувори миллат дарак медиҳад. Китоби мазкурро метавон ба тариқи зайл аз назари арзиши баланди таърихиву фарҳангӣ ва адабиву маънавӣ шарҳ дод:

**“Чеҳраи мондагор”** – китоби худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ.

**“Чеҳраи мондагор”** – зиндагинома ва корномаи симоҳои барҷастаи миллат, таърихномаи корнамоиҳо ва сарфарозиҳои халқи тоҷик, баёнгари фарҳанг ва тамаддуни таърихи беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон.

**“Чеҳраи мондагор” –** маҳсули омӯзиш, мушоҳидаҳо ва хулосаҳои саҳеҳи илмии Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таърих, тамаддун, нақши шахсиятҳо дар таърих ва роҳҳои бардошти сабақи таърихӣ аз он.

**“Чеҳраи мондагор”** – беҳтарин намунаи осори таърихӣ чи аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва чи аз назари сабку

услуб ва шеваи таҳқиқ, ки дар зоти худ беҳамтост.

**“Чеҳраи мондагор”** – китоби ибрат барои ворисони миллату ватан, сарчашмаи файёз барои муҳаққиқони таърихи кишвар, такони ҷиддӣ ба назар ва андешаи онҳо.

Басо рамзист, ки муаллифи китоб асарро ба 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидаанд ва дар он 25 нафар чеҳраи мондагори тамаддуни оламро, ки решапайвандни миллати бузурги тоҷик мебошанд, барои имрӯзиён муаррифӣ кардаанд. Аксарияти ин чеҳраҳои таърихӣ шахсиятҳои барҷастае мебошанд, ки дар тағйири куллӣ бахшидани таърихи аҳли башар ё миллати сарбаланди тоҷик таъсири бузург расонидаанд. Махсусан, хидмати ин чеҳраҳои мондагор дар муаррифӣ намудани фарҳангу тамаддуни миллат дар арсаи ҷаҳонӣ назир надорад. Пешвои миллат дар интихоби муаррифии чеҳраҳо дар китоби хеш муҳимтарин хусусиятҳои маъруфияти афроди таърихиро ба ҳисоб гирифта, ҳини тадқиқот паҳлӯҳои ибратбахши ҳаёт ва фаъолияти онҳоро ба қалам додаанд. Аввалин чеҳраи мондагори таърихӣ дар китоби Пешвои миллат Куруши Кабир аст, ки дар тамаддуни ориёӣ ҳамчун асосгузори нахустин империя дар таърихи башар номбар мешавад. Дар заминаи сарчашмаҳои мӯътамади таърихиву археологӣ, маълумотномаҳои катибаҳо муаллифи китоб собит месозанд, ки Куруши Кабир маҳз тавассути сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, сабку усул ва тартиби ҷадиди идоракунии давлат, адолатҷӯӣ, ободкорӣ ва муҳимтар аз ҳама, бо эҷоди эъломияи таърихии худ, ки нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, маъруфият дорад. Тақдири давлати муосири тоҷиконро муаллифи китоб ба тақдири давлатдории Куруш шабоҳат додаанд. Аз ҷумла, “Руҳияи ваҳдату муттаҳидсозии миллат, пуштибонии сулҳу адолат, густариши тиҷорату иқтисодиёт ва бунёдкориву ободонӣ, ислоҳоти низоми лашкар ва такмили идора-

кунии мамлакат аз назари муаллиф монандӣ ва ҳамоҳангии онҳоро муқаррар мекунад.

Воқеан, ин ҷо метавон дар мавриди сифатҳои ҳукуматдории Куруши Кабир ва Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сухан кард. Ҳамоҳангӣ ва монандии давлатдорӣ аз хусусият ва сифатҳои фардии онҳо аз қабили ифтихори ватандориву миллатпарварӣ, адолат ба мардум, масъулияти баланд дар назди тақдири ватан ва соҳибони он, пуштибонии сулҳу ваҳдат ва монанди инҳо рӯи кор омадааст.

Дар эъломияи Куруши Кабир, ки дар китоб сабт ёфтааст, эъломияи ин шоҳи кабир ба сатрҳое хотима меёбанд, ки дилу ният ва омоли Пешвои миллати моро ифода мекунад: “Сулҳу оромиро ба тамоми мардум ато кардам”.

Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Куруши Кабир дар заминаи сарчашмаҳои мӯътамади илмиву таърихӣ муфассал бо забони фасеҳ аз таърихи зиндагӣ ва корномаҳояш ҳикоят мекунанд. Аз ҷумла, оид ба муҳорибаҳо, кишваркушоиҳо, муносибатҳои дипломатӣ, бурду бохти Куруши Кабир. Хулосаҳои илмии Савари давлат дар мавриди мақом ва манзалати Куруши Кабир раднопазир аст. Аз ҷумла, эшон Куруши Кабирро ҳаргиз дар қатори забткорону ҷаҳонкушоёни маъруфи олам – Чингиз, Темур, Искандари Мақдунӣ намегузоранд. Зеро Куруши Кабир дар муҳорибаҳову лашкаркашиҳо ҳаргиз ба қатли ом роҳ намедод ва дар риояи ҳуқуқи инсон беназир буд ва ӯро бунёдгузори аввалин давлати мутамаддини инсонӣ маҳсуб меёфт. Хулосаи дигари Сарвари давлат дар китоб, ки низ бебаҳс аст ин шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Куруши Кабирро дар бунёди давлатдории дунёвӣ дидаанд. Ба иборати дигар, нахустин империяи пурқудрати давлати Форс ба шакли дунявӣ асос ёфта буд. Ин мақола собит менамояд, ки роҳи пешгирифтаи Сарвари давлат ва усули давлатдорӣ дар кишвари мо дуруст ва барҳақ аст. Пешвои миллат дар

мақолаи "Парчамдори ҷодаи озодиву истиқлол" дар бораи чеҳраи мондагори таърих Спитамен нақл менамоянд. Қаблан муаллиф ба зиндагӣ ва фаъолияти ҷаҳонигирии Искандари Мақдунӣ таваққуф намуда, оид ба ғояву ният ва амалдории ӯ маълумотҳои таърихии мушаххасро ироа месозанд. Дар ин маврид нуқтаи назари муаллиф оид ба ғоя ва ҳадафҳои ҷаҳонкушоии Искандари Мақдунӣ ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошад.

Искандари Мақдунӣ бо ин зоҳирбозиҳои назарфиребаш мехост унсурҳои беҳтарини тамаддуни ғарбу шаркро бо ҳам омезиш дода, як империяи ҷаҳонии фарогире офарад, ки халқҳои сершумори гуногунзабону мухталифоинро зери нигини як қаламрав мутаҳид созад. Як давлати муттамарказ ва идеалие бунёд намояд, ки сокини юнонзамин худро дар билоди порс ва сокини порс худро дар мақдуния бегона напиндорад. (с.30)

Ба овардани ин санад ва ишора ба забткориҳои аҳди хилофати Араб, империяи абарқудрати шӯравӣ муаллиф аз қудрату матонат ва иродаи миллати тоҷик ёдрас мешаванд, ки бо вуҷуди гирифториҳо ҳувияти миллат ва орияти аҷдодие худро аз даст надод. Дар идома муаллиф аз мубоРизаи қаҳрамони халқи тоҷик – Спитамен бар муқобили Искандари Мақдунӣ сухан мекунад, ки аз саҳифаҳои рӯшани китоби таърихи миллати мо мансуб мешавад.

Матонат, ҷасорат, далериву нотарсӣ, дониши баланди ҳарбӣ, сарвару саркардаи мардуми мубориз бар зидди аҷнабиҳо ин ҳама сифати Спитамени шуҷоъ аст, ки меҳвари мақолаи Пешвои миллатро ташкил мекунад. Муаллифи китоб оид ба ҷоннисориҳои Спитамен менависанд: «Талошҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастонаи Спитамен яке аз дурахшонтарин саҳифаи таърихи мубориза̣ҳои муташаккилонаи ниёгони суғдию бохтарии мо мебошад.» (саҳ.36) Аз назари Пешвои миллат шикасту бебарории Спитамен дар

назди корнамоиҳои бемислу монандаш моҳияти хешро гум мекунад. Бубинед ки аз ҷониби душманони ғаддораш Искандари Макдунӣ пазируфта шудани ҳамчун ҷавонмарди бебоку шуҷоъ ва бо амри ӯ нигоҳдории акси пайкараи аслии Спитамен аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ватандӯсти асилро рақибон низ эътироф мекунанд. Ин аст ки аз ҷониби Пешвои миллат барои ватандорони асил Ордени Спитамен таъсис дода шудааст.

Мақолаи “Паёмбари оини ростин” дар бораи Зардушт мебошад. Муалифи китоби “Чеҳраҳои мондагор” дар заминаи сарчашмаи мӯътамад доир ба даврони Зардушт зиндагиномаи ӯ таронаҳои Зардушт ва ғайра ибрози назар мекунад. Андешаву назарияи бузургтарин олимони ғарбу шарқ, авестошиносони маъруфи дунё дар мақолаи мазкур дар заминаи муқоисаву муқобала мавриди омӯзиш қарор гирифта, хулосаи дақиқи илми рӯи кор омадааст. Воқеан мақолаи мазкур аз назари ҳаҷм аз кулли мақолаҳои дигари китоб бештар буда, як рисолаи муфассал ва аз лиҳози маънӣ густурда оид ба Зардушт ва назарияи ӯро мемонад. Пешвои миллат дар баробари муайян кардани шахсияти воқеии Зардушт ҳамзамон оид ба бахшҳои китоби Авасто – нахустин дини Яштопарастӣ ба номи Зардуштия маълумот медиҳанд. Аз ҷумла оид ба «Ясно», «Яштҳо», «Вандидот», «Испарад», «Хурдавасто» иттилооти илмии фаровон ва саҳеҳро пешорӯи хонанда мегузоранд. Андеша ва назарияи Эмомалӣ Раҳмон дар бахши таълифоти Зардушт дар бораи ҷаҳон, инсон ва ахлоқ таҷассум ёфтааст. Аз ҷумла муаллифи китоб андешаи Зардуштро оид ба он, ки «фикру андешаи хуб инсонро водор ба ҷидду ҷаҳд ва ғайрату ободонӣ мекунад» аз назарияи меҳварии ин паямбари ростин мешуморанд (саҳ 77). Зеро назарияи Зардушт дар бораи инсон, ахлоқ, некиву рӯшанӣ, адолат ва садоқат, ҳақиқатгӯӣ, далерию фарзонагӣ, ки барои инсони ободку-

нандаи ҳар давру замон муҳим аст, месазад мавриди омӯзиши жарфо ва истифодаи аҳли башар қарор гирад. Дар ин маврид муаллифи китоб бовар доранд, ки дар замони истиқлол ба шарофати бедории миллӣ ва дигаргуниҳои маънавиву фарҳангӣ ва адабӣ мардум хоса ҷавонони худогоҳ ба омӯзиши таърихи ниёгон муҳаббат зоҳир намуданд ва дороиҳои пурбаҳои маънавии замони Зардушт дар шакли нав мавриди истифодаи имрӯзиён қарор гирифта истодааст.

Дар китоб таҳти унвони «Бозтоби нур дар зулмот» оид ба Монӣ, ки аз нобиғагони замони худ буда, дар фанни наққошӣ ҳамто надошт ва саҳифаҳои китоби худро бо тасвирҳои зебо, ки муборизаи нуру зулматро ифода мекард, музайян менамуд, сухан рафтааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои мӯътамади илмиву таърихӣ оид ба зиндагиномаи Монӣ ва ҷараёни монавия маълумот медиҳанд ва барои хонандаи имрӯз ҷавҳари афкору ақоиди ин шахсияти беназирро, ки дар замони муосир донистани он арзиши баланд дорад, тавзеҳ медиҳанд. Аз ҷумла, Пешвои миллат бар он ақидаанд, ки аркони таълимоти Монӣ аз зардуштия нерӯ гирифтааст ва меҳвари омили пайдоиши он аст, вале ҳамзамон сарчашмаҳои дигар низ мавҷуд буд, ки ақоиди Мониро ривоҷ бахшид. Дар маркази фалсафаи Монӣ рӯшноиву зулмот меистод ва ӯ худро расулу фиристодаи рӯшноӣ медонист. Муаллифи китоб бо истинод аз фикру андешаҳои олимони дигар оид ба мазҳабҳои Зардушт дар Эрон, Буддо дар Ҳиндустон, Исо дар Мағриб изҳори назар карда, ҷонибдории худро оид ба маъруфияти бештар дар сатҳи ҷаҳонӣ пайдо кардани мазҳаби Монӣ сухан кардаанд.

Муаллифи китоб дар перомуни ҳаёт ва фаъолияти Маздак – пешвои мардумдӯсти Эрони бостон, ки шариати ӯ меҳмонро аз ҳар тоифа ё миллате, ки бошад эҳтиром

мекард ва чунин мешуморид, ки аз ӯ набояд чизеро дареғ дошт, як тадқиқоти мӯҷази илмиро анҷом додаанд. Ҳини омӯзиш оид ба нуқтаи назари олимони Ғарб, аз ҷумла Томас Хайд, А.де Бюсссабр, Е.Гиббон,Ч.Малколм ва чандеи дигар ки ба зиндагинома ва назарияи Маздак ин шахсияти беҳамто мароқи калон зоҳир кардаанд, изҳори назар намуда, оид ба баъзе андешаҳои нодурусти онҳо баҳси илмӣ баргузор кардаанд. Муаллиф манзараи воқеии замони Маздакро оид ба усули зиндагии мардум, маърифат, фаҳмиш ва муносибати табақаҳои ҷомеа, муборизаҳои озодихоҳона, задухӯрдҳои хонадони сосонӣ барои гирифтани тоҷу тахт равшан ба қалам овардаанд. Муаллиф қайд мекунанд, ки "Монавия ва Маздакия дар домони дини зардуштӣ ба вуҷуд омада, дар пайдоиш ва ташаккули ислом ва динҳои дигари ҷаҳонӣ нақши умда ва қобили мулоҳизае доранд.(1.120) Боиси зикр аст, ки маҳз бо назарияи инсондӯстӣ ва рисолати беҳбудӣ бахшидан ба зиндагии мардуми заҳматкаш таълимоти Маздак эътибори баланд дорад ва ин сифат дар усули давлатдории Пешвои миллат мақоми меҳварӣ дорад. Ба иборати дигар ҳар таълимоте, ки ҷавҳари инсонпарастиву башардӯстӣ, некхоҳиву хайрҷӯӣ ташкил мекунад дар ҳамаи давру замонҳо ба кор меояд ва ҳамчун дарси ибрат мавриди истифода қарор мегирад.

Мақолаи пурмӯҳтавои "Бузургтарин марди ҷаҳон ва паёмбари дини барҳақ", ба зиндагиномаи Пайамбари Ислом Муҳаммад(с) як инсони фурӯтан, ростқавл, хоксор ва покманишу некмазҳар бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои мӯътамади илмӣ ва таърихӣ тамоми паҳлӯҳои ҳаёт ва фаъолияти паямбари исломро тасвир кардаанд. Аз ҷумла, китоби "Таърихи Табарӣ"-и Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ, Саҳеҳ-ал-Бухорӣ ва силсилаи тадқиқотҳои дар замони муосир аз ҷониби олимони маъруфи олам интишоршуда бо асноди мӯътамадашон

мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар мақола таърихи зиндагии Муҳаммад(с), воқеаҳои таърихи марбут ба рушди ислом бо асноди дақиқи илмиву таърихи баён шуда, ҳамзамон сифатҳои фардии пайамбари ислом, ки дар меҳвари он инсофу адолат қарор дошт, ёд кардаанд:

“Ӯ дар тӯли зиндагиаш аз инсофу адолат, баробарию бародарӣ, дастгириву пуштибонии аҳли ислом пайравӣ мекард, шукӯҳу ҷалоли зоҳириро намеписандид.” (1.157) Пешвои миллат нақши тамаддуни исломро дар баробари тамаддуни ориёӣ, тамаддуни масеҳӣ, тамаддуни яҳудӣ, тамаддуни буддоӣ, дар густариши андешаву ҷаҳонбинии инсоният дар арсаи олам бузург ва беназир қаламдод кардаанд.

Мақолаи пурмӯҳтавои дигари Пешвои миллат таҳти унвони “Асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгаро”- зиндагинома ва назарияи динии Имоми Аъзамро аз чанд чашмандоз мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Мақола аз бобҳои «Имоми Аъзам ва ҳувияти миллӣ», «Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ», «Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир», «Моҳияти таҳаммулпазирии мазҳаби Имоми Аъзам» иборат буда, муаллиф дар радифи фарзандони бузурги халқи тоҷик чун Имом Исмоили Сомонӣ, Яъқуб ва Амри Лайси Саффорӣ, Оли Сомон, Исмоили Сомонӣ аз амри хайри Имоми Аъзам дар эҳёи арзишҳои миллию таърихӣ ёд кардаанд. Корномаи Имоми Аъзам дар инкишофи илми шариат беандоза бузург буда, ба андешаи муаллиф «хидмати ӯ махсусан дар ҳифз ва тақвияти асолати таърихӣ ва фарҳангии халқи мо бесобиқа бузург ва шоистаи қадрдонист» (1.164).

Эмомалӣ Раҳмон чун ҳамаи чеҳраҳои дигари таърихӣ дар китоб дар мавриди Имоми Аъзам низ оид ба шахсияти нотакрор ва асрори бузургиаш андешаи хешро баён кардаанд. Аз ҷумла менависанд:

“Ба назари мо сирри бузургӣ ва ба яке аз мазҳабҳои бонуфузтарини дини мубини ислом табдил ёфтани мазҳаби Имоми Аъзам дар муқаррароти зерини таълимоти ин абармард маҳфуз аст:

**якум,** аз Қуръон ва аҳодис мутобиқ ба давру замон, шароити таърихӣ ва манфиати умум маънибардорӣ кардан

**дуюм,** эътироф кардани ақл ва хирад ҳамчун асоси ҳалли масъалаҳои нави иҷтимоӣ

**сеюм,** таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба урфу таомули мардум, дар сурати ба аҳкоми исломӣ мухолиф набудани онҳо ва манбаи фиқҳӣ қарор додани онҳо

**чорум,** боз мондани дарвозаи мазҳаби хеш барои дастовардҳо ва арзишҳои ояндаи инсонӣ.” (1.199) .

Муаллифи китоб дар хулосаи мақола зикр менамоянд, ки дар шароити муосир омӯзиши ҳамаҷонибаи дин, бахусус таълимоти Имоми Аъзам ва фалсафаи он зарур буда, бояд мавриди таваҷҷӯҳи олимону мутахассисон қарор гирифта бошад. Зеро дарки маъниҳои баланди фалсафа ва ҳикматҳои Имоми Аъзам мардумро ба роҳи дурусту рост раҳнамоӣ мекунад.

Мақолаи “Абармарди хирад ва сиёсат” ба бунёдгузори ҳақиқии давлати Сомониён Исмоил Аҳмади Сомонӣ бахшида шудааст. Муҳимтарин нуқтаи илмие, ки дар ин мақола зикр ёфтааст марбут ба оғози давлат ва давлатдории тоҷикон мебошад. Муаллиф сари ин масъала дар суханрониҳову мулоқотҳои хеш борҳо руҷӯъ кардаанд ва мӯътақид бар онанд, ки давлати Сомониёнро оғози давлату далатдории тоҷикон шуморидан мумкин нест. «Чунки халқи тоҷик то давраи Сомониён силсилаи давлату давлатдориҳоро бунёд гузошта, дар Осиёи Миёна чун қадимтаррин миллат шинохта шудааст....» (1,205). Дар идома Пешвои миллат ба таърихи давлатдории тоҷикон руҷӯъ намуда, ташаккули халқи тоҷикро дар таъсис ва таҳкими

давлатдорӣ мебинанд. Баъдан аз хонадони Сомониён фарзандони шоистаи он ёд карда, хидматҳои арзандаи онҳоро дар ободонию созандагӣ, бунёди марказҳои фарҳангиву илмӣ зикр менамоянд. Дар бораи Исмоили Сомонӣ ҳамчун шоҳе, ки бо тамоми вуҷудаш хоҳони муттаҳидии тамоми сарзамини тоҷикон буд, бо санаду далелҳои раднопазири таърихӣ дар мавриди мақоми баланди ӯ изҳори назар мекунанд. Мусаллам аст, ки омӯзиши зиндагиномаи ин чеҳраҳои ҷаҳонӣ ба ҷавонони имрӯза нерӯ, боварӣ ва эътимод ба худ эҷод мекунад ва саргузашти онҳо чун дарси ибрат дар ватандориву ободкорӣ ба кор меояд. Аз ин рӯ Пешвои миллат муҳимтарин хусусиятҳои фардӣ ва хидматҳои бузурги Исмоили Сомониро дар назди халқи тоҷик баён мекунанд. Аз ҷумла, аз илму дониши баланд, фарҳанги воло, халқпарварӣ,адолатхоҳиву бунёдкориҳои Исмоили Сомонӣ ёд мекунанд: «Ӯ илму дониши замонашро хуб аз бар намуда, аз даврони ҷавонӣ ҳунари сарварӣ ва кишвардориро амалан фаро гирифт. Сирати наҷиби сиёсӣ ва фазилати инсонии Исмоили Сомонӣ дар солҳои давлатдориаш возеҳан зоҳир гардид» (1.209) Муаллиф ҳамчун олими боадолат ва муҳаққиқи заковатманд таъкид менамоянд, ки «фарҳангу тамаддуни аҳди Сомониён на танҳо мероси таърихии халқи тоҷик, балки сарвати халқҳои Осиёи Марказӣ ва умумибашарӣ мебошад» (1.211) ва ин андеша аз худшиносии воқеии муаллиф дарак медиҳад. Пешвои миллат ба давлати Сомониён, таърих ва сукути он ба чашми ибрат назар мекунанд ва имрӯзиёнро огоҳ месозанд, ки таърих муаллим ва довари одил аст ва аз он хулоса баровардан вазифаи ҳар як сокини кишвар мебошад. Пешвои миллат ба замони давлатдории Сомониён баҳои воқеии илмӣ дода зикр месозанд, ки он даврон яке аз қуллаҳои камолоти худшиносии миллӣ маҳсуб мешавад ва таҷрибаи бои давлатдории Исмоили Сомонӣ дар таҳки-

ми давлатдории имрӯзаи тоҷикон арзиши зиёд дорад..

Дар китоб ҳамчун чеҳраҳои модагори таърихӣ як қатор адибони классикӣ ва олимони маъруфи асримиёнагӣ муаррифӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тахти унвони "Қофиласолори адабиёти тоҷику форс" сухан меравад, ки ба андешаи муаллиф шеъри устод Рӯдакӣ пайвандгари наслҳои гузашта, имрӯза ваояндаи миллати тоҷик аст. Дар мақола зиндагиномаи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аз даврони наврасӣ то охири ҳаёташ тасвир ёфта, муаллиф муҳимтарин воқеаҳои рӯзгор ва хусусиятҳои фардии шоирро бо назари таҳқиқ ба қалам овардаанд. Аз ҷумла, дар мавриди таъсири самарбори давлати Сомониён ба зиндагӣ ва ашъори Рӯдакӣ бо мисолҳои мушшахас ибрози назар намуда, аз ватанпарастиву миллатпарварии шоир дар заминаи шарҳу тавзеҳи ашъори баландмазмуни адиб ёд кардаанд. Дар мавриди мақоми Рӯдакӣ дар густариши забони тоҷикӣ менависанд: "Хизмати Рӯдакӣ дар такомули забони тоҷикии форсӣ низ хеле бузург аст. Маҳз ӯ ва муосиронаш ин забонро ба ҳадде сайқал доданд, ки он ба забони меъёри илму адаб табдил ёфта, боиси мондагорӣ ва густариш пайдо кардани он гардид."(1.225).

Масъалаи муҳиме, ки дар ин мақола аз ҷониби Пешвои миллат ба доираи таҳлил кашида мешавад ин саҳми тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон дар ташаккул ва густариши забону адабиёти тоҷику форс мебошад. Зимнан Пешвои миллат баррасии ин масъаларо аз сари диққату назокати хоса ба муҳаққиқони соҳа вомегузоранд ва махсусан тавзеҳу ташреҳи ғояҳои баланди инсондӯстона ва ватанпарваронаи осори ин адибонро дар тарбияи насли ҷавон ва тавсеаи ваҳдату ҳамбастагии мардум муфид медонанд. Гузашта аз ин, аз ҷараёни рӯдакишиносӣ дар ҷаҳон ёд карда, Пешвои миллат ба хидмати олимони маъруфи ҷаҳон арҷгузорӣ менамоянд. Воқеан маҳз бо ташаббусу пешниҳод ва

дастури Сарвари давлат соли 2008 ҷашни 1150-солагии шоир дар сатҳи баланд қайд шуд ва кулли рӯдакишиносону адабпарварони оламро дар диёри Одам-уш-шуаро ҷамъ овард. Дар Тоҷикистон ҳар сол моҳи сентябр Рӯзи Рӯдакӣ ҷашн гирифта мешавад ва бе муҳобо кишвари мо маркази рӯдакишиносӣ маҳсуб мешавад ва ин фарзанди арзандаи миллати мо чеҳраи мондагори таърихи олам дониста мешавад.

Дар мақолаи “Ситоишгари адлу ростӣ ва нуру хирад” сухан дар бораи шоири ҳамосасаро ҳаким Фирдавсӣ меравад. Муаллиф дар мақолаи на чандон тӯлонӣ тавонистаанд муҳимтарин хусусиятҳои шоирии Фирдавсӣ, мақому манзалати ӯ дар таърихи адабиёт, арзиши адабиву таърихии “Шоҳнома”-и ӯро ба қалам оваранд. Аз назари Пешвои миллат Фирдавсӣ “ҳамосасарои нобиға ва бузургтарин донандаи таърих ва зиндагиномаи гузаштагонамон”(1.231) ба ҳисоб рафта, “Шоҳнома”-и ӯ ба масовои пандномаи беназир, дастури омӯзонанди ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, тарғибгари сулҳу ваҳдат шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Матлабҳои меҳварӣ дар ин мақола, ки ҷаҳонбинии Фирдавсиро ифода менамояд, руҷӯъ ба таърихи миллат, арҷгузорӣ ба донишу хирад, тарғиби сулҳу ваҳдат ва бародарӣ, талқини ростиву росткорӣ мебошанд. Пешвои миллат таваҷҷӯҳи хонандаро ба он равона месозанд, ки инсоният набояд ба дасисаҳои аҳриманӣ дода шавад, ки муттассифона солҳои наваддум ин ба сари миллати мо фуруд омад. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, достонҳои он, ҳикмати он моро ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва омӯхтани ин асари безавол барои ҷавонони имрӯз муфид аст.

Дар бораи чеҳраи мондагори таърихи башарият, поягузори тибби дунё Абӯалӣ ибни Сино дар китоб таҳти унвони “Муттафаккири абадзинда”, сухан рафтааст, ки дар тӯли умри кӯтоҳи 57-солааш ин табиби ҳозиқ тавонистааст

осори безаволу гаронбаҳое биофарад, ки садсолаҳо мавриди ниёзи ҳамарӯзаи олимону табибон қарор дорад. Пешвои миллат бо зикри андешаҳои муҳаққиқони маъруфи олам дар бораи Ибни Сино аз осори пурбаҳои ин ҳакими беҳамто ёд мекунанд ва шахсияти ӯро “намунаи барҷастаи иродаи қавӣ, руҳи тавоно, ҷасорати камназир, дар муқобили ҳамагуна мушкилиҳои зиндагӣ” (1.235) медонанд. Аз назари муаллифи “Чеҳраҳои мондагор” арзиши мероси илмии ибни Сино ҳам аз назари илми тиб ва ҳам аз назари андешаҳо ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиаш ба худ мӯҳри ҷовидонӣ задааст. Муаллифи китоб дар мавриди арзишҳои афкору ақидаҳои ибни Сино дар замони истиқлолият таваққуф карда, мавриди омӯзиш ва эътибор қарор додани онҳо зарур медонанд. Чунончи Пешвои миллат дар мавриди зан ва мақому мартабаи ӯ дар ҷомеа аз назари Сино чунин менависанд: «Ибни Сино дар асарҳои худ ба ҷо овардани эҳтироми зан махсусан модарро аз сифатҳои муҳими тарбияи ахлоқӣ мешуморад.... Соҳиби касбу кор шудани занон ба андешаи Сино онҳоро аз беҳудашинӣ, афсурдаҳоливу дилтангӣ мераҳонад ва ба зиндагии оилавиашон ҳусни тоза мебахшад» (1.236). Мусаллам аст, ки ин андешаи Сино сармашқи сиёсати Пешвои миллат аст ва дар ҷомеаи муосири тоҷик зан–модар мавриди таваҷҷӯҳу ғамхории давлату ҳукумат қарор дорад ва накши ӯ дар тарбияи фарзандони шоистаи Ватан ва хушахлоқу бомаърифат бузург мебошад. Дар мавриди муаррифии ибни Сино ва осори ӯ дар китоб чунин ба назар мерасад, ки муаллифи китоб барои хонандагон андешаҳову афкори муҳим ва муфиди Синоро гулчин кардаанд. Аз ҷумла, назари Синоро дар мавриди давлату давлатдорӣ ва сифатҳои роҳбари давлат, ахлоқи ҷомеа, таълиму тарбия, ҳифзи тандурустӣ, илм ва адабиёт ва ғайра вобаста ба замони муосир шарҳу тавзеҳ додаанд ва ӯро «парчамбардори бедории афкори миллӣ ва

бунёдгузори пойдевори илми ҳазорсола» (1.238) хондаанд, ки ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат аст.

Носири Хисрав ҳамчун “Суханвари бузург ва марди андеша” аз назари Пешвои миллат як нафар чеҳраи мондагори миллат аст, ки “умри азизи хешро баҳри худшиносӣ, ситоиши ифтихори миллию ватандорӣ ва раҳоиш аз зулму истибдоди аҷнабиён, хурофот ва дигар падидаҳои манфӣ сарф кардааст”(1.239). Муаллиф ба зиндагиномаи Носири Хисрав руҷӯъ карда, ҷаҳони андешаи муттафаккирро вобаста ба вазъи замон ва воқеаҳои мудҳиши таърихӣ тавзеҳ медиҳанд. Воқеан, Носири Хисрав ҳамчун шахсияти нотакрор ва қавиирода дар меҳвари талошу пайкори истиқлолхоҳии ниёгони мо бар зидди аҷнабиёни истилогар қарор дошт ва мубориза̄и ӯ тавассути сухани пурҳикмат сурат мегирифт. Муалифи китоб дар баробари зикри асарҳои Носири Хисрав аз қабили “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”, “Кушоиш ва раҳоиш”, “Сафарнома” ва “Девони ашъор” шоирро ҳамсони Фирдавсӣ ситоишгари хирад ва хирадмандӣ медонанд ва назарияи инсони комилро, ки ҷавҳари онро дур будан ва парҳез намудан аз кибру ғурур, ҳирсу ҳасад, макру тазвир, хашму ситез мебошад, мавриди ситоиш қарор медиҳанд. Пешвои миллат дар заминаи воқеаҳои таърихии замони Носири Хисрав, зиддиятҳои мазҳабӣ ва муборизаҳои аҳли хирад бо гурӯҳи ҷоҳилону бебасарон ба масъала ва мушкилоти даврони муосир руҷӯъ менамоянд. Аз ҷумла, хонандаро ҳушдор медиҳанд, ки имрӯз равияҳои ифротгароӣ на танҳо дар ислом балки дар дигар дину оинҳои ҷаҳонӣ низ ба чашм мерасанд, ки густариши гурӯҳҳои неофашистӣ, ҳаракатҳои шовинистӣ ва ҷунбишҳои миллатгароӣ намунаи он мебошад. Вале Пешвои миллат ба ақлу хирад, дониш ва ҷаҳонбинии мардуми тоҷик эътимод доранд ва бовар доранд, ки миллати соҳибназари мо дигар фирефтаи душманон намегарданд:

“...роҳи мушкил ва душвори расидан ба сулҳу ризоияти миллӣ барои ҳамаи мо сабақ дод, ки ягон неъмати дигари олам аз истиқлолияту озодӣ, давлати соҳибихтиёри миллӣ ва Ватани муқаддаси аҷдодӣ болотар нест” (1.247). Ҳамчунин, Пешвои миллат оид ба эҳтироми забони модарӣ ва риояи забони адабӣ, баҳсҳои илмӣ дар васоити ахбори омма, одоби муколамаҳои илмӣ ва ғайра ибрози назар намудаанд.

Оид ба дигар аз чеҳраи мондагори халқу миллати мо Шамси Табрезӣ муаллиф таҳти унвони “Шахсияти бузург ва камназири олами ирфон” ибрози назар намудаанд. Муаллиф дар оғози мақолаи мазкур аз деҳаи зебоманзари Вешаби ноҳияи Айнӣ ёд мекунанд, ки мардум он маконро қадамҷои ин шахсияти нотакрори илму ирфон медонанд. Пешвои миллат муҳимтарини хидмати Шамси Табрезиро дар он мебинанд, ки таввасути нафаси нарм ва алфози гарм Мавлоно Ҷалолиддини балхиро “аз тангнои хонақоҳу мадраса ба паҳнои шеъру адаби ҷаҳонгири тоҷикии форсӣ кашшида, дар арсаи ҳунари шеъру шоирӣ машҳури оламиён ва маҳбуби ҳамаи давру замонҳо кард” (1.249). Муаллифи китоби “Чеҳраҳои мондагор” дар мавриди ному насаб, зиндагинома ва рисолати ҳастии Шамси Табрезӣ ба сарчашмаҳои мӯътамаде чун тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ, осори адабии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, китобҳои таърихӣ руҷӯъ намуда, андешаҳои баланди Шамси Табрезиро сазовори омӯзиши имрӯзиён медонанд. Пешвои миллат бар он ақида мӯътақид ҳастанд, ки омӯзиши афкору андеша ва таълимоти Шамси Табрезӣ гузашта аз арзишҳои ахлоқӣ ки ба тарбияи инсони комил судманд аст, дар мавриди ҳаллу фасл ва бартараф кардани низоъҳои сиёсиву мазҳабии ҷаҳони имрӯз низ муассир хоҳад буд.

Дар мақолаи “Ҷалолуддини Балхӣ – пайвандгари дил-

ҳо ва тамаддунҳо” Пешвои миллат менависанд: «Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафавии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд» (1.254). Пешвои миллат ба шахсияти Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ на танҳо ҳамчун ба шоир ва эҷодкор балки ба як нафар муттафаккири ҷаҳонӣ, орифи комил, файласуфи беҳамто, инсони ба маънии томаш бузург, ки ҳастии ӯ ба тамаддуну фарҳанги олам таъсири бузург расонидааст муносибат менамоянд. Таълимоти ин нобиғаи ҳамаи давру замон, ки дар осораш чун «Девони Шамс», «Маҷолиси сабъа», «Мактубот», «Фихи мо фихи» ва «Маснавии Маънавӣ» инъикос ёфтааст, дар баробари масъалаҳои хурду бузурги иҷтимоӣ ҳамчунин проблемаҳои дину мазҳаб, инсон ва муносибати ӯ бо ҷомеа, ваҳдати вуҷуд, таҳаммулгароӣ ва монанди инҳоро дар бар гирифтааст. Махсусан, Пешвои миллат руҷӯъ ба даврони зиндагии шоир карда, аз гиру мон ва тохтутозҳои хунини садаи 13 ёд менамояд. Дар ин маврид аз назарияи сулхоҳонаи Мавлавӣ ёд мекунанд, ки дар осораш ҷангу хунрезиро ҳамешагӣ маҳкум намудааст. Барои тақвияти андешаи хеш мисолҳои ҷолиброо аз осори шоир қайд месозанд:

*По тиҳӣ гаштан беҳ аст аз кафши танг,*
*Дарди ғурбат беҳ, ки андар хона ҷанг. (1.260)*

Ё дар мавриди сулҳу дӯстӣ ва ваҳдату ягонагӣ, ки дар ашъори Мавлавӣ фаровон ба назар мерасад, чунин иқтибос овардаанд:

*Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст,*
*Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст*
*Ай басо ҳиндиву туркӣ ҳамзабон,*
*Ай басо ду турк чун бегонагон*

*Пас забони маҳрамӣ худ дигар аст*
*Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст (1.258)*

Пешвои миллат аз шӯҳрати ҷаҳонии Мавлавӣ сухан карда, таъкид месозанд, ки осори чопшудаи ин абармарди таърих дар тамоми олам махсусан дар Аврупо ва Амрико харидорони зиёд дорад, ки аз таълимоти оламгираш дарак медиҳад. Омӯзиши осори ӯ барои мо ҳамватанонаш ҳам фарз асту ҳам суннат.

Дар китоб оид ба ҳакими ориф, адиби нозукхаёл, мутафаккири нуктасанҷ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун таблиғгари фарҳанги сулҳ ва хостори ваҳдату субот сухан рафтааст, ки ин шахсият низ ҳамчун чеҳраи мондагор муаррифӣ гардидааст. Аз назари Пешвои миллат Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ намунаи олии ашхосест, ки онҳо маҳдудаи як маҳал, як миллат ва як мазҳаб набуда, ҳастии онҳо ба пешрафти тамаддуни олами башар бахшида шудааст. Махсусан, осори ин донишманд ба забонҳои гуногуни олам интишор шуда, мавриди омӯзиши оламиён қарор дорад. Пешвои миллат ба осору афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз назари арзишҳои ахлоқӣ назар карда, моҳияти онро дар ҷомеаи муосир муайян намудаанд. Махсусан, оид ба аҳамияти оила, меҳру муҳаббат, тарбияи ахлоқӣ, илму дониш, маърифат ва маънавият ва монанди инҳо, ки дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мақоми меҳварӣ дорад Эмомалӣ Раҳмон таваққуф карда, омӯзиш ва истифодаи онро дар замони муосир аз ҷониби ҷавонон муҳим мешуморанд. Дар замоне, ки дар олам тафриқаи мазҳабӣ, нажодӣ, миллӣ густариш дорад, равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ афзоиш меёбад, таълимоти ин донишманд арзиши бештар пайдо менамояд ва мардумро ба ваҳдату ягонагӣ даъват месозад. Дар ин маврид Пешвои миллат аҳли зиёро талқин месозанд, ки бо назардошти мазмуну мӯҳтавои баланди осору ашъори Мир

Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар марҳалаҳои муҳим ва ҳассос мардумро ба роҳи росту дуруст раҳнамоӣ созанд (1.274)

Дар китоби “Чеҳраҳои мондагор” Пешвои миллат оид ба суханвари ширинкаломи тоҷик Камоли Хуҷандӣ дар мақолаи “Бунёдгузори кохи азими сухан” маълумот дода, Шайх Камоли Хуҷандиро ҳамчун нобиғаи шеъри зебои тоҷикӣ ва шеъри ӯро саршор аз меҳру муҳаббат ва ишқу созандагӣ медонанд. Дар бораи Абдураҳмони Ҷомӣ – пешвои ҳавзаи илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар китоб як тадқиқоти мӯҷази илмӣ рӯи кор омадааст. Муаллиф ба таърихи зиндагӣ ва рӯзгори Абдураҳмони Ҷомӣ назар намуда, дар баробари инъикоси воқеаҳои таърихӣ аз мақому манзалати ин суханвари тавоно изҳори назар менамояд ва бо мисолҳои фаровон мавзӯъ ва мундариҷаи ашъорашро таҳлил менамоянд. Усули таҳлил ва шарҳи ашъори шоир аз суханшиносӣ ва маънипарварии муаллиф дарак медиҳад.

Яке аз чеҳраҳои дигари мондагор Мирзо Абдулқодири Бедил дар китоб ҳамчун нобиғаи шеър ва пайвандгари ду кишвар муаррифӣ шудааст. Муаллиф зикр мекунанд, ки “Бедил дар оғози асри 21 пайвандгари таърихӣ ва маънавии ду кишвари дӯст –Тоҷикистон ва Ҳиндустон аст”. Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ – суханвари номвари адабиёти тоҷик бо осори гаронбаҳои худ нақши босазое дар пешрафти адабиёти тоҷик дорад, ки дар китоб ӯ низ ҳамчун шахсияти хосаи таърихӣ муаррифӣ мегардад. Пешвои миллат омӯзиши осори гаронбаҳои ин абармарди илму адабро барои имрӯзиён муҳим мешуморанд ва мавриди истифода қарор додани онҳоро дар амалияи ҳаррӯзаи иҷтимоию фарҳангии зиндагии худ зарур медонанд.

Дар китоби “Чеҳраҳои мондагор” дар баробари бузургону абармардони то инқилоб чанд нафар аз чеҳраҳои асри 20 интихоб шудаанд, ки ҳар яке дар саҳифаҳои таъри-

хи миллати тоҷик бо корномаҳои худ имтиёз доранд. Аз ҷумла, зиндагинома ва хидматҳои беназири Қаҳрамонони Тоҷикистон, поягузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ дар китоб рӯшан инъикос шудааст. Муаллифи китоб бо назардошти он, ки инъикоси тамоми паҳлӯҳои фаъолияти устод Садриддин Айнӣ дар як мақола ғайри имкон аст, ба тариқи мӯъҷаз дар 48 бахш муҳимтарин матлабҳоро баён кардаанд. Ҳар як бахши ин мақола ифодагари як корнома ё як хидмати бузурги устод Садриддин Айнӣ мебошад ва ин андешаҳо давоми 26 соли истиқлолияти кишварамон дар маърӯзаҳои Сарвари давлат борҳо таъкид шудааст. Аз ҷумла, Пешвои миллат оид ба арзиши китоби "Намунаи адабиёти тоҷик", ки дар вазъияти тақдирсози миллат интишор шуд, мақолаҳои таърихии устод, ки дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ иншо гардидаанд, мубоpизаҳои устод барои вожаи "Тоҷик" ба сифати як халқи форсизабон, ғурури миллӣ, заҳматҳои фаровон дар зинда кардани таърихи халқи тоҷик, асарҳои аз лиҳози мазмуну мудариҷа баланд ва аз назари ҳунар беназир ва ғайра нуқтаи назари хешро баён кардаанд. Чунончи дар яке аз бахшҳо менависанд:

"Хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстонае, ки устод Садриддин Айнӣ барои нигоҳ доштан ва ривоҷи забон ва адабиёт, таърихи фарҳангамон ва умуман тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоирону нависандагон арбобони давлатӣ ва ҷавони тоҷик кардааст, қобили ҳамагуна қадршиносиҳост." (1.310)

Ҳамчунин, дар китоб Нусратулло Махсум, ки аз назари Сарвари давлат ҷонфидои миллат маҳсуб меёбад, Шириншо Шотемур, ки ҳамчун офтоби зиёбахш дар таърихи Тоҷикистони навин тулӯъ намуд, Бобоҷон Ғафуров, ки олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ буд ва Мирзо Турсунзода, шоири бузург ва ходими маъру-

фи ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт ва дар радифи инҳо Сотим Улуғзода ҳамчун – мусаннифи таърихи пурфоҷиаи халқ зикр ёфтаанд. Ин ашхос воқеан дар бунёди Тоҷикистони навин, дифои ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон дар солҳои вазнини мавҷудияти миллат хидматҳои арзанда кардаанд, ки қадршиносии эшон аз ҷониби Пешвои миллат аз эҳсоси баланди худшиносии он кас дарак дода, барои ҷавонон дарси бузурги ибрат ва ҳикмат мебошад.

Ҳамин тариқ, китоби “Чеҳраҳои мондагор” хонандаи тоҷикро бо таърихии воқеии миллати тоҷик, корномаву корнамоиҳо, шебу фарози таърих, мардонагӣ ва пойдории миллати мо ошно месозад. Нигоштаҳои Пешвои миллат, тасвири воқеаҳои тақдирсози таърихӣ, муқоисаву муқобалаҳо ва хулосаҳо ҳамчун сабақи пандомези таърихӣ барои имрӯзиён ва ояндагон арзиши баланд дорад. Асар дар ниҳоди хонанда муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба миллату забон, гузаштагони бонангу орро бедор мекунад ва дар густариши эҳсоси худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири бузург дорад. Ҳамин тариқ китоб:

1. Хонандаи тоҷикро бо таърихии воқеии миллати тоҷик, корномаву корнамоиҳо, шебу фарози таърих, мардонагӣ ва пойдории миллати мо ошно месозад.

2. Нигоштаҳои Пешвои миллат, тасвири воқеаҳои тақдирсози таърихӣ, муқоисаву муқобалаҳо ва хулосаҳо ҳамчун сабақи пандомези таърихӣ барои имрӯзиён ва ояндагон арзиши баланд дорад.

3. Дар китоби мазкур ба баҳсҳои зиёди илмиву таърихӣ оид ба пайдоиши забон, бунёди давлатдории тоҷикон, воқеаҳои баҳсноки таърихӣ, тақдири шахсиятҳои таърихӣ нуқта гузошта шудааст.

4. Дар ниҳоди хонанда муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба миллату забон, гузаштагони бо нангу орро бедор мекунад. Махсусан, дар густариши эҳсоси худшиносиву худогоҳии

миллӣ таъсири бузург дорад.

5. Китоб собит мекунад, ки давлатдории муосири тоҷикон ба таърихи дур пайванд мешавад ва беҳтарин анъанаҳои ҳукуматдории пешинро аз қабили адолат ба мардум, риояи ҳуқуқи инсон, дастгирии афтодагону ятимон, ободкориву бунёдкорӣ ва монанди инҳоро Пешвои миллат сармашқи кору фаъолияти хеш медонанд.

6. Китоб баёнгари ҳадафҳои олии инсонӣ аз ҷумла некиву некӯкорӣ, ҷавонмардиву фарзонагӣ, садоқату вафодорӣ, ки меҳвари асосии сифатҳои чеҳраҳои мондагорро ифода мекунад, маҳсуб мешавад.

7. "Чеҳраи мондагор" намунаи олии усули таҳқиқ, баён ва таҳлилу баррасӣ мебошад. Дар баробари ҳифозати илмияти баланд барои хонанда матлабҳои муаллиф мафҳум буда, мутолиаи он дар ниҳоди хонанда шавқу рағбати донистани таърихро бедор мекунад. Пайравӣ ба услуби нигориши ин китоб барои муҳаққиқони соҳа манфиатнок аст. Китоб баёнгари ҳадафҳои олии инсонӣ, аз ҷумла некиву некӯкорӣ, ҷавонмардиву фарзонагӣ, садоқату вафодорӣ, ки меҳвари асосии сифатҳои чеҳраҳои мондагорро ифода мекунад, маҳсуб мешавад ва ба ҷавонони имрӯза дарси бузурги одамият мебошад.

**Сарчашма ва адабиёт**

1. Эмомали Рахмон, Чеҳраҳои мондагор, Душанбе, ЭР-граф 2016, 363с

2. Андешаҳои миллии тоҷикон (марҳалаҳои асосии ташаккул ва рушд) Хуҷанд, Ношир 2011, 583 саҳ.

3. Эмомалӣ Рахмон, Тоҷикон дар оини таърих. Аз Ориён то Сомониён, китоби якум, дуввум, сеюм, Душанбе, Ирфон 2002, Душанбе, Ирфон 2006.

4. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат, Душiанбе, Маориф, 2016, 381 саҳ.

*Соли 2016*

# САДРИДДИН АЙНӢ –ЧЕҲРАИ МОНДАГОРИ ТАЪРИХИ МИЛЛАТ

**Назар ва андешаҳои Пешвои миллат дар бораи устод Садриддин Айнӣ.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чи дар суханрониву мулоқот ва чи дар осори илмиву адабии худ, зиндагинома ва осори асосгузори адабиёти навин, нависанда, шоир, муҳаққиқи адабиёт ва таърихи миллати тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айниро ҳамчун мактаби ибрат ва сарчашмаи ноби ҷоннисориву ҷонгудозиҳо дар бунёди тамаддуни давронинави миллат муаррифӣ менамоянд. Қариб дар ҳамаи таълифоти Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таъриху адабиёт тааллуқ дорад ба зиндагинома, афкору андеша ва тадқиқоти илмиву адабии устод Садриддин Айнӣ руҷӯъ шудааст.

Дар китоби "Чеҳраҳои мондагор"-и муаллиф, ки зиндагинома ва корномаи симоҳои барҷастаи миллат, таърихномаи корнамоиҳо ва сарфарозиҳои халқи тоҷик, бозёфтҳои фарҳанг ва тамаддуни таърихи беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон инъикос ёфтааст, дар радифи 25 нафар чеҳраи мондагори тамаддуни олам, ки решапайванди миллати бузурги тоҷик мебошанд, дар бораи устод Садриддин Айнӣ низ як мақолаи пурмӯҳтаво таҳти унвони "Зиндагонӣ ва қаҳрамонӣ" нигошта шудааст, ки дар он хидматҳои беназири Қаҳрамонони Тоҷикистон, поягузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ рӯшан инъикос шудааст. Муаллифи китоб бо назардошти он, ки инъикоси тамоми паҳлӯҳои фаъолияти устод Садриддин Айнӣ дар як мақола ғайри имкон аст, ба тариқи тезис дар 48 бахш муҳимтарин матлабҳоро баён кардаанд. Ҳар як бахши ин мақола ифодагари як корнома ё як хидмати бузурги устод

Садриддин Айнӣ мебошад ва ин андешаҳо давоми 26 соли истиқлолияти кишварамон дар маърӯзаҳои Сарвари давлат борҳо таъкид шудааст. Мақолаи мазкурро метавон як раҳнамо ба пажӯҳишгарони ҷодаи таърих, адабиёт, забон ва фарҳанг маҳсуб донист, ки тадқиқи нуктаҳои зикрнамудаи муаллиф метавонад саҳифаҳои пӯшидаи таърихи миллат, зиндагинома ва осори устод Садриддин Айниро боз намояд, ҳамзамон, дар густариши назарҳо ва тадқиқоти минбаъда нақши бориз гузорад.

Нахустин масоиле, ки дар мақола мавриди баҳс қарор мегирад ин мақому манзалат ва хидмати беназири устод Садриддин Айнӣ дар мавриди собит намудани мавҷудияти қадимаи халқи тоҷик мебошад, ки баъди ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон душманони миллат онро инкор мекарданд.

Садриддин Айнӣ дар байни солҳои 1924-1926 тавассути қалам тавонист дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ бо инъикоси ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти таърихии халқи тоҷик, моҳияти ақоиди иртиҷоии миллатгароёнро фош созад. Махсусан, эътироф шудани калимаи “тоҷик” ба сифати номи як халқи форсизабон ва муаррифии маънии он ҳамрадифи “ориёӣ” ва “наҷибзода” хидмати бузурги устод Айнист. Эмомалӣ Раҳмон воридшавии устод Садриддин Айниро ба майдони ин муборизаи шадид ҳамчун қаҳрамони миллӣ қаламдод мекунанд. Таваҷҷӯҳи муаллифи мақолаи “Зиндагонӣ ва қаҳрамонӣ” ба воқеаҳои таърихии ин солҳо, гиру дор ва муборизаҳои ақидаҳо, мавқеи таърихӣ ва сиёсии устод Садриддин Айнӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бо вуҷуди тадқиқоти зиёди муҳаққиқон ҳанӯз ҳамаи паҳлӯҳои таърихии ин солҳо пурра омӯхта нашудааст ва аз назари арзишҳои миллӣ ва давлатӣ бояд он амиқтар таҳқиқ гардад.

Дигар аз матлабе, ки дар меҳвари мақола қарор до-

рад, марбут ба китоби пуразиши Устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” мебошад. Зеро маҳз таълифи ҳамин асари барҷастаи мустанад муҳимтарин аслиҳае маҳсуб мешуд, ки алайҳи афкору андешаи рақибони миллат зарбаи ҷонкоҳ занад. Аз ҷумла, Пешвои миллат оид ба арзиши китоби “Намунаи адабиёти тоҷик”, ки дар вазъияти тақдирсози миллат интишор шуд, мақолаҳои таърихии устод, ки дар замони ҷанги ватанӣ иншо гардидаанд, муборизаҳои устод барои вожаи “тоҷик” ба сифати як халқи форсизабон, ғурури миллӣ, заҳматҳои фаровон дар зинда кардани таърихи халқи тоҷик, асарҳои аз лиҳози мазмуну мундариҷа баланд ва аз назари ҳунар беназир ва ғайра нуқтаи назари хешро баён кардаанд. Чунончӣ дар яке аз бахшҳо менависанд:

«Хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстонае, ки устод Садриддин Айнӣ барои нигоҳ доштан ва ривоҷи забон ва адабиёт, таърихи фарҳангамон ва умуман тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоирону нависандагон, арбобони давлатӣ ва ҷавони тоҷик кардааст қобили ҳамагуна қадршиносиҳост». Боиси зикр аст, ки дар мавриди хидмати китоби “Намунаи адабиёти тоҷик” худи устод низ ишорат мекунад, ки бо ин китоб мавҷудияти миллати тоҷик ва забону адабиёти ӯро аз даврони Сомониён то садаи бистум собит кардааст. Таърих гувоҳ аст, ки устод барои исботи ҳақиқати таърихӣ бо маъруфтарин шарқшиносони олам чун Бертелсу Болдирев ва Андреев баҳсҳо намуда охируламр ғолиб омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон хидматҳои Садриддин Айнӣ ва ҳамсафонаш чун Шириншо Шотемур, Чинор Имомов, Абдулқодир Муҳитдинов, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров ва чандеи дигарро бо мубориза ва талошҳои гузаштагони бонангу ори мо баҳри худшиносӣ ва истиқлол чун Спитамен, Муқаннаъ, Шерак, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ муқоиса намуда, дар ҳар ду радиф фарзан-

дони меҳан шуҷоату мардонагӣ, ватандӯстиву инсонпарварӣ, ҳақиқатхоҳиву мардонагиро мушоҳида менамоянд. Ин амали муаллиф усули омӯзиши муқоисавӣ-таърихиро такмил мебахшад, ки аз илмитарин шеваҳо дар ҷодаи таҳқиқ ба шумор меравад.

Зикри китоби таърихии “Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик”, ки ифодагари ғурури баланди миллӣ доштани нависанда мебошад, муаллифи мақоларо ба хулосае меорад, ки Садриддин Айнӣ бо ин асараш натанҳо аз вуҷуд доштани халқи тоҷик дарак медиҳад, балки собит месозад, ки миллати мо дорои тамаддуни бостонист ва маънавиёти ӯ аз суннатҳои ахлоқӣ ва вожаҳои мӯътабаре чун ғурури миллӣ, нангу номус, ватандорӣ, дифои марзу бум, сулҳхоҳӣ, шуҷоат ва мардонагӣ иборат аст.

Нуктаи муҳим дар мақола, ки дар мадди назари суханшиносон қарор дорад, ин таъсири осори панду ахлоқии классикон, инсонгаройӣ ва ваҳдатсароии онҳо ба таълифоти Садриддин Айнӣ аст. Ҳини омӯзиши осори классикон устод Садриддин Айнӣ бо бардошти маънавӣ худ низ дар нигоштаҳояш ба фалсафаи ҳазорсолаи адабиёт таҳким бахшид. Яке аз рукнҳои муассир ва пурарзишии осори устод дар ҳамин хусусияти адабии он мебошад. Ба иборати дигар “Ёддоштҳо” барин асари таърихии устод Айнӣ на танҳо аз ҷиҳати фарогирии матолиб, инъикоси ҳақиқати таърихӣ, ҳаҷм, услуб ва сабки нигориш ва боз даҳҳо хусусиёташ балки аз лиҳози ҷанбаи ахлоқиву фалсафии худ, ҳамчун китоби дорои арзиши умумибашарӣ эътироф гардидааст. Ин маънии онро дорад, ки Садриддин Айнӣ натанҳо асосгузори адабиёти навин, балки идомабахши адабиёти ҳазорсолаи тоҷик маҳсуб мешавад ва дар шумори классикони тамаддуни олам қарор дорад. Ин андешаро муаллифи мақола ҳини сухан кардан аз ҳунар ва истеъдоди суханварони классикии мо иброз медорад:

«Танҳо бо ибрози ҳунару истеъдоди воло, ибрози

ҳақиқат, ифодаи маъниҳои баланд, ки ба дарду ниёзи мардум ҳамсадо бошанд, дар адабиёт ҷовидон мемонанд, азизи ҳар фард ва ҳар хонадон мешаванд. Инро зиндагиномаи устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хисрав, Шайх Саъдӣ то Садриддин Айнӣ собит мекунанд. Яъне адиб сарнавиштнигори даврон ва миллати худ аст." (1.300)

Аз назари Пешвои миллат ҷуръату далерӣ, нотарсӣ ва ҳақиқатҷӯии устод Садриддин Айнӣ дар он замони нобасомону вазнин аз муҳимтарин аркони мубориза маҳсуб меёфт. Маҳз шуҷоату нерӯи фавқулодда, ки бо муҳаббати беандозаи ӯ ба миллату Ватан тавъам буд ӯро дар роҳи расидан ба ҳақиқат устувор нигаҳ медошт. Муаллифи мақола бо дарки баланди вазъи замони зиндагии устод Айнӣ менависад: «Магар зиндагӣ ва кору эҷод дар солҳои пурошӯб барои устод Айнӣ, Лоҳутӣ баъдтар Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар ва Ҷалол Икромиву дигарон осон буд? Магар Бобоҷон Ғавуров бе мамониат таҳқиқҳои худро ба анҷом расонду хидмати бузургу шоистае ба миллат кард?» (1.300) Ин ҷо ҳадафи муаллифи мақола инъикоси заҳматҳои роҳи эҷодӣ, масъулиятшиносии нависанда новобаста ба азобу шиканҷаи сахти ҷисмонӣ ва равонӣ мебошад.

Адо намудани қарзи фарзандӣ дар назди Ватан барои устод Садриддин Айнӣ ва ҳаммаслаконаш чи қадар балову офатҳоро ба сарашон нарехт, ки ҳар яке достони мукаммали пуррамзу роз ва фоҷиабори китоби таърихи кишвар мебошанд. Ин аст, ки ҳини баҳогузорӣ ба фаъолияти Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва зиёиён, адибон, қаламкашони солҳои 20-30-и қарни гузашта назари объективонаи муҳаққиқон, бо назардошти вазъи сиёсиву таърихӣ нақши муҳим мебозад. Хӯрдагирӣ, каҷназарӣ бидуни эҳсоси набзи замони зиндагии ин абармардон на танҳо таҳрифи таърих аст балки беҳтиромӣ дар назди руҳи ин абармардони таърихи диёр мебошад.

Дар мақола ба мактаби бузурги устод Садриддин Айнӣ эътибори ҷиддӣ дода шудааст. Зеро устод дар тарбияи насли адибони ҷавон нақши бориз дорад ва усули тарбияти ӯ сазовори омӯзиш, таҳқиқ ва пайравист. Баргузории маҳфилҳои адабӣ, мукотиботи устод Айнӣ бо адибони дигар оид ба адабиёт, маслиҳату машваратҳои устодона, ин ҳама боиси тарбияти қаламкашони ҷавон ва дар маҷмӯъ рушди адабиёти навини тоҷик гардид. Аз назари Эмомалӣ Раҳмон идома додани он анъанаҳои мактаби Айнӣ барои имрӯзиён муҳим буда, аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Иттифоқи нависандагон мебошад. Ба иборати дигар, мактаби бузурги Садриддин Айниро бо тамоми нозукиҳояш мавриди омӯзиш қарор додан кори муҳаққиқони имрӯз аст ва он заминаи мӯҳкаме дар рушди минбаъдаи адабиёти муосири тоҷик хоҳад буд.

Як хидмати бузурги Садриддин Айнӣ, ки аз эҳтирому муҳаббати беандозаи нависанда ба таърихи миллат сарчашма мегирад ин кӯшиш дар зинда нигоҳ доштани анъана, маросиму ҷашн ва суннатҳои неки ниёгонамон ба ҳисоб мерафт. Дар мавриди пойдориву ҷовидонии яке аз ҷашнҳои миллии мо Наврӯз муаллиф менависад: «Наврӯз аз ҳама фишору зӯровариҳо гузашта, ҳамчун иди миллӣ зинда монд. Таърих хидматҳои бузурги Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ ва даҳҳо фарзандони бузурги миллатро, ки дар рӯзҳои сахт суннати Наврӯз ва расму оинҳои неки аҷдодиро пуштибонӣ карданд, бо ҳарфҳои зарин сабт кардааст». (1.302)

Воқеан Сарвари давлат хидмати устодон Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуровро дар мавриди ҳадаф ва рисолат тавъам мебинанд ва аз амали огоҳонаву мақсадноки онҳо дар мавриди ҳимояи ҳуқуқи миллати тоҷик, мустақилият ва ҳувияти хоси рушди таърихии тоҷикон сухан меронанд. Ин ду нафарро заминагузори истиқлолияти миллии тоҷикон, ки дар поёни асри XX амалӣ гардид, мансуб ме-

донад. Аз ҳамин чашмандоз омӯхтани фаъолияти Садриддин Айнӣ ва ҳамаслаконаш метавонад ба таърихи Тоҷикистони солҳои 20-30-уми қарни XX сухани тозаеро зам намояд.

Дар мақола оид ба муносибати Садриддин Айнӣ ба таърих ва воқеаҳои таърихӣ таваҷҷӯҳ шудааст, ки ин масъала низ дар шинохти ҷаҳонбинӣ, ақида ва назари нависанда нақши меҳварӣ мебозад. Сабақ бардоштан аз таърих, дар заминаи он баҳо додан ба вазъи замон ва аз рӯи он амал кардан суннати деринаи тоҷикон аст ва ин сифатро устод Садриддин Айнӣ дар худ касб намуда буд. Чуночи дар бораи давлатдории тоҷикон дар даврони Сомониён чунин андешаро иброз намуда буд: «Тамоми халқи тоҷику форс дар хусуси он, ки баъд аз истилои араб мисли як миллат бо забон, адабиёт ва маданияти худ дар ҷаҳон боқӣ мондаанд, аз Сомониён миннатдоранд» (1.303) Зимнан муаллифи мақола таъкид мекунад, ки омӯзиши таърихи Сомониён мунтазам ва муназзам идома бояд ёбад, зеро ин давраи ниҳоят муҳим барои миллати тоҷик мебошад.(1.303)

Мавзӯи дигари муҳиме, ки дар мақола зикр мешавад, муҳимтарин хусусияти зиёии тоҷик, аз ҷумла, соҳибмаърифат кардани мардум, баланд бардоштани сатҳи шуур ва покизагии ахлоқи ҷомеа мебошад, ки Садриддин Айнӣ намунаи олии ин қишри ҷомеа маҳсуб меёфт. Бузургии устод Садриддин Айнӣ дар баробари дорои сифатҳои адибиву олимӣ будан, дар устувории мақеи сиёсӣ, зиракӣ дар шинохти манфиатҳои миллӣ, оштинопазир будан бо ҷаҳолат ва хурофоту таассуб зоҳир мегардад, ки барои зиёии имрӯз намунаи ибрат аст. Муаллиф тазаккур медиҳад, ки Садриддин Айнӣ донандаи дараҷаи олии дин ва таърихи дини ислом буд ва китобе ҳам бо номи “Заруриёти динӣ” таълиф намуд ва дар тамоми асарҳояш бо таассубу хурофот мубориза бурд. Омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи зиндагиву фаъолият, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии устод Садриддин

Айнӣ барои ба маҷрои дурусти зиндагӣ ва самти солими рушди фарҳангӣ ҳидоят намудани ҷомеаи муосир ниҳоят муҳим мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон чи дар китоби “Чеҳраи мондагор” ва чи дар мақолоту кутуби дигар, ҳамчунин суханрониҳои худ, ҳини руҷӯъ намудан ба таърих ва тамаддуни миллати тоҷик исми Садриддин Айниро дар радифи бузургони сиёсату адаб ва фарҳанги ҳазорсолаи халқамон, аз қабили Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хисрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ёд мекунанд. Ин маънии онро дорад, ки устод Айнӣ дар таърихи миллати мо ҳамрадифи ин афроди фарҳехта қарор дорад ва пайвандгари шоистаи дирӯзу имрӯзи тамаддун аст. Дар даврони навини таърихи кишвари мо бошад муаллифи китоб чанд нафареро дар ҷодаи сиёсат, таърих ва адабиёт чун Саидризо Ализода, Шириншо Шотемур, Чинор Имомов, Абдуқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум, Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар пайравон ва ҳамфикрони устод Садриддин Айнӣ маҳсуб медонад. Дар баробари ин, Пешвои миллат менависанд:

«Даҳҳо ва садҳо фарзандони баору номуси халқро ном бурдан мумкин аст, ки барои озодӣ, ободӣ ва обрӯи милату истиқлолияти Ватани азиз фидокориҳову ҷоннисориҳо кардаанд. Аз байни ин фарзандони сарсупурда ду нафарро махсус ном бурдан мехоҳам, ки барои ташаккули миллат, болоравии ҳисси худшиносиву ватандорӣ ва истиқлолияти тоҷикон хизмати бузург кардаанд. Ин ду фарзанди барӯманди халқ устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров мебошанд”(1.299). Яъне, ҷойгоҳи устод Садриддин Айнӣ дар таърихи тамаддуни Ватани мо хоса аст ва Пешвои миллат бо дарки масъулияте, ки имрӯз дар назди халқу Ватан доранд, ин нуктаро пайваста зикр месозанд.

Дар мақола ҳамчунин ҳини руҷӯъ намудан ба масъалаи арзишҳои миллӣ муаллиф оид ба бузургтарин сарвати бебаҳои халқ забони тоҷикӣ эътибор медиҳанд. Аз ҷумла, дар тӯли асрҳо тавассути хидмати бузургони илму адаб ин забон маҳв ё гум нашуд ва дар ин ҷода хидмати устод Садриддин Айнӣ ниҳоят бузург аст. Аз назари муаллиф устод Садриддин Айнӣ дар танзиму ба тартиб даровардани забони адабӣ ва матбуот нақши беназир дорад. Махсусан, дар тозагии забон аз алфози зишту кӯчагӣ, дуруст истифода кардан аз забони гуфтугӯиву маҳалҳо, ба як қолаби муайян овардани забони адабӣ устод Айнӣ кӯшишҳои зиёдеро анҷом додааст. Ҳамчунин, дар рушди забони адабӣ, дастуру маслиҳатҳои устод ба нависандагону шоирони ҷавон як мактаби бузурги тарбият аст. Дар ин маврид мактуби саркушоди устод Садриддин Айнӣ ба нависандаи ҷавон Пӯлод Толис намунаи беҳтарини ин раҳнамоист. Чунончи дар ин мактуб сухан дар бораи истифодаи дурусти калимаву ибораҳои маҳаллӣ меравад: "Дар инҷо як роҳи инкишофи забони адабиро қайд кардан мехоҳам. Ин кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ аст. Ба фаҳми ман дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим аст. Дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ монанди "иби"-и бухориён, калимаҳое ҳастанд, ки қобилияти умумӣ шудан надоранд ва ингуна калимаҳоро танҳо дар порчаҳои ҳаҷвӣ кор фармудан мумкин аст. Аммо дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳое ҳастанд, ки классиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани он гуна калимаҳо онҳо ба дараҷае классиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро "забони қадимии мурда" мепиндоранд ва дар архаизм медароранд. Чунончи "гусел" дар Ленинобод дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад... Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст".

Аз назари муаллифи китоби «Чеҳраҳои мондагор»

устод Садриддин Айнӣ дар рушду такомули журналистикаи тоҷик низ хидмати арзандаро адо кардааст. Устод ҳамчун аз аввалин рӯзноманигорон ва саромади матбуоти тоҷик рӯзномаро забони миллат мешуморад ва ҳар қавме ки матбуот надорад онро безабон маҳсуб медонад. Пешвои миллат дар ин маврид менависанд: «Вақте ки ба таърихи матбуотамон назар меафканем, қабл аз ҳама хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айниро ба ёд меорем, ки ба хотири гузоштани асосҳои давлати мустақили мо анҷом додааст. Маҳз устод Айнӣ бо мақолаҳои ватандӯстонаву маорифпарварона ва сухани миллатсози худ ба бедории мардуми тоҷик такони ҷиддӣ бахшид». (1.314)

Ҳамин тариқ муаллифи китоби "Чеҳраҳои мондагор" дар баробари зикри бузургиву матонат, хидмат ва шӯҳрати оламгири Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ бо ишораи муҳимтарин паҳлӯҳои ноомӯхтаи зиндагӣ ва осори нависанда барои муҳаққиқони таъриху адабиёт ҷодаи ҷадиди таҳқиқ ва эҷодро муайян менамояд. Ба иборати дигар, бо назардошти манфиатҳои милливу давлатӣ омӯзиши осори гаронбаҳои устод Садриддин Айнӣ арзиши дигари ҷовидонии худро зоҳир хоҳад намуд.

**Адабиёт:**


1. Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: ЭР-граф, 2016. -363 с.

2. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оини таърих. Аз Ориён то Сомониён, дар се китоб. –Душанбе: Ирфон, 2002 -2006

3. Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. Таҳияи Хуршеда Отахонова. -Душанбе: Дониш, 1978

4. Садриддин Айнӣ. Қаҳрамони халқи тоҷик: Повести таърихӣ барои бачагони синни калони мактабӣ.-Душанбе: Ирфон, 1969,-92с.

5. Шакурӣ Муҳаммадҷони Бухороӣ. Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърих.-Хуҷанд: Нури маърифат.2001.-106 с.


*Соли 2017*

# АРЗИШҲОИ ТАРБИЯВИИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Осори арзишманди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари аҳамаияти илмиву адабӣ ва таърихӣ аз назари тарбияи ҷавонон низ пурарзиш маҳсуб мешавад. Махсусан, асарҳои таърихии Пешвои миллат оид ба таърихи тамаддун, забон ва шахсиятҳои мондагори таърихӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон нақши басо бузургу шоиста дорад. Яке аз ин гуна асарҳо, ки «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» мебошад, ки дар он таъриху тамаддуни ниёгони ориёии мо то истилои араб дар заминаи манбаъҳои боэътимоди таърихӣ ва тадқиқотҳои пурмӯҳтавои олимони ватанию хориҷӣ ба риштаи тадқиқ кашида шудааст. Асар фарогири масоили таърихи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии қавми ориёинажоди Осиёи Марказӣ дар робита бо таърихи тамоми эрониён мебошад. Дар ин тадқиқоти хеле муфид масъалаҳои ташаккули халқиятҳои ориёӣ, густариши тамаддуни он, падид омадани давлатҳои тавоною мутамарказ, нақши аҷдодони мо дар тамаддуни ҷаҳонӣ бо назари тоза ва дар заминаи дастовардҳои нави илмӣ матраҳ гардидаанд. Омӯзиши ин асар баробари дар рушд ва тақвияти андешаи миллии тоҷикон аҳамияти хоса доштан, дар мавриди тарбияи ҷавонон ва дар ниҳоди онҳо густариш додани худшиносии миллӣ, ватанпарвариву ваҳдатгароӣ беназир аст.

Пешвои миллат дар тарбияи ҷавонон, киояндаи миллат ба ахлоқ ва дониши онҳо сахт марбут аст, омӯзиши таърихи ниёгонро яке аз рукнҳои муҳими расидан ба ин матлаб медонанд: «Мо ба гузашта ба хотири парастиши соддалавҳонаи ниёгон не, балки барои тақвияти руҳи созандагӣ, бузургдошти хотираи нахустаҷдоди роҳкушои

мо, ки дар дарозои таърих ба ақидаҳои нав камар баста, ба дастовардҳои бузургу ғайриоддӣ ноил гаштаанд, рӯй меоварем. Охир як сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯй овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад. Воқеан, мактаби худшиносӣ, истиқлолият ва давлату давлатдории миллӣ баробари чандин омилҳои объективию субъективӣ боз як омӯзгори хеле сахтгиру нуктасанҷ дорад, ки онро таърих номанд. Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯи мо қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдории тоҷиконро бароямон мекушояд». Пешвои миллат сарчашмаи ноби тарбияро дар омӯзиши ҳамаҷонибаи таърих аз ҷониби насли муосир медонанд. Махсусан, арҷгузорӣ ба корномаи аҷдодони сарафроз ва шарафманд, эҳсоси масъулият дар ҳифзи мероси моддию маънавии гузаштагон, истифода аз таҷрибаи таърихии ниёгон имкон фароҳам меорад, ки дар табиати наврасону ҷавонон баробари худшиносии миллӣ ахлоқи ҳамида ки хоси гузаштагони мо буд, шакл гирад ва инкишоф ёбад.

Пешвои миллат тазаккур медиҳанд, ки дар камолоти инсон ва ҷомеа донистани таърихи гузашта аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва дар ташаккули андеша ва тафаккури пешқадам мусоидат менамояд. Масалан, барои ҷавонони имрӯза донистани он, ки гузаштагони бо нангу номуси онҳо дар ҳама ҳолатҳои тоқатфарсо, ҳатто таҳти тасаррӯфи дигар давлату халқият буданаш волоияти забону фарҳангашро пос медошт ва намегузошт, ки гавҳари ноби илму адаб ба дасти душманони миллат афтад. Омӯзиши ҳақиқати таърихӣ ҷавонони моро аз бегонапарастӣ, инкори хидматҳои падарону модарон, беэътибоӣ ба равандҳои пешқадами ҷомеа бозмедорад ва дар тинати онҳо эҳтиром

ва сипосмандиро нисбат ашхоси ватанхоҳу ватандӯст бедор месозад. Ба иборати дигар, надонистани таърих инсонро аз аслаш дур месозад ва ӯ наметавонад ба ҷараёнҳои рӯзгор мунсифона баҳо диҳад.

Назари нек, муҳаббати том ва самимияти комиле, ки Пешвои миллат нисбати таърихи халқи тоҷик доранд, ибрати бузургест ба ҷавонони имрӯза. Андешаи зерини Сарвари давлат дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» аз умқи қалби муаллиф ба қалам омадааст: «Ман аз саҳифаҳои куҳани таърихи диёр, аз осори шаҳристонҳои вайронаву нимвайронаи сарзамини аҷдодӣ, аз миёни гарду чанги асрҳо нақши гузаштаро меҷӯям. Мехоҳам пораҳои шикастаро васл кунам, риштаҳои гусастаро бо ҳам бипайвандам, ҳақро аз ноҳақ, ростро аз дурӯғ ҷудо карда, аз сабақҳои таърих панде биомӯзам».

Пешвои миллат дар китоби мазкур ба масъалаҳои муҳими таърихӣ даст зада, аз он ёдовар мешаванд, ки аҷдодони мо бо ҳунару санъати амалии волои худ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд. Дар ин бора бозёфти Хазинаи Амударё, ҳафриёти бостоншиносӣ дар Қалъаи Мир, Қайқубодшоҳ, Тахти Қубод, Тахти Сангин ва дигар минтақаҳо шаҳодат медиҳанд, ки на танҳо дар бораи сатҳи рушди маданияти моддӣ, балки маданияти маънавӣ ва андешаи иҷтимоии аҷдодамон маълумоти арзишманде медиҳанд. Ин ишорат ва ибрат ба ҷавонон аст, ки дар таърихи инсоният танҳо ҳунар ва илм меъёр ва маҳаки арзишҳои мавҷудияти ӯст. Яъне, мо барандагони мероси пурбаҳои ниёгон худ низ бояд ҳунарманд, донишманд ва эҷодкор бошем.

Таваҷҷӯҳи Сарвари кишвар ба китоби диниву ахлоқӣ, қомусномаи ниёгон – «Авасто», ки ҳамчун қадимтарин ва муккаммалтарин сарчашмаи хаттии ниёгони мо пазируфта шудаасту ҷавҳари онро «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» ташкил мекунад, махсус аст. Зеро донista-

ни ин китоб барои имрӯзиён муҳим буда, он сарчашмаи ахлоқи ҳамидаи ҷомеа мебошад. Пешвои миллат ҳамчун муаррихи нуктасанҷ зикр менамояд, ки «Авасто» дар зиндагии ҳамарӯзаи аҷдоди мо ҳамчун роҳнамои муҳим барои тамоми табақоти ҷомеа – кишоварзон, ҳунармандону косибон, сарлашкарону сипоҳиён, подшоҳону тоҷварон, мӯъбадону коҳинон хизмати арзандаро иҷро мекард. Ба андешаи Пешвои миллат маҳз мазмуну мундариҷаи баланд, арзиши тарбиявиву ахлоқии ин китоб буд, ки новобаста ба беадолатиҳои замона, кӯрдиливу бераҳмии ҳокимони ҷоҳил, гирумони таърих то ба имрӯз омада расид. Воқеан, қисматҳои боқимондаи «Авасто» аз камолоти фарҳангу маънавиёти аҷдодамон дар даврaҳои қадим шаҳодат медиҳанд. Махсусан, дар қисмати қадимтарини он – «Готҳо» даврaи гузариш ба зиндагии муқимӣ, густариши пешаи деҳқонӣ, ривоҷ ёфтани кишоварзӣ, ободонии манзил, ҳифз намудани шаҳр ва ғайра бо камоли таърихияту бадеият инъикос ёфтаанд. Аз мисолҳои фаровони дар асар овардашуда маълум мегардад, ки аҷдоди тоҷикон соҳиби донишу маърифати пешрафта будаанд, ки ба халқҳои Аврупо, Осиёи пеш илҳом бахшидааст.

Пешвои миллат дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» дар баробари зикри нахустин рисолати таърихии Зардушт, ки бори аввал Аҳурамаздоро ба ҳадди яккахудоӣ расонид, оид ба дигар хидмати ӯ таваққуф мекунанд, ки дар таърихи башарият аз назари тарбияи ахлоқӣ таъсири бузург дорад. Ин арзишҳои ахлоқиро дар либоси динӣ оварда, «рафтори нек, кирдори нек ва гуфтори нек»-ро сарманиши зиндагӣ ва оини ҳамешагии пайравони хеш қарор додани Зардушт мебошад.

Бемуҳобо, имрӯз яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз маҷмӯи назарияи ахлоқии ҳамидаи ниёгон маншаъ мегирад, ки таълимоти Зардушт, ки ҷавҳараш даъват

ба ваҳдат, некӣ, рӯшонӣ, ободонӣ, ростӣ, созандагӣ мебошад, яке аз он сарчашмаҳои ноб аст.

Таълимоти Зардушт дар рушди ахлоқии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷумла тоҷикон нақши мунир гузоштааст. Таҳаммулпазирӣ, арҷгузории илму маърифат, пеш гирифтани роҳи ободониву созандагӣ, меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва дигар падидаҳои неки зиндагӣ аслан самараи неки тамаддуни ориёӣ мебошанд.

Пешвои миллат бо китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» ба рисолати таърихии мардуми тоҷик бори аввал дар илми таърихнигорӣ баҳои сазовор дода, ҳамзамон аз арзишҳои ахлоқии таърихӣ ёд мекунанд, ки барои насли имрӯз дарку маърифати он ҳатмист. Пеш аз ҳама, халқи тоҷик табиатан халқи созандаву бунёдкор, оромтабиату нексиришт, шикастанафсу меҳнатдӯст аст. Дар хуни аҷдоди ӯ пархошҷӯиву набардписандӣ ва ҷанг пеша кардан қариб набудааст. Сипас, таърихи ҳазорсолаи дуру наздик гувоҳ аст, ки оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронда, аз дунболи ҳар шикасту инқирози чашмрас боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст. Ин рисолати таърихиро, ки дар раванди давлатдории ҷаҳон назир надорад, метавон фарҳанги давлатдории тоҷикон номид. Ин баҳои сазовори Сарвари давлат мебошад, ки таъриху фарҳанги халқи хешро бо ҷиддияту масъулияти том омӯхтаву тадқиқ намудаанд, баробари миллати худ роҳи пурпечутоби сулҳу созандагиро тай намудаанд, дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи Ватан масъулияти гарони наҷоти халқро аз даргириҳо ва бӯҳронҳо бар дӯши худ гирифтаанд, ба Ватану мардуми кишвар муҳаббату садоқати беандоза доранд. Ин баҳои баланди сарвари хирадманду адолатпеша, дипломат, сиёсатмадори тавоно ва фарзанди содиқи миллат мебошад.

Пешвои миллат бо таълифи китоби "Тоҷикон дар ои-

наи таърих. Аз Ориён то Сомониён» баробари анҷом додани як хидмати бузург дар ҷодаи илми таърих, зимнан, насли имрӯзаро даъват менамоянд, ки аз корномаи гузаштагон ибрати ватандорӣ омӯзанд. Ҳамзамон аз ахлоқи ҳамидаи гузаштагон барои худашон хислатҳои хуби инсониро касб намоянд. Зеро дар ҷодаи созандагӣ дар баробари мавҷуд будани андешаи қавии миллӣ, ки омили музаффарияти минбаъда мебошад, ахлоқи некӯи инсонӣ низ нақши бориз дорад.

Китоби дигари Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Чеҳраҳои мондагор” низ дар баробари арзиши баланди илмиву таърихӣ доштан дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ мебошад. Китоби мазкур ифодагари таърихи пурғановати тоҷик буда, муаллиф дар бораи ҳаёт ва фаъолият, ҳамчунин, фидокориву ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаву далери хеш тадқиқоти ҷолиб бурда, дар ниҳоди хонанда, хоса, ҷавонони Ватан эҳсоси худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандориро такмил медиҳад. Китоб армуғони маънавии Пешвои миллат бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буда, як бори дигар собит месозад, ки эътиқоду эътимоди Сарвари кишвар ба таърих, адабиёт ва фарҳанг – такягоҳи устувори миллат беандоза аст ва воқеаҳои таърихиро барои имрӯзиён дарси ибрат ва ҳаёт медонанд.

Китоби мазкур дорои чандин хусусиятҳои муҳими илмиву таърихӣ ва тарбиявӣ мебошад. Аз ҷумла, “Чеҳраи мондагор”– зиндагинома ва корномаи симоҳои барҷастаи миллат, таърихномаи корнамоиҳо ва сарфарозиҳои халқи тоҷик, баёнгари фарҳанг ва тамаддуни таърихи беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон буда, маҳсули омӯзиш, мушоҳидаҳо ва хулосаҳои саҳеҳи илмии Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таърих, тамаддун, нақши шахсиятҳо дар таърих

ва роҳҳои бардошти сабақи таърихӣ аз он мебошад. Китобро метавон ҳамчун китоби худшиносӣ ва худогоҳии миллии мардуми тоҷик номид, ки, он сабақи таърихӣ барои имрӯзиён ва фардоиён аз бурду бохт пастиву баландии роҳи тайкардаи мардуми сарбаланди тоҷик мебошад. Гузашта аз ин, "Чеҳраи мондагор" беҳтарин намунаи осори таърихӣ, чи аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва чи аз назари сабку услуб ва шеваи таҳқиқ аст, ки дар зоти худ беҳамтост.

Аксарияти ин чеҳраҳои таърихӣ шахсиятҳои барҷастае мебошанд, ки дар тағйири куллӣ бахшидани таърихи аҳли башар ё миллати сарбаланди тоҷик таъсири бузург расонидаанд. Махсусан, хидмати ин чеҳраҳои мондагор дар муаррифӣ намудани фарҳангу тамаддуни миллат дар арсаи ҷаҳонӣ назир надорад. Пешвои миллат дар интихоби муаррифии чеҳраҳо дар китоби хеш муҳимтарин хусусиятҳои маъруфияти афроди таърихиро ба ҳисоб гирифта, ҳини тадқиқот паҳлӯҳои ибратбахши ҳаёт ва фаъолияти онҳоро ба қалам додаанд. Чуночи аввалин чеҳраи мондагори таърихӣ дар китоби Пешвои миллат Куруши Кабир аст, ки дар тамаддуни ориёӣ ҳамчун асосгузори нахустин империя дар таърихи башар номбар мешавад. Дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихиву археологӣ, маълумотномаҳои катибаҳо муаллифи китоб собит месозанд, ки Куруши Кабир маҳз тавассути сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, сабку усул ва тартиби ҷадиди идоракунии давлат, адолатҷӯӣ, ободкорӣ ва муҳимтар аз ҳама, бо эҷоди эъломияи таърихии худ, ки нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, маъруфият дорад. Тақдири давлати муосири тоҷиконро муаллифи китоб ба тақдири давлатдории Куруш шабоҳат додаанд. Аз ҷумла, "руҳияи ваҳдату муттаҳидсозии миллат, пуштибонии сулҳу адолат, густариши тиҷорату иқтисодиёт ва бунёдкориву ободонӣ,ислоҳоти низоми лашкар ва такмили идоракунии мамла-

кат аз назари муаллиф монандӣ ва ҳамоҳангии онҳоро муқаррар мекунад.

Воқеан, ин ҷо метавон дар мавриди сифатҳои ҳукуматдории Куруши Кабир ва Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сухан кард. Ҳамоҳангӣ ва монандии давлатдорӣ аз хусусият ва сифатҳои фардии онҳо аз қабили ифтихори ватандориву миллатпарварӣ, адолат ба мардум, масъулияти баланд дар назди тақдири ватан ва соҳибони он, пуштибонии сулҳу ваҳдат ва монанди инҳо рӯи кор омадааст.

Дар эъломияи Куруши Кабир, ки дар китоб сабт ёфтааст, эъломияи ин шоҳи кабир ба сатрҳое хотима меёбанд, ки дилу ният ва омоли Пешвои миллати моро ифода мекунад: "Сулҳу оромиро ба тамоми мардум ато кардам".

Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Куруши Кабир дар заминаи сарчашмаҳои муътамади илмиву таърихӣ муфассал бо забони фасеҳ аз таърихи зиндагӣ ва корномаҳояш ҳикоят мекунанд. Аз ҷумла, оид ба муҳорибаҳо, кишваркушоиҳо, муносибатҳои дипломатӣ, бурду бохти Куруши Кабир. Хулосаҳои илмии Сарвари давлат дар мавриди мақом ва манзилати Куруши Кабир раднопазир аст. Аз ҷумла, эшон Куруши Кабирро ҳаргиз дар қатори забткорону ҷаҳонкушоёни маъруфи олам – Чингиз, Темур, Искандари Мақдунӣ намегузоранд. Зеро Куруши Кабир дар муҳорибаҳову лашкаркашиҳо ҳаргиз ба қатли ом роҳ намедод ва дар риояи ҳуқуқи инсон беназир буд ва ӯ бунёдгузори аввалин давлати мутамаддини инсонӣ маҳсуб меёфт. Хулосаи дигари Сарвари давлат дар китоб, ки низ бебаҳс аст, ин шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Куруши Кабирро дар бунёди давлатдории дунёвӣ дидаанд. Ба иборати дигар, нахустин империяи пурқудрати давлати Форс ба шакли дунявӣ асос ёфта буд. Ин мақола собит менамояд, ки роҳи пешгирифтаи Сарвари давлат ва усули давлатдорӣ дар кишвари мо дуруст ва барҳақ аст. Пешвои миллат дар мақолаи "Парчамдори ҷодаи озодиву истиқлол" дар бо-

раи чеҳраи мондагори таърих Спитамен нақл менамоянд. Қаблан муаллиф ба зиндагӣ ва фаъолияти ҷаҳонигирии Искандари Мақдунӣ таваққуф намуда, оид ба ғояву ният ва амалдории ӯ маълумотҳои таърихии мушаххасро ироа месозанд. Муаллиф баъди омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи Спитамен ба ин қаҳрамони тоҷик баҳои сазовор медиҳанд: "Талошҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастонаи Спитамен яке аз дурахшонтарин саҳифаи таърихи мубоfризаҳои муташаккилонаи ниёгони суғдию бохтарии мо мебошад. (саҳ.36)

Саргузашти Спитамен воқеан ибратбахш буда, дар тарбияи ҷавонони имрӯза таъсири бузург мегузорад. Муаллифи китоб бо овардани лаҳзаҳои ҷоннисорӣ ва фидокориҳои Спитамен ҷанбаи тарбиявӣ ва ахлоқии асарро такмил бахшидаанд. Аз ҷумла, инъикоси манзараи ба пеши Искандар овардани сари Спитамен ниҳоят таъсирбахш аст: "Искандар баъди ба хуну оташу мусибатҳои сангин гирифтор намудани сарзамини Суғд дар Мароқанд ҳамроҳи маликаи ҷавон Рухшонак ва муқаррабонаш истироҳат мекард. Ба ин ҷамъомад рухсат пурсида ҳокими маҳаллӣ даруни он сари оғушта ба хоку хунеро берун овард.

- Ин кист? – пурсид Искандар баробари дидани сари чашмонаш нимапӯш ва ҳанӯз ҷавон.

- Спитамен, - бо тантана арз намуд Датаферн.

- Ин сар ба ман хеле писанд аст, вале афсӯс, ки онро мисли сипару камони Доро ва ангуштарини Бесс доим ҳамроҳам гардонида наметавонам.

Ва Искандар беҳтарин ҳайкалтароши юнонӣ Лисиппро ба ҳузур хонд, ки ин дам ба офаридани муҷассамаи ӯ машғул буд.

- Ту айнан нусхаи биринҷии ҳамин сарро офарида метавонӣ? – пурсид Искандар. – Ӯ аз ҳамаи лашкаркашону душманони то ин дам вохӯрдаам ҷасуртарину тавонота-

рин буд. Спитамен чун дигар ҳарифонам аз ман намегурехт, балки бо сарбозони камшумораш ба сари лашкари ман пайваста ҳамла меовард.

Пешвои миллат сарнавишти Спитаменро ба тариқи зайл маънидод мекунанд, ки аз назари фарох ва ҷаҳоншиносии беназири он кас дарак медиҳад:

«Ҳарчанд муборизаҳои шадиди истиқлолхоҳӣ ва ватандӯстии ниёгони мо таҳти сарварии Спитамен оқибат ба шикасту бебарориҳо дучор шуданд, корнамоиҳои бемислу монанди онҳо дар сафҳаҳои таърих то ба рӯзгори мо ба ёдгор мондааст. Мо имрӯз корнамоиҳои Спитамени диловар ва ҳамсафони ӯро қадршиносӣ намуда, барои зинда доштани номи нек ва хотираи бегазанди фарзандони фидоии Ватан ордени “Спитамен”- ро таъсис додем, ки он барои шуҷоату корнамоиҳои ватандӯстона ва идомаи анъанаи неки ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ ба ворисони воқеии ин марди қаҳрамон дода мешавад».

Дар китоби “Чеҳраҳои мондагор” Пешвои миллат дар бораи Зардушт – паёмбари оини ростин, ки ба андешаи ӯ фикру андешаи хуб инсонро водор ба ҷидду ҷаҳд ва ғайрату ободонӣ мекунад, оид ба Монӣ, ки аз нобиғагони замони худ буда, дар фанни наққошӣ ҳамто надошт ва саҳифаҳои китоби худро бо тасвирҳои зебо, ки муборизаи нуру зулматро ифода мекард, музайян менамуд, перомуни Маздак – пешвои мардумдӯсти Эрони бостон, ки шариати ӯ меҳмонро аз ҳар тоифа ё миллате, ки бошад эҳтиром мекард ва чунин мешуморид, ки аз ӯ набояд чизеро дареғ дошт, дар бораи Муҳаммад (с) – бузургтарин марди ҷаҳон ва паёмбари дини барҳақ, ки як инсони фурӯтан, ростқавл, хоксор ва покманишу некмазҳар буд, Имоми Аъзам асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгаро, ки масъалаи ҳурмати волидайнро на танҳо дар фиқҳи худ дар партави Қуръону ҳадис ҳал кардааст, балки худаш дар ин ҷода намунаи ибрат буд, Исмоили Сомонӣ – абармарди хирад

ва сиёсат, бо тамоми вуҷудаш хоҳони муттаҳидии тамоми сарзамини тоҷикон буд, бо санаду далелҳои раднопазири таърихӣ изҳори назар мекунанд. Омӯзиши зиндагиномаи ин чеҳраҳои ҷаҳонӣ ба ҷавонони имрӯза нерӯ, боварӣ ва эътимод ба худ эҷод мекунад ва саргузашти онҳо чун дарси ибрат дар ватандориву ободкорӣ ба кор меояд.

Дар китоб ҳамчун чеҳраҳои модагори таърихӣ як қатор суханварон ва олимони классикӣ чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ – қофиласолори адабиёти тоҷику форс, ки ба андешаи муаллиф шеъри ӯ пайвандгари наслҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи миллати тоҷик аст, Абулқосим Фирдавсӣ – ситоишгари адлу ростӣ ва нуру хирад, ки бо вуҷуди марди мусалмон будан ҳаргиз таърихи пурифтихори халқи худро қурбони идеологияи ҷоҳилона насохтааст, Абӯалӣ ибни Сино – муттафаккири абадзинда, ки дар тӯли умри кӯтоҳи 57-солааш тавонист осори безаволу гаронбаҳое офарад, ки садҳо сол мавриди ниёзи ҳамарӯзаи олимону табибон қарор гирад, Носири Хисрав – суханвари бузург ва марди андеша, Шамси Табрезӣ – шахсияти бузург ва камназири олами ирфон, Ҷалолуддини Балхӣ – пайвандгари дилҳо ва тамаддунҳо, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – таблиғгари фарҳанги сулҳ ва хостори ваҳдату субот, Камоли Хуҷандӣ – бунёдгузори кохи азими сухан, Абдураҳмони Ҷомӣ – пешвои ҳавзаи илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон, Мирзо Абдулқодири Бедил – нобиғаи шеър ва пайвандгари ду кишвар, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ – суханвари номвари адабиёти тоҷик муаррифӣ гардидаанд. Пешвои миллат омӯзиши осори гаронбаҳои ин абармардони илму адабро барои имрӯзиён муҳим мешуморанд ва мавриди истифода қарор додани онҳоро дар амалияи ҳаррӯзаи иҷтимоию фарҳангии зиндагии худ зарур медонанд. Дар китоб Қаҳрамонони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, ки зиндагонии ӯ худ қаҳрамонӣ буд, Нусратулло Махсум, ки аз насари Сарвари давлат ҷонфидои миллат маҳсуб

меёбад, Шириншо Шотемур, ки ҳамчун офтоби зиёбахш дар таърихи Тоҷикистони навин тулӯъ намуд, Бобоҷон Ғафуров, ки олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ буд ва Мирзо Турсунзода, шоири бузург ва ходими маъруфи ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт ва дар радифи инҳо Сотим Улуғзода ҳамчун мусаннифи таърихи пурфоҷиаи халқ зикр ёфтааст. Ин ашхос воқеан дар бунёди Тоҷикистони навин, дифоъи ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон дар солҳои вазнини мавҷудияти миллат хидматҳои арзанда кардаанд, ки қадршиносии эшон аз ҷониби Пешвои миллат аз эҳсоси баланди худшиносии он кас дарак дода, барои ҷавонон дарси бузурги ибрат ва ҳикмат мебошад.

Ҳамин тариқ китоби "Чеҳраҳои мондагор" хонандаи тоҷикро бо таърихии воқеии миллати тоҷик, корномаву корнамоиҳо, шебу фарози таърих, мардонагӣ ва пойдории миллати мо ошно месозад. Нигоштаҳои Пешвои миллат, тасвири воқеаҳои тақдирсози таърихӣ, муқоисаву муқобалаҳо ва хулосаҳо ҳамчун сабақи пандомези таърихӣ барои имрӯзиён ва ояндагон арзиши баланд дорад.

**Сарчашма ва адабиёт**


1. Эмомалӣ Рахмон, Тоҷикон дар оини таърих . Аз Ориён то Сомониён, китоби якум
2. Эмомалӣ Рахмон, Тоҷикон дар оини таърих . Аз Ориён то Сомониён,китоби дуввум, Душанбе, Ирфон 2002.
3. Эмомалӣ Рахмон, Тоҷикон дар оини таърих . Аз Ориён то Сомониён, китоби сеюм, Душанбе, 2006.
4. Эмомали Рахмон, Чеҳраҳои мондагор, Душанбе, ЭР-граф 2016, 363 саҳ.
5. Андешаҳои миллии тоҷикон (марҳалаҳои асосии ташаккул ва рушд) Хуҷанд, Ношир 2011, 583 саҳ.


*Дар ҳамдастӣ бо* **Ҷамшед Ҷӯразода**
*навишта шудааст,*
*соли 2016*

# САРЧАШМАИ МУСТАНАДИ КИТОБИ ТАЪРИХӢ

**Назаре ба китоби «Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат» Душанбе: Маориф, 2016, 414 саҳ.**

Чанде пеш бахшида ба қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» китоб бо номи «Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат» интишор гардид, ки он дар заминаи маърӯзаҳои олимон, адибон, сиёсатмадорон, чеҳраҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар конфронси илмии ҷумҳуриявӣ «Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат ва нақши таърихии ӯ дар баланд бардоштани тамаддуни моддӣ ва маънавии миллат» рӯи кор омадааст. Конфронси мазкур ба муносибати қабул гардидани қонуни «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», ки 9-уми декабри соли 2015 аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, бахшида шуда, нақши таърихии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани тамаддуни моддӣ ва маънавии мардумро инъикос намуд.

Боиси зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсест, ки дар зери роҳбарии ӯ Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар ҷаҳон пазируфта шуд. Аз ин рӯ, омӯхтани таърихи зиндагии ин шахсияти нотакрор, роҳи тайкардаи ӯ дар расидан ба ҳадафҳои олии миллӣ ва гиромидошти номи ӯ аз вазифаи муқаддаси имрӯзиён маҳсуб мешавад.

Дар китоб 42 мақолаи пурмӯҳтавои сиёсатмадорону сиёсатшиносон, арбобони давлативу ҷамъиятӣ, олимони маъруф, муаррихон ҷой дода шудааст. Мақолаи Раиси Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шукурҷон Зуҳуров ба масобаи сарсухан дар пар-

тави сухани собиқ Президенти Фаронса Жак Ширак ба қалам омадааст: «Мардуми Фаронса ҳеч гоҳ мавқеи устувори Президенти Тоҷикистонро, ки ба фарҳанги ғанӣ ва бузурги сиёсиву маънавии халқи тоҷик такя мекунад, фаромӯш намекунад».

Муаллифи мақола ёдрас мекунад, ки замоне, ки сарварии давлат ба зиммаи Эмомалӣ Раҳмони чиҳилсола вогузор гардид, кишвари тозаистиқлоли мо дар вартаи ҳалокат қарор дошт. Мардуми зиёд қурбони ҷанги бародаркуш гардида, бештар аз миллион нафар гурезаву муҳоҷири иҷборӣ гардиданд. Сарвари ҷавону дурандеш бо нахустин суханронии худ ба дили мардум шӯълаи умедро ато намуд: «То охирин фирорӣ ба ватан барнагардад, ман худро орому осуда ҳис намекунам». Ба андешаи муаллифи мақола, ки ҳақиқати маҳз аст, Эмомалӣ Раҳмон пояи давлатдориро дубора аз сифр бунёд кард ва силсилаи корҳоеро ба анҷом расонид, ки онҳо имкон фароҳам оварданд, мардуми парешони тоҷикро атрофи дастархони густурдаи сиёсии миллат ба ҳам биёрад. Шукурҷон Зуҳуров аз андешаву суханрониҳои Сарвари давлат нуктаҳоеро ёдрас мекунад, ки воқеан, дар он замон ба мардум таъсири бузург расонида буд ва таконеро барои баргаштан ба Ватан эҷод мекард. Чунончӣ, сухани Эмомалӣ Раҳмон: «Ба Шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, аммо як пора ноне, ки дорем бо ҳам мехӯрем», муассиртарин сухани он замон буд, ки имрӯз ҳам баъди гузашти солиёни дароз ба дили ҳар як фарди ватандӯст асар мекунад ва арзиши бештари таърихии худро ба бор меорад.

Дар мақолаи мазкур зикр мешавад, ки амали ҷавонмардона, далерона ва даст задан ба амалҳои бузург аз сифатҳои инсонии олию оддӣ, аз қабили меҳрубонӣ, матонату ҳалимӣ, дилсӯзиву ҷасорат, хоксориву ғурури миллӣ, риояи одоби гузаштагон дар мизони хирад ва тарозуи

манфиати миллату ватан сарчашма мегирад. Дар мақола андешаву гуфтори шахсиятҳои маъруфи таърих чун Дабири кулли Созмони Муттаҳид Кофи Аннан, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Раиси Маҷлиси Уммаи Давлати Қувайт Марзуқ Алӣ ал-Ғаним истинод шудааст, ки он баёнгари эътироф шудани Эмомалӣ Раҳмон чун сиёсатмадори ояндабину матинирода, принсипнок, ботаҳаммул ва ғамхори халқ аз тарафи сарони кишварҳои олам мебошад.

Сироҷиддин Аслов – вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаи худ «Эмомалӣ Раҳмон – асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ» оид ба мақоми Сарвари кишвар ҳамчун тарроҳ ва поягузори мактаби нав дар сиёсати хориҷӣ ва равобити байналмилалӣ сухан кардааст. Ба андешаи муаллиф дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ кишвари мо дар мавриди идоракунии бахши иқтисодиву иҷтимоӣ замина ва таҷрибае дошт, вале дар бахши равобити байналмилалӣ чунин таҷриба ё мавҷуд набуд ва ё хеле маҳдуд буд. Аз ин рӯ, Сарвари мамлакат дар ин самти фаъолият низ корро аз сифр оғоз намуд. Ба қавле ба ақлу дониши худ, тадбир бо истифода аз эътимоду иттико ва хираду заковати мардум ба ҳадафи хеш расид. Нуктаи зарифе, ки дар мақола таззакур ёфтааст, ин бозгӯи усулҳои муаррифӣ кардани сиёсати хориҷии давлатҳои дунё мебошад. Ба қавли муаллиф: «Давлатҳои маъруфшудаи олам ё бо зӯри силоҳ ё бо маҳсулоти пешрафта ё бо пулҳои ҳангуфт дар саҳнаи ҷаҳон нақшофарӣ кардаанд». Вале, Пешвои миллати мо кишвари моро бидуни сарфи маблағҳои дохилӣ, содироти техникаҳои нодир, кӯмакҳои фаровони башарӣ танҳо бо тадбир, сулҳоварию ваҳдатофарӣ, ташаббусҳои созанда, робитаҳои инсондӯстона, забони ширину таҳаммулпазирӣ ба оламиён маъруфу машҳур кард.

Муаллифи мақола зикр мекунад, ки Тоҷикистон бо

128 кишвари ҷаҳон муносибати дипломатӣ дошта, 150 давлат истиқлолияти моро эътироф кардаанд ва бе ҳузури фаъоли Тоҷикистон бузургтарин тасмимҳои дастҷамъӣ дар минтақа сурат намепазирад. Дар мақола баробари зикри мақоми кишвари мо дар баргузор шудани ҳамоишҳо, конфронсҳо ва нишастҳои байналмилалӣ, ҳамчунин оид ба ташаббусҳои фарогир ва нақшгузорӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ, ки аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст, сухан меравад. Зикр мегардад, ки Эмомалӣ Раҳмон муаллифи се ташаббуси бузургест, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид амалӣ шудаанд: «Соли байналмилалии оби тоза» (2003), «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (2013) ва «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт 2005-2015» мебошад. Дар фароварди мақола муаллиф дуруст зикр мекунад, ки ҳар кишваре, ки бо мамлакати дигар ҳамкории дарозмуддатро мехоҳад ба роҳ монад, пеш аз ҳама, бо оромиши кунунии он ва заминаҳои босуботи ояндааш назар мекунад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон бо шарофат ва баракоти сулҳпарваронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи шарикони хориҷӣ чун кишвари дорои ояндаи босубот ва сиёсати устувор шинохта мешавад. Марбут ба мавзӯи мақолаи мазкур профессори ДМТ Ниёз Мирзоев дар навиштаи хеш "Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори дипломатияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол" низ изҳори назар карда, гуфтааст, ки сиёсати оқилона, озмудшуда ва мувозини хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият самараи нек ба бор овард.

Мусаллам аст, ки Сарвари давлат дар рушди фарҳанги миллӣ нақши беандоза дорад. Мақолаи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода «Нақши таърихии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди фарҳанги миллӣ» ба ҳамин самти фаъолияти Президенти

мамлакат бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф Эмомалӣ Раҳмон «Кори давлатдории худро бо фарҳанг оғоз кард». Ба қавли ӯ дар маркази шаҳри Душанбе – пойтахти меҳанамон Тоҷикистон қомат афрохтани пайкараи бузурги Исмоили Сомонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Сарвари давлат қадами устуворе дар баланд бардоштани маънавиёти миллат гузоштааст. Зимнан, Эмомалӣ Раҳмон идомабахши пешаи нахустин асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонист, ки тавонист миллатро дар партави фарҳанги воло аз парокандагӣ наҷот бахшад. Муаллифи мақола дуруст зикр мекунад, ки Пешвои миллат номидани Сарвари давлат ин ҳам падидаи фарҳангист, ки он омили муттаҳид шудани халқи тоҷик дар атрофи сарвари хеш мебошад. Дар мақола оид ба чорабиниву воқеаҳои фараҳбахши фарҳангие, ки давоми бештар аз бист соли охир рӯи кор омадаанд, сухан рафтааст. Аз мақола метавон чунин бардошти саҳеҳ кард, ки Эмомалӣ Раҳмон фарҳангро ба омили таҳкимбахши ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми тоҷик  табдил дод. Ҳамин мавзӯъ дар нигоштаи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Диловар Латипов "Фарҳанг ва таҳкими ваҳдати миллӣ" вусъат ёфта, муаллиф ба масъалаи муҳим муносибати халқу миллатҳо ва якпорчагии Ватани азизамон руҷӯъ менамояд. Муаллиф ба воқеаҳои солҳои 90-ум ба чашми таҳқиқ назар карда, зикр мекунад, ки он замон майдони маҳалчигӣ, миллатгароӣ ва дигар падидаҳои ғайричашмдошт пайдо шуд, ки дар натиҷа алоқаҳои мадании давлатҳо ва ҳатто гурӯҳҳои гуногуни миллиро дар доираи як давлат халалдор кард. Арзишҳои фарҳангӣ, ки аслан воситаи муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад, он замон бо "эҳтимом"-и душманони миллат дар баробари дигар омилҳо падидаҳои фарҳангии маҳалҳои гуногуни кишварро зидди ҳам гузошта, ҳамчун омили сар задани ҷанги шаҳрвандӣ истифода карданд. Сарвари дав-

лат бошад, бо ақлу заковати баланди хеш тавонистанд, фарҳанг, ҳунар ва санъатро барои бунёди ваҳдати миллӣ истифода баранд, ки дар натиҷа беҳтарин арзишҳо ва комёбиҳои маҳалҳои гуногуни мамлакат фарҳанги умумимиллии моро ғанӣ сохт ва манфиати моро дар дохил ва хориҷи кишвар ҳифз намуд. Ҳамин тариқ, давоми 25 соли истиқлолияти кишвар собит шуд дар ба даст овардани ваҳдати миллӣ нақши фарҳанг, махсусан фарҳанги маънавӣ хеле бузург аст.

Дар мақолаи доктори илмҳои таърих, профессор Абдуфаттоҳ Шарифзода «Оғози неку наҷотбахш» мухтасар ба таърихи начандон дури кишвари мо ва мақоми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бунёду такмили давлату давлатдорӣ руҷӯъ шудааст. Муаллиф дар бораи Иҷлосияи таърихии шонздаҳум сухан карда, ба ёд меорад, ки дар он рӯзҳои фоҷиавӣ бештари сиёсатмадорони кордон мӯътақид буданд, ки дар вазъияти ба вуҷудомада ягон ходими шоистаи давлатӣ пайдо намегардад, ки корвонро сорбонӣ кунад. Муаллиф аз изҳороти таърихии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сардори давлат ба вакилони мардумӣ ёдрас мешавад: «Аввалин иқдоми ман бахри мӯътадил гардонидани вазъияти иҷтимоиву сиёсии ҷумҳурӣ, хотима бахшидан ба хунрезӣ равон карда мешавад». Муаллиф дуруст зикр мекунад, ки замону таҷрибаи таърихӣ исбот карданд, ки барои Эмомалӣ Раҳмони интихобшуда роҳи дигари алтернативӣ вуҷуд надошт. Муҳимтар аз ҳама, Эмомалӣ Раҳмон он замон масъулияти бузургро ба зиммаи худ гирифта, манфиатҳои умумихалқиро бар манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ муқаддам донист.

Абдураҳим Холиқзода, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор дар мақолаи худ «Се амали таърихии Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон» перомуни хидматҳои шоиста ва боистаи Ҷаноби Олӣ дар мавриди эҳё намудани падидаҳои

неку писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгон сухан кардааст. Якум амали Сарвари давлатро муаллифи мақола дар таъсиси ҳокимияти давлатӣ мебинад. Зеро маҳз ташкил намудани низоми дурусти идораи давлат, таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии низоми идора, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳияи низоми судӣ метавонист халқро аз балои ба сараш омада халос намояд. Ӯ зикр мекунад, ки ин амалро Сарвари давлат дар ҷои холӣ ва низоми фалаҷи мақомоти давлатӣ роҳандозӣ намуд, ки имрӯз низоми идоравии амалкунанда сифатан аз даврони шӯравӣ ва ҳатто ибтидои замони истиқлолият фарқи куллӣ дорад. Амали дуюми Президентро муаллифи мақола дар фароҳам овардани ваҳдати миллӣ мебинад. Бо мисолҳои собит зикр мекунад, ки Сарвари давлат тавонист дар як муддати кӯтоҳ оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш кунад ва ваҳдати миллиро барқарор созад. Амали сеюми Сарвари давлат интихоби роҳи дурусти давлатдорӣ, ки ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона равона мекард, тавонист кишвари моро ба оламиён чун давлати пешрав муаррифӣ намояд.

Дар мақолаи Лутфия Раҷабова – Раиси кумитаи Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат дар рушди соҳаи маориф» оид ба хидматҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди маорифи кишвар сухан рафтааст. Муаллиф дар баробари он ки оид ба воситаҳои танзимкунандаи соҳаи маориф, санадҳои меъёри ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан намояд, зикр мекунад, ки маҳз бо нишондод ва дастгирии Сарвари давлат дар соҳаи маориф муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омад. Махсусан, эълон шудани соли 2010 «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» такони ҷиддие дар ин соҳа буд. Муаллиф қайд

мекунад, ки гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таъсиси низоми ягонаи қабул ба мактабҳои олӣ тавассути маркази миллии тестӣ дастовардҳое мебошанд, ки ҷиҳати рушди соҳаи илму маориф тайёр намудани мутахассисони илмҳои дақиқ такони ҷиддӣ дод. Нуктаи бориз ин аст, ки зиёда аз 16000 нафар ҷавондухтарон ва ҷавонписарони болаёқат тибқи квотаи президентӣ дорои маълумоти олӣ ва соҳиби касб шуда, ба халқу Ватан содиқона хизмат карда истодаанд.

Дар китоби «Эмомалӣ – Пешвои миллат» якчанд мақолаи дигар аз ҷумла, мақолаи Қосимзода Идигул «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди устувори соҳаи маориф», Латофат Назирова «Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон – омӯзгор, мураббӣ», Ғуломқодир Бобизода «Пешвои миллат ва рушди мактабу маориф», Ҳамидуллохон Фақиров «Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат» оид ба рушди маорифи Тоҷикистон бо дастгириву пуштибонии Сарвари давлат бахшида шудааст. Махсусан, оид ба таваҷҷӯҳи Пешвои миллат ба мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, татбиқи ҳамаҷониба ва саривақтии барномаҳои давлатии компютеркунонии муассисаҳо, таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ, таъсиси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типии нави инноватсионӣ ва монанди инҳо муаллифони номбурда изҳори назар кардаанд. Аз нигоштаи муаллифон ҳақиқати воқеии фаъолияти Сарвари давлат, ки маорифро яке аз рукнҳои муҳими зиндагии имрӯза меҳисобад, возеҳ мешавад.

Дар мақолаҳои Ҷонмамадов Шермамад «Донишгоҳ зодаи истиқлолият аст», Мӯъмин Шарипов «Хизмати таърихии Пешвои миллат» дар бораи хидматҳои бузург ва таваҷҷӯҳи беандозаи Сарвари давлат ба фаъолияти мактаб-

ҳои олӣ, аз ҷумла, рушду такомули донишгоҳҳои олӣ дар қаламрави кишвар сухан меравад.

Дар мақолаи Насиба Сиддиқова «Кафили рушди босубот" хидмату саҳми Пешвои миллатро баробари дар ҷабҳаву самтҳои гуногун зикр кардан дар таҳия ва қабули Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, оид ба моҳияти қабули ду қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон яке «Дар бораи танзиму анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигаре «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» муаллиф ба тафсил қалам ронда, ба хулосаи илмӣ мерасад, ки манзмун ва мундариҷаи ҳар ду қонун хусусияти миллиро шомил мебошанд. Воқеан, ин ду қонун дар мавриди тарбияи мардум оид ба мувофиқ намудани руҳияи онҳо ба талаботи замон, аҷргузорӣ ба суннатҳои неки аҷдодон, шикастани қолабҳои исрофкорӣ дар маъракаҳо, дур шудан аз зоҳирпарастиву худнамоӣ ва покиза нигоҳ доштани расму суннатҳои динӣ арзиши баландро доро буда, саривақтӣ ва муҳим будани худро исбот карданд. Муаллиф дар радифи силсилаи хислатҳои шоиста ишора ба масъулиятшиносии Сарвари давлат менамояд, ки дар давраи вазнину тақдирсози таърихӣ бо иродаи қавӣ заковатмандӣ ва дурбинӣ ҳамаи вазниниро ба дӯши хеш гирифта, дар ҳаллу фасли масъалаҳои глобалии кишвар нақши муассир ва ҳалкунанда гузоштааст.

Мусаллам аст, ки Пешвои миллат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолияти сиёсии худ дар сатҳи роҳбарикунанда ба масъалаи ҷавонон ва нақши онҳо дар пешрафти ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса доранд. Сарвари давлат ба ҷавонони кишвар эътимод ва бовариии калон доранд ва ояндаи миллатро ба ақлу заковат, ҷаҳонбинии васеъ, масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиии ҷавонон мебинанд.

Аҳтам Абдуллозода, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолааш «Ҷавонон пайрави Пешвои миллат ва муҳофизи дастовардҳои 25 соли истиқлоли давлатӣ», ҷавонони мамлакатро пайрави Пешвои миллат ва кору пайкори Эмомалӣ Раҳмонро мактаби бузурги омӯзиши ҷавонон хондааст. Самти афзалиятнок қабул донистани сиёсати давлатии ҷавонон яке аз дастовардҳои асосӣ ва бузурги ҷавонон дар замони соҳибистиқлолияти Тоҷикистон мебошад, ки ин натиҷаи таваҷҷӯҳ ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Сулҳ ва ваҳдати миллӣ мавзӯи меҳварии китоби «Эмомалӣ Раҳмон Пешвои миллат» ба ҳисоб меравад, зеро бузургтарин хизмати Пешвои миллат ин барқарории сулҳу ваҳдат дар кишвар мебошад. Муаллифони мақолаҳо қабл аз зикри хидматҳои дигари Пешвои миллат дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷоннисориву ҷонбозиҳои ӯ дар барқарор ва ваҳдати миллӣ ибрози назар кардаанд. Марбут ба ин мавзӯъ мақолаҳои алоҳида низ бахшида шудааст, ки яке аз онҳо «Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон» унвон гирифтааст, ки ба қалами Худойбердӣ Холиқназаров – директори маркази тадқиқотӣ-стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутааллиқ аст. Муаллиф аз санаи 27 июни соли 1997 ёд мекунад, ки бо кӯшиши Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гардид. Муаллиф аз таърихи гуфтугӯву музокираҳо ёд карда, аз шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон ҳикоят мекунад. Ба қалам додани нуқтаи назари вазири дифои Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд соли 1995 пас аз баргаштани ҳайати ҳукумати Тоҷикистон аз Кобул ба Душанбе аз шуҷоат,

далерӣ ва миллатдӯстии Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад: «Раҳбари Тоҷикистонро ман ҳамчун шахсияте дарёфтам, ки халқи кишвараш, миллати тоҷикро, ватанаш Тоҷикистонро хеле амиқ ва самимона дӯст медорад. Барои беҳбудии халқу марзу бумаш омодааст ҷонбозиҳо кунад. Бо чунин Раис тоҷикон ҳатман ба сулҳу оштӣ даст хоҳанд ёфт».

Носирҷон Салимӣ, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон дар мақолаи хеш "Пешвои барҳақ" иртиботи батнии фаъолияти имрӯзаи Сарвари давлатро бо дарунмояи фикрии давлатдории хонадони Сомониён дарёб карда, имрӯза ҳифзу инкишофи забон ва ҳувияти тоҷиконро аз ҷониби Пешвои миллат ба ҷоннисориҳои даҳ аср муққаддами Исмоили Сомонӣ монанд мекунад. Муаллиф ба барномарезиҳои оқилонаи Президенти кишвар дар ҳамаи самтҳои хоҷагии халқ ишора карда, зикр менамояд, ки он дар густариши фазои демократӣ накши бориз гузошт ва "дарёфти тавозуну таносуб дар ҳама самтҳои фаъолияти сиёсӣ бо ҳусни таваҷҷӯҳ ба армонҳои мардум адолати иҷтимоиро дар бунёди низоми нави давлатдорӣ устувор намуд, ки аз заминаҳои бисёр муҳими пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол буд". Нуктаи зарифи дигаре, ки дар мақола таззакур ёфтааст, чун гавҳари офариниш дар меҳвари сиёсати Президенти Тоҷикистон қарор доштани инсон мебошад, ки арзиши олиро сазовор аст. Муаллиф аз таҷлили ҷашнҳои бузурги умумимиллӣ, аз қабили ҳазораи "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, 675-солагии ғазалсарои бузург Камоли Хуҷандӣ, 700-солагии олим, шоир, мутафаккири барҷастаи Шарқ Мисаид Алии Ҳамадонӣ, 1100-солагии давлати Сомониён, 2700-солагии китоби муқаддаси "Авасто", 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 1000-солагии Носири Хисрав, 1025-солагии Ибни Сино, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, Соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини

Балхӣ, 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Соли бузургдошти забони тоҷикӣ ва 1310-солагии пешвои мазҳабии миллати мо – Имом Абӯҳанифа (р), 3000-солагии Ҳисори шодмон ёдовар шуда, зикр мекунад, ки ин зуҳуроти раванди пурвусъати бозҷӯии асолати миллӣ маҳсуб мешавад ва он маҳсули ибтикор ва раҳнамоиҳои мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар ин мақола бо асноди собит зикр мегардад, ки сиёсати Сарвари давлати мо маънавиасос буда, дар худ сабақҳои таърихи миллатро таҷҷассум мекунад ва роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан менамояд.

Дар мақолаи Ҷамшед Ҷӯрабоев – доктори илмҳои таърих, профессор "Эмомалӣ Раҳмон ва масоили андешаҳои миллӣ" сухан дар бораи китоби якум ва дувуми пурарзиши Сарвари давлатамон "Тоҷикон дар оинаи таърих". Аз Ориён то Сомониён" рафтааст. Муаллиф дар мавриди аҳамияти таърихии асар сухан оғоз карда, менависад, ки "омӯзиши асар дар бунёдгузорӣ, ташаккул ва рушди тақвияти андешаи миллии халқи тоҷик аҳамияти беандоза муҳим дорад." Дар мақола аз китоби мазкур дар радифи нигоштаҳои пурқиммати Савари давлат оид ба таърих ва сабақбардорӣ аз он, нуктаи зерин махсус қайд шудааст: "Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯи мо қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдории тоҷиконро бароямон мекушояд". Дар мақола масъалаи таърихнигорӣ ва аҳамияти таҳқиқи таърих мавриди тавзеҳ қарор мегирад, ки Сарвари давлат онро аз масъалаҳои муҳим шуморида, донистани таърихи гузаштаи чи дуру чи наздикро дар камолоти шахсият ва ташаккули ҷомеа дорои аҳамияти аввалиндараҷа медонанд. Дар идома муаллиф андешаи Пешвои миллатро оид ба таърих ва бардошт аз сабақҳои он аз китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих". Аз

Ориён то Сомониён” истинод менамояд, ки он агар аз як ҷониб ифодагари меҳру аҷргузорӣ ба гузаштагони сарбаланди мо бошад, аз ҷониби дигар баёнгари дониши баланд ва истеъдоди фавқулоддаи пажӯҳишгарии Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад:

“Мехоҳам пораҳои шикастаро васл кунам, риштаҳои гусастаро бо ҳам бипайвандам, ҳақро аз ноҳақ, ростро аз дурӯғ ҷудо карда, аз сабақҳои таърих панде биомӯзам”. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур назари илмии Эмомалӣ Раҳмон оид ба китоби муқаддаси “Авасто”, рисолати таърихии Зардушт ва таълимоти ӯ сухан меравад. Воқеан ин таълимот, ки ҷавҳарашро “пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек” ташкил мекунад, Сарвари давлат ба як маънӣ, яке аз ҷанбаҳои сиёсати хирадмандонаи хеш донистаанд, ки мардумро ба сӯи рӯшноӣ, ваҳдату ягонагӣ, созандагиву ободкорӣ раҳнамун месозад. Ҳини таҳқиқ сари китоби дувуми “Тоҷикон дар оинаи таърих”. Аз Ориён то Сомониён” муаллифи мақола оид ба методологияи нави омӯзиши таърихи ниёгон, ки аз тарафи Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод мегардад, ибрози назар мекунад. Аз ҷумла, пешниҳоди Сарвари давлат дар бораи оғози давлатдории тоҷиконро аз давлатдории Каёниён, на аз даврони Сомониён маҳсуб донистан аз назари илми таърих сухани тозаест, ки дар натиҷаи таҳқиқи амиқ ва жарфо рӯи кор омадааст. Ҷамшед Ҷӯрабоев ҳамаи бобҳои китобро аз назари арзиши таърихӣ баҳогузорӣ намуда, ба хулосае меояд, ки Сарвари давлат дар ин китоби баландпояи хеш андешаҳои миллии тоҷиконро бо арзишҳои тозаи маънавӣ ғанӣ гардонидааст.

Дар такя ба маводҳои илмиву таърихии китоби Эмомалӣ Раҳмон “Тоҷикон дар оинаи таърих”. Аз Ориён то Сомониён” доктори илмҳои филология, профессор Нуралӣ Солеҳов дар мақолаи худ «Мақом ва манзалати

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди маънавиёт ва ҳувияти миллии тоҷик» мавзӯи болоиро идома бахшидааст. Дар ин самт бо ташаббуси Пешвои миллат эҳё шудани ҷашни Наврӯз ва мақоми давлатӣ гирифтани онро аз муҳимтарин дастовардҳо ва аз рукнҳои муҳими мафкураи миллии мардуми тоҷик дар замони истиқлолият шумоapprox шуморидааст. Муаллифи мақола ба таърихи начандон дури ба баҳонаи ҷашни динӣ дучори таъқибу маҳдудиятҳо гаштани Наврӯз таваққуф менамояд. Воқеан, ҷашни Наврӯз маҳз мақому манзалати аслии худро дар замони Истиқлолияти миллӣ дарёфт ва моҳиятан ба дуввумин ҷашни миллӣ (баъди Рӯзи Истиқлолият) табдил ёфт. Ба қавли Пешвои миллат «Пос доштани Наврӯз ҳамчун суннати аҷдодӣ барои ҳар яки мо амри ҳаётӣ ва рисолати муҳими миллӣ мебошад. Зеро тамаддуни Ориёӣ ба инсоният ҷашнеро пешкаш намудааст, ки бар пояи меҳру садоқат ва хираду заковат бунёд шуда, рамзи пирӯзии ақлу хирад бар ҷаҳлу зулмат ба шумор меравад».

Мақолаҳои номзади илмҳои иқтисодӣ Ашурбой Солеҳов – «Роҳ сӯи рушди устувор бо сарварии Пешвои миллат» доктори илмҳои иқтисод, профессор Диловар Қодирзода «Нақши пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди иқтисоди миллӣ», доктори илмҳои иқтисод Лутфулло Саидмуродов «Нақши Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули заминаҳои иқтисодиёти конститутсионӣ дар Тоҷикистон» ба масъалаи мақоми Сарвари давлат дар ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти кишвар бахшида шудааст. Дар мақолаи якум оид ба се ҳадафи марҳалаи аввал, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ сухан рафта, зикр мегардад, ки минбаъд бо пешниҳоди Президенти кишвар сифати нав касб кардани ҳадафҳо, аз ҷумла, гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ

ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан ва таъмин намудани амнияти озуқавориву дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ташкил хоҳад дод. Муаллиф бо санаду мисолҳои мушшахас оид ба амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла, ҷалб намудани сармоягузорони хориҷа, рушди инфрасохтории соҳаи саноат ва истифодаи технологияи инноватсионӣ, дифферсификатсия намудани содироти ватанӣ, амалигардонии сиёсати ивазкунадаи воридот, ки ҳамагӣ назари нисбатан нави Пешвои миллат дар ин самт мебошад, қалам рондааст. Дар мақола андешаҳо, пешниҳодҳо, иқдому дастуроти муҳим ва муфиди Сарвари давлат барои пешрафти иқтисодиёти тоҷик баён, таҳлил ва баҳогузорӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар мавриди рушди соҳаи энергетика, дуруст қайд мешавад, ки бо ташаббус ва дастгирии Пешвои миллат лоиҳаи бунёди шабакаи ягонаи энергетикии кишвар дар асоси муттаҳидсозии шабакаҳои ҷануб ва шимоли кишвар амалӣ гардиданд. Бо таъкидҳо ва сарварии Сарвари давлат тадбирҳо дар самти муайян намудани сарчашмаҳои нави захираҳои энергетикӣ андешида шуда истодаанд, лоиҳаи НБО-и Роғун амалӣ гардида истодааст ва аз ҷумла, дар оянда ба кишварҳои минтақа фурӯхтани нерӯи барқ лоиҳаи КАСА-1000 амалӣ гардида истодааст. Муаллиф дар амалӣ шудани ҳадафҳои олии Пешвои миллат дар самти беҳдошт иқтисодиёт ҷидду ҷаҳд, ҳиммати баланд ва меҳнатдустии мардуми кишварро низ муҳим мешуморад ва изҳори боварӣ мекунад, ки сокинони диёр якдилона Пешвои хешро дастгирӣ мекунанд. Диловар Қодирзода назаре ба таърихи ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти мамлакт менамояд ва аз душвориҳои дар солҳои 90-ум мавҷуд будаи ин соҳа бо санаду мисолҳои мушаххас ибрози назар мекунад. Аз таҳлили дастовардҳои соҳаи иқтисод дар солҳои истиқлолият маълум мегардад,

ки дар барқарор кардани иқтисодиёти кишвар нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург мебошад. Муаллифи мақола бо нақшаи махсус динамикаи афзоиши ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистони солҳои 1996-2014-ро нишон медиҳад, ки он аз 910 млн доллари ИМА (с.1996) ба 9,24 млрд доллари ИМА расонида шуд. Ҳамчунин, дар мақола таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ низ сурат гирифтааст, ки аз беҳдошти вазъи зиндагии мардум дарак медиҳад ва ҳадафи дигари Сарвари Давлат масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, бекорӣ бад-ин васила таъмин намудани шуғли аҳолӣ то андозае ҳалли худро ёфт. Лутфулло Саидмуродов бошад, дар мақолаи пурмӯҳтаво ва пурарзиши худ ба масъалаи ташаккули иқтисодиёти конститутсионӣ, яъне таъсири ҳуқуқи конститутсионӣ ба равандҳои иқтисодӣ руҷӯъ намуда, мақоми Сарвари давлатро дар ин раванд муассир ва таърихӣ шуморидааст. Ба андешаи ӯ ба туфайли иродаи қавии сиёсии Президенти кишвар марҳалаи фаъоли шаклгирӣ ва рушди асосҳои иқтисодиёти конститусионӣ дар Тоҷикистон ҷанбаи комилан нави сифатиро ба худ касб кард.

Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадшо Илолов дар мақолаи хеш “Пешвои миллат ва таърихи навин” ҳамчун нафаре, ки бештар аз бист сол таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолият доштааст, аз мушоҳидаҳои шахсии хеш бо овардани санадҳои воқеӣ аз иродаи сиёсии Пешвои миллат дар мавриди паси сар кардани ҳама гуна мушкилот ибрози назар кардааст. Нақли муаллиф аз аввалин суханронии Сарвари давлат дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд оғоз меёбад ва дар мавриди санаи 19 ноябри соли 1992, баъди Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гар-

дидани Эмомалӣ Раҳмон муаллиф қайд менамояд, ки “Барои ба дӯш гирифтани бори сангини роҳбари мамлакат иродаи матини сиёсӣ ва дили саршор аз меҳру муҳаббат ба халқу Ватани Эмомалӣ Раҳмон лозим буд ва ӯ дар байни элитаи сиёсии онвақта ба худ ҳамтое надошт. Гузашта аз ин, муаллифи мақола аз ҳиммати баланд, ҷасорату дурбинии Сарвари давлат давоми фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, сафарҳои Президент барои музокира ба Афғонистон хотираҳои хешро баён намуда, бо ифтихор аз моҳи октябри соли 2005 Рӯзи Тоҷикистон дар Юнеско – Созмони маориф, илм ва фарҳанги Милали Муттаҳид ёд мекунад. Аз мулоқоти Президенти мо бо Президенти Фаронса Жак Ширак зикр карда, бо ифтихор аз он сухан менамояд, ки дар Фаронса Сарвари мамлакти Тоҷиконро дар сатҳи баробар бо генерал де Голл баҳогузорӣ кардаанд.

Ноиби Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Олимов бо мақолаи худ таҳти унвони «Нигоҳе ба таҷрибаи давлатсозӣ ва фарҳангсолории Пешвои миллати тоҷик» се хусусияти шахстиятҳои таърихиро номбар намудааст: нерӯи тафаккури ҳадсӣ, қобилияти ба вуҷуд овардани раванди сохторофаринӣ ва омода будан ба фидокорӣ. Дар мисоли ин шахсияти таърихӣ муаллиф аз зиндагинома ва фидокориҳои асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ муҳимтарин нуктаҳое, ки қавииродагӣ, сиёсатмадорӣ, ватанпарастии ӯро собит мекунад, баён менамояд. Ва дар ин самт шинохтани шахсияти Исмоили Сомонӣ ва арҷгузорӣ ба ӯ аз ҷониби Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва барои сарҷамъии миллат ва ваҳдати он ҳамчун василаи муҳим шинохтан маънии онро дорад, ки “бузургонро бузургон зинда медоранд”. Кароматулло Олимов низ ба таърихи даврони оғози Истиқлолият руҷӯъ менамояд ва зикр мекунад, ки маҳз маънавияти баланд, донистани таърих, таваҷҷӯҳ ба илм,

иқдомҳои фарҳангии Сарвари давлат моро то ба ин рӯзи неку ором овард. Дар мақолаи Сахидод Раҳматуллозода “Нашъунамои забони давлатӣ – тантанаи сиёсати миллии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон” ба яке аз масъалаҳои муҳими давлати забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар оғоз аз таърихи забон, се давраи инкишофи он, бурду бохти забон изҳори назар намуда, қайд менамояд, ки “Баъд аз зимоми давлатдориро ба даст гирифтани меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи татбиқи Қонуни забон мунаддадан дар мадди назари ҳукумат, хусусан Сарвари он қарор гирифт. Зимнан, муаллиф дар бораи таърихчаи иҷрои Қонуни забон, мушкилоти он, кори комиссияи татбиқи Қонуни забон, такмили муҷаддади имлои забони тоҷикӣ, баҳсу мунозираи олимону муҳаққиқон сухан карда, мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар ҳифзи забони модарии мо бо санадҳои собит зикр менамояд.

Номзади илмҳои таърих, дотсент Мамадризо Алимшоев оид ба рушди босуботи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки ҳамешагӣ дар таваҷҷӯҳи Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, дар мақолааш “Истиқлолияти давлатӣ – рушди босуботи ВМКБ” ба тафсил сухан кардааст. Ин мақола бозгӯкунандаи таваҷҷӯҳи Сарвари давлат ба рушду инкишофи тамоми минтақаҳои Тоҷикистон мебошад.

Дар мақолаҳои раиси Иттифоқи нависандагон Низом Қосим “Пеши роҳи ту во бод”, шоир Меҳмон Бахтӣ “Раҳнамо ва меҳрпарвари миллат”, шоир Назри Яздонӣ “Пешвои маърифату ваҳдати миллӣ” файласуф Нодир Одилов “Беҳтарин сиёсат садоқат аст”, доктори илмҳои филология профессор Атахон Сайфуллоев “Фарҳангсолори бузург” хусусиятҳои нодири роҳбарӣ, инсонӣ ва кордо-

нии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо баёни факту далелҳои мӯътамад ироа гардидааст.

Ҳамин тариқ, ағлаби мақолаҳои китоби **«Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат»** дар заминаи омӯзишу таҳқиқи амиқи илмӣ аз ҷониби шахсиятҳои донишманду фозил ва таҳлилгарони жарфназар, ки назари мустақилу воқеъӣ доранд, таълиф шудааст ва маводеро пешорӯи хонанда вогузоштааст, ки шомили маълумоти як андоза мукаммал дар бораи фаъолияти пурсамари сиёсии Пешвои миллати тоҷик, Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Китоби мазкур метавонад ҳамчун як сарчашмаи муқаддамотӣ барои таълифи минбаъдаи як китоби фундаменталӣ дар бораи Сарвари давлат заминагузор бошад. Зеро китоб дорои нуктаҳои тозаи зарифест, ки агар аз як ҷониб муттахасисони ҳирфавӣ ба фаъолияти сиёсии Сарвари давлат дар ҷабҳаҳои гуногун баҳои воқеӣ дода бошанд, аз ҷониби дигар, баъзе аз арзишҳои сиёсиву миллии фаъолияти Президент бори аввал баъди гузашти фосилаи таърихӣ, баъди ҷамбасти як марҳалаи ташаккул ва инкишофи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишвар баён гардидааст. Нуктаи муҳими дигар ин аст, ки фаъолияти Президенти кишвар ба таърихи Ватани азизи мо сахт марбут аст ва ин маънии онро дорад, ки навиштани зиндагинома ва фаъолияти Сарвари давлат бо назари таҳлилу таҳқиқи илмӣ баробар бо навиштани таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол аст.

*Соли 2016*

## ИМКОНИЯТИ ГУСТУРДА ВА МАСЪУЛИЯТИ ВАТАНДОРӢ

Эълон шудани "Соли 2017 – Соли ҷавонон" аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агар аз як тараф ҷамъбасти як марҳалаи бузурги чораҷӯиҳои Ҳукумату давлат дар баланд бардоштани мавқеву мақоми ҷавонон дар ҷомеа маҳсуб гардад, аз тарафи дигар оғози марҳала ва муносибати нав ба фаъолияти ҷавонони даврони Истиқлол ба шумор меравад. Зеро ҷавонон ҳамешагӣ дар ҳамаи аёму марҳалаҳо пешсафи ҷомеа мебошанду давлату Ҳукумат ба онҳо ҳамчун нерӯи созанда ва пешбар муносибат менамояд ва ба фазилату дониш, истеъдод ва матонату мардонагии онҳо арҷ мегузорад. Таърих гувоҳ аст, ки Пешвои муаззами миллат ҳанӯз баъди Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олӣ ҳамчун Сарвари давлат санаи 2 феврали соли 1993 бо ҷавонони кишвар мулоқот оростанд. Дар ин мулоқот зимни маърӯзаи барномавии хеш чунин иброз намуда буданд: "Имрӯз дар ин толор ман аз чеҳраи кушоди Шумо гармии чеҳраи ҷавонони кишварро эҳсос менамоям. Мақсад доштам, ки нахуст бо падарону пирони баронидили рӯзгордида мулоқоте доир намоям, чунки онҳо зиндагиву ҳастии худро барои обод намудани ҷумҳурӣ сарф кардаанд. Аммо ҷавонии Шумо ақидаамро дигар кард, маро водор намуд, ки аввал бо Шумо вохӯрӣ намоям". Сарвари давлат дар ин мулоқот ба ҷавонон аз ҳадафҳо, нақшаву барномаҳои хеш дар бунёди давлати соҳибистиқлол ва барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ сухан карда, ба ҷавонон талқин намуданд, ки давлату ҳукумат ба Шумо такя менамояд ва фардои ин миллати азизу бузург дар дасти Шумост. Пешниҳоду дархостҳо, вазифагузориву нишондодҳои Пешвои миллат қадам ба қадам, зина ба зина

густурдатар дар рушди ҳаёти ҷавонон таъсири худро гузошт. Аз ҷумла, ширкати Сарвари давлат санаи 4 сентябри соли 1993 дар ҷамъомади Шӯрои марказии Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва 17 марти соли 1994 дар Анҷумани Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон аз он шаҳодат медод, ки Пешвои миллат ба ҷавонони кишвар такя менамоянд, ба ҳиммату матонат ва фидокории онҳо бовар доранд. Сухани Сарвари давлат дар ин анҷуман: **“манфиати халқу давлатро нисбат ба ҳадафҳои рӯзмарраи гурӯҳҳо, ҳизбҳо ва созмонҳои алоҳида боло гирифтан”** сармашқи фаъолияти ҷавонони он рӯзгор гардид ва муҳимтар аз ҳама, идеали сиёсии мо ваҳдати миллӣ, муттаҳидиву ягонагӣ, дӯстиву бародарӣ ва пешрафти Ватани азиз мӯҳри ҷовидонӣ бар худ баст ва он дастури ҳамешагии зандагии сарфарозонаи мо маҳсуб мешавад. Соли 1994 бо баргузории раъйпурсии умумихалқӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ҳамзамон ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии ҷавонон мушахас гардид. Ин воқеаҳои фараҳбахши сиёсӣ баёнгари он аст, ки ҷавонон ва ҳастии онҳо, фаъолият ва рушди онҳо, мақом ва манзалати онҳо дар ҷомеа аз оғози фаъолияти Сарвари давлат дар мадди назар қарор дошт ва имрӯз бо тобишҳои нави маънавии худ идома дорад.

Яке аз анъанаҳои неке, ки минбаъд дар баланд шудани мавқеи ҷавонон дар ҷомеа ва ҷалб шудани онҳо ба вазифаҳои масъули давлатӣ таъсир гузошт ин мулоқотҳои ҳамасолаи Президенти Тоҷикистон бо ҷавонон маҳсуб мешавад. Мулоқотҳо имкон медод то ҳамасола чеҳраҳои нави сиёсиву фарҳангӣ, ҳунариву илмӣ, варзишиву тахассусӣ дар байни ҷомеа муаррифӣ шаванд ва руҳияи бунёдкориву эҷодкорӣ дар байни ҷавонон вусъат пайдо намояд. Яке аз ин гуна мулоқотҳои таърихӣ санаи 23 майи соли 1997, дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» баргузор шуд ва дар он Фармони

Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» рӯи кор омад, ки тибқи он Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Бе шубҳа, ин воқеаи бузурги таърихист, ки дар ҳалли сиёсати давлатии ҷавонон марҳалаи навро рӯи кор овард. Басо рамзист, ки маҳз ҳамин сол дар Соли ҷавонон кумитаи мазкур 20-солагии таъсисёбии хешро ҷашн мегирад, ки ин низ дар таърихи навини кишвардории тоҷик падидаи беназир маҳсуб мешавад. Бо гузашти замон пешниҳоду дархост, ниятҳои неки Сарвари давлат оид ба баланд бардоштани мақоми ҷавонон, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии онҳо, дарёфти истеъдодҳои нодир дар ҳамаи соҳаҳо, ҷалб кардан ба корҳо ва вазифаҳои масъул амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, таъсиси Стипендия Президент, Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ, оғози фаъолияти тозаи газетаи «Ҷавонони Тоҷикистон», аз ҳисоби ҷавонон пешбарӣ ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумуҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ ва соли 2004 қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав ва силсилаи зиёди чораҷӯиҳои дигар шоҳид ба андешаҳои болост. Ҳамин тариқ давоми ин солҳо «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон» «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020 қабул шуданд, ки дар маҷмӯъ, ҳамаи онҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон имконияти густурдаро фароҳам овард, мақому мавқеъи ҷавононро дар ҷомеа баланд бардошт ва устувор

гардонид. Ҳамзамон, аз баракоти Истиқлоли кишвар ҷавонон ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ ҷалб гардиданд ва дар бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ саҳм гузоштанд. Ба иборати дигар метавон гуфт, ки Пешвои миллат дар пиёда кардани сиёсати давлатии ҷавонон, набзи айём ва руҳи ҷавононро мавриди омӯзиш қарор дода, барномаҳои давлатиро бо назардошти тамоми паҳлӯҳои зиндагии ҷавонони Тоҷикистон рӯи кор оварда, дар амалӣ шудани он аз ҳама бештар саҳм гузоштанд. Новобаста ба вазъи душвори сиёсиву таърихӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ сиёсати давлатии ҷавонон дар меҳвари фаъолияти Пешвои миллат қарор гирифт.

Яке аз иқдомоти муҳим ва дурандешонаи мақомоти олии кишвар ин таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Тоҷикистон мебошад, ки 19 июли соли 2015 сурат гирифт. Шахсан аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон роҳбарӣ намудани Шӯрои миллии кор бо ҷавонон намунаи олии эҳтиром ва эътимоди мақоми олии сиёсии кишвар ба ҷавонони имрӯз аст. Ба қавли Пешвои миллат "Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки пешниҳодоти ҷавонон ҳарчи бештар дастгирӣ ёбанд, мушкилоти дар ин самт мавҷуда сари вақт баррасӣ гардида, роҳу усулҳои фаъолияти минбаъдаи ҷавонон боз ҳам дақиқу мушаххас карда шаванд."

Ба иборати дигар Шӯрои мазкур пуле миёни роҳбарияти кишвар ва ҷавонон аст, ки он метавонад имкониятти воқеиро барои ҷавонони имрӯза дар саҳм гузоштан ба пешрафти корҳои давлатӣ фароҳам оварад.

Инак, Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди баланд бардоштани мақоми ҷавонониояндасози мамалакат фикру андеша ва дастуру супоришоти хешро ироа намуданд. Дар Паём аз ҷумла зикр кардаанд: " Ҷавонон бояд аз ҳама

қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд." Воқеан эълон шудани Соли 2017 – Соли ҷавонон дар марҳалае сурат мепазирад, ки ҷавонони кишвар дар ҷодаи худшиносиву ватандӯстӣ, худогоҳиву масъулиятшиносӣ, шинохти арзишҳои милливу фарҳангӣ ва манфиатҳои миллӣ дар сатҳи зарурӣ қарор доранд ва барои ҷовонон имсол соли озмоиши иродаву истеъдод, маҳорату дониш ва фидокориву садоқатмандӣ хоҳад буд. Пешвои миллат аз ҷавонон дар ҳар соҳа тозакориву тозаэҷодӣ, ташаббускориву пешравиро чашмдор ҳастанд. Зеро маънии «ҷавонон ояндаи миллат» маҳз дар ҳамин амалҳои нек нуҳуфтааст. Ҷавонони имрӯзаро барои расидан ба ин ҳадафҳои воло месазад ба масоили зерин бештар таваҷҷӯҳ намоянд:

1. Соли ҷавонон эълон шудани соли равон аз ҷониби Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ифодагари муҳаббат ва таваҷҷӯҳи Сарвари давлат ба ҷавонон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа мебошад, аз ҷониби ҷавонон ҳамчун ҳадяи беназир қабул гардад ва дар ҷавоби он муқаддамтар аз ҳама масъулиятшинос бошанд ва масъулияти фардои кишварро ба дӯш гиранд. Ба маънии дигар барои ҷавонони имрӯза замоне фаро расидааст, ки масъулияти ватандориву ватанпарavриро бештар эҳсос намоянд ва ҳар кореро, ки ба анҷом мерасонанд аз назари манфиати халқу давлат ва миллат ба он баҳо гузоранд. Вазифаи меҳварии ҳар як ҷавон ин ҳимояи истиқлолияти

Тоҷикистон, бунёд ва таҳкими ҷомеаи халқҳои Тоҷикистон, ба давлати мутараққии ҷаҳон табдил ёфтани он ба шумор меравад

2. Дар ниҳоди хеш густариш додани муҳаббат ба миллат ва дороиҳои он. Аз ҷумла, ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва меъроси ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм, фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигар аз рисолати аслии ҷавонон бояд бошад. Дар ин ҷода яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа омӯзиши осори илмиву адабӣ ва таърихии Сарвари давлат мебошад, ки яке аз он асари тозанашри он кас "Чеҳраи мондагор" аст. "Чеҳраи мондагор" инъикосгари зиндагинома ва корномаи симоҳои барҷастаи миллат, таърихномаи корнамоиҳо ва сарфарозиҳои халқи тоҷик, баёнгари фарҳанг ва тамаддуни таърихи беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон, маҳсули омӯзиш, мушоҳидаҳо ва хулосаҳои саҳеҳи илмии Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таърих, тамаддун, нақши шахсиятҳо дар таърих ва роҳҳои бардошти сабақи таърихӣ аз он мебошад, ки донистани он барои ҷавонон ҳатмист. Махсусан, сабақ бардоштан аз рӯзгори шахсиятҳои дар китоб насбгардида ҷавононро дар ҷодаи хештаншиносӣ судманд хоҳад буд.

3. Пайравӣ намудан ба ахлоқи хамидаи падарону бобоёни хеш. Эҳтиром варзидан ба арзишҳои ахлоқии ниёгон аз қабили эҳтироми волидайн, ба зан-модар, устод ва омӯзгор, риояи одобу ахлоқ дар байни ҷомеа.

4. Баланд бардоштани дониши сиёсӣ, касбӣ ва ҳуқуқӣ, аз бар кардани илмҳои муосир, омӯзиши забони модарӣ ва забонҳои дигари олам. Тарбияи сиёсии шаҳрванд аз ҳуқуқу озодиҳои сиёсие сарчашма мегиранд, ки онҳо дар Конститутсия ҷумҳурӣ ифода ёфтаанд. Мақсади ниҳоии

баланд бардоштани дониш, ташаккул додан ва шинохтани сиёсату зиракии сиёсии инсон бошад, дониши касбӣ имкон медиҳад инсон дар ҷомеа мақому манзалати муайан пайдо намояд.

5. Рӯи кор овардани ташаббусҳои ҷолиб барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҳамсолон ва наврасон. Хешро ибрати наврасон донистан ва дар ниҳоди онҳо низ ифтихори миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва меҳанпарастиро бедор намудан.

Мардуми сарбаланди диёр, падарону модарон, устодон низ бовар доранд, ки ҷоннисориҳои Пешвои миллат барои мақоми хоса пайдо кардани сиёсати давлатии ҷавонон аз ҷониби ҷавонон қадр меёбад ва фардои миллат дар дасти нафарҳое хоҳад буд, ки аз чашмаи ақлу заковати Пешвои миллат ва дарёи муҳаббати беканори Ватан об хӯрдааст.

*Дар ҳамдастӣ бо*
**Фарзона Алиева**
*Соли 2017*

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: НАЗАРИЯ, АНДЕША ВА ПЕШНИҲОДҲО ДАР МУБОРИЗА БО ТЕРОРИЗМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Вақте ки ба таърихи мавҷудияти давлати соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар мекунем аз назари ҳимояи амият ва нигаҳдории сулҳу салоҳ дар қаламрави кишвар халқи тоҷик мушкилоти зиёдеро паси сар кардааст. Убури мушкилот ва паси сар кардани садду душвориҳо ба осонӣ ба даст наомадааст ва дар саргаҳи ин ҷоннисориҳо фарзанди шоистаи ин хоку замини аҷдодӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳу-

рии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон меистанд, ки шахсияти эшон намунаи олии иродаи қавӣ, далериву нотарсӣ ва заковатмандиву дурбинии сиёсӣ мебошад. Имрӯз ҳини назар кардан аз фосилаи начандон дури таърихӣ ба хубӣ эҳсос мешавад, ки дар кадом вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ худро чун кишвари мустақил муаррифӣ намуд ва ба қавли баъзе аз коршиносону сиёсатшиносон, хатари аз харитаи сиёсии ҷаҳон зудуда шудани хешро паси сар кард. Имрӯз руҷӯъ ба таърихи даврони ҷанги шаҳрвандӣ моро ҳушдор медиҳад, ки ба имрӯзу фардои худ бо чашми ибрат назар андозем, фаромӯш насозем, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ бештар аз 100 ҳазор нафар (1,5% аҳолӣ) ҷони худро аз даст доданд, 100 ҳазор кас бе ному нишон гум шуданд, беш аз 25 ҳазор зани тоҷик беваю 60 ҳазор тифл ятим монда, садҳо манзили истиқоматӣ вайрону валангор гаштанд. Таърих гувоҳ аст, ки маҳз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) ва бо қарори Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шудани фарзонафарзанди миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин нобасомониҳо нуқтаи таммат гузошт ва марҳалаи нави зиндагии мардум оғоз гардид. Аз ҳамон лаҳзаи интихоб Пешвои миллат ба масъалаи амнияти кишвар эътибори махсус зоҳир намуда, тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳу амният, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуданд. Ин нуқтаи назари Раиси Шӯрои Олӣ дар муроҷиатнома ба мардуми шарифи Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992 дар саҳифаҳои заррини таърихи кишвар сабт ёфтааст: «...тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Ба-

рои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам…».

Ҳадафи Пешвои миллат оид ба андешидани чораҳои таъхирнопазир ба хотири аз хоки Афғонистон ба ватан баргардонидани гурезагон, баробари барқарор кардани сулҳу салоҳ дар кишвар ва бахшидани зиндагии осуда ба мардум ҳамзамон таъмини амнияти фардои мардуми Тоҷикистон маҳсуб мешуд. Зеро аз назари Сарвари давлат дар хоки Афғонистони ҳамсоя мондани фирориёни тоҷик барои ҷумҳурии мо хатари ҷиддӣ дошт, зеро дар он тарафи сарҳад қувваҳое, низ буданд, ки метавонистанд ин фирориёнро дар оянда ба муқобили давлати Тоҷикистон истифода намоянд. Ин буд, ки ба Ватан баргаштани фирориён, пеши роҳи чандин хатарҳои минбаъдаи амнияти кишварро гирифт. Ният ва амали Сарвари давлат дар он рӯзҳо ифодагари дурандешии он кас дар мавриди эҳтиёти кишвар аз қувваҳои аҳриманиии беруна низ буд, ки бо гузашти замон онҳо бо номи “терроризми байналмилалӣ” дар қаламрави олам ном баровarданд. Гузашта аз ин, воқеаҳои солҳои наваддум як дарси бузурги таърихист, ки донистани ҳақиқати воқеии он даврон имкон медиҳад, ки имрӯз худро аз зиёну зарари қувваҳои аҳриманӣ эҳтиёт намоем.

Бале таърих китобест, ки дар он воқеаҳои рухдодаи олам сабт мешавад ва хушбахт ҳамон миллат аст, ки аз он сабақ мебардорад. Дар ин китоб чи воқеаҳои таърихии пешин ва чи ҳодисаҳои начандон дур арзиш дорад ва мо бояд онро ҳамеша дар мадди назар дошта бошем. Пешвои миллат дар суханронии худ бахшида ба ҷашни Истиқлолияти Тоҷикистон нуктаеро зикр карданд, ки он бояд ба хотири оромии ишвар ва амнияти миллат ҳамеша дар назар мо қарор дошта бошад. Аз ҷумла, Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ зикр карданд:

“Кишвари мо дар натиҷаи фитнаву дасисаи қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуда, хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва порокандагии миллат ба воқеияти талху даҳшатнок табдил ёфта буд. Вале мардуми шарифи Тоҷикистон бо саъю талоши ватандӯстонаву фидокорона ба хотири ҳимояи истиқлолияти давлати ҷавони худ ин имтиҳони сахту сангини таърихро паси сар намуданд.”

Ин гуфтаи Пешвои миллат аз як ҷониб ба мо аз таърихи талхи начандон дури мамлакат хабар диҳад аз ҷониби дигар он ҳушдорест барои ҳамватанон, ки набояд мо иштбоҳеро, ки як бор моро сарсону бехонумон кард такрор намоем. Аз ин гузашта ба воқеаҳои мудҳиши солҳои 90-ум баҳои илмӣ диҳем ва хулосаҳои дуруст барорем.

Дар тӯли фаъолияти роҳбарии худ Пешвои миллат ба масъалаи амнияти миллӣ ва таҳдидҳои қувваҳои аҳриманӣ ба зиндагии осоиштаи мардум эътибори хоса дода, бо пешниҳоду дархостҳои мушаххас ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва мардуми кишвар борҳо муроҷиат кардаанд. Масоили таҳдиду хатарҳои муосир ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ ҳамешагӣ мавриди назари Сарвари давлат қарор дорад ва дар кулли суханрониҳои худ дар минбарҳои баландӣ байналмилалӣ аз қабили Созмони милалли муттаҳид, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ба мавзӯи мазкур руҷӯъ кардаанд.

Яке аз пешниҳодоти муҳим ва дархости Пешвои миллат дар мавриди амнияти Ватани азизамон ин барқарор намудани тинҷиву оромӣ дар Афғонистони ҳамсоя мебошад, ки сари ин мавзӯъ борҳо руҷӯъ намудаанд. Сарвари давлат ҳини баррасӣ намудани мавзӯи мазкур, ба вазъияти ҳарбиву сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии кишвари ҳамсоя Афғонистон таваҷҷӯҳ намуда, барқарории сулҳу осоиштагиро дар

ин марз аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба хотири амнияти минтақа медонанд. Чуноне ки дар Паёми навбати Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ омадааст: «Хатарҳои замони муосир, вазъият дар Ховари Миёна, бахусус, вазъи Афғонистони ҳамсоя моро водор месозад, ки ба масъалаи таъмини амният диққати аввалиндараҷа диҳем. Бахусус, дар қаламрави Афғонистон пайдо шудани террористони ба ном «Давлати исломӣ», ки баъзе шаҳрвандони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ба он шомиланд, вазъро боз ҳам нооромнамуда, боиси ташвиши давлатҳои ҳамсоя гардидааст. Вазъи имрӯзаи сарҳад бо Афғонистон низ моро водор менамояд, ки ба ин масъала таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоем».

Нуктаҳои мазкур ишорат бар он доранд, ки имрӯз Афғонистон маншаи хавфу хатарҳои муосир, аз ҷумла, экстримизм, тероризм ва қочоқи маводи мухаддир гардидааст, ки он натанҳо ба амнияти ҷумҳурии мо балки тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонад. Воқеан таҳлилҳои марказҳои омӯзишӣ ва назари коршиносон дар мавриди афзудани таҳдидҳо дар солҳои охир ба ҳам мувофиқ меояд. Ағлаб бар онанд, ки солҳои қаблӣ фаъолнокии ҷангиёни Толибон ва “Давлати исломӣ” дар фасли зимистон бинобар баста шудани роҳҳои интиқолии Покистон ба Афғонистон каме коҳиш меёфт. Вале муттассифона дар ду соли охир бо вуҷуди муқобилияти якҷояи нерӯҳои байналмилалии зиддитерористӣ ва Артиши миллии Афғонистон ин қувваҳои аҳриманӣ дар қаламрави Афғонистон доимӣ қарор гирифтаанд. Мусаллам аст, ки дар меҳвари носуботии вазъи сиёсии Афғонистон, зиддиятҳои абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ меистад, ки ба иборати маъмули манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ онро матраҳ менамоем. Боиси зикр аст, ки абарқудратҳоро аз як ҷониб мубориза бар зидди тероризм, экстремизм ва

қочоқи маводи мухаддир ба ҳам муттаҳид созад, аз ҷониби дигар манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ онҳоро аз ҳам дур меафканад. Ва ин сиёсат аст ва ҳар як нерӯ мақоми худ, ҳадафи худ ва таъсири худро дар Афғонистон ва минтақа дорад: "Вақтҳои охир дар ҷаҳон раванди бартариҷӯӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, пайдоиши нишонаҳои марҳалаи нави "ҷанги сард" боиси нигаронӣ гардидааст." Мусаллам аст, ки мафҳумоти "бартариҷӯӣ", "мусаллаҳшавии бошитоб", "ҷанги сард" ин ҳама хоси абарқудратҳо аст ва сард шудани муносибатҳои онҳо таъсири нохуш ба кишварҳое чун Афғонистон мерасонад. Таърихи начандон дури вазъи Ироқу Суриё ва Украина собит кард, ки ин абарқудратҳо барои манфиати хеш аз ҷангу хунрезӣ рӯй наметобанд. Гузашта аз ин, Сарвари давлат бо изҳори он, ки дар «Давлати исломӣ», баъзе шаҳрвандони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шомил мебошанд, аз хавфи интиқоли махфиёнаи онҳо ба сарзамини мо нигарон ҳастанд.

Боиси зикр аст, ки қочоқи маводи мухаддир ба воситаи сарҳади давлатӣ аз масъалаҳои доғи рӯз маҳсуб мешавад ва он ба амнияти миллии кишвари мо, минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдид менамояд. Пешвои миллат дар ин маврид ба факту рақамҳои мавҷуда рӯй меоранд: Тибқи маълумоти расмии Созмони Милали Муттаҳид имсол майдони кишти ин зироатҳо 63 фоиз зиёд шуда, то ба 328 ҳазор гектар расидааст ва дар назар аст, ки истеҳсоли маводи мухаддир нӯҳ ҳазор тоннаро дар муодили афюн ташкил хоҳад кард ва кӯшиши интиқоли қисми муайяни ин мавод тавассути кишвари мо низ сурат хоҳад гирифт". Дар идома натиҷаи интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддирро ба Тоҷикистон ин тур ҷамъбаст месозанд: "Аз соли 1994 инҷониб аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар беш аз 121 тонна маводи нашъаовар, аз ҷумла зиёда аз 34 тонна героин мусодира карда шудааст, ки ин миқдор

мавод метавонист қариб 53 миллион нафарро гирифтори бемории нашъамандӣ ва ҳамин қадар оилаҳоро бадбахт гардонад.” Яъне, аз назари Пешвои миллат қочоқи маводи мухаддир дар баробари эҷоди таҳдид ва хавфу хатар ба амнияти мамлакат ба саломатӣ ва зиндагонии шоистаи мардум низ таъсири бад мерасонад. Ба хотири пешгирии ин ҳолатҳои нохушоянд Пешвои миллат ба мақомоти дахлдори Ҷумҳурӣ супоришоти мушаххас доданд.

Дар баробари ин, Сарвари давлат бо ибрози ин андешаҳо ишора бар он доранд, ки қочоқи ҳама навъи маводи мухаддир асоси маблағгузории терроризм ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки гурӯҳи экстремистиву террористии ДИИШ баъди мағлубияташ дар Сурия ва Ироқ маҳз барои дастёб шудан ба сарчашмаи маблағгузорӣ чун маводи мухаддир ба Афғонистон рӯй овард. Яъне, ин сарчашма маблағгузории аз ҳисоби қочоқи нафтро сад дар сад метавонад иваз намояд. Ин ҷо рақобат байни “Давлати исломӣ” ва Толибон барои тахти назорат гирифтани қочоқи маводи мухаддир вазъи Афғонистонро нооромтар ва вазнинтар сохта истодааст. Пешвои миллат дар баробари таҳлили ҳамаҷониба ва баҳогузорӣ ба вазъият, ҳамзамон барои бартараф кардани мушкилот ва проблемаҳои мавҷуда пешниҳоди мушахаси худро баён месозанд: “Мо чунин мешуморем, ки кӯмак ба эҳёи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии Афғонистон беҳтарин роҳи истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар ва таъмини амният дар минтақа мебошад.

Аз ин рӯ, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорем, ки ҷиҳати дастгирии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳтарнамудани вазъи амниятии ин кишвар кӯмакҳои амалии худро афзоиш диҳанд. Тоҷикистон кӯшиш менамояд, ки ҳамкории беғаразонаро бо Ҳукумати кишвари ҳамсоя дар ҳамаи ин соҳаҳо тақвият бахшад”.

Ин пешниҳоди Президенти кишвар заминаи воқеӣ

дошта, танҳо беҳдошти иқтисодии кишвар, сулҳу суботи доимӣ дар Афғонистон имкон медиҳад баробари осудагӣ дар Осиёи Марказӣ, дар мавриди амалишавии се ҳадафи стратегии Тоҷикистон, хоса, боз шудани роҳ ба минтақаи Авруосиё таъсири нек расонад. Мусаллам аст, ки Тоҷикистон минбаъд дар баробари кишварҳои хайрхоҳ ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро бо Афғонистон ривоҷ мебахшад ва барои ҷалби ин кишвари дӯсти ҳамсоя ба ҷараёнҳои ҳамгироии байналмилалӣ ва минтақавӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар мавриди барқарор сохтани системаи кишварзӣ ва обёрии Афғонистон низ Тоҷикистон саҳми худро хоҳад гузошт.

Суханронии Пешвои миллат дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, ки моҳи май дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ифодагари андешаҳои амиқ ва пешниҳодҳои мушаххаси Сарвари давлат доир ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз – муқовимат бо терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Ҷоизи зикр аст, ки баргузории ин гуна ҳамоиши бонуфуз дар Тоҷикистон аз мақому манзалати шоистаи давлати мо дар байни кишварҳои олам дарак медиҳад ва ифодагари таваҷҷӯҳи беандозаи Пешвои миллати мо ба тинҷиву осудагии на танҳо Тоҷикистон балки минтақа ва ҷаҳон мебошад. Зеро аз назари Сарвари давлат таъмин намудани сулҳу субот ва амнияти пойдории кишварҳо аз вазифаҳои калидӣ маҳсуб мешавад, ки бе он наметавон рушди соҳаҳои мухталифи минтақа ва ҷаҳонро тасаввур намуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маърӯзаи худ аз набзи сайёра сухан оғоз карда, зикр намуданд, ки «зуҳуроти терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст». Ба қавли он кас «Дар зарфи солҳои охир зиёда аз 100 мамлакати дунё ҳа-

дафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расидаанд ва миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд.” Пешвои миллат ҳамоно ба воқеаву ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя назар намуда, аз он ёд мекунанд, ки танҳо давоми соли гузашта дар ин кишвар аз амалҳои терористӣ беш аз 10 ҳазор нафар зарар дид, тақрибан 4 ҳазор кас қурбон гаштаанд. Бо овардани ин санад Пешвои миллат бори дигар хотиррасон мекунанд, ки ин ё он кишвар наметавонад дар танҳоӣ бо хавфу таҳдидҳои афзояндааи амнияту осоиш муқовимат намояд ва ҳамкориву шарикӣ яке аз усулҳои муҳими мубориза ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат мегӯянд, ки “Стратегияи глобалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза алайҳи терроризм ва конвенсияҳои зиддитеррористии он, қатъномаҳои Шӯрои Амният ва Маҷмаи Умумӣ бояд асоси муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароиро ташкил намоянд.”

Дигар аз нуктаи муҳиме, ки дар маърӯзаи Пешвои миллат тазаккур меёбад ва имрӯз оламро ба ташвиш овардааст дубора доман паҳн кардани “ҷанги сард” мебошад. Ин зуҳуроти номатлуб пеши роҳи муборизаи якҷояро алайҳи тероризм мегирад ва наметавонад натиҷаи дилхоҳ ба бор орад. Дар баробари ин, Пешво миллат ёдрас мекунанд, ки Тоҷикистон дар мубориза алайҳи терроризму ифротгароӣ, тунгароӣ ва дигар таҳдиду хатарҳо шарики кишварҳои олам ва созмонҳои байналхалқӣ мебошад. Аз ҷумла зикр месозанд, ки “дар шароити мураккабу пуртазоди имрӯза мо бояд ҳамкорӣ кунем, на рақобату бартариҷӯӣ.”

Боиси зикр аст, ки Тоҷикистон дар заминаи “Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2020” амал намуда, нақшаи амали он бо 12 ҷанбаи мавзӯӣ дарҷ гардидаанд. Яъне, ин маънии онро

дорад, ки Тоҷикистон барномаи мушахасси худро дар ин самт доростхамкориҳои ҳадафмандонаро бо шарикони худ дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ, ба мисли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай роҳандозӣ намудааст. Пешвои миллат ба ин барнома ишора намуда, бори дигар аз мавқеи устувори кишвар дар самти мубориза алайҳи терроризм ва хушунат дарак доданд.

Ба андешаи Пешвои миллат беҳ шудани муносибатҳои байни кишварҳои минтақа имконияти ба сифати нав роҳандозӣ гаштани ҳамкориву ҳамоҳансозии байнидавлатиро эҷод кард, ки Тоҷикистон аз чунин раванди рушди робитаҳои миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқбол менамояд ва "омодагии хешро ҷиҳати таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳояш дар ин самт бо тамоми кишварҳои ҳамҷавор иброз медорад." Дар маърӯза чунончи дар боло зикр ёфт, Пешвои миллат ба воқеаҳои солҳои 90-уми асри XX руҷӯъ намуда, аз амали ниҳодҳои терроризми байналмилалӣ сухан мекунанд. Аз ҷумла ишора мекунанд, ки бо ҳодисаҳои мудҳише, ки имрӯз мардуми оддии Ироқу Сурия, Яману Афғонистон гирифтор шудаанд мардуми тоҷик он солҳо рӯ ба рӯ гашта буданд. Ҳадафи душманони миллати тоҷик низ он замон таъсис додани давлати исломӣ буд, ки натиҷаи он кушта шудани садҳо ҳазор шаҳрвандони тоҷик ва бехонумон мондани беш аз як миллион мардуми осоишта гардид. Бартараф шудани он фалокату ҷангу ҷидолро Сарвари давлат дар ба роҳ мондани муколамаи васеъ медонанд, ки он аз фарҳанги қадимаи мардуми тоҷик сарчашма мегирифт. Ҳамчуноне, ки дар маърӯза тазаккур медиҳанд: "Фидокориву мардонагии халқи тоҷик дар ҳимояи марзу бум ва арзишҳои фарҳангу тамаддуни қадимаи хеш, иродаи қавии мардуми мо ба сулҳу субот ва созандагиву бунёдкорӣ боис гардид, ки пеши роҳи амалҳои

террористону ифротгароёни дохиливу хориҷӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо гирифта шавад.” Дар ин маврид Пешвои миллат ин таҷрибаи сулҳофари тоҷиконро дар мубориза алайҳи тероризму ифротгароӣ пешниҳод менамоянд. Воқеан танҳо муколамаи самимӣ, бериё, мардона ва мунсифонаи кишварҳои олам метавонад зарбаи воқеӣ бар муқобили ифротгароён ва терористон зада бошад.

Пешвои миллат дар суханронии худ аз мушкилоти мавҷуда дар мавриди мубориза алайҳи тероризм ва экстремизм, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба назар мерасад таваққуф мекунанд. Аз ҷумла оиди мавқеъгирии мухталиф, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати мафҳумҳои тероризм ва экстремизм ба назар мерасад, изҳори нигаронӣ намуда, эҳтироз аз «меъёри дугона»-ро пешниҳод мекунанд. Ин гуна мавқеъгириро боиси тавлиди хатару таҳдидҳои ҷадид меҳисобанд. «Зеро терроризму ифротгароӣ на сарҳадро эътироф мекунаду на давлатро».

Бахши дигари суханронии Сарвари давлат оид ба муносибати гурӯҳҳои террористиву ифротӣ бо созмонҳои диниву миллатгарои тундрав мебошад, ки ба андешаи он кас дар натиҷаи “сӯиистифода аз номи поки дини ислом ба паҳншавии афкори исломситезӣ ва бадбинии мусулмонон мусоидат менамоянд”. Дар ин маврид низ Пешвои миллат аз мавқеи устувори худ нисбати покиву муназзаҳии дини мубини ислом сухан карда, дар мавриди гирифтани пеши роҳи исломситезӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳаммулгароиву ҳамдигарфаҳмӣ, эҷоди фазои эътимоду боварӣ даъват месозанд. Ин ҷо нуктаи муҳим ва воқеан таърихии худро, ки мавқеи устувор ва дурусти Пешвои миллатро ифода менамояд, такрор менамоянд: «террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад, террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ «худӣ» ё «бегона» ва ё «таҳаммулгаро»-ву «тундгаро» буда наметавонад». Пешниҳоди

ниҳоии Пешвои миллат нисбати ду мафҳум – терроризм ва ифротгароӣ таҳия ва қабули мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Ин андеша ва пешниҳоди Пешвои миллат аз омӯзиши амиқи он кас дар мавриди вазъи кунунии ҷаҳон, хатарҳои даҳшатангези қувваҳои аҳриманӣ, мавқеву мақоми кишварҳои олам дар мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм, усулҳои мубориза ва ғайра дарак медиҳад. Ҳамзамон, он ҷуръати беандоза, мавқеи устувор, андешҳои амиқ, пешниҳодҳои мушаххаси Пешвои муаззами миллати моро ифода менамояд.

Дар суханронии Пешвои миллат нуктаи дигари меҳварӣ баёни омилҳои густариш ёфтани терроризм ва ифротгароӣ мебошад, ки бар он технологияи муосири иттилоотӣ мусоидат менамояд. Зеро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ҷалб кардани мардум ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ осон буда, интернет ҳамчун воситаи асосӣ ба кор меравад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат пешниҳод мекунанд, ки “тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла мубодилаи иттилоот дар бораи тарзу усулҳои муассири пайгирӣ намудани чунин сомонаҳо, аз шабакаи интернет хориҷ намудани онҳо ва расонидани кӯмаки байниҳамдигарӣ дар ин самт шарти муҳимми комёбӣ дар мубориза бо кибертерроризм мебошад”.

Сарвари давлат дар маърӯзаи худ сарчашмаи асосии маблағгузории терроризм ва ифротгароиро дар гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир медонанд, ки он аз зумраи мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад ва дар ин самт низ муборизаи беамон ва тадбирҳои муштаракро бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои замонавӣ пешниҳод мекунанд. Ин ҷо аз мавқеъ ва амали Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ибрози назар месозанд: Тоҷикистон бо дарки амиқи ин ха-

тари глобалӣ тайи солҳои тӯлонӣ тамоми кӯшиши худро ба мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир равона мекунад".

Ҳаминтариқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон давоми фаъолияти худ ҳамчун Сарвари давлат дар мавриди мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароии хушунатомез мавқеи устувор ва ягонаро молик буда, дар мавриди амнияту осоиштагии на танҳо Тоҷикистон ва минтақа балки тамоми олам кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Таҳлилу баррасии суханрониҳои Пешвои миллат дар минбарҳои баланде чун Созмони милалли муттаҳид, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, вохӯриҳои сарони кишварҳо дар сатҳи баланд ин нуктаро собит месозад.

Пешниҳоду дархостҳои Пешвои миллат куллан заминаҳои илмиву таърихӣ дошта, онҳо дар асоси омӯзишҳои амиқ ва сабақҳои таърихӣ рӯи кор омадаанд ва манзури онҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз масъулияти баланди Сарвари давлат нисбати тинҷиву осоиштагии олам дарак медиҳад. Фаъолияти Пешвои миллат дар ин самт дар густариш додани муқовимати якҷояи нерӯҳои солими ҷаҳонӣ бар зидди терроризму ифротгароии хушунатомез ва дар баҳамоии назару андешаҳои ҷадид таъсири бузург мегузорад, мақом ва мавқеи Тоҷикстонро дар байни давлатҳои ҷаҳон боло мебардорад ва дар густариши ҳамкориҳо замина мегузорад. Пешниҳоду дастурҳои Пешвои миллат раҳнамое барои ояндаи обод ва зиндагии осудаи мардуми олам мебошанд.

*Соли 2018*

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА МАСЪАЛАИ ОБИ ҶАҲОН

Дар асоси ташаббус ва пешниҳоди навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабули қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии амал, «Об барои рушди устувор 2018-2028» дар маҷмааи умумии Созмони Миллали Муттаҳид маънии онро дорад, ки кишвари мо дар миёни давлатҳои олам мақому манзалати хосаи худро молик аст ва ҳарфи худ, андешаи худ ва пешниҳоди худро метавонад дар қаламрави олам амалӣ созад. Боиси зикр аст, ки ин ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идомаи мантиқии даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», 2005-2015” мебошад, ки зимнан он ба натиҷаҳои хуб ноил кард.

Ҳини руҷӯъ намудан ба таърихи инсоният, ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, китобҳои муқаддас ва муносибати инсоният ба об моҳияти пешниҳоди Пешвои миллатро бештар дарк мекунем ва эҳсос менамоем, ки ин ташаббус заминаҳои таърихӣ ва илмиро дорост. Махсусан дар замоне, ки истифодаи оқилонаю интегратсионии захираҳои обӣ ба масъалаҳои сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Махсусан, захираҳои обӣ, идоракунии он, тақсимоти захираҳои обӣ ва таъмини мардуми сайёра бо оби ошомиданӣ проблемаи глобалии сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Руҷӯъ ба таърих равшан месозад, ки дар ҳамаи замонҳо инсоният ба ин боигарии моддӣ чун ба муқаддасот мурочиат менамуд. Вале инсоният дар бораи маҳдуд шудани об ва имкони дучор шудан ба фоҷиаи беобӣ, алалхусус оби нӯшиданӣ камтар андеша менамуд. Ҳини назар кардан оид ба об ва таваҷҷӯҳи мардум ба ин мафҳуми муқаддас муҳимтарин матлаб ва маълумотҳои нахустинро аз асо-

тирҳои қадимаи тоҷикон дарёб карда метавонем. Ҳанӯз қабл аз таърихи мавҷудияти Зардушт гузаштагони мо фариштаеро бо номи Анаҳито ситоиш мекарданд ва баъдан мо ситоиши обро дар китоби «Авасто» фаровон мушоҳида менамоем. Муттахассисон бар онанд, ки дар таърихи тамаддуни олам дар миёни китобҳои муқаддаси маъруф бештар зикр мегардад. Аз ҷумла, дар готҳои 65-68-и Ясно ба мушоҳида мерасад, ки Аҳуромаздо Зардуштро барои ситоиши Аноҳито, ки нигаҳбони тамоми обҳо дониста мешуд, даъват месозад. Об ва мақоми он, ба иборати дигар ситоиши об дар фарҳангу тамаддунҳои дигари дунё низ фаровон ба назар мерасад. «Авасто» обро аз қабили чаҳор унсури муқаддас медонад.

Чунончи дар тамаддуни Юнон Ҳомери бузург оид ба Аноҳита ишораҳо дорад. Баъдтар Фалес низ дар фалсафа даъво пеш меорад, ки об аз миёни чор унсури ҳастӣ нахустин ба ҳисоб меравад ва ҳастӣ дар асоси он бунёд шудааст. Бале, об дар ҳамаи манобеи маънавӣ, аз ҷумла, китоби муқаддас ва осмонӣ – Қурони карим низ чун сарчашмаи ноби ҳаёт зикр мешавад. Об ҷавҳари зотии табиати замини дорои ҳаёт аст, ки аз будан ё набудани он ҳаёт дар рӯи Замин сахт вобаста аст ва унсурест, ки вуҷуди ҳаёт, зиндагӣ маҳз аз он вобастааст.

Бо гузашти замон ва пеш рафтани ҷомеа, афзудани миқдори инсоният дар олам ниёз ба оби тоза меафзояд ва мутассифона фоҷеаҳои экологӣ сабабгори кам гаштани об дар курраи замин мегарданд. Рӯду дарёҳои бузурге, ки асрҳои тӯлонӣ ҷорӣ буданд рӯ ба хушкӣ меоранд ва дар баробари танқисии оби ошомиданӣ номусоидии табиат ва вайроншавии экология пайваста дар кишварҳои мухталиф рӯй медиҳад. Боиси хушнудист, ки дарёву рӯдхонаҳои Тоҷикистон гирифтори ин фоҷеа нест ва аз оби ширин низ кишвари мо сероб аст.

Инак, дар мавриди заминаҳо, сабаб ва ҳадафи пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби СММ эълон шудани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об-барои ҳаёт», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об», соли 2016 об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028 дахсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» метавон як қатор мушоҳидаҳои илмӣ ва таърихиро иброз кард:

1. Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъулият ва омӯзиши таърихи олам ба масъалае рӯй овarданд, ки он замон ҷомеаи башар нисбати он бепарво буд ва бо гузашти бештар аз понздаҳ сол бори дигар дурандешӣ ва умқи назари амиқи ҷаҳоншиносии ин марди бузург собит мешавад. Ба иборати дигар, Сарвари давлат ба масъалаи ҷаҳонишавӣ ва раванди дигаргунии ҷомеа ва табиат баҳои саривақтӣ дода, дар пешгирии фоҷеаи экологӣ ва иҷтимоӣ сухани хешро иброз намуда буданд.

2. Шинохти масъала ва моҳияти об дар сарнавишти инсоният аз тарафи Пешвои миллат тасодуфӣ набуда, он аз фарҳангу тамаддуни бостонӣ ва асримиёнагӣ сарчашма мегирад. Сифатҳои дарку эҳсоси воқеият ва баҳо додан ба ҳаёт ҳадяи азалии Пешвои миллат буда, он ифодагари бузургии миллати тоҷик мебошад.

3. Ғамшарик будан ба дарди аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бетараф набудан ба тақдири мардуми олам, ки аз сифатҳои олии Пешвои миллат мебошад. Зеро проблемаи об ин масъалаи ҷаҳонӣ буда, он ба кишвари мо камтар тааллуқ дорад. Зеро Тоҷикистон дар мавриди захираҳои бузурги об дар ҷаҳон ҷои 3-юм, дар миқёси ИДМ ҷои дуюм ва дар

Осиёи Марказӣ дар ҷои аввал меистад. Захираҳои оби равони Тоҷикистон ба ҳисоби миёна соле 62,0 $км^3$ ташкил медиҳад, ки 12 $км^3$ дар қаламрави ҷумҳурӣ сарф мешавад. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ 947 дарё, 14509 пирях, 1300 кӯл ва бештар аз 200 чашмаи шифобахш маълум аст.

Ин ҷо иқтибоси як суханронии ҷаноби Алабӣ Оломада, ки аз Нигерияи Африка ба Форуми байналмилалии Душанбе оид ба оби тоза омада буд, айни матлаб аст: «Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон! Шумо дар ҳақиқат дӯсту бародари ба дил наздики мардуми асрҳои аср ташнаи мо будаед, ки ҳалли мушкилоти асосии мо – камобиро ба муҳокимаи Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод кардаед. Гумон доштам, ки халқи тоҷик монанди мо, африкоиҳо, аз камобию беобӣ дар азобанд, ки Сарвари давлати тоҷикон аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид масъалаи оби тоза ва ҳифзи манбаъҳои онро ба миён гузоштааст. Лекин, вақте ба Тоҷикистон омадаму дарёҳову чашмаҳои мусаффоро дидам, кӯҳҳову кӯлҳои бешуморро дидам, боғу бӯстонҳо, неъматҳои фаровони аз замину об рӯёндаро дидам, мардуми зебо, меҳмондӯсту меҳмоннавоз ва соҳиби дасту дили кушодро дидам, бемуҳобот худро дар биҳишти ҳақиқӣ ҳис кардам. Ва баъд фаҳмидам, ки Шумо на танҳо ғами дарди халқи худро мехӯрдаед, балки бори ғаму дарди мардуми тамоми оламро бар дӯш доштаед. Аз ин рӯ месазад, ки мо, африкоиён, рӯ ба ҷониби Шумо, аълоҳазрат, гардонда намоз хонем, аз Худованд бахту саодати ҳамешагии халқу давлати тоза истиқлоли Тоҷикистонро таваллo намоем!»

4. Пеш гирифтани фоҷеаҳои табиӣ ва нарасидани оби нӯшокӣ дар қаламрави олам. Ироаи пешниҳодҳои мушахас ва дар ҳалли проблемаҳои мавҷуда ҷалб кардани ҷомеаи ҷаҳонӣ. Наҷот бахшидани мавзеъҳои хатарзо ки дар садади хушкшавӣ ё вайроншавӣ қарор доранд.

5. Дар Тоҷикистон низ эътибор додан ба сарфаву сариштакорӣ дар истифодаи об ва дастрасӣ намудани оби тоза ба кулли сокинони кишвар.

6. Захираи оби ширини кӯли Сарез истифодаи он дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик.

Ҳаминтариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардид. Кишвари мо барои дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ намудани пешниҳоди Тоҷикистон дар бораи эълон намудани Даҳсолаи нави байналмилалии "Об барои рушди устувор" корҳои зиёдеро анҷом дод, ба як қатор ҳадафҳои масъалаҳои рушди уствор ва истифодаи интегратсионии захираҳои обӣ ноил шуд ва ба ин амали хайр идома бахшида истодааст.

## ДОНИШҲОИ ИЛМӢ ВА МАЪРИФАТИ ДУРУСТИ ВАЗЪИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Мақолаи доктори илмҳои сиёсӣ Саймумин Ятимов таҳти унвони "Ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ", ки тавассути расонаҳои иттилоотии кишвар интишор гардид, аз як тараф натиҷаи омӯзиши амиқи вазъияти амнияти кишвар дар шароити имрӯзаи ҷаҳони нооромбошад, аз ҷониби дигар он як дастуру раҳнамо ба афроди зиёиву аҳли илм аст, ки то бештар тавонанд дар ҷодаи таъмини амният ва тинҷиву осоиштагии Ватан кореро ба анҷом расонанд. Муаллиф дар заминаи воқеияти таърихӣ ва назарияи олимони маъруфи олам оид ба мафҳумоти "амният", "давлат", изҳори назар карда, дуруст зикр мекунад, ки таҳти номи «давлат», зарурати таъмини амнияти худи инсон ва ҷомеа дар назар дошта мешавад ва муҳимтарин вазифаи давлат

амнияти худ ва ҷомеа мебошад. Дар ин маврид муаллиф барои хонанда мафҳуми ҳуқуқии «дав- лат»-ро, аз назари илмӣ тавзеҳ медиҳад, аз аносири он, ки миллату миллатҳо мебошанд ва нишонаҳои асосии он сухан мекунад. Муаллиф иброз медорад, ки давлат аз лиҳози назариявӣ ва илмӣ арзи вуҷуд намуда, таърихи он таърихи амният мебошад. Яъне, ин ҷо сухан дар бораи моҳияти давлат меравад ва аз назари илмӣ мавҷудият ва рисолати онро маънидод мекунад. Ҷолиб аст, ки муаллифи мақола ба ҳалли масъала аз назари ҳам илм ва ҳам таърих наздикӣ ҷуста, мехоҳад барои хонанда муҳимтарин донишҳо ва ҳақиқатҳоро манзур созад, ки бе донистани он наметавон ба маърифат ва дарки масъала даррасем. Зеро вазъи имрӯзаи ҷаҳон муракабии ҳолат барои ҳар як нафар фарди ҳушманд маълум аст, вале чи гуна ба масоили аслӣ, яъне, таъмини амнияти кишвар,шахс ва давлат муносибат намудан, кадом роҳу усулро интихоб кардан, аз масоили муҳим аст, ки то тавонем ба соҳили мурод бе шикасту рехт даррасем. Ба иборати маъмули дигар, чи гуна тавонем сулҳу суботу амнияти чун гавҳари бебаҳо дар даст доштаамонро ҳифз намоем. Муаллифи мақола дар баробари тавсиф ва тавзеҳи мафҳумоти дар боло зикршуда, ба як нуқтаи меҳварӣ таваққуф менамояд, ки ҷавҳари матлаб онҷост. Аз ҷумла менависад: **”Агар ба хотири барпо кардани давлат чӣ қадар ҷоннисориҳо шуда бошад, барои ҳифз кардан, дар амну осудагӣ ва рушду тараққӣ нигоҳ доштани давлат, сарфи на камтар аз он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи Пешвои муаззами миллати тоҷик нишонгар ва намунаи олии ҳамин гуна муносибат ба тақдири имрӯзу ояндаи давлати миллии мо мебошад.”** Воқеан сари ин масъала таваҷҷӯҳи амиқ мебояд, зеро дарёфтани гавҳари осоиш осон нест, вале ҳифзи он ҳам душвориҳои ба худ хос дорад. Гузашта аз ин, муаллифи мақола мӯътақид бар он аст, ки хатарҳои бар сари

миллат равона карда шуда зуҳуроти тасодуфӣ набуда, дар заминаи тарҳрезиҳои муаййан рӯи кор меояд ва ба он аз назари илм чашм андохтан ҳатмист. Яъне, нахуст ба моҳият ё худ ҷавҳари чунин зуҳуроти хатарнок назар кардан ва омӯхтани раванд ва қонуниятҳои он, усул ва роҳҳои амалӣ шуданаш аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мешавад. Дар ин ҷода такя ба илм, маърифат зарур буда, онро бояд ҳушёрии сиёсӣ тақвият бахшад. Воқеан, таҳлили кӯркӯронаи вазъият ва воқеаҳои муҳими сиёсии муоссир ба ҷомеаи мамалакат моро аз асли матлаб ва расидан ба ҳадафи асосӣ дур мекунад. Танҳо дар сурати тавзеҳи олимона ва оқилона мо метавонем дар мавриди тарғиби ҳақиқати воқеаҳо дастёб шавем ва ҷомеа аз андешҳои шубҳаангез барканор гардад. Муаллиф дар мавриди ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ баробари оид ба масъалаи хусусиятҳои амнияти миллӣ изҳори назар кардан, пешниҳод менамояд ва ногузир медонад, ки раванди таъмини амнияти давлат ва миллат ба тарзи системавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад. Танҳо ҳамин усули корбарӣ метавонад давлат ва миллатро бар муқобили ҳамаи хатарҳо устувор нигаҳ дорад. Зеро дар ҳамаи давру замон қувваҳои бадхоҳ мавҷуд буданд ва донистани таърихи муборизаҳо, усулу методҳои мавриди истифода қарор доштани он имкон медиҳад, аз як ҷониб чеҳраи аслии ҷараёнҳо ва ҳаракатҳои терористиву зиддимиллӣ монанди «ДОИШ», «Ал-Қоида», «ҲНИТ», «Ваҳҳобия», «Салафия», «Ҳизб-ут-Таҳрир» ва монанди инҳоро хуб шиносем ва аз ҷониби дигар бо онҳо муборизаҳои ҷиддиро ба роҳ монем. Яъне, муносибат ба ин зуҳурот аз чашмандози илм бояд сурат пазирад, зеро ба қавли муаллифи мақола **“баҳодиҳӣ, хулосабарорӣ, муайян кардани муносибат ба рӯйдодҳои олам, рафтор ва амали Инсон баробар ба дониш, таҷриба ва малакаи ӯст”.** Дар мақола оид ба онҳое, ки бо нишондоди сарпарастони

хориҷии худ бо тақдири миллат бозӣ мекунанд низ сухан рафта, онро аз назари илмӣ чунин тавзеҳ медиҳад, ки донистани он ҳатмист: «**субъекти фаъол – дастандаркорон; объекти истифода - бадомафтодагон; муҳит – ба инобат гирифтани вазъи дохилии мамлакат – сарфи раҳгумзадагон; сабаб – каммаърифатӣ, ноогоҳӣ, рӯҳияи бегонапарастӣ, ифротгароӣ, дурӯягӣ, адами масъулият назди Ватану Миллат; оқибат – эҳтимолияти сар задани фоҷиаи миллӣ».** Агар аз рӯи ҳамин нақша ё формулаи таърихӣ назар намоем, пас, вазифаи имрӯзаи мо нахуст коҳиш додани каммаърифатӣ, нооогоҳӣ, рӯҳияи бегонапарастӣ ва ифротгароӣ буда, дар ниҳоди мардум тақвият бахшидани муҳаббат ба Ватан ва масъулияти ватандорӣ мебошад. Дар ин раванд илм, назарияи воқеъбинонаи таърихӣ, бозгӯи ҳақиқати воқеаҳо имконияти густурдаро дар дарку маърифати асли матлаб эҷод мекунад. Ба тариқи илмӣ собит намудани ягонагии манфиати амнияти давлатӣ ва миллӣ дар дарки маърифати Ватан, Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ кӯмак хоҳад расонд. Дар мақола яке аз мавзӯоти меҳварӣ геополитика: манфиат ва амният ба ҳисоб рафта, муаллиф тавонистааст донишҳои ҳақиқиро дар бораи маърифати зуҳуроти дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуқӯъ пайваста аз бардоштҳо ва андешаҳои дурӯғину аз асл дур тамийз карда, сарчашмаҳои онҳоро баён сохтааст. Аз ҷумла, дар бораи як мафҳуми маъмулии ифротгарони муосир муаллиф чунин мегӯяд, ки ақидаи Пешвои миллат “тероризм аз ислом нест”-ро тақвият мебахшад: **«истилоҳоти «ҷиҳод», «мубориза ба хотири исломи ноб», «сохтани давлати исломӣ», «шаҳид гаштан дар роҳи ислом», «мубориза бо куффор», «пуштибонӣ аз ислом дар рӯи олам» ва монанди инҳо, ки имрӯз аз номи бозигарони геополитикии сатҳҳои гуногун, ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, пуштибонони онҳо садо медиҳанд, ба дини ислом муносибати аслӣ надоранд. Зеро «дар доираи**

**дин, ислом муъчизаи осмонӣ, фавқуттабиӣ аст. Диёнат аст. Имон аст. Боварӣ ва ихлоси маънавию рӯҳонӣ аст».** Воқеан ин фикр арзандаи таамуқ ва андеша буда, тавзеҳ ва таҳлили ҳадафҳои геополитикии давлатҳои абарқудрат ба хотири манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ метавонад дар дарку эҳсоси матлабҳои асосӣ замина эҷод кунад. Яъне, замоне фаро расидааст, ки дар мавриди масоили геополитикӣ ва иртиботи он бо воқеаҳои мудҳиши дар гӯшаву канори олам рух додаистода бештар гӯем ва ҷомеаро огоҳ созем. Дар мақола омадааст: **"Бояд донист, ки ҳар давлат системаи ягонаи таъмини амнияти миллии худро дорад. Ин система аз қисматҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, маданӣ, идеологӣ, динӣ, мазҳабӣ, маъмурӣ иборат аст. Тибқи қонун онҳо қотеона ҳифз ва идора карда мешаванд. Ашхосе, ки дар роҳи хиёнат ба манфиатҳои миллии хеш ворид мегарданд, аз системаи таъмини амнияти миллии Ватани худ берун гашта, дар системаи таъмини амнияти миллии давлати бегона ворид мегарданд ва фаъолият мекунанд."** Ин масъала низ муҳим буда, тавзеҳи ин ҳақиқат дар солимгардонии ҷомеа ва масъулиятшиносии узви он таконе хоҳад буд.

Дар мақола оид ба илм, адабиёт ва амният сухан карда, муаллиф дар меҳвари андешаааш мақоми адабиёт ва ҳунарро дар тарбияи ватанпарварӣ ва садоқат ба диёр ва мардуми он қарор додааст. Аз ҷумла, адабиётро муҳимтарин ҷузъи системаи амнияти миллӣ дониста, тахсири каломи бадеъ, осори адабиро дар тарбияи ахлоқӣ, давлатофаринӣ ва миллатсозии замони навин муҳим мешуморад. Воқеан, бахти мо тоҷикон аст, ки адабиёти ғаниву рангине дорем, ки камтар миллати дигарро он насиб кардааст. Осори адибони классикии мо аз Рӯдакӣ сар карда, то Садриддин Айнӣ куллан тарғибгари гуманизм ва сулҳу дӯстӣ, танқиди хурофот ва хислатҳои бади инсонист. Маҳз адабиёт ва осори адабӣ беҳтарин воситаи тарғиб ва тарбияи инсони ва-

тандӯст аст. Дар ин ҷода метавон оид ба таъсири фарҳанг аз ҷумла театру кино, чорабиниҳои бузурги фараҳангӣ, ки аз адабиёт сарчашма мегирад, таваққуф намуд.

Ҳамин тариқ дар мақолаи “Ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ” муаллиф як бори дигар ба масъалаҳое рӯй овардааст, ки дарку маърифати он барои ҳар як сокини кишвар зарур аст, зеро масъалаи ҳифзи амнияти ватану миллат аз масоили меҳварӣ маҳсуб ёфта, дар истеҳкоми осоиштагӣ қадаме гузоштан вазифаи ҳар як шаҳрванд аст. Дар ин маврид мақоми аҳли зиё онҳое, ки бо илму адаб сарукор доранд муассир буда, фаҳмишу дарки вазъи ҳаёти сиёсии кишвар ва ҷаҳон бо назардошти донишҳои илмӣ ва тавзеҳи он барои дигарон барои расидан ба асли матлаб, ки ҳимояи амнияту осоиштагии ватан мебошад, арзишманд аст. Инак:

1. Танҳо омӯзиши амиқи вазъият аз назари илмӣ бо назардошти таърихи дури мавҷудияти давлат ва амнияти он, муқоисаву муқобилаи вазъи имрӯз бо ҳодисаҳои таърихӣ ва баровардани хулосаҳои дурусти илмӣ метавонад имконияти густурдаро дар ҳимояи ду мафҳуми муқаддас Ватан ва Амният фароҳам оварад.

2. Муколамаҳо ва баҳсҳои воқеии назариявӣ оид ба вазъи нохушоянди ҷаҳони имрӯз, ки ҷавҳари онро на идеологияи ватандорӣ, балки ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои абарқудрат ташкил менамояд, муҳим буда, махсусан, ҷавонон бояд аз асли рӯйдодҳои ҷаҳонӣ огоҳ бошанд.

3. Эътибор додан ба масъалаи рушди адабиёт ва фарҳанг ва тавассути он тарбия намудани ҷомеа махсусан ҷавонон дар роҳи ватандориву миллатдӯстӣ, масъулият дар назди хонадон, падару модар ва кишвар зарур аст. Дар ин ҷода имкониятҳои фаровоне мавҷуд аст, ки он ба ҳиммати олимон, устодони донишгоҳҳо, адибон, санъаткорон

умуман зиёиён марбут мебошад.

4. Перомуни мавзуи дар мақола зикрёфта, тавсифи масъалаҳои муҳими дар он баёнгардида, нуқтаи назари зиёиён ба тариқи густурда тавассути васоити ахбори омма бояд интишор ёбад, зеро “машварат идроку ҳушёрӣ медиҳад”, ки дар замони муосир ҷомеа маҳз ба зиракиву ҳушёрии сиёсӣ ниёзманд аст.

**Адабиёт:**


1. Эмомалӣ Рахмон, Тоҷикон дар оини таърих. Аз Ориён то Сомониён, китоби якум
2. Эмомалӣ Рахмон, Тоҷикон дар оини таърих. Аз Ориён то Сомониён, китоби дуввум, Душанбе, Ирфон 2002.
3. Эмомалӣ Рахмон, Тоҷикон дар оини таърих. Аз Ориён то Сомониён, китоби сеюм, Душанбе 2006.
4. Рахмонов А.С. Современные проблемы безопасности в Республике Таджикистан и в Центральной Азии//Монография. —Душанбе, 2013.- С.14-48.
5. Ятимов С. Илм ва амният. “Ҷумҳурият”, 30 майи соли 2017


*Соли 2017*

## ИЛМ, ТАЪРИХ ВА ТАҶРИБА

Инак, мақолаи нави доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “ Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ” интишор шуд, ки он мантиқан давоми мақолаи “Илм ва амният” буда, муаллиф маҳз аз назари илмӣ кӯшиш кардааст, матлабҳоеро барои хонанда матраҳ намояд, ки маърифати он на танҳо дар дарки дурусти вазъи кунуни сиёсати дохиливу хориҷии кишвар имкон фароҳам меорад, балки ҳамзамон водор месозад, ки ба масоили мазкур жарфтару густурда

назар намоем ва баҳогузории мо фориғ аз эҳсос ва фаҳмишҳои дур аз илм бошад. Муаллиф андешаҳои худро дар заминаи донишҳои илмӣ ва таҷрибаҳои таърихӣ оид ба субъекти таърихӣ, яъне, таъсири шахс дар таърихи ҷомеа ва тамаддуни олам баён месозад. Масъалаи мазкурро муаллиф дар доираи манфиатҳои амнияти миллӣ баррасӣ менамояд ва мақоми шахсро ҳамчун субъекти сиёсӣ бо мисолҳои раднопазир баён месозад.

Нахустин масъалае, ки пешорӯи хонанда матраҳ мегардад аз сиёсат берун набудани фард ё шахсест, ки дар ҷомеа зиндагӣ дораду бо қонунҳои амаликунанда умр ба сар мебарад. Ё ба қавли суханваре ҳар инсоне, ки соҳиби ақлу тамиз аст ва эҳсосу дарки ҳастӣ мекунад ҳамрадифи сиёсат мебошад. Муаллиф дуруст интисоб аз осори Арасту мекунад, ки дар такя ба андешаи Ҳомер инсонро табиатан мавҷуди сиёсӣ меҳисобад ва онеро, ки мехоҳад берун аз давлат ва қонуҳои он умр ба сар барад фарди носолим меҳисобад. Воқеан такя ба андешаи Арасту махсусан китоби ӯ “Сиёсат” андешаҳои қалбии Саймумин Ятимовро оид ба маърифати дурусти ҳаёт дар заминаи донишҳои илмӣ собит мекунад. Зеро назарияи давлат ва давлатдорӣ, таъмини амнияти он таърихи қадима дорад ва қонумандии онро на гузашти замон, на усули давлатдорӣ, на сиёсати марбут ба табодули замон тағйир дода наметавонад. Зеро назарияи илмӣ натиҷаи таҷрибаи асрҳо ва мафҳуми коркардшуда мебошад. Ва чуноне, ки дар мақола зикр мешавад «аввалин эҳсос ва кӯшишҳои зарурати сохтани давлат, оғоз аз дунёи қадим, фардро сиёсӣ мегардонад. Сиёсат – иштирок дар корҳои давлатӣ, муайянкунии мақсад, функсия ва вазифаҳои давлатиро дар назар дорад. «Ниҳоят, муаллиф ба натиҷаи дурусти илмӣ мерасад, ки «тамоми даъвоҳое, ки фард, шахс, шаҳрванд метавонад берун аз сиёсат бошад, на танҳо имрӯз, балки дар тамоми давру замон асоси воқеӣ надошт».

Баъдан муаллиф дар бораи субъекти ҳуқуқӣ ва субъекти сиёсӣ андешаҳояшро ривоҷ мебахшад ва ин дуро ба ҳамдигар наздик ва ба ҳамдигар вобаста мешуморад. Ин ҷо зарурати ворид шудани ҷомеаро ба ҳаёти конститутсионӣ ҳодисаи воқеии таърихӣ ва натиҷаи рушди шахс, ҷомеа ва аз як давра ба давраи дигари таърихӣ ҳаракат кардани инсон меҳисобад. Ин бахши мақола як руҷӯъи илмии муаллиф аст, ки ба хонанда бо шарҳи як силсила мафҳумҳо ишора менамояд, ки дар ҷомеа зиста мо наметавонем аз қонунҳои он берун бошем ва донистани моҳияти таърихии сохтори давлат ва ҷомеа ба мо имкон медиҳад бо дарки маънии ҳаёт ва масъулияти дар он зистан ва рисолатеро адо кардан зиндагии худро ба таври шоиста ба роҳ монем. Дар бахши дигари мақола, ки "Роҳнамои сиёсӣ ҳамчун субъекти сиёсӣ" унвон дорад, нахуст муаллиф бар он ишора менамояд, ки мафҳуми давлат ва миллат тавъам ҳастанд ва манфиати онҳо ягона аст. Агар ба ин нуқтаи назар тариқи соддатар назар намоем, маънии онро дорад, ки дӯст доштани миллат ин дӯст доштани давлат аст ё баракс. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки "давлат, ҳамчун муассисаи пешбарандаи ҷамъият ва масъултарин субъекти мавҷудияти арзандаи аъзои он, мураккабтарин, муҳимтарин ва бузургтарин кашфиёти Инсон аст". Яъне, агар давлат кашфиёти инсон бошад, пас он ба манфиати инсон бунёд шудааст ва давоми чанд ҳазорсолааст, ки инсоният тобеи сохтори давлат зиндагӣ ва умр ба сар мебарад. Аз ҷониби дигар инсоне, ки ин давлатро сохт худ онро идора менамояд. Инсон ё худ субъекти сиёсӣ, ки дар ағлаби мавридҳо ҳамчун шахсият ёд мешавад тавассути ақлу заковат, кордониву ҷаҳоншиносӣ, мукомалаву мубодала ва дигар усулҳои сиёсӣ, ки давлат ё худ миллатро" дар баҳри пурталотуми ҳаёти сиёсӣ, мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, таҳдидҳои ҳарбӣ, ҳуҷумҳои фарҳангии бегонагон ба соҳили мурод мебарад". Дар ҳамаи давру замонҳо шахсият

ҳамчун субъекти сиёсӣ дар таҳкими пояи давлат ва миллат нақши бориз дорад. Махсусан чуноне, ки Ятимов Саймумин зикр мекунад агар ин шахсият ташабускор, оқилу доно, ташкилотчӣ, соҳибназар ва амалкунанда бошад айни матлаб хоҳад буд. Ба иборати дигар азбаски инсон таърихро меофарад, аз ин рӯ, фаъолияти ӯ низ нисбати таърих арзиши баландро дорост. Муаллифи мақола шахс ё худ роҳбарро ҳамчун субъекти сиёсӣ аз назари давлатшиносӣ муҳимтарин объекти омӯзиши илмӣ маҳсуб медонад. Ба вуҷуд омадани мафҳуми роҳбари сиёсӣ, лидери сиёсиро аз таърихи панҷҳазорсола ҷустуҷӯ мекунад ва онро тақозои муҳими ҳаётӣ дар бунёд ва инкишофи давлату миллат мешуморад. Воқеан раҳбар ё лидери сиёсиро ҷомеа ба майдон меорад. Барои рисолати роҳбариро ба дӯш гирифтан чеҳраҳои гуногуни сиёсӣ рӯи саҳнаи сиёсат ворид мешаванд, вале танҳо ҷомеа онеро қобили қабул медонад, ки оқилу хирадманд, сиёсатмадору дурандеш, ватандӯсту миллатпарвар бошад. Воқеан нависандаи маъруфи рус муаллифи китобҳои «Субъективизм ва идеализм дар фалсафаи ҷамъиятӣ» ва «Озодии фалсафа» Николай Бердяев менависад, ки «гоҳо як шахс метавонад бо ҷасорат ва амалаш руҳия ва иродаи як халқро ифода намояд, ки онро наметавонад анбӯҳи одамони зиёд инъикос намояд. Моҳият ва арзиши инсонҳои бузург ва шахсиятҳои пешбари ҷомеа аз ҳамин асос мегирад». Ё худ нависандаи рус Аркадий Давидович зикр мекунад, ки «Таърихро шахсият вақте меофарад, агар оммаи мардум ӯро дастгирӣ намояд». Воқеан, ин гуфтаҳо андешаҳои илмӣ ва аз назари таъриху таҷриба собитшуда маҳсуб мешавад. Ва агар ба масъалаи дастгирии омма ё худ мардум руҷӯъ намоем мусаллам аст, ки ин замоне сурат мегирад, ки шахсияти пешбар ифодагари воқеии ормонҳои мардум бошад. Ва бемуҳобо дар таърихи навини Тоҷикистон шахсияти беназири Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳ-

мон қабл аз ҳама дар ба ҳам овардани мардуми кишвар ва манфиати мардумро муқаддам шуморидан мавриди эҳтирому боварии мардум қарор гирифт. Воқеан, ба сарҷамъ овардани мардуми ба ҳам муқобили ду сангар, ду ақидаи ба ҳам мухолиф, ду назарияи фаҳмиши гуногуни ҳодисаҳои ҷамъиятӣ танҳо касе муваффақ шуда метавонист, ки дорои хусусияти фавқуллода, ҷасорати бузург, ҳиммати баланд ва соҳибтафаккуру соҳибназар бошад. Муаллифи мақола бо руҷӯъ ба асарҳои олимон ва донишмандони асрҳои гуногуни олам, аз ҷумла, Афлотун, Т.Карлейл, Ф.Нитше, Абӯалӣ Сино, Гегел ва дигарон масъалаи шахс ва роли шахсият дар таърихро мавриди баррасӣ қарор дода, бо назардошти назари илмии онҳо фикру андешаи худро низ баён кардааст. Аз ҷумла муаллиф мегӯяд, ки “Афлотун раҳбарро ҳамчун шахсияте ба қалам додааст, ки аз азал илму хирадро парастиш мекунад, ба мардум рӯзгори нек меорад. Созанда ва таҷассумгари ҳақиқии таърихи миллати хеш мебошад.” Такя ба ин андеша вақте ба ҷаҳонбиниву назар ва фаъолияти Пешвои миллат нигоҳ мекунем муҳимтарин сифати Сарвари давлат парастиши илму хирад аст. Чунончи омӯзиши ағлаби суханрониҳо, маърӯзаҳои Пешвои миллат нахуст дар заминаи ақлу заковати баланд, дониши фарох ва ҷаҳонбинии васеъ сурат мегирад, сониян ҳамин сифатҳоро тарғиб намуда, талқин мекунад, ки зиндагии шоистаи инсоният танҳо аз илм ва хирад муяссар мегардад. Аз ҷониби дигар, ибрат пазирии Пешвои миллат аз бузургони олам, аз ҷумла подшоҳону амирони номвар, файласуфону донишмандони маъруф, адибону фарҳехтагони эътирофшудаи ҷаҳон ифодагари шахсияти беназир ва беҳамто будани эшон аст. Аз ҷумла, агар бо тааамуқ ба китоби Пешвои миллат **“Чеҳраи мондагор”** – китоби зиндагинома ва корномаи симоҳои барҷастаи миллат, таърихномаи корнамоиҳо ва сарфарозиҳои халқи тоҷик, баёнгари фарҳанг ва тамаддуни таъри-

хи беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон мебошад, назар намоем эҳсос менамоем, ки он маҳсули омӯзиш, мушоҳидаҳо ва хулосаҳои саҳеҳи илмии Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таърих, тамаддун, нақши шахсиятҳо дар таърих ва роҳҳои бардошти сабақи таърихӣ аз он мебошад. Дар мавриди муаррифии 25 нафар чеҳраи мондагори таърих, чун Куруши Кабир, Спитамен, Зардушт, Монӣ, Маздак, Муҳаммад(с), Имоми Аъзам, Исмоили Сомонӣ ва дигарон, ки ҳаряке ҳамчун шахсият ба раванди таърих таъсири худро гузоштаанд, дар баробари инъикоси амалҳои онҳо оид ба муҳимтарин хусусиятҳои шахсии эшон ибрози назар менамоянд. Ҳини омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти Пешвои миллат, пай бурдан осон аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дорои кулли сифатҳои ин чеҳраҳои мондагори таърих аз қабили ҷасуриву далерӣ, дурандешӣ, адолатхоҳӣ, ватанпарварӣ, миллатдӯстӣ ва монанди инҳо мебошанд. Ин аст, ки:

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.*

Ба иборати дигар, миёни шахсиятҳои таърихӣ аз лиҳозӣ хусусиятҳои фардӣ умумиятеро пайдо кардан мумкин аст, ки он хоси дигарон нест. Масъалаи дигаре, ки ин ҷо ҷолиби таваҷҷӯҳ аст ва муаллифи мақола бар он такя дорад, ки зиндагии шоистаи мардум маҳз ба туфайли мавҷудияти чунин қувваи сафарбаркунандаи муассир ба даст меояд. Яъне, шахсият аз ҷониби мардум замоне пазируфта ва баргузида мешавад, ки ҳадафи ӯ манфиати мардум аст ва ба ниёзи мардум мувофиқ аст. Аз ин рӯ, мардум ҳам ба чунин роҳбар ва роҳнамо ниёз хоҳад дошт. Дар мақола дар радифи кулли сифатҳои роҳбар масъалаи содиқ будан ба қавлу амал барои миллату ҷомеа дар мадди аввали назар меистад. Яъне, маҳз ҳамин сифат ба чеҳраи таърихии шахсият ранги ҷовидонии масъулиятшиносӣ дар

назди марудмонаш ато мекунад. Аз ин чашмандоз Пешвои миллат борҳо собит кардаанд, ки соҳиби қавл ва амали хеш ҳастанд. Ниҳоят ин ҳама сифатҳо дар маҷмӯъ эътимод ва эҳтиром мардумро ба шахсияти таърихӣ меафзояд, ки дар мисоли муҳаббати мардуми тоҷик ба Пешвои миллат инро эҳсос кардан душвор нест. Ба иборати Гегел «Фақат тавассути амалӣ кардани мақсадҳои бузург, инсон дар худ сифати шахсияти бузургро ошкор месозад. Ва маҳз ҳамин хислат ӯро барои дигарон машъал менамояд».

Муҳимтарин пешниҳоди С.Ятимов дар мақола ин аз фурсати таърихӣ дастҷамъона истифода кардани имрӯзиён аст. Зеро шахсияти бузурги таърихӣ дастоварди бузурги миллат аст ва он дар садсолаҳо боре насиби таърих мегардад. Ин маънии онро дорад, ки мо мардуми хушбахт ҳастем, ки дар замони зиндагии мо шахсияте рӯи кор омад, ки номи асри мо, даврони рӯзгори мо, набзи зиндагии моро ба таърихи фардо насб мекунад ва ин давраро сарчашмаи дастоварҳои асри сонӣ хоҳанд хонд. Дар идома муаллифи мақола ба таснифи субъектҳои сиёсӣ мегузарад, ки ниҳоят ҷолиб ва илмист. Нахуст, дар бораи конститутсия ва давлатдорӣ ҳарф мезанад ва дуруст қайд менамояд, ки "барои пурра амалӣ гаштани идеяҳои конститутсионӣ зарур аст, ки чанд насл заҳматҳои ҷонкоҳона кашад." Яъне, амалӣ шудани афкору ақидаи конститусионӣ як протсес ё раванди тӯлониест, ки он ба инкишофи ҷомеа, ҷаҳонбинӣ ва дониши аҳли ҷомеа, шинохтани ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандӣ марбут мебошад. Сипас, муаллифи мақола субъектҳои сиёсиро ба се гурӯҳ тасниф менамояд, ва тавзеҳи илмии худро ироа месозад. Воқеан, дар вазъияти кунунӣ, дар кишвари мо таъсир пазирии ин се субъект эҳсос мешавад. Таҳлили муаллиф дар мавриди нуқтаи назар, ҳадаф, мақому манзалат ва мавқеи ин се субъект олимона дар заминаи назарияи донишмандон ва таҷриба рӯи кор омадааст. Муҳимта-

рин хусусияти субъекти аввал, ки ҷавҳари онро муҳаббат ба Ватан ва мардум ташкил мекунад, дар ҳамаи маворид миллат ва давлатро такягоҳи асосии худ шуморидан мебошад. Маҳз ҳамин хусусият онро аз гурӯҳҳои дигар тарҷеҳ медиҳад. Мусаллам аст, ки ин субъект давлату ҳукумати имрӯза аст, ки дар саргаҳи он Пешвои миллат меистад.

Мавҷудият ва ҳадафи субъекти дуввум бо вуҷуди дарку маърифати вазифа ва функсияи худ ба хотири зиндагӣ ва умр гузаронидан амал мекунад. Мусаллам аст, ки ин субъект чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар амал мекунанд ва аз онҳо ба пешрафт ва рушди кишвар суде нест.

Вале субъекти севвум хавфноктарин ва пурзарартарин аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ аз чизе рӯй наметобад. Ин субъект низ ҳам дар дохил ва ҳам хориҷи давлат амал мекунад. Пайдост, ки инҷо сухан дар бораи кадом қувваҳо меравад. Ин ҷо қайд кардан муҳим аст, ки донистани ҳадаф ва рисолати ин қувваҳо ва муносибати мардум ба онҳо имкон фароҳам меорад, на танҳо дар бораи вазъи сиёсӣ маълумот пайдо кунем, балки аз тақдири фардои кишвар огоҳ гардем. Дуруст аст, ки дар кулли давлат ва давлатдории ҷаҳон ин се субъект амал менамояд ва мавқеи онҳо аз муносибати шаҳрвандон ба фаъолияташон иртибот дорад.

Яке аз масоили ҷиддие, ки муаллиф дар бахши дигари мақолааш “Маданияти сиёсӣ ва субъекти сиёсӣ” матраҳ менамояд дар такя ба андешаи Гегел дар чаҳорчӯбаи давлат рушд кардани инсони маънавигаро ва хирадманд мебошад. Аз ҷониби дигар эҳсоси масъулиятшиносӣ доштан дар назди давлат ва миллат аст. Арҷгузорӣ ба дороиҳои милливу давлатӣ инсонро дар назди давлат арҷманд мекунад. Яъне, маъниву мазмун доштани ҳаёти инсон дар тӯли рӯзгораш ба муносибати ӯ ба давлат ва арҷгузории давлат ба ӯ вобаста аст. Бо инъикоси усули давлатдории

баъзе аз кишварҳои Аврупо муаллифи мақола аз маданияти сиёсӣ ва давлатдорӣ ҳарф мезанад ва таҳаммулу дурандеширо ҳатто дар истифодаи мафҳумҳову терминҳо ва муносибатҳои нерӯҳои мухолиф муҳим мешуморад. Аз ин рӯ давлате, ки маърифат дар меҳвари мавҷудияти қарор дорад мустаҳкам аст. Зеро маҳз дониши ду ҷонибаи давлат ва мардум имкон медиҳад осудагиву оромӣ дар кишвар пойдор монад. Ин аст, ки майл ба маърифат, адабиёт ва фарҳанг доштани Пешвои миллат арзиши баланди сиёсӣ ва таъгихиро дорост.

Дар қисмати дигари мақола бо номи «Геополитика: «мантиқи воқеият» ва «субъеки сиёсӣ» муаллиф оид фаъолияти субъектҳои сиёси дар баъзе давлатҳои аврупоӣ, мақоми опозитсия дар онҳо, ҳадафи ягонаи мустаҳкам кардани мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ ибрози назар мекунад. Андешаи муаллиф» вобаста ба зинаи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, идеологӣ, маданият ва маърифати сиёсӣ, шароити таърихӣ, таҷрибаи давлатдорӣ, урфу одати миллии ҳар давлат, «мантиқи воқеият» зарурати истифодаи роҳ, усул ва шаклҳои муайяни фаъолияти система, структура, аз ҷумла субъектҳои сиёсии хешро дорад" шоистаи таамуқ ва таамул мебошад. Дар идома муаллиф вазъи геополитикии муосирро шарҳу тавзеҳи илмӣ медиҳад ва хонандаро водор мекунад, ки сари маҳфуми "мантиқи воқеӣ" ва "ҳақиқӣ" андеша намояд. Агар соддатар баён намоем ҳаргиз як аҷнабӣ ободии кишвари мо ё манфиати як шаҳрванди миллат ва давлати дигарро аз манфиати хеш муқаддам намегузорад, ки муттассифона дарк накарданӣ ҳамин ҳақиқат чи қадар мардуми гумроҳи моро ба вартаи ҳалокат тела дод.

Муаллиф зимни бахши "Ҷанбаи таърихии субъекти сиёсӣ" ба таърихи истилоҳи "субъекти сиёсӣ руҷӯъ мекунад ва моҳияти онро тафсир менамояд. Воқеан, таъсир ва

ҷойгоҳи шахсият ва инсон ё худ субъект нисбати объект бузург аст. Ба қавли муаллиф "Ӯ на танҳо сабабгори тағйири муҳит, атроф, табиат ба хотири дар доираи фаҳм ва зеҳни худ мувофиқ кунонидани он ба манфиати хеш аст, балки созандаи тафаккур, тасаввурот ва ҷаҳонбинӣ мебошад". Ва дуруст илова мекунад, ки "воқеияти таърихии дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи вуҷуд кардани давлати мустақили миллӣ бо номи Тоҷикистон, самараи фаъолияти субъектҳои воқеии сиёсии миллати тоҷик дар тӯли таърих аст".

Ёдоварии муаллиф аз чеҳраи мондагори таърих чун устод Рӯдакӣ ҳамчун зиндакунанда ва шӯҳратёр намудани забони тоҷикӣ, Фирдавсӣ ҳамчун инъикосгари ҳувият ва аслияти миллати тоҷик, Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун муаррифгари ақл ва заковати миллати тоҷик басо рамзист. Зеро маҳз худшиносии миллӣ ҳамчун муҳимтарин қисмати структурвии субъекти сиёсӣ дар заминаи донишҳои мукаммали илмӣ рӯи кор меояд. Нуктаи зарифе, ки дар ин бахш сухан дар бораи он меравад давоми ҳазорсолаҳо маҳз ба туфайли ҳувияти миллӣ, худшиносӣ, дониш ва хиради баланд мардуми тоҷик новобаста аз фишору таъқибҳо зери тассарруфи бегонагон қарор нагирифт ва ниҳоят ба Истиқлолияти миллӣ расид. Ва имрӯз ҳамон руҳияи қавии аҷдодӣ моро муҳим аст, то кишвари азизамонро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

Бале, се мафҳум: илм таърих ва таҷриба муҳимтарин арконе ҳастанд, ки донистани онҳо барои пойдории миллату давлати мо зарур аст. Аз ҷумла, ба зиндагӣ ва воқеаҳои он аз назари илмӣ баҳо додан ба таърих бо чашми мушоҳидаву муқоиса ва сабақомӯзӣ назар кардан ва аз таҷрибаҳои давлатдории олам дарси ибрат гирифтан моро ба соҳили мурод мебарад. Ҳамин мақола бо далелҳои ҷолиби таърихиву илмӣ собит месозад, ки имрӯз барои мардуми тоҷик шонси бузурги таърихӣ даст додааст, ки дар партави сиё-

сати Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳам оем, дороиҳои миллии худро ҳифз намоем, Ватани азизамонро дӯст дорем ва барои таъмини амнияти он аз рӯи тавоноии худ саҳм гузорем.

*Соли 2018*

## ЗИЁИЁН ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Имруз аз назари илмӣ баҳогузорӣ кардан ба вазъи ноороми ҷаҳон, дарси таҷриба андӯхтан аз ихтилофҳои мазҳабиву динӣ ва марзиву бумӣ, ки муттассифона ҳам олами Шарқ ва ҳам олами Ғарбро фаро гирифтаст, аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Дар Паёми Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Ҷаноби олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 22 декабри соли 2017 ироа гардид, масъалаи амнияти кишвар ва бехатарии миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим буд.

Пешвои миллат соли равон дар суханронии худ бахшида ба ҷашни Истиқлолияти Тоҷикистон нуктаеро зикр карданд, ки он бояд ба хотири оромии ишвар ва амнияти миллат ҳамеша дар назар мо қарор дошта бошад. Аз ҷумла, Сарвари давлат зикр карданд: “Кишвари мо дар натиҷаи фитнаву дасисаи қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуда, хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва парокандагии миллат ба воқеияти талху даҳшатнок табдил ёфта буд. Вале мардуми шарифи Тоҷикистон бо саъю талоши ватандӯстонаву фидокорона ба хотири ҳимояи истиқлолияти давлати ҷавони худ ин имтиҳони сахту сангини таърихро паси сар намуданд.”

Ин гуфтаи Пешвои миллат аз як ҷониб ба мо аз таърихи талхи начандон дури мамлакат хабар диҳад, аз ҷониби дигар он ҳушдорест барои ҳамватанон, ки набояд иштбоҳеро, ки як бор моро сарсону бехонумон кард такрор намоем. Аз ин гузашта ба воқеаҳои мудҳиши солҳои 90-ум баҳои илмӣ диҳем ва хулосаҳои дуруст барорем. Мавриди баҳсу қарор гирифтани масъалаи илм ва амнияти миллӣ аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, Саймумин Ятимов, ки тавассути расонаҳои иттилоотӣ вокуниши пурбореро аз ҷониби аҳли илм ва зиёиёни мамлакат рӯи кор овард, аз муҳимияти масъала дар шароити муосир дарак медиҳад ва қабулу дарки дурусти он аз тарафи олимон ва муҳаққиқон ифодагари эҷоди ҳамдиливу ҳаммасллакӣ дар ҷомеа барои ҳифзи амнияти кишвар ва оромии он мебошад.

Дар мақолаи "Ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ" муаллиф дуруст зикр мекунад, ки донишҳои таърихӣ, илму дониш сабабгори пешрафту таҳаввулоти инсон дар тамоми соҳаҳои ҳаёт мебошад. Дар иртибот ба ин, амнияти миллӣ низ вобастаи сатҳу дараҷаи илми мавҷуда мебошад. Масъалаи пайванди илму амнияти миллӣ дар замони муосир доманаву шиддати бештаре пайдо мекунад, ки ин ба раванди умумиҷаҳонӣ ва падидаҳое, ки дар дунё ба вуқӯъ мепайванданд, иртибот дорад. Ин ҷо овардан фикри олими маъруф Томасс Гобс, ки дар мақола зир ёфтааст, айни матлаб аст: "Давлате, ки амнияти хешро таъмин карда наметавонад ғайримаҷоз аст". Аз ин рӯ, мо бояд дарк намоем, ки муқаддастар ва муҳимтар дар давлатдорӣ аз таъмини амнияти он нест ва дар ин ҷода ҳамдастиву ҳамкории ҷомеа махсусан аҳли зиё ва равшанфикрон зарур аст. Агар мо аз ҳамин чашмандоз, яъне, бо назардошти сабақҳои таърихӣ ва донишҳои илмӣ ба вазъи амнияти кишвару миллат назар андозем, давлату ҳукумат ва мар-

дум барои бартараф кардани хатарҳои зиёди маҳви миллату давлат ва шикасти сохтори давлатӣ чи қадар саддҳо ва душвориҳоро аз сар гузаронид.

Кӯшишҳои зиёди душманони дохиливу берунӣ, зери ниқоби дини ислом қарор доштанд ва мехостанд Ватани азизи моро ба харобазор табдил диҳанд. Ин қувваи аҳриманӣ зери ниқоби Ҳизби назҳати ислом таи солҳои тӯлонӣ нақшаи забти давлат ва тағйир додани сохтори давлатӣ ва кашидани мардум ба усули зиндагии асримиёнагиро бо худ дошт ва ҳар лаҳза интизор буд, ки ин нияти нопоки худро амалӣ созад. ҲНИТ дар баробари ҳомиву пуштибони ҳаракату ҳизбҳои экстримистӣ, аз қабили “Ҳизби таҳрир”, “Ансоруллоҳ”, “Ҷамъияти таблиғ”, “Ҳаракати исломии Туркистон”, “Ҷундуллоҳ”, “Ҷараёни Салафия”, “ДИИШ” будан, худ низ як ҳизби экстримистӣ ва терористӣ ба ҳисоб меравад, ки инро бо амалаш собит кард. ҲНИТ ниҳоят маккорона амал намуда, супоришҳои аз хоҷагони хориҷии худ гирифтаашро дар қаламрави Тоҷикистон тавассути созмону ҷамъиятҳои дар боло зикр шуда амал менамуд. Махсусан, дар мавриди ҷараёни “Салафия” метавон гуфт, ки аъзоён ва роҳбарони ҲНИТ пурра ин ташкилотро дастгирӣ намуда, як муддат дар ба вуҷуд овардани ихтилофот байни мусулмонони кишвар мусоидат намуд. Омилҳои шомилшавии ҷавонон ба равияи салафия асосан аз ҷониби пешвоён ва пайравони ин ҷараён бо тариқи таблиғ ва тарғиб ба вуҷуд меомад, ки ин ба принсип ва усули корбарии ҲНИТ мувофиқ буд. Боиси зикр аст, ки ҳадафи ин ҷараён сиёсикунонии дин мебошад ва ин низ ба мақсади роҳбарияти ҲНИТ созгор буда, заминае ба қатлу ғорат, буғзу адоват ва ҷудоиандозӣ ба ҳисоб мерафт. Ҷараёни салафия, ки имрӯз дар Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти ифротгароӣ ва террористӣ шинохта шудааст ва ба аҳли суннат ва ҷамоат хусусан ба мазҳаби имоми Аъзам

мухолифатҳои зиёд дорад, дар асоси таълимоти ҳанбалия дар асри XIV бо афкори Ибни Таймия ба вуҷуд омад ва дар асри XVIII бо саъю кӯшиши Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ба ҷараёни "Ваҳҳобия" табдил ёфт ва аз соли 1920 дар Арабистони Саудӣ ҳамчун равияи озоди динӣ тарғиб ва дар афкору аъмоли динӣ татбиқ карда мешавад. Ҷараёни салафия ягон мазҳабро эътироф намекунад ва иҷмоу қиёсро бидъат меҳисобад. Бо ин тафаккури нодуруст онҳо дар Тоҷикистон аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе, Хуҷанд ва баъзе шаҳру ноҳияҳо ҷавононро фиреб намуда, ба ғояҳои экстремистӣ тарғиб менамуданд. Хусусан, дар шаҳри Хуҷанд ҷавононе, ки худро салафӣ мешумориданд, аксар аз илми арабӣ бехабар буданд, ягон масъалаи шаръиро баён карда наметавонистанд, аммо кӯр-кӯрона ҳама чизро бидъат мешумориданд.

Ана ҳамин вазъият ба роҳбарияти ҲНИТ қобили қабул буд ва онро ҳамчун як дастгоҳи пурқуввати таблиғотӣ ба кор мебурданд. Ҳатто махсус эълом медоштанд, ки салафиҳо ба сиёсат кордор нестанд, вале таърих гувоҳ аст, ки соли 2011 вақто, ки нооромиҳо дар Либия сар шуд, аввалин шуда "Салафиҳо" даст ба силоҳи оташфишон зада, мардуми одиро ба қатл расонида, соҳиби қудрат шуданд. Акнун тасаввур кунед, ки агар ин ҷараёни аҳриманиро дар қаламрави мамлакат манъ намеарданд чи вазъеро мо метавонистем интизор шавем. Аммо бо таассуф метавон гуфт, ки бо вуҷуди корҳои зиёд, ҳоло ҳам дар ақидаи баъзеҳо таълимоти салафия вуҷуд дораду пурра аз байн нарафатааст. Дар ин маврид набояд ҷомеа, махсусан аҳли зиё бетараф бошад. Дар миёни мардум оид ба арзишҳои дунявиву динӣ, афзалияти мазҳаби ҳанафӣ ва хатари ақидаҳои ихтилофангез аз ҷумла, хатари ҷараёни салафияро бо далелу ҳуҷҷат баён намуда, корҳои фаҳмондадиҳиро кори доимии худ шуморанд. Имрӯз дар Тоҷиистон мазҳа-

би ҳанафия қобили қабул дониста шудааст ва мавҷудияти ғайри ин мазҳаб моро ба нестӣ ва нобудӣ мебарад. Зеро дар ин маврид ихтилофи ақида оқибати нек надорад.

Ин ҷо эътибор додан ба як масъалаи муҳим айни матлаб аст. Ҳадафи аслии ҲНИТ сохтани давлати исломӣ буд ва дар ин ҷода аз ҳамаи имкониятҳо ва дастгоҳҳои мавҷуда истифода мекард. Барои ин ҳизб муҳим набуд, ки ин ё он ҷараёни таҳмилшуда ба Тоҷикистон суд меорад ё зарар. Муҳим ин буд, ки мутобиқи ҳадафи онҳо истифода бурда шавад. Қабл аз ҷараёни салафия такягоҳи ин ҳизби козиб ҳизби таҳрир буд, ки чи қадар нооромиҳоро дар ҷомеа эҷод кард. Ҳарчанд, аз соли 2001 дар Тоҷикистон манъӯъ гардид, вале он пинҳонӣ амал мекард, нашри адабиёти таблиғкунандаи он ғайриқонунӣ идома мекард. Расман собит шудааст, ки садҳо аъзоёни Ҳизби таҳрир узви ҲНИТ буданд. Яъне, ин ҷо низ ҲНИТ, ки ҳадафаш сарнагун кардани низоми демократии кишвар ба ҳисоб мерафт, дар ҳизби таҳрир рисолати хешро дарёфт кард. Иртиботи ин ду ҳизби экстримистӣ ба вазнин шудани вазъи сиёсии мамлакат овард ва дар ин ҷо низ давлат ва қуввҳои солими кишвар тавонистанд пеши роҳи фалокатро бигиранд. Яъне, нахуст ҳизби таҳрир сониян ҷараёни салафия такягоҳи ин ҳизб маҳсуб мешуд. Вале макорона кулли амалҳои носавобашро дар паси пардаи ҳамоқат пинҳон медошт. Минбаъд ҷараёни «Таблиғ», «Ансоруллоҳ» ва ниҳоят ДИИШ ҳамкору ҳаммаслак, пуштибону саробони ҲНИТ гардид. Амали носавобе, ки соли 2015 бо иштироки генерал Ҳоҷӣ Абдуҳалим Назарзода ба вуқӯъ пайваст, аз он шаҳодат медиҳад, ки ин ҳизб мехост ба ҳадафи ниҳоии худ бирасад, вале дар инҷо ҳам нерӯҳои солим ғолиб омад.

Дар мақолаи Саймумин Ятимов мехонем: «Вазъи имрӯзаи олам, минтақа мураккаб аст. Масъалаи аслӣ – таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва худи давлат мебошад. Дар мар-

кази баҳс масъалаи ҳифзи сулҳу субот ва амният меистад. Ин мавзӯи дараҷаи аввал маҳсуб мегардад. Ҳар нафаре, ки қудрати фикри солимро дорад, намехоҳад «чеҳра ба гиря бишӯяд ва оҳанги ракс аз оҳу нола биҷӯяд». Ин маънии онро дорад, ки мо имрӯз низ набояд бетараф ва бепарво бошем. Зеро хатари таъсири қувваҳои аҳриманӣ ба Осиёи Марказӣ мавҷуд аст ва Тоҷикистон низ дар ин самт бояд мақеъ ва назари худро дар мавриди ҳифзи марзу бум ва амнияту осоиштагии хешро дошта бошад. Мо бояд донем, ки "хатарҳо ва душманиҳое ки зидди осудагии як миллат, тарҳрезӣ мешаванд, зуҳуроти тасодуфӣ ё бетартибона нестанд. Дар асоси нақшаҳои муайян коркардшуда, аз ҷумла, таҷрибаи хадамоти махсуси давлатҳои манфиатдор ва амалияи дастандаркорони ҳамин гуна аъмол дар минтақа ва ҷаҳон роҳандозӣ мегарданд." Аз ин рӯ, амнияти дохилии кишвар, сулҳу субот, ҳамфикриву ҳаммаромӣ, дӯстиву рафоқат, дастгирии сиёсати ҳукумату давлат аз муҳимтарин дороиҳои ҷомеаи имрӯза бояд бошад. Махсусан, барои аз байн бурдани хурофотпарастӣ, боварии мардум ба ашхоси чаласаводи муллонамо, ки гуё маълумоти динӣ медиҳанд, вазифаи аҳли зиё ва донишмандон аст. Имрӯз ба ҳар падидаи нек ё зуҳуроти номатлуб бояд аз назари илмӣ баҳо дод то иштибоҳҳои солҳои навадум такрор нагарданд. Дар ин маврид пешниҳод, лоиҳаҳо, дастуру китоб ва муҳимтар аз ҳама, мавқеи олимону донишмандон умуман зиёиён муҳим аст. Танҳо дар заминаи ҳамдастиву ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ мо метавонем дар амнияти миллату кишвар саҳм гузошта бошем.

**Адабиёт:**

1. Рахмонов А.С. Современные проблемы безопасности в Республике Таджикистан и в Центральной Азии // Монография. —Душанбе, 2013.- С.14-48.

2. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Истиқлолияти давлатӣ, 9 сентябри соли 2017.
3. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ваояндабинии сиёсӣ. Душанбе:-2015.
4. Ятимов С. Илм ва амният. “Ҷумҳурият”, 30 майи соли 2017

*Соли 2017*

## РУКНИ МУҲИМИ ДАВЛАТ ВА МИЛЛАТ

**Дар ҳошияи мақолаи Саймумин. ЯТИМОВ, доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Иммануил Кант ва ташаккули шахсият”-маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа», №2 (10) 2018 , “Ҷумҳурият” 6.06.2018**

Мақолаи нави доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, прфессор Саймумин Ятимов “Иммануил Кант ва ташаккули шахсият”-ро як назари тозаи илмӣ ба муносибати фард бо ҷомеа метавон ном бурд. Муаллиф дар мақола омили асосии расидан ба осудагии том ва ташаккули инфиродии шахсро дар тарбия ва таълим мебинад. Ин андешаи муаллиф ҳамоно идомаи фикри ӯ аз мақолаҳои қабли эшон сурат гирифтааст ва дар мақолаи мазкур ӯ тасмим гирифтааст, ки онро дар партави афкори баланди олимони дунё мавриди муқоиса ва таҳлил қарор диҳад. Яъне, муаллиф мехоҳад дар заминаи назирияҳои илмӣ ва ғояву тафаккури олимони маъруф дар мисоли Иммануил Кант вазъи кунунии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиии кишварро баҳогузорӣ намояд ва муҳимтарин вазифаҳои узви ҷомеаи имрӯзро мушаххас баён созад. Се даҳсолаи охир, яъне, даврони истиқлолияти кишвар заҳматҳои халқи тоҷик бо сарва-

рии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар беҳдошти вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ самараи нек ба бор овард. Тоҷикистон мавқеи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ёфт ва дар ҳамаи соҳаҳо рӯ ба инкишоф овардааст. Саймумин Ятимов бар он ақида аст, ки ин дастоварди бузургро эҳтиёт кардан ва онро рушд бахшидан аз вазифаи муҳими имрӯзиён аст. Махсусан шуурнокии миллӣ ва худшиносӣ гавҳари бебаҳоест, ки заволи он оқибати нек надорад. Дар ин маврид нақши инсон ё худ шахси соҳиби илму фазилат калон буда, пойдории миллат ояндаи он ба ӯ вобастагии қавӣ дорад. Аз ин рӯ, тарбияи инсон ва маълумотнокии он яке аз вазифаҳои муҳим ва муқаддаси замон маҳсуб мешавад. Муаллифи мақола маҳз ба хотири тавзеҳ ва исботи ин ақида ба назарияи файласуфи маъруфи немис дар асри 18 милодӣ Иммануил Кант оид ба  ташаккули тарбия ва ба камол расонидани шахс такя менамояд.

Муаллиф бо такя ба назарияи Арасту ҷавҳари давлатро дар инсон мебинад ва тарбияи неки шахсро ба сифати давлат ва давлатдорӣ таъсирпазир меҳисобад. Дар ин бахши мақола муаллиф ба мафҳумоти тарбия, сифати тарбия, мақсади тарбия, таълим ва таҷриба таваққуф намуда, дар заминаи китоби И.Кант «Дар бораи педагогика» ба хулосае мерасад, ки "тарбия зина ба зина ба дараҷаи боло мерасад ва ҳар як насл қадаме ба пеш, барои камолоти инсоният мегузорад». Вале муҳимтарин нуқтаи назари муаллиф дар ин маврид дар заминаи барномарезӣ ба роҳ мондани тарбия мебошад. С.Ятимов дуруст қайд мекунад, ки "Тарбияро дар доираи масъулият ва мафҳуми аслӣ наметавон масъалаи шахсӣ номид. Мақсад аз он, пеш аз ҳама, манфиати ҷомеа ва муассисаи аслие, ки барои амният ва рушди он ҷавобгар аст, яъне давлат дар назар дошта мешавад. Илм, фарҳанг, маориф, таълим ва тарбия

- пойдевори аслии таъмини амнияти давлати миллӣ мебошад. Дар бахши дигари мақола “Оид ба мантиқи тарбия” муаллиф ба хулосаи хуби мантиқӣ мерасад,ки он ҳадафи тарбияро ифода мекунад: “Новобаста аз он ки бо таваллуд гаштани одам - мукаммалтарин ҷузъиёти табиӣ рӯи олам меояд, он ба ғамхорӣ, нигоҳубин, тарбияи ниҳоят ҷиддӣ ниёзманд аст. «Зери маънии «ғамхорӣ» кӯшиш ва заҳмати падару модар дар назар дошта мешавад, ки фарзанд натавонад қувва ва имконоти худро бар зарари худ истифода намояд» Воқеан ин нуктаи муҳим аст, зеро дорои ахлоқи ҳамида будан танҳо маънии некхоҳи дигарон будан, балки аз ҳама қабл некӣ барои худ аст.

Муаллифи мақола оид ба мавқеи шахс дар тарбия афкору ақидаи И.Кантро тавзеҳ медиҳад ва мӯътақид аст, ки нақши одам дар тарбияи шахс ниҳоят бузург аст ва инсони нек шудани одам тасодуфӣ набуда, балки натиҷаи заҳмату талошҳои ашхосе аз қабили падар, модар ва муаллим мебошад. Бо овардани мисолҳои Кант дар бораи тарбиятнопазир будани мавҷудоти биологии бешуур хулосаи ӯро тасдиқ менамояд: «Бояд таъкид сохт, ки одамро фақат Одам тарбия мекунад – одаме, ки айнан мисли худаш тарбия гирифтааст. Мантиқи аслии талаботи файласуфи бузург масъалаи мураббӣ, муаллим ва тарбиятгар аст. Устодро И. Кант меъмори бузурги қасри манзалати маънавии инсон мешуморад. Албатта, ҳар кас нишона, баранда ва давоми умри маънавии авлод ва падару модари хеш аст. Муҳим он аст, ки тарбияи фарзанд дар ихтиёри ашхоси тасодуфӣ наафтад». Баъдан муаллиф ба таърих руҷӯъ намуда, мисолҳои фаровониеро меорад, ки он дар натиҷаи тарбияти нодуруст ба вуқӯъ пайвастааст. Баробари мисолҳои таърихӣ аз қабили кушта шудани Мирзо Улуғбек аз ҷониби фарзандаш Абдулатиф ки маҳз дар зери тассаруфи андешҳои устодаш, ки ҳисси баланди таассуби

динӣ дошт, ин корро анҷом медиҳад, муаллиф ба воқеаҳои даҳшатзои замони муосир низ руҷӯъ мекунад. Аз ҷумла, тибқи фармони роҳбари дастаи терористӣ Алӣ Сақра ном ҷавон узви “Давлати исломӣ”, модари хешро ба қатл мерасонад, ки ин низ натиҷаи тарбиятест, ки онро “устод”- ба анҷом расонидааст”. Дар даврони аввали истиқлолияти кишвар чанде аз фарзонагони миллати моро маҳз чунин ашхоси бадтарбият ба тӯъмаи марг тела доданд, ки ҷои таассуфу надомат аст. Бо овардани ин мисолҳо муаллифи мақола ҳушдор медиҳад, ки дар ба амал омадани ин воқеоти даҳшатнок ҳар як фарди ҷомеа ҷавобгар аст ва ба тарбияву мафҳуми он эътибор додани мо ҳатмист.

Дар мавриди мақоми интизом дар тарбия муаллиф сухан карда, масъулияти бузурги ҷомеаро дар назди наслҳои оянда зикр мекунад. Андешаи И.Кант дар бораи он, ки дар ҷавҳари инсон табиати ваҳшигӣ доимо боқӣ мемонад, аммо «интизом намегузорад, ки одам аз таъйиноти худ, ҳамчун инсон, ба он ҳолат бозгардад ва низом ҳаст, ки инсонро аз ваҳшоният халос мекунад» аз тарафи муаллиф мавриди қабул қарор гирифта, дар перомуни он мисолҳои ҷолиб меорад. Воқеан, ин андешаи И.Кант ҷолиби таваҷҷӯҳ ва андеша аст: «Камбудӣ дар интизом - бадии бузургтаре аст нисбат ба норасоӣ дар фарҳанги рафтор. Охиринро метавон батадриҷ ислоҳ кард. Аммо ваҳшигиро наметавон решакан намуд. Беинтизомро дар синни камолот ислоҳ кардан ғайриимкон аст».

Ба масъалаи мазкур ҷалб кардани диққати хонанда аз ҷониби муаллиф саривақтӣ ва актуалӣ буда, дар замони муосир онро сарфи назар кардан кори нодуруст аст. Ба маънии дигар, инсон бо вуҷуди озоду соҳибистиқлол будан ҳамоно бояд дар доираи низоме амал намояд, ки онро меъёри инсонӣ мегӯянд ва дар ҷавҳари тарбияти инсон тарбияти қудрате бояд бошад, ки одам сари вақт таво-

над аз амали ғайри қобили қабул худдорӣ карда тавонад. Яъне, дар низоми тарбияти шахс интизом ҷавҳари аслии инсонро ташкил медиҳад.

Дар мақола як фасли бузурге ба масъалаи шахс ва ҷомеа бахшида шудааст. Муаллиф ба мавқеи Кант эътимод дорад: «тамоми кӯшишро бояд ба харҷ дод, ки мантиқи омӯзиши «манфиат»-и шахс ба тарзи ҳатмӣ манфиати умумиинсониро дар назар дошта бошад, барои он ки «дар бораи хушбахтии дигарон кӯшиш карда, мо хушбахтии хешро дармеёбем". Ин матлаб ниҳоят муҳим аст ва моҳияти онро бояд ҳар як фарди ҷомеа дарк намояд. Маҳз тарбияти ин хусусият дар шахс аз ӯ хислатҳои бади инсонӣ, аз қабили мағрурӣ, худписандӣ, ман-маниро дур месозад. Ва ин амалро аз хурдии фарзанд бояд рӯи кор овард, чунончи Саъдӣ гуфтааст:

*Ҳар кӣ дар хурдияш адаб накунанд,*
*Дар бузургӣ фалоҳ аз ӯ бархост.*
*Чӯби тарро чунонки хоҳӣ, печ,*
*Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.*

Ба иборати дигар ҳадафи муаллиф, ки аз назарияи олимони маъруфи шарқу ғарб сарчашма мегирад, ба талаботи ақл тобеъ кардани инсон аз даврони кӯдакӣ мебошад. Муаллифи мақола бисёре аз андешаҳои Кантро бо афкору ақидаҳои муттафаккирони тоҷик муқоиса намуда, дар онҳо ҳамоҳангӣ ва ҳамфикриро дармеёбад. Аз ҷумла, дар мавриди бо зиндагии осону беғам таъмин кардани даврони наврасии фарзанд, ё худ ба ноз парваридани шахсу огоҳ накардан аз мушкилоти ҳаёт, ки он оқибати хуб надорад кулли муттафаккиронро ба ташвиш овардааст. Яъне: «рӯ ба рӯ гаштан бо мушкилиҳои зиндагӣ аз назди пойгоҳи дари иҷрои хоҳишҳо, майлҳо, ронданҳо ҷавонро ваъдаи сарватманд шудан надиҳад ҳам, бояд дар ботини ӯ ақл, масъулият, ҷузъиёти хештаншиносиро ба кор дарорад». Воқеан ин нукта ниҳоят муҳим буда, дар замони мо низ

дар ташаккул ва рушди шахс ҳамчун инсони созанда ва бунёдкор гузаштан аз имтиҳони зиндагӣ муҳим аст. Махсусан, ҷавонони имрӯза бояд дарк намоянд, ки зиндагии онҳо аз оғоз то анҷом якранг нест, пастиву баландӣ дорад ва мустақилона фикр кардан, хулоса баровардан, тасмим гирифтан, натиҷа бардоштан аз муҳимтарин сифатҳои инсони муваффақ мебошад.

Дар идома И.Кант ба масъалаи масъулияти падар дар назди фарзанд руҷӯъ мекунад, ки муаллифи мақола дар шарҳи он чандин мисолҳои мушаххасро ба қалам меорад. Таваҷҷӯҳ менамоем ба ин андешаи Кант: «Ман бояд фарзанди худро ба он одат кунонам, ки чӣ гуна вай ба маҳдудияти озодии худ одат кунад, онро паси сар намояд. Ҳамзамон, аз ҳамин гуна маҳдудиятҳо хуб истифода карда ҳам тавонад. Агар ин тавр нашавад, ҳама корҳо беҳудаанд. Фарзанде, ки аллакай аз тарбияи падару модар берун рафтааст, наметавонад аз озодии худ истифода кунад». Муаллифи мақола дуруст таъкид мекунад, ки “олими дақиқкори олмонӣ ба воқеияти рӯзгор объективона муносибат мекунад. Медонад, ки зиндагӣ роҳи ҳамворе нест. Одат кунонидан ба фаъолияти пурсамари инсониро тавассути кулли имконот мадди назар мегирад.”

Дар воқеъ, ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” соли 2011 дар мавриди ҳаллу фасли ин матлабҳо нақши муассир гузошт ва самараҳои нек дар беҳдошти тарбияи наврасону ҷавонон гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон ба таълиму тарбия ҳамчун ба маҳсули хираду дониш ва маърифати инсон эътибор дода, дар баробари ҷанбаи амалӣ доштани ин санаду ҳуҷҷатҳо, ки меҳвари онро росту дуруст тарбия намудани насли муосир ташкил

мекунад, ба арзиши таърихии он, ки ин эҳёи анъанаҳои тарбиявиву таълимии гузаштагони соҳибназари миллати тоҷик мебошад, эътибори хоса зоҳир менамоянд. Яъне, ин қонун заминаҳои таърихӣ ва илмӣ дошта, он натанҳо дар тарбияи шахсият балки дар пойдории давлат ва устувории ҷомеа нақши муассир дорад. Ба иборати дигар, дар меҳвари андешаи муттафакирони бузург чун И.Кант ва қонуни мазкур мафҳумҳои муқаддасе чун одаму одамгарӣ ва некӯкорӣ меистад, ки тавассути он ҳаёти босаодат метавонад таъмин гардад.

Дар мақолаи Саймумин Ятимов «Иммануил Кант ва ташаккули шахсият» мафҳумҳои дигаре монанди «тарбияи характер», «генетика ва тарбия» низ тафсири худро ёфтааст. Муҳимтарин хислатҳое, ки инсон аз назари муаллиф дар ҳамаи давру замонҳо дар мадди аввал қарор дошт ва нововбаста ба шароити зиндагӣ такмил додани он ҳатмист инҳоанд: доштани масъулият, нангу номус, ҳисобот додан дар назди виҷдони хеш, падару модар, наздикон ва ҷамъият, ба боварии онон сазовор гаштааст, муносиботи инсон бо наздикон, дӯстон, ҳамкорон, ҷомеа, ҷаҳонбинӣ, тарзи муносибат ба воқеъияти ҷомеа, самти афзалиятноки мавқеъгирии идеявӣ, эътиқодӣ ва асосноккунии он аз нигоҳи илм, муносибати инсон ба меҳнат, мушкилот, тавоноии паси сар кардани монеаҳо. Маҳз ин хусусиятҳо инсонро метавонад дар ҷомеа соҳиби мавқеъ, иззату эҳтиром намояд ва таввассути ин гуна ашхос ҷомеа низ ба сӯи саодату ободӣ майл мекунад. Дар мавриди генетика ё худ таъсири ирсият ба шахс низ дар мақола баҳси доманадоре дар заминаи андешаҳои муттафакирони шарқу ғарб сурат гирифтааст. Ҳарчанд гузаштагони мо дар мавриди таъсири ирсият мегуянд, ки "хун оқибат ҷониби хун кашад" вале ҳамоно нақши тарбияро сарфи назар накардаанд. Ва дар ин маврид нуқтаи назари И.Кант айни матлаб аст:

«Тарбия санъат аст... ҳар як насл метавонад зина ба зина ҳамон намуди тарбияро ба роҳ монад, ки тавассути кушодани имконоти табиии он, мутаносибан ва мақсаднок инсониятро ба таъйиноти худи инсон расонад».

Ҳамин тариқ дар мақола дар заминаи назарияи Иммануил Кант, асосгузори идеализми классикии немис, ки аз донишманлдони бузурги Ғарб маҳсуб мешавад, муаллиф дар бораи тарбия ва муҳимияти он дар ҷомеа ибрози назар кардааст. Матлабҳои дар мақола зикр ёфта бори дигар ҷомеаро ба масъалаи тарбия, ки ба андешаи аглаби муттафакирон бар таълим афзалият дорад, ҷалб менамояд. Зиндагии ободу осуда ва пурмазмун, ҷомеаи тинҷу осуда ва давлати пурқудрату обрӯманд аз тарбияи дурусти инсонҳо вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, ҳамсони мақолаи мазкур мавриди омӯзиш амиқ қарор додани назария ва андешаҳои донишмандону мутафаккирони ҷаҳон, аз ҷумла, кллассикони тоҷик оид ба тарбия ва тавзеҳу ташреҳи онҳо барои ҷомеа аз ҷониби муҳаққиқони муосир аз вазифаҳои муҳим маҳсуб мешавад. Таҳия ва таснифи китобҳо дар бораи тарбия ва моҳияти он, ки ҷанбаи қавии илмӣ, таърихӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта бошанд низ зарур буда, дар мактабҳо ба сифати нав, усулҳои тоза бо фарогирии маводҳои илмиву таърихӣ, бо истифода аз технологияи муосир ба роҳ мондани дарсҳои тарбиявӣ ҳатмист. Гузашта аз ин, баргузор намудани тренниг- семинарҳо барои волидайн ва ҷавонон бо барномаҳои махсуси таълимӣ оид ба роҳҳои тарбия, муносибат бо ҷомеа ва монанди инҳо метавонад дар ин самт муфид бошад. Метавон гуфт, ки мақолаи мазкур ҳушдорест барои ҷомеаи имрӯза то дар мавриди имрӯзу фардои худ андеша кунем, ба масъалаи тарбияти инсони муосир таваҷҷӯҳ намоем ва дар нерӯмандии давлати хеш саҳим бошем.

*Соли 2018*

# РОҲИ НАҶОТ ДАР ИТТИҲОД

Масъалаи ҷавонон ва тероризм, пешгирии шомилшавии онҳо ба ташкилотҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои экстримистӣ имрӯз аз масоили мубрами рӯз маҳсуб мешавад. Воқеаи мудҳише, ки дар ҷануби кишвар рух дод ва он ҳамчун акти терористӣ муаррифӣ гардид, маҳз аз ҷониби ашхоси раҳгумзада, ки синну солашон ниҳоят ҷавон аст, ба амал омад ва бе гуфтугӯ он суолеро дар майнаи инсонҳо эҷод кард, ки чаро ин ҷавонон ба ин кори ношоиста даст заданд? Бераҳмӣ, хашм, ифрот дар ниҳоди ин ҷавонон аз куҷо сар задааст ва оё онҳо зодаи ҳамин диёр ҳастанд? Дар ин мақола хостем ба масъалаи ҷавонон, дунёи ботинии онҳо, тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва сабабҳои гароиши баъзе аз онҳо ба ақидаҳои ифротгароӣ назар андӯзем ва баъзе ақидаҳои хешро баён созем.

Агар ҳадафи мо имрӯз расонидани таъсири мусбӣ ба ҷавонон аст, бояд баррасии вазъи тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо яке аз масъалаҳо меҳварии таҳқиқ бошад ва омӯзиш таҳлили ҷанбаи илмӣ хоса равонии ин масъала муҳим мебошад.

Мусаллам аст, ки ҷавонон наслеанд, нахуст маълумотҳои назарияввиро аз мактаб ва донишгоҳ аз бар мекунанд ва тавассути васоити электронӣ ва сайтҳои интернетӣ онро такмил мебахшанд. Яъне, онҳо аз ҷараёни ҳаёт бохабар ҳастанд ва ниҳоят як давраи ҳассосро дар дарку маърифати муҳит аз сар мегузаронанд.

Олимон муқаррар кардаанд, ки маҳз ҷавонони аз синни 16 то 25-сола як давраи лағжандаро аз сар мегузаронанд, ки рушди минбаъдаи онҳо аз таъсири муҳити атроф сахт вобастагӣ дорад. Ҳини мурочиат бо онҳо, барқарор кардани муносибат ва дар ин замина рӯи кор овардани муколамаву мубоҳисаҳо бояст баъзе хусусиятҳои калидии

мансуб ба хусусияти ҷавониро ба инобат гирифт. Аз ҷумла синну сол, ба гурӯҳи махсуси иҷтимоии ҷомеа мутталлиқ будани онҳо, ҳамзамон, ҳамчун нерӯи мустақили пешраванда эътироф шуданашон, муҳимтар аз ҳама, мансубияти онҳо ба гурӯҳи аз ҷиҳати ғоявӣ шакл нагирифтаи ҷомеа бояст дар мадди назар қарор бигирад. Дар баробари ин эътироф бояд кард, ки ҷавонон як қисми ҷомеае мебошанд, ки барои татбиқи мақсадҳои иҷтимоии худ кӯшиши беандоза менамояд.

Дар заминаи ин хусусиятҳо ҷавононро метавон аз назари сиёсӣ ва ҷаҳонбиниву фаъолияташон ба қисмҳои зерин ҷудо намуд:

1. Ҷавононе, ки ҳадафҳои иҷтимоии худро бо роҳу усулҳои муқарраӣ, ки дар доираи қонун амал мекунад, ҳаллу фасл менамоянд ва ба ҷомеа зарар надоранд, нисбати воқеаҳои атроф бетараф ҳастанд

2. Ҷавононе, ки афкору андешаҳои зидди ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ доранд ва дар табиаташон хусусияти хашмгиншавӣ ба мушоҳида мерасад. Онҳо мехоҳанд аз буда беш мақом дошта бошанд ва аз муҳит розӣ нестанд. Ин гуна ҷавонон дар зиндагӣ ва фаъолияташон ҳадафи муайян надоранд.

3. Ҷавононе, ки мутобиқи маҷрои ҷомеа ҳаракат мекунанд, масъалаҳои иҷтимоии худро дар пайвастагӣ бо вазъи ҷомеа ҳал месозанд, ба ҷомеа фоида меоранд ва нафъи ҷомеаро аз манфиатҳои шахсӣ боло мегузоранд ва мехоҳанд тавассути меҳнат ва дониш дар байни омма обрӯ ёбанд.

Инак, бармегардем ба сари масъалаи асосӣ: масъалаи аввал ин барои чи баъзе аз ҷавонон ба тарғибу ташвиқи экстримистӣ дода мешаванд? Аз ин гурӯҳбандии мо кадоме бештар майл ба афкори ифротӣ ва терористӣ пайдо мекунанд ва зуд тобеи афкори бегона мегарданд?

Ҳақиқат инҷост, ки дар замони муосир тероризм дар

ниқоби дин бештар ҷилва мекунад ва худро ҳомӣ, пайрав ё мӯътақиди ин ё он дин меҳисобад. Мафҳуми «терорист-мусулмон», «терорист-буддо», «терорист-христиан», «терорист-индуй», ки гӯё сарчашмаи он боварӣ ва эътиқод ба ин ё он дин аст, дар асри гузашта ва муосир шӯҳрат пайдо кард, ки дар аксари маврид онҳоро бо мафҳуми «Фанат» ё «Сетант» ёд мекунанд.

Аслан, терористон ин афроди фанат, ки ақидаи шахсии худро надоранд ва ба шахсе ё гурӯҳе ба хотири моддиёт ё таъсири равонӣ тобеъ шудаанд ва гоҳо худ намефаҳманд, ки ба чи амале даст мезананд. Ҳатто дар ағлаби маврид ҳини адои акти терористӣ худро қаҳрамони замон эҳсос мекунанд.

Тероризм моли як ду асри охир нест, балки дар ҳамаи замонҳо ин қувваҳои аҳриманӣ, бо номҳои мухталиф вуҷуд дошт ва бо роҳу воситаҳои гуногун ба ҳаёти одамон зарари худро мерасонид.

Ҳанӯз дар асри 12-и милодӣ ду роҳи омода кардани терористон мавҷуд буд:

Яке ба воситаи ҳашиш, яъне, маводи мухаддир, ки аз онҳо "фидоӣ" месохтанд ва мутаассифона имрӯз низ ин усул аз ҷониби ташкилотҳои бунёдии исломии терористӣ ба кор меравад. Аз ин рӯ, маводи мухаддир натанҳо ҳамчун нерӯи молиявӣ балки ҳамчун аслиҳа низ истифода мешавад.

Дигаре, ки онро дар замони муосир бештар истифода мебаранд ин бо роҳи таъсири равонӣ, яъне, психологӣ ё ҷалб ба ақоиди диниву мазҳабӣ бо назардошти афзалияти молӣ.

Инак, суоле пайдо мешавад, ки кадом омилҳое мавҷуд аст, ки баъзе аз ҷавонон фирефтаи доми аҳриманон мегарданд? Ба андешаи ин ҷониб:

1. Нофаҳмӣ дар оила, новобаста аз шароити зиндагӣ.

Ихтилофи ақида дар зиндагии рӯзмарраи ҷавонон.

2. Баъзе аз хислат ва хусусиятҳои манфии ҷавонон, аз қабили монанди дигарон набудан, аз дигарон фарқ кардан, барвақт соҳиби ном ва обрӯй гардидан, ҷалб кардани таваҷҷӯҳи дигарон ба худ ва монанди инҳо.

3. Таъсири усули ҳаёти мардуми хориҷи кишвар, ки тавассути сайтҳои интернетӣ ошно мегарданд.

4. Қарор гирифтан зери таъсир ва фишори афкори диниву мазҳабӣ.

5. Надоштани мақсади муайян дар зиндагӣ ва зери таъсири гурӯҳҳои ҷиноятӣ қарор гирифтан.

Маҳз маҷмӯи ҳамин омилҳо боис мешавад, ки ҷавонро ташкилотҳои террористӣ ба доми хеш кашанд. Гузашта аз ин, чунин ба назар мерасад, ки ҳар се қисми ҷавонон, ки дар боло таснифашон рафт, аз ин бало дар канор нестанд. Яъне, имрӯз усулҳои ҷалбкунии ҷавонон бо роҳҳои мухталиф рӯи кор меояд ва дигар намудани афкори дурусти онҳо низ кори осон шудааст.

Омӯзишҳо нишон медиҳад, ки аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ асосан ҷавонони 16-25-сола ҷалб мешаванд, ки ин чанд сабаб дорад:

1. Аксарияти ин гурӯҳи ҷавонон нерӯманд, пурқувват, вале аз назари ирода заиф, ки моил шудани онҳо ба идеяҳои ифротгароён осон аст.

2. Ҳадафи дурнамои ташкилотҳои террористӣ ин омода кардани кадрҳои ояндаи потенсиалӣ ба ҷои раҳбарони имрӯза аст. Ин масъала ниҳоят ҷиддӣ ва хафвнок мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф онҳо роҳҳои гуногуни ҷалб ва корбариро роҳандозӣ мекунанд.

Дар ин маврид бояд зикр кард, ки дар замони муосир яке аз роҳҳои таъсирбахшии ин нерӯҳои аҳриманӣ интернет, сайтҳои иҷтимоӣ мебошад. Воқеан, сайтҳои иҷтимоӣ осонтарин роҳи ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои экстримстӣ

мебошад. Роҳҳои гуногуни ҷалбкуниро истифода мебаранд ва гумон меравад, ки гурӯҳи калони намояндагони ин ташкилотҳо қувваи асосии худро дар самти тарғиб тавассути сайтҳои иҷтимоӣ сарф мекунанд. Интернет имрӯз дастгоҳи асосии фаъолияти террористон дар тамоми олам мебошад ва Тоҷикистон низ ҳамчун ҳадаф аз он берун нест. Сайтҳо бо ниқоби саҳифаҳои динӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ ҳатто адабиву фарҳангӣ дар тағйирбахшии афкори ҷомеа ва вайрон кардани он кӯшиш мекунанд.

Инак чи бояд кард, ки роҳи ин сели марговаррро гирифта тавонем ё ба иборати дигар, аз дасти мо барои наҷоти ҷавонони гумроҳшуда чи меояд?

Дуруст аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳадати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон яке аз роҳи асосии наҷотро дар ҳамкории ҷадид ва ҷиддии байналмилалӣ мебинанд. Бо дарназардошти натиҷаҳои ҳалокатбору қувваи харобиовари таҳдидҳои ғайримаъмулии ҷаҳони муосир, Сарвари давлат борҳо таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро дар баромадҳою суханрониҳои хеш аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, САҲА (ОБСЕ), СҲШ (ШОС), СААД (ОДКБ), Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ОИС ва ғайра ҷалб намуда, оид ба қабул намудани чораҳои муассиру саривақтии пешгирикунанда, роҳҳову шеваҳои аксуламали мубориза бар зидди таҳдидҳои ҷойдошта ва ҳалли оҷилонаи проблемаҳо ва ҷангҳои даҳшатбор дар манотиқи гуногуни ҷаҳон, махсусан дар Афғонистон, Сурия, Ливия, Ироқ ва Украина, таъкид намудаанд. Воқеан имрӯз бояд қонунҳое дар сатҳи ҷаҳонӣ рӯи кор оянд, ки меъёрҳои ягонаи мубориза бо терроризмро дар тамоми олам муайян намоянд. Танҳо муборизаи якҷоя метавонад дар ин самт ҳадафманд бошад. Ҷои таассуф аст, ки на ҳамаи кишварҳои олам нисбати ин масъала таваҷҷӯҳ доранд ва беаҳамиятии онҳо бои-

си сар задани фалокатҳои нав ба нав дар қаламрави олам мегардад.

Бо вуҷуди ин, дар қаламрави кишвар бояст корҳоеро ба анҷом расонид, ки он тавонад то ҳадде роҳи шомилшавии ҷавононро ба гурӯҳу ҳаракатҳои экстремистӣ гирифта тавонад. Инак чанд пешниҳоди мушаххас, ки амалӣ шудани он аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ашхоси алоҳида, ки ба тақдири ҷавонон бетараф нестанд, имконпазир аст:

1. Бештар ташкил намудани захираҳои интернетӣ бо мақсади аксуламал нишон додан ба ҳуҷумҳои иттилоотии ифротгароён. Аз ҷумла, таъсиси портал, сайтҳо блог, форумҳо ва ғайра.

Дар ин замина таъсис додани фазои ягонаи иттилотӣ бар зидди тероризм, ки дар он аз назари илмӣ шарҳу тавзеҳи ҳақиқати тероризм, ки ба ҷомеа зарароавар аст, инъикос ёбад.

2. Ҷалби ҷомеа дар мубориза бо тероризм ва экстремизм ва таҳлилу барасии пайваста дар байни ҷомеа оид ба ташкилотҳои ифротӣ. Фаъол намудани иштироки шаҳрвандон дар аксияҳои зиддитерористӣ. Аз ҷумла, баргузор намудани интернет-конфренсия бо мақсади барасии масъалаҳои марбут ба экстремизм ва тероризм.

3. Дар мактабу донишгоҳҳо пайваста тавассути филмҳои ҳуҷҷатӣ, маърӯзаҳои презентатсионӣ ташкил намудани дарс ва вохӯриҳо, ки дар натиҷа метавонад як фазои тафаккури зиддитероризм дар байни ҷавонон пайдо шавад.

4. Мураттаб сохтани барномаи махсуси машғулияти ҷавонон дар вақти холигии онҳо. Ин масъалаи ниҳоят муҳим буда, чорабиниҳо бояд берун аз қолабҳои анъанавӣ бо ғояҳои нави замонавӣ сурат гирад.

5. Таъсиси марказҳои илмӣ-таҳқиқӣ оид ба омӯзиши равандҳои ҷомеа, аз ҷумла, масоили зиддитероризм дар

муассисаҳои олии таълими кишвар. Ба тасвиб расонидани барномаи махсуси зиддитероризм дар заминаи омӯзиши вазъи ҷаҳон.

Дар шароити имрӯза амалӣ шудани ин пешниҳод то андозае дар беҳдошти вазъият нақш хоҳад бозид. Ҳамин тариқ, тероризм як машинаи марговарест, ки ба тамоми ҷаҳон хавфовар аст ва мутаасифона ҳадафи асосии он ҷавонон мебошанд. Аз ин рӯ, бетарафӣ нисбати ин масъала беэътиборӣ ба фардои ҷомеа мебошад. Ба қавле, терроризм забон, миллат, ватан синнусол, модар надорад. Аз ин рӯ, нисбати ин масъала бетараф будан ҷабр ба ҷони хеш аст.

*Соли 2018*

# ҚОНУНИ ТАНЗИМ ВА МАЪНАВИЯТИ МАРДУМ

Чанд сол муқаддам ба хонаи яке аз дӯстонам дар деҳаи дурдасти Панҷакент, деҳаи Ровадин меҳмон шудам. Бегоҳ дар ҳавлии эшон, ки падараш аз шахсиятҳои боэҳтиром ва боэътибори деҳаи Ровадин ҳисоб мешавад, 5-6 нафар ба қавле пирони рӯзгордида, мӯйсафедони деҳ сари дастархони пурнозу неъмати кӯҳистонӣ ҷамъ омада, аз зиндагии хеш, бурду бохти рӯзгор, муаммоҳои ҳаёташон нақл мекарданд. Дар ин гуна сӯҳбатҳо хоҳ нохоҳ муқоисаи усули зиндагии мардуми деҳ бо шаҳр, расму оинҳо, анъанаҳо, тӯю маъракаҳо ба миён меафтод. Ҳини гуфтугузор оқсаққолҳои деҳаи Ровадин гуфтанд:

-Раҳмат ба Ҷаноби олӣ, ки Қонун «Дар бораи танзими расму оинҳо»-ро имзо гузоштанд. Медонед, чӣ қадар маъракаҳову маросимҳои мо душвор буд. Масалан, дар рӯзи ҷаноза соҳиби мурда барои ҳар як нафари ташрифоварда аз 20-то 50-сомонӣ маблағ медод. Тасаввур кунед,

ки баҳои гӯру чӯби як мурда чӣ қадар аст. Аниқтараш, чӣ қадар масрафи беҳуда доштем.

- Бале, ҳақ ба ҷониби Шумо,- илова намуд, мӯйсафеди дигар одати «тӯқус» ҳам вазнин буд. Ман шахсан барои як тӯйи хатна аз 9 то 20 гӯсфанд сарф кардаам. Бузкашиҳои бемаънӣ дар тӯю маъракаҳо ғазотгари соҳибони маъракa буд. Хайрият қонуни танзими расму оинҳо баромаду ба ин баландиҳо каланде шуд.

Бале, ин чанд мисоле, ки дар он сӯҳбати пирони деҳаи Ровадин зикр шуд, донае аз хирвор аст. Чӣ қадар одату маросимҳои серхарҷу пурмасраф дар ҷойҳо мавҷуд буданд, ки маҳз тавассути қонуни мазкур ба танзим даромад, ё хушбахтона баъзеи онҳо аз байн рафтанд. Воқеан ағлаби маврид таассуб ба ёрон боиси сарфу харҷҳои зиёд ва муфлисӣ мегардад. Чунончӣ, агар як нафари сарватманд ё доро тӯи пурдабдабае барпо мекард, ки аз даъвати миқдори зиёди одамон, тӯҳфаҳои гаронқадр ба арӯсу домод, дастархони аз меъёр зиёд фаровон иборат буд, атрофиёнро бетараф намегузошт. Новобаста ба маблағи зарурӣ ҳамсояву ҳамкор, хеш ё дӯст бо шиори «ман аз ту кам нестам» ё талоши обрӯ он амалҳоро такрор мекард, ки дар натиҷа оиларо ба муфлисӣ мебурд ва он таъсири нохушоянде ба зиндагии минбаъдаи навхонадорон мегузошт. Муҳобот намешавад агар гӯем, ки ба ҷудоиҳои навҷавонон шаби тӯйи арӯсии онҳо ибтидо мегузоштем, ки бунёдаш сарфу хароҷоти нодаркору нолозим буд. Бале, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» давоми мавҷудияташ як андоза таассуби беҷоро аз байн бурд ва он мардумро аз хиҷолоти «чаро ман наметавонам монанди як доро тӯй ё маъракa кунам» наҷот дод. Тӯю маъракаҳо низ аз ҷанбаи моддӣ ба маънавӣ гароиданд. Падарам нақл мекарданд, ки солҳои 50-60-ум тӯйхона мавзеи маънавият буд. Одамон асосан ба-

рои шунидани сурудҳои ҳофизон меомаданд, аз ширинкориҳои санъаткорон ҳаловат мебурданд. Дар як тӯй 5-6 кат рост мекардем, дигар ҳаққу ҳамсояҳо, ҷавонону наврасон тамошобин буданд. Барои мардум муҳим ғизои маънавӣ буд, на моддӣ. Мутаасифона, пеш аз қонуни танзим замоне расида буд, ки тӯй воситаи шикампуркунӣ гардид. Тӯй, дастархони пурнеъмату алвон чанд навъ таом муҳимтарин меъёри маърака гардид. Ҳатто мардум дар тӯи ин ё он нафар ширкат варзида, намедонистанд, ки он маъракаи кист? Хонадоршавӣ ё хатнатӯӣ?

Инчунин, оддитарин маъракаҳо чун гаҳворатӯӣ, арӯсбинон, дидани духтар ва ғайра ба маъракаҳои калон табдил ёфт. «Омадан, нишастан, хӯрдан, рафтан» ин буд маъракагардии мо. Мабодо ё як навъи таом кам гардад, ё миқдори ширкаткунандагон дар тӯй бисёр набошад, ҳамдигарро айб мекардем: «Тӯйро тавонӣ кун-дия».

Қонуни танзим зимнан дар баробари мардум фоидаи моддӣ бахшиданаш дар ғановати маънавияти одамон саҳим гардид.

Дар Хуҷанд шахсони фозилу донишманд дар заминаи пиёда намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» андешаҳои ҷолибро дар сӯҳбатҳо баён мекунанд, ки дар заминаи он метавон бисёре аз расму анъанаи деринаи худро танзим ва суннатҳои арзандаи деринаро эҳё намуд. Дар партави ин Қонун ва андешаҳои аҳли фазл банда ҳам мехостам зикр кунам, ки бо шарофати Қонуни мазкур маъракаҳо хурд гардидааст. Дар ин гуна нишастҳо сухан ва суруду оҳанг бештар қадр пайдо кард. Акнун, хуб мебуд, дар тӯю маъракаҳои мо анъанаи дерина, ки аз сабқати шеъру суханварӣ ва ҳунарварӣ иборат аст, эҳё мешуд. Магар ба маъаракаҳои имрӯза ҷилои маънавӣ бахшидан душвор аст? Оқилону фозилони маҳаллаҳо, авлод кореро

ба анҷом расонанд, ки махсусан ҷавононро шоистаи ибрат бошад. Мардум аз шеъру сурудҳо лаззат бурданро биомӯзанд ва тӯйҳо дар зеҳни иштирокдорон солҳои сол нақш бубандад. Чаро мо дар тӯю маъракаҳо аз хидматҳои соҳиби маърака ба ҷамъият, авлодони ӯ, гузаштагонаш нақл накунем. Чаро мо дар тӯю маъракаҳо аз таърихи диёр, лаҳзаҳои хотирмон, ҳикматҳои бузурги гузаштагон нақл накунем. Ҳаҷву мутоибот, ҳозирҷавобиро, ки дар сиришти мардуми тоҷик зинда аст, чаро дар тӯйҳо ифода накунем? Ба андешаи банда тӯю маъракаҳо ҳам асарест, ки аввалу охир дорад ва танҳо китоби хуби хонданӣ муассир хоҳад буд.

Як ҷанбаи муассири Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» аз байни мардум ҳазф шудани гилаву гилагузорист. Имрӯз агар бо тақозои меъёри муқаррашуда ин ё он касро ба маъракаи хеш даъват накунед, чун панҷ сол муқаддам зери бороии гилаву ҷингила ва таъна намемонед. Қонун соҳибихтиёрии моро дар даъвати меҳмонон таъмин кард, ки боиси оромии руҳии инсонҳо гардид. Бале, имрӯз рӯзи шодии хешро инсон бо онҳое мебинад, ки воқеан аз наздикону қарибони ӯ бошад. Гузашта аз ин, қонуни мазкур ибороти «меҳмони туфайлӣ»-ро аз байн бурд. Имрӯз мардум бо табассуми надоматангез ба ёд меоранд, ки дар як субҳ як нафар то 5-6 маъракаи оши наҳорро «зиёрат» мекард, ки дар аксари он меҳмонони туфайлӣ буданд. Бале, он замон камтар фикр мекардем, ки «оё моро ба он маърака хабар кардаанд ё не?» Ташрифи меҳмонони туфайлӣ боиси ташвиши соҳиби маърака ва хароҷоти иловагӣ мегардид. Бале, имрӯз бояд дарк кард, ки зиндагии инсон аз тӯю маърака рафтан иборат нест. Арзишҳои дигаре мавҷуд ҳастанд, ки рисолати аслии инсонро муқаррар мекунанд: илмомӯзӣ, ҳунарварӣ, ободкориву бунёдкорӣ ва монанди инҳо.

Албатта, тӯю маърака як ҷузви зиндагии инсонҳост. Одамӣ фарзанддор мешавад, ӯро ба камол мерасонад, замоне ҳам мерасад, ки фарзандро хонадор кунад. Инсон орзу мекунад, ки рӯзи тӯи фарзандро бо дӯстону азизонаш қисмат кунад. Руҳи инсон ташнаи суханҳои нек аст, мехоҳад, то азизону дӯстонаш ӯро муборакбод кунанд, шодишарик шаванд. Дастархон меороянд то он хайроте бошад ҷиҳати шукргузории ӯ аз ин рӯзи нек. Аз ин нуқтаи назар, тӯй бештар ҷанбаи маънавӣ дорад, на моддӣ. Пас, ҳар як нафаре, ки ба ин ё он маърака меравад, бояд хешро шодишарики соҳиби тӯй бинад. Яъне, ғараз аз тӯйравӣ талаби дидор аст. В-арна ин нону намак дар ҳама ҷо бисёр аст. Қонуни мазкур дар давоми панҷ соли мавҷудияташ тафаккури моро оиди гузаронидани маъракаву маросим ба ҷониби мусбат тағйир дод. Дар партави ин қонун мо метавонем маъракаву маросими хурду ихчам ва пурмазмун рӯи кор орем. Зеро бо гузашти айём ба ёд овардан ва аз фитаи видео тамошо кардани маъракаҳои зиндагӣ гуворост. Танҳо сухан, лаҳзаҳои гуворои ҳамнишинӣ, оҳангҳои дилнишин, сӯҳбатҳои пурмазмун солҳои сол дар хотираҳо зинда мемонанд. Нозу неъмати серхарҷи дастархон, ки василаи вақтгузаронӣ чун худаш аз ёдҳо ҳам ба нестӣ хоҳад рафт.

*Соли 2018*

## МАНШАИ МАЪНАВИЯТ ВА ФАРҲАНГ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар баробари баланд бардоштани сатҳи зиндагонии сокинони мамлакат, ба ҷодаи маънавият ва фарҳанги воло раҳнамун

кардани мардуми кишварро дар назар доранд. Зеро дар меҳвари ин Қонун фарҳанг ва маърифати баланди худшиносӣ қарор дорад, ки дар фаҳмишу дарки дурусти масоили иҷтимоӣ нақши бориз дорад. Арҷгузорӣ ба арзишҳои маънавӣ низ яке аз аҳдофи ин Қонун буда, он дар усули баргузории маъракаҳо, муносибати мардум ба чорабиниҳои суннатӣ ва муосир инъикос меёбад.Ҷавҳари ин Қонунро адолат ташкил мекунад ва ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ:

*Нуктае хуш гуфтааст он дурбин,*
*Адл дорад мулкро қоим на дин*

Аслан, тӯю маърака, махсусан, тӯи арӯсии фарзанд воқеаи нотакрори таърихии оила ва авлод мебошад, ки то охири умри инсон дар хотири ӯ нақш мебандад. Махсусан, дар замони муосир, ки ҳар як воқеаву рӯйдод сабти видеоӣ мегардаду фардо фарзандону наберагон онро тамошо мекунанд, дар сурати пурмазмун будани маърака он боиси ифтихор хоҳад буд. Ба иборати дигар, баргузории маърака танҳо дар оростани дастархони пуранво хатм намешавад, балки ҷараёни он, ки аз сӯҳбату сурудҳои дилнишин бояд иборат бошад, ба он шукӯҳу шаҳомати хоса ато мекунад. Ин аст, ки эътибор додан ба мазмун ва мундариҷаи маърака ба фазилат ва маърифати баланди маъракаоро марбут мебошад. Вақте ба ҷараёни аксари тӯйҳои арӯсии сокинони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд назар мекунем, дар онҳо якнавохтиву якрангӣ ва монандиро мушоҳида менамоем. Суханони обшуставу такрори ровиёни маърака, сурудҳои шӯху мусиқиҳои замонавӣ ва рақсҳои бемазмуни ҷавонону ҷавондухтарон, мӯҳтавои ин гуна маъракаҳоро ташкил менамояд. Дар камтарин маъракаҳову тӯйҳои арӯсӣ сӯҳбатҳои судманди пирони рӯзгор, адибону олимон, гулбазмҳо бо ширкати ҷавонону ҷавондухтарон, намоши филмҳои кӯтоҳмуддат дар бораи таърихи оила, аз ҷумла зиндагии

бобову падар ва модаркалону модарро, ки ба тӯй маъниву мазмун эҳдо мекунад, мушоҳида менамоем. Ё худ, камтарин инсонҳо ба арӯсу домод ба ҷои ҳадяҳои пуливу молӣ китобҳои бузургони миллатамонро эҳдо менамоянд. Ҳол он, ки маҳз ҳамин падидаҳои фарҳангиву маърифатӣ ба тӯй файзу баракат, нуру сафо ва мазмуну мундариҷа эҳдо мекунад. Чунончи дар маъракаи яке аз олимони номвари кишвар падари арӯс ба навхонадорон се китобро ҳадя намуда, баробари орзуҳои нек, сабаби ин амалашро шарҳ дод, ки аҳли нишастро маъқул афтод: «Бо эҳдои китоби Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Чеҳраҳои мондагор» гуфтаниам, ки донистани таърихи Ватан ва фарзандони номвари он қарзи шаҳрвандии Шумост. Китоби “Насиҳатнома”-и Унсурмаолии Кайковус бошад Шуморо беҳтарин раҳнамо дар роҳи пуршебу фарози зиндагонист. “Девон”-и Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона бошад ба Шумо муҳаббат ато мекунад ва ба ҳаёт дилгарм медорад.”

Ба иборати дигар, тӯй танҳо аз рақсу бозӣ иборат нест, балки он як саҳифаи рангинтарин, хонотарин ва пурмазмунтарини китоби зиндагӣ бояд бошад, ки барои ояндагони авлод мерос хоҳад монд. Нашавад, то фардои начандон дур фарзандону наберагон ва аберагони мо, ки бешак аз мо донотару фозилтар хоҳанд буд, ба бесаводиву каммаърифатии мо тамасхур кунанд. Аз ин рӯ, дар барпо намудани тӯй машварату маслиҳати инсонҳои оқилу рӯзгордида, ашхоси соҳибназару соҳибистеъдод ва соҳибзавқ муҳим мебошад, то маърака хотирмон, пурмазмун аз рӯи сенарияи махсус дар сатҳи баланд баргузор гардад. Ба як маънӣ, дар баргузории тӯй на ба моддиёт балки ба маънавиёт бештар арҷ гузоштан моро ба ҳадаф наздик хоҳад кард.

Амалӣ шудани қонун дар таҳавулоти маънавӣ ва

тағйирёбии равонии мардум муассир аст. Инсони муосир минбаъд обрӯву эътибори шоистаро дар ҷомеа аз баргузории тӯю маъракаи пурдабдаба ва дастархони пурнозу неъмат нахоҳад ҷуст. Минбаъд ӯ андеша менамояд, ки сарфаву хароҷоти беҳуда барои обрӯву номи дурӯғин арзиш нахоҳад дошт ва мақому манзалати инсонро илму ҳунар, истеъдод, маърифат ва аъмоли нек муқаррар хоҳад кард. Гузашта аз ин, инсони соҳибназар хушбахтии фарзандонро, на дар маъракаҳои силсилавии пурдабдаба балки дар интихоби дурусти ҳамсар барои фарзанд, ҳам аз назари саломатии ҷисму руҳ ва ҳам аз назари ахлоқ хоҳад ҷуст. Махсусан эътибор додан ба муоинаи ҳамаҷонибаи духтур, эҳтироз намудан аз никоҳи хешутаборӣ, омода намудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона аз масоили муҳими ҳалталаб маҳсуб мешаванд, ки дар сурати иштибоҳ варзидан дар ин ҷода тӯю маъракаи пурдабдаба ба доди ӯ нахоҳад расид.

Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар баробари рисолати як дастури пурмӯҳтаво оид ба гузаронидани маъракаву чорабиниҳои оилавиро адо кардан барои мардуми оддӣ ва миёнаҳол раҳнамо ва ҳомии тавоноест аз таънаву маломати баъзе аз афроди ҳангоматалабу забондароз. Зеро иҷрои Қонун барои ҳар як сокини кишвар фарз аст ва саркашӣ ё итоат накардан ба он шаҳрвандро ба ҷавобгарӣ мекашад. Пас, таънагар медонад, ки соҳиби маърака аз рӯи қонун амал менамояд ва худи ӯ низ бояд бар он итоат намояд. Ба иборати дигар, ин қонун ҷомеаро аз таассубу қиёси беақлона раҳо бахшида истодааст. Воқеан чунончи дар боло зикр шуд, ҳангоми хонадоркунии фарзандон волидайн саргарми тӯю дастархони пуробуранг муҳимтарин масъалаҳои марбут ба фардои ҷавононро сарфи назар менамоянд. Чунончи дар яке аз ноҳияҳои вилояти Суғд ду оила мехо-

ҳанд пайванди хешу таборӣ барқарор намоянд. Дар асоси хостгорӣ ва ошноии арӯсу домод тасмим мегиранд тӯй барпо шавад. Қабл аз акди никоҳу гузаштан аз муоинаи табибон сарфи назар аз танзим маъракаи "Тӯйбарон" баргузор менамоянд ва эълом медоранд, ки фалон рӯз тӯй баргузор мешавад. Бо амри тақдир ҳини аз муоина гузаштани арӯсу домод муаййан мешавад, ки ҷавон гирифтори бемории сирояткунанда асту бо ӯ хонадор шудан хатар дорад. Орзуҳо ва нақшаҳои тӯй дар як он ба чи табдил ёфт? Магар муоинаи табибон ва огоҳ шудан аз саломатии ҳамсафари якумрии фарзанд аз тӯйбарону маъракаҳои зиёдатӣ муқаддамтар нест? Ё як нафар зан, ки инак шашум фарзандашро ҷиҳати беморӣ аз даст медиҳад волидайнашро айбдор мекунад, ки ба хотири ба дӯстдоштааш надодан замоне ӯро бо писари холааш хонадор карданду инак бори шашум доғи фарзанд мебинаду давоми 30 соли ҳамхонагӣ як рӯзи шодиро надидааст. Магар пеш аз тӯй соате аз фардои фарзандон андеша кардан, маслиҳати оқилонро гирифтан муқаддамтар аз ғами дастархони зебо ва даъват кардани сарояндаи номдор нест? Аз ин рӯ Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" моро водор менамояд, ки аз ҷаҳони танги фаҳмиши арзишои зиндагӣ фаротар равем ва ба маънии хушбахтии воқеӣ бирасем. Имрӯз тадриҷан ҷомеа дарк менамояд, ки тӯй ва маърака воситаи гирифтани обрӯву эътибори оилаву авлод набуда, балки оғози як марҳалаи муҳими зиндагист, ки дар дунболи он зиндагии тӯлонии ду нафар меистад, ки хушбахтии онҳо муҳимтар ва муқаддамттар аз ҳар чизи дигар аст. Ва ин аст, ки яке аз муҳимтарин рисолати Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"раҳнамун сохтани мардум ба ҷодаи маърифати ҳақиқати зиндагист.

*Соли2016*

# НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД – РУКНИ ТАРБИЯТИ АХЛОҚИ ҶОМЕА

## Дар партави Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

Тарбияи дурусти наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатии мамлакат маҳсуб меёбад. Дар ин ҷода қабули ҳуҷҷату санадҳои муҳим аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 1994), «Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон» (соли 1995), «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии олии касбии (мактаби олӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1996), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1996), Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) самараҳои нек дар беҳдошти тарбияи наврасону ҷавонон гардид. Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон ба таълиму тарбия ҳамчун ба маҳсули хираду дониш ва маърифати инсон эътибор дода, дар баробари ҷанбаи амалӣ доштани ин санаду ҳуҷҷатҳо, ки меҳвари онро росту дуруст тарбия намудани насли муосир ташкил мекунад, ба арзиши таърихии он, ки ин эҳёи анъанаҳои тарбиявиву таълимии гузаштагони соҳибназари миллати тоҷик мебошад, эътибори хоса зоҳир менамоянд.

Мусаллам аст, ки дар гузашта мардуми тоҷик таълиму тарбияро ҳамчун ҷавҳари фарҳанги баланди инсонӣ ва муносибат медонист ва осори гаронбаҳои суханварони классикии мо аз устод Рӯдакӣ сар карда, то устод Садриддин Айнӣ лабрез аз ҳикмату панд аст, ки одамиро ба роҳи рост, ҳақиқатбинӣ ва ҳақиқаткорӣ раҳнамоӣ мекунад. Метавон даҳҳо пандномаву андарзномаҳо, осори манзуму мансури

ахлоқиро номбар намуд, ки дар тӯли асрҳо дар тарбияи инсоният нақши бориз мегузорад ва омӯзиши ин гуна осор имкон фароҳам меорад, ки санаду ҳуҷҷатҳои давлатии дар боло зикр шуда ба нудрат ва бо сифат амалӣ гардад.

Дар радифи силсилаи андарзномаҳову пандномаҳои форсӣ-тоҷикӣ осори ахлоқии Рӯдакиву Фирдавсӣ, Низомиву Носири Хисрав, Саъдии Шерозиву Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, мероси адабии Абдураҳмон Ҷомӣ ҳамчун асори ахлоқиву тарбиявӣ дорои арзиши баланд мебошад. Муҳимтарин хусусияти тарбиявии нигоштаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун ифодакунандаи суннати деринаи мардуми тоҷик, насиҳат кардан ба фарзанд мебошад. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба масовои насиҳат ё насиҳатнома ба унвони писари ягонааш Зиёуддин Юсуф қариб дар аксари асарҳояш панду андарз гуфтааст.

Аз ҷумла, дар асарҳояш монанди «Тӯҳфат-ул-аҳрор», «Сабҳат-ул аброр», «Юсуфу Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хирадномаи Искандарӣ» фаслҳои алоҳидаро ба насиҳату панди нури чашмаш бахшидааст. Чунончи дар достони «Хирадномаи Искандарӣ» меоварад:

*Биё эй ҷигаргӯша фарзанди ман*
*Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман*
*Садафвор биншин гаҳе лабхамӯш*
*Чу гавҳар фишонам ба ман дор гӯш*
*Шунав панду дониш ба он ёр кун,*
*Чу донистӣ он гоҳ ба он кор кун*

Абдураҳмони Ҷомӣ дар сиюпанҷ байт пандномаи худ дар ин боби достон ба масъалаҳое даст мезанад, ки донистани онҳо барои такмили ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи фарзандаш муҳим аст. Дастурҳои шоир ба фарзанди азизаш ин роҳнамои падар ба фарзанд аст, ки ӯро бо рисолати инсонӣ ва вазифаҳои дар дӯш доштааш ошно мекунад. Худдорӣ аз тамаъ, эҳтироми пирон, побанди зару сим набудан ва

монанди ин меҳвари панди шоирро ташкил мекунад. Бо овардани ин панду андарз шоир ишора бар он дорад, ки достони “Хирадномаи Искандарӣ”-ро ба чашми ибрат мутолиа намояд.

Дар достони “Силсилат-уз-заҳаб” бошад панди шоир аз забони қаҳрамони достон Маъмун ба унвони фарзандаш баён мешавад:

*Зевари шоҳ васфи шоҳӣ бас,*
*Гӯ мадеҳ дил ба зару зевари кас*
*Ба писар гуфт як шабе Маъмун*
*К-эй дар иқболу бахт рӯзафзун*
*Чун расад навбати хилофати ту*
*Ҳирси дунё мабод офати ту*
*Сермушкил шавад аз он зару сим*
*Ки кашад гаҳ зи бева гаҳ зи ятим*

Дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” Абдураҳмони Ҷомӣ боберо таҳти унвони “Дар насиҳати фарзанди арҷманд Зиёуддин Юсуф” қабл аз хотимаи китоб меорад, ки басо ҷолиб аст:

*Эй тозаназар ба лавҳи кавнайн*
*Чун мардуми дида қудрат-ул-айн*
*Соли ту агарчи ҳафту ҳашт аст*
*Дилро ба ҳавот бозгашт аст....*
*Ҳуш дор, ки бошад андар ин роҳ,*
*Аз ҳашмату ҷоҳ канда сад чоҳ*
*Аз кӯрдилӣ зи раҳ наяфтӣ,*
*Чун кӯрдилон ба чаҳ наяфтӣ...*
*Дар табъи ту гар қабули панд аст,*
*Ин панд, ки гуфта шуд басандаст*

Дар поёни достони “Юсуфу Зулайхо”фасле омадааст таҳти унвони “Дар панд додан ва банд ниҳодани фарзанди арҷманд...”, ки ниҳоят ҷолиб аст ва суханвар андешаҳои ахлоқиву тарбияви хешро баён кардааст. Дар оғоз Ҷомӣ

сababi насиҳат гуфтанашро иброз мекунад, ки он ба хотири дар амал татбиқ намудани фарзандаш мебошад:

*Таваллокуллаҳ эй фарзона фарзанд,*
*Нигаҳдори ту бод аз бад худованд.*
*Зи ҳар пандат диҳад он баҳраманди̅,*
*Ки вақти ҳоҷат онро кор банди̅*

Дар идома Ҷоми̅ аз он ҳикоят мекунад, ки умри ӯ аз ҳафтод гузаштаасту аз зиндагии ба сар бурдааш рози̅ нест ва аз назари шоир онро бар ҳадар гузаронидааст ва дигар имкониислоҳ надорад. Аз ин рӯ, фарзандро талқин медиҳад, ки ба қадри вақту соати умр бирасад:

*Маро ҳафтод шуд соли туро ҳафт,*
*Туро меояд иқболу маро рафт*
*Парешонам зи умри рафтаи хеш,*
*Малул аз солу моҳу ҳафтаи хеш*
*Зи ман киште, ки кор ояд наёяд,*
*Гуле афзун зи хор ояд, наёяд*
*Чи суд акнун ки кор аз даст рафтаст,*
*Зимоми ихтиёр аз даст рафтаст*
*Ту ҷаҳде кун, ки дар каф моя дори̅*
*Ба фарқ аз чатри давлат соя дори̅*

Баъдан суханвар дар бораи ба чи сарф кардани соату вақти умр сухан мекунад. Ӯ фарзандашро ба омӯзиши илму дониш талқин менамояд ва инсони доноро ба зиндаву нодонро ба мурда баробар медонад:

*Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,*
*Зи ҷаҳлободи нодони̅ бадар шав*
*Бувад маълуми ҳар озод банда,*
*Ки нодон мурдаву доност зинда*

Интихоби касбу кор ва илмро низ Ҷоми̅ муҳим мешуморад ва пешниҳод мекунад, ки илмро бо амал пайванд бояд кард, вагарна аз он суде нест:

*Наёбад ҳеҷ кас умри дубора,*
*Ба илме рав к-аз онат нест чора*

*Чу касби илм кардӣ дар амал кӯш*
*Ки илми беамал заҳрест бенӯш*
*Чи ҳосил з-он ки дорӣ кимиёро*
*Миси худро накарда зарри соро*

Ихлосу муҳаббат ба касбу кор низ аз назари Ҷомӣ муҳим аст. Зеро бе меҳри касб инсон наметавонад ба ҳадафи аслии худ расад ва ин гуна амал дилхоҳ ва пухта нест:

*Зи тавфиқи амал кун хилъати хос,*
*Расад онро мутарраз кун ба ихлос*
*Амал к-аз маънии ихлос орист*
*Ба завқи пухтакорон хомкорист*

Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин насиҳатнома ба мавзӯот гуногун даст задааст ва ба фарзанди азизаш матлабҳои муҳими ҳаётиро баён кардааст. Аз ҷумла, дар бораи дӯст, дӯстӣ ва интихоби дӯст мегӯяд:

*Барои дӯстон ҷонро фидо кун,*
*Валекин дӯст аз душман ҷудо кун*
*Ки бошад дӯст он ёри худоӣ*
*Дилаш равшан ба нури ошноӣ*
*Кашад бори ту чун бошӣ гаронбор*
*Кунад кори ту чун гардӣ зиёнкор*

Насиҳатномаи мазкур, ки аз 100 байт иборат аст, маҷмӯи андешаҳои ахлоқии Ҷомист, ки омӯзиши он дар тарбияи насли имрӯз судманд аст

Аз байни осори Абдураҳмони Ҷомӣ аз назари арзиши тарбиявӣ “Баҳористон” мақоми хоса дорад. “Баҳористон”, ки аз муқаддимаву ҳашт боб ё худ равза иборат аст, дар айёми пирии шоир, дар як муддати на чандон тӯлонӣ эҷод гардид ва як андоза метавон онро асари ҷамъбасткунандаи афкору ақидаҳои суханвар номид. Ба иборати дигар шоир дар поёни зиндагӣ боз ба масъалаи тарбия ва таълим, ахлоқ ва одоб, ки муҳимтарин дороиҳои инсоният буда, мақоми ӯро маҳз бо меъёри дороии ин сифатҳо муайян

кардан мумкин аст, бармегардад. Яъне, тарбияти инсони комил меҳвари эҷодиёти суханварро ташкил медиҳад.

“Баҳористон” ҳамчун асари бадеӣ арзиши баландӣ илмиро дорост ва аз назари фарогирии мавзӯот доманаи фарох дорад. Кулли мавзӯот, аз қабили рӯзгори шайхону орифон, шоирону адибон, ҳикоёти тамсилӣ, ки қаҳрамононашон ҳайвонот аст, ҳамагӣ ҷанбаи ахлоқӣ дошта, хонандаро панди зиндагӣ медиҳад. Абдураҳмони Ҷомӣ бо ин асари худ баъди “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ нигориш ин навъи насрро густариш бахшид ва хазинаи осори ахлоқии адабиёти форсу тоҷикро ғанӣ сохт.

Абдураҳмони Ҷомӣ зимни овардани ҳикоят ба масовои хулоса ва бардошт панд ё андарзеро баён мекунад, ки аксар таъсирпазир аст. Махсусан, аз назари суханвар ҷавонмардӣ муҳимтарин хислати инсонист, ки омӯхтани онро муҳим мешуморад:

*Ҷавонмардо, чавонмардӣ биёмӯз,*
*Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз!*
*Дарун аз кини кинҷӯён нигаҳ дор,*
*Забон аз таъни бадгӯён нигаҳ дор.*
*Накӯйӣ кун ба он, к-ӯ бо ту бад қард,*
*К-аз он бад рахна дар иқболи х(в)ад кард:*
*Чу ойини накӯкорӣ кунӣ соз,*
*Нагардад ҷуз ба ту он некӯйӣ боз.*

Аз мисолҳои мазкур метавон ба хулосае расид, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамешагӣ дар мавриди таълиму тарбияи фарзанд ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани ҷигарбандаш фикр мекард ва истифода аз имконияти эҷодӣ ба мавзӯи мазкур руҷӯъ менамуд. Махсусан, писари азизашро ҳушдор медод то аз дурӯғу фиреб, кизбу фитна, бухлу ҳасад, худхоҳиву ғурур ва худнамоиву худписандӣ, мардумозориву тамаллуқу чоплусӣ ва дигар хислатҳои номатлуби инсонӣ барканор бошад. Бар муқобили ин пайвас-

та талқин менамуд, ки илму дониш андӯзад, мардумдӯст бошад, афтодагонро дастгирӣ намояд, хайру саховатро пешаи худ шуморад. Ҳаминтариқ аз омӯзиши осори Абдураҳмони Ҷомӣ метавон ба хулосаҳои зерин расид:

1. Навиштани "Насиҳатнома" ба фарзанд анъанаи деринаи мардуми тоҷик буда, он ҳамчун як рукни тарбияи ахлоқии ҷомеа пазируфта мешавад ва насиҳатномаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ беҳтарин намунаи классикии ин навъи пандгӯист.

2. Омӯзиши осори классикони форсу тоҷик, аз ҷумла, Абдураҳмони Ҷомӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон аҳамияти зиёд дошта, дар зиндагӣ амалӣ намудани он инсонро ба ҳадафҳои олӣ ва зиндагии шоиста раҳнамун месозад.

3. Дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ масъалаи тарбияти фарзанд ва ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамун кардан дар меҳвари таваҷҷӯҳи шоир меистад. Новобаста аз мавзӯву мӯҳтаво ва жанри адабӣ дар ҳар як асари худ руҷӯъ кардани шоир ба масъалаи мазкур андешаи моро тақвият мебахшад.

4. Назарияи ахлоқиву тарбиявии Абдураҳмони Ҷомӣ заминаҳои қавии таърихӣ ва таҷрибавӣ дошта, онро аз назари илми педагогика ва психология мавриди омӯзиш қарор додан дар тавсии назарияи илмҳои мазкур судманд хоҳад буд.

5. Истифода аз маводҳои осори Ҷомӣ дар сифатнок амалӣ намудани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» арзишманд буда, ба рисолати ин санадҳои муҳим тақвият мебахшад.

*Соли 2016*

# ОСОРХОНА ВА ТАЪРИХИ КИШВАР

Таърихи шаҳри Хуҷандро дар баробари аз кутуби таърихиву адабӣ ҷустуҷӯ кардан метавон аз Осорхонаи таърихии вилояти Суғд дарёб кард. Осорхонаи таърихии вилояти Суғд маконест, ки барои ҳар як сокини кишвар аз мавҷудияти деринаи миллат дарак медиҳад, саҳифаҳои корномаҳои халқу миллатро боз мекунад ва ошноӣ бо он дар худшиносии миллии инсонҳо муассир мебошад. Дар оинаи таърихи осорхона нигораву гузоштаҳо чун баёнгари воқеаву рӯйдодҳои чандинҳазорсолаи гузаштагони бонангу номуси мо инъикос ёфтааст, ки ҳар яке дарси ибрати бузург барои имрӯзиёну фардоиён аст. Дуруст гуфтаанд, ки гузаштаро надониста роҳи фардои зиндагиро дарёб кардан мумкин нест. Ба қавли Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: «Аз сабақҳои таърих панд гирифтани имрӯзиён барои ояндаи миллат, ки ваҳдату ягонагӣ, созандагиву ободкорӣ ва пояндагиву ҷовидонӣ ҳадафи аслии ӯст, арзиши баланд дорад».

Аз ин чашмандоз бинои Осорхонаи таърихии вилояти Суғд, ки даҳ сол муқаддам дар пероям нав дари худро боз намуд, бо ҳифзи дороиҳои пурарзиши таърихӣ дар пойдорӣ, сарбаландиву сарфарозии миллати куҳанбунёди мо дар байни қавму миллатҳои дигар нақши боризеро адо мекунад. Симои меъмории имрӯзаи Осорхонаи таърихии вилояти Суғд, ки таҷассумгари нақши қадиму муосир аст, бо дороиҳои ба маърази тамошо ниҳодааш, усули намоиш, рамзу нигоштаҳои зарифи таърихиаш дирӯзи моро бо имрӯз мепайвандад. Шояд камтар осорхонае бо ин шакли меъморӣ ки тамошобинро ба худ ҷалб мекунад, дар қаламрави Осиёи Марказӣ мавҷуд бошад. Дар ин маврид месазад аз ҳунару эъҷози созандагони осорхона, ки ҷоли-

бу беназир аст, ёдрас шавем. Чун ба осорхона ворид мешавед ва ба бахши аввали он назар мекунед дар пештоқи намоишгоҳ чашми шумо ба санъати ҳунарие бармехӯрад, ки номи онро мутахассисон барелйеф мегӯянд. Тавассути ин санъат таърихи тоҷикон аз оғоз то имрӯз бо нақшу нигори хос кандакорӣ шудааст. Муаллифон бо забони нақшу нигори хоса таърихро бо муҳимтарин ҳодисаву воқеаҳояш дар он инъикос кардаанд. Ё худ зери шишаҳо гузоштани ёдгориҳои таърихи аҳди қадим (бозёфтҳои археологӣ), ки болои он ташрифкунанда қадам мезанад, низ аз дастовардҳои муосири усули намоиш дар музейҳои ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Ҳамчунин, мавҷудияти намунаи манзили миллӣ, ки хонаи қадимаи тоҷикиро аз як маҳаллаи қадимаи шаҳри Хуҷанд, ки устоҳои чирадаст, усто Фозил ва усто Солеҳ бо назокат ва мехбандии хоса интиқол кардаанд, ё кошикории сангӣ, ки аз сангҳои рангини кӯҳҳои Суғду Бадахшон шудааст, ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошад. Глобус ё худ курраи арзи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз бошад дар даромадгоҳи осорхона шукӯҳу шаҳомати ин макони таърихиро дучанд афзудааст.

Ин гуна падидаҳои нодир, ки ҷолиби диққат аст, дар осорхонаи вилоятӣ фаровон ба назар мерасад. Яъне ҳар касе, ки ба Осорхонаи таърихии вилоятӣ ворид мегардад, ба дунёи куҳан бо чашмандози муосир назар мекунад ва барои дарку маърифати нигоштаву гузоштаҳо ба ҷуз роҳнамоии роҳбаладиосорхона ӯро хирад, рамзкушоиву маъниёбӣ муҳим мебошад. Ба қавле, агар ба дидаи хирад назар намоем, бемуҳобо зи ҳар як акс ё гузоштаву нигораи таърихӣ рамзе метавон дарёбем.

Замоне, ки бинои нави Осорхонаи таърихии вилоятӣ бунёд мешуд, банда дар вазифаи директори барномаҳои телевизиони вилоятии Суғд фаъолият доштам. Раҳбари вақти вилоят Қосим Раҳбар пайваста аз рафти бунёди му-

зей боздид ба амал меоварданд ва дар арафаи анҷомёбии корҳо дар бунёди осорхона ҳар ҳафта рӯзи душанбе машварати корӣ бо масъулону муттахассисон доир мешуд ва мо кормандони телевизион онро ба навор мегирифтем. Сабти мо ба хотири пахш дар телевизион набуд, балки ба хотири сабт дар таърих сурат мегирифт, зеро ҳар дафъа дар ин машваратҳо шахсиятҳои барӯманд, олимону муаррихон, донишмандон ва адибон ширкат меварзиданд ва нуқтаҳои ҷолибе оиди бунёди он ироа мешуд. Ҳаргиз фаромӯш карда наметавонам баҳсҳоро, филмасал перомуни гузоштани ҳайкали қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик дар музей ва диораммаи муҳорибаи ӯ, масъалаи интихоби ранг дар кошикории толори Искандари Мақдунӣ, ки онро "нақшу нигори флорентии санг" низ мегуфтанд, интихоби ёдгориҳои археологӣ барои намоиш, таҳрир ва тасҳеҳи матнҳои дар деворҳои осорхона насб мешуда ва монанди инҳо. Аксари ин машваратҳо ҷанбаи илмӣ ба худ касб мекард ва масоили сохтмону сифати кори бинокорон дар поёнтари ҷаласа мавриди муҳокима қарор мегирифт. Аз масъулини ҳукумат аз кашидани лоиҳаи осорхона то ҷузъитарин масъалаҳои иҷроиши кор сармеъмори вилоят Музаффар Юнусов, муовини ӯ Аюбҷон Раҳматов бори заҳмат дар дӯш доштанд. Ҳамчунин саррасом шодравон Акбар Маҳмудов низ серкору сертараддуд буду масъулияти бештареро ба зимма гирифта буд. Рассоми маъруф Раҳмат Ботуралиев, ки маҳз барои бунёди толори эллинистии осорхона бо ҳунари кошикорӣ - нақшу нигори сангии флорентӣ таҳти унвони «Искандари Мақдунӣ» сазовори Ҷоизаи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ гардид, бо шогирдони худ эъҷозкорӣ мекард ва мӯъҷизаи санъати бемисли онҳо имрӯз осорхонаро зинат мебахшад. Ҳикмати ангораҳои ҳамин толор ба инсон таъсири бузурге мерасонад, ки хулосаи он дар абёти дар девори осорхона насбёфта баён ёфтааст, ки

дар поёнтар онро зикр мекунем.

Дар осорхона ду толори таърихӣ мавҷуд аст, ки яке давраи сангӣ ва дигаре давраи фулузиро инъикос мекунад, ки он маҳсули заҳмати рассом Комил Ёдгоров ва шогирдони ӯ мебошад. Нақши дасти ин ҳунарманди беҳамто имрӯз бо ҳамон сифати баланд ва нотакрор барои имрӯзиён бо забони аёният ҳикоят аз оғози мавҷудияти инсоният менамояд. Рассоми хушсалиқа Даврон Раҳматов ду вазифаи бузургро дар осорхона ба анҷом расонидааст: яке сохтани ҳайкали Темурмалики Хуҷандӣ ва дигаре нигориши барелйев, ки дар боло зикраш рафт. Диарамаи муҳорибаи Темурмалик, ки дар паси ҳайкали қаҳрамони халқи тоҷик барқарор аст, маҳсули заҳмати рассом Абдураҳим Ҷабборов аст.

Толори Ҳахоманишиниҳо, ки бо сарварӣ ва заҳмати рассоми моҳир муаллифи акси Хоҷа Камоли Хуҷандӣ - Ғафурҷон Ҷӯраев бунёд гардидааст, бо асноди илмӣ асоснок гардида бо завқи баланд эҷод гардидааст. Боиси зикр аст, ки Ҳахоманиш пешвои иттиҳоди қабилаҳои форс буд ва сулолаи шоҳони давлати Ҳахоманишиён солҳои 558-330 то милодӣ ҳукм рондааст.Вориси ин авлод Куруши Кабир буд, ки имрӯз бо ифтихор аз ӯ ном мебарем. Пайкараҳои шоҳони он даврон,ки маҳсули дасти рассоми тоҷик аст моро бо гузуштаҳои дур ошно месозад. Баҳсҳое, ки сарвари вилоят Қосим Раҳбар бо Ғафурҷон Ҷӯраев баргузор мекарданд ниҳоят тезу тунд, вале судманд анҷом мепазируфт. Дар машварат баҳсҳои илмӣ оид ба бунёд ва намуди бино, толорҳо, усули намоиши нигораҳо донишмандони фозилу фарҳехтаи кишвар Назирҷон Турсунов, Абдулло Мирбобоев, Саидҷон Марофиев, Абдуманнон Насриддинов, Шарифҷон Ахмедов, Муҳиддин Файзуллоев, Ҳабибуллоҳ Тоатов, Усмонҷон Ғаффоров, Абдуҷалил Бобокалонов, кормандони осорхона Аҳрорхӯҷа Бузуруков,

Файзуллохӯҷа Додохӯҷаев, Кимиё Атоева ширкат варзида, ҳар яке фикру андешаҳои худро дар перомуни ин ё он масъала баён мекарданд. Аз байни олимон муаррихи шодравон Саидҷон Марофиев фаъол буданд ва фикру дархости хешро бо асноди таърихӣ собит мекарданд. Одатан раиси вилоят савол медоданду муттахассисон ҷавоб. Махсусан ба пурсишҳо сармеъмор Музаффар Юнусов ва рассоми шодравон Акбар Маҳмудов ҷавоб медоданд. Вақте аз навор баъди 10 сол он баҳсҳоро тамошо мекунам, мушоҳида менамоям, ки то кадом андоза ҷузъ ба ҷузъ масъалаҳо матраҳ шудаанд. Аз равзанаи начандон дури таърихӣ вақте ба воқеаҳои он рӯзҳо назар менамоем ҳадафҳои муассисони Осорхонаи нав равшантар ба назар мехӯрад:

1. Мақсади асосии роҳбарияти он рӯзаи вилоят ва дастандаркорони ин кори таърихӣ қабл аз ҳама таҳриф накардани таърих буда, дуруст бо назардошти ҳақиқати таърихӣ ва манфиатҳои миллӣ инъикос кардани саргузашти миллат маҳсуб меёфт.Чунин ба назар мерасад, ки ин мақсад ичро гардид ва осорхона имрӯз инъикосгари ростини таърихи кишвар мебошад

2.Дигар аз ҳадафҳо барои одамон барандагони мероси даҳҳоҳазорсолаи таърих дода тавонистани сабақи ибратбахши таърихӣ маҳсуб меёфт. Яъне осорхона мебоист рисолатеро ада намояд, ки назари бинанда ба зиндагӣ, ба таърих, ба миллат бо назардошти эҳсоси баланди худшиносӣ бо тамошои он ба сӯи беҳӣ тағйир ёбад.Яъне музей баробари баланд бардоштани донишу маънавият, ҳамзамон бояд нақши боризе дар маърифат, муқоиса,баҳогузорӣ ба таърих ва бо назардошти он амал карданро гузорад.

3. Сохтани осорхонаи ҷавобгӯи талаботи замон. Дар ин замина бо истифода аз таҷрибаҳои беҳтарини музейҳои кишваршиносии дунё, бунёди намудани осорхонае буд, ки сабку услуби замонавиро инъикос намояд. Дар ин самт бо

дастгирии ҳукумати вақт борҳо аз осорхонаҳои хориҷи кишвар боздид ба амал бароварда шуд. Муттахассисон аз сафарҳои худ муҳимтарин ва навтарин усулҳои бунёди осорхонаро интиқол менамуданд.

4. Дигар аз ҳадаф ин интихоби дурусти нигораҳо барои намоиш додан маҳсуб меёфт. Дар машваратҳо пешниҳод мешуд, ки намоиши аз лиҳози миқдор зиёди нигораҳо наметавонад ба фоидаи кор бошад. Интихоби беҳтарин ва пурарзиштарини нигораҳо аз муттахассисин масъулияти бузургро тақозо мекард ва он мутобиқи матлаб анҷом пазируфт.

5. Ҳамчунин ба назар гирифтани устухонбандии маънавӣ ва пайдарпаии толорҳо аз рӯи хронологияи таърихӣ. Яъне кӯшиш бар он мерафт, ки дар намоиши нигораҳо, тасвиру нақшҳо, матн ва ғайра ба иштибоҳи таърихӣ роҳ надиҳанд. Мақсади ниҳоӣ таъсис додани музейе буд, ки ҳамсону ҳамсанги он ақаллан дар Осиёи Марказӣ набошад.

Дар яке аз ин гуна машварати корӣ, ки дар арафаи анҷом ёфтан баргузор шуд, раиси вилоят Қосим Раҳбар хоҳиш намуданд, ки вобаста ба моҳият ва арзиши осорхона ду байти хуб дарёб намоем, то дар яке аз ҷойҳои намоён насб гардад. Ҳамчунин як порчаи манзум дар толори “Искандари Мақдунӣ” пешниҳод бояд намоем, ки ифодагари мазмуну маънии оқибати кори Искандар бошад. Зеро толори “Искандари Мақдунӣ” баҳсҳоеро ба миён оварда буд, ки коршиносонро ба ду ҷабҳа қисмат сохт. Зеро як ҷониб хилофи инъикоси Искандари ғаддор буданду ҷониби дигар ҳақиқати таърихро асос меҳисобиданд. Бо назардошти бардоштани сабақи таърихӣ аз рӯзгори он ҷаҳонгир толор бо тамомияти ҳунару санъат бунёд ёфт. Ҳамин тариқ ҳафтаи дигар чанд нафар абёти интихоби хешро пешниҳод намуданд. Банда, ки низ ҳамчун корманди телевизион ва як нафар адабиётшинос борҳо аз ҷониби раиси вилоят ба

баҳсҳо кашида мешудам барои толори Искандар ду байт аз осори Боботоҳири Урён пешниҳод намудам, ки қобили қабул қарор гирифт:

*Рафтам ба дари қабри шаҳаншоҳи Яман,*
*Ӯ даст баровварду ба ман дод кафан,*
*Гуфтам, ки аз ин саховатам айб макун,*
*Аз моли ҷаҳон ҳамин расидаст ба ман.*

Дар мавриди моҳият ва арзиши осорхона аз ашъори Шоири Халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ манзур намудам, ки он низ мақбули раис ва аҳли машварат гардид ва имрӯз дар яке аз ҷойҳои намоёни осорхона зевари табъ гардидааст:

*Омадам дар ин ҷаҳон, то хешро пайдо кунам,*
*Чанд рӯзе хешро дар зиндагӣ ҳампо кунам.*
*Гар натонам мурдаеро зинда созам баъди марг,*
*Қарз бошад, ёдгори мурдаро эҳё кунам.*

Дар навори хотироти ман рӯзи ифтитоҳи Осорхона бо иштироки Пешвои миллат, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки маҳз бо дастгирии ҳамаҷонибаи ин сарвари фозил ин макони таърихӣ бунёд ёфтааст рӯшан нақш бастааст. Он рӯз барои мардум махсусан барои аҳли илму маърифат тантанаи бузурге буд, зеро маконе ба рӯи сокинони вилоят дари худро боз намуд, ки барои шинохти асли худ, донистани таърихи гузаштаи пур аз корнамоиҳову сарфарозиҳои миллат нақши боризе хоҳад гузошт. Гузашта аз ин, бунёди Осорхонаи таърихии вилоят, воқеаҳои марбут ба он, ки хидмати фарзанду наберагони бузургони Хуҷанд мебошад худ низ таърихи начандон дур, вале пуршарафи моро ифода мекунад, ки донистани ҷузъиёти он дар шинохти Осорхонаи таърихӣ пурарзиш хоҳад буд.

Инак имрӯз Осорхона як ҷузъи Маҷмааи фарҳангии “Қалъаи Хуҷанд “ маҳсуб меёбад ва бе муҳобо баъди пе-

рояи нав ба бар кардани Боғи Камоли Хуҷандӣ, бунёди хонаи шоир ва қомат рост кардани пайкараву мақбараи Шайхи номвар теъдоди ташрифкунандагони осорхона афзудааст. Ҳамзамон Осорхона ба як маркази илму таҳқиқ табдил ёфта, ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири ҷомеа барои мардум хидмат мекунад. Ба як маънӣ он равзанаест ба гузаштаи таърихи Шаҳри Хучанд ва умуман миллати сарбаланди тоҷик.

*Соли 2016*

## МАКТАБИ ТАҶРИБА ВА ОДАМИЯТ

Бо амри тақдир замоне, ки мӯҳтарам Қоҳир Расулзода бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси вилояи Суғд тайин шуданд, банда, ки таи се соли охир вазифаи директори барномаҳои телевизони вилояти Суғдро адо мекардам, бо пешниҳоди раиси нав иҷрокунандаи сардори Идораи телевизион ва радиои вилоят тайин гардидам. Масъулияти ба дӯши ман гузошта шуда маро водор мекард, ки бо истифодаи кулли имониятҳо ва нерӯи эҷодии хеш дар усули корбарӣ тағйирот ворид созам ва кореро ба анҷом расонам, ки телевизиони вилоят рӯшантару афрӯхта ба чашми бинандагон намоён гардад. Дар муддати аввал то ба низом даровардани кор дар дохили телевизион ман ҳамоно аз рӯи вазифаи деринаи худ – директори барномаҳо сафарҳои корӣ, умуман, наворҳои марбут ба Раиси вилоятро худам омодаи пахш менамудам. Аз ин рӯ, бештарини вақти ман бо таҳияи барномаҳои ҳукуматӣ мегузашт. Дар хотир дорам аввалин боздиди кории Раиси мӯҳтарам аз шаҳри Хуҷанд ва Чкалов (Бӯстони имрӯза) сурат гирифта буд. Аз рафти ошноӣ бо ин ё он мавзеъ, аз ҷумла, корхонаву муассисаҳои

мухталиф рӯшан ҳувайдо мегардид, ки ба сари кор фарде омадааст, ки на танҳо бо мушкилоту масъалаҳои актуалии вилоят огоҳ балки медонад, ки ин муаммоҳоро чи хел ҳаллу фасл намояд. Махсусан, дар ин гуна вохӯриҳои начандон тӯлонии корӣ дар баррасии масоили пешистода нуқтаи назари муттахассисони соҳаро ба таанӣ гӯш мекарданд ва пешниҳоду андешаҳои қобили қабулро дастгирӣ мекарданд. Дар сафарҳо усули корбарии Қоҳир Расулзода ба тариқи зер: нахуст ошноии бевосита бо объектҳо, аз ҷумла, муассисаву ташкилот ё хоҷагиву корхонаи саноатӣ, сониян сӯҳбати алоҳида бо роҳбарият ва мутахассисини соҳа, ки баъзан ниҳоят бо пурсишу радду бадалӣ тулонӣ сурат мегирифт ва ниҳоят сӯҳбати рӯёрӯй бо кулли коллективи меҳнатӣ ё аъзоёни хоҷагӣ ба вуқӯъ мепайваст. Вохӯриву мулоқотҳои Раис ниҳоят самимӣ бидуни сохтакориву маҳдудкунии суолҳои ҳозирин рӯи кор меомад. Мо, кормандони телевизион ва умуман он журналистоне, ки бо он кас ҳамсафар мегаштанд баъди ин гуна мулоқотҳо эҳсоси қаноатмандиву ризоият ҳосил мекардем. Зеро ағлаби маврид раис масъалаи пешгузоштаи сокинонро дар ҷояш ҳал мекарданд ё дар чанд муддати на чандон тӯлонӣ муаммоҳо ҳалли худро меёфтанд. Дар ёдам ҳаст, яке аз аввалин сафар ва мулоқоти кории раиси мӯҳтарам дар ноҳияи Спитамен бо коллективи меҳнатии Ҷамъияти саҳҳомии “Гулистон” сурат гирифт. Дар мулоқот маълум гашт, ки дар ҷамъият 850 ҷои корӣ кам гардида, қарзи музди меҳнат тамоман пардохт намегардад. Қоҳир Расулзода дар мисоли ин ҷамъият ба роҳбарони дигар хоҷагиҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд, ки маҳз баъди ин ҷаласа дар як муддати кӯтоҳ камбудиҳо бартараф гардид. Зеро дар меҳвари дастуроти раис ба хоҷагиҳои хурди камхарҷ табдил додани ин ҷамъияти бузург меистод. Дар ин мулоқотҳо дониши баланд, дурбинӣ ва кордонии Қоҳир

Расулзода эҳсос мегардид, ки ин боиси афзудани эътимоди мардум бар он кас буд. Аввалин нишасти матбуотии он кас бо намояндагони васоити ахбори омма дар оғози соли 2007 собит намуд, ки Раиси вилоят ҳамешагӣ омода аст, ки бо журналистону кормандони расонаҳои хабарӣ ҳамкорӣ намояд. Дар он нишаст ва давоми ҳафт соли фаъолияти корӣ дар ҳамаи нишастҳои матбуотии Раиси вилоят ширкати рӯзноманигорон озод ва суҳбатҳо дар фазои воқеии демократӣ сурат мегирифтанд.

Аз оғози кор дар вилоят раис таваҷҷӯҳи хоса ба рушди телевизиони вилоят доштанд. Хурсандибахш он буд, ки пешниҳоду ғояҳои роҳбарият ва кормандони телевизону радио дар мавриди пешрафти кор аз ҷониби раис хуб пазируфта мешуд ва амалӣ ёфтани онро ҳатман назорат ҳам мекарданд. Эътибору дастгирии Раиси вилоят нерӯҳои эҷодиро дар дохили телевизон ва радио ба ҷунбиш овард, ки дар натиҷа чандин барномаҳои тозаву нав, чи аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва чи аз лиҳози шаклу услуб рӯи кор омаданд. Аз ҷумла, барномаҳои нави “Ҳафта”, “Ошёни меҳр”,” Меҳрафрӯз” ва ғайра дар як муддати кӯтоҳ байни тамошобинон обрӯву нуфуз пайдо карданд. Агар аз як ҷониб барномаҳои нав таҳия гарданд, аз ҷониби дигар барномаҳои пешина бо рангу тобиши нав мутобиқ ба талаботи замон дар фазои вилоят пахш мегардиданд. Муҳимтарин масъалае, ки дар назди идораи телевизион ва радио меистод ва дар ҳалли он танҳо таваҷҷӯҳ ва дастгирии Раиси вилоят зарур буд, ин зиёд намудани соати пахши барномаҳои телевизион ва радио маҳсуб меёфт. Дар ин самт мӯҳтарам Қоҳир Расулзода кӯшишҳои зиёде намуданд, ки дар натиҷа нимаи моҳи апрели соли 2007 шифоҳӣ ва дар охири моҳи май расман аз ҷониби раиси онвақтаи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асаддулло Раҳмонов барои пахш тавассути мавҷи 37

(баъдан мавҷ ба рақами 56 иваз карда шуд) дастури иҷозат расид. Ин бузургтарин дастоварди телевизион ва радиои вилоят дар давоми 25 соли то имрӯзаи фаъолияташ мебошад. Ин воқеаи фараҳбахш, ки расман дар поёни он сол сурат пазируфт, имкон фароҳам овард то телевизион ва радиои вилоят ҳамқадами телевизионҳои дигар рушд намояд. Махсусан, дар баробари афзудани соати пахш коргоҳ бо техникаҳои ҳозиразамон муҷаҳҳаз гардид, ки имкониятҳои эҷодиро вусъат бахшид. Муҳимтарин таваҷҷӯҳ ва дастгирии раис эътибори ҷиддӣ ба бахши молиявии телевизион буд. Дар ин самт мактуби роҳбарияти телевизион оид ба созмон додани хоҷагии ёридиҳанда дар назди идора низ дастгирӣ ёфт ва имрӯз телевизиони вилоят соҳиби 10 га замин буда, ҳамасола аз ҳосили он кормандон баҳра мебардоранд.

Муҳимтарин сифати олие, ки мӯҳтарам Қоҳир Расулзода ҳамчун роҳбари оқилу доно молик мебошанд, ин ҳунари шунидани ҳамсӯҳбат мебошад. Маҳз ҳамин сифати олӣ дар радифи дигар хусусиятҳои он кас ба дили он нафарҳое, ки ҳамкорашон мебошанд, дар баробари эътимоду эҳтиром як дилгармии хоса нисбати кор ва оянда тавлид мекунад. Барои ман ҳамкориҳо бо Раис дар телевизион ҳам мактаби бузургӣ корӣ ва ҳам одамгарӣ маҳсуб мешавад. Зиндагӣ ҳамин тавр сурат гирифт, ки раис имкон доданд давоми шаш соли дигар таҳти роҳбарии он кас ҳамчун сардори Муассисаи давлатии “Қасри ҷавонон” ба номи Лоиқ Шералӣ кор кунам. Воқеан, пешниҳоди Шӯъбаи Суғдии иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар бораи ба номи Шоири Халқии Тоҷикистон, устод Лоиқ Шералӣ номгузорӣ намудани “Маркази ҷавонон” маҳз бо дастгирӣ ва Қарори Раиси вилояти Суғд соли 2010 сурат пазируфт. Ин даргоҳ ба баракати ин қарор ба маркази аҳли илму фазл ва адаб табдил ёфт. Дар давоми фаъолияти банда дар ин дар-

гоҳ бо дастгирии Раис садҳо чорабиниҳо барои ҷавонону наврасон, аҳли илму адаб ва ҳунар баргузор шуданд. Ширкати он кас дар шабҳои эҷодии Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона, Ҳунарманди мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Боймуҳаммад Ниёзов ва чандеи дигар аз пуршукӯҳтарин ва мондагортарин маҳфилҳо дар қасри ҷавонон маҳсуб меёбад. Ин ташрифоти Қоҳир Расулзода баёнгари эҳтироми хосаи он кас ба адибону олимон, ҳунармандону аҳли фарҳанг мебошад. Чун сухан дар бораи дастгирии аҳли адабу фарҳанг рафт, чун масъули имрӯзаи маҳфили илмиву адабии вилоятии "Ганҷи сухан" мехоҳам аз хидматҳои раис дар рушди он сухан гӯям. Маҳз дар даврони роҳбарии он кас ин маҳфил аз як маҳфили хурди донишгоҳӣ ба маҳфили вилоятӣ ва обрӯву нуфузи баланд дар миқёси ҷумҳурӣ ноил гардид. Борҳо дар ин маҳфил мӯҳтарам Қоҳир Расулзода ширкат варзида, ба фаъолияти маҳфил нерӯи тоза бахшидаанд. Доир ба фаъолияти он дар яке аз маърӯзаҳои худ чунин ироа намудаанд: «Баргузории моҳонаи ин маҷлиси ишқу алоқа ба адабиёт ва илму ҳунар дигарбора собит мекунад, ки мардуми тоҷик бо сухан, илму маориф ва адабиёт пайванди қавии равонӣ дошта, шӯҳрати таърихии миллати моро бар асоси он барои ҷаҳониён муаррифӣ намудаанд. Аз рӯзҳои нахустини ҳузури ин маҳфил дар ҳавзаи илмиву адабии вилояти Суғд ба он суханварону олимони номвари кишвар ва берун аз он робитаи мустаҳкаме пайдо намуда, борҳо дар маҷлису нишастҳои ин анҷумани сухан ҳузур пайдо намуда, бо каломи мавзун ва мустанаду муҳаққиқонаи хеш дар густариши фазои илмии кишвар ва аз ин роҳ ғаномандии маҳфил нақши муассири хешро гузоштаанд. Воқеан, маҳфили илмӣ – адабии «Ганҷи сухан» мактаби бузургест барои имрӯзиён. Силсилаи сӯҳбатҳои устодони сухан, ки дар он хусусиятҳои адабиёт, роҳу усулҳои маърифат ва шарҳи он баррасӣ меша-

ванд барои ҳамагон, махсусан ҷавонон манфиати бештар дорад. Зеро ҷавонону наврасони имрӯза дар баробари аз худ намудани илмҳои муосир бояд бо адабиёти куҳанбунёди мо ошно бошанд. Зеро ахлоқи ҳамида, одоб, инсонгариву меҳнатпарастӣ ва муҳимтар аз ҳама, ватандӯстиву меҳанпарастӣ дар меҳвари адабиёт қарор дорад. Ба қавли дигар, маҳз донистани анъанаҳои неки ниёгон моро бо гузашта мепайвандад ва дороиҳои маънавии аҷдодонамон моро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ мекунад ва дар назди миллату ақвоми дигар сарфарозу сарбаланд нигоҳ медорад.»

Дар ин андешаҳои раис, ки аз маърифати баланди эшон сарчашма мегирад, муҳаббати беандоза на танҳо ба сухан ва адабиёт балки ба мардум ва кишвар ифода ёфтааст. Гузашта аз ин, хидмати бузурги амалии раис, Сарвазири кишвар, мӯҳтарам Қоҳир Расулзода бо дастгирии он кас чоп шудани китоби ҳафтҷилдаи осори илмии устоди шодравон, асосгузори маҳфили илмиву адабии “Ганҷи сухан” профессор Абдулманнони Насриддин аст, ки ин амал дар зоти хеш беназир мебошад ва мо шогирдон як умр мадюни ин кори хайри раис мебошем.

Ман метавонам боз садҳо саҳифа аз корномаҳои мӯҳтарам Қоҳир Расулзода ба қалам диҳам, вале медонам, ки хидматҳои эшон чун оина дар назди назари мардум рӯшан аст. Фақат мехоҳам ифтихормандии хешро изҳор намоям, ки сазовори боварии он кас дар радифии садҳо нафар масъулони соҳа бо роҳбарии эшон фаъолият бурдам ва заррае бошад ҳам барои пешрафти ҷомеа саҳм гузоштам. Мактаби бузурги шахсеро гузаштам, ки Сарвазири мамлакат ҳастанду дар атвору гуфтор ва амали шоиста ибрати дигарон мебошанд.

*Соли 2015*

# ЁДГОРИ БЕГАЗАНДИ ҲУНАРМАНД

Дар мавриди саҳми Ҳунарманди мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Боймуҳаммад Ниёзов дар рушди мусиқии миллӣ, мазмун ва мӯҳтавои эҷодиёти бобаракат, сатҳи ҳунар ва истеъдоди нотакрор, сабку услуби таълимии он кас аз ҷониби олимони санъатшинос чун Аслиддин Низомов, Аскаралӣ Раҷабов, Наимҷон Ҳакимов, Абдувалӣ Абдурашидов, Фароғат Азизӣ, Султоналӣ Худойбердиев тадқиқоти шоиставу судманд анҷом дода шудааст. Ин муҳаққиқон устодро ҳамчун донанда, сароянда ва муаллими беҳамтои “Шашмақом”, эҷодкори суруду мусиқии анъанавии тоҷикӣ муаррифӣ кардаанд. Ӯро дар радифи устодони ҳунар Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Аҳмад Бобоқулов, Маъруфхоҷа Баҳодуров, Барно Исҳоқова, Тӯхта Иброҳимова ҳамчун ситораи тобноки осмони санъати тоҷик ном бурдаанд. Устод Боймуҳаммад Ниёзов дар тӯли фаъолияти худ бештар аз 200 суруду таронаҳо эҷод кардааст, ки матни онҳо ба қалами суханварони беназири тоҷику форс Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Бадриддини Ҳилолӣ, Зебунисову Нодира, Қассобу Туғрал ва як қатор суханварони муосири тоҷик тааллуқ дорад. Устод Боймуҳаммад Ниёзов, ба қавли худи ҳунарманд дар давоми 13 сол ин шоҳасари ҷаҳониро ҳифз кардааст ва дар тӯли зиндагии хеш дар баробари сароидан онро ба шогирдони бешумор омӯзондааст. Маъруфтарин сурудҳои классикии иҷрокардаи Боймуҳаммад Ниёзов «Муғулчаи Дугоҳ»-шеъри Фурӯғӣ, «Нимчӯпонӣ» (Бедил), «Насруллоҳӣ» (Сайидо), «Мустазоди наво» (Ҳаҷрӣ), «Талқини баёт» (Ҳилолӣ), «Наврӯзи сабо» (Ҳофиз) ва даҳҳои дигар мебошанд. Ҳамзамон, устод дар эҷоди суруду таронаҳои тоҷикӣ беназир буда, маъруфтарин

офаридаҳои ӯ таҳти унвонҳои «То кай», «Доғи таманнои ту», «Эй ҷони ман асират», «Гуфтему гуфтем», «Лаби нӯш» ва ғайра шӯҳрати беандоза ҳосил кардаанд. Сурудҳои устод дар фонди тиллоии радиои Тоҷикистон маҳфузанд ва аз дороии бебаҳои маънавии миллати мо маҳсуб мешаванд. Устод мактаби бузурги санъати миллии мо ба шумор рафта, садҳо шогирдонро тарбият кардаанд. Маъруфтарин шогирдони устод Боймуҳаммад Ниёзов Ҳунармандони мардумии Тоҷикистон Мастона Эргашева, Абдуҷалил Ҳошимов, Ҳунарпешагони шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Асаддулло Атоуллоев, Сабоҳат Наҷмиддинова, Қобилҷон Зарипов, сароянда Қосимҷон Ҳасанов маҳсуб мешаванд. Кулли сарояндагони ансамбли шашмақомсароёни “Нури Хуҷанд”, донишҷӯёни факултети санъати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, ки устод бар эшон ҳаққи устодӣ дорад, шогирдони мактаби бузурги ин устоди беҳамтостанд. Имрӯз даҳҳо шогирдони устод ҳамчун омӯзгор дар мактабҳои мусиқии кишвар дарси санъат мегӯянд ва ба як маънӣ, андӯхтаҳои хешро аз талқини устод ба ворисони ҳунарпажӯҳ мерасонанд.

Бо амри тақдир ва тақозои касб маро даст дод, ки бо шахсият, фаъолият, ҳунари баланди устод Боймуҳаммад Ниёзов, бо ҷаҳони андешаву тафаккур, назару бардоштҳои эшон дар мавриди санъати миллӣ, хоса “Шашмақом” аз наздик ошно шавам. Ин ошноиву бардоштҳо дар раванди таҳияи барномаҳои телевизионӣ, зимни сӯҳбатҳо, суолу ҷавоб, сафарҳо ба ин ё он шаҳру ноҳияи кишвар ҳосил мегардид. Аввалин барномаи телевизионии банда бо устод Боймуҳаммад Ниёзов соли 1999 дар телевизиони Симои мустақили якум (СМ1) таҳти унвони **“Бузургони Хуҷандшаҳр”** дар ҳаҷми 50 дақиқа ба навор гирифта шуда буд, ки он дар манзилашон сурат пазируфт. Дар ин барнома устод оид ба зиндагӣ ва фаъолияти худашон наклҳои ҷолиб на-

муда, як сӯҳбати дилнишинеро баргузор сохтанд. Дар ин барнома собит шуда буд, ки феълан устод тамоми асбобҳои мусиқии тоҷикро навохта метавонанд ва бо ғижакнавозии худ тамошобинонро мафтун карда буданд. Устод дар бораи сухан ва масоили маърифати шеър изҳори назар намуда, аз ҳамкориҳои эҷодии худ бо суханварони даврон Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муҳиддин Фарҳат, Алӣ Бобоҷон ва дигарон ёд карданд, интихоби матни дуруст ва баландро дар офариниши суруди хуб муҳим шумориданд. Устод меъёри ҳофизи асил буданро дар ҳифз карда тавонистани сурудҳои калон медонистанд ва аз он ёд мекарданд, ки дар гузашта сарояндагоне, ки ба сурудани таронаҳои сабук машғул мешуданд, "ялачӣ" мегуфтанд. Баъди бештар аз 15 сол вақте ин наворро тамошо менамоям, эҳсос мекунам, ки имрӯз ҳам андешаҳои ҳунарманди асил дар бораи суруду мусиқӣ ва шеъру адабиёт муҳим ва актуалӣ маҳсуб мешавад.

Мусоҳибаи дигари пурмӯҳтавои банда соли 2000-ум дар телевизиони СМ1 таҳти унвони **"Дар сӯҳбати устод Боймуҳаммад"** тавассути барномаи мустақими "Субҳи дигар" тӯли 90 дақиқа идома ёфт. Устод ба саволҳои бешумори мухлисонашон ҷавоб мегуфтанду бо танбӯр ё дутор суруд мехонданд. Дар он солҳо ин гуна барномаҳои мустақим ками андар кам ба назар мерасид ва ин барнома ангезае дар фазои фарҳангиву адабии шаҳру вилоят ба вуҷуд овард. Маро тамкину оромии табиат, ҷавобҳои пурмазмуну саҳеҳи устод мафтун карда буд ва ин аз назари ҳар як тамошобин пинҳон намемонд. Якуним соати сӯҳбат, ки ончунон ба тезӣ сипарӣ шуд, ба мардум як ҷаҳон дониш ва фароғати бемислро эҳдо намуд.

Соли 2002 бахшида ба 75-солагии устод Боймуҳаммад Ниёзов дар яҷоягӣ бо коргардони маъруфи тоҷик шодравон Абдуллоҷон Ғаффоров дар телевизиони вилояти Суғд

як очерки телевизионӣ бо номи **“Дунёи Боймуҳаммад”** таҳия гардид. Бо пешниҳоди устод Абдуллоҷон Ғаффоров ин барнома дар асоси бештар аз 30 суол ба унвони Боймуҳаммад Ниёзов рӯи кор омад. Суолҳо дар мавзӯоти гуногун буданд ва устоди ҳунарманди мо ба ҳамаи онҳо ҷавоб мегуфтанд. Ёд дорам устод ба суоли “Шашмақом” аз назари Шумо чист?” ҷавоб дода буданд, ки “Шашмақом” ин хирад, маърифат, ишқу муҳаббат ва одобу ахлоқи ҳамида аст” Ин барнома, ки тавассути телевизини вилояти Суғд ва СМ1 борҳо пахш гардидааст ва дар фонди телевизиони вилояти Суғд маҳфуз аст, барои шинохти шахсият, олами афкору андешаи Боймуҳаммад Ниёзов судманд мебошад.

Соли 2004 бо амри тақдир бо инсоне рӯ ба рӯ гардидам, ки ҳамнишиниву сӯҳбат, ҳамкории эҷодии мо дар тарғиби “Шашмақом” ва ҳунари устод Боймуҳаммал Ниёзов саҳифаи тозаеро боз кард. Имрӯз беҳтарин мероси осори устод Боймуҳаммад Ниёзов дар шакли видео, ки дар фазои фарҳангу санъати кишвар дастраси мардум аст, маҳз маҳсули ҳамин ҳамкории пурвусъат ва самарабахши мост. Ин кас соҳибкори инфиродӣ, ки дар гузашта ҳамчун афсари тоҷик дар ҷабҳаҳои даргир барои дифои халқу миллати тоҷик ҷонбозиҳо кардааст, Зафар Икромов мебошад, ки имрӯзҳо давлати пирӣ меронад. Замоне, ки бори аввал вақте ба утоқи кории ин ҷавонмард ворид гардида будам, рӯи мизи корӣ як даста маҷаллаи “Садои шарқ” ва ҳафтавори “Адабиёт ва санъат”-ро мушоҳида кардам, ки шахсияти эшон таввачӯҳи маро ба худ ҷалб кард. Ҳини сӯҳбат дарёфтам, ки Зафар Икромов як шахсияти фарҳехта, ҷаҳондидаву донишманд ва муҳимтар аз ҳама, миллатдӯсту фарҳангпарвар мебошад. Муҳаббати эшон ба мусиқии классикии тоҷик ин қадар афзун буд, ки ман камтар касонеро медонам, ки то ин ҳад мероси бена-

зири фарҳанги миллати мо “Шашмақом”-ро дӯст доранд. Махсусан, таваҷҷӯҳи он кас ба шахсият ва ҳунари Ҳофизи халқии Тоҷикистон Маъруфхоҷа Баҳодуров ва Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Боймуҳаммад Ниёзов беандоза буд. Ҳаминтариқ дар якҷоягӣ тасмим гирифтем, ки дар тарғиби “Шашмақом” ва ин шахсиятҳои беназири санъати тоҷик кореро ба анҷом мерасонем, ки мондагор бошад. Нахустин коре, ки бо дастгирии молиявии ин шахс ба анҷом расид, чопи китоби номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессор Наим Ҳакимов (равонашоншод бод) “Шашмақом” дар асри 20” буд, ки беҳтарин армуғони фарҳангӣ барои дӯстдорони санъати миллӣ, хоса муттахассисон ба ҳисоб мерафт. Баъдан, барои амалӣ намудани як лоиҳаи калон таҳти унвони “Боймуҳаммад Ниёзов – ҳунарманди беҳамтои тоҷик”ҳамкориро оғоз намудем. Нахуст қарор шуд, ки дар заминаи сабтҳои аудиоии устод наворҳои видиоиро оғоз намоем ва ҳамзамон сабти як филмнома ва силсилаи барномаҳоро дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Боймуҳаммад Ниёзов ба роҳ монем.

Филми телевизионии “Чашмае баҳри дамон шуд”, ки давомнокиаш як соат мебошад ва дар сари таълифу таҳрири он шоир ва рӯзноманигор Мӯҳсин Аминзода ва гурӯҳи кормандони телевизиони вилояти Суғд заҳмат кашиданд, дар заминаи нақли худи қаҳрамони филм устод Боймуҳаммад Ниёзов сурат пазируфт.(Воқеан он сабти аслии овоз дар бойгонии банда маҳфуз аст). Устод бо як оҳанги муассир ором ва батаанӣ зиндагиномаи хешро оғоз аз даврони наврасӣ нақл мекунанд, ки шунавандаро ба ваҷд меорад. Манзараҳои зодгоҳ, сари қабри модари азиз, баромад аз саҳнаи баланди театр, лаҳзаҳои дарс барои шогирдон, ҳамагӣ ба филм ранги зиндагиро ато кардааст. Андешаи академик Муҳамадҷон Шакурӣ дар бораи нотакрории сабку услуби Боймуҳаммад Ниёзов ифодагари беназирии

сароянда аст. Ҷои зикр аст, ки филми мазкур соли 2005 дар симпозиуми байналмилалии филмҳои ҳуҷҷатӣ, ки дар Мозандарони кишвари Эрон баргузор гардида буд, ба ҷоизаи "Беҳтарин филм дар бораи сароянда" сазовор гардид.

Барои сабти наворҳои видеоӣ мо гурӯҳи кориро таи ду моҳ шарофати ҳамнишиниву ҳамсӯҳбатӣ бо устод даст дод, ки бо эшон ба мавзеоти зебоманзари вилоятамон сафар намоем. Ҳини сабти телевизионӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Истаравшан, Ҷаббор Расулов маро лаҳзаҳои фаровони мусоид мушарраф шуд, ки аз ҷаҳони ботинии устод Боймуҳаммад Ниёзов огоҳ шавам ва шахсияти наҷибу нотакрори як ҳунарманди беназири тоҷикро барои худам аз наздик кашф намоям. Нақлҳои ҷолиби устод дар мавриди зиндагиву фаъолияташон, муаллимону ҳамкорон, дӯстону шогирдонашон, андешаҳои ҳакимонаву файласуфона дар бораи зиндагӣ, адабиёт, ҳунар ва мусиқӣ ҳамагӣ маро муваззаф менамуданд, ки ин ҳамаро ба навор бигирам то барои фардоиён низ дастрас бошад. Ҳаштод номгӯ суруди устодро сабту танзим намудем ва аксари сурудҳои устод, ки имрӯз аз телевизион ва радиои кишвар пахш мешаванд, ҳосили ҳамон заҳматҳои гурӯҳи кории телевизиони вилояти Суғд мебошад.

Барномаи телевизионии "Шаҳди сӯҳбат бо Боймуҳаммад", ки дар назди қасри таърихии "Арбоб" сабт гардид, ману Мӯҳсин Аминзодаро мушараф шуд, ки таи ду соат аз сӯҳбати озод ва пур аз шаҳду ҳикмати Боймуҳаммад Ниёзов баҳраҳо бардорем. Ин барнома барои тамошобин бори дигар чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии устодро намоиш дод. Ин барнома лабрези хотираҳои ширини устод буданд, ки он бегоҳ мо аз забони устод мешунидем. Махсусан баёни таърихи эҷоди баъзе аз сурудҳои маъруф монанди "Эй ҷони ман асират" ҷолиб буд. Дар мавриди эҷоди ин суруд

устод нақл карданд, ки ҳини даравидани гандум аз садои даравиши дос ба илҳом меоянду он суруди маъруф ба забонашон ҷорӣ мегардад.

Сафарҳои мо бо устод моҳи май дар арафаи Рӯзи Шашмақом сурат мегирифт, ки дар шаҳри Исфара як барномаи дигари телевизионии банда бо номи "Навое то ҷовидон" дар заминаи сӯҳбати хусусии мо дар бораи "Шашмақом" ва таърихи он ба навор гирифта шуд,ки устод дар ин барнома дар бораи мероси бебаҳои ҳунарии миллати мо "Шашмақом" ва бузургтарин сарояндагону донандагони ин гавҳари ноби санъати тоҷик ибрози назар намуданд. Дар сӯҳбати мазкур сухандониву суханшиносии устод бармало зоҳир мешуд. Устод бо овардани абёти зерини Ҳилолӣ аз он ҳикоят мекарданд, ки чунин матни баландмазмунро танҳо шоири тоҷик метавонад эҷод намояд:

*Биё-биё, ки дилу ҷони ман фидои ту бод,*
*Саре ки бар тани ман аст хоки пои ту бод*
*Дилам ба меҳри ту сад пора боду ҳар пора.*
*Ҳазор зарраву ҳар зарра дар ҳавои ту бод*
*Ва бо ифтихор илова мекарданд:*
*Ҷаҳонгирони маъниро макун нисбат ба Искандар,*
*Ба як мисраъ ду оламро мусаххар метавон кардaнд*

Аз миёни корҳои ба анҷом расида ба андешаи ин ҷониб муҳимтарин ва судмандтаринаш сабти даҳ дарси устод маҳсуб мешавад, ки давомнокии он 20 соат буда, барои омӯзандагони "Шашмақом" дар ҳар давру замон беҳтарин дастур хоҳад буд.

Ин ҳама маводҳо, ки дар маҷмӯъ қариб аз 300 соат иборат аст, дар фазои иттилоотии кишвар паҳн гардида, асли онҳо дар бойгонии телевизиони вилоят маҳфуз мебошанд. Онҳо на танҳо барои тамошову тафреҳ балки баҳри омӯхтани зиндагинома, эҷодиёт ва усули таълими устод Боймуҳаммад Ниёзов арзишманданд.

Бемуҳобо, номи устод Боймуҳаммад Ниёзов ҳамчун сароянда, оҳангсоз, таронасаро ва донандаи беҳтарини “Шашмақом” дар китоби таърихи санъати тоҷик ҷовидонӣ сабт хоҳад шуд. Устод ҳамзамон донандаи адабиёти классикӣ ва суханшиноси беназир низ ба ҳисоб мераванд. Мушоҳидаи тӯлонии мо ҳини ҳамкориҳо як бори дигар собит мекунад, ки бисёре аз сифатҳои ҳунарӣ, анъанаву суннатҳои омӯзгорӣ, принсипу усулҳо дар интихоби матн, муносибат ба шашмақом ва маърифати дурусти он, ки камтар сарояндагони муосирро мавҷуд аст, бояд мукаммал омӯхта шуда, мавриди на танҳо ибрат балки корбарии шогирдон қарор гирифта бошад.

Бознашри маводҳои дар боло зикршуда ва тарғиби он тавассути расонаҳои мухталиф, ки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти устодро фаро гирифтааст, аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мешавад. Зеро филмномаву барномаҳои мазкур фарогири асноду далелҳои таърихӣ дар бораи “Шашмақом” ва устод Боймуҳаммад Ниёзов мебошад. Боймуҳаммад Ниёзов намунаи олии ҳунармандест, ки баробари дар сатҳи зарурӣ донистани мусиқӣ, дуруст хондани матни суруд ва маърифати онро аз муҳимтарин сифатҳои ҳунарварӣ медонад, ки барои ҷавонон бояд ибрат бошад. Ба иборати устод таронасаро будан ин ҳофизӣ нест. Зеро вожаи «ҳофиз» ҳифзкунанда аст ва он нафаре ки мехоҳад ин номро сазовор бошад, бояд дар ҳифзи “Шашмақом” кӯшиш намояд. Дарсҳои устод, ки бо шеваи хоси суннатӣ сурат пазируфтааст месазад, ки дар шакли дарси видеоӣ ба донишҷӯён пайваста намоиш дода шавад ва устодони имрӯз аз ин усул истифода баранд. Таъсис додани дарси “Шеваи Боймуҳаммад Ниёзов” низ айни матлаб хоҳад буд.

Ҳаминтариқ меросе, ки аз устод барои миллат боқӣ мондааст, ёдгории бегазандест, ки то ҷовидонҳо хоҳад рафт ва шубҳае нест, ки номи ин абармарди санъат ифтихори ин миллати сарбаланду сарфароз хоҳад монд.

# МЕҲМОНХОНАИ «СУХАНИ ХАЛҚ» “ДИДОР”

**Аз идораи рӯзнома:**

**Ҷомеаи имрӯзаро бе васоити ахбори омма – рӯзномаву маҷалла, радио, телевизион, ки ба хидмат халқ камар бастаанд, тасаввур кардан душвор аст. Дар қатори дигар расонаҳои хабарӣ газетаи «Сухани халқ», ки нашрияи кумиҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд мебошад, бо дастгирии раёсати ҳамин ҳизб фаъолият намуда, иқдоми нав зоҳир намуд, ки он ташкил кардани меҳмонхонаи газетаи «Сухани халқ» мебошад. Дар ин меҳмонхона шахсони номвар ширкат варзида, дар мавзӯъҳои мухталиф сӯҳбат хоҳанд кард. Ҳадафи ин барнома дар заминаи назари хосаи шахсиятҳои маъруф ҳаллу фасли масъалаҳои мухталифи рӯзгори мардум мебошад. Меҳмонхонаи “Сухани халқ” таҳти унвони “Дидор” ҳамзамон таввассути телевизионҳои маҳаллӣ аз ҷумла “Ҷаҳоноро” ва “Танин” пахш мегардад. Авввалин меҳмони меҳмонхонаи «Сухани халқ» Нависандаи халқии Тоҷикистон устод Муҳиддин ХОҶАЗОД мебошанд. Барандаи сӯҳбат адабиётшинос Саидумрон Саидов.**

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Хонандагони азизи рӯзнома ва бинандагони меҳрубони телевизион. Барномаи “Дидор” маеҳмони хонаҳои Шумост ва меҳмони азизи мо Нависандаи халқии Тоҷикистон Муҳиддин Хоҷазод. Мо устодро ба кошонаи ин расона хайрамақдам мегӯем ва суоли нахустинро чунин матраҳ мекунем: Шумо бо рӯзномаҳо чӣ гуна муносибат доред, оё хондани онҳо бароятон писанд аст?***

**<u>МЕҲМОН</u>:** Ҳар инсон, пеш аз ҳама, хонанда аст, вай бо ҳама фазилату бо ҳама ҷустуҷӯҳояш боз мехоҳад, ки рӯ ба рӯзнома биёрад, рӯ ба маҷалла биёрад, то ин ки он чизе, ки худ мебинаду худ ба мушоҳида мегирад, бо он чизе, ки

ҷамъият мебинаду ба мушоҳида мегирад ва онҳоро дар саҳифаҳои худ манзур мегардонад, мувофиқ аст ё не. Аз ин ҷиҳат ҳамеша рӯзнома дӯсти азизи ҳар як хонанда, ҳар адиб аст. Мо ҳам ҳамеша таваҷҷӯҳ ба рӯзнома дорем, зеро он рӯзнома аст, яъне оинаи ҳар як рӯзи ин ҷамъият аст. Бино бар ин, сол ба сол, давра ба давра таваҷҷӯҳ ба рӯзнома меафзояд. Як замоне буд, ки нияти мо парешон буд, дунё парешон буд ва саҳифаҳои рӯзнома ҳам парешон буд.

Ба рафти рӯзгору тақозои зиндагӣ мо ҳама дирӯзакак ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро истиқбол гирифтем, тантанаҳо буд ва дида истодаем, ки дар баробари мустаҳкам шудани рукнҳои давлатдорӣ Тоҷикистони азиз рӯ ба тараққӣ овардааст. Ва ба шарофати Истиқлолият ҳам рӯзномаҳо ва ҳам маҷаллаҳо реша давонда, симои аслии хешро нишон дода истодаанд. Аз ин рӯ, симои ҳар рӯзнома ҳам асолати худро нишон медиҳад, вай ҳама гуна маълумоте, ки чоп мекунаду бо он маълумот хонандааш шинос мешавад, хотири ӯро ҷамъ медорад. Бино бар ҳамин, сол то сол мо, ба як ҷо расида бошем ҳам, аз мутолиаи рӯзнома дур нестем, аз ҷумла аз газетаи «Сухани халқ» ҳам.

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Ташаккур устод, бо вуҷуди он ки баъзе мутахассисони соҳаи матбуот бар он ақида ҳастанд, ки рӯзнома бояд бештар иттилоотӣ бошад, пурсишҳо ҳамин хел натиҷа овард, ки рӯзномае, ки ба ҳар ҳол бо адабиёт, бо сухан, бо наср, бо назм иртибот дошта бошад, он хонандаи бештар дорад. Мехостам, донам, ки ана ҳамин мавқеъ аз нигоҳи Шумо чӣ гуна фаҳмида мешавад?***

**<u>МЕҲМОН</u>:** Саломат бошед, чуноне ки гуфтем, агар таваҷҷӯҳи хонанда аз ҷумла ба адиб зиёд бошад, бояд, ки таваҷҷӯҳи рӯзнома ҳам нисбат ба адиб, нависандаю шоир бештар бошад, зеро ки хоҳем-нахоҳем, рӯзнома ин рӯзнома аст, аз номаш, аз рисолаташ маълум аст, ки ифодагари

воқеаи рӯзу рӯзгор аст. Адиб бошад, каме беш на танҳо чуқуртар аз як рӯз воқеаю ҳодисаро хулоса мекунад, балки чандин воқеаҳою ҳодисаҳоро мушоҳида карда, дар вуҷуди худ ҳазм карда, ба сурати як асари бадеӣ ё як достон, як шеър манзур мекунад. Бино бар ҳамин аксари нависандаҳо аз мактаби рӯзноманигорӣ гузаштаанд.

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Бале, як коре, ки кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд ба анҷом расонид, ин ҳам бошад, эълон кардани озмун барои гирифтани ҷоизаҳо дар риштаи илми суханшиносӣ ё адабиётшиносӣ, дар риштаи таърих, дар риштаи журналистикаю дар риштаи санъат мебошад. Бале, дар ин раванд ҷоизаҳоро ба ғолибонашон супурданд.***

***Ин ҷоизаҳо дар риштаи таърих номи доктори илми таърих, профессор шодравон Сайдулло Абдуллоев, дар риштаи суханшиносӣ номи устоди зиндаёди мо Абдулманнони Насриддин, дар риштаи журналистика номи як нафар муаррихи номвар Ҳасан Шарифов ва ҳамчунин дар риштаи санъат номи санъатшиноси маъруф, ки мутаассифона чанде пеш ин дунёро тарк карданд, Наимҷон Ҳакимовро дошта, раёсати кумиҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд ҳамин корро ба анҷом расониданд...***

**<u>МЕҲМОН</u>:** Аввалан зинда кардани номи он нафарҳои номвари миллат, ки ба номашон ҷоизаҳо муқаррар шудааст худ кори савоб аст.Ва дигар бовар дорам, ки онҳое, ки соҳиби ҷоиза гардиданд, мо нағз мешиносем, онҳо арзандаҳои арзанда ҳам дар риштаи таърих, ҳам дар риштаи адабиётшиносиву журналистика, ҳам дар риштаи санъат ҳастанд. Боиси зикр аст, ки қадр кардани онҳо намунаи ибрат ба ҷавононест, ки имрӯзу фардо ба арсаи адабиёт, ба арсаи журналистика мебиёянд ва онҳо эҳсос менамоянд, ки заҳмати эҷодкор бе мукофот нест.

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Ташаккур, хуб, вобаста ба масъалаи ниҳоят муҳим, ки худатон инҷо бозгӯ кардед, ба қарибӣ газетаи***

***«Сухани халқ» як озмуни дигар эълон кард таҳти унвони «Адибони ваҳдатсаро» барои беҳтарин ҳикояҳо, очеркҳо ва таронаҳо. «Сухани халқ» тасмим гирифт, ки барои як андоза пеш рафтани наср ба ин кор даст занад. Озмун эълон шудааст ва фикр мекунам, ки ҷавонони насрнавис метавонанд дар ин озмун ширкат варзанд. Як нуктаеро мехоҳам, аз Шумо пурсон шавам: аз маволибе, ки Шумо ин ҷо баён кардед, чӣ корҳоро бояд метавон ба анҷом расонид, то ки наср пеш равад?***

**МЕҲМОН:** Аввало, азми неки рӯзномаҳост, ки ҳар роҳу воситаеро меҷӯянд, то ки хонанда ба дарси рӯзгор наздик бошад ва мо ҳам дар Иттифоқи нависандагон як давра дар остонаи конфронси адибони ҷавон озмун эълон кардем, ки барои ҳикоя, шеър мукофотҳо дода мешаванд. Чӣ аҷаб, ки шеърҳо омаданд, достонҳо омаданд, аммо ҳикоя набуд.

Дар ҳақиқат мо ҳамин чизро мушоҳида карда истодаем: дар адабиёт як навъ, хусусан дар насри он хомӯшиву сукут пайдо шудааст. Мо ҳам андеша кардем, ки чаро ин тавр аст? Хайр, инро решаи решааш ҳаст, ки онро нагуфта намешавад.

Решаи реша он аст, ки заҳмати адиб, заҳмати олим, заҳмати журналисте, ки эҷодаш дар рӯзнома интишор меёбад, чандон мукофоти арзанда надорад. Дар як замон ҳаққи қалам гуфтанӣ чиз буд. Вале, дар ин айёме, ки ҳама чиз дар савдо ва дар мукофот ҳаст, қадри қалами рӯзноманигор, балки қадри қалами эҷодкор, нависанда, шоир беэътибор аст. Аз мушоҳидаҳо чунин бармеояд, ки ҷавонони мо дар ҳама ҷо каму беш ғайраташон ва худашонро аз доираи муҳити хонадон, аз доираи муҳити донишгоҳ ба берун намегиранд ва ҳоло ки ҷавонӣ далериро мепарварад, бояд худро ба майдонҳои васеи ҷамъият зананд, зеро то инсон дунёи васеъро набинад, доираи эҷоди ӯ васеъ намешавад. Ин табиати инсон аст, ки то набинад, навишта

наметавонад. Бино бар ҳамин ин далерӣ андак ва ҳавсала нест, он чизе, ки каму беш менависем, аз доираи хонадон, оила, аз муҳаббати гирду атроф берун нест. Ва ҳоли даври мо, замони мо, ки ба маънои томаш соҳибистиқлол гаштааст, ин аст, ки ҳар як фарди ин ҷамъият худашро чун шаҳрванди фахрии ҳамин ҷамъият шиносад ва ҳар чизе, ки ӯ пешниҳод мекунад, аҳамияти умумиҷамъиятӣ ва умумимиллӣ дошта бошад.

Ана, ҳамин чиз ками кам таъсир дорад, бино бар ин, бо ҳама таваҷҷӯҳашон ба нависандаи ҷавон, ба адиби ҷавон як чизи арзаедаеро ба худ ёфта наметавонанд, ки интишор кунанду манзур гардонанд. Бино бар ҳамин қарсак аз ду даст мегӯянд. Аз як тараф ҳам хеле хуш аст, ки мутасаддиёни рӯзномаҳо ҳамин гуна кӯшишҳо доранд, то ки адибони ҷавонро ба рӯзнома ҷалб кунанд, аз тарафи дигар адибони ҷавон ҳам бояд аз доираи танги имрӯзаашон худро беруntар гиранд.

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Ташаккур, устод. Дар дасти ман як китоби нави Шумо, ки ба қавле нони нав аз танӯр кандаро мемонад, бо номи «Дури парешон». Ин китобест, аз асарҳои пешинаи устод ҳам ба шакл, ҳам ба маънӣ сахт тафовут дорад. Мехостам дар боаи ҳамин асри тозаэҷодатон чанд сухан мегуфтед.***

**<u>МЕҲМОН</u>:** Тариқи мухтасар мегӯям, ки солҳои навадум дар Душанбе даври ҷангу ҷидолҳо, гиребонгириҳо, якдигарнашинохтанҳо буд, Одамон бо як гӯшаи кӯча қадам мезаданду онҳоро дида, худ ба худ ба як вазъияти мураккаб мефуромадам.Гӯё худаш неву дилам ба гап медаромад, ана ҳамон лаҳза ин сатрҳо пайдо шуд:

*Ҳар дам ба ёди зулҷалол ҷону дилам гум мезанад,*
*3-ин бум ба фарёд омада, худро ба он бум мезанад.*
*Аммо саманди зиндагӣ дар лаб сулуки оҳанин,*
*Нагзорадам боло равам, сум мезанад, сум мезанад.*

Ана, ҳамин тавлиди услубу сужет дар вазъияти мураккаби солҳои 90-уми Душанбе пайдо шуд, Ҳар чи ки дар ҳар куҷо ҳар лаҳза ба ёдам меомад ва маънии латфро ифода мекард навишта мондам, ҳатто жанраш пайдо шуд, ки лавҳаҳо аз лаҳзаҳои зиндагӣ буд. Дар баробари навиштани роману повестҳо барои фаромӯш нашудан дар коғазҳо навишта мемондам. Ҳамин қатра-қатра, ки ҳоло аз он вақт 26–27 сол гузашт сарҷамъ гардид. Ба қавле яктоаш ин мавзӯъ, яктои дигараш он мавзӯъ, ҳар чизе, ки дидем, навиштем. Хайрият, ки дар вақташ дар курсҳои сенаристӣ дар Москва мехондем, аз ҷумла қонунҳои драматургиро ба мо омӯзонида буданд, ки ҳамин 10-та сурат бошад, агар онҳоро пайдарпай монед, як маънӣ мегирад, агар пайдарпайи дигар монед, маънии дигар мегирад.

Акнун он навиштаҳо ҳоло ба 5000 расид, ва дар заминаи ҳамон қонун онҳоро дар рӯи фарши васеъ тақсим-тақсим карда, гоҳо инҷа, гоҳо унҷа мондам. Аҷиб будааст, ки аз чизи парешон як чизи том пайдо шуд, ба бобҳо, бастҳо тақсим шуда рафт, ана ҳозир ба 5000 баромада, китоб шудаасту бинанд, ки як чизи том ва дар назари ҳар хонанда ва ба назари худам ҳам ҳамин тавр менамояд.,

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Ҷо ба ҷо гузоштеду номаша «... парешон» мондед?***

**<u>МЕҲМОН</u>:** Бо вуҷуди ҷобаҷогузорӣ сужет надорад, ба ҳар ҳол, ҳар кадомаш мустақилият дорад, ҳамин шадаҳои тасбеҳ барин ҳар кадомаш бори худро мекашад...

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Устод, аслан ҷаридаи «Сухани халқ» аз ҷаридаҳоест, ки ба масъалаҳои доғи рӯз эътибор медиҳад ва ҳар дафъа, ки мо онро гирифта мехонем, албатта, перомуни ягон масъалаи муҳиме, ки ҷомеа нисбати он бетараф нест, сухан меравад, масалан, дар мавриди анъанаҳои миллӣ, либоси миллӣ ё дар мавриди муошироти падару модар, яъне оид ба муносибати фарзандон бо падар, чуноне ки мақо-***

***лае интишор карданд бо номи «Бемурувват, ё падарбезору модарозор», ки вақте хонанда онро мехонад, бетараф буда наметавонад, ё масъалаҳое ҳастанд, ки оид ба ном ва номгузорӣ. Як дафъа «Сухани халқ» чунин масъала бардошт, ки чӣ кор кунем, то ба фарзандон номҳои хуби тоҷикӣ гузорем, аз баъзе номҳое, ки воқеан аз анъанаи мо дур ҳастанд, бояд даст кашем. Яъне, «Сухани халқ», нашрияи кумитаи ҲХДТ дар вилояти Суғд, кӯшиш мекунад, ки бештар ба масъалаҳои ҷомеа рӯй биёрад ва дар ҳалли онҳо бо иштироки худи хонандагон саҳм гузорад. Ва яке аз масъалаҳо дар мавриди наср, чуноне ки гуфтем, озмун эълон карданд, ба он хотир ки наср ҳам пеш равад. Газета мехоҳад, ки саҳми худро дар ҳамин раванд гузошта бошад. Акнун, боз як масъала бардоштанд, ки он масъалаи адабиёти бачагона аст: «чаро имрӯз адабиёти бачагона заиф аст?»***

***Ман мехостам, Шумо, як нафаре, ки дар нависандагӣ таҷрибаи ниҳоят зиёд андӯхтаед, бигӯед: ба андешаи Шумо чаро адабиёти бачагона, ба қавле, «ба ду по мелангад»?***

**<u>МЕҲМОН</u>:** Саломат бошед. Ин масъала бояд гӯем, ки 50–60 сол пеш, яъне давраи шӯравӣ ҳам дар сатҳи анҷуманҳои нависандагон бардошта мешуд. Ҳамеша як таносуб буд, яъне он вақт ҳам шоирҳо бисёр буданд, ҳам носирҳо. Бо вуҷуди ин, ҳамон вақт ҳам нависандагони адабиёти бачагона кам буданд, ягон-ягон буданд. Мана, акнун ба даври дигар гузаштем. 25-солагии Истиқлолият фаро расид. Мо умедворем, ки ба ҳар ҳол тавлиди насри даври истиқлол аз даври адабиёт барои бачаҳо бояд сар шавад. Нишондиҳандаҳо ҳастанд, дар ҳамин курс-конфронси гузашта ҳам аввал хаёл мекардем, ки дар наср касе нест. Вале, 13 нафар иштирок карданд, аз онҳо ҳамагӣ асарҳои се нафарро барои нашр тавсия кардем. Дар байни онҳо бисёр духтарону писарҳои ҷавон ҳам ҳикояҳои бачагона навиштаанд, аммо онҳо, ба маънои томаш, ҳикоя набуданд,

яъне лавҳаеро мемонданд. Ба ҳар ҳол, нишонаҳои кӯшиш ҳаст, бино бар ин, агар мо имрӯз онро бо забони дароз ҳикояи бачагона гуфта натавонем, ҳатман фардо мегӯем, зеро аллакай аз решаҳо маълум, ки сабзида истодаанд.

Лекин, қонуният ҳаминро тақозо мекунад, ки барои ин мавриду давру соат лозим будааст. Ба ҳар ҳол, эҷодкори хоҳ шеър, хоҳ адабиёти бачагона, хоҳ адабиёти калонсолон бо як, ду, се ва ҳатто чаҳор чорабинӣ ҳам пухта намерасад, барои ин фосилаҳои махсус даркоранд.

Сабабҳои рушд наёфтани ин соҳаро дар сӯҳбатҳои байниҳамдигарӣ низ гуфтаем, ба қавле, намешавад гуфтан нодуруст, албатта, пурра мешавад, имрӯз не, фардо мешавад. Гуфтан мумкин, синну соли имрӯза намояндаҳои адабиёти бачагона ҳам, ба қавле, ба як ҷо расидааст, бо вуҷуди ин, китобҳои ранга интишор менамоянд, аз олами деҳот чизҳои нағз ҳам менависанд. Вале, боз ҳам хуб мешуд, ки адибони адабиёти бачагона адибони солашон ҷавон ҳам бошад.

**<u>БАРАНДА</u>:** ***Ташакур устоди азиз, манадеша мекунам, ки сари ин масъала бояд ҳамагон дар якҷоягӣ фикр намоем ва сӯҳбати имрӯзаи мо метавонад дар тавлиди андешаҳои бинандагон ва хонаддагон дар мавриди пешрафти насри тоҷик таъсири худро гузорад. Дар ҳамин ҷо мо ба сӯҳбатамон дар меҳмонхонаи «Сухани халқ» таҳти унвони "Дидор" ҳусни хотима мебахшем ва ба устод барои нақлҳои ҷолибашон изҳори ташаккур менамоем.***

*С.2017*

## ҲИКМАТИ ДЕРИНА

*Як кас аз ояндагон нагрифт ҷои рафтагон,*
*Осмон эй кош даври дигар аз сар мегирифт*

Дар ин дарозои мавҷудияти олам чӣ ҳарфҳое гуфта шуданду алорағми он чӣ розҳое нуҳуфта монданд, басе садову нидоҳо ба гӯши ҷонҳо расиду чӣ оҳангҳо чун шеъри дар синаи шоир ниҳон нотамому хом эҷод нагардид. Ин оҳанги якнавохти зиндагист, ки дар ҳавои он одамизода меояду меравад. Ҳеч кас «муқими ҳарими ҳарам» нахоҳад буд. Инсоният орзуву ормон, шодиву фараҳ, нишоту комронӣ ҳамчунин яъсу ноумедӣ, ғаму дард, нокомиву шиканҷаро дар вуҷуди хеш таҳмил мекунад ва аз адам сӯи азал роҳ мегирад. Инсони хокӣ орзу дорад, ки зиндагии ӯ ҳамрадифи шодиву нишот, фатҳу нусрат бошад ва зиндагии дур аз дард ормони ҷовидонии ӯст. Вале он ҳама нишоту фараҳ, хуррамиву шодӣ, бозёфти давлати бегазанде чун ганҷи Қорун пеши арзишҳои ҷовидонӣ чун насби номи нек дар дилу ёдҳои мардум ва саҳифаи китоби бузурги таърих қадру манзалате надорад. Хоса номи неке, ки онро амали савоб, гузаштан аз худу бахшидан ба дигарон, некӣ кардан озин бахшида бошад.

...Басо касонанд дар ин дунё, ки номи эшон пештар аз ҷисмашон дар чоҳи фаромӯшӣ фурӯ рафтааст ва басо касонеанд, ки ин дунёи фониро падруд гуфтаанду исмашон дар осмони дилу ёдҳо чун моҳ мунаввару рӯшан метобад. Номашон дар сари забонҳо ва чеҳраи мунирашон дар манзари дидаҳо қарор дорад:

*Накӯтар чиз андар шеър ном аст,*
*Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳе.*
*Тани Хусрав бимирад ин яқин аст,*
*Вале Хусрав намирад ҳеҷ гоҳе.*

Тӯлонитарин умри инсон дар муқобили дарозои

мавҷудияти олам ҳеч аст. Вале дар ҳамин фурсати кӯтоҳ одам бо инояти Офаридгор метавонад рисолати аслӣ ва азалии инсонӣ – некӣ кардан, бунёду эҷод карданро адо намояд ва бад-ин васила, ба миқдори амали савобаш номи некашро дар дилу ёди одамони имрӯзу фардо, аниқтараш, дафтари ҷовидонаи даҳр насб кунад. Зеро:

*Зинда дар олами тасвир ҳамин наққош аст,*
*Ҳамаро хоби адам бурдаву бедор якест.*

Мегӯянд, ки дунё аз инсони нек холӣ нест. Онҳоро муттакои дунё мегӯянд ва маҳз некист, ки ба зиндагӣ зиё, ба умр маънӣ, ба инсон ҷалолу шукӯҳ эҳдо менамояд. Шукри Худованди бузург, ки бо тақозои кор дар риштаи садо ва симо ва фаъолият дар як даргоҳи муқаддас, боргоҳи сухан – факултаи забон ва адабиёти тоҷики ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров бо афроде ҳамнишину ҳамсӯҳбат гаштаам, ки маслаку рисолати эшон хидмат ба миллату кишвар, илму фарҳанг будаву бо номи онҳо, авлоде, шаҳре, вилояте, миллате ифтихор дорад. Дар бойгонии сабтҳои телевизонии банда бештар аз 50 номгӯи сӯҳбатҳо маҳфуз аст, ки ҳар яке дар сари хеш китоби бузурги пур аз ганҷинаи ҳикматро мемонад. Сӯҳбатҳои устодони ҳунар Боймуҳаммад Ниёзов ва Маъруфхоҷа Баҳодуров, ходимони маъруфи илму адаб Абдуқодир Маниёзов, Саъдулло Асадуллоев, Абдуллоҳ Калонзода, Ғафур Ҳайдаров, Сайдулло Абдуллоев, Озод Аминзода, собиқадорони ҷангу меҳнат Саттор Қайюмов, Пӯлод Отаев, Аҳмадҷон Собиров ва даҳҳои дигар, ки ҷисми азизашон мадфун бар хок асту бо садҳазорсолагон сар ба сар ҳастанд, барои имрӯзиён дарси ибрат ва ҳикмат мебошад. Дар ин радиф устоди азизи мо Абдуллоҷон Сатторов низ бо сӯҳбати ибратбахши худ навори хотири маро пур нигаҳ медоранд. Таассуфи зиёд мехӯрам, ки чаро аз устод танҳо як сӯҳбат сабт намудаму халос, зеро устод Абдуллоҷон Сатторовро қалбе саршор аз розу ниёз буду гуфтаниҳои зиё-

ди эшон ҳар яке имрӯз бештар аз дирӯз қимату қадр дошт. Вале ман аз навори филм ба навори хотири инсонӣ бештар эътимод дорам ва бардоштҳои хешро аз сӯҳбатҳои ширини устоди азиз, ки тӯли 15 соли шогирдӣ ва ҳамкорӣ дар факултаи суханшиносӣ моро насиб гардид, мехоҳам тавассути қалам ироа намоям. Зеро устоди асотирнамову аҳуросиришти мо бо маҳфилоройӣ, хушсуханиву зарофат, лутфи баён, ҳозирҷавобиву мутоиба аз дигарон имтиёз доштанд. Имрӯз низ дар маҳфилу ҷаласаҳо, нишастҳои хоса чун зикри хайри устод Абдуллоҷон Сатторов меравад, чеҳраҳо гул мекунад, лабҳо моили табассум мегарданд ва бемуҳобот «ёдашон ба хайр» ба забон меояд. Хуш ба ҳоли касе, ки ӯро танҳо ба некӣ ёд мекунанд.

Абдуллоҷон Собитович Сатторов якуми январи соли 1927 дар деҳаи номдори Қистақӯз таваллуд шудаанд. Соли 1953 баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин фаъолияти хешро ҳамчун муаллим дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб оғоз намуда, солҳои 1955-1957 ҳамчун корманди сафоратхонаи ИҶШС дар Афғонистон адои вазифа кардаанд. Баъдан, аз соли 1957 то поёни умри азизашон 28 декабри соли 1999 ҳастии устод, зиндагиву кор, шодиву нишоташон бо факултаи суханшиносӣ пайванд буд. Эшон як рукни ин даргоҳ буданду вуҷудашон файзу баракот, шукӯҳу шаҳомати онро таҷассум мекард. Абдуллоҷон Сатторов муҳаққиқи таърихи тазкираҳо буданд ва китоби «Тӯҳфаи Сомӣ ва хусусиятҳои он», силсилаи зиёди мақолаҳои илмӣ маҳсули пажӯҳишҳову ковишҳои илмии эшон буд.

Вале ин нигоштаи мо дар мавриди тарҷумаи ҳоли устод Абдуллоҷон Сатторов тасвири зоҳирист. Чӣ қадар ҳодисаву воқеаҳо, рӯйдодҳо, ҷавонмардиву ҷоннисориҳо, муборизаҳо ба хотири ҳақиқат дар дафтари зиндагии ин инсони беназир насб гардидааст.

## Дуои падар

Дӯстону ҳамкорон, хоса онҳое, ки устод Абдуллоҷон Сатторовро аз наздик мешинохтанду мешиносанд ва саргузашти ҷолиби зиндагии эшонро медонанд, зикр мекунанд, ки устоди мо дуои падарро гирифтаанд. Худашон ҳам нақл мекарданд, ки ман ба «ҳамаи орзуҳоям расидаам ва инро аз давлати дуои падарам медонам». Соли 1999 устод бемор шуданд. Дар шӯъбаи эҳёи бемориҳои қалб бистарӣ буданд. Ба аёдаташон омадам, ки ҳамсари азизашон – муаллимаи гаронқадр Раъно Самадова дар сари болинашон нишастаанду тимордорӣ мекунанд. Таи якчанд дақиқа бо устод танҳо ба танҳо сӯҳбат намудам ва ҳини гуфтугӯ сифати ҳамсарашонро мекарданду ашк аз чашмонашон ҷорӣ мешуд. Воқеан, бори аввал медидам, ки чашмони устодро ашк фаро гирифтааст. Ман он лаҳза эҳсос мекардам, ки дар ниҳоди устод ду нерӯ – яке нерӯи умедворӣ аз зиндагӣ ва дигаре яъсу ноумедӣ бо ҳам набарде дошт. Устод бисёр мехостанд ба зудӣ сиҳат шаванду хешро боз дар паҳлӯи ҳамкорону шогирдон бубинанд. Ҳини худоҳофизӣ устод ғайриинтизори ман хоҳише намуданд: «Саидумрон, Худо хоҳад сиҳат шавам, бо дастгоҳи навобардорӣ ба хона биё. Мехоҳам аз рӯзгори худ барои дигарон ҳикоят кунам. Ман ҳам ғанимат...»

Ниҳоят, расо баъди як мох, бо устод сӯҳбати телевизионии мо сурат гирифт ва он гуфтугӯ барои ман ҷавҳари аслии устоди азизамон Абдуллоҷон Сатторовро ифшо кард. Нақли устод ба тариқе сурат пазируфт, ки аз оғоз то анҷом гӯшу ҳуш шудам ва фурсате чанд фаромӯш кардам, ки банда чун сӯҳбатнигор бояд дар заминаи омодагии қаблӣ ба устод суол диҳам. Сӯҳбати ширини устод худ ҷавобе ба ҳамаи суолҳои банда буд. Муҳимтар аз ҳама, ба суоли ҷовидонии зиндагӣ: маънии зиндагии инсони хокӣ дар чист ва баракати дуои волидайн дар чӣ зоҳир мегардад, ҷавоб дарёфтам.

*Аз нақли устод:* «Он субҳи сиёҳи соли вазнини 37-умро наметавонам фаромӯш кунам. Он саҳар мо панҷ нафар фарзанд бо падар ва модарам ношто доштем, ки дарвозаи моро кӯфтанд. Раиси ҷамоат бо се нафар сипоҳӣ вориди ҳавлии мо гаштанд. Онҳо арза доштанд, ки падари мо гунаҳкор ва душмани халқ ҳастанд ва бояд он касро гирифта баранд. Воқеан, падарам Собитов Абдусаттор аввал дар вазифаҳои Раиси ҷамоати Ёва, Раиси идораи меваю сабзавоти шаҳри Хуҷанд ва прокурори расмии шаҳри Хуҷанд кор карда, он замон мудири маорифи ноҳияи Хуҷанд буданд. Модарам ва мо фарзандонро тарс фаро гирифт. Модарам ором ашк мерехту мо бо чашмони ҳайрон ба падарам нигоҳ мекардем. Падарам додари думоҳаамонро бардошта, ба сӯи мо нигариста гуфтанд: «Ман гуноҳ надорам, ин тӯҳмат аст». Ба сӯи модарам назар афканда: «Бачаҳоро эҳтиёт кун»- гӯён аз дарвоза ҳамроҳи «ташрифоварандагон» берун шуданд. Ду сол дар ҳабсхонаи соҳили рости дарёи Сир хобиданду қариб ҳар рӯз он касро истинтоқ мекарданд ва маҷбур мекарданд, то он кас ба гунаҳкор буданашон иқрор шаванд, ба душмани халқ буданашон қоил гарданд. Баъди истинтоқу пурсишҳо ба падарам 10 сол ҳукм таъин намудандy тавассути шаҳри Хаввос ба маҳбасхонаи Русия равона карданд.

Зиндагии вазнини мо оғоз ёфт. Ба ҳавлии мо касе намеомад, касе аз ҳоли мо намепурсид, наздиктарин хешону ёрон аз мо рӯй тофтанд. Зеро ҳавлии мо манзили «душмани халқ» унвон гирифта буд.

Ёд дорам, боре модарам ҳамроҳи ман ба хонаи муаллимаи деҳа рафт ва аз ӯ хоҳиш кард, ки ба унвони Молотов номае нависад. Номаро ба Маскав ирсол кард. Баъди чанд муддат модарамро ба НКВД даъват намуда, таҳдиду сарзаниш карданд. Он шаби сиёҳро наметавонам фаромӯш кунам. Модарам аз тарс саропо меларзид, чеҳрааш

сап-сафед, чашмонаш пури об буданд. Он шаб оғози беморӣи модарам гардид. Ӯ пай дар пай давоми як сол хун мепартофту ниҳоят ин дунёи фониро тарк гуфт. Рӯзгори пурмашаққати мо боз вазнинтар гардид. Ман дар заводи консервбарории ноҳияи Хуҷанд ба Фотимахола гуфтанӣ зан шогирд шуда кор мекардам. Хурд будам, қадам паст буд, дар зери поям қуттӣ гузошта, дар дастгоҳи шишабарорӣ иҷрои вазифа мекардам. Ҳамзамон дарс мехондам ва дар нонвойхонаи деҳа ёрдамчӣ будаму қути лоямут дарёфт менамудам.

Соли 1944 рӯзе ба унвони ман номаи секунҷа расид, ки аз падарам буд. Аз нома дарёфтам, ки падарам зинда ҳастанд ва ман тасмим гирифтам, ки ба назди қиблагоҳӣ меравам. Роҳҳои рафтанро меҷустам. Ба шахсони масъули ҷамоат, ноҳия, вилоят муроҷиат мекардам. Вале суде надошт. Ниҳоят, рӯзе хабар расид, ки аз фронт ҷанговари фаъол Абдусаттор Ҳоҷибоев омадааст ва донистам, ки баъди адои вазифаи махсус боз ба фронт хоҳад рафт. Назди ӯ чандин маротиба бо исрори хоҳиши сафар рафтам, вале ӯ бо сабаби вазнин будани замона ва роҳҳо ба хоҳиши ман розӣ намешуд. Рӯзи бозгашташ ба фронт ба хонаи ӯ рафта таваллову зорӣ кардам, ки маро то Маскав барад. Ҳарчанд ӯ рад мекард, вале ман исрор мекардам, ки хоҳиши маро иҷро намояд. Ниҳоят, Абдусаттор Ҳоҷибоев розӣ шуду ба ман ҳамчун ба додари худ ҳуҷҷат омода сохт ва мо ба роҳ баромадем. Ҳоло ҳам андеша мекунам, ки чӣ ӯро муассир кард, ки барои маро ҳамроҳаш гирифтан розӣ шуд. Ӯ маро то Маскав овард ва ба хонаи як дӯсташ ҷой карду худ ба Берлин равона шуд. Дар Маскав ҳар рӯз ба прокуратураи генералӣ мерафтаму роҳи сӯҳбат бо роҳбари ин даргоҳро меҷустам. Таи 7 рӯз остонанишини ин идора будам. Ниҳоят рӯзе марди қоматбаланду хушчеҳрае назди ман омада пурсид:

- Ту тоҷик?

- Бале, ман тоҷик, -гуфтам.

- Аз куҷо мешавӣ, - боз пурсид ӯ.

- Аз Қистақӯз, аз Хуҷанд, аз Ленинобод - ҷавоб додам ман.

Он мард пурсид, ки аз Хуҷанд киро мешиносӣ. Ман шахсони маъруфу машҳури Хуҷанд Зокиров, Дадобоев, Халифаев, Аминов, Искандаров, Умаров ва бисёр одамҳои дигарро номбар кардам. Баъд аз ман пурсид, ки ту чӣ мехоҳӣ? Гуфтам, ки падарам дар маҳбас ҳастанд, мехоҳам он касро дарёбаму бубинам. Он мард гуфт, ки дар ин замони ҷанг кӣ ба ту иҷозат медиҳад, ки ба «Замини нав» равӣ. Ман гуфтам: Медонам, роҳ вазнин, замона нобоб, вале то набинам, намеравам. Ниҳоят, муддаои ман то прокурори генералӣ расиду маро ду нафар назди ӯ даровroutанд. Дар назди прокурор донистам, ки тоҷикмарде, ки маро назди эшон даровард, насабаш Қаландаров буда, прокурори шаҳри Конибодом маҳсуб мешудаасту бо кори махсус ба Маскав омада будааст. Баъди радду бадал прокурор аз ҷояш бархосту сӯи ману Қаландаров омад, ризояти хешро ба сафари ман дод ва бо табассум ба Қаландаров бо забони русӣ гуфт: «Пусть наши дети тоже будут такими», яъне бигузор фарзандони мо низ монанди ӯ бошанд.

Бо кӯмаки Қаландаров ҳуҷҷатҳои маро тахт карданд, либоси гарм доданд ва бо киштӣ маро гусел намуданд. Бо заҳмати зиёд, дар ҳавои сард баъди аз киштӣ фаромадан гоҳо пиёда, гоҳо савора то ба маҳбасхона расидам. Қиссаи тай кардани роҳ худ китобест, ки намехоҳам ҳозир онро баён созам. Вақте ба маҳбасхона наздик шудам, марде маро пешвоз гирифт ва аҳволамро пурсон шуд. Саргузаштамро нақл кардам. Ӯ маро ба оғӯш кашиду гуфт, ки «Падарат ҳамин ҷост». Он мард аз дар вориди маҳбасхона гардиду баъди на чандон вақти тӯлонӣ медидам, ки ба сӯи

ман марде метохт ва бо овози баланд фарёд мекард: «Абдуллоҷон!» Он кас падарам буданд. Давидани падарам то ҳол пеши назарам ҷилва мекунад. Он давидани оддӣ набуд. Гӯё Яъқуб ба сӯи Юсуф метохт. Ман низ давидам. Падарам маро оғӯш мекарданду мебӯсиданд. Бештар аз 2000 нафар мусалмонон дар маҳбасхона маҳбус будаанд. Одами зиёде ба болои сари мо ҷамъ шуд. Падарам оғӯш мекарданду мегиристанд, мегиристанду оғӯш мекарданд. Ногоҳ суол доданд:

- Писарам, буват зинда-мӣ?

Ман намедонистам, чӣ гӯям. Танҳо гиряву фардёи ҷонкоҳи дигар ҷавоби ман буд. Он лаҳзаи дидорро магар метавон тасвир кард. Медидам, ки дар чашми кулли ҷамъшуда ашк ҳалқа мезад. Гиряву шодӣ он рӯз ба ҳам омезиш ёфт. Аз рӯи тартибот ман баъди се рӯз бояд ба ватан бармегаштам. Рӯзи хайрухуш падарам ба маҳсубон мурожиат карда гуфтанд:

- Шумо маҳбус ҳастед, дуои Шумо мустаҷоб аст. Фарзандамро дуо кунед, ман ҳам дуо мекунам, сиҳат омад, саломат равад. Вай маро ҷуста омадааст. Ман ин дунёву он дунё аз вай розӣ ҳастам. Дуо кунетон, дуо кунетон ва ашк падарамро гулӯгир кард. Ҳама дасти дуо бардоштанду маро гусел карданд. – Ин лаҳза дар чашмони устод ашк ҳалқа мезад ва чанд лаҳза ду кас сокит будем.

Баъди нақли ин воқеа устод сухане чанд баён карданд, ки онро айнан рӯи коғаз меорам: «Қисса кӯтоҳ, ман як чиз гуфтанӣ. Касе ки хидмати падару модарро кард, падару модарро азиз дошт, вай азиз мешавад. Вай хӯр намешавад. Ман баъди давраи наврасӣ кадом орзуе накарда бошам, ба он расидаам. Ман ҳамаи инро аз дуои падар ва модарам медонам. Аз одам номи нек ва дуои нек мемонаду халос».

## Дарси устод

Устоди мо Абдуллоҷон Сатторов, ки ҳамкорон «Абдуллоҷон Собитович» ном мебурданд, шахсияти нотакрор ва наҷибе буданд. Сиёсат, шукӯҳу шаҳомат, қадамзанӣ, нигоҳ, усули сухансанҷӣ ва баёни матлабҳо аз ҷониби эшон хоса буд ва таваҷҷӯҳи ҳар якеро ба худ ҷалб мекард. Ба мо шогирдони соли 1985 он кас аз «Таърихи адабиёт» дарс мегуфтанд. Дар дарси устод, ба қавле агар «пашша пар мезад», эҳсос мегардид. Дар тасаввуроти ман устод Абдуллоҷон Сатторов воқеаҳои таърихи адабиёти бостонро на аз хондаву шунида, балки аз диданиҳояшон нақл мекарданд. Вақт фаромӯш шуда буд ва наметавонистам тамйиз кунам, ки мо ба ҳазор соли муқаддам назди устод омадаем ё устод аз қаъри асрҳо ба синфхонаи садаи XX ворид шудаанд ва қисса аз Дарахти асурик, Ардашери Бобакон, Аҳурамаздову Аҳриман мекунанд.

Маҳз Абдуллоҷон Сатторов мо донишҷӯёни навроҳу навпӯро водор карданд, ки «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзодаро хонем. Мехондем ва нақл мекардем. Аҷибаш он буд, ки ҳар як донишҷӯ мебоист нақли донишҷӯи қаблиро идома диҳад. Аз ин рӯ, ба таваҷҷӯҳи зиёд мутолиа мекардем ва нақли ҳамдарсамонро низ бо камоли диққат гӯш мекардем. Исми Наниманча ва Виркан, воқеаҳои асар дар ёду хотири банда чун нақш дар санг устувор аст.

Устоди мо ҷанбаи таълимии дарсро бо тарбия мепайвастанд. Дар заминаи образҳои бадеӣ, воқеаҳои адабӣ он кас мо шогирдонро насиҳат мекарданд. Ҳарфҳояшон самимонаву муассир буданду қиссаҳо аз дидаву шунида ва таҷрибаҳои андӯхтаашон дарозои рӯзгори наҷибашон буд. Муассир ва боҳасрат, бо садои баланд ин ду байтро ба шогирдон талқин мекарданд:

*Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,*
*Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.*

*Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,*
*Хирадманде наёбӣ шодмона.*

Баъдтар донистам, ки чаро ин абёт мукаррар сари забони устод қарор дошт. Донистам, ки он кас дар айёми наврасиву ҷавонӣ зиндагии осуда надоштанд ва ин қадар азобу шиканҷаро аз сар гузаронидаанд.

Устод Абдуллоҷон Сатторов аз суханварони форсӣ-тоҷикӣ ба Шайх Саъдӣ муҳаббати хоса доштанд. Байти зеринро пайваста такрор мекарданд:

*Сухан донista гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,*
*Зи ҳарфи бетаҳаммул ошно бегона мегардад.*

Тавзеҳу ташреҳи абёти суханварон аз ҷониби устод ба тариқи хоса сурат мегирифт. Боре дар мавриди шарҳи байти Шайх Саъдӣ:

*Вақти зарурат чу намонад гурез,*
*Даст бигирад сари шамшери тез.*

баъди хомӯшӣ гузидани як ҳамдарси мо ба ӯ наздик шуданду дар даст хома гуфтанд: Ин хома нест, ин шамшер аст, ман мехоҳам сари туро буррам, ту чӣ кор мекунӣ? Донишҷӯ бо тарс гуфт: Сари шамшерро бо дастам медорам. Устод хандиданду гуфтанд: Акнун маънии байтро фаҳмидӣ?

Зарофатгӯиву латифадонии устод Абдуллоҷон Сатторов қиссаи дигар аст, ки устодони солору калонсоли мо бештару беҳтар медонанд. Он зарофатҳо ҳанӯз дар сари забонҳои қарибону азизон, ҳамкорону шогирдон аст, ки итминони комил дорам солҳои тӯлонӣ бо нақшу нигориши тоза ояндагон барои якдигар баён хоҳанд кард. Танҳо ҳаминаш рӯшан дар назарам ҷилва мекунад: Рӯзи ҷанозаи Абдуллоҷон Сатторов баробари он ки дилҳо пора мешуду ҷигарҳо хун, барандагони тобути устод дар сари қабр қиссаву саргузашт, латифаву ҳикояти эшонро барои якдигар нақл мекарданд. Ба маънии он ки инсони неке буданд ва ба

инсон нишоту шодӣ мебахшиданд. Ва яке инсони дунёдидаву таҷрибаандӯхта мегуфт: Хуш ба ҳоли касе, ки ӯро ба роҳи охират бо зикри хайр, бо зикри афъоли неку хислати баланди инсониаш гусел мекунанд.

Худованд устоди моро дар ҷавори раҳматаш ҷой дода бошад!

*Соли 2010*

# МУНДАРИҶА

**Кароматулло Олимов.** Китоби худшиносӣ ва ватандорӣ..3

САИДМУРОД САМАД ФАТТОҲЗОДА

Демократия, ислом ва необолшевизм..............................11
Демократия ё охлократия, ё худ чӣ гуна
необолшевизм дар либоси демократҳо ҷилва дорад!.......11
Оппозитсия ҷонибдори Давлат Худоназаров...................14
Соҳибихтиёрии давлатӣ ва озодиҳои динӣ......................17
Президенти мардумӣ.......................................................34
Интихоби мо чӣ маъно дорад?..........................................52
Шеваи таблиғи худро дигар кардем...............................102
Ҳазор паёми созанда........................................................108
Мо муқобили исломи радикалӣ
ва атеизми ҷанговар ҳастем...........................................113
Бар фарози қуллаҳо.........................................................127
Истиқлолият ин ватандорист..........................................143
Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Ситораи бахти миллат......................................................155
Хатарҳои замони муосир. Ҳазорсола
раҳ аст, аз ту то мусулмонӣ… ........................................159
Дурахшон бод хуршеди истиқлолият.............................171
Худо он миллатеро сарварӣ дод… .................................189
Гулбонги Наврӯзи оламоро.............................................199
Мактаби одамият..............................................................219

БАХТИЁР ҲАМДАМОВ

Ахлоқи башарият рафтори галаи гургонро мемонад.....229
Мо омодаи музокираем, агар бо шеваи
таҳқир ҳарф назананд......................................................235
Дардест маро ба дил, ки дарди Ватан аст… ..................239
Тоҷикистон ва Русия: Таърихи муносибатҳо.................244

Аз Хукумати исломии мурсӣ то ларзиши курсӣ.............270
То кай афсонаи порина мехонем?...................................273
Қазияи Украина ранги дигар мегирад… .......................276
Озодии таҳқир, таҳқири озодист.....................................278
Олами дигар бубояд сохт, аз нав одаме… .....................281
Тараҳҳум бар паланги тездандон… ...............................284
Пономареви шовинист чӣ мехоҳад?...............................288
Портрети як сиёсатмадори бузург..................................291
Чанд ҳарфи хурд дар бораи «амал»-ҳои бузург… .........294
Дар ҳошияи як матлаби пурмуҳтаво..............................297
Тоҷикони Люблино.........................................................301
Дар ҷустуҷӯи Юсуфи «гумгашта»...................................307
Аз моҷарои «бендерӣ» то ҷоизаи «гендерӣ»...................315
Эълони таҳрим (санкция) мӯд мешавад... ......................319
Махфитарин сири чин дар он аст, ки комилан
сир надорад.....................................................................321
Тоҷикони Россия шоистаи эҳтироманд… .....................330
Мавқегирии ВАО дар сиёсатҳои таҳмилии
геополитикӣ....................................................................337
Аз боди ҳаводис ҳаросе надошт.....................................344
Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност… ...............348
Кӣ оташ мезанаду кӣ ҳезум мекашад… .........................363
Чаро мо усули Бутейкоро эътироф намекунем?.............372
И.С.Лякин-Фролов: «Тоҷикистон шарики
стратегии мост!...............................................................378
Сомнатҳ Гош: Беҳтарин дастоварди Ҳиндустон
ин ягонагӣ дар гуногунрангист.....................................390
Чаро инқилоби маънавию фарҳангӣ?............................396
Назди онҳо ҳиҷоб ба унвони парчам аст… ...................407
Журналистикаи сиёсии мо дар кадом сатҳ аст?.............420
На илм, ҳарчи амал мекунӣ, ҳамон аз туст.....................425

## САИДУМРОН САИДОВ

Китоби таърих ва ибрат........................................................435
Садриддин Айнӣ –чеҳраи мондагори таърихи миллат.......................................................................................456
Арзишҳои тарбиявии асарҳои Пешвои миллат..............466
Сарчашмаи мустанади китоби таърихӣ..........................478
Имконияти густурда ва масъулияти ватандорӣ..............497
Эмомалӣ Раҳмон: назария, андеша ва пешниҳодҳо дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ........................503
Пешвои миллат ва масъалаи оби ҷаҳон...........................516
Донишҳои илмӣ ва маърифати дурусти вазъи сиёсии ҷомеа....................................................................520
Илм, таърих ва таҷриба......................................................526
Зиёиён ва таъмини амнияти миллӣ..................................536
Рукни муҳими давлат ва миллат........................................542
Роҳи наҷот дар иттиҳод.....................................................550
Қонуни танзим ва маънавияти мардум............................556
Маншаи маънавият ва фарҳанг.........................................560
Насиҳат ба фарзанд – рукни тарбияти ахлоқи ҷомеа.....565
Осорхона ва таърихи кишвар............................................572
Мактаби таҷриба ва одамият............................................579
Ёдгори бегазанди ҳунарманд............................................585
Меҳмонхонаи «сухани халқ» “дидор”............................593
Ҳикмати дерина..................................................................601

**Саидмурод Самад Фаттоҳзода, Бахтиёр Ҳамдамов,
Саидумрон Саидов**

**ДАВЛАТ, СИЁСАТ, ҶОМЕА**

Ҳуруфчин: Башорат Алиева
Саҳифабанд: Муҳиба Оқилова
Мусаҳҳеҳ: Бобоҷон Қурбонов

Ба матбаа 9.11.2018 супурда шуд. Ба чопаш 27.11.2018 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60x84/16. Коғази офсет. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Супориши № 5055. Ҷузъи чопии шартӣ 35,8.
Адади нашр 200 нусха. Нархаш – шартномавӣ.

Матбааи «Ношир»
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj